PDF Compressor Free Version

# СОМОНИЁН дар оинаи таърих

ХУҶАНД — 1998

PDF Compressor Free Version

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ
АКАДЕМИК Б. Ғ. ҒАФУРОВ
МАРКАЗИ ПАЖУҲИШИ ТАМАДДУНИ ДАВРАИ
СОМОНИЁН

# Сомониён дар оинаи таърих

ҶИЛДИ ЯКУМ

(МУТУНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ)

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ РАҲИМ ҶАЛИЛ

ХУҶАНД—1998

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғ. Ғафуров дар партави фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов оид ба таҷлили ҷашни 1100—солагии давлати Сомониён, бо мақсади омӯзиш, таҳқиқ ва таблиғи мақоми таърихии Сомониён дар қаламрави тамаддуни ҷаҳонӣ, ба манзури фароҳам овардани пойгоҳи шоиста барои шинохти ҳувияти миллӣ, ба хотири ошноии бештари оммаи мардум бо дастовардҳои ниёгони шарофатманди хеш дар назди Раёсати Донишгоҳ «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён»-ро таъсис дод, ки он ба ҳайси маркази мустақили тадқиқоти илмӣ ба фаъолият пардохтааст. Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён интишори мутуни адабиву таърихии марбут ба аҳди Сомониён ва таълифи силсилаи рисолаҳои илмӣ пиромуни таърих, низоми давлатдорӣ ва наҳзатҳои фарҳангии ин адвори шукӯҳмандро ба нақша гирифтааст. Аз ин силсила рисолаи доктори илми таърих, профессор С. Абдуллоев «Амир Исмоили Сомонӣ» ба табъ расид. Инак, муҷаллади аввали китоби дуҷилдаи «Сомониён дар оинаи таърих» ба хонандагони азиз тақдим мешавад. Умедворем, ки мулоҳиза ва дархостҳои худро ба унвони Донишгоҳ ирсол медоред.

МАРКАЗИ ПАЖӮҲИШИ ТАМАДДУНИ ДАВРАИ СОМОНИЁН.

PDF Compressor Free Version

адад таҷовуз мекунад. Санади мазкур худ мубайини ин матлаб аст, ки бузургдошти таърих ва таваҷҷӯҳ ба пандҳои ибратангези он аз вижагиҳои зотии тафаккур ва ҷаҳоншиносии қавмҳои ориёӣ маҳсуб мешудааст. Таammул ва мутолиа дар оини таърихнигории ақвоми Шарқ он ҳақиқатро мусаллам медорад, ки қавмҳои ориёӣ ҳанӯз дар аҳди бостон дар гузориши воқеоти таърих шеваи илмиро пеш гирифта, анвои мухталифи таҳқиқ ва маърифати ҳаводиси рӯзгорони гузаштаро падид овардаанд. «Худойнома» ва соири зиндагиномаву корномаи шаҳриёрон ва паҳлавонону фарзонагони Аҷам, ки аз бештари онон ҷуз ном чизе ба ёдгор намондааст, аз авомили бисёр муҳим ва заминасози интишор ва тарвиҷи таърихнигории исломӣ қарор гирифтанд. Ҷолиб аст, ки таърихномаҳои мабсут ва мӯътабари садри ислом, ки ба забони арабӣ таълиф шудаанд, ба қалами донишмандони эрониюласл Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ тааллуқ доранд.

Аммо таърихгузорӣ ба забони форсии тоҷикӣ дар замони фармонравоии Сомониён, бо ҳидоят ва далолати умарои фарзонаи сомонӣ сурат мегирад. Тарҷумаи «Таърих-ур-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ, ки ба қалами Абӯалии Балъамӣ мансуб буда, бо номи «Таърихи Табарӣ» шӯҳрат ёфтааст, аввалин асари таърихнигории миллии тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Балъамӣ ҳангоми тарҷума роҳи эҷозро паймуда, бо таваҷҷӯҳ ба моҳият ва ҷавҳари воқеот ҷузъиёт ва асводи фаровони таърихномаи бузурги Табариро ба ихтисор нақл намудааст. Аммо ин вазири фарзона матолиби зиёде бар матни асл афзуда, дар баробари таърихи паямбарон ва таърихи исломии араб ҷалолу ҳашамати таърихи Аҷамро бо ваҷҳе аҳсан намудор овардааст. Бад-ин васила на танҳо таърихи Аҷам бо он ҳама сармоя ва дороиҳои беназири фарҳангиаш ба матну батни тамаддуни исломӣ ворид шуд ва дар баробари он арзиш ва расмияти сиёсиву мазҳабӣ ба даст овард, балки дар бозшинохт ва андарёфти моҳияти маънавии таърих оини комилан ҷадиде воъ гардид. Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» бо беҳтарин су-

PDF Compressor Free Version

рате таърих ва ҳикмати Аҷамро бо маънавиёти дини нави ваҳдонӣ пайванд дод. Дастуре, ки Балъамӣ ба василаи забони форсии тоҷикӣ дар шинохти таърих падид овард, дар чанд қарни баъдина ҳамоно побарҷо буд ва аглаби таърихгузорон аз он истиқбол намуданд.

Сомониён, ки дар даврони баъдина дар таърихномаҳои форсиву арабӣ мӯҷиби ситоиш ва нозиши пасовандон гардиданд, дар тақаддуси аслофи хеш, дар таҷаддуди рӯҳонияти миллӣ ва оини ҷаҳондории ниёгон аз соири дудмонҳои машриқзамин гӯи сабқат рабуданд. Ин маслаки олӣ ва муқаддас Оли Сомонро ба ҳайси меросбарону номбардорони таърих ва фарҳанги бузурги Аҷам аз мақоми арҷманди ҷовидонае бархурдор сохт. Зотан ҳар марҳалаи мушаххаси таърих бо ҳама шебу фарозҳои худ шомили маъният ва кайфияти хосаест. Дар баъзе адвор ва марохили таърихӣ дар заминаи пайкорҳои огоҳона ва хирадмандонаи пешоҳангони қиёмҳои миллӣ, бо фароҳам омадани оромиш ва субот дар авзои сиёсӣ ва мафкуравии ҷомеа низоми давлатдорию ҷаҳоншиносӣ ва фарҳанги комилиёре густариш меёбад, ки суннатҳои он дар асрҳои баъдина низ ба ҳайси дарунмояи равандҳои таърихӣ нуфуз ва моҳияти хешро маҳфуз медоранд. Даврони фармонравоии Сомониён ҳамин гуна аҳди ҳумоюну хуҷаста ва сарнавиштсоз буд, ки миллати бузургеро аз вартаи завол ва нестии маънавӣ берун овард ва ба фаъолиятҳои барозандаи таърихӣ илҳом бахшид.

Пиромуни ин матолиб донишмандони қадиму ҷадид зиёд андеша варзида, нуктаҳои басо ҷолиб ироа доштаанд. Хулосаи муҳиме, ки дар ин замина истинбот мешавад, ин аст, ки мазҳари иқбол ва саодати дудмони фаррухқадаму фаррухнажоди Сомониён гироиш, иродат ва муҳаббати онҳо ба таърихи қавмҳои орийӣ ва қавмҳои дигар ва дар ин мақоми олӣ шинохтани масъулият ва рисолати таърихии хеш будааст. Амирони сомонӣ аз роҳи худогоҳии таърихӣ ва шинохти ҳувияти миллӣ ба дарки ин ҳақиқат расиданд, ки фақат бунёд ниҳодани давлати қудратманди муносиб ва мувофиқ бо хосторҳо ва армонҳои мил-

PDF Compressor Free Version

лии мардум метавонад қавми бостонии бузургеро ба маърази наҷот ва растагорӣ ҳидоят намояд.

Ба ин маънӣ, ангезиши номуси миллии Оли Сомон ва талошу такопӯи эшон дар ҷодаи худогоҳии таърихӣ буд, ки тамаддуни оламшумуле муҷаддадан эҳё гардид ва умри дубораи таърихӣ пайдо намуд. Дар оғози амр, пеш аз касби қудрат дар саросари Мовароуннаҳру Хуросон Сомониёни шарофатманд ҷавҳари ваҳдатофарин ва наҷотбахши миллат — ибратпазирӣ аз таърих ва таҷрибаи таърихи аслофи хешро — дарёфтанд ва бо касби табаҳҳур дар дастовардҳои маънавии ниёгон ҷаҳонеро бо нури хираду ҳикмат мунаввар сохтанд. Пайванди давлат, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар ҳеҷ замони дигар ба андозаи даврони ҳокимияти Сомониён аз чунин густардагӣ ва пайомадҳои сарнавиштсози иҷтимоиву таърихӣ бархурдор нагардидааст. Ибтикорот ва пайкорҳои меҳанпарастонаи озодагону фарзонагон бештар аз ҳама дар соҳати фарҳанг ба ҷавлон омад ва ҷиҳоди миллии аҷамиёнро аз файзи маънавӣ, аз ғояҳои олии башарпарварӣ шодоб гардонид. Ин аст, ки моя ва заминаи наҳзатҳои миллӣ ва истиқлолхоҳии тоҷикон аслан қиёмҳои фикриву зеҳнӣ, завқиву ҳунарӣ ва бозтоби фитрати азалии фарҳангофарини онҳо буд ва маҳз ба ин далел давлати миллии тоҷикон аз аввалин дували фарҳанггаро ва маънавиасос дар қуруни вусто шинохта шудааст.

Бино бар ин, тасодуф нест, ки дар остонаи вуруд ба ҳазорсолаи сеюми милодӣ, дар дунболи соҳиб шудан ба истиқлоли сиёсӣ ёди таърихии тоҷикон ба асрҳои IX—X, ба даврони ташаккули аввалин давлати мустақил ва мутамаркази миллии хеш мутаваҷҷеҳ гардид. Ин падида дорои мазмуни амиқи сиёсиву таърихист ва ношӣ аз он аст, ки мақомоти раҳбарии ҷумҳурӣ ниёзмандии ҷомеаро ба як давлати қудратманди миллӣ бо камоли масъулият дарк кардаанд ва рисолати таърихии худро дар ҳамин поя шинохтаанд.

Ин ҳама талошҳои густарда ва пурмӯҳтавои миллӣ моро водор ба он месозад, ки ба сарнавишт ва мақоми

PDF Compressor Free Version



таърихи Сомониён бо диде амиқтар ва паймонае фарохтар назари таҳқиқ бидӯзем ва аз нуфузи ин хонадони олигуҳар дар таърихи ҷомеаи башарӣ, дар рушди низоми давлатдорӣ ва тадовуми афкори сиёсӣ сухан дар миён оварем, пиромуни мақоми арҷманди эшон дар шаклгирии муҳимтарин равандҳои таърихиву фарҳангии ҷаҳони мутамаддин, ба хусус, дар бунёдгузорӣ ва рифъати Эҳёи Аҷам, ки чеҳраи сиёсӣ ва маънавии машриқзаминро таъин кардаанд ва дар рӯзгори мо ҳам дар сиришти давлат ва сиёсати соири кишварҳои мутараққӣ нақше аз он боризу мусаллам аст, бо ҳиммате, ки муносиби ҷадди аълои мо бошад, биандешем.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб муносиб он дида шуд, ки сараввал мутуни таърихии марбут ба Сомониён дар заминаи маохиз ва мадорики мӯътабар гирд оварда шаванд, то барои таҳқиқоти баъдина ва ошноии хонандагон бо аснодн дасти аввал пойгоҳи шоистаи илмӣ фароҳам оянд.

То ҷое, ки ба мо маълум аст, дар мавриди таърихшиносии Сомониён ба ғайр аз китоби арзишманди В. В. Бартольд «Туркистон дар даврони таҳоҷуми мугул», ки ба таърихи Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои VII—XII оид аст, дигар тадқиқоти мабсуте анҷом наёфтааст. Ба ин хотир кормандони «Маркази пажӯҳиши тамаддуни даврайи Сомониён» зимни вуруд ба боргоҳи ин матолиб ба хулосае расиданд, ки аз маохизи мутааддиди таърихӣ, адабӣ ва ҷуғрофии форсиву арабии асрҳои IX—XVI тақрибан ҷиҳилтои онро дар ду ҷилд ба чоп омода созанд. Гузиниш ва дастабандии мавод дар муҷалладоти аввалу сонӣ бо такя ба авомили забонӣ сурат гирифт. Инак, ҷилди аввал, ки аз мутуни форсии тоҷикӣ таркиб ёфтааст, дар дасти шумост. Қабл аз шарҳи кайфияти ҳарфгардонии матнҳо ва дастурҳои таҳияи таълиқоту ҳавошӣ зикри як—ду нуктаи мухтасар роҷеъ ба мухтасот ва вижагии таърихномаҳо воҷиб диниста шуд.

Таърихномаҳои қуруни вусто ба сифати манбаи санаду далелҳои таърихӣ мавриди истиноду интиқод ва истифодаи уламои мутабаҳҳире чун В. В. Бартольд, Б. Ғафуров,

PDF Compressor Free Version

Р. Фрай, Н. Неъматов ва дигарон қарор гирифтааст. Мутаассифона, осори таърихӣ мустақилан ва дар заминаҳои мухталиф камтар таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Тибқи ҷаҳоншиносии асрҳои миёна рисолати осори таърихӣ аз тасаввуроти кунунии мо дар бораи илми таърих амиқтару фаротар буд. Дар таърихномаҳо ҷанбаҳои илмиву фалсафӣ ва ахлоқиву адабӣ ба ҳам омезиш ёфта, дониши таърихӣ қабл аз ҳама василаи шинохти одаму олам ва андарёфти моҳияти он ба шумор меомад. Чунончӣ, муаррихи барҷастаи асри XV Мирмуҳаммад Ховандшоҳи Мирхонд дар муқаддимаи китоби «Равзат-ус-сафо» таърихро «сабаби вуқуф бар авзои аҳли олам» дониста, таъкидан афзудааст: «...аҳволи оламро камоянбағӣ ба тариқи ақл маълум натавон кард ва низ муҳол аст, ки шахсе воҳид аз афроди башарӣ чандон, ки муддати бақои олам аст, воқеот ва ҳолати одамиёнро мушоҳада кунад ва ба хайру шарри он аз тариқи муоина вуқуф ёбад, пас ба тариқи шинохтани оламу оламиён ва авзову атвори эшон тариқи тааммул бошад дар илми таърих». Эътибори шинохтани хайру шарр, яъне тасаллути ҷанбаи ахлоқиву омӯзишӣ дар таърихномаҳо аз сиҳати ахбору воқеот камтар набуд, балки муқаддам бар он буд.

Дар осори таърихии асрҳои миёна падидаҳои сиёсӣ ва равандҳои муҳими таърихӣ бештар дар заминаи таваҷҷӯҳ ба ахлоқу маънавияти ашхосу афрод арзёбӣ шуда ва воқеоти таърихӣ аз роҳи дарёфти ангезаҳои инсонии бурузи он шарҳу тавзеҳ гардидаанд. Ин суннати муаррихони қадим иқтизо мекунад, ки зикри сифоти шахсиятҳо дар шинохти моҳияти таърих мавриди тааммули жарфтар ва эътимоди бештари мо бошад. Мақоми шахс, ахлоқу маънавият, ақлу хирад ва зоту фитрати ӯ дар густариши равандҳои таърих аз мақоми авомили айнӣ ва қавонини ҷомеи инкишофи таърих камтар нест. Муаррихону мутафаккирони асрҳои миёна, ки бузургиву шаҳомат ва азамати давлати муқтадири Сомониён ва шахсияти муассиси он бароишон нуктае бебаҳс буд, кӯшиш доштанд, ки заминаҳо ва решаҳои ин қиёми пурфутӯҳро дарёбанд. Тасодуф

нест, ки аглаби эшон дар тавсифи умарои Оли Сомон вожаҳои «чалду кордон», «олиму доно», «адибу одил», «порсову худойтарс»-ро ба кор гирифтаанд. Дар сиришти ин ашхоси барўманди таърих, балки дар сиришти ин хонадони пурнаҷобат истеъдоди ҷаҳондорӣ бо маънавияти олӣ, бо одамияту маърифат, бо имону эътиқод ба ҳам пайваста буд. Куллияи таърихгузорон ба ин хулоса расидаанд, ки заминаи аслии равнақ ва шукуфоии давлати Сомониён дар адли эшон буд. Адл борони раҳмате буд, ки шуҷоату диловарӣ, силаҳшўрӣ, сиёсатмадорӣ ва ақлу заковати амирони сомониро аз файзи маънавӣ баҳравар сохт ва пояҳои давлатро бар иқтизои табииву фитрии инсонҳо ва ҷомеаи инсонӣ устувор намуд.

Ҷои таассуф ва надомат аст, ки дар ҳафтод соли охир мо дарбори подшоҳони гузашта ва шахсияти эшонро бидуни қилу қол ба ҳайси маззари аслии интишори зулму тааддӣ мавриди иҳонат ва интиқоди шадиди хеш қарор додем. Фасод дар ахлоқ ва одоби дарбории асрҳои миёна ба аҳли маънӣ пўшида нест ва муаррихони қадим ҳам аз он ғофил набуданд. Аммо тақсир дар он буд, ки ҷаҳл ва таассуб дар шинохти дидгоҳҳои иҷтимоиву синфӣ ифроти воқеот ва моҳияти таърихро ба миён овард, хубу зишт ва неку бадро дар шаклҳои бисёр номуносиб ва дурушт ба ҳам даромехт. Кор ба ҷое расид, ки донишмандон ва мутафаккирони гузаштаро ба доштани ҷурми «маҳдудияти таърихӣ» ва «кўтоҳназарӣ» муттаҳам намудем. Имрўз лозим аст, ки ба китобҳои мунсифона ва ҳақгузоронаи муаррихони пешин бо дилу нияти пок чашми ибрат бидўзем, аз авроқи он, ки аз рози ҳастӣ паём мерасонад, барои имрўзиён ва насвандон пандҳои судманд ва пурмагзашро берун оварем. Зеро, ҳамчунон ки аллома Иқболи Лоҳурӣ фармудааст:

> **Сар занад аз мозии ту ҳоли ту,**
> **Хезад аз ҳоли ту истиқболи ту.**

Муаррихони гузашта дар шарҳи воқеоти таърихӣ гоҳо

PDF Compressor Free Version

роҳи муболиғаро паймуда, нукотеро забт кардаанд, ки хилофи тасаввуроти кунунии мост. Дар саргузашти умарои сомонӣ низ гоҳ-гоҳ нақли афсонаомез ва устуравӣ тасаллут ёфтааст. Дар ин замина баъзе аз мусташриқони ҷадиди урупоӣ ва дар паи он уламои ховарзамин ҳам сиҳати ахбор ва қавли таърихгузорони қадимро зери шубҳа гирифта, ба ҷои андешидан дар мабонии аслии масоили мазкур радду инкорро баргузидаанд. Ҳол он ки ҷаҳоншиносии асрҳои миёна шомили қонуну низом ва мантиқи хосе аст ва баррасии масоили ҷудогонаи он берун аз матни замон, ё худ арзёбии он аз дидгоҳи қолабҳои тозабунёди мафкуравӣ ногузир таҳрифи ҳақиқати таърихро дар дунбол хоҳад дошт. Таърихнигорӣ дар қуруни вусто аз анвои илми адаб ба шумор омада, арзиши ахлоқиву адабии он бо аҳамияти илмиву ахбориаш ҳамсанг буд. Муаррихон бештар ба ҳикмати ахлоқии таърих мувоҷеҳ гардида, мунтаҳо камолоти маънавии инсонро дар ҳадаф доштаанд. Дар ин поя шинохтани моҳияти таърих, ки дар он муаммои сарнавишти инсон бар санаду далоил тасаллут дорад, шакли мувофиқи ифодаи матлабро тақозо карда, ба истиқболи ашколи маърифати бадеӣ роҳ кушодааст. Фаровон ба кор гирифтани унсурҳои маърифати ҳиссӣ аз ҷониби муаррихон ва нуфузи ҷанбаи зеҳнӣ дар нигориши воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ дар бархе мавориди таърихномаҳоро дар радифи осори бадеӣ қарор додааст. Чунончӣ, достонҳои латифу зебое пиромуни моҷарои амир Исмоили Сомонӣ бо бародараш Наср, бо Амри Лайси Саффорӣ ва адли беназири ӯ, ки дар манобеи мутааддиди таърихиву адабии қуруни вусто бо қаринаҳои мухталиф ба чашм мерасанд. Баъзе муаллифони асрҳои баъдина барои тақвияти матлаби худ гоҳо воқеияти мазкурро ба сувари хаёл кашида, бар асли он тасарруф кардаанд, ки хонандагон дар саҳифаҳои ин китоб бар он иттилоъ хоҳанд ёфт. Аммо дар ёд бояд дошт, ки шахсияти хориқулоддаи амир Исмоил, ки идеали иҷтимоиву ахлоқии мардумро бо беҳтарин ваҷҳе дар ҳастии худ таҷассум карда буд, мӯҷиби пайдоиши қиссаҳои пандомӯзи ахлоқиву бадеӣ гардидааст.

PDF Compressor Free Version

Дар иртибот бо ин қазия ёдовар бояд шуд, ки аглаби муаррихон умарои сомонӣ, ба хусус, амир Исмоилро барои ҳокими вақт ва ояндагон чун камоли матлуби подшоҳӣ манзур намуда, ба тадриҷ ин ойини нигориш ба ҳукми суннат даромадааст. Дар нисбати ҳеҷ дудмони дигар мо чунин иттифоқи назари таърихгузоронро мушоҳида намекунем. Ин падида, аз як ҷониб эътироф, қадршиносӣ ва арҷгузории хидматҳои бузурги таърихии Оли Сомон ва аз сӯи дигар, бақо ва имтидоди суннат дар нигориши таърих маҳсуб мешавад.

Дигар суннати мутадовил дар ойини таърихнигорӣ иқтибос ва истиқбол аз осори муаррихони пешина мебошад. Бархилофи ақидаи роиҷ дар замони мо ҷудо кардан ва истифода намудани қисматҳои комиле аз осори дигарон бидуни ишорат ба маохиз ва соҳиби он дар назари муаллифон ва хонандагони асрҳои миёна сирқат ба шумор намеомадааст. Баъзе аз ин мутуни иқтибосӣ ончунон маъруфият доштанд, ки ниёзе ба шиносонидани онон мавҷуд набуд. Фузун бар ин мувоҷеҳ бояд буд, ки донишмандони қуруни вусто, ба қавли М. Волдман «илмро маҷмӯае аз иттилоот медонистанд, ки мебоист дастнахӯрда нигаҳ доранд ва иттилооте бар он биафзоянд. Бино бар ин истифода аз қисматҳои комил аз улуми мавҷуди мутааллиқ ба дигарон бисёр роиҷ будааст». Зимнан ин масъала, ки чаро худи нависанда ин матлабро нонавишта ва ё ба чӣ ваҷҳе тағйире бар он вуруд оварда пайваста бо татбиқи суннат дар ойини нигориш метавонад қобили таammули амиқтаре бошад. Дар таърихномаҳои марбут ба Сомониён низ такрори як матлаб айнан ва ё бо ҷилваҳои мухталиф ба назар мерасад. Аммо ҳар мутуни таърихӣ ҳомили ақидаи муаррих ва тасаввуроти даврони зиндагии ӯ дар бораи моҳияти таърих ва шеваи нигориши он маҳсуб мешавад. Бино бар ин, мутуни фароҳамомада ва қиёсу муқобалаи он барои пажӯҳиши густардатар ва ҷомеътари асарҳои таърихӣ роҳро ҳамвор намуда, ба марҳалаи дигари ҷустуҷӯҳои илмӣ — таҷзия ва нақду таҳлили осори мушаххас дар заминаҳои мухталиф мусоидат хоҳад кард. Тан-

PDF Compressor Free Version


ҳо дар ин сурат мо метавонем аз вижагиҳои шинохти Сомониён дар адвори гуногуни таърих иттилооти комил ба даст оварем ва мақоми арҷманди ин хонадони олитаборро дар таърихи ҳазор соли охир ба сароҳат бишиносем.

Лозим ба таъкид аст, ки дар ҳангоми мутолиот дар матни ин китоб ба тааллуқоти муаррихон ба мактабҳои таърихнигорӣ, пайравии эшон аз сабкҳои маъруфи насри форсӣ ва ба сохтору муҳтавои осори таърихӣ, ки дар таъйиди арзиши китоб аз аҳамияти вижае бархурдоранд, бояд таваҷҷӯҳи хос мабзул дошта шавад. Гап фақат дар сари ин нест, ки дар сабки нигориши таърихномаҳои асрҳои X—XI ва XIV—XVI, чунончӣ дар миёни сабки соддаву бетакаллуфи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихи Систон»-и маҷҳулмуаллиф, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва сабки маснӯъву печидаи «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва ё «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд тафовути боризе мавҷуд аст, ки ба наҳви нигариш ба таърих низ нуфуз кардааст. Муҳимтар он буд, ки таърихномаҳои форсӣ тадриҷан ҷомеъияти бештаре пайдо намуданд ва ин тавсеаи чашмандози муаррихон дар масири замону макон ба арзишгузорӣ аз воқеоти таърих ва сулолаҳои ҳоким таъсири амиқ гузоштааст.

Ҳангоми интихоб ва гузиниши манобеъи таърихиву адабӣ ва маводи мастур дар он беҳтар он дониста шуд, ки маъхазҳои форсии тоҷикии марбут ба Оли Сомон ва замони фармонравоии эшон дар як муҷаллад фароҳам оварда шавад. Ҳамчунин осоре, ки дар қуруни вусто аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуда, асли арабии он аз байн рафтааст (амсоли «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ), ба ин ҷилд шомил гардид. Аммо осоре, ки ҳам асли арабӣ ва ҳам тарҷумаи форсии асрҳои миёнаи он маҳфуз монда (чунончӣ «Таърихи яминӣ»-и Утбӣ), ба ҷилди дуввум, ки иборат аз мутуни арабӣ аст, дохил карда шуд. Осори мунтахабро метавон ба чаҳор даста тақсимбандӣ намуд: осори таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва сиёсӣ. Осори таърихӣ дар навбати худ ба анвои мухталиф: таърихи ҷаҳонӣ, («Зайн-ул-ахбор», «Таърихи гузида», «Равзат-ус-сафо»),

таърихи як сулола («Таърихи Масъудӣ»), таърихи шаҳру вилоёт («Таърихи Систон», «Таърихи Табаристон») ва ғайра тақсим мешаванд. Кӯшиши мо бар он буд, ки баргардони маъхазҳо аз расмулхати аҷдодӣ ба сириллик аз матни интиқодие, ки донишмандони мӯътабар ба нашр расонидаанд, сурат бигирад. Мутаассифона матни интиқодии баъзе асарҳо ба даст наомад ва чун имкони пайдо кардани дастнависҳои мӯътабар низ мавҷуд набуд, кори мо бар асоси нашрҳои оммавӣ ва чопҳои сангӣ анҷом пазируфт. Барои эҳтимоли ихтилоф бо нусхаи дигар, ки дар чунин мавориди ногузир аст, қаблан аз хонандагони гиромӣ пӯзиш мехоҳем.

Усули ҷойгузинии мутуни таърихӣ тибқи пайдарҳамии соли таълифи асарҳо сурат гирифтааст. Ба сабаби ихтилоф дар таъйини соли китобати баъзе асарҳо қарни таълифи он дар заминаи иттифоқи назари муҳаққиқон ба эътибор гирифта шуд.

Дар дебочае, ки дар оғози ҳар асар оварда шудааст, бароббари муаррифии муаллиф, соли таълифи китоб ва маъхазҳои он, роҷеъ ба кайфият ва мушаххасоти матн сухан рафтааст.

Саъйи фароҳамоварандагони мутун бар он буд, ки ҳатталимкон асолати матни мавриди истифодаро нигаҳ доранд. Аз ин рӯ, ҳама аломатҳои китобатӣ, аз қабили қавсайнҳо, баёну дефис ва сархатҳо, ки бештар дар заминаи нусхабадалҳо истифода гардидаанд, айнан оварда шудаанд. Фақат ҳангоми баргардони нутқи айнан нақлшуда матн бо имлои забони тоҷикӣ мувофиқ карда шуд. Аммо дар ҳолати ибҳому печидагии матни аслӣ тибқи рақами тартибии дохили қавсайн дар таълиқот нукоте дар шарҳи он афзуда шуд.

Чун шеваи нигориш, сохтор ва дастури танзими мавод дар таърихномаҳо мутафовитанд, қисматҳои марбут ба Сомониён дар баъзе мавориди дар фаслҳои мухталиф омада ва гоҳо ба ғайр аз зикри муфассал ва мусалсали амирони сомонӣ дар бобҳои марбут ба ҳукмронии хулафои уммавию аббосӣ ба Оли Сомон ишорат рафтааст. Дар ин

PDF Compressor Free Version

мавриҷ ва дигар ҳолоти мушобеҳ ба он бо гузаштани аломати сенуқта кӯшиш ба харҷ рафт, ки пайдарҳамӣ ва тамомияти маънавии он фиқраҳо фароҳам оварда шавад.

Вожа, ибора ва ҷумлаҳое, ки ниёзманди тавзеҳ мебошанд, ҳамчунин ибороту ҷумалот ва фиқраҳои арабӣ дар қавсайн рақамгузорӣ шуда, шарҳу тарҷумаи он дар қисмати таълиқот, ки махсуси ҳар асар мебошад, тибқи тартиби рақамгузории онҳо оварда шудаанд. Вале абёти арабӣ бино ба муносибате надоштанаш ба Оли Сомон ҳазф гардид.

Бо таваҷҷӯҳ бар он ки номҳои ашхос ва номҳои ҷуғрофӣ дар ағлаби матнҳо дучор меоянд, ба хотири иҷтиноб аз такрор салоҳ он дониста шуд, ки дар ҳавошӣ номномае дар ду қисмат: махсус ба ашхос ва истилоҳҳои ҷуғрофӣ ба тартиби ҳуруфи алифбо таҳия карда шавад. Чун ҳамаи номҳо бо шарҳи мухтасар дар ҳавошӣ гирд омада, ниёзе ба ишорат дар дохили матн намонд. Хонандагон шарҳи ҳар номеро, ки хоҳанд аз ҳавошии китоб дармеёбанд. Лозим ба таъкид аст, ки аз таъликоту ҳавошӣ номи амирони сомонӣ ба он хотир, ки мутуни таърихӣ худ аз рӯзгори эшон ҳикоят мекунанд, фурӯгузор карда шуд. Зимнан, бояд афзуд, ки фароҳамоварандагони ин китоб дар навишти номҳо ба тадқиқоти мустаршиқи шаҳири рус В. В. Бартольд, ки воқеан аз марҷаъи солеҳ ва мӯътамад дар таърихи ин адвор аст, такя кардаанд.

Солшумории ҳиҷрии қамарӣ, ки дар мутуни таърихӣ фаровон омадааст, дар қавсайни дохили матн бо рақамҳо ишорат гардида, ба дунболи он муодили милодии солҳои ҳиҷрӣ афзуда шудааст. Ҳангоми баргардониданн солҳои ҳиҷрии қамарӣ ба солшумории милодӣ ҷадвале, ки В. В. Цыбульский омода кардааст, мавриди истифода қарор гирифт.

Бояд гуфт ки баъзе таноқузу ихтилоф дар миёни сонри манобеъ бидуни шарҳу тавзеҳ дар шакле, ки дар матни аслӣ омадаанд, боқӣ гузошта шуд.

Дар охири китоб ҷиҳати ба суҳулат дарёфтани мато-

PDF Compressor Free Version

либи он луғатномае илҳоқ гардид, ки аз таъбири вожаҳо дар заминаи мутуни мушаххас фароҳам омадааст.

Бо назардошти он, ки дар саросари матнҳои таърихӣ ба амирони сомонӣ ва халифаҳои араб зиёд ишорат рафтааст, ба хотири маоф намудани хонандагони азиз аз заҳмати ҷустуҷӯ дар китоб шаҷара ва солҳои фармонравоии амирони сомонӣ ва хулафои Аббосӣ дар ҷадвалҳои алоҳида пеш аз таълиқот манзур карда мешаванд.

Коре, ки фароҳамоварандагони матн пеш гирифтаанд, аз иқдомоти нахустин дар Тоҷикистон аст ва ҳамчунин қисмати аъзами мутуни таърихии китоби мазкур бори аввал ба ҳуруфи сириллик баргардон мешаванд. Бадеҳист, ки ин ибтикороти мо бо вуҷуди доштани такягоҳ ва пуштвонаи мӯътабаре чун нашрҳои интиқодии мутуни таърихӣ, ки аз ҷониби донишмандони фарҳехтаи Шарқу Ғарб сурат гирифтаанд, аз уюбу навоқис эмин нест. Агар иродатмандон аз лобалои ин китоб ҳусне дарёбанд мадюни заҳматҳои ин донишмандон аст, аммо миннати ҳар нуқсе, ки ҳаст бар дӯши мост. Умедворем, ки хонандагони азиз ҳангоми вуруд ба боргоҳи китоби «Сомониён дар оинаи таърих» ин фармудаи Ҳофизи бузургворро дастури амал хоҳанд кард:

> **Камоли сирри муҳаббат бубин, на нуқси гуноҳ,**
> **Ки ҳар кӣ беҳунар афтад, назар ба айб кунад.**

---

1. Волдман М. Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Теҳрон, 1375, саҳ. 24.

2. Цыбульский В. В. Современные календари стран Ближнего и Среднего Востока. Синхронические таблицы и пояснения. М., «Наука», 1964.

PDF Compressor Free Version

АБЎБАКР МУҲАММАД ИБНИ ҶАЪФАРИ НАРШАХӢ

# Таърихи Бухоро

ТАРҶУМАИ

АБЎНАСР АҲМАД ИБНИ МУҲАММАД ИБНИ НАСРИ ҚУБОВӢ

ТАЛХИСИ

МУҲАММАД ИБНИ ЗУФАР ИБНИ УМАР

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷафъари Наршахӣ аз ҷумлаи таърихнависони бузурги аҳди Сомониён маҳсуб мешавад. Мутаассифона, пиромуни рӯзгор ва осори ӯ ахбори комил дар даст нест. Муҳаққиқон бо такя ба «Китоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ ва қиёсу муқобалаи он бо шавоҳиди дигар таъйид кардаанд, ки Абӯбакри Муҳаммад ибни Ҷафъари Наршахӣ соли 286 ҳиҷрӣ (900 милодӣ) дар Бухоро ба дунё омада, соли 348 ҳиҷрӣ (961 милодӣ) аз дори фано даргузаштааст.

Наршахӣ китоби «Таърихи Бухоро»-ро дар аҳди фармонравоии Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (943—954) ба забони арабӣ иншо намуда, соли 944 онро ба амири мазкур тақдим кардааст. Нусхаи арабии китоб зоҳиран аз байн рафта. Соли 522 (1128—29) Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Насри Қубовӣ бо дархости дӯстонаш «Таърихи Бухоро»-ро ба форсӣ тарҷума намуд. Абӯнасри Қубовӣ қисмате аз маталиби китобро малолатовару бесуд пиндошта, ҳангоми тарҷума онро фурӯгузор карда ва аз кутуби дигари таърихӣ, амсоли «Хазоин-ул-улум»-и Абулҳасани Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ ба матни асл афзудааст. Тарҷумаи мазкурро соли 574 (1175) Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар талхис намуда, тағйироте бар он воред овардааст. Баъдан шахси номаълуме боз ба ин китоб тасарруф карда, ҳаводиси марбут ба ҳуҷуми мағулро бар он илҳоқ намудааст.

Мударриси Разавӣ бо истинод ба матни «Таърихи Бухоро» тазаккур медиҳад, ки китобҳои Муҳаммад ибни Солеҳи Лайсӣ ва Абулҳасани Мадоинӣ (дар асл Майдонӣ) аз ҷумлаи маохизи мавриди истифодаи Наршахӣ будааст. Осори дигаре, ки ба ҳайси марҷаъи «Таърихи Бухоро» ёд мешавад, маҳалли тардиди донишмандон мебошад.

Таърихномаи Наршахӣ ба забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудааст. Нусхаҳои «Таърихи Бухоро» дар талхиси Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар дар китобхонаҳои мухталифи дунё маҳфуз аст. Соли 1939 Мударриси Разавӣ матни интиқодии «Таърихи Бухоро»-ро бо шарҳу таълиқоти мабсут ба табъ расонид.

PDF Compressor Free Version



# Зикри хотуне, ки ба Бухоро подшоҳ буд ва фарзандони ӯ, ки подшоҳ буданд баъд аз вай

Ва чун Қутайба ибни Туғшода ба сабаби риддат, ки аз вай зоҳир шуда буд (1), Абӯмуслим ӯро бикушт (ва мар бародар) ва аҳли байти ӯ (ро), зиёъоту мустағаллоти ӯро ба Бунёт ибни Туғшода дод, то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ бо вай мебуд.

Чун Бунёт риддат оварду кушта шуд, ин зиёъот мебуд дар дасти фарзандони (Бухор) худот (2). Ва охирин касе, ки ин мамлакат аз дасти вай берун рафт, Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Холид ибни Бунёт буд. Ва Иброҳим ба Бухоро будӣ ва мамлакат дар дасти вай будӣ. Ҳар соле аз иртифооту ғаллот аз тарафи Мовароуннаҳр ба наздики бародари худ Наср фиристодӣ, то ба амирулмӯъминин Мӯътазид расонидӣ. (Ва) амир Исмоили Сомонӣ ин зиёъоту мустағаллот аз дасти вай берун кард ба сабаби он ки Аҳмад ибни Муҳаммади Лайс, ки соҳибшурт буд, рӯзе амирро гуфт, ки: «Ё амир, ин зиёъ бад-ин некӯӣ бо чандин ғалла ба Абӯисҳоқ аз кӣ мондааст?» Амир Исмоили Сомонӣ гуфт: «Ин зиёъ мулки эшон нест, мулки султонӣ аст». (Аҳмад ибни Муҳаммади Лайс гуфт: «Мулк эшонрост, аммо) ба сабаби риддати падари эшон халифа аз дасти эшон берун кардааст. Ва мулки байтулмол (3) гардонида ва боз бар сабили учрату ҷомагӣ ба эшон дода ва вай хидмат ба сазо намекунад ва чунин медонад, ки ин зиёъ мулки ӯст». Дар ин

сухан буданд, ки Абӯисҳоқи Иброҳим андар омад. Амир Исмоили Сомонӣ ӯро гуфт: «Ё Абӯисҳоқ, туро ҳар сол аз ин зиёъ чӣ қадар ғалла ба ҳосил ояд?» Абӯисҳоқ гуфт: «Аз баъди ранҷи бисёру такаллуф соле бист ҳазор дирҳам ба ҳосил ояд». Амир Исмоил фармуд Аҳмад ибни Муҳаммади Лайсро, ки ин мавзеъро тубигир ва Абулҳасани оризро бигӯй, то ҳар сол бист ҳазор дирам ба вай диҳад. Бад-ин сабаб ин зиёъ аз дасти вай берун рафт ва беш ба дасти ӯ бознаёмад.

Абӯисҳоқ аз дунё бирафт дар соли сесаду як (301/913—914) ва фарзандони ӯ ба деҳаи Сифанаву Суюнҷ монданд.

...Искиҷкат қундузе (4) бузург дорад ва дар вай мардумони тавонгар будаанд ва сабаби тавонгарии эшон кишоварзӣ набуда (аст), аз баҳри он ки зиёъи он деҳа вайрон ва ободони он ба ҳазор ҷуфт нарасидааст. Ва мардумони ӯ ҳама бозаргон будаанд ва аз он ҷо карбос бисёр хезад. Ва ҳар панҷшанбе он ҷо бозор будааст ва он деҳа (аз ҷумлаи) хоссаи (мамликаи) султонӣ аст. Ва Абӯаҳмад ал-Муваффақ Биллоҳ ин деҳаро ба муқотаъа дода буд ба Муҳаммад ибни Тоҳир, ки амири Хуросон буд. Ва боз фурӯхт ба Саҳл ибни Аҳмади Доғунии Бухорӣ ва баҳо гирифт. Вай он ҷо гармобае бино кард ва кохе азим бар гӯша(е) бар лаби рӯд сохт. Ва то ба рӯзгори мо бақияи он кох монда буд ва онро Кохи Доғунӣ хондаанд. Оби рӯд он кохро вайрон кард.

Ва мар ин Саҳл ибни Аҳмади Доғуниро бар аҳли Искиҷкат зариба будааст ҳар соле даҳ ҳазор дирам, қисмат бар хонаҳо кардандӣ. Пас, аз он деҳа зариба бозгирифтанд дусе сол ва ба султон бозгаштанд ва аз вай ёрӣ хостанд. Ва варасаи Саҳл ибни Аҳмад қаболае берун оварданд (5) ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ. Вай қаболае дид дуруст, валекин хусумат дароз шуда буд ва хоҷагони шаҳр миёнҷӣ шуданд. Аҳли деҳа ва варасаи Доғунӣ ба саду ҳафтод ҳазор дирам сулҳ карданд. Аҳли ин деҳа мар ин деҳаро бихариданд, то ин зариба аз эшон бархост ва он мол бидоданд...

...Ва Муҳаммад ибни Ҷаъфар овардааст, (ки) ин деҳаро

PDF Compressor Free Version

(яъне Шарғ-тарт.) амир Исмоили Сомонӣ, раҳимаҳуллоҳ, ва ҷумла зиёъоту уқороти ӯро бихарид ва он ҷумларо вақф (6) кард бар работе, ки карда буд ба дарвозаи Самарқанд, дар даруни шаҳри Бухоро. Ва имрӯз он работ намондааст ва он вақф низ намондааст...

...Баркад деҳе қадиму бузург аст ва қундузе азим дорад. Ва ин деҳаро Баркади алавиён (7) хонанд, бад-он сабаб, ки амир Исмоили Сомонӣ ин деҳаро хариду вақф кард, ду донг (8) бар алавиёну ҷаъфариён (9) ва ду донг бар дарвешон ва ду донг бар варасаи хеш...

...Ва амир Исмоили Сомонӣ, раҳимаҳуллоҳ, (10) мардуми он деҳаро (Варахшаро-тарт.) бихонду гуфт: «Ман бист ҳазор дирам ва чӯб бидиҳам ва сохтагии он бикунам ва баъзе иморат бар ҷой аст. Шумо ин кохро масҷиди ҷомеъ созед». Он мардумони деҳа нахостанд ва гуфтанд, ки масҷиди ҷомеъ дар деҳаи мо рост наёяд ва раво набошад. Ва ин кох то ба рӯзгори амир Аҳмад ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ бар ҷой буд. Вай чӯбҳои он кохро ба шаҳр овард ва сарое, ки ӯро буд бар дари ҳисори Бухоро ба иморат машғул шуд...

Аз дари ғарбии ҳисори Бухоро то ба Дарвозаи Маъбид (11), ки Регистон хонанд. Дар ин Регистон саройҳои подшоҳон будааст аз қадим боз дар ҷоҳилият. Ва дар рӯзгори Оли Сомон амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ ба Регистон сарое фармуд ва сарое сохтанд бағоят некӯ. Ва моли бисёр дар вай харҷ кард. Ва бар дари сарои хеш сарои уммол фармуд, бино карданд. Чунон ки ҳар омилеро алоҳида девоне (12) будӣ (андар сарои хеш) бар дари сарои султон, чун девони вазир, девони муставфӣ, девони амидулмулк, девони соҳибшурт, девони соҳиби муайяд, девони шараф, девони мамликаи хос, девони муҳтасиб, девони авқоф ва девони қазо. Бад-ин тартиб девонҳо фармуд, бино ниҳоданд. Ва ба рӯзгори амири рашид Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил вазири вай — Аҳмад ибни Ҳасан ибни Утбӣ, раҳимаҳуллоҳ, ки муаллифи «Китоби яминӣ» аст, ки гӯрхонаи ӯ ба маҳаллаи Дарвозаи Мансур дар ҷавори гармобаи хон аст,

PDF Compressor Free Version


дар муқобалаи мадраса масҷиде бино кард бағоят некӯ, чунон ки он мавзеъ аз он масҷид камол гирифт.

Чун амири рашид аз сутур бияфтоду бимурд, дар шаб ғуломон ба саро андар омаданд ва ба ғорат машғул шуданд. Хоссагону канизон мунозаат карданд ва саройро оташ заданд, то ҳама бисӯхт. Ва дар вай ҳар чӣ зароиф буд аз зарринаву симина, ҳама ночиз шуд ва чунон шуд, ки аз биноҳо асаре намонд. Ва чун амири садид Мансур ибни Нӯҳ ба мулк биншаст андар моҳи шавволи сол ба сесаду панҷоҳ (350/961), ба Ҷӯи Мӯлиён, фармуд, то он саройҳоро дигар бор имorat карданд. Ва ҳар чӣ ҳалоку зоеъ шуда буд, беҳтар аз он ба ҳосил карданд. Он гоҳ амири садид (ба сарой) биншаст. (Ҳанӯз) сол тамом нашуда буд, ки чун шаби сурӣ (12а), чунон ки одати қадим аст, оташе азим афрӯхтанд, пораи оташ биҷаст ва сақфи сарой даргирифт ва дигарбора ҷумлаи сарой бисӯхт. Ва амири садид ҳам дар шаб ба Ҷӯи Мӯлиён рафт. (Вазирро фармуд, то ҳам) дар он шаб хазинаву дафина ҳама(ро) берун бурд ва ба дасти мӯътамадон ба Ҷӯи Мӯлиён фиристод. Чун рӯз шуд, маълум карданд, ки ҳеҷ ғоиб нашуда буд, ҷуз яке пангони заррин. Ва вазири вай аз холис моли худ пангоне фармуд (ки вазни ӯ) ҳафтсад мисқол (буд) ва ба хазина фиристод. Ва аз он гоҳ боз ин мавзеъ регистон бимонд ва хароб шуд...

## ЗИКРИ ҶӮИ МӮЛИЁН ВА СИФАТИ Ӯ

Дар қадим ин зиёъи Ҷӯи Мӯлиён мулки Туғшода будааст. Ва вай ҳар касе аз фарзандону домодони худро ҳиссае додааст. Ва амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, ин зиёъро бихарид аз Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Толут, ки сарҳанги ал-Мустаъин ибн ал-Мӯътасим буд. Ва амир Исмоил ба Ҷӯи Мӯлиён саройҳову бӯстонҳо сохт ва бештар бар маволиён вақф кард ва ҳанӯз вақф аст. Ва пайваста ӯро аз ҷиҳати маволиёни хеш дил машғул будӣ, то рӯзе амир Исмоил аз ҳисори Бухоро ба Ҷӯи Мӯлиён

PDF Compressor Free Version

назора мекард. Симоъ ал-Кабир (мавлои) падари ӯ (пеши ӯ) истода буд, ӯро бағоят дӯст доштӣ ва некӯ доштӣ. Амир Исмоил гуфт: «Ҳаргиз бувад, ки худованди таоло сабабе созад, то ин зиёъро аз баҳри шумо бихарам. Ва маро зиндагонӣ диҳад, то бубинам, ки ин зиёъ шуморо шуда(аст), аз он ки ин зиёъ аз ҳама зиёъи Бухоро бақиматтар аст ва хуштар (ва хушҳавотар)». Худои таоло рӯзӣ кард, то ҷумла бихарид ва бар маволиён дод, то Ҷӯи Маволиён ном шуд. Ва оммаи мардум «Ҷӯи Мӯлиён» гӯянд. Ва пайвастаи ҳисори Бухоро саҳрое аст, ки онро Даштак хонанд ва ҷумла найистонҳо будааст. Амир Исмоил, раҳимаҳуллоҳ, он мавзеъро ҳам бихарид аз Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Толут ба даҳ ҳазор дирам ва ҳам соли аввал даҳ ҳазор дирам аз баҳои най ба ҳосил омад. Амир Исмоил он мавзеъро вақф кард бар масҷиди ҷомеъ.

Ва баъд аз амир Исмоил аз фарзандони ӯ ҳар кӣ амир шуд, хештанро ба Ҷӯи Мӯлиён бӯстонҳову кӯшкҳо сохт ба сабаби хушиву хуррамиву нузҳати ӯ. Ба Дарвозаи Нав мавзее аст, ки онро Кораки Алавиён хонанд бар дари шаҳр. Ва (он ҷо) амир Мансур ибни Нӯҳ кӯшке сохт бағоят некӯ, чунон ки ба вай масал заданди аз некӯӣ. Ва сол бар сесаду панҷоҳу шаш буд. (356/966—967). Ва ин зиёъи Кораки Алавиён мамликаи султонӣ буд, то ба рӯзгори Насрхон ибни Тамғочхон. Вай ин зиёъ аҳли илмро дод аз он ки ба шаҳр наздик буд, то фуқаҳоро кишоварзӣ осонтар бувад. Ва ивази он зиёъро дуртар бигирифт.

Ва Ҷӯи Мӯлиён ва Кораки Алавиён, маъмур буд то охири аҳди Сомониён. (Чун мулк аз Сомониён) бирафт, он саройҳо хароб шуд. Ва ба Бухоро дорулмулки муайян набуд, магар ҳисор, то ба рӯзгори малик Шамсулмулк Наср ибни Иброҳими Тамғочхон, ки ӯ Шамсобод бино кард.

## ЗИКРИ ХИРОҶИ БУХОРО ВА НАВОҲИИ ОН

Ба рӯзгори Оли Сомону умарои Сомон яке бор ҳазор ҳазору саду шасту ҳашт ҳазору понсаду шасту шаш дираму панҷ донгу ним будааст бо хироҷи Кармина...

...Ва Абулҳасани Нишобурӣ дар «Хазоин-ул-улум» ба тартиб овардааст, ки чун хилофат ба амирулмӯъминин Маҳдӣ расид, яъне падари Ҳорунаррашид ва ҳеҷ кас аз хулафои аббосӣ аз вай порсотар набудӣ. Пас амирии ҷумлаи Хуросон Абулаббос Фазл ибни Сулаймонро дод дар соли саду шасту шаш (166/782—783). Ва ӯ биёмад то ба Марв ва он ҷо биншаст. Пас вуҷӯҳу меҳтарону бузургони (Бухоро) ба наздики ӯ рафтанд. Ва меҳтарони Суғд низ ҷумла ба Марв рафтанд ба саломи амири Хуросон. Ӯ аз ҳоли вилояти эшон пурсид. Аҳли Бухоро гуфтанд, ки моро аз кофирони турк ранҷ аст, ки ба ҳар вақт ногоҳ меоянд ва деҳҳо ғорат мекунанд. (Ва) акнун ба тозагӣ омадаанд ва деҳаи Сомдунро ғорат кардаанд ва мусалмононро асир карда бурдаанд.

Абулаббоси Тӯсӣ гуфт: «Ҳеҷ тадбире доред, то бифармоям». Язид ибни Ғӯрак — малики Суғд он ҷо буд, гуфт: «Бақои амири Хуросон бод! Ба рӯзгори пешин дар ҷоҳилият туркон вилояти Суғдро ғорат мекардаанд. Ба Суғд зане подшоҳ будааст, ӯ Суғдро бора баровардааст, вилояти Суғд аз туркон амон ёфта».

Абулаббоси Тӯсӣ бифармуд мар Мӯҳтадӣ ибни Ҳаммод ибни Амр ал-Зуҳлиро, ки амири Бухоро буд аз ҷониби ӯ, то Бухороро бора занад, чунон ки ҳамаи рустоҳои Бухоро андаруни (он) бора бувад ба шакли Самарқанд, то дасти туркон ба вилояти Бухоро нарасад. Ин Мӯҳтадӣ ибни Ҳаммод бифармуд, то ин девор бизананд ва (дар фарсанге) дарвозае ниҳанд ва ба ҳар (нима) миле яке бурҷ устувор (бароранд).

Ва Саъд ибни Халафи Бухорӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, ки қозии Бухоро буд, ин шуғлро қиём намуд, то ба рӯзгори Муҳаммад (ибни Яҳё ибни Абдуллоҳ) ибни Мансур ибни

PDF Compressor Free Version

Ҳалчад ибни Варақ тамом шуда дар соли дувисту понздаҳ (215/830—831).

..Ва ҳар амире, ки будӣ, баъд аз он иморат мефармуду нигоҳ медошт. Ва маунату харҷе азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ҳар соле моле азим бибоистиву ҳашарҳои бисёр то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ, раҳимаҳуллоҳ, ки ӯ халқро раҳо кард, то он девор хароб шуд ва гуфт: «То ман зинда бошам, борои вилояти Бухоро ман бошам». Ва он чӣ пазируфт, тамом кард ва пайваста ба тани хеш ҳарб мекард ва нагзошт, ки ба вилояти Бухоро душманон зафар ёбанд..

..**Ҳикоят:** Овардаанд, ки ба рӯзгори амири саид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил андар моҳи рамазон рӯзи одина буд, ба вақте ки мардум дар масҷиди ҷомеъ даршуда буданд, масҷид ба як бор фурӯ рафт ва халқи бисёр дар вай ҳалок шуданд. Ва дар ҷумлаи шаҳр таъзият шуд. Ва баъзеро берун оварданд ва ҳанӯз дам мезаданд. Ва соате будӣ, бимурдандӣ. Ва баъзе дасту пой шикаста буданд. Дар ҷумлаи шаҳр халқи бисёр ҳалок шуданд, чунон ки аз баъди он шаҳри Бухоро холӣ монд. Ва боз мардумони шаҳр истодагӣ карданд ва пайвастагони султон ҳар касе ёрӣ доданд ва Абӯ... қозӣ (13), раҳимаҳуллоҳ, қиём карда буд он шуғлро, то ба як сол тамом шуд. Бори дигар боз соли дигар вайрон шуд..

..Ва он сарои бузург ва мақсура кардаи Шамсулмулк аст. Ва дар миёни инҳо ду миёнсарой аст аз қадим. Он ки ба наздики ҳисор аст, аз бақияти амир Исмоили Сомонӣ аст, раҳимаҳуллоҳ. Андар соли дувисту навад (290/902—903) кардааст. Ва он дигар, ки ба ҷониби сарои амири Хуросон аст, кардаи амири ҳамид Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ аст ба соли сесаду чиҳил (340/951—952) аз ҳиҷрати набавия, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам.

PDF Compressor Free Version


## ЗИКРИ НАМОЗГОҲИ ИД

Чун Қутайба ибни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард, андаруни ҳисор буд. Аз андарун шаҳр ва он ҳаволиро Регистон механд. Он мавзеъро намозгоҳи ид кард. Ва мусалмононро берун овард, то намози ид карданд. Ва мардумонро фармуд, то силоҳ бо худ берун оварданд, ба сабаби он ки ислом ҳанӯз нав буд ва мусалмонон аз кофирон эмин набуданд ва имрӯз суннат мондааст, то ҳар кӣ аҳли силоҳ бошанд, бо хештан берун оранд. Ва он дарвозаро дарвозаи сарои Маъбид хонанд ва ин Маъбид-ал-Хайл (13А) амири Бухоро будааст. Ва бад-ин намозгоҳ солҳои бисёр намози ид гузоридаанд, намеғунҷиданд. Амири садид Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср бар роҳи Самотин ҳоитҳову боғҳои бонуазат бихарид ба қимати бисёр. Ва моли бисёр дар он харҷ карда, онро намозгоҳи ид сохт ва минбару меҳроби некӯ фармуд. Ва милҳо фармуд, сохтанд, то мукаббирон бар он милҳо такбир гӯянд, то мардумон бишнаванд. Ва аз мавзеи намозгоҳ то ба ҳисори Бухоро миқдори ним фарсанг будӣ, ҳама пурмардум будӣ. Ва солҳои бисёр намози ид он ҷо карданд. Ва ин таърих соли сесаду шаст (360/970—971) буд. Он намозгоҳ то ба рӯзгори Арслонхон буд.

## ЗИКРИ ОЛИ СОМОН ВА НАСАБИ ЭШОН

Чун Асад ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ амири Хуросон шуд ва ба Хуросон омад ва ҳамон ҷо буд, то аз дунё бирафт дар соли саду шасту шаш (166/782—783). Ва овардаанд, ки марде некӯкор буду ҷавонмард. Ва дили ӯ бад-он ҷониб нигарон, ки хонадонҳои бузурги қадимро темор кардӣ аз мардумони асилро некӯ доштӣ, ҳам аз арабу ҳам аз аҷам.

Ва чун Сомонхудот, ки ҷадди эшон буд, аз Балх бигурехт ва ба наздики (вай) омад ба Марв, варо икроме карду ҳимоят кард. Ва душманони ӯро қаҳр кард ва Балхро боз ба вай дод. Сомонхудот ба дасти вай имон овард. Ва

PDF Compressor Free Version

ӯро Сомонхудот бад-он сабаб хонанд, ки деҳе бино карда аст ва онро Сомон ном кардааст. Ӯро ба он ном хондаанд, чунон ки амири Бухороро — Бухорхудот.

Чун Сомонхудотро писаре омад, аз дӯстии ӯ писарро Асад ном кард. Ва ин Асад ҷадди амири мозӣ амир Исмоили Сомонӣ аст, раҳматуллоҳи алайҳ-Исмоил ибни Асад ибни Сомонхудот. Ва Сомонхудот аз фарзандони Баҳроми Чӯбини малик будааст. Ва аз он гоҳ боз боргоҳи Сомониён ҳар рӯз баландтар аст, то расид он ҷо, ки расид. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср гӯяд, ки Муҳаммад ибни Ҷаъфар ривоят кардааст андар китоб аз Муҳаммад ибни Солеҳ ал-Лайсӣ ва Абулҳасани Майдонӣ, ки ба рӯзгори Асад ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ марде берун омад ва аҳли Бухороро ба имон хонд. Ва аҳли Бухоро бештар аҳли зимма буданд ва ҷизя медоданд. Қавме иҷобат карданд ва мусалмон шуданд. Малики Бухоро Туғшода буд. Вайро хашм омад, аз баҳри он ки дар сар кофир буд. Ӯ ба амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ нома навишт, ки ба Бухоро марде падид омадааст ва вилоят бар мо шӯрида медорад. Ва қавмеро ба хилофи мо берун овардааст ва мегӯянд, ки ислом овардем ва дурӯғ мегӯянд. Ислом ба забон овардаанд ва ба дил ба ҳамон кори хеш машғуланд. Ва бад-ин баҳона вилояту мулк шӯрида медоранд ва хироҷ мешикананд. Бад-ин сабаб Асад ибни Абдуллоҳ нома кард ба уммоли хеш-Шарик ибни Ҳарис. Ва ӯро фармуд, ки он қавмро бигираду ба малики Бухоро таслим намояд, то ҳар чӣ бихоҳад, бикунад.

Овардаанд, ки он қавм дар масҷид будаанд, ҷумла ба овози баланд мегуфтанд: «Ашҳаду ан-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу». Ва фарёд мекарданд, ки «Во Муҳаммадо» ва «Во Аҳмадо». Ва Туғшодаи Бухорхудот эшонро гардан мезад ва ҳеҷ касро заҳра набудӣ, ки сухан гӯяд ё шафоат кунад, то чаҳорсад танро гардан заду ба дор кард. Ва боқиро барда кард ба номи Асад ибни Абдуллоҳ ва ба наздики ӯ фиристод ба Хуросон. Ва ҳеҷ кас аз ин қавм аз ислом барнагашт. Ва ҳар кӣ монд, бар ислом монд. Ва ин қавмро Асад ибни

PDF Compressor Free Version

Абдуллоҳ аз ислом бознадошт. Ва чун Туғшодаи Бухорхудот бимурд, он қавм ба Бухоро боз омаданд, валлоҳу аъла́м...

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ ОЛИ СОМОН, РАҲИМАҲУМУЛЛОҲ

Пеш аз ин ёд карда шуда буд, ки Сомонхудотро писаре буд Асад ном кард, аз дӯстии Асад ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ. Ва Асадро чаҳор писар буд: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс. Ва чун Рофеъ ибни Лайс хуруҷ кард бар Ҳорунаррашид ва Самарқанд бигрифт, Ҳорунаррашид Ҳарсама ибни Аъйанро ба ҳарби вай фиристод ва Рофеъ Самарқандро ҳисор кард. Ҳарсама дар кори вай оҷиз шуд. Маъмун бо Ҳорунаррашид ба Хуросон омада буд ба сабаби ҳамин ҳодиса. Ва дили Ҳорун бағоят машғул буд ба-ин кор. Маъмун номае кард ба фарзандони Асад ва бифармуд, то Ҳарсамаро дар ҳарби Рофеъ ёрӣ диҳанд. (Ва фарзандони Асад) Рофеъро бад-он доштанд, то бо Ҳарсама сулҳ кард. Ва миёни эшон мусоҳарат карданд ва дили Ҳорун аз он кор фориғ гашт. Ва хатари он буд, ки Рофеъ ҳамаи Хуросон бигирифтӣ. Ва ин кор ба наздики Маъмун нек дар мавқеъ афтод. Ва дар ин сафар Ҳорун ба Тӯс вафот ёфт. Ва чун хилофат ба Маъмун расид, Ғассон ибни Аббод амири Хуросон шуд. Маъмун вайро фармуд, то фарзандони Асад ибни Сомонхудотро вилоят диҳад аз шаҳрҳои Хуросон. Ҳар якеро шаҳре мӯътабар дод дар ҳаққи он чӣ карда буд. Ва Ғассон ибни Аббод Нӯҳ ибни Асадро ба Самарқанд амир кард. Ва Аҳмад ибни Асадро ба Марв амир кард. Ва ин дар соли дувисту ду (202/817—818) буд. Ва чун Ғассон аз Хуросон маъзул шуд, Тоҳир ибн ал-Ҳусайн амири Хуросон шуд ва ин вилоятҳо бар эшон муқаррар дошт. Ва Нӯҳ ибни Асадро, ки бузургтар буд, хилъат дод. Ва вай ба Самарқанд мебуд, то аз дунё бирафт. Бародари хеш Аҳмад ибни Асадро халифа кард. Ва ин Аҳмад ибни Асад марде буд олиму порсо ва ба Самарқанд мебуд, то

PDF Compressor Free Version

аз дунё бирафт. Писари хешро халифа кард — Наср ибни Аҳмад ибни Асадро. Чун ба ҷои падар биншаст, аз халифа Восиқ Биллоҳ маншури аъмоли Мовароуннаҳр бирасид ба номи вай ба таърихи рӯзи шанбе ғурраи моҳи муборакн рамазон, сол бар дувисту панҷоҳу як буд (251/865—866).

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ АМИРИ МОЗӢ АБӮИБРОҲИМ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ

Аввали салотини Сомониён аст ва ба ҳақиқат подшоҳи сазовор ба истеҳқоқ буда, марде оқил, одил, мушфиқ, соҳиброю тадбир. Ва пайваста бо хулафо изҳори тоат карду мутобаати эшон воҷибу лозим донистӣ. Дар рӯзи шанбеи мунтасафи рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900) Амри Лайсро ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставлӣ гашт. Ва муддати ҳашт сол подшоҳӣ кард. Ва дар санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/907—908) дар Бухоро ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст, алайҳирраҳма ва-л-ғуфрон. Ва ӯро вилодат ба Фарғона будааст дар моҳи шаввол таърих бар дувисту сиву чаҳор (234/849) Ва чун ӯ шонздаҳсола шуд, падари ӯ вафот ёфт. Ва амир Наср, ки бародари бузургтари ӯ буд, ӯро бузург доштӣ. Ва ӯ хидмати амир Наср кардӣ. Ва чун Ҳусайн ибни Тоҳири ат-Тоӣ аз Хоразм ба Бухоро омад дар рабеъулохир, сол бар дувисту шаст буд (260/874). Ва миёни ӯву аҳли Бухоро ҳарбҳо афтод ва баъд аз панҷ рӯз бар шаҳр даст ёфт. Ва бо аҳли Бухоро узри (?) шаҳру русто карду бисёр касро бикушт. Ва хоразмиёнро баргумошт, то дуздӣ намуданд ва мусодарат мекарданд ва ба шаб мукобараи хонаҳо бармезаданд. Ва ҷиноятҳои гарон менҳодчиду мол меситоданд.

Аҳли Бухоро бо ӯ ба ҳарб берун омаданд ва бисёр кас кушта шуданд. Ва аз шаҳр микдори ду донг бисӯхт. Ва чун аҳли шаҳр даст қавӣ карданд, ӯ мунодӣ карду амон дод. Ва мардумон, ки ҷамъ шуда буданд ва ҳарбро омода гашта, чун хабари амон бишниданд, пароканда шуданд ва

PDF Compressor Free Version

баъзе ба русто рафтанд. Чун Ҳусайн ибни Тоҳир донист, ки мардум пароканда шуданд, шамшер андар ниҳод ва халқе азимро бикушт. Боз ғавғо карданд. Ва Ҳусайн ибни Тоҳир ба ҳазимат шуд. Ва ҳама рӯз ҳарб карданд. Чун шаб шуд, ӯ дари кӯшкро маҳкам кард. Ва халқро дар кӯшк нигоҳ медоштанд, то вайро бигиранд. Ва ӯ хироҷи Бухоро ба тамомӣ гирифта буд, ҳама дирами ғидрифӣ (16). Ва дар миёни саройи рехта буд ва мехост то ба нуқра сарф кунад. Замон наёфту он шаб деворро сӯрох кард ва бигурехт бо касони хеш бараҳнаву гурусна. Ва он дирамҳои ғидрифӣ бимонд. Мардумон хабар ёфтанд, андар омаданду он мол ғорат карданд. Ва бисёр кас аз он мол тавонгар шуданд, чунон ки асари он дар фарзандони эшон бимонд. Ва андар шаҳр гуфтандӣ: «Фалон кас тавонгари саройи Ҳусайн ибни Тоҳир аст». Ва баъд аз он бигрехт.

Ва пас аз вай фитнаҳои дигар ва ҳарбҳо бо аҳли Бухоро ҳар касро бисёр шуд. Аҳли илму салоҳ аз Бухоро ба наздики Абӯабдуллоҳи Фақеҳ — писари Хоҷа Абӯҳафси Кабир, раҳматуллоҳи алайҳ, ҷамъ шуданд. Ва вай мубориз буд, бо вай тадбир карданд дар кори Бухоро. Ва ба Хуросон амире набуд. Ва Яъқуб ибни Лайс Хуросонро ба ғалаба гирифта буд. Ва ба Бухоро Рофеъ ибни Ҳарсама бо вай ҳарб мекард ва ба Хуросон низ фитна буд. Ва Бухоро хароб мешуд аз ин фитнаҳо. Пас Абӯабдуллоҳ—писари Хоҷа Абӯҳафс нома кард ба сӯи Самарқанд ба Наср ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ. Ва ӯ амири Самарқанду Фарғона буд. Аз ӯ ба Бухоро амир хостанд. Ӯ бародари хеш—Исмоил ибни Аҳмадро ба Бухоро фиристод.

Чун амир Исмоил ба Кармина расид, чанд рӯз он ҷо мақом кард ва расул фиристод ба Бухоро ба наздики Ҳусайн ибни Муҳаммади Хориҷӣ, ки амири Бухоро буд. Чанд бор расули ӯ мерафту меомад, то қарор бад-он афтод, ки амир Исмоил амири Бухоро бошад. Ва Ҳусайн ибни Муҳаммади Хориҷӣ халифаи ӯ шавад. Ва лашкари ӯ дар ин маънӣ итоат намуданд. Амир Исмоил маншури хилофати хеш ба наздики Хориҷӣ фиристод бо аламу хилъат. Ва Хориҷиро бо ин аламу хилъат дар шаҳри Бухоро

PDF Compressor Free Version 

бигардониданд ва аҳли шаҳр шодӣ намуданд. Ва ин рӯзи сешанбе буд. Ва рӯзи одина хутба ба номи Наср ибни Аҳмад хонданд ва номи Яъқуби Лайс аз хутба бияфканданд, пеш аз андар омадани амир Исмоил ба Бухоро. Ва он рӯзи одинаи нахустин буд аз моҳи муборaки рамазон, сол бар дувисту шаст (260/874).

Ва писари Хоҷа Абӯҳафси Кабир, раҳимаҳумоллоҳ, берун омад ба истиқбол. Ва ашрофи Бухоро аз арабу аҷам ҳама бо вай буданд то ба Кармина. Ва Абӯабдуллоҳ бифармуд, то шаҳрро биёростанд. Ва амир Исмоил аз омадан ба Бухоро пушаймон шуда буд, аз он ки ба вай ҳашами бисёр набуд. Ва Бухоро шӯрида буду ғавғо бархоста буд. Ва маълум набудаш, ки аҳли Бухоро ба дил бо вай чӣ гунаанд.

Чун Абӯабдуллоҳ ибни Хоҷа Абӯҳафс берун омад ва бо Кармина бирафт, дили вай қавӣ шуд. Донист, ки Абӯабдуллоҳ ҳар чӣ кунад, аҳли шаҳр онро ботил натавонанд кардан. Азм қавӣ гардонид. (Абӯабдуллоҳ ӯро бисёр мадҳҳо гуфт ва дили вай қавӣ гардонид). Чун ӯро ба шаҳр андар оварданд, муаззаму мукаррам доштанд ва фармуд, то аҳли шаҳр заpу сими (бисёр) бар вай нисор карданд. Ва амир Исмоил Ҳусайни Хориҷиро бигирифт ва ба зиндон фиристод. Ва он ғавғо пароканда шуд ба қудрати худои таоло.

## (ЗИКРИ ДАРОМАДАНИ) АМИР ИСМОИЛ (РАҲИМАҲУЛЛОҲ) БА БУХОРО

(Дар) рӯзи душанбе дувоздаҳуми моҳи муборaки рамазон, сол бар дувисту шаст (260/874) буд ва бад-он сабаб шаҳр қарор гирифт. Ва аҳли Бухоро аз ранҷ берун омаданд ва ба роҳат пайвастанд. Ва дар ҳамин сол амир Наср ибни Аҳмадро маншури вилояти ҳама аъмоли Моварроуннаҳр аз оби Ҷайҳун то ақсои билоди Машриқ биёварданд аз халифа Муваффақ Биллоҳ. Ва хутбаи Бухоро ба номи амир Наср ибни Аҳмад ва ба номи амир Исмоил гуфтанд. Ва номи Яъқуби Лайси Саффор аз хутба афтода буд.

Ва амир Исмоил муддате ба Бухоро бошид ва баъд аз он ба Самарқанд рафт бе он ки аз амир Наср ӯро фармон

PDF Compressor Free Version

буди, писари бародари худро бар Бухоро ҳалифа (кард) — Абӯзакариё Яҳё ибни Аҳмад ибни Асад.

Чун ба Рабанҷан расид, амир Наср хабар ёфт, нохуш омадаш ба ҷиҳати он ки бе дастурӣ буд. Фармуд, то ӯро истиқбол карданд, валекин худ берун наёмад ва ҳеҷ икром накард ва фармуд, то ӯро ба ҳисори Самарқанд фуруд оварданд. Ва соҳибшуртии Самарқанд ба исми ӯ карданд. Ва ҳамчунон бар вай дар хашм буд. Ва амир Исмоил ба салом рафтӣ, чунонки пеш аз рафтани Бухоро чунон набуд. Ва Муҳаммад ибни Умарро халифаи вай карданд ва амир Исмоил ба салом омадӣ ва соате биистодиву боз бирафтӣ. Ва амир Наср бо вай ҳеҷ сухан нагуфтӣ; то бар ин ҳолат сездаҳ моҳ баромад. Писари амми вай — Муҳаммад ибни Нӯҳро ва Абдулҷаббор ибни Ҳамзаро ба шафоат оварда, то ӯро ба Бухоро бозфиристод. Ва Исмат ибни Муҳаммади Марвазиро вазири вай кард. Ва Фазл ибни Аҳмади Марвазиро дабири вай гардонид. Ва амир Наср бо ҳама вуҷӯҳи аъёну сиқоти Самарқанд ба мушоиъати ӯ берун омаданд. Ва дар ин асно амир Наср рӯй сӯи Абдулҷаббор ибни Ҳамза кард ва гуфт: «Ё Абулфатҳ, ин кӯдакро, ки мо ҳамефиристем, то мо аз вай чӣ хоҳем дидан?». Абдулҷаббор гуфт: «Чунин магӯй, ки ӯ бандаи туст. (Ба шарти он ки ҳар чӣ фармоӣ, амир Исмоил ҳамон кунад ва ҳаргиз бо ту хилоф накунад». Гуфт: «Чунон аст ба ҳақиқат, ки ман мегӯям». «Абдулҷаббор гуфт: «Боз чӣ ҳукм кардаӣ?». Амир Наср гуфт: «Андар чашмҳову шамоили вай хилофу исён ҳамебинам»).

Амир Исмоил чун ба Бухоро расид, аҳли Бухоро истиқбол карданд ва ба эъзози тамом ӯро ба шаҳр даровар данд. Ва яке аз дуздон халқеро ба худ гирд карда буд. Ва аз авбошону риндони русто чаҳор ҳазор мард ҷамъ шуда буданд ва ҳама дар миёни Рометану Баркад роҳ мезаданд. Ва наздик буд, ки қасди шаҳр кунанд. Амир Исмоил Ҳусайн ибни Алоро, ки соҳибшурти ӯ буд ва ҳазираи Бухоро вай ниҳода буд ва кӯи Алоро ба вай бозмехонданд, ба ҳарби ин дуздон фиристод. Ва аз аҳли Бухоро бузургону меҳтарон бо вай ёр шуданд ва рафтанду ҳарб карданд

PDF Compressor Free Version

ва дуздонро ҳазимат карданд. Ва Ҳусайн ибни Ало бар эшон нусрат ёфт ва калонтари дуздонро бигирифту бикушт ва сари вайро биёвард. Ва ҷамоате аз онҳо, ки бо вай ёр буданд, бигирифт. Амир Исмоил эшонро банд кард ва ба Самарқанд фиристод.

Ва чун аз ин кор фориғ шуд, хабар доданд, ки Ҳусайн ибни Тоҳир боз бо ду ҳазор мард ба Омӯй омадааст ва қасди Бухоро карда. Амир Исмоил лашкар ҷамъ кард он чӣ тавонист ва ба ҳарб рафт. Хабар доданд, ки Ҳусайн ибни Тоҳир аз Ҷайҳун бигузашт бо ду ҳазор марди хоразмӣ. Амир Исмоил барнишасту берун (омад) ва ҳарби сахт карданд. Ва Ҳусайн ибни Тоҳир ҳазимат шуд ва аз лашкари вай баъзе кушта шуданд ва баъзе ба об ғарқ шуданд ва ҳафтод мард асир шуданд. Ва ин ҳарби нахустини амир Исмоил буд (ки кард).

Чун бомдод шуд, амир асиронро бихонд ва ҳар мардеро як ҷомаи карбос дод ва бозфиристод.

Ҳусайн ибни Тоҳир ба Марв рафт ва амир Исмоил ба Бухоро бозомад ва дар ҳоли мулк тааммул кард. (Ва маълум кард), ки ӯро бо меҳтарони Бухоро чандон ҳурмате зиёдат нест ва ба чашми эшон ҳайбате нест. Ва аз ҷамъ шудани эшон манфиате ба вай роҷеъ нахоҳад шуд. Савоб чунин дид, ки ҷамоате аз меҳтарони Бухороро бихонад. Ва гуфт, ки аз баҳри ман ба Самарқанд равед ва пеши амир Наср бигӯед ва узр аз ман бихоҳед. Эшон гуфтанд: «Самъан ва тоатан». Рӯзе чанд замон хостанд ва баъд аз он бирафтанд. Ва ин ҷамоати амирони Бухоро буданд пеш аз амир Исмоил. Абӯмуҳаммади Бухорхудот худ подшоҳи Бухоро буд. Ва Абӯҳотами Ясорӣ бағоят тавонгар буд ва ба сабаби моли бисёр эшонро тоат надоштӣ. Бузургони Бухоро бо ин ҳар ду ба Самарқанд рафтанд. Амир Исмоил нома кард ба амир Наср, то эшонро банд кунад ва ба зиндон фиристад, то вай мулки Бухоро тавонад дошт. (Амир Наср ҳамчунон кард ва он қавмро рӯзгоре дар он ҷо боздошт), то он гоҳ, ки Бухоро қарор гирифт. Амир Исмоил боз ба амир Наср (нома) кард (ва эшонро талабид. Ва аз баъди он амир Исмоил эшонро) некӯ doштӣ ва ҳоҷатҳои

эшонро раво карди ва риояти ҳуқуқи эшонро бар хештан воҷиб диди.

Ва Наср ибни Аҳмад бар Исмоил вазифа ниҳода буд аз амволи Бухоро дар соле понсад ҳазор дирам. Ва аз баъди он ӯро ҳарбҳо афтод ва он мол харҷ шуд ва натавонист фиристодани дигарон.

Амир Наср қосидон фиристод ба талаби он мол ва вай нафиристод. Миёни эшон бад-ин сабаб нохуши падид омад. (Амир) Наср лашкар ҷамъ кард ва нома фиристод ба Фарғона ба наздики бародари худ Абулашъас ва бихондаш бо лашкари бисёр. Ва номаи дигар ба Шош фиристод ба бародари дигар (17) Абӯюсуф Яъқуб ибни Аҳмад, то бо лашкари худ биёяд. Ва туркони Истиҷобро низ биёранд ва лашкари азим ҷамъ карданд. Он гоҳ рӯй ба Бухоро ниҳода дар моҳи раҷаб, сол бар дувисту ҳафтоду ду буд. (272/885).

Чун амир Исмоил хабар ёфт. Бухороро холи кард ва ба Фараб рафт, ҳурмат дошт бародарро. Амир Наср ба Бухоро омад. Чун амир Исмоилро наёфт ва ба Байканд рафт ва он ҷо фуруд омад, аҳли Байканд истиқболаш карданд ва зару сим бар ӯ нисор карданд ва нузлҳо бисёр берун оварданд.

Ва миёни амир Исмоилу Рофеъ ибни Ҳарсама, ки бад-он таърих амири Хуросон буд, дӯстӣ буд. Амир Исмоил ба вай нома карду аз вай ёрӣ хост. Рофеъ бо лашкари худ биёмад. Ва Ҷайҳун ях карда буд. Аз рӯи ях бигзашт. Чун амир Наср хабари омадани Рофеъ ёфт, ба Бухоро бозомад. Ва амир Исмоил бо Рофеъ иттифоқ карданд, ки раванду Самарқандро бигиранд. Ин хабар ба амир Наср расид. Ва таъҷил ба Тавоис рафту сари роҳ бигирифт. Амир Исмоил бо Рофеъ ба роҳи биёбон рафтанд. Ва ҳама рустоҳои Бухоро ба тасарруфи амир Наср буд. Ва эшон андар биёбон таому алаф намеёфтанд. Ва он сол қаҳт буд ва кор бар эшон душвор шуд, то андар лашкари эшон як ман (18) нон ба се дирам (19) шуд. Ва халқе азим аз лашкари Рофеъ ба гуруснагӣ ҳалок шуданд. Ва амир Наср нома кард ба писари худ Аҳмад ба Самарқанд, то вай аз Суғди Самарқанд ғозиёнро ҷамъ карду лашкаре сохт. Ва аҳли вилоят амир

PDF Compressor Free Version

Исмоилро алаф надоданду гуфтанд, ки инҳо хориҷиёнанд, моро ҳалол набошад нусрат додани эшон. Ва амир Наср ба сабаби омадани Рофеъ тангдил шуда буд. Амир Наср ба Кармина рафту эшон бар асари ӯ мерафтанд, ки Рофеъро касе насиҳат карду гуфт: «Ту вилояти худ мондай ва ин ҷо омадай. Агар эшон ҳар ду бародар бо якдигар бисозанду туро дар миён гиранд, ту чӣ тавонӣ кардан?» Рофеъ аз ин сухан тарсиду расул фиристод ба наздики амир Наср ва гуфт: «Ман ба ҳарб наёмадаам, бар он омадаам, то миёни шумо сулҳ кунам». Амир Насрро ин сухан хуш омаду сулҳ карданд бад-он, ки амир касе дигар бувад Бухороро. Ва амир Исмоил омили хироҷ бувsitu амволи девон (20) ва хутба ба номи вай набувад. Ва ҳар соле понсад ҳазор дирам бидиҳад.

Ва Наср ибни Аҳмад (ӯ)-ро бихонду Исҳоқ ибни Аҳмадро низ ва хилъат дод ва амирии Бухороро ба вай дод. Ва амир Исмоил бад-он ризо дод. Ва амир Наср бозгашт ва Рофеъ низ ба Хуросон рафт. Ва ин дар соли дувисту ҳафтоду се (273/886—887) буд. Чун аз ин ҳол понздаҳ мол баромад, амир Наср кас фиристод ба талаби мол. Амир Исмоил мол бозгирифт ва нафиристод. Амир Наср нома кард ба Рофеъ, ки вай замон карда буд. Рофеъ низ номае ба амир Исмоил кард бад-ин маънӣ. Амир Исмоил илтифот накард.

Амир Наср дигарбора лашкарҳо ҷамъ кард ҳама аз аҳли Мовароуннаҳр. Ва Абулашъас аз Фарғона биёмад ва дигарбора рӯй ба Бухоро оварданд ба ҳамон таври пеш. Ва рӯй ба Бухоро ниҳод. Чун ба Кармина расид, амир Исмоил низ лашкари худ ҷамъ (карду) ба Тавоис рафт ва ҳарб андар пайваст. Ва корзори сахт шуд. Ва Исҳоқ ибни Аҳмад ба Фараб ба хазимат рафт. Амир Исмоил ҳамлае қавӣ кард бар аҳли Фарғона ва Абулашъас ба хазимат рафт то Самарқанд. Аҳли Самарқанд хостанд, ки ӯро бигиранд аз он, ки бародари худро монда буд ва (гурехта буд). Абулашъас аз Самарқанд бозгашту ба Рабанҷан омад. Ва амир Исмоил Аҳмад ибни Мӯсои Марзуқро асир карду ба Бухоро фиристод ва дигарбора лашкари Бухоро хазимат шуд ва амир Исмоил бар ҷой истода буду бо вай андак

PDF Compressor Free Version

мардум монда буданд. Ва аз маъруфон Симоъ ал-Кабир бо вай буд. Амир Исмоил кас фиристоду аз ғуломону мавол́иён ҳар кӣ гурехта буд, ҳамаро ҷамъ кард. Ва Исҳоқ ибни Аҳмадро аз Фараб бозовард. Ва ғозиёни Бухоро низ ду ҳазор мард берун омаданду лашкари қарӣ (21) ҷамъ карданд. Ва ҳамаро улуфа бидод. Ва амир Наср ба Рабанҷан бирафту кори лашкар бисохт ва бозгашт. Ва амир Исмоил пеш-пеши вай бозрафт ба деҳаи Возбадин ва он ҷо ҷамъ шуданду ҳарб дарпайвастанд. Рӯзи сешанбе понздаҳуми моҳи ҷумодиюлохир, сол бар дувисту ҳафтоду панҷ (275/888) амир Исмоил бар лашкари Фарғона зафар ёфт. Ва Абулашъас ба ҳазимат рафт ва лашкар ҳама ҳазимат шуда буданд. Ва амир Наср бо мардуми андак бимонд. Вай низ ба ҳазимат шуд. Амир Исмоил ҷамоате аз хоразмиён(ро) бонг барзаду аз амир Наср дур кард. Ва аз асб фуруд омаду рикоби ӯро бӯса дод. Ва Симоъ ал-Кабир ғуломи падари эшон буд ва сипаҳсолор. Ва (ба) Симоъ ал-Кабир кас фиристод. (Ва амир Исмоил ӯро хабар дод аз ин ҳол). Наср ибни Аҳмад аз асб фуруд омад ва ниҳолин бияфканду биншаст. Ва амир Исмоил бирасиду хештан аз асб бияндохт, пеш омад ва ниҳолинро бӯса доду гуфт: «Ё амир, ҳукми худой ин буд, ки маро бар ту берун овард. Ва мо имрӯз ба чашми хеш мебинем ин кор бад-ин азимиро». Амир Наср гуфт: «Мо мутааҷҷибем бад-ин кор, ки ту овардӣ, ки итоати амири худ надоштӣ ва фармоне, ки худои таоло бар ту карда буд, нагузоридӣ». Амир Исмоил гуфт: «Ё амир, ман муқиррам, ки хато кардам ва ҳама гуноҳ марост. Ва ту авлотарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузаронӣ ва авф кунӣ». Эшон дар ин сухан буданд, ки бародари дигар — Исҳоқ ибни Аҳмад бирасид ва аз асб фурӯ наёмад. Амир Исмоил гуфт: «Ё фулон, худовандгори хешро фурӯ наёӣ?» Ва дашном додаш ва хашм гирифт бар вай. Исҳоқ зуд фуруд омаду дар пои Наср афтод. Ва заминро бӯса доду узр хост, ки ин асби ман тавсан аст ва аз вай зуд фурӯ натвон омадан. Ин сухан тамом кард. Амир Исмоил гуфт: «Ё амир, савоб он аст, ки зуд ба мақарри иззи хеш бозгардӣ, пеш аз он ки ин

PDF Compressor Free Version

хабар он ҷо расад ва раият бишӯранд дар миёни Мовароуннаҳр». Амир Наср гуфт: «Ё Абӯиброҳим, ин туй, ки маро ба ҷони хеш мефиристӣ?» Амир Исмоил гуфт: «Ин накунам, чӣ кунам? Ва бандаро бо худовандгори хеш ҷуз ин муомала нашояд кардан, ки ҳар чӣ ки муроди ту бошад». Ва амир Наср сухан мегуфту об аз чашми ӯ мерборид ва пушаймонӣ мехӯрд бар он чӣ рафта буд ва бар хунҳои рехташуда. Он гоҳ бархосту барнишаст. Амир Исмоилу бародар — Исҳоқ рикобҳо гирифтанд ва ӯро бозгардониданд. Ва Симоъ ал-Кабиру Абдуллоҳ ибни Муслимро ба мушоияа фиристод. Як манзил рафтанд. Амир Наср эшонро бозгардонид ва ба Самарқанд рафт.

Ва он рӯз, ки Наср ибни Аҳмад асир буд, ҳамчунон сухан мегуфт бо он қавм, (ки) дар айёме, ки амир буду бар тахт нишаста буд ва эшон ба хидмат пеши ӯ истода буданд.

Ва амир Наср аз баъди ӯ ба чаҳор сол вафот ёфт, ҳафт рӯз монда буд аз моҳи ҷумодиюлаввал, дар соли дувисту ҳафтоду нӯҳ (279/892). Ва амир Исмоилро халифа кард бар ҷумлаи аъмоли Мовароуннаҳр ва бародари дигару писари хешро ба фармони ӯ кард.

Ва чун амир Наср аз дунё бирафт, амир Исмоил аз Бухоро ба Самарқанд рафт ва мулк рост кард. Ва писари ӯ Аҳмад ибни Насрро халифаи худ биншонд. Ва вай аз он ҷо газв пеш гирифт. Ва амир Исмоил ба Бухоро омада буд бист сол, то он гоҳ, ки бародар аз дунё бирафт ва ҷумла Мовароуннаҳр ба вай дод.

Ва чун хабари вафоти амир Наср ба амирулмӯъминин Мӯътазид Биллоҳ расид, маншури амали Мовароуннаҳр ба амир Исмоил бидод дар моҳи муҳаррам, ба таърихи дувисту ҳаштод (280/893). Ва вай ба ҳамин таърих ба ҳарб ба Тароз рафту бисёр ранҷ дид. Ва ба охир амири Тароз берун омад ва ислом овард бо бисёр деҳқонон ва Тароз кушода шуд. Ва калисиёи бузургро масҷиди ҷомеъ карданду ба номи амирулмӯъминин Мӯътазид Биллоҳ хутба бихонданд. Ва амир Исмоил бо бисёр ғанимат ба Бухоро омаду ҳафт сол подшоҳӣ кард ва амири Мовароуннаҳр буд,

PDF Compressor Free Version

тамноку андўхгину пушаймон ва мегуфт: «Ман кини Алӣ ибни Сурушу писар бозхоҳам». Ва чун амир Исмоил хабар ёфт, ки Амри Лайс тадоруки ҳарб месозад, вай мар сипоҳи хешро гирд карду улуфаи эшон бидод ва аз ҳар сў рўй ба эшон ниҳод ва мар аҳлу ноаҳлро ва ҷулоҳа ҳамаро улуфа бидод. Ва мардумро аз ин сахт меомад ва мегуфт: «Бо ин лашкар бо Амри Лайс ҳарб хоҳад кардан». Ва ин хабар ба Амри Лайс расид, шод шуд. Ба лаби Ҷайҳун буд. Мансури Қаротекину Пораси Байкандӣ аз Хоразм ба Омуя омаданд. Ва аз вилояти Туркистону Фарғона сӣ ҳазор мард (расид). Ва бисту панҷуми зулқаъда (23) Муҳаммад ибни Ҳорунро бо муқаддимаи лашкар фиристод ва худ рўзи дигар берун рафт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва сипоҳ аз ҳар ҷой ба Омуя гирд кард. Ва аз Бухоро ба шаҳри Хоразм рафтанд ва то душанбеи дигар кор рост карданд. Ва аз он ҷо рўй ба Балх оварданд ва Амри Лайс шористони ҳисор бигрифт ва худ пеши шористон сипоҳ фуруд овард. Ва лашкар ба рада гирд бар гирди хандақ бигирифт. Ва чанд рўз буд, то сипоҳ даромаду бораҳо устувор кард. Ва ба мардум чунон намуд, ки ман аз шаҳри шумо гардам ва мардумро дил хуш кард. Ва амир Исмоил Алӣ ибни Аҳмадро ба Форёб фиристод ва фармуд, то кордорони Амри Лайсро бикуштанд. Ва бисёр мол биёварданд. Ва аз ҳар ҷое касон фиристод, то касони Амри Лайсро мекуштанду мол меоварданд.

Ва амир Исмоил ба Алиободи Балх фуруд омад ва се рўз он ҷо мақом кард. Ва аз он ҷо лашкар бардошту чунон намуд, ки ба намозгоҳ хоҳад фуруд омад. Ва он роҳ(ро) фарохтар фармуд карданд. Чун Амри Лайс чунон бидид, он ҷониб дарвозаҳо устувор кард ва лашкар бад-он ҷониб пеш дошт ва манҷаниқҳову арродаҳо бад-он ҷониб рост кард. Ва ба роҳи намозгоҳ камин ниҳоду чанд ҷой лашкарро машғул кард. Пас, чун бомдод шуд, амири мозӣ роҳ бигардонид ва ба роҳи дигар ба дарвозаи шаҳр рафт ва ба Пули Ато фуруд омад. Амри Лайс аз ин кор ба таաҷҷуб монд. Ва манҷаниқҳо низ бад-он ҷониб боист бурдан. Ва амир Исмоил се рўз он ҷо бошид ва бифармуд, то об аз

PDF Compressor Free Version


шаҳр бозгирифтанд ва девор ҳамеафканданд. Ва дарахтон ҳамеканданд ва роҳҳоро паст карданд, то рӯзи сешанбе, бомдод, ки амир Исмоил ба андак сипоҳ барнишаст ва ба дари шаҳр рафт. Амри Лайс берун омаду ҳарб дарпайваст. Ва ҳарби сахт шуду лашкари вай ба ҳазимат шуданд. Ва лашкар дар пайи эшон ҳаметохт. Ва баъзеро ҳамекуштанд ва баъзеро мегирифтанд, то ба ҳашт фарсанги Балх бирасиданд. Амри Лайсро диданд бо ду чокар: яке бигурехту он дигарӣ ба Амри Лайс даровехт. Пас Амри Лайсро бигирифтанд. Ва ҳар кас мегуфт, ки Амри Лайсро ман гирифтам. Амри Лайс гуфт: «Маро ин чокари ман гирифтааст». Ва Амри Лайс мар он чокарро понздаҳ дона марворид додааст, қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам. Он марворидҳо аз он ғулом бистаданд. Ва гирифтани Амри Лайс чаҳоршанбе, буд, даҳуми моҳи ҷумодиюлаввали соли дувисту ҳаштоду ҳашт (288/901).

Ва Амри Лайсро пеши амир Исмоил овcovarданд. Амри Лайс хост, ки пиёда шавад. Амири мозӣ дастурӣ надоду гуфт: «Ман имрӯз бо ту он кунам, ки мардумон аҷаб доранд». Ва бифармуд, то Амри Лайсро ба саропарда фуруд оварданд ва бародари хешро ба нигоҳ доштани ӯ фиристод. Ва аз паси чаҳор рӯз амирро бидид. Амри Лайсро бифармуд, то бипурсиданд, ки чӣ гуна гирифтор шудӣ. Гуфт: «Ҳаметохтам, асбам фурӯ монд, фуруд омадаму хуфтам. Ва ду ғулом дидам ба сари ман истода. Яке аз эшон тозиёна раҳо карду бар бинии ман биниҳод. Гуфтам: «Аз ин пирамард чӣ мехоҳӣ?» Савганд додам мар эшонро, ки маро ҳалок накунанд. Фуруд омаданду пои маро бӯса доданд ва маро зинҳор доданд. Яке аз эшон маро бар асб нишонд. Ва мардумон ҷамъ омаданду гуфтанд: «Бо ту чист?». Гуфтам: «Бо ман чанд марворид аст, қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам». Ва ангуштарии хеш бидодам. Ва мӯза аз пои ман берун карданд. Лахте гавҳарҳои гаронбаҳо ёфтанд. Ва сипоҳ маро андар ёфт. Ва Муҳаммадшоҳ(?) мардумонро аз ман боз ҳамедошт. Ва дар ин миён амир Исмоилро дидам аз дур. Хостам, ки фуруд оям. Ба ҷону сари хеш савганд додам, ки фурӯ маой. Дили ман қарор

гирифт. Ва маро ба саропарда фуруд овард. Ва Абӯюсуф бо ман нишасту маро боздошт. Ва чун об хостам, маро ҷулоб доданд ва дар ҳаққи ман анвои эъзозу икром намуданд. Пас амир Исмоил наздики ман андар омаду маро бинвохт ва аҳд кард, ки туро накушам. Ва бифармуд, то маро дар аморӣ нишонанд ва ба ҳурмат ба шаҳр расонанд. Ва ба шаб маро ба шаҳри Самарқанд дароварданд, чунон ки аз аҳли Самарқанд ҳеҷ касро хабар набуд. Ва амир Исмоил ангуштарии ман бихарид аз он кас, ки бо вай буд, ба се (ҳазор) дирам. Ва баҳои он бидод ва ба наздики ман фиристод. Ва нигини ангуштарӣ ёқути сурх буд». Ва Амри Лайс гуфт, ки «рӯзи ҳарб бо ман чиҳил ҳазор дирам буд, ки дар ҷанг бурданд. Ва ман бар асбе будам, ки панҷоҳ фарсанг роҳ рафтӣ. Ва бисёр озмуда будам. Имрӯз ҳамон асб чунон суст ҳамерафт, ки хостам фуруд оям. Пойҳои асб ба ҷӯй фурӯ шуд. Ва аз асб фурӯ афтодам ва аз хештан навмед гаштам чун он ҳар ду чокар қасди ман карданд, он кас, ки бо ман буд, ӯро гуфтам: «Бар асби ман биншину бигрез». Вай бар асби ман биншаст. Нигоҳ кардам, чун абр ҳамерафт. Донистам, ки он аз бедавлатии ман будааст, айби асб набудааст».

Амри Лайс амир Исмоилро гуфт: «Ман ба Балх даҳ хирвор зар пинҳон кардаам. Бифармой, то биёваранд, ки имрӯз бад-он сазовортарӣ». Амир Исмоил кас фиристод ва биёварданд. Ҷумларо ба наздики Амри Лайс фиристод. Ва амир Исмоил(ро), раҳимаҳуллоҳ, ҳарчанд илҳоҳ карданд, ҳеҷ қабул накард. Ва номаи амирулмӯъминин ба Самарқанд расид ба талаби Амри Лайс. Унвони нома чунин навишта буд, ки «Мин Абдуллоҳ ибн ал-Имом Абулаббос ал-Мӯътазид Биллоҳ-амирилмӯъминин ило Абииброҳим Исмоил ибн Аҳмад мавло амирилмӯъминин» (24). Чун нома ба амир Исмоил расид, андӯҳгин шуд аз ҷиҳати Амри Лайс. Фармони халифаро рад натавонист кардан. Фармуд, то Амри Лайсро дар аморӣ нишонда ба Бухоро оварданд. Ва амир Исмоил аз шарм рӯй ба вай нанамуд. Ва кас фиристод, ки агар ҳоҷате дорӣ, бихоҳ. Амри Лайс гуфт: «Фарзандони маро некӯ дор. Ва ин касоне, ки маро меба-

PDF Compressor Free Version

ранд, васият кун, то эшон маро неку доранд». Амир Исмоил ҳамчунон кард. Ва дар аморӣ (нишонда) ӯро ба Багдод фиристод. Ва чун ба Багдод расид, халифа ӯро ба Софии ходим супурд. Ва вай дар банд мебуд пеши Софии ходим то охири аҳди Муътазид. Ва вай ду сол дар зиндон буд, то кушта шуд ба таърихи дувисту ҳаштод (280/893—894). Ва чун амир Исмоил Амри Лайсро наздики халифа фиристод, халифа маншури Хуросон ба вай фиристод ва аз ақабаи Ҳулвону вилояти Хуросону Мовароуннаҳру Туркистону Синду Ҳинду Гургон—ҳама ӯро шуд. Ва бар ҳар шаҳре амире насб кард ва осори адлу сирати хуб зоҳир кард. Ва ҳар кӣ зулм кардӣ бар раият, гӯшмол додӣ. Ва ҳеҷ кас аз Оли Сомон босиёсаттар аз вай набуд. Бо он ки зоҳид буд, дар кори мулк ҳеҷ муҳобо накардӣ ва пайваста халифаро итоат намудӣ. Ва дар умри хеш як соат бар халифа осӣ нашудӣ ва фармони ӯро бағоят устувор доштӣ.

Ва амир Исмоил бемор шуду муддате бемор буд. Ва ранҷи ӯ бештар аз рутубат буд. Атиббо гуфтанд: «Ҳавои Ҷӯи Мӯлиён тар аст». Ӯро ба деҳаи Размоз бурданд, ки аз хоссаи мулки ӯ буд. Ва гуфтанд: «Он ҳаво ӯро мувофиқтар бошад». Ва амир он деҳаро дӯст доштӣ ва ба ҳар вақт он ҷо рафтӣ ба шикор. Ва он ҷо боғе сохта буд. Ва муддате он ҷо бемор буд, то вафот ёфт. Ӯ ҳам дар он боғ буд ба зери гавзбуни бузург (25) дар понздаҳуми моҳи сафар ба соли дувисту наваду панҷ (295/907). Ва вай бист сол амири Хуросон буд ва муддати ҳукумати ӯ сӣ сол буд. Худои таоло бар вай раҳмат кунод, ки дар айёми вай Бухоро дорулмулк шуд. Ва ҳама амирони Оли Сомон ҳазрати хеш ба Бухоро доштанд. Ва ҳеҷ аз амирони Хуросон ба Бухоро мақом накарданд пеш аз вай. Ва вай ба Бухоро мақом доштан муборак доштӣ. Ва дили вай ба ҳеҷ вилоят наёромидӣ, ҷуз ба Бухоро. (Ва ҳар куҷо будӣ, гуфтӣ: «Шаҳри мо чунину чунин», яъне Бухоро. Ва баъд аз вафоти вай писари ӯ ба ҷои ӯ нишасту ӯро лақаб «амири мозӣ» карданд.

PDF Compressor Free Version



## (ЗИКРИ ВИЛОЯТИ) АМИРИ ШАҲИД АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Амири Хуросон шуд ва ӯро «амири шаҳид» хонанд. Ӯ ба сирати падари хеш мерафту адл мекард ва инсофи раият ба тамомӣ дод. Ва раоё дар роҳату осоиш мебуданд. Ва аз он ҷо ба Хуросон рафт ва мамлакати хешро мутолаа мекард ва Систон бигушод. Ва ба рӯзгори амири мозӣ Систон ба номи ӯ буд. Ва аз он ҷо ба Бухоро омад. Ва ӯ шикор дӯст доштӣ ва ба шикор рафта буд ба лаби Ҷайҳун ва саропарда зад. Чун аз шикор бозомад, қосиде омад ва нома овард аз Абулаббос — амири Табаристон. Нома бархонд. Навишта буд, ки Ҳусайн ибни Ало хуруҷ кард ва бештар аз вилояти Гургону Табаристон гирифт ва маро ба зарурат мебояд гурехт. Амир дилтанг шуду бағоят ғамнок шуд ва дуо карду гуфт: «Бор худоё, агар ин мулк аз ман хоҳад рафтан, маро марг деҳ». Ва ба саропарда даромад.

Расм он буд, ки яке шер доштӣ. Ҳар шабе бар дари он хона, ки вай хуфтӣ, ба занҷир барбастандӣ, то ҳар кӣ хостӣ, ки бар ин хона дарояд, он шер вайро ҳалок кардӣ. Он шаб чун дилтанг буд, хоссагон ҳама дилмашғул буданд. Фаромӯш карданд шерро. Ӯ бихуфт. Ҷамоате аз ғуломони амир даромадаанду сарашро бибуриданд, дар панҷшанбеи ёздаҳуми ҷумодиюлохир, дар соли сесаду як (301/914) аз ҳиҷрат. Ва ӯро ба Бухоро оварданд ва дар гӯрхонаи Навканда ниҳоданд. Ва ӯро «амири шаҳид» лақаб карданд.

Ва Абулҳасанро тӯҳмат ниҳоданд, ки ӯ гумошта аст. Ва ӯро ба Бухоро оварданду бар дор карданд. Ва он ғуломон(ро), ки кушта буданд, баъзеро ёфтанду бикуштанд ва баъзе ба Туркистон бигрехтанд. Ва муддати вилоятӣ ӯ шаш солу чаҳор моҳ буду панҷ рӯз.

PDF Compressor Free Version

# (ЗИКРИ ВИЛОЯТИ) АМИРИ САЪИД АБУЛҲАСАН НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ (РАҲИМАҲУЛЛОҲ)

Чун аз дафни амири шаҳид фориғ шуданд, писари ӯ Насрро «саъид» лақаб карданд. Ва вай ҳаштсола буд ва ваворати ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ гирифт. Ва сипаҳсолор (Ҳамуя) ибни Алӣ шуд. Ва ӯро соҳибвуҷуди Хуросон хонданд. Ва кори амири саъид ба аввал заиф буду ба ҳар ҷой фитна падид омадӣ. Ва амми падари вай—Исҳоқ ибни Аҳмад ба Самарқанд байъат хост. Ва аҳли Самарқанд бо вай байъат карданд. Ва писари ӯ —Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ба Нишобур хуруҷ кард ва баъзе аз шаҳрҳои Хуросон бигирифт. Ва кори Исҳоқ ибни Аҳмад ба Самарқанд қавӣ шуд. Амири саъид сипаҳсолори худ Ҳамуя ибни Алиро фиристод ба ҳарб. Исҳоқ ба ҳазимат шуду лашкар ба Самарқанд даромад. Исҳоқ дигарбора хештан рост карду аҳли Самарқанд бо вай берун омаданд ва бо Ҳамуя, ҳарб карданд ва аҳли Самарқанд ба ҳазимат шуданд. Ва Исҳоқ ибни Аҳмад бори сеюм берун омад ва ин бор гирифтор шуд. Ва писари вай—Мансур ибни Исҳоқ ба Нишобур бимурд. Ва ҳамаи Хуросону Мовароуннаҳр бар амири саъид софӣ шуд. Ва дар Форсу Кирмону Табаристону Гургону Ироқ хутба ба номи ӯ гуфтанд.

**Ҳикоят:** Ба таърихи соли сездаҳум (26) амири саъид аз Бухоро ба Нишобур рафту ба Бухоро халифае монд яке аз тавобеи хешро, номи ӯ—Абулаббос Аҳмад ибни Яҳё ибни Асади Сомонӣ. Бад-ин таърих дар маҳаллаи Гардункашон оташ афтод. Ва оташе чунон азим, ки мардумони Самарқанд бидиданд (он) оташро. Ва аҳли Бухоро гуфтанд: «Он оташ аз осмон омад». Ва ин маҳалла ҳама бисӯхт, чунон ки фурӯ нишондан мутааззир шуд.

Алқисса, бародарони дигари вай хуруҷ карданду бисёр фитна ангехтанд. Ва оқибат Абӯзакариё, ки асли фитна буд, бигрехт бо мардуми андак ва бебаргу бенаво ба Хуросон рафт ва бародарони дигар амон хостанд. Амири саъид

PDF Compressor Free Version

эшонро амон доду ба наздики хеш овард, то он фитна биёромид.

**Ҳикоят:** Ҳам ба рӯзгори амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил дар моҳи раҷаби сол бар сесаду бисту панҷ (325/937), дар Бухоро оташ афтоду ҷумлаи бозорҳо бисӯхт ва оғози он аз дӯкони ҳарисапазӣ буд ба дарвозаи Самарқанд, ки хокистар аз зери деги ҳариса бардошту ба бом баровард. Ва бар боми ӯ моғоке буд, то оканда шавад. Порае оташ дар миёни хокистар буд, вай надониста буд. Бод бурду он оташ бар тавора зад ва он тавора даргирифт ва аз он ҷумла бозорҳо даргирифту маҳаллаи Дарвозаи Самарқанд ҷумла бисӯхт. Ва оташ бар ҳаво чун абр ҳамерафту Кӯи Бакор ва тимчаҳои бозор ва мадрасаи Форҷаку тими кафшгарон ва бозори саррофону баззозон ва он чи дар Бухоро буд бад-ин ҷониб, ҳама бисӯхт то ба лаби рӯд. Ва порае оташ биҷасту масҷиди Моҳ даргирифт ва тамом бисӯхт. Ва ду шабонарӯз месӯхт ва аҳли Бухоро дар он оҷиз шуданду бисёр ранҷ диданд, то рӯзи саввум бикуштанд. Ва як моҳ он чӯбҳо ба зери хок месӯхт ва зиёда аз сад ҳазор дирам аҳли Бухороро зиён шуд. Ва ҳаргиз иморатҳои Бухоро мисли он натавонистанд кардан.

Ва амири саъидро сиву як сол мулк буд. Ва подшоҳи одил буд. Ва ӯ аз падари хеш одилтар буд. Ва шамоили ӯ бисёр будааст, ки агар ҳамаро ёд кунем, дароз гардад. Ва чун аз дунё бирафт, писари ӯ—Нӯҳ ибни Наср ба мулк биншаст.

## (ЗИКРИ ВИЛОЯТИ) АМИРИ ҲАМИД АБУМУҲАММАД НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Амири ҳамид ба мулк биншаст ба аввали шаъбони сол бар сесаду сиву як (331/943) Абӯзар вазири ӯ шуд. Ва вай қозии Бухоро буд. Ва ба рӯзгори вай касе аз вай фақеҳтар набуд. Ва «Мухтасари кофӣ» таснифи ӯ буд. Ва чун амири саъид вафот ёфт, ҳар касе ҷое қарор карданд. Амири

PDF Compressor Free Version

ҳамид аз Бухоро берун омаду ба Нишобур рафт. Ва Абӯалии Исфаҳонӣ амири Нишобур буд. Бифиристод, то ӯро бигирифтанд. Ва вилоятҳо софӣ кард ва мухолифонро пароканда кард. Ва Нишобурро ба Иброҳими Симҷур дод. Абӯалии Исфаҳонӣ бо хеш гуфт, ки ман мулк бо вай рост кардам, вай вилоят ба дигаре дод. Абӯалии Исфаҳонӣ мар Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомониро гуфт: «Ба Бухоро рав ва мулк бигир. Чун ман бо ту бошам, амир бо ту муқобала натавонад кардан». Абӯисҳоқ лашкар бикашиду хилоф зоҳир кард. Амири ҳамид аз Нишобур бозгашт. Абӯисҳоқ қасди ӯ кард ва миёни эшон ҳарб афтод ва амири ҳамид дар ҳазимат шуд ва то Бухоро биёмад. Ва Абӯисҳоқ—амми вай бар асари вай ба Бухоро биёмаду дар ҷумодиюлохир ба соли сесаду сиву панҷ (335/947) бо вай ҳамаи аҳли Бухоро байъат карданд ва бар ҳама минбарҳои Бухоро хутба ба номи Абӯисҳоқ хонданд. Ва баъд аз муддате ӯро маълум шуд, ки лашкари вай бо вай дил бад карданд ва бо амири ҳамид рост шудаанд ва қасди он доранд, ки ӯро бикушанд. Аз Бухоро бозгашту ба Чағониён рафт. Ва амири ҳамид сипаҳсолорӣ Мансури Қаротегинро дод ва ба Марв фиристод. Ва Алӣ ибни Муҳаммади Қазвиниро бигирифту банд кард ва ба Бухоро фиристод ва он фитнаро фурӯ нишонд.

Ва амири ҳамидро дар муддати мулки худ бо ҳар касе аз толибони мулки хеш ҳарбҳои бисёр афтод. Ва ба таърихи сесаду чиҳилу як (341/952—953) вилоятҳо бар амири ҳамид софӣ шуд. Ва амири ҳамид аз дунё бирафт дар моҳи рабиъулохири сесаду чиҳилу се (343/954). Ва муддати мулки ӯ дувоздаҳ сол буд.

Ва Аҳмад (ибни Муҳаммад) ибни Наср гӯяд, ки Муҳаммад (ибни) Ҷаъфари Наршахӣ ин китоб ба номи ӯ кардааст ба аввали (аҳди вай) дар соли сесаду сиву ду (332/943—944). Ва он чӣ дар аҳди амири ҳамид будааст, ба тамомӣ дар китоби хеш ёд накардааст. Ва ҳамчунин он чӣ баъд аз амири (ҳамид) моро дуруст шудааст аз ҳоли умарои Сомонӣ. Ба тавфиқи Оллоҳу таоло.

PDF Compressor Free Version


## (ЗИКРИ ВИЛОЯТИ) АМИРИ РАШИД АБУЛФАВОРИС АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ, РАҲИМАҲУМУЛЛОҲУ ТАОЛО

Чун амири ҳамид аз дунё бирафт, ба амири рашид байъат карданд. Ва вай даҳсола буд, ки ба мулк бинишаст. Ва чун хабари вафоти амири ҳамид ба вилоятҳо бирасид, ҳар касе ба вилояте тамаъ карданд. Ашъас ибни Муҳаммад ибни Муҳаммадро ба Хуросон фиристода буд. Ва ӯро ба Ҳариву Исфаҳон ҳарбҳои бисёр афтод ва вилоятҳо софӣ кард. Ва ҳанӯз дар он кор мебуд ва ҳарб мекард, ки амири рашид аз асб биафтод ва ҳам дар он шаб вафот ёфт. Ва он шаби чаҳоршанбе буд ва ҳашт рӯз аз моҳи шаввол гузашта буд ба соли сесаду панҷоҳ (350/961). Ва муддати мулки ӯ ҳафт сол буд. Ва чун ӯро дафн карданд, лашкар бишӯриданду хилоф карданд. Ва ҳар касе тамаи мулк карданд ва фитнаҳо зоҳир шуд.

## (ЗИКРИ ВИЛОЯТИ) МАЛИК МУЗАФФАР АБӮСОЛЕҲ МАНСУР ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Амири садид ба мулк биншаст ва лашкар бо вай байъат карданд. Ва иттифоқ падид омад баъд аз ихтилофи бисёр. Ва байъати ӯ рӯзи одина буд нуздаҳуми моҳи шаввол ба соли сесаду панҷоҳ (350/961). Ва сипаҳсолор Албтекин дар Нишобур буд. Чун хабари вафоти амири рашид ба ӯ расид, қасди ҳазрат кард, то амири садидро бигирад. Ва амири садид лашкар фиристод. Ва чун ба Ҷайҳун расид, хост, ки бигзарад, натвонист гузаштан аз он, ки лашкари бисёр омада буд. Хост, ки бозгардад ва ба Нишобур равад — бо вилояти худ. Амири садид нома кард ба Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ба Нишобур, то ӯро нагзорад, ки ба Нишобур дарояд. Албтекин хабар ёфт. Донист, ки ба Нишобур натвонад рафтан. Ҳамчунон аз оби Ҷайҳун бигзашту ба Балх рафт ва Балхро бигрифту хилоф зоҳир кард.

PDF Compressor Free Version

Амири садид Ашъас ибни Муҳаммадро фиристод ва бо Албтекин ҳарбҳо кард ва ба охир Албтекинро аз Балх берун кард. Албтекин ба Ғазна рафт. Ашъас ибни Муҳаммад бар асари вай ба Ғазна рафт. Ва он ҷо низ ҳарбҳо карданд. Ва дигар бор Албтекин аз пеши вай ба ҳазимат шуд ва боз ба Балх гурехт. Ва боз амири садид ӯро амон дод. Баъд аз хилофу ҳарби бисёр ба хидмат омад. Ва дар ин айём амири садид лашкарҳои бисёр ба вилоятҳо фиристоду мамлакат софӣ кард ва беш дар вилоят мунозеъ намонд. Ва вилояти Дайламон бигирифту бо дайламон сулҳ кард, бад-он-к ҳар сол саду панҷоҳ ҳазор дирами нишобурӣ бидиҳанд. Ва амири садид аз дунё бирафт дар рӯзи якшанбе, шонздаҳуми моҳи муҳаррам ба соли сесаду шасту панҷ (365/975). Ва муддати мулки ӯ понздаҳ солу панҷ моҳ буд. Валлоҳу аълам.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АМИРИ РАЗӢ АБУЛҚОСИМ НӮҲ ИБНИ МАНСУР ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Чун амири садид рӯзи якшанбе аз дунё бирафт, рӯзи душанбе писари вай ба мулк биншаст. Ва бо вай байъат карданд. Ва Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ вазир шуд ва боз ба сабаби пирӣ узр хост. Ва баъд аз вай ду-се рӯзи дигар шуд, он гоҳ амир Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Узайр (27) вазир шуду кори мулк боравнақ шуд. Ва Абулаббоси Тош, ки сипаҳсолори лашкар буд, маъзул шуд. Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим сипаҳсолор шуд. Абулаббоси Тош хилоф карду Нишобур бигрифт. Ва сипаҳсолор Абулҳасану писари вай Абӯалӣ ва Абулҳасан ал-Фоиқ ал-Хосса ба Нишобур рафтанд ва ӯро ҳазимат карданд ба соли сесаду ҳафтоду ҳафт (377/987—988). Ва Абулаббос аз Нишобур бигрехт. Ва ба Гургон гурехт. Алӣ ибни Ҳасан бо вай ёр шуду ба Гургон даровардаш. Ва чун сипаҳсолор Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим аз дунё бирафт ба охири зулқаъдаи соли сесаду ҳафтоду ҳашт (378/989) писари вай сипаҳсолор шуд. Ва баъд

PDF Compressor Free Version

аз вай амири рашид аз вай бокароҳият шуд ва ӯро маъзул кард. Ва сипаҳсолор Абулҳасан ал-Фоиқ ал-Хосса шуд ва ба Ҳарӣ рафт ва бо вай ҳарб кард. Ва Фоиқ ал-Хосса аз вай бигрехту ба Марв рафт ба таърихи зулҳиҷҷа андар соли сесаду ҳафтоду ҳашт (378/989) аз ҳиҷрат. Ва баъд аз вай Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ як солу нӯх моҳ волӣ буд. Бектузнён ӯро дар Сарахс банд карданд ва мулки Оли Сомон аз дасти эшон берун рафт, валлоҳу аълам.

PDF Compressor Free Version

# „Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ ила-л-Мағриб“

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

«Ҳудуд-ул-олам» аз муҳимтарин осори ҷуғрофии аҳди Сомониён аст, ки соли 982—983 ба забони порсии дарӣ таълиф шуда, муаллиф асари хешро ба амири Гӯзгон Абулҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад тақдим доштааст. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» маълум нест. Мустаршиқи шаҳири рус В. Ф. Минорский дар китобаш «Мулҳақот ба «Ҳудуд-ул-олам» (бо забони инглисӣ) ҳадс задааст, ки рисолаи мазкур ба Ибни Фариғун тааллуқ дорад.

Рисолаи мазкур тақрибан сад сол пеш ба муомилоти илмӣ ворид шудааст. Муҳаққиқи рус А. Г. Туманский дар ҷустуҷӯи «Усули Арбаа»-и Улуғбек тавассути яке аз дӯстонаш Мирзо Абулфазли Гулпойгонӣ соли 1892 маҷмӯаеро ба даст меоварад, ки шомили чаҳор рисола буд: «Рисола дар илми мусиқӣ»-и Муҳаммади Нишопурӣ, «Ҷомеъ-ул-олам»-и Фахриддини Розӣ, «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бикрон ва «Ҳудуд-ул-олам»- маҷҳул-муаллиф.

Соли 1893 А. Г. Туманский тавассути рӯзномаи «Окраина» аз бозёфти мазкур хонандагонро огоҳ намуда, пас аз се сол (19-уми апрели соли 1896) дар ҷаласаи бахши шарқии ҷамъияти бостоншиносони рус ахбороти муфассале ироа дошт.

Академик В. В. Бартольд соли 1930 бо сарсухани муфассал матни пурраи «Ҳудуд-ул-олам»-ро ба тарзи факсимиле ба табъ расонид. Соли 1935 Ҷалолиддини Теҳронӣ дар «Гоҳнома» «Ҳудуд-ул-олам»-ро нашр кард. Матни интиқодии ин рисола бо кӯшиши МанучеҳриСитуда соли 1962 дар Теҳрон ба дасти нашр расид. Соли 1963 олимони афғон дар Кобул факсимиле, сарсухани В. В. Бартольд, тавзеҳоти В. Ф. Минорскийро бо дебочаи Мирҳусайншоҳ чоп намуданд.

Соли 1937 В. Ф. Минорский «Ҳудуд-ул-олам»-ро ба забони инглисӣ тарҷума намуда, бо тавзеҳоти мабсути ҷуғрофию таърихӣ ба нашр расонид.

PDF Compressor Free Version

## СУХАН АНДАР НОҲИЯТИ ХУРОСОН ВА ШАҲРҲОИ ВАЙ

...Ва ин (Хуросон—тарт.) ноҳиятест бо ҳавои дуруст ва мардумон ботаркиби қавӣ ва тандуруст. Ва подшои Хуросон андар қадим ҷудо будӣ ва подшои Мовароуннаҳр ҷудо. Ва акнун ҳар ду якест ва мири Хуросон ба Бухоро нишинад ва аз Оли Сомон аст ва аз фарзандони Баҳроми Чӯбинанд. Ва эшонро Малики Машриқ хонанд. Ва андар ҳамаи Хуросон уммоли ӯ бошанд...

...Марв шаҳре бузург аст ва андар қадим нишасти мири Хуросон он ҷо будӣ ва акнун ба Бухоро нишинад. Ва ҷое бонеъмат аст ва хуррам ва ӯро қӯҳандиз аст ва онро Таҳмурас кардааст...

## СУХАН АНДАР НОҲИЯТИ МОВАРОУННАҲР ВА ШАҲРҲОИ ВАЙ

Ноҳиятест, ки ҳудуди машриқи вай ҳудуди Туббат аст ва ҷануби вай Хуросон аст ва ҳудуди Хуросон ва мағриби вай Ғуз аст ва ҳудуди Халлух ва шимолаш ҳам ҳудуди Халлух аст. Ва ин ноҳиятест азиму ободон ва бисёрнеъмат ва дари Туркистон ва ҷои бозаргонон. Ва мардумонеанд ҷангӣ ва ғозипешаву тирандоз ва покдин. Ва ин ноҳияте бо доду адл аст ва андар кӯҳҳои вай маъдани сим асту зар сахт бисёр, бо ҳама ҷавҳарҳои гудозанда, ки аз кӯҳ хезад, бо ҳама доруҳо, ки аз кӯҳ хезад, чун зогу заррниху гӯгирду навшодир.

БУХОРО — шаҳре бузург аст ва ободонтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр ва мустақарри Малики Машриқ аст. Ва ҷое намнок аст ва бисёр меваҳо ва бо обҳои равон. Ва мардумони вай тирандозанду ғозипеша ва аз ӯ бисоту

фаршу мусаллои намоз хезад неку ва пашмин. Ва шўра хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд. Ва ҳудуди Бухоро дувоздаҳ фарсанг андар дарвоза фарсанг (1) аст ва деворе ба гирди ин ҳама даркашида ба як пора ва ҳама работҳову деҳҳо аз андаруни ин девор аст.

МАЪКОН, ХУҶОДАК, ДАНДУНА, БУМИКАС, МАДЕМИҶКАС, ҶАЗҒАНКАС — шаҳракҳоеанд бо минбар аз ҳудуди Бухоро, ҷойҳое ободон ва бо кишту барзи бисёр.

ФАРАБ — шаҳракест бар лаби Ҷайҳун ва мир равад, он ҷо нишинад ва андар миёни биёбон аст.

БАИКАНД — шаҳракест, ўро миқдори ҳазор работ аст, заминаш дуруст аст ва андар вай гунбади гўрхонаҳост, ки аз Бухоро он ҷо баранд (2).

СУҒД — ноҳиятест, ки андар навоҳии Машриқ ҷое нест аз он хуррамтар бо обҳои равону дарахтони бисёр ва ҳавое дуруст ва мардумоне меҳмондору омезанда ва неъмате фароху ободон ва мардумони нарми диндор бисёранд.

ТАВОВИС — шаҳракест аз Бухоро бар сарҳади Суғд ва андар вай ҳар соле як рўз бозор аст, ки халқи бисёр андар вай гирд оянд.

КАРМИНА, ДАБУСӢ, РАБАНҶАН — шаҳракҳоеанд андар Суғд бар роҳи Самарқанд, ободону бо неъмат ва обҳои равону дарахтон.

КУШОНИ — ободонтарин шаҳрест андар Суғд.

АРМОН — аз Кушонист.

ИСТИХАН — ҷое хуррам аст ва ободон ва бо неъмати бисёр.

КУНҶКАС, ФАРНКАС (?) — ду шаҳр аст миёни рўд ва миёни Истихан ниҳода.

ДАРОН — шаҳре хуррам аст ва хурд аст ва аз Самарқанд аст.

САМАРҚАНД — шаҳре бузург аст ва ободон аст ва бо неъмати бисёр ва ҷои бозоргонони ҳама ҷаҳон аст ва ўро шаҳристон аст ва куҳандиз аст ва рабаз аст. Ва аз болои боми бозорашон яке ҷўи об равон аст аз арзир ва об аз кўҳ биёварда. Ва андар вай хонагоҳи Монавиён (3) аст ва эшонро «нағушок» хонанд. Ва аз вай коғаз хезад, ки ба

PDF Compressor Free Version


ҳама ҷаҳон бибаранд ва риштақанаб хезад. Ва рӯди Бухоро бар дари Самарқанд бигзарад.

**ВАРҒСАР, БУНҶИКАС** — ду шаҳраканд аз Самарқанд бар лаби рӯди Бухоро ниҳода ва қисматтоҳи об бад-ин Варғсар аст.

**КЕШ** — шаҳре гармсер аст ва андар вай борон бисёр ояд ва ӯро шаҳристону куҳандизу рабаз аст. Ва ӯро ду рӯд аст, ки бар дари шаҳр бигзарад ва андар киштҳои вай ба кор шавад. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани доруҳост ва аз ӯ астарони нек хезад ва тарангубин ва намаки сурх, ки ба ҳама ҷаҳон бибаранд.

**НАВҚАТИ ҚУРАЙШ** — шаҳракест бо кишту барзи бисёр.

**НАХШАБ** — шаҳрест бисёрнеъмат ва ободон ва бо кишту барзи бисёр. Ва ӯро як рӯд аст, ки андар миёни шаҳр бигзарад.

**СӮНАХ** — шаҳракест аз Нахшаб.

**САКИФАҒН** — шаҳракест бо кишту барзи бисёр.

**БАЗДА** — шаҳракест каммардум ва бисёркишту барз. Ва эшонро яке хушкрӯд аст, ки андар вай баъзе аз сол об равад ва бештари обашон аз чоҳҳо ва дӯлобҳост.

**КАСАБА** — ҷое бо кишту барзи бисёр аст.

**ТИРМИЗ** — шаҳрест хуррам ва бар лаби рӯди Ҷайҳун афтода. Ва ӯро куҳандизест бар лаби рӯд. Ва ин шаҳр боргаҳи Хатлону Чағониён аст ва аз вай собуни нек ва бӯрёи сабз ва бодбезан хезад.

**ҲОШИМГИРД** — шаҳракест бо гӯспанду чаҳорпои бисёр.

**ҶАРМАНКОН** — шаҳракест бо кишту барз ва обҳои равон.

**ЧАҒОНИЁН** — ноҳиятест вайрон ва ноҳияте бузург аст ва бисёркишту барз ва бараигароне коҳил ва ҷои дарвешон, валекин бо неъмати бисёр аст. Ва мардумоне ҷангиву диловар. Ва ин ноҳият ҳавое хуш дорад ва замине дуруст ва обе гуворанда. Ва аз вай асб хезад андак ва ҷомаи пашмину палос ва заъфарон бисёр хезад. Ва подшо-

ҳи ин ноҳият аз мулуки атроф аст ва ӯро «амири Чағониён» гӯянд.

ДОРЗАНГӢ — шаҳракест аз гирди ӯ хандақ аст ва аз ҳудуди Чағониён аст. Ва аз вай пойтоба хезад ва гилемина ва бисоти пашмин.

ЧАҒОНИЁН — шаҳрест бузург ба барокӯҳ ниҳода ва қасабаи ин ноҳият аст, ҷое бо обҳои равон ва ҳавое хуш ва мардумоне дарвеш.

БОСАНД — шаҳракест бо мардуми бисёр бар роҳи Бухорову Самарқанд, ҷое устувор ва мардумоне ҷангӣ.

ЗАЙНУР — шаҳракест бо кишту барзи бисёр ва каммардум.

ЙӮЖОН — шаҳракест ва андар вай ҳисорест сахт устувор.

Д.К.Р. (4) шаҳракест ба наздики рӯди Ниҳом ниҳодааст ва ҳавое хуш ва (неъмати) бисёр.

ҲАМВОРОН — шаҳракест ба наздики рӯди Касавон ниҳодааст ва мардум андаканд.

ШУМОН — шаҳрест устувор ва ба барокӯҳ ниҳода ва гирди ӯ борае кашида. Ва ӯро куҳандизест бар сари кӯҳ ниҳода. Ва андар миёни куҳандиз чашмаи об аст бузург, аз вай заъфарон хезад бисёр.

АФРИЗОН — шаҳрест каммардум ва андар миёни кӯҳ ниҳода.

ВИШКИРД — шаҳрест устувор, андар миёни кӯҳу саҳро ниҳода бар ҳадди миёни Чағониёну Хатлон. Ва андар вай доим бод ояд ва турбати Шамси Балхӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, он ҷост. Ва аз вай заъфарон бисёр хезад.

СУРӮШАНА — ноҳиятест бузургу ободон ва бо неъмати бисёр. Ва ӯро шаҳру рустоҳои бисёр ва аз вай набид бисёр хезад. Ва аз кӯҳҳои вай оҳан хезад.

ЗОМИН — шаҳрест бар роҳи Хуҷанду Фарғона ва аз Сурӯшана аст. Ва андар вай ҳисорест маҳкам, ҷое бо кишту барзи бисёр.

ЧАРҚОН — шаҳракест ҳам аз Сурӯшана, ҷое ободон.

ДИЗАК — шаҳракест андар вай оби равон аст ва ба наздики ӯ ҷоест Марсманда хонанд. Ва он ҷо дар ҳар со-

PDF Compressor Free Version


ле як рӯз бозор бувад, ки гӯянд он рӯз дар он бозор афзун аз сад ҳазор динор бозаргонӣ кунанд.

НАВИНҶКАС — қасабаи Сурӯшана аст ва мустақарри мири ин ноҳият аст ва ҷое бисёрмардум ва ободон ва бо неъмати бисёру обҳои равон.

ФАҒКАС, ҒАРАҚ, СОБОТ, КУРКАС — шаҳракҳоеанд аз ҳудуди Сурӯшана бо кишту барз ва мардуми бисёр.

БУТАМОН — ноҳиятест андар кӯҳҳову шикастагиҳо аз ҳудуди Сурӯшана. Ва ӯро се ҳад аст: Бутамони андарунӣ ва Бутамони миёна ва Бутамони берунӣ. Ва ин ноҳиятест бо кишту барзи бисёр ва ҷои дарвешон ва андар вай деҳҳову рустоҳои бисёр аст. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани навшодир аст бисёр.

БАРҒАР — ноҳиятест аз Бутамони миёна ва дарёжа андар вай аст ва рӯди Бухоро аз ин дарёжа равад. Ва андар вай обҳо дарафтад аз Бутамони миёна.

ХУҶАНД — шаҳрест ва он қасабаи он ноҳият аст ва бо кишту барзи бисёр аст. Ва мардумоне бамурувват ва аз вай анор хезад.

ФАРҒОНА — ноҳиятест ободон ва бузург (ва бо) неъматҳои бисёр. Ва андар вай кӯҳ бисёр ва дашт ва шаҳрҳо ва обҳои равон. Ва дари Туркистон аст ва он ҷо бардаи бисёр афтад турк. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани зару сим аст бисёр ва маъдани мису сурбу навшодиру симобу чароғсангу санги пойзаҳру санги миғнотису доруҳои бисёр аст. Ва аз ӯ табархун хезад ва гиёҳҳое, ки андар доруҳои аҷаб ба кор шавад. Ва мулуки Фарғона андар қадим аз мулуки атроф будандӣ ва эшонро деҳқон хондандӣ.

ҶАЗҒАЛ — ноҳиятест аз Фарғона ва андар миёни кӯҳҳову шикастагиҳо ниҳода. Ва андар вай шаҳракҳост ва деҳҳои бисёр. Ва аз вай асб хезад. Ва андар вай маъданҳост. Ва аз вай гӯспанди бисёр хезад.

АХСИКАС — қасабаи Фарғона аст ва мустақарри амир аст ва уммол ва шаҳре бузург аст бар лаби рӯди Хашарт ниҳода ва бар доманаи кӯҳ. Ва андар кӯҳи вай маъдани симу зар бисёр аст, мардумоне набидхораанд.

ВОТКАС — ҳаддест миёни Хуҷанду Фарғона ва шаҳракест бо кишту барзи бисёр.

БИТМУХ — шаҳракест, ки аз вай симоб хезад.

ТАМОХУС, НОМАКОХУС — ду шаҳрак аст ба барокӯҳ ниҳода.

СӮХ — андар кӯҳ аст бар ҳадди миёни Бутамону Фарғона ва ӯро шаст деҳ аст.

АВОЛ — ба барокӯҳ аст ва ӯро деҳҳост.

БАҒАСКАН — (?) аз Авол аст.

ХАВОКАНД, РИШТОН, ЗАНДАРОМИШ — шаҳракҳоеанд анбӯҳ, бо кишту барзи бисёр.

ҚУБО — шаҳрест бузург ва хуррамтарин шаҳрест андар ноҳияти Фарғона.

ӮШ — ҷое ободон аст ва бисёрнеъмат ва мардумоне ҷангӣ ва ба барокӯҳ ниҳодааст. Ва бар ин кӯҳ посбон аст ва дидбон аст, ки кофири туркро нигоҳ дорад.

ӮРАШТ, ХИРСОБ — ду шаҳраканд бо обҳои равон ва гушодагӣ ва неъмати бисёр ва ҳавои дуруст.

ӮЗКАНД — шаҳрест бар ҳадди миёни Фарғона ва Турк. Ва бар каронаи вай ду рӯд бигзарад: якеро рӯди Табоғар хонанд, аз Туббат равад ва дигарро Барасхон хонанд, ки аз Халлух равад.

ХАТЛОМ — шаҳракест мавлуди Наср ибни Аҳмад-мири Хуросон-андар вай будааст.

КАШӮКАС, ПОБ — ду шаҳраканд ободон ва бо кишту барзи бисёр аст ва ин ҳама шаҳрҳо аз ноҳияти Фарғона аст.

БУШТ, КАЛАСКОН, ЯВКАНД, КӮКАС, ХУШКОБ — шаҳракҳоеанд ба якдигар наздик ва бо кишту барзи бисёр ва мардумоне дарвеш.

ШАЛОТ — сағре аст бар рӯи турк ниҳода.

ЭЛОҚ — ноҳиятест бузург андар миёни кӯҳу саҳро ниҳода ва мардуми бисёр ва бо кишту барз ва ободон ва мардумоне камхоста. Ва андар вай шаҳрҳову рустоҳо бисёр ва мардуми рустопеша, кеши сапедҷомагон доранд. Ва мардумонеанд ҷангиву шӯхрӯй. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани симу зар аст ва ҳудудаш ба Фарғонаву Ҷадғалу

PDF Compressor Free Version

Чоч ва рӯди Хашарт пайваста аст. Ва меҳтарони ин ноҳиятро деҳқони Элоқ хонанд. Ва андар қадим деҳқон ин ноҳиятро аз мулуки атроф будандӣ.

НАВКАС —қасабаи Элоқ аст ва ӯро шаҳристонест ва куҳандиз аст ва рабаз аст. Ва эшонро рӯдест, Элоқ хонанд ва ин Навкас бар лаби ӯ ниҳодааст.

КӮҲСИМ — шаҳракест ба барокӯҳ ва андар кӯҳи вай маъдани сим аст.

ЗАХКАС — шаҳракест, ки аз кӯҳи вай доруи муш хезад.

ЯҲУДЛИҒ, АБАРЛИҒ (?), ЭТЛУХ, АЛХИНҶОС — шаҳракҳоеанд бар ҳадди Фарғонаву Элоқ.

СОМИИ САБРАК — шаҳракест хуррамӯ ободон.

БАРФАКСУМ, ҲИНАҲ, ХОС — шаҳракҳоеанд бо кишту барзи бисёр ва андакмардум.

ҒУЗҶАНД — шаҳраке хуррам аст ва бонеъмат.

ТАКАС — шаҳракест бо хостаи бисёр.

КАЛАШҶАК, ХАМБАРАК, АРДАЛОНКАС, СИТАБҒАВО, (Ҳ.Н.О.Ҳ) (5) — шаҳракҳоеанд ба якдигар наздик ва ободон ва бо кишту барзи бисёр ва обҳои равон. Ардалонкас қасабаи ин шаҳракҳост.

КИРОЛ, ҒАЗАК, ХАЙВОЛ, ВАРЗУЛ, ҚАВРМИ, БАҒУРОНК (?) — шаҳракҳоеанд хурд, бо кишту барзи бисёр. Ва аз ин ҷо асб хезад. Ва ба якдигар наздиканд.

АБРАДКАС, БАҒУЙКАС, ФАРНКАС — шаҳракҳоеанд хурду ободон ва бонеъмат ва ба якдигар наздик.

ҶАБГУКАС — шаҳраке хуррам аст ва лашкаргоҳи Чоч будӣ андар қадим.

ШАНОКАБ, Н(?) ОНҶИВАС — ду шаҳрак аст хуррамӯ ободон ва аз Элоқ аст.

ТУНГАТИ БУХОРНӨН — қасабае аст ва ӯро ноҳиятҳост миёни Элоқу Ҷадғалу Чоч ва андар вай обҳои равон аст ва ҷои бозаргонон аст.

ЕЛОПОН — шаҳракест аз вай то лаби рӯди Парак фарсангест ва андар вай сарои дирам задан аст.

ЧОЧ — ноҳиятест бузургу ободон ва мардумоне ғозипешаву ҷангҷӯн ва тавангар ва бисёрнеъмат. Ва аз вай

PDF Compressor Free Version

камону тири ханданг ва чӯби халанҷ бисёр афтад ва мулуки вай андар қадим аз мулуки атроф будандӣ.

БАЙКАС — қасабаи Чоч аст ва шаҳре бузург аст ва ободону хуррам ва мустақарри султон андар вай аст.

НАВИЧКАС — шаҳракест, ки киштибонон, ки андар рӯди Парак ва рӯди Хашарт кор кунанд, аз он ҷо бошанд (6).

КАРҶОКАС, ТАРКӮС, ХОТУНКАС, ДИМҒОНКАС — ду шаҳрак аст хурду ободон ва боргоҳи Суғду Самарқанд аст ва они Фарғонаву Элоқ аст (5).

БАНОКАС — шаҳракест ба лаби рӯди Хашарт, хурраму ободон.

ҲАРСАНКАС, ҲАРАҲКАС, ШУТУРКАС, САБКАС, ҲОКАС, КАСКАРОЛ— шаҳракҳоеанд аз Чоч ва аз эшон камонҳои чочӣ хезад ва ҷое хуррам аст ва бисёрнеъмату ободон.

ИСБИҶОБ — ноҳиятест бар сарҳадди миёни мусалмонону кофирон, ҷое бузург асту ободон, бар сарҳади Туркистон аст. Ва ҳар чизе, ки аз ҳама Туркистон хезад, он ҷо афтад ва андар вай шаҳрҳову ноҳиятҳову рустоҳо бисёр аст. Ва аз вай намад хезад ва гӯспанд. Ва қасабаи ин ноҳият шаҳрест, ки Исбиҷоб хонанд. Шаҳре бузург аст ва бо неъмати бисёр ва ҷои султон аст ва бо хостаи бисёр аст. Ва маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст.

СОНИКАС — шаҳрест хурраму бонеъмат ва тавангар.

НАДАҲКАС — шаҳракест хурраму бо неъмати бисёр.

СУТКАНД — ҷое бонеъмат аст ва бар лаби рӯд ниҳода. Ва мардумоне ҷангианд ва андар вай ҷои туркони оштист ва аз қабилаҳои эшон бисёр мусалмон шудааст.

ПОРОБ — ноҳиятест бонеъмат ва қасабаи ӯро Кадир хонанд ва мардумонеанд ҷангиву диловар ва ҷои бозаргонон аст.

Ва миёни Исбиҷобу лаби рӯд гиёх(в)ор ҳама Исбиҷоб аст ва баъзе аз Чочу Пороб ва Канҷада. Ва андар вай ҳазор хиргоҳ аст аз они туркони оштӣ, ки мусалмон гаштаанд.

PDF Compressor Free Version


САХАРОН — шаҳрест бо неъмати бисёр ва ҷои бозаргонони Ғуз аст.

ЗАРНӮХ — шаҳракест бар лаби рӯд ниҳода ва ободон ва мардуми андак.

СӮНОХ — шаҳракест аз Пороб ва бисёрнеъмат ва аз вай камониҳои нек хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд.

ШИЛҶӢ, ТАРОР, МАКОНКАС, ФУРУНКАС, МАРКИ, НАВЕКАС — шаҳракҳоест,ки андар вай мусалмонону туркон нанд. Ва ҷои бозаргонон аст. Ва дар Халлух ва дар Афрункасу Маркиву Навикас туркон бисёранд.

## СУХАН АНДАР НОҲИЯТИ ҲУДУДИ МОВАРОУННАҲР ВА ШАҲРҲОИ ВАЙ

Ҳудуди Мовароуннахр ноҳиятест паронканда, баъзе бар машриқи Мовароуннахр аст ва баъзе бар мағриби вай аст, аммо он-к андар машриқи Мовароуннаҳр аст, машриқи вай ҳудуди Туббат аст ва Ҳиндустон ва ҷануби вай ҳудуди Хуросон аст ва мағриби вай ҳудуди Чағониён аст ва шимоли вай ҳудуди Сурӯшана аст аз Мовароуннахр.

ХАТЛОН—ноҳиятест андар миёни кӯҳҳо, бузургу ободон ва бисёркишту бисёрмардум ва неъматҳои фарох ва лодшойи вай аз мулуки атроф аст. Ва мардумони ин ноҳият мардумоне ҷанги анд ва андар ҳудуди вай аз сӯи Туббат мардумонеанд вахшӣ, андар биёбонҳо ва андар кӯҳҳои вай маъдани сим асту зар. Ва аз ин (ноҳият) асбони нек хезад бисёр.

ҲУЛМУК — қасабаи Хатлон аст ва мустақарри подшоҳ аст, шаҳрест ба барокӯҳ ниҳода, бисёрмардум бо рустоҳои бисёр.

НУЧОРО — шаҳрест устувор ва андар миёни ду рӯд ниҳода: яке Харноб ва дигар Ҷайҳун. Ва ӯро ноҳиятест то ба ҳудуди Бадахшон бикашад ва ӯро Рустобек хонанд. Шаҳрест аз як сӯй Ҷайҳун аст ва дигар сӯй кӯҳ, ҷое бисёрнеъмат аст ва боргоҳи Хатлон аст.

БОРҒАР — шаҳрест ободону бисёркишту барз ва бисёрмардум.

БОРСОРАҒ, МУНК, ТАМЛИЁТ — шаҳракҳоеанд хурд ва бисёрнеъмат ва ободон ва мардумони ҷангӣ.

ВАХШ — ноҳиятест ободон ва бар каронаи Вахшоб ниҳода.

ҲАЛОВАРД — қасабаи Вахш аст, шаҳрест бо кишту барз ва рустоҳои бисёр ва мардумони тирандозу ҷангӣ.

ЛИВКАНД — аз Вахш аст, ҷоест, ки аз вай гӯспанди вахшӣ хезад.

ЖОШТ — ноҳиятест андар кӯҳҳову шикастагиҳо ва андар миёни Бутамону Хатлон ниҳода бо рустоҳо ва кишту барзи бисёр. Ва меҳтарони ин ноҳиятро деҳқони Зошт хонанд.

Ва гурӯҳе мардумонанд, ки эшонро кумиҷиён хонанд ва андар ҳудуди Хатлону Чағониён нишастаанд. Мардумонеанд диловару ҷангӣ ва дуздпеша. Ва хостаи эшон гӯспанд аст ва барда. Ва эшонро деҳҳову рустоҳои бисёр аст ва ҳеҷ шаҳр нест. Ва аммо он-к андар ҳудуди Чағониёнанд, миёни Шумону Бишкард ноҳиятест, ки онро Сайлокон хонанд, он ҷо бошанд. Ва ин-к андар ҳудуди Хатлонанд, миёни Намлиёту (6). Мунк бошанд, миёни кӯҳу дашт нишаста, бо обҳои равон ва ҷои хуш. Ва ҳар гурӯҳе андар фармони амири ноҳияти хешанд. Ва амирони Хатлонро ва Чағониён чун бояд, аз эшон ёрӣ хоҳанд.

Туркони канҳина гурӯҳи мардумонанд андак ва андар кӯҳе, ки миёни Хатлону Чағониёнанд, андар дарае нишастаанд. Ва ҷое саҳт устувор аст. Ва ин мардумонеанд дуздпеша, корвоншикану шӯхрӯй ва андар он дуздӣ ҷавонмардпеша. Ва эшон то сӣ фарсангу чиҳил фарсанг аз гирди он ноҳияти хеш бираванд ба дуздӣ. Ва эшон бо амири Хатлон ва они Чағониён пайвастағӣ намоянд.

ДАРИ ТУББАТ — деҳест ва он ҷо дарест бар кӯҳ ниҳода ва он ҷо мусалмононанд, ки бож ситонанд ва роҳ нигоҳ доранд. Ва чун аз ин дар берун шавӣ, ба ҳудуди Вахон андар афтад.

PDF Compressor Free Version

РАХТИЧАБ — деҳест аз Вахон ва андар вай габракони вахианд.

СИКОШИМ — шаҳрест ва қасабаи ноҳият аз Вахон аст. Ва андар вай габраконанд ва мусалмонон ва малики Вахон он ҷо нишинад. Ва аз ҳудуди вай рӯи намадзин ва тири вахӣ хезад.

ХУМДОЗ — ҷоест, ки андар (ӯ) бутхонаҳои вахиён аст ва андар вай андаке туббатиёнанд. Ва бар дасти чапи ӯ ҳисорест, ки андар вай туббатиёнанд.

САНГЛАНҶ — бар доманаи кӯҳ аст ва маъдани беҷодаи бадахшӣ ва лаъл андар ин кӯҳ аст ва ба наздикии маъдан обест гарм ва истода, чунон-к даст аз гармӣ дар вай натвон кард ва аз маъдан то ба Туббат як рӯзу ним роҳ аст.

Ва аз он ҷо бигзарӣ, ноҳияте ояд, ӯро рустои Малҳам хонанд.

САМАРҚАНДОҚ — деҳест бузург ва андар вай ҳиндувонанд ва туббатиёнанд ва вахиёнанд ва мусалмононанд, сарҳад аст ва охири ҳудуди Мовароуннаҳр аст.

БУЛӮР — ноҳиятест азим ва ин ноҳиятро маликест ва чунин гӯяд, ки мо фарзанди офтобем ва то офтоб барнаёяд аз хоб барнахезад ва гӯяд, ки фарзанд набояд ки пеш аз падар бархезад ва онро Булӯриншоҳ хонанд ва андар ин ноҳият намак набувад магар он, ки аз Кашмир оранд.

АНДАРОС? — шаҳрест, ки андар вай туббатиёнанд ва ҳиндувон ва аз он ҷо то Кашмир дурӯза роҳ аст ва он хонаҳо, ки андар сурат миёни Рахзу Мултон аст, ҳама деҳҳост ва манзилҳои корвоне аст ва андар биёбон ҷойҳои бенеъмату тангалаф (7).

Ва аммо Хоразм он-к бар магриби Мовароуннаҳр аст, ҳудуди Хоразм аст.

КОЖ — қасабаи Хоразм аст ва дари Туркистони Ғуз аст ва боргоҳи туркон ва Туркистону Мовароуннаҳр аст ва Хазарон аст ва ҷои бозаргонон аст ва подшои вай аз мулуки атроф аст ва ӯро Хоразмшоҳ хонанд. Ва мардумони вай мардумони ғозипеша ва ҷангианд ва шаҳре бо

PDF Compressor Free Version



хостаи бисёр аст ва аз вай рӯи миҳадда ва қазоғанд ва карбос ва намад ва тарф ва раҳбин хезад.

ХУШМИЦ — шаҳракест ҷои бозаргонон ва хостаи бисёр аст.

НУЖОБОН — шаҳрест бо бора ва дарҳои оҳанин ва обҳои равон ва мардуми бисёр.

ГУРГОНҶ — шаҳрест, ки андар қадим он мулки Хоразмшоҳ будӣ ва акнун подшояш ҷудо аст ва подшои ӯро амири Гургонҷ хонанд ва шаҳрест бо хостаи бисёр ва дари Туркистон ва ҷои бозаргонон ва ин ду шаҳр аст: шаҳри андарунӣ ва шаҳри берунӣ ва мардумони вай маъруфанд ба ҷанг ва тирандозӣ.

КУРДНОЗХОС, БАЗМИНИЯ, ДЕҲИ ҚАРОТЕГИН — се шаҳраканд ва андар вай мардумоне андак ва ҷое бо кишту барз.

КУРДАР — шаҳракест бо мардуми бисёр ва кишт ва барз ва аз вай пӯсти барра бисёр хезад.

ХИВ — шаҳракест хурд бо бора ва аз Гургонҷ аст.

ҶАНД, ҶАВОРА, ДЕҲИ НАВ — се шаҳраканд бар каронаи руди Чоч ниҳода, аз Хоразм бар даҳ манзил ва аз Пороб бар бист манзил ва малики гузон ба зимистон бадин Деҳи Нав бошад.

PDF Compressor Free Version

# Таърихи Систон

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Китоби мазкур дар ҳудуди солҳои 1054—1325 ба забони форсй-тоҷикй таълиф шудааст. Унвони «Таърихи Систон» номест, ки аввалин тасҳеҳгарони матн ба ин китоб шартан нисбат додаанд, зеро дар нусахе, ки дар шакли ноқис то ба рӯзгори мо расида, ишорае ба номи китоб нарафтааст.
Мутаассифона, муаллифи ин асар низ муайян нест. «Таърихи Систон» бо ҳамду санои эзид оғоз ёфта, бидуни муаррифии соҳиби он матлаби аслй шурӯъ мешавад. Фузун бар ин, фасли аввали он ҳам унвоне надорад. Дар манобеъ ва махозизи дигар ҳам аз ин китоб ва муаллифони он мадорике ба чашм намерасад. Муҳаммадтақии Баҳор дар заминаи ахбори «Эҳё-ул-мулук» ва қиёсу муқобалаи он бо манобеи дигар ба занни қавй ҳадс задааст, ки Мавлоно Шамсиддин Муҳаммади Маволй ва Маҳмуд ибни Юсуфи Исфаҳонй ду муаллифи «Таърихи Систон» будаанд. Шак нест, ки дар асрҳои баъдина ин асар аз ҷониби муаллиф (ё муаллифони дигар) идома ва такмил ёфтааст, зеро сабки ибтидои китоб ва сабки интиҳои он дорои тафовути боризе мебошад. Бино бар ақидаи Муҳаммадтақии Баҳор Мавлоно Шамсиддин Муҳаммади Маволй қисмати аввали китобро то замони салтанати Тоҷуддин Абулфазл (448/1057) ба риштаи таҳрир кашидааст. Баъдан Маҳмуд ибни Юсуфи Исфаҳонй воқеоти марбут ба таърихи Систонро аз соли 465/1073 то соли 725/1325 ба таври мухтасар бар матни қадим афзудааст. Қадимтарин дастнависи «Таърихи Систон» нусхаи Теҳрон аст, ки ба нимаи аввали асри XV тааллуқ дошта, нусхаҳои дигар аз он истинсох шудаанд. Матни интиқодии «Таърихи Систон»-ро донишманди шаҳир Маликушшуаро Баҳор бо шарҳу ҳавошии мабсут соли 1935 дар Теҳрон ба табъ расонид.

PDF Compressor Free Version



## ОМАДАНИ МУҲАММАД ИБНИ ҲАЗИНИ ҚАВСӢ БА СИСТОН

Ва андар омад ба Систон даҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюл-аввали санаи ситта ва миатайн (206/821) ва бо мардумон некӯӣ кард ва зиёъ бисёр харид ва дили мардумон ба хештан кашид аз некӯӣ кардану гуфтан. Боз Тоҳир ибни Ҳусайн Систон (1) писари хешро дод Талҳа ибни Тоҳирро. Ва Талҳа Илёс ибни Асадро (2) ин ҷо фиристод.

## ОМАДАНИ ИЛЁС ИБНИ АСАД БА СИСТОН

Ва андар омад ба Систон рӯзи панҷшанбе даҳ рӯз монда аз сафар, санаи самон ва миатайн (208/823), андак рӯзгор буд, то боз Муаддал ибни Ҳазин ал-Қавсӣ (3) — бародари Муҳаммад ибни Ҳазин (4) ин ҷо омад аз ҷиҳати Талҳа (5) ба хилофати бародари хеш рӯзи панҷшанбе андар ҷумодиюлохири санаи самон ва миатайн (208/823) ва Илёс ибни Асад амал бад-ӯ таслим кард ва аз Дорулимора берун омад ва ба сарои ал-Ҳирас (6) ибн ал-Мусаннo (7) фуруд омад ва ҳамеша мардумонро бар Муаддал ибни Ҳазин шӯридагуна ҳамедошт ва мардумон бо Илёс сохтатар буданд.

## БАЙЪАТ КАРДАНИ ҲАЗИН ИБНИ ҲУСАЙН (8) АММИ АБДУЛЛОҲРО

Ва ӯ бо Азиз ибни Нӯҳ омада буд ва Муҳаммад ибни Аҳвас шуғл андар пеши ӯ ҳамеронд. Боз Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Аббос ибни Ҳошим ибни Абӯҳур ва Илёс ибни

PDF Compressor Free Version



Асадро ба ҳарби хаворич (9) фиристод ва моле азим бо эшон аз дираму динор, ки аз Систон ҳеч дахл намешуд. Ва Бӯавф (10) бо ёрон гурӯҳе сӯи Куркон (11) рафта буд. Илёс ибни Асад бо сипоҳ ба талаби ӯ шуд, ӯ ба роҳи биёбон берун омад, ба Чолиқ (12) фуруд омад. Ва хабар сӯи Ҳазин ибни Ҳусайн ибни Мусъаб расид ва ӯ андар сарои Муаддали Ҳазини Қавсӣ фуруд омада буд. Хост, ки бар Бӯавф тохтан кунад. Мардуми шаҳр ва сипоҳи ӯ ба тохтан рафтанд то таъбия карда (13) рӯзи одина ҳафдаҳ рӯз гузашта аз зулҳиччаи санаи ситта ашара ва миатайн (216/832). Пас роҳ миёни регҳо гум карданд ва рӯзе сармо сахт буд ва Бӯавф бо сипоҳ берун омад ва ҳарбе сахт бикарданд. Охир ҳама лашкар бар дасти хаворич кушта шуданд, илло андаке чадиданд. Ва Муҳаммад ибни Аҳвас ва Аҳмад ибни Амр ибни Муслим ал-Боҳилӣ ва Ваҳб ибни Ҳилол он рӯз кушта шуданд ва ба дари Каркӯй дафн карданд эшонро. Ба Бӯавф зи он чо ба Ук шуд ва хаворич бо ӯ чамъ шуданд. Чун Муҳаммад ибни Аҳвас кушта шуд, Ҳазин ибни Ҳусайн Илёсро бинистонид ба амали Систон ва Муҳаммади Зоҳирро бо сипоҳ ба талаби хаворич фиристод ва гурӯҳе андакро аз хаворич биёфтанд ва бикуштанд ва сарҳошон биёварданд ва ба Нишобур фиристоданд».

«Боз Илёси Асад фаро расид аз чиҳати Абдуллоҳ ибни Тоҳир бар ҳарб кардани хаворич ва ба сарои Абдуллоҳ ибни Қосим (14) фуруд омад ва аз Насри Сайёрӣ мол талаб кард ва ҳеч мол андар байтулмол намонда буд. Аз мардумони шаҳр моле биситад ва Илёс берун шуд ба ноҳияти Баскар ва Ук ба талаби хаворич ва хаворич рафта буданд сӯи Кирмон. Боз аҳди Убайдуллоҳ (15) ибни Тоҳир расид Насри Сайёрӣро бар Систон.

## ОМАДАНИ НАСРИ САЙЁРӢ БА СИСТОН

Ва Наср писари хешро — Сайёр ибни Насрро ба Буст фиристод. Ва марде бар вай берун омад ба Буст, номи вай Муҳаммад ибни Восил. Мардуми пароканда бар ӯ чамъ

PDF Compressor Free Version



шуд. Ва Сайёр зиштӣ кард бар мардумони Буст ва боз ба ҳарби Муҳаммад ибни Восил берун шуд ва ҳарб карданд ва ҳазимат бар Сайёр афтод ва Сайёрро асир гирифт Муҳаммад ибни Восил. Чун хабар ба Насри Сайёр расид, ки писарро гирифтанд ва ҳол бар ин ҷумла буд, Муҳаммад ибни Сайфи Торобиро он ҷо фиристод ва Бӯяъқуби Росбиро (16) ба расулӣ сӯи Муҳаммад ибни Восил. Чун Бӯяъқуб наздики ӯ шуд, Сайёрaро (17) халос кард ва худ ба нафси хеш бо Бӯяъқуб ба Систон омад сӯи Наср ибн Мансури Сайёрӣ. Чун биёмад ва пеши ӯ шуд, ӯро каромат кард ва бинавохт ва хилъат дод ва бозгардонид. Ва андар ин миёна нома расид сӯи Илёси Асад, ки фавҷи сайёр (18) ба Буст фиристод (19), то он марв (20) нигоҳ доранд аз хавориҷ. Илёс писари бародари хеш—Аҳмад ибни Умайра ибни Асадро бо гурӯҳе савораони нек он ҷо фиристод ва худ ба кӯи Синак фуруд омад. Чун Аҳмад ибни Умайра (21) ба Буст шуд, бо мардумон некӯӣ кард ва мардумон бо ӯ ором гирифтанд. Ва андар миёна Абдуллоҳ ибни Тоҳир Иброҳим ибни Ҳазинро халос кард аз қалъаи Ҳарӣ ва хилъат дод ва вилояти Ҳарӣ бад-ӯ дод. Боз Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома кард ва Илёс ибни Асадро аз Систон бозхонд...

...Ва Мӯътамид Исмоил ибни Исҳоқ ал-Қозиро ба расулӣ наздики Яъқуб фиристод дар санаи исно ва ситтина ва миатайн (262/875) ва Абдуллоҳ ибни ал-Восиқ омада буд наздики Яъқуб ва ӯро некӯ ҳамедошт, ҳам андар ин сол фармон ёфт ба сипоҳи Яъқуб андар. Ва Мӯътамид вилояти Мовароуннаҳр ҳам андар ин сол Наср ибни Аҳмад ибни Асод (22) ибни Сомон ас-Сомониро дод...

...Ва андар ин миёна Рофеъ ба Хуросон буд ва Бӯталҳа халифати Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс буд, қасди Рофеъ кард. Чун кор ба Рофеъ сахт шуд, ба Мовароуннаҳр шуд ва аз Наср ибни Аҳмад ёрӣ хост. Наср бародари хешро — Исмоил ибни Аҳмадро бо чаҳор ҳазор савор бо ӯ ба ёрӣ фиристод. Чун ду лашкар яке шуд, Бӯталҳа ба роҳи Систон (23) баргирифт...

...Пас Умар (24) Алӣ ибни Ҳасанро (25) ба Гургон фи-

PDF Compressor Free Version


ристод ва Муҳаммад ибни Шафҳурро (26) ба Марв ва Муҳаммад ибни Амри Хоразмӣ ба Нишопур наздики Амр омад. Пас аз он ки Рофеъро кушта буд, Амр ӯро хилъат дод ва ба Хоразм фиристод. Ва Ироқ ибни Мансур аз ҷиҳати Исмоил ибни Аҳмад ба Хоразм омада буд. Амр нома набишт сӯи Алӣ ибни Шарвин (27). Муҳаммад ибни Амр ба Хоразм худ бо сипоҳ, он ҷо бирафтанд ва ба ҷониби шарқии сӯи Бухоро фуруд омаданд. Ва гармое сахт буд, биёбон наёрастанд рафт. Он ҷо бибуданд, то ҳаво хуш шуд ва ба Ҷайҳун бигзаштанд, шаби одина салхи рабиюлохири санаи хамса ва самонина ва миатайн (285/898) ва Исмоил ибни Аҳмад аз Бухоро берун омад ва гуфт бор кард(.)д ва ҳарб на(.)ояд (28). Эшон бозгаштанд. Хабар ба Амр омад. Боз Муҳаммад ибни Башарро бо сипоҳе бисёр ба ёрии эшон фиристод, ки бо Исмоил ибни Аҳмад ҳарб бояд кард. Боз ҷамъ шуданд ва қасди Исмоил карданд. Ва Исмоил марде ғозӣ буд ва ҳама сипоҳи ӯ ҳамчунон мардумоне буданд, ки рӯзу шаб намозу дуо кардандӣ ва Қуръон хондандӣ. Ӯ низ қасди эшон кард ва ҳарбе сахт бикарданд. Ва Муҳаммад ибни Башар кушта шуд ва Алӣ ибни Шарвин ва гурӯҳе бузург асир монданд. Ва ин андар охири шаввоти санаи хамса ва самонина ва миатайн (285/898) буд. Чун хабар ба Амр расид, он ӯро бузург омад ва давлати дерина гашта ва сабабе ҳамебояст гашти (давлатро). Нанг дошт аз он ва ҳамийят ӯро бигирифт. Нома набишт сӯи Мӯътазид, вилояти Мовароуннаҳр бихост ва гуфт: «Агар ин шуғл маро диҳад ва бад-ин ризо дорад, ман Алавиро (29) аз Табаристон барканам ва агар надиҳад, ночор ман Исмоили Аҳмадро барканам»*. Ва ба наздикии Абдуллоҳ ибни Сулаймон андар ин боб навишт. Чун Абдуллоҳ (30) он нома бихонд, ӯ дӯсти Амр буд, гуфт: «Чӣ ҳоҷат аст он меҳтарро бад-ин ва ман донам, ки ин амирулмӯъмининро хуш наёяд». Бозгуфт андар маҷлиси Мӯътазид ва нома арза кард. Амирулмӯъминин сар фуруд афканд ва замоне бибуд. Боз сар баровард, гуфт: «Ҷавоб кун номаи Амр чунон ки дархостааст ва чунин донам, ки ҳалоки ӯ дар ин

* Ин ҷумла парешон аст.

PDF Compressor Free Version


аст ва наздики Исмоил ибни Аҳмад бинавис, ки мо дасти ту кӯтоҳ накардем з-он амал, ки карда будем, вассалом». Абдулло ибни Сулаймон номаи Амр ҷавоб кард, ки амирулмӯъминин он чӣ хоста будӣ, тамом кард, аммо хуш набуд андар он. Ва аҳду ливо бифиристод. Амр, чун нома бад-ӯ расид, сипоҳ ҷамъ кард, ки ба ҳарби Исмоил шавад ва Алӣ Ҳусайни Дирҳамро бар муқаддима бифиристод ва худ ба Гургон бибуд. Ва Муҳаммадони Ҳамдон ибни Абдуллоҳро (31) бифиристод ва ӯ волии Зобулистон буд. То ин буд, хабар омад, ки Носиди Ҳиндӣ ва Олмони Ҳиндӣ (32) ҳар ду шоҳ яке гаштанд ва ба Ғазнин омаданд ва (брд олӣ) (33), ки омили Амр буд, ӯро аз Ғазнин ҳазимат карданд. З-он тангдил шуд ва бирафт, то ба Балх расид. Ва Исмоил ибни Аҳмад андар Мовароуннаҳр мунодӣ кард, ки Амр омад,ки Мовароуннаҳр бигирад ва мардумон бикушад ва молҳо ғанимат кунад ва занону фарзандон барда кунад. Чун чунин буд, ҳар чи андар Мовароуннаҳр кас буд — мардони корӣ — ҳама бо ӯ бархостанд ва ба ҳарби Амр омаданд. Гуфтанд: «Ва мардӣ кушта шавем, беҳ аз он ки асир».

Амр ба Балх андар буд ва Исмоил ба дари Балх ва ҳарбҳои бисёр бикарданд. Боз Исмоил сари гурӯҳе аз сарҳангони Амр бигардонид ва эшонро аз худои таъоло битарсонид, ки мо мардумони ғозием ва моле надорем ва ин мард ҳаме дунё талаб кунад ва мо охират. Аз мо чӣ хоҳад? То охири рӯзе ҳарби саъб ҳамекарданд, боде даромад чун соиқа, ки рӯз шаб гашт ва лашкари Амр ҳазимат карданд. Ва Амр ҳаме ҳарб кард, то бигирифтандаш рӯзи сешанбе, як шаб монда аз рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900).

## МОНДАНИ АМРИ ЛАЙС БА БАЛХ ВА ДАСТИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД ВА ВАФОТИ НАСРИ АҲМАД

Ва андар ин сол мурд Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон—саййиди Оли Сомон ба Самарқанд шаби одина дувоздаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи сабъа ва самонина

ва миатайн (287/900), (34). Пас чун Амр асир монд, Тоҳир ва Яъқуб — ду писари Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс ба сарҳангон ва сипоҳ ба ҳазимат ба Хуросон омаданд ва уммоли Хуросон ҳама ҷамъ шуданд ва ба Ҳарӣ омаданд ва аз он ҷо ба Систон омаданд. Ва Муҳаммад ибни Шаҳфур бар роҳи Кирмон ба Буст омад ва дарگоҳ он ҷо бимонд. Ва Билол ибни Азҳар аз Форс ба Кирмон омад. Пас сипоҳи Амр ҳама ҷамъ шуданд ва Тоҳирро байъат карданд ва Тоҳир Аҳмад ибни Шаҳфурро вазорат дод ва ҳукми подшоҳӣ ба дасти ӯ кард. Ва он рӯз, ки Тоҳирро байъат карданд, андар арки ҷудогона ба хазина андар сию шаш бор ҳазор ҳазор дирам буд, дуни диноруву ҷавоҳир ва хизонаҳо пур буд ва ба Қалъаи Испаҳбад ва дигар қалъаҳо ҳама ганҷхона ва хазина буд ва ҷома ва салеҳ ва сутуронро касе адду эҳсо надошт (35), ки чанд буд...

...Боз номаи Амр расид аз Самарқанд бар дасти Юсуф ибни Яъқуб ан-Нақиб, ки шуғли ман ба бист бор ҳазор ҳазор дирам рост шуд, ки маро бигузоранд ва ин мол наздики амирулмӯъминин фиристад. Ва Исмоил Амрро андар сарои Наср ибни Аҳмад фуруд оварда буд ба Самарқанд. Чун нома ин ҷо расид, эшонро хуш наёмад берун гузоштани Амр. Рӯз рӯз мегузоштанд, то номаи Амр дигар роҳ бирасид, ки он ки гуфта буданд, ки бист бор ҳазор ҳазор, акнун бар даҳ бор ҳазор ҳазор дирам рост шуд, бояд ки ин ҷумла бифиристанд ва инро хатаре нест...

...То ин чандин рӯзгор шуд, номаи Мӯътазид омад наздики Исмоил ибни Аҳмад, ки Амрро бифирист. Ӯро чора набуд аз фармон нигоҳ доштан ва фиристодани Амр. Ба Амрро гуфт: «Маро набояст, ки ту бар дасти ман гирифта шавӣ ва чун гирифта шудӣ, набояст к-он ҷо фиристам ва нахоҳам, ки заволи давлати шумо бар дасти ман бошад. Акнун фармони ӯ нигоҳ дорам ва туро бар роҳи Систон бифиристам бо сӣ савор. Ҷаҳд кун, то касе биёяд ва туро бириҳонад, то маро узр бошад ва то зиён надорад». Пас ӯро бар дасти Асношходим (36) бифиристод ва биёмад сӣ рӯз ба Ниҳ (37) бибуд ва ҳеҷ кас андар ҳама Хуросон ва Систон нагуфт, ки Амр худ ҳаст. Охир Ашнос-

PDF Compressor Free Version


ходим гуфт: «Эй амир, дар ҳама олам касе туро хостор нест?» Гуфт: «Эй устод, ман бар сари подшоҳон чун устод будам бар сари кӯдакон. Чун кӯдакон аз дасти устод раҳо ёбанд, кай хоҳанд, ки боз он ҷо бояд нишаст». Пас ӯро ба Бағдод бурд...

...Пас чун Лайси Алиро ба Бағдод бурданд ва Субкарӣ (38) хештан аз ҷумлаи бандагони Муқтадир шуморид, Муқтадир нома навишт наздики Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад — соҳиби Мовароуннаҳр ва Хуросон ва аҳли Систон ба ӯ фиристод ва фармон дод, ки сипоҳ ба Систон фирист. Аҳмад ибни Исмоил Ҳусайн ибни Алӣ ибни Ҳусайни Марврудиро ин ҷо фиристод ба сипоҳсолорӣ ва хоҳарзодаи хешро бо ӯ бо фавҷе сипоҳ бифиристод. Ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни Лайс таҷрибат карда набуд ҳанӯз андар корҳо ва бо Ҳусайни Алӣ сипоҳе ороста буд. Ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни Лайс сипоҳи бисёр ҷамъ кард савору пиёда ва ҳашари рустоӣ ва ба қасаба андар набуд то ӯ ба дари шаҳр омадӣ. Бирафт ва баромту (39) шуд назираи ӯ. Ва он ҷо ҳарб оғоз кард ва Аҳмад ибни Муҳаммад Амрро (40), ки Ниё гуфтандӣ, бар шаҳр халифат кард ва ин рӯзи шанбе буд ёздаҳ рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи самон ва тисъина ва миатайн. (298/911). Ва бисёр ҳарбҳо бикарданд он ҷо ҳар рӯз то рӯзи панҷшанбе се рӯз гузашта аз раҷаб. Ва мардум ҳар рӯз бисёр аз ҳар ду гурӯҳ кушта шуд. Чун рӯзи панҷшанбе буд, ёрони Ҳусайн ибни Алӣ ҳама баробар даст ба тир андохтан бурданд ва дигар силоҳҳо кор нафармуданд. Тирбороне саъб карданд ва ҳамлаҳои гарм оварданд. Он мардуми ҳашарӣ ҳазимат кард ва лашкарӣ чун ҳазимат дид, низ бирондан гирифт, то зи он ҳашариён андар он ҳазимат наҳви се ҳазор мард кушта шуд. Ва Муҳаммад ибни Алӣ андар шаҳр омад рӯзи одина ва бар мардумон тадбир кард, ки чӣ бояд кард. Охир бар он ниҳоданд, ки бародарро берун бояд гузошт, то дасти ту бад-ӯ қавӣ бошад. Бародарро бигузошт (41) ва бисёр некӯӣ гуфт ва кард. Бародар ӯро гуфт: «Туро қасаба нигоҳ бояд дошт, то ман шористон нигоҳ дорам». Бародар гуфт: «Нек ояд». Фуруд омад, ки

PDF Compressor Free Version


қасаба нигоҳ дорад, андар соат бародари ӯ Муаддали Алӣ табл бизад ва дарҳои шаристон фурӯ гирифт ва хилоф пайдо кард бар бародари хеш. Чун чунин буд, Муҳаммад донист, ки мумкин нашавад бар ду рӯй душман ҳарб кардан. Рӯзи ҳафтум шаҳр бигузошт ва бар роҳи Киш (42) ба Буст шуд.

## РАФТАНИ МУҲАММАД АЛӢ БА ҲАЗИМАТ АЗ ПЕШИ СИПОҲИ АМИРИ ХУРОСОН

Чун ба Буст шуд, ҷавру ситам кард бар мардумон ва ғорат ва куштан. Ва мардумро азобҳо кард ба мол ситадан аз эшон ба лавнҳои азоб. Ва пеш аз рафтани Муҳаммад ибни Алӣ ба Буст марде берун омада буд ба Буст — Иброҳим ибни Юсуф ал-Ариф гуфтандӣ ӯро. Рӯзи одина бурун омад ва чашм сурма кард бо ҷомаи бад ва бонке (43) ҳамекард. Ва гурӯҳе кӯдакон ва ғавғо бо ӯ ҷамъ шуда ва девонҳо ва хазоин ва ғаллот ба ғорат бидод. Ва қавме бисёр бар ӯ ҷамъ шуд ва ба минбар шуд ва хутба кард Аҳмад ибни Исмоилро ва коре бикард, ки ҳаргиз чун ӯ накарда буд. Ва бирафт ва ҳолаш бузург шуд ва стуронн бисёр ба дасти ӯ афтод ва ҳар рӯз барнишастӣ бо бисёр ғуломони озоди нокордида ва ҳаргиз ҳарб нокарда. Пас Фатҳ ибни Муқбил хабари вай бишнид, аз Замини Довар ба тохтан биёмад. Ва Иброҳим ба ҳарби ӯ берун шуд, ҳарбе саъб карданд он ҷо ва бисёр мардум кушта шуд. Ёрони Иброҳим ҳазимат карданд ва ӯ ба миёни дашт биншаст, ҳарчанд ҷустанд, наёфтанд. Ва ёронаш бигаштанд ва ҳаргиз аз он рӯз боз хабари Иброҳим касе нагуфт. Кас надонад, ки чун шуд. Ва Фатҳ ба Буст андар омад. Чун Муҳаммад Алӣ ба Буст омад, Фатҳ бо ӯ яке шуд андар ғорат кардан ва мол ситадан. Мардумон ба работҳо ва ҷойҳои муборак ҳамеҷуданд ва дуо ҳамекарданд, магар ки фараҷ ёбанд аз ҷаври эшон. То рӯзе бомдод бархост, ҳеҷ касро хабар набуд, вақти субҳ овози таблҳо омад аз сӯи Хор(.)ор (44). Аҳмад ибни Исмоил буд, ки аз Ҳарӣ

PDF Compressor Free Version

рафта буд, ки ба Систон ояд. Ба Фароҳ хабари Буст бишунид, ки Муҳаммад ибни Алӣ он ҷо чӣ кунад. Роҳ бигардонид. Мардумон нигоҳ карданд, кулоҳҳои сиёҳ дидаанд. Мардумон шод шуданд, ки он гоҳ лашкари Хуросон одил буданд. Чун хабар назидики Муҳаммад ибни Алӣ расид, андар вақт фармон дод, то пули Буст бибуриданд ва об бисёр буд. Ва роҳи гурез баргирифт бо сипоҳ, ки бо ӯ буд. Мардумони (.)улон (45), сипоҳи Аҳмад ибни Исмоилро ва ӯро бигузоштанд ва ба Буст андар омад.

## ДАРШУДАНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ БА БУСТ ВА БАНД КАРДАНИ МУҲАММАД ИБНИ АЛИИ ЛАЙСРО

Пас Аҳмад ибни Исмоил Ҳусайн ибни Мутро бо фавҷе савор ба талаби Муҳаммад ибни Алӣ фиристод. Ва ба Рухад (46) андар ӯ расиданд ва бигирифтанд ва банд карда, ба Буст андар оварданд. Ва Аҳмад ибни Исмоил ба лаби Ҳирманд фуруд омад ва адлу сайри некӯ бар мусалмонон бигустарид ва ҳама молу амлоки эшон бад—эшон боз дод. Вилояти Буст Ҳотам ибни Абдуллоҳ аш-Шосиро дод. Ва ин Ҳотам марде мусалмони одил буд ва андар миёни мардумон суннати Мустафо (с) тоза гардонид. Ва Аҳмад ибни Исмоил он ҷо чаҳор бистгонӣ сипоҳро дод ва бад-он хост то сим андар Буст фароҳ шавад, ки эшон ҳама чиз ба сим хариданди, то коҳу ҳезум. Боз фармон дод, ки ҳама колае, ки Муҳаммад ибни Алӣ азони мардумон баргирифтааст, ба худовандон боздиҳанд. Ҳар чи худовандон бидонистанд, баргирифтанд, дигар бигузоштанд. Ва ҳаштоду панҷ рӯз ба Буст буд, ки андар миёни сипоҳи ӯ ҳеҷ надиданд, магар намози шаб кардан ва рӯза доштан ва ҷамоат ва бонки намоз ва Қуръон хондан. Ва ин ҷо ба Систон Муаддал ибни Алӣ ҳисор гирифт ва Ҳусайн ибни Алӣ бо сипоҳ ба Ҳабсобод (47) фуруд омад бар дари Каркӯй рӯзи шанбе дувоздаҳ рӯз гузашта аз раҷаби санаи самон ва тисъина ва миатайн (298/911). Ва Муаддали Алӣ манҷаниқҳо барниҳод ва ҳарб огоз кард ва бар марду-

PDF Compressor Free Version


мони шористон (48) ҳарб оғоз кард. Ва дасти айёрон бар раъият кушода кард. Боз Ҳусайн ибни Алӣ ба рабаз андар омад ба Дари Окор (49) ва Симҷӯр мавлои Исмоил ибни Аҳмад андар кӯшки Яъқубӣ рӯзи панҷшанбе ду рӯз гузашта аз шаъбон ва Дари Форс (50) кушода буд. Мардумон бар шористон ҳамешуданд ва ҳаме фуруд омаданд ва чизе, ки ҳамебоист бар ҳисор мебурданд. То рӯзи сешанбе, се рӯз монда аз шаъбон, Ҳусайн ибни Алӣ он дар низ фурӯ гирифт ва хабар андар расид, ки Аҳмад ибни Исмоил ба Буст шуд ва Муҳаммад ибни Алиро бигирифт. Чун Муаддал ин бишунид, дилаш танг гашт ва сулҳ пеш овард ва Қасир ибни Аҳмад ибни Шаҳфурро андар миён кард ва машоихи шаҳрро. Пас эшон сулҳ фурӯ ниҳоданд ва савгандони муғаллаза андар миён карданд. Ва Муаддал аз шористон фуруд омад наздики Ҳусайн ибни Алӣ рӯзи панҷшанбе, як шаб гузашта аз зулҳиҷаи санаи самон ва тисъина ва миатайн. (298/911). Ва Симҷӯр бар шористон бар шуд ва дарҳои шористон барканданд ва бораро рахна карданд ва аз манҷаниқҳо бисӯхтанд ва пеш аз ин ба ду моҳ аҳди Систон Аҳмад ибни Исмоил Симҷӯрро дода буд ва кори Систон даргузашт.

## МУНҚАТЕЪ ГАШТАНИ ВИЛОЯТИ СИСТОН АЗ ОЛИ ЯЪҚУБ ВА АМР ВА ХУТБА КАРДАН БАР ОЛИ СОМОН

Рӯзи одина дуввуми зулҳиҷҷаи санаи самон ва тисъина ва миатайн (298/911). Пас Симҷӯр ба аморат binишаст ва Аҳмад ибни Исмоил аз Буст бирафт ва ба Систон наёмад. Ва нома кард наздики Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ, ки бозгард ва Муаддал ибни Алиро бо хеш биёр ба Ҳарӣ. Ва Аҳмад ибни Исмоил Муҳаммад ибни Алиро бо хештан аз Буст ба Ҳарӣ бурд. Пас Аҳмад ибни Исмоил Муаддал ибни Алиро аз Ҳарӣ ба Бухоро фиристод ва кисаҳои ӯро бистгонӣ кард ва ӯро хосса ҳар моҳ се ҳазор дирам фармуд. То ин буд номаи амирулмӯъминин Муқтадир омад сӯи Аҳмад ибни Исмоил, ки Муҳаммад ибни Алиро би-

PDF Compressor Free Version


фирист. Пас Муҳаммад ибни Алиро ба Бағдод фиристод. Боз Аҳмад ибни Исмоил амали Систон Бӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқро дод — писари (51) амми хешро. Ва андар омад Бӯсолеҳ рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз рабеъулаввали санаи тисъа ва тисъина ва миатайн (299/911).

## ҲАЗИМАТ КАРДАНИ СУБКАРӢ

...Ва зи он ҷо (Субкарӣ—тарт.) ба Ҳарӣ рафт ва нома набишт сӯи Аҳмад ибни Исмоил, ки то ба сомаи ӯй андар Хуросон бибошад. Фармон дод ӯро, ки ба Марв рав, он ҷо бинишин. Он ҷо шуд. Номаи Муқтадир расид сӯи Аҳмад ибн Исмоил, ки Субкариро бифирист. Банд кард ва ӯро ба Бағдод фиристод андар ҷумодиюлохири санаи тисъа ва тисъина ва миатайн (299/912). Аммо ҳадиси Бӯсолеҳи Мансур ибни Исҳоқ, ӯ чун ба Систон омад, мардумонро бисёр некӯй гуфт ва ваъдаҳои некӯ кард ва онро вафо накард ва ба лашкар ҷой қарор накард андар Ҳалфобод (52). Андар шаҳр омад ва ба хонҳо (53) манзил кард ва моли Систон бар аҳди қадим ҳазор ҳазор дирам беш набуд, ӯ зиёдат хост.

## ХИЛОФ КАРДАНИ МАРДУМОН БАР МАНСУРИ ИСҲОҚ

Пас мардумони Систон гуфтанд: «Ба ҳеҷ ваҷҳ мо истихфоф эҳтимол накунем. Ва аз Оли Яъқуб ва Амр (54) ҳеҷ кас намонда буд, магар Абӯҳафси Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс (55). Ва кӯдак буд ҳанӯз даҳсола, бар он биниҳоданд, ки ӯро биншонем ва худ андар пеши ӯ кор ҳамекунем ва ин сипоҳи Хуросонро барафканем. Ва Муҳаммад ибни Ҳурмуз ал-Мавло, ки Мавлои Синдлӣ (56) гуфтандӣ, аз маволии Муҳаммад ибни Амр буд ва марде ҷалд буд, андар мазолим шуд ва гуфт: «Ба Систон расм нест, ки моли зиёдат хоҳанд ва лашкарӣ ба лашкарҷой бошад, ки мардумонро занон ва духтарон

бошад. Мардуми бегона ба манзил ва сарои озодмардон вочиб накунад». Мансур ибни Исҳоқро бародарзодае буд барно ва тезгуна, гуфт: «Мо сарой ва чимоъ аз Хуросон наёвардаем ва мол кам аз он наситонем, ки бистгонии мо бошад!» Мавлон Синдлӣ гуфт: «Бигӯям туро...» Ва бархосту бирафт. Мансур ибни Исҳоқ он барноро гуфт: «Ин набояст гуфт, аммо ин мардак моро низ ваъид кард». Бичустанд, ӯро наёфтанд, рафта буд. Пас Синдлӣ наздики айёрон шуд ва тадбир бикард бо эшон. Ва Пешизараҳ шуд ва ӯ худ аз Камарзаҳир (57) буд ва ба ҳар шаҳре шуда ва даҳ мард ва бист мард чамъ кард, марде понсад аз Пешизараҳ. Ва шаби шанбе, сездаҳ рӯз боқӣ аз чумодиюлаввали санаи тисъа ва тисъина ва миатайн (299/912) ба дари Каркӯй омад ва он чо гурӯҳе буданд аз ёрони Мансур ибни Исҳоқ. Бо эшон ҳарб кард ва гурӯҳе бикушт ва дигар ба ҳазимат ба шаҳр андар омаданд ва бонг ба шаҳр андар афтод. Ва (Хавҳ) чамъ шуд (58) ва ҳар ки лашкарӣ дид ба хона ва кӯй ва бозор ҳамекушт, то ба дари зиндон шуданд ва дари зиндон бишкастанд ва маҳбусон берун омаданд ва бо эшон яке шуданд. Ва Муҳаммад ибни Аббоси Кӯлкӣ (59) марде мард буд, биёмад ва ҳар ду фариқ андар набудани он сипоҳ яке шуданд ва бар боми сутургоҳи Қасри Яъқубӣ (60) бар шуданд ва аз сипоҳи ӯ бисёр мардум кушта ва гирифта шуд.

## ГИРИФТАНИ СИСТОН МАВЛО СИНД(ЛӢ) ВА КУШТАНИ СИПОҲИ ХУРОСОНРО ВА ГИРИФТАНИ МАНСУРИ ИСҲОҚ

Ва Мансур ибни Исҳоқ ба ҳазимат аз шаҳр берун шуд ва он барно бародарзодаи ӯ гирифта шуд ба сари Кӯи Занон, ки он чо дар банд буд. Синдлӣ ӯро ҳино баст ва дигар рӯз ба дасти сутурбон дод, то фазиҳат карданд он суханро (61), ки гуфта буд. Ва Мансур ибни Исҳоқ ба кадаи Муҳаммад ибни Лайс фуруд омада буд ва дигар рӯз хост, ки ҳарб кунад, чи донист, ки ба Хавчанд биёмад, ба кӯй гирифтор шуд ва асир карданд ва молу буна ва су-

PDF Compressor Free Version


турони ӯ ҳама ғорат карданд. Ва Муҳаммад Мавло Синдлӣ андар Қасри Яъқубӣ фуруд омад. Чун ин кор бирафт, хутбаи аморат хештанро хост, ки кунад ва ҳадиси Абӯҳафс (62) бигзошт. Мардумонро он хуш наёмад. Муҳаммад ибни Аббоси Кӯлкӣ аз ӯ ҷудо шуд, бо гурӯҳе айёрон бархост ва ба Фароҳ шуд. Ва Мавло Синдлӣ даст ба мусодира ва ҷавр кардан бурд бар мардумон. Ва Бӯнасри Ҳамдон Ҷувайниро (63) бо гурӯҳе сипоҳ ва туркони зинҳорӣ, ки з-они Мансур ибни Исҳоқ буданд, ба Фароҳ бифиристод ба ҳарби Муҳаммад ибни Аббос. Ва ӯ ҳарб накард ва гуфт: «Ман фармонбардорам». Ва бархост ва бо эшон биёмад...

...Чун хабари Мансур ибни Исҳоқ сӯи Аҳмад ибни Исмоил бирасид, ки бо ӯ чӣ рафт ва акнун маҳбус аст, Ҳусайн ибни Алии Марврудиро (64) бо сарҳангон ва сипоҳи бисёр ба Систон фиристод.

## ОМАДАНИ ҲУСАЙН ИБНИ АЛИИ МАРВАЗӢ БА СИСТОН ДИГАР РОҲ

Ва Аҳмади Дарозро (65) бо ӯ ба Систон омад, даҳ рӯз монда аз зулқаъда (299/912) (66), ва ҳам андар ин сол (67) ба дари шаҳр андар Ҳалфобод фуруд омад. Ва ҳарбҳо бисёр карданд ва ӯро андар шаҳр нагузоштанд ва боз аз он ҷо ба (.)йни (68) шуд ва он ҷо фуруд омад ва кас ба шаҳр ҳамефиристод ба наздики руасо ва меҳтарон ва умедҳои некӯ ҳамекард. Боз рӯзе барнишаст ва моле сипоҳро дод ва мардумони рабаз ҳавои ӯ карданд, он рӯз ҳарбе бикарданд сахт. Ва Кӯлкӣ ва Бӯҳафс бар шористон шуданд ва Ҳусайн бо рабаз андар омад ва мардумонро бинавохт ва бисёр некӯӣ гуфт. Ва Бӯбакр ибни Музаффар ва Симҷӯр бо сипоҳе фаро расиданд ба ёрии Ҳусайни Алӣ. Ва ҳарбҳои бисёр афтод миёни эшон. Охир сулҳ карданд ва Ҳусайни Алӣ эшонро ҳама эмин кард ва шаби душанбе, чаҳордаҳуми шавволи санаи салосумиа (300/913) сулҳ карданд. Ва Мансури Исҳоқро аз арк фуруд оварданд. Ва Кӯлкӣ ва Занголуд ва дигар айёрон ҳама ба наздики

PDF Compressor Free Version

Ҳусайни Алӣ омаданд. Ҳамаро некӯй гуфт ва хилъат дод ва ба ҳисор бозфиристод, магар Мансури Исҳоқро. Рӯзи душанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз шаввол Мансури Исҳоқ бирафт сӯи Хуросон ва гуфт: «Ман имрӯз аз дӯзах растам ва ба биҳишт расидам, маро беш Систон набояд». Ва Бӯҳафс бо маволи хеш берун омад ба наздики Ҳусайни Алӣ. Ва Ҳусайн ӯро некӯй кард ва ваъдаҳои некӯ кард. Ва ба наздики Аҳмад ибни Исмоил нома набишт андар ҳадиси ӯ. Нома ҷавоб кард, ки ҳамгинонро бо хештан биёр ва шаҳру вилоят ба Симҷӯр бигузор. Ҳусайнро он хуш наёмад, ки амал худ ҳамехост. Айёронро ҳама барошуфт. Ва Симҷӯр некӯй ҳамекард ва мегуфт ва дили мардумон хуш ҳамекард. Охир Ҳусайни Алӣ Кӯлкиро банд кард ва Бӯҳафсро бе банд бо хештан бибурд ва дигар айёронро. Ва ба Ҳарӣ шуд рӯзи панҷшанбе ва бирафт чаҳордаҳ рӯз гузашта аз зулҳиҷҷаи санаи салосумиа (300/913). Чун ба Ҳарӣ бирасид, Бӯҳафсро ва айёронро наздики Аҳмад ибни Исмоил фиристод, магар Занголудро наздики хеш боздошт, боз бикушт ӯро андар рабеъулаввали санаи иҳдо ва салосумиа (301/913). Ва Аҳмад ибни Исмоил Бӯҳафсро ба Самарқанд фиристод ва айёронро бифармуд, то бикуштанд. Ва Бӯмансури Ҷайҳонӣ (69) аз Буст ба Систон омад андар аввали рабеулаввали санаи иҳдо ва салосумиа (301/913). Ва мардумони Систон расул фиристоданд наздики Аҳмад ибни Исмоил. То расулон ба ҳадди Бухоро бирасиданд, Аҳмад ибни Исмоилро ду гулом аз они вай ба лаби Ҷайҳун бикуштанд, ба таълими Бӯбакри дабир ҳашт рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/914) (70).

## КУШТАНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ—АМИРИ ХУРОСОНРО ВА НИШОНДАН ПИСАРИ ӮРО — НАСР ИБНИ АҲМАДРО БА АМИРӢ

Ва сипоҳ ва мардумон байъат карданд писари ӯро — Наср ибни Аҳмад ва ӯ нӯҳсола буд. Ва кор Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ (71) ҳамеронд. Ва расулонро бозгардонид. Чун хабари Аҳмад ибни Исмоил ва куштани ӯ зи Симҷӯр би-

PDF Compressor Free Version


расид, мардӣ ва ҷалдӣ кард андар нигоҳ доштани шаҳр. Ва миёни сипоҳ ин ҷо ихтилофҳо афтод ва Бӯбакр ибни Музаффар бирафт ва ба Ҳарӣ шуд наздики Ҳусайн ибни Алӣ ва сарҳангони бештаре бо ӯ бирафтанд ва ҳамчунон якон-якон мерафтанд, то Симҷӯр танҳо монд бо хоссагони хеш. Пас ҳеҷ хабар надошт, то айёрон бар ӯ шабехун карданд. Беш натавонист, ки ба тохтан аз шаҳр берун шуд гурехта, ҳашт рӯз гузашта аз рамазони санаи иҳдо ва салосумиа (301/914) (ва) ба роҳи Кӯҳистон бирафт.

Ва Бӯмансури Ҷайҳонӣ бо Буст буд. Бӯмансур амали Буст аз дасти Аҳмад ибни Исмоил дошт, якчанде биёмад ба Систон. Чун ӯро (72) бикуштанд ва Наср ибни Аҳмадро бишонданд, Бӯмансур ба Буст шуд. Холид ибни Муҳаммад нома кард ба Ҷайҳонӣ, ки Буст бигузор ва бирав. Ӯ нарафт ба фармони ӯ. Пас Фазл ибни Ҳамид бирафт ба ҳарби ӯ сӯи Буст рӯзи сешанбе, ҳашт рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва салосумиа (302/914). Чун ба Навзод расид, Бӯмансури Ҷайҳонӣ пазирари ӯ омад ва он ҷо ҳарбе сахт бикарданд ва ҳазимат бар Ҷайҳонӣ афтод. Бо гурӯҳи хеш бирафт, сӯи Саъди Толиқонӣ шуд ба Зобулистон. Ва Фазл ибни Ҳамид ба Буст андар шуд рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва салосумиа (302/914). Рӯзгоре он ҷо бибуд ва зи он ҷо ба Систон омад ва Фатҳ ибни (.) орҳвҳ (73)-ро он ҷо халифат кард. Чун Ҷайҳонӣ наздики Саъд расид, қасди Буст карданд ҳар ду. Чун ба Риздон (74) расиданд, Фатҳ тохтан кард бар эшон ва бисёр мардум кушта шуд, охир Фатҳ ба ҳазимат шуд ва Ҷайҳонӣ ва Саъд ҳар ду ба Буст андар омаданд ва Фатҳ ба Систон омад. Ва Фазл ибни Ҳамид бемори саъб шуда буд ва сӯи Бадр ба Порс нома набишта, ки касе фирист ба ҷои ман ва иллати хеш ва моли хеш ёд карда. Бадр Муҳаммад ибни Туғрилро ба сипоҳе корӣ бифиристода буд, рӯзи сешанбе панҷ рӯз монда аз зулқаъдаи санаи исно ва салосумиа (302/915) ба Систон андар омад. Ва бирафт ба Замини Довар шуд ва Ҷайҳонӣ ва Толиқонӣ ба якфарсангии Замини Довар бо ӯ ҳарб карданд. Ва Ҷайҳонӣ ба ҳазимат бирафт ва Толи-

PDF Compressor Free Version


қонӣ асир монд, ду шаб гузашта аз муҳаррами санаи салоса ва салосумиа (303/915). Ва Саъдро ба аморӣ андар ба Систон фиристод. Ва Холид ибни Муҳаммади Яҳё ба Зобулистон рафт бо Муҳаммад ибни Туғрил ва он ҳама корҳо ба салоҳ бозовард ва ба Систон бозгашт. Ва ба Систон андар омад шаш рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи салоса ва салосумиа (303/915). Ва Саъди Толиқониро халос кард ва ба ӯ бисёр некӯӣ кард.

...Боз хабар омад, ки Бӯязиди Банкӣ ва Бӯзакариён Зайдавӣ ва Қаротекин (75) ва ёронашон ба роҳи Навзод берун омаданд ба Буст, ки Аҳмади Яъқуби Риздониро (76) бигиранд. Ва Риздонӣ ба моҳи рамазон гурехта, зи он ҷо бозомад ва амир Бӯҷаъфар берун шуд, ки он ҷо равад ба ҳарби туркон ба Буст ва ду моҳ бар дари шаҳр бимонд. Ба рамазон берун шуд ва андар зулҳиҷҷа ба шаҳр андар омад. Ва андар ин миёна нома набишта буд сӯи Абӯҳафси Амр ибни Яъқуб ва Бӯҳафс мутанаккир ба Бағдод буд то бозояд. Ва андар муҳаррами санаи иҳдо ва ишрина ва салосумиа (321/933) ба шаҳр андар омад. Ва амир Абӯҷаъфар ӯро бузург дошт ва иҷлолу икром кард ва хилъатҳо дод ва амалҳо арза карданд бар вай. Ва Бӯязиди Банкӣ ва Бӯзакариён Ра(.)давӣ (77) ва Қаротекин ба Буст ҳар се тоат карданд ва ба фармон андар омаданд...

## ҲАДИСИ НАСР ИБНИ АҲМАД БО АМИР БӮҶАЪФАР

Ин хабар (78) ба маҷлиси амири Хуросон бигуфтанд, ӯро аҷаб омад аз ҳиммату мурувват ва шуҷоати ӯ. Ва Моконро душман доштӣ амири Хуросон. Як рӯз шароб ҳамехӯрд, гуфт: «Ҳама неъмате моро ҳаст, аммо боястӣ, ки амир Бӯҷаъфарро бидидӣ. Акнун ки нест, боре ёди ӯ гирем». Ва ҳама меҳтарони Хуросон ҳозир буданд. Ёди вай гирифт ва бихӯрд ва ҳама бузургони Хуросон нӯш карданд. Он гоҳ, ки сеякӣ (79) бад-ӯ расид, ҷоми сеякӣ сар мӯҳр кард ва даҳ пора ёқути сурх ва даҳ тахт ҷомаи бешбаҳо ва даҳ ғулом ва даҳ канизаки турк ҳама бо ҳулӣ

PDF Compressor Free Version


ва ҳулал ва асбоҳ ва камарҳо наздики вай фиристод ба Систон. Ва Рӯдакӣ ин шеър андар ин маънӣ бигуфта буд, бифиристод. Ва он рӯз бар зуфони (80) амири Хуросон бирафт, ки агар на он аст, ки амир Бӯҷаъфар қонеъ аст ё на (81), он дилу тадбир ва раъю хирад, ки вай дорад, ҳама ҷаҳон гирифтастӣ. Ва шеър ин аст:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро азӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ ҷахусту зӯ накашӣ ҷон.
Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан,
Баччаи кӯчак зи ширӣ модару пистон.
То нахӯрад шир ҳафт моҳ ба тамомӣ,
Аз сари урдибиҳишт то буни обон.
Он гаҳ шояд зи рӯи дину раҳи дод,
Бачча-ба зиндони тангу модар-қурбон.
Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон.
Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бубинад,
Ҷӯш барорад, бинолад аз дили ғӯзон.
Гоҳ забар зер гардад аз ғаму гаҳ боз,
Зеру забар ҳамчунон зи андӯҳ ҷӯшон.
Зар(р) бар оташ кучо бихоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам нақӯшад чандон.
Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму ронад султон.
Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,
То бишавад тирагиш гардад рахшон.
Охир к-ором гираду нишахад низ,
Дар-ш кунад устувор марди нигаҳбон.
Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон.
Чанд азӯ сурх чун ақиқи ямонӣ,
Чанд азӯ лаъл чун нигини Бадахшон.
В-ар-ш бибӯӣ, гумон барӣ, ки гули сурх,
Бӯй бад-ӯ дод(у) мушку анбари бобон (82).

PDF Compressor Free Version

Ҳам ба ғам (83) андар ҳамегузорад (84) чунин,
То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон,
Он гаҳ агар ними шаб дараш бикушой,
Чашмаи хуршедро бубинӣ тобон.
В-ар ба булӯр андарун (85) бубинӣ, гӯй,
Гавҳари сурх аст ба каффи Мӯсои Имрон.
Зуфт шавад роду марди суст — диловар (86),
Гар бичашад з-ӯйу рӯи зард — гулистон.
В-он ки ба шодӣ яке қадаҳ бихӯрад з-ӯй,
Ранҷ набинад аз он фарозу на аҳзон.
Андӯҳи даҳсоларо ба Танҷа (87) рамонад,
Шодии навро зи Рай биёраду Уммон.
Бо майи чунин, ки солхӯрда бувад чанд, (88)
Ҷома бикарда фарор (р)анҷаи хулқон (89),
Маҷлис бояд бисохта малакона,
Аз гулу в-аз ёсмину хайрии алвон.
Неъмати фирдавс густурида зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон.
Ҷомаи заррину фаршҳои навоийин,
Шӯхра раёҳину тахтҳои (90) фаровон,
Барбати (айн, бо, йо)-у фаршҳои фаводӣ (91),
Чанги Мудаккиру нойи чобуки хобон (92).
Як саф мирону Балъамӣ (93) нишаста,
Як саф ҳаррону Пиро олеҳи деҳқон.
Хусрав бар тахти пешгоҳ нишаста,
Шоҳи мулки ҷаҳон-амири Хуросон.
Турк ҳазорон ба пой пеши саф андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурафшон.
Ҳар як бар сар басоки (94) мӯрд (95) ниҳода,
Абаш (96) ва майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте-бадеъ зи хубон,
Бачаи Хотуни турку бачаи Ҳоқон.
Чун-ш бигардад набиз чанд ба шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хурраму хандон.
Аз кафи турке сиёҳчашми (97) парирӯй,
Қомат чун сарву зулфакон-ш чавгон.
З-он тани хуш. (98) соғаре биситонад,

Ёд кунад рӯи шаҳриёри Сиҷистон.
Худ бихӯрад нӯшу авлиёш ҳамедун
Гӯяд, ҳар як чу май бигирад шодон.
Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад,
Он маҳи (99) озодагону мафхари Эрон.
Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшнони гайҳон (99 А).
Он-к набуд аз нажоди одам чун ӯ,
Низ набошад, агар нагӯй бӯҳтон.
Ҳуҷҷати якто худою сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда воҷиб ояти Фурқон.
Ҳалқ ҳама аз хоку обу оташу боданд,
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон.
Фар(р) бад-ӯ ёфт мулки тираву торӣ,
Адл бад-ӯ гашт низ (100) гетӣ вайрон.
Гар ту фасеҳӣ, ҳама манокиби ӯ гӯй,
В-ар ту дабирӣ, ҳама мадоеҳи ӯ хон.
В-ар ту ҳакимӣ в-ар оҳи ҳикмат ҷӯй,
Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон.
Он-к бад-ӯ бингарӣ, ба ҳикмат гӯй,
Инак Сукроту ҳам Фалотуну Юнон (101).
В-ар ту (кф(.)рӣ) (102) ва сӯи шаръ гиройӣ,
Шофеъӣ инак-т(у) Бӯҳанифаву Суфён.
К-ӯ (103) бигушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун инак ба илму ҳикмати Луқмон.
Марди адаброро хирад физояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб физояду имон.
В-ар ту бихоҳӣ фаришта (104), ки бубинӣ,
Инак ӯяст ошкоро ризвон.
Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
То-т (105) бубинӣ бар ин, ки гуфтам, бурҳон.
Покии ахлоқи ӯву покнажодӣ,
Бо нияти некӯ бо макорими эҳсон.
В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту яг роҳ,
Саъд шавад мар туро нуҳусати кайвон.
В-ар-т ба садр андарун нишаста бубинӣ,
Ҷазм бигӯй, ки зинда гашт Сулаймон.

**Сомсаворе, ки то ситора битобад**
**Асб набинад чун-ӯ савору (.)а (106) майдон.**
**Боз ба рӯзи набарду кину ҳамиййат,**
**Гар-ш бубинӣ миёни мағфару хафтон.**
**Хор намояд-т зиндапил бад-он гоҳ,**
**В-ар чи бувад масту тез гашта(ву) (107) ғуррон.**
**В-ар-ш бидидӣ Сифандиёр гаҳи разм,**
**Пеши синонаш ҷаҳон давидӣ(ву) ларзон**
**Гар чи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тан ӯй (108)**
**Кӯҳи Сиём (109) аст, ки кас набинад ҷунбон.**
**Душман ар аждаҳост, пеши синонаш**
**Гардад чу мум пеши оташи сӯзон.**
**В-ар ба набард (110) оядаш ситораи Баҳром**
**Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаравгон (111).**
**Боз бад-он гаҳ, ки май ба даст бигирад,**
**Абри баҳорӣ чун-ӯ наборад борон.**
**Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад**
**Ӯ ҳама дебо ба тахту зар(р) ба анбон.**
**Бо ду кафи ӯ зи бас ато, ки бибахшад,**
**Хор намояд ҳадису қиссаи тӯфон.**
**Лоҷарам аз ҷуду аз саховати ӯяст,**
**Нарх гирифта мадеҳу сомити арзон.**
**Шоир зи ӯ равад фақиру тиҳидаст,**
**Бо зари бисёр боз гардаду ҳумлон (112).**
**Марди суханро (а)з-ӯ навохтану бир(р),**
**Марди адабро (а)з-ӯ вазифаи девон.**
**Боз ба ҳангоми доду адл бари халқ,**
**Нест ба гетӣ чун-ӯ набилу мусалмон.**
**Дод биёбад заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,**
**Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.**
**Неъмати ӯ густурида бар ҳама гетӣ,**
**Он чи кас аз неъматаш набинӣ урён.**
**Бастаи гетӣ аз-ӯ биёбад роҳат,**
**Хастаи гетӣ аз-ӯ биёбад дармон.**
**Боз бар афви он муборак Хусрав**
**Ҳалқаи танг аст ҳар-ч дашту биёбон.**
**Пӯзиш (би)пазираду гуноҳ бубахшад,**

PDF Compressor Free Version


Хашм наронад, ба авф кўшаду ғуфрон.
Он малики Нимрўзу (113) хусрави пирўз,
Давлати ў юзу душман — оҳуи нолон,
Амр ибн ул-Лайс зинда гашт бад-ў боз,
Бо ҳишами хешу он замонаи эшон.
Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,
Зинда бад-ўяст номи Рустами Дастон.
Рўдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,
Мидҳати ў гўю мўҳри давлат бистон.
В-ар-ч бикўшӣ ба ҷаҳди хеш бигўйӣ,
В-ар-чи кунӣ тез фаҳми хеш ба сўҳон.
В-ар чи дусад тобеа фаришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч ҷинниву шайтон (114).
Гуфт надонӣ сазошу хезу фароз ор,
Он-к бигуфтӣ, чунон-к гуфтӣ натвон.
Инак мадҳе чунон, ки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.
Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам,
В-ар чи Ҷарирам ба шеъру Тоию Ҳассон
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ўст ҷаҳонро,
Зинат ҳам з-ўю фарру нузҳату сомон.
Сахт шикўҳам, ки аҷзи ман бинамояд
В-ар чи Сареъам або фасоҳати Саҳбон.
Бар духте мадҳ арҷа карда замоне
В-ар чи бувад чира бар мадоеҳи шоҳон.
Мадҳи ҳама халқро карона падид аст,
Мидҳати ўро карона неву на поён.
Нест шигифте, ки Рўдакӣ ба чунин ҷой,
Хира шавад беравону монад ҳайрон.
В-арна маро Бўумар диловар кардӣ,
В-он гаҳ дастуре гузидаи Аднон.
Заҳра куҷо будаме ба мадҳи амире,
К-аз пайи ў офарид гетӣ Яздон.
В-ар-м заифиву бе надим (115) набудӣ
В-он-к набуд аз амири Машриқ (116) фармон.
Худ бидавидӣ ба сони пайки мураттаб,
Хидмати ўро гирифта ҷома ба дандон.

PDF Compressor Free Version



Мадҳи расул аст узри ман бирасонад,
То бишиносад дуруст мири сухандон.
Узри раҳӣ хеш, нотавониву пирӣ (116 А),
К-ӯ ба тани хеш аз он наёмад меҳмон.
Давлати мирам ҳамеҷа бод бар афзун
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон.
Сар-ш расида ба моҳ бар ба баландӣ,
В-они муъодӣ ба зери моҳӣ пинҳон.
Талъати тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмати пояндатар зи Ҷудию Бахлон (117).

Ва мо ин шеър бад-он ёд кардем, то ҳар ки ин шеър бихонад, амир Бӯҷаъфарро дида бошад, ки ҳама чунин буд, ки вай гуфтааст. Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот Рӯдакӣ бихондааст. Ҳеҷ кас як байт ва як маънӣ аз ин, ки дар-ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳар чи мадеҳ гӯӣ, муқассир бошӣ, ки марде тамом аст. Чун шеър ин ҷо оварданд, даҳ ҳазор динор фиристод Рӯдакиро ва шаробдори амири Хуросонро, ки он ёдгор оварда буд, хилъат дод ва ато ва бозгардонид.

Ба рӯзгори амир Бӯҷаъфар Тоҳири Бӯалӣ ва Муҳаммади Ҳамдун (118) ба ҳашам (119) ба Хуросон шуд(анд), ба даргоҳи амири Хуросон. Ва Тоҳир аз амриён буд ва Муҳаммади Ҳамдун набераи Марзбон буд, ки ба рӯзгори ҷоҳилият (120) Систон эшонро буд ва эшон аз тухми Рустами Дастон буданд. Чун ба даргоҳи амири Хуросон шуданд, ҳар рӯз ба салом рафтандӣ ва ду савори тамом буданд, чунон ки ҳар яке бар ҳазор савор ниҳода буданд. Рӯзе ба Регистони Бухоро ҳаме гӯй заданд ва дувоздаҳ ҳазор барнишаста буд (121) он рӯз аз бузургони ҳашами амири Хуросон. Ва Тоҳир ва Муҳаммади Ҳамдуни Абдуллоҳ ҳар ду истода ҳаме назора карданд. Амири Хуросон ҳоҷиберо фармон дод, ки рав, мираконн сиҷзиро гӯй, то гӯй зананд.

Ҳоҷиб фаро рафт ва гуфт. Эшон хидмат карданд ва асб пошна барниҳоданд (122) ва гӯй заданд, чунон ки аз

PDF Compressor Free Version

он дувоздаҳ ҳазор гӯй бибурданд. Сипаҳсолоре буд арабро ба даргоҳи амири Хуросон, бонг баровард, ба порсӣ гуфт: «Обод бод он шаҳр, ки мардум чунин хезад ва парварад!» Муҳаммад ибни Ҳамдун гуфт: «Камина саворони он шаҳр моем ва моро ёрагӣ набошад, ки андар пеши саворони малик ним рӯз ба майдон андар шавем!» Амири Хуросонро он хуш омад ва ҳар дуро бинавохт ва хилъату моли беандоза дод...

...Ва кори Тоҳир он ҷо боло гирифт, то ӯро амири Хуросон ба сипаҳсолорӣ ба ҳарби Мокон фиристод...

Пас номаи амири Хуросон расид сӯи амир Халаф аз Нӯҳ ибни Мансур (123), ки бигузор то Ҳусайни Тоҳир ва Абдуллоҳи Собунӣ аз ҳисор фуруд оянд ва наздики ман оянд, то ман сухани эшон бишнавам ва они ту шунидаам, то киро воҷиб кунад, ки Систон бидорад. Амир Халаф фармонро пеш рафт ва эшонро бигзорид, то аз ҳисор фуруд омаданд, рӯзи одина даҳ рӯз рафта аз рабеъулаввали санаи исно ва ситтина ва салосумиа (362/972). Ва ба Бухоро шуданд ва амири Хуросонро пазиришҳо карданд ва молҳои бузург. Ва Абдуллоҳи Собунӣ он ҷо биистод ва Ҳусайни Тоҳирро лашкар дод ва амири Хуросон. Амир Халаф чун бишнид, ба Гувайн (124) шуд пазираи ӯ. Ва он ҷо ҳарбе саъб карданд то шаб ва аз ҳар ду гурӯх мардуми бисёр кушта шуд рӯзи одина, чаҳорум аз муҳаррами санаи тисъа ва ситтина ва салосумиа (369/979). Боз ба шаҳр омад амир Халаф ва бар ҳисор шуд. Ва амир Ҳусайн ба Дари Форс фуруд омад ва лашкари Хуросон бар (125) вай. Ва Дари Таом ва шаристон амир Халаф дошт, рӯзи сешанбе ҳафтуми сафар ҳисор маҳкам гирифт ва манҷаниқҳо ва мардон бар кор кард се сол.

## ГИРИФТАНИ АМИР ХАЛАФ ҲИСОР ВА ОҒОЗИ ҲАРБ БО СИПОҲИ ХУРОСОН

То ҳар чи андар Хуросон амир буд ё сипаҳсолор буд ва андар Мовароуннаҳр ҳама ин ҷо омаданд ба фармони

PDF Compressor Free Version


амири Хуросон. (Ва) ҳар рӯз лашкаре нав омадӣ ва амир Халаф ҳар рӯзу ҳар шаб тохтан ҳамеовардӣ ва ҳамекуштӣ. Ва панҷоҳ савор аз они ӯ аз як сӯи сипоҳи Хуросон андар омадандӣ ва ғорат кардандӣ ва бикуштандӣ ва ба дигар сӯ берун шудандӣ. Ва то Ҳусайни Тоҳир тохтан овардӣ, эшон боз бар ҳисор шудандӣ, то ҳама бузургони Хуросон ин ҷо ҳалок шуданд. Ва аз амир Халаф оҷиз омаданд. Ва Ҳусайни Тоҳир ҳамехандидӣ ва шодӣ кардӣ аз мардии лашкари Халаф, то омадани амир Булҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр буд ба нозирӣ (126) ва номаҳои амири Хуросон ба наздики амир Халаф. Чун амир Абулҳасан биёмад ва номаву пайғомҳои амири Хуросон дод, амир Халаф аз ҳисор фуруд омад ва ба ҳисори Тоқ шуд рӯзи панҷшанбе, нӯҳуми шаъбони санаи исно ва сабъина ва салосумиа (372/982). Пас Булҳасани Симҷӯр наздики амир Халаф андар сир пайғом кард, ки амири Хуросон андар ҳадиси ту оҷиз монд ва ҳама умаро ва бузургони Хуросон ин ҷо бар дасти ту ҳалок гаштанд. Акнун маро фиристод зон чӣ донад аз дӯстии миёни ману они ту. Чизе макун, то ман бозгардам. Ва хати Ҳусайни Тоҳир биситонам ва лашкар бозгардонам. Он гоҳ ту беҳ донистӣ (127) бар Ҳусайн. Амир Халаф ба Тоқ шуд ва Булҳасан ба Кӯшан Дайд (128) фуруд омад. Ва расулон дар миёна карданд...

Амир Бӯнаср (129) ва амир Булфазл ҳар ду фармон ёфтанд бе сабабе ва амир Амрро ба рӯзгори Мансур ибни Нӯҳ ба Бухоро гаравгон карда буд ба сабаби лашкарҳо, ки овард ва мол пазируфт. Чун Мансур (130) ибни Нӯҳ фармон ёфт, Нӯҳ ибни Мансур (131) нишаст (ва) бо амир Халаф дӯст буд, амир Амрро он ҷо хилъат дод ва ба Систон фиристод ва фармон дод амир Халаф, то шаҳр они бастанд.

PDF Compressor Free Version

АБЎСАЪИД АБДУЛҲАЙ ИБНИ ЗАҲҲОК ИБНИ
МАҲМУДИ ГАРДЕЗӢ

# Таърихи Гардезӣ

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Соли таваллуд ва вафоти муаррихи барҷастаи асри XI Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ дақиқан муайян нест. Аз он ки Абӯсаъиди Гардезӣ китоби худро, ки бо номи «Зайн-ул-ахбор» иштиҳор ёфта, ба султони Ғазна Зайнулмилла Абдуррашид ибни Маҳмуд (1049—1053) бахшидааст, маълум мегардад, ки ӯ дар авосити садаи XI умр ба сар бурдааст. «Зайн-ул-ахбор» асари мабсути таърихиест, ки мӯҳтавои он аз гузориши таърихи шоҳаншоҳони бостонии Эрон, замони зиндагии Расули акрам (с), хулафои исломӣ, таърихи Хуросон то соли 1041 ва русуми таомули ақвоми мухталиф фароҳам омадааст.

Аз мутолиоти «Зайн-ул-ахбор» бармеояд, ки муаллифи он дар таснифи китоби хеш аз «Китоб-ул-Ҳинд» ва «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ ва, зоҳиран, китоби «Ахбори вулоти Хуросон»-и Абӯалии Салломӣ (ваф. 912—913), «Аълоқ-ан-нафиса»-и Ибни Руста (ваф. 902—903) истифода кардааст. Ҳамчунин осори муаррихон ва ҷуғрофинигорон, аз қабили Абӯзайди Балхӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва ғайра аз маъхазҳои «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ будааст.

Аз ин таърихномаи мӯътабар ду нусхаи қадим то ба рӯзгори мо расидааст, ки дар асри XVI дар Ҳиндустон китобат шуда, феълан дар китобхонаҳои Донишгоҳҳои Кембриҷ ва Оксфорди Инглистон маҳфузанд. Соли 1982 Абдулҳайи Ҳабибӣ дар асоси ин ду нусха матни интиқодии «Зайн-ул-ахбор»-ро бо шарҳу ҳавошии мукаммал дар Теҳрон ба чоп расонид. Пораҳое аз ин китоб ба забонҳои русӣ, инглисӣ, маҷорӣ ва ғайра тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version



## АЛ—МУЪТАЗИД

Ва ба рӯзгори Амр ибни Лайс Мовароуннаҳр Исмоил ибни Аҳмад дошт ва Амр вилояти Мовароуннаҳр аз Муъ-тазид бихост ва Муътазид аҳди он бад-ӯ фиристод. Амр қасди Аҳмад кард ва ба Балх омад ва Аҳмад ибни Исмо-ил ногоҳ аз об бигзашт ва шабехун кард ва Амрро бигирифт ва банд кард ва ба наздики Муътазид фиристод ва Муътазид сахт шодмона гашт ва он фатҳе буд мар Муъ-тазидро ҳар чӣ бузургтар.

## АЛ—МУҚТАДИР БИЛЛОҲ

...Ва чун Ҳасан ибни Алии Утруш бимурд, Лайло ибни Нуъмон, ки сарҳанги Ҳасан буд, сипоҳи ӯ бигрифт ва ба Гургон рафт ва хештанро «Ал-Муайййд ли-дин-иллоҳ ал-Мунтасир ли Оли Расул-ил-лоҳ» (1) лақаб кард ва моле азим дошт ва сахт сахӣ буд, ҳама мол ба лашкар бахшид ва дасташ танг шуд, ноком бибоист рафт, пас (ба) Нишо-бур омад андар санаи самон ва салосумиа (308/920—921) ва Наср ибни Аҳмад—амири Хуросон мар Ҳамуя ибни Алиро пеши ӯ фиристод ва ба Тӯс ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд ва Ҳамуя ҳазимат пазируфт ва сӯи Марв рафт ва Лайло бар асари ӯ бирафт ва андар шаҳри Марв шуд бар асари ӯ. Пас Ҳамуя ва Муҳаммад ибни Абдул-лоҳи Балъамӣ ва Абӯҷаъфари Саълук ва Хоразмшоҳ ва Бакр ибни Муҳаммад ва Симҷӯри Давотдор ва Қаротегин ва Бағро сари он кӯй бигрифт ва Лайло мутаҳаййир шуд. Андар охири кӯй боғе буд, андар он боғ пинҳон шуд. Касони Бағро ӯро бигрифтанд ва кас сӯи Ҳамуя фи-ристоданд. Бифармуд, то сари ӯ бардоштанд ва бар сари

PDF Compressor Free Version


найза карданд ва ба лашкари ӯ намуданд. Эшон битарсиданд ва амон хостанд, ҳамаро амон дод. Ва куштани Лайло шашуми сафар буд санаи тисъа ва салосумиа (309/921).

## АЛ—ҚОҲИР БИЛЛОҲ

Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Мӯътазид буд. Чун ба хилофат биншаст, аҳли ҳарами бародари хешро гирифт ва мутолибат кард (2) ва андар мутолибат баровехташ, то андар он бимурд. Ва писари Муктафиро мил кашид ва аҳди Хуросон ба амири саъид Наср ибни Аҳмад фиристод ба сӯҳбати Аббос ибни Шақиқ.

Пас ҳашам гирд омаданд ва мар Қоҳирро халъ карданд андар шуҳури санаи иснатайн ва ишрина ва салосумиа (322/933—934). Ва андар айёми ӯ амири саъид мар Муҳаммад ибни Музаффар(ро) сипаҳсолории Хуросон дод) ва Мокон аз замини Дайлам бозгашт ва наздики ӯ омад бо хафт тан ва Муҳаммад ибни Музаффар аз баҳри Моконро сутур фиристод ва силоҳу дирам. Пас Мардовез қасди Муҳаммад кард ва Муҳаммад Гургон бигзошт ва ба Нишопур бозомад ва дабире буд мар Мардовезро, номи ӯ—Мутриф ибни Муҳаммад. Пас Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ бо Мутриф мутобиқат кард ва Мутриф замон кард, ки сари лашкарвён бигардонам ва Мардовез низ огоҳ шуд. Мутрифро бигрифт ва ҳама моли ӯ бистад ва охир бикушташ ва бад-он мақсуд нарасиданд.

## АР—РОЗӢ БИЛЛОҲ

Ӯ Абулаббос Муҳаммад ибни Ҷаъфари Муқтадир буд. Марде адиб ва фозил буд ва аз ҳар илме бидонист ва адаб некӯ ёд дошт ва шеър бисёр донист ва сахт фасеҳу комил. ..Ва аҳди Хуросон сӯи Наср ибни Аҳмад фиристод ба сӯҳбати Аббос ибни Шақиқ..

PDF Compressor Free Version

## АЛ—МУТТАҚӢ БИЛЛОҲ

...Чун аз хилофати Муттақӣ се сол бигзашт, амири саъид Наср ибни Аҳмад бимурд ва Муттақӣ аҳди вилояти Хуросон ба Абӯмуҳаммад Нӯҳ ибни Наср фиристод андар шаъбони санаи иҳдо ва салосина ва салосумиа (331/942).

## АЛ—МУСТАКФӢ БИЛЛОҲ

...Ва Мустакфӣ аҳди Хуросон ба амири ҳамид Нӯҳ ибни Наср фиристод ва ӯ бипазируфт ва ҳашами Хуросон бо Абӯисҳоқ Иброҳим ибни (Аҳмад ибни) Исмоил майл карданд ва ӯ ба Мавсил буд, хостанд, ки Мустакфӣ аҳди Хуросон бад-ӯ диҳад ва сабаб он буд, ки чун Бӯалӣ (3) аз Марв ба Нишопур шуд, Муҳаммад ибни Ҷаъфари ориз (4) лашкар араз хост ва бисёр касро аз маъруфони лашкар ном (аз) девон бияфканд. Бад-ин сабаб лашкар бар Бӯалӣ мутағаййир гаштанд ва то Рай биёмаданд ва бо Бӯалӣ ҳам бар он истизодат (буданд) ва Бӯалӣ Қасура ибни Муҳаммадро ба эшон фиристод, то шуғлҳои девони Райро забт кунад ва ҳама ҳаллу аҳди он ба расми ӯ кард, ки ба рӯзгори амири саъид ба расми Бӯалӣ буд. Ва Қасура мутаваллии бистгониҳои лашкар буд ва нигоҳ доштани ҳисоби он ба расми ӯ буд ва ҳашам мар Иброҳим ибни Аҳмадро бихонданд ва пеши Мустакфӣ бирафтанд ва аҳди Хуросон аз баҳри Иброҳим бистаданд ва аз сӯи Хуросон бирафт. Ва чун ба шаҳри Рай бирасиданд андар моҳи рамазони санаи арбаъа ва салосина ва салосумиа (334/945), хабари омадани ӯ ба Нӯҳ расид, бифармуд, то Қасураро бигрифта ва бар вай муаккал карданд.

Чун Абӯалӣ он бидид, бо Иброҳим байъат кард ва сӯи кӯҳ рафт ва Нӯҳ бо лашкар аз Бухоро биёмад бар азми он, ки ҳарб кунад. Ва чун Иброҳим чунон дид, ба чанд минбар бар Иброҳим хутба карда буданд ва кор сахт шуд ва фасод бисёр шуд. Иброҳим мар хештанро ҳалъ кард, то он фитна ва шӯриш биншаст. Ва чун Нӯҳ ба Самар-

PDF Compressor Free Version

қанд омад, Иброҳим ба наздики ӯ омад ва Нӯҳ дил бар вай хуш кард ва аз вай бад-он чӣ карда буд, биписандид.

## АЛ—МУТЕЪ ЛИЛЛОҲ

Абулқосим ал-Фазл ибни Ҷаъфари Муқтадир буд. Чун вай ба хилофат бинишаст, Абулҳусайн Аҳмад ибни Бӯя ҳама аъмоли Мутеъро музаббат кард ва зиёъи бисёр ки пеш аз он хароб гашта. Ва бифармуд, то ҷиср бисохтанд ба Даҷла. Ва андар кори раият талоҳурҳои некӯ кард ва расми зиндон ва шиканҷа ва расмҳои бад, ки туркон ниҳода буданд, бардошт.

...Ва аҳли вилояти Хуросон Нӯҳ ибни Насрро фиристод. Ва ба рӯзгори Мутеъ ба Чагониён мутанаббие берун омад ба деҳе ва гӯянд ба Дари Оҳанин. Номи ӯ Маҳдӣ ва даъвои пайғамбарӣ кард. Ва чун хабари вай бипароганд, мардумон рӯй ба вай ниҳоданд ва бисёр кас аз оммаи мардумон бад-ӯ бигаравиданд. Ва чун ин хабар ба амири ҳамид расид, нома кард сӯи Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффар, то ӯро бигрифт ба Вошгирд ва сари ӯ бибурид ва ба Бухоро фиристод ва он сарро бар сари найза карданд ва бад-он касҳо намуданд, ки бад-ӯ гаравида буданд...

## АЛ—ҚОДИР БИЛЛОҲ

...Ва ба рӯзгори ал-Қодир Биллоҳ Нӯҳ ибни Мансур — амири Хуросон бимурд. Қодир аҳли Хуросон ба Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ фиристод ва ӯ ҳанӯз болиғ набуд, ки ба амирӣ нишаст ва аз бас хабарҳои амир Абулқосим Маҳмуди Сабуктегин, раҳимаҳуллоҳу таъоло, ба наздики ал-Қодир Биллоҳ ҳамебурданд ва ҷалдиҳо ва кифояти шиории ӯ. Ва таърихи охири зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/998) аҳд ва ливои Хуросон ба амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, фиристод ва ӯро «аминуд-давла ва аминулмилла» (5) лақаб карданд...

PDF Compressor Free Version


## ҒАССОН ИБНИ АББОД

Ва чун ...халифатӣ бар Маъмун рост шуд, вилояти Хуросон мар Ғассон ибни Абболдро дод андар раҷаби санаи арбаъа ва миатайн (204/819). Ва Ғассон мар Лайс ибни Саъдро аз Самарқанд маъзул кард ва Нӯҳ ибни Асадро дод ва ба рӯзгори ӯ Маъмун аз Марв бирафт ва ба Бағдод шуд...

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ ТОҲИР

...Ва Абдуллоҳ андар раҷаби санаи хамса (ашара) ва миатайн (215/830) андар Нишопур омад ва Хуросон андар фитнаи хавориҷ буд ва Абдуллоҳ мар Азиз ибни Нӯҳро бар муқаддимаи хеш бифиристод бо даҳ ҳазор кас, то Хуросон аз хавориҷ пок кард ва бисёре аз эшон бикушт...

## АМРИ ЛАЙС

Пас Мӯътамид ва Муваффақ Хуросону Систону Форс мар Амр ибни Лайсро доданд ва Амр аз Ҷундишопур сӯи (Порс) бозгашт ва аз он ҷо сӯи Ҳирот берун омад. Ва Хуҷистонӣ ба Нишобур мақом кард ва Ҳайкони Қорӣ Яҳё ибни Муҳаммад ибни Яҳёи Зуҳлӣ (6) ва ҳама мутаввиъа ва фуқаҳои Нишопур майл сӯи Амр доштанд, ки ӯ фиристодаи амирулмӯъминин буд ва аҳду ливо ӯ дошт.

Ва андар Хуҷистонӣ вақиат карданд, ки ӯ мухолиф буд мар султонро ва чун Хуҷистонӣ хабар ёфт, Аҳмад ибни Мунҳро ба Нишобур халифат кард ва худ ба Ҳирот омад ба ҳарби Амр ибни Лайс. Ва Ҳирот бар Амр ҳисор кард андар санаи сабъа ва ситтина ва миатайн (267/880—881). Ва ҳеҷ чиз натвонист кард ва аз он ҷо қасд сӯи Систон кард. Чун ба Рамалсим расид, он ҳисорро бар Шодони Масрур ва Асрам ҳисор кард. Пас Хуҷистониро дил машғул гашт ва сӯи Нишобур бозгашт ва қавмеро бикушт. Ва Амрро дил форiғ гашт.

PDF Compressor Free Version

Пас Амр ибни Лайс шуғли аморати Хуросонро ҳарчи мекӯтару тамомтар забт кард ва сиёсате ба расм биниҳод, чунон ки ҳеҷ кас бар он гуна нагирифта буд.

Ва чунин гӯянд, ки Амр ибни Лайсро чаҳор хазина буд: яке хазинаи силоҳ ва се хазинаи мол, ки ҳамеша бо вай будӣ: яке хазинаи моли садақоту газидҳо (7) ва он чи бад-он монад ва харҷи он андар ваҷҳи бистгонии сипоҳ будӣ. Дудигар: хазинаи моли хос, ки аз баҳри ғаллаву зиёъ ҷамъ шудӣ ва харҷи он андар ваҷҳи нафақоту матбах ва монанди он будӣ. Ва седигар: хазинаи мол, ки дахли он аз аҳдос (8) ва масодирҳои ҳашам, ки ба душманон майл кардандӣ, ҷамъ шудӣ. Ва харҷи он андар ваҷҳи силатҳои ҳашаму муинҳиёну расулон ва он чи бад-ин монад, сарф шудӣ.

Ва Амр ибни Лайс андар кори ҳашаму лашкар сахт кӯшо буд ва ҳар се моҳ эшонро сила фармудӣ ва бағоят ҳушёр буд. Ва чун мусодира кардӣ, ба вақт кардӣ ва узр ниҳодӣ, то моле аз марде бистадӣ.

Гӯянд: Рӯзе Муҳаммад ибни Бишр (9) пеши Амр омад ва андар хазинаи силот мол намонда буд ва ваъдаи силаи ҳашам наздик омада буд. Ва Амрро ҳаме мол мебоист. Пас Амр рӯй сӯи Муҳаммад ибни Бишр кард ва бо вай итоб кардан гирифт ва гуфт: «Донӣ, ки ту чӣ кардӣ? Ба ҷон ман чунону чунин кардӣ!» Ва аз ҳар чизе ҳамегуфт. Ва Муҳаммад мақсуди Амр бидонист. Гуфт: «Аййада-л-лоҳу-л-амира (10). Ҳар чи маро мол аст, агар аз сабалу барда ва агар аз моли сомит зиёда аз панҷоҳ бадра дирам, ин ҷумла мол аз ман бистон бевосита ва маро аз ин итобу таҳдид афв кун!» Амр гуфт: «Ҳаргиз марде аз ин ҳушёртар надидам». Муҳаммадро гуфт: «Бирав, ин молро ба хазина биспор ва бар ту ҳеҷ харҷ нест». Пас Муҳаммад ибни Бишр он мол ба хазина супурд ва аз бисёр ранҷҳову зиёнҳову миннатҳои дӯстон эмин гашт.

Ва расми Амр чунон будӣ, ки чун сари сол бигзаштӣ, ӯро ду табл буд: якеро «муборак» гуфтандӣ ва дигареро «маймун». Фармуди, то ҳарду таблро бизадандӣ, то ҳама

PDF Compressor Free Version


ҳашам хабар ёфтанди, ки рӯзи сила аст. Пас Саҳл ибни Ҳамдони ориз биншастӣ ва бадраи дирам пеши хеш фурӯ рехтӣ ва шогирди ориз дафтар пеш гирифтӣ. Ва нахустин номи Амр ибни Лайс баромадӣ, пас Амр ибни Лайс аз миён берун омадӣ ва ориз ӯро бингаристӣ ва хиляву асби ӯро ва силоҳи ӯро ҳама сара кардӣ ва ҳама олати ӯро некӯ нигоҳ кардӣ ва бистудиву писандидӣ. Пас сесад дирам бисухтӣ ва андар киса кардӣ ва бад-ӯ додӣ. Амр бистадӣ ва андар соқи мӯза ниҳодиву гуфтӣ: «Алҳамдуллиллоҳ, ки эзиди таъоло маро тоати амирулмӯъминин арзонӣ дошт ва мустаҳиққи аёди ӯ гардонид» ва бозгаштӣ.

Пас бар ҷой баланд шудиву биншастӣ ва сӯи ориз нигоҳ ҳамекардӣ, то ҳама лашкарро — ҳар якеро тафаҳҳус ҳамчунин кардӣ ва асбу зину афзору олати савору пиёда ҳама некӯ нигаристӣ ва силаи ҳар як бидодӣ ба андозаи он кас.

Ва ҳамеша мунҳиён доштӣ бар ҳар солореву сарҳангеву меҳтаре, то аз аҳволи ҳама воқиф будӣ. Ва Амр бас хушёру гурбузу рӯшанрой буд. Ва сабаби баргаштани давлаташ он буд, ки чун Амр сари Рофеъ сӯи Мӯътазид фиристод андар санаи арбаъа ва самонина (5) (284/897—898) дархост аз халифа то аҳди Мовароуннаҳр бад-ӯ фиристад, ки он ба расми Тоҳир ибни Абдуллоҳ буд, пас Мӯътазид мар Ҷаъфар ибни Бағлоғузи ҳоҷибро сӯи Амр фиристод ва нусхати ҳадяҳои Ҷаъфар ба наздики Амр овард. Чун Амр ибни Лайс он нусхат бихонд, аз он ҳама ҳадяҳо тавлияти Мовароуннаҳр хуш омадаш, пас Ҷаъфар сӯи писари халифа Муктафӣ Алӣ ибни Мӯътазид ва Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ва Бадрулкабир ба хилофат биншаст (11) ва эшон бар Рай буданд. Дарвақт аҳди Мовароуннаҳр навиштанд ва сӯи вай фиристоданд ба сӯҳбати Насри Мухторӣ, ки ғуломи Абӯсоҷ буд.

Ва Ҷаъфар бо аҳду ҳадяҳо пеши Амр шуд. Ва андар он ҷо ҳафт даст хилъат буд ва баданае буд мансуҷ ба дур(р) ва мурассаъ ба ҷавоҳиру марворид ва тоҷе буд мурассаъ ба ёқуту ҷавоҳир ва ёздаҳ асб буд, аз он ҷумла даҳ асп ба зину ситоми заррин. Ва якеро зину лигому

ситоми заррин ва мурассаъ ба ёқуту марворид ва аспи намад ва чанини чаноғи он ҳама мурассаъ ба чавоҳир ва чаҳор дасту пои ӯ наъли заррин баста ва сандуқҳои бисёр.

Пас ин ҳама ҳадяҳо пеши Амр бигзоронид ва сандуқҳо андар сарои Амр бинҳоданд ва Чаъфар он хилъатҳо ягон-ягон андар Амр ҳамепӯшид ва ҳар дасте, ки бипӯшидӣ, ду ракъат намоз кардӣ ва шукри он бигзоридӣ.

Пас аҳди Мовароуннаҳр пеши ӯ бинҳод. Амр гуфт: «Инро чӣ хоҳам кард, ки ин вилоят аз дасти Исмоил берун натавон кард, магар ба сад ҳазор шамшери кашида». Чаъфар гуфт: «Ин ту хостӣ, акнун ту беҳтар донӣ!» Амр он аҳд бигирифту бӯса дод ва бар сар ниҳод ва пеши хеш бинҳод. Ва Чаъфар берун шуд.

Пас Амр ибни Лайс Муҳаммад ибни Бишр ва Алӣ ибни Шарвин ва Аҳмади Дарозро ба роҳи Омӯй бар муқаддима пеши Исмоил ибни Аҳмад фиристод. Ва Исмоил ибни Аҳмад ба роҳи Зам аз рӯд бигзашт ва пеши эшон омаду ҳарб кард. Аҳмади Дароз ба зинҳори Исмоил ибни Аҳмад рафт. Ва Муҳаммад ибни Бишр ҳазимат шуд ва лашкар ба талаби ӯ рафтанд, ӯ андар он ҳазимат кушта шуд бо ҳафт ҳазор мард. Ва Алӣ ибни Шарвинро асир гирифтанд ва ин рӯзи душанбе буд ҳаҷдаҳуми шавволи санаи ситта ва самонина ва миатайн (286/900).

Ва чун Алӣ ибни Шарвинро асир гирифтанд, Аҳмади Дароз шафоат кард, то ӯро накуштанд ва ба Бухоро ба зиндон боздоштанд то марг. Ва Исмоил ибни Аҳмад ба Бухоро рафт ва лашкари Систон сӯи Амр бозомаданд ба ҳазимат ва ба Нишопур омаданд.

Чун Амр эшонро бидид, заҷр гашт ва бисёр тангдилӣ кард. Гуфтанд: «Эй амир! Аз ин некӯтар моидаи бузург пухтаанд ва мо ҳанӯз як коса хӯрдем. Ҳар кӣ мард аст, гӯ: бишав, боқӣ бихӯр!» Амр хомӯш гашт.

Пас Амр ибни Лайс лашкар бисохт ва силоҳ бидод ва бо олати бисёр ва уббаҳате тамом рӯй ба Мовароуннаҳр ниҳод аз Нишопур. Чун ба Балх расид, бо Исмоил ибни Аҳмад баробар шуд ва ҳарб карданд ва бас рӯзгоре на-

PDF Compressor Free Version


шуд, ки Амр ибни Лайсро бишкастанд. Ва лашкари Амр ҳазимат шуд ва андар он Амр ибни Лайс дастгир шуд ва ӯро асир карданд ва пеши Исмоил ибни Аҳмад оварданд. Ва ин ҳазимати Амр рӯзи сешанбе буд, нимаи рабеъул аввали сабъа ва самонина ва миатайн (287/900).

Дарвақт Исмоил ӯро ба Самарқанд фиристод. Ва чун хабар ба Мӯътазид расид, сахт шодмона гашт ва Абдуллоҳ ибни Фатҳро ба Хуросон фиристод. Ва аҳди Хуросон ва тоҷу хилъатҳои бисёр андар санаи самон ва самонина ва миатайн (288/901) сӯи Исмоил ибни Аҳмад ба Самарқанд фиристод ва Амрро бифиристод, то Амрро бо ӯ бифиристад. Ва чун Амрро ба Бағдод бурданд ва пеши Мӯътазид омад, Мӯътазид гуфт: «Алҳамдуллилоҳ, ки шарри ту кифоят шуд ва дилҳо аз шуғли ту фориғ гашт». Ва бифармуд то ӯро ба зиндон боздоштанд ва то марг андар зиндон буд ва марги ӯ андар санаи тисъа ва самонина (буд) (289/902).

## ВИЛОЯТ ВА НИСБАТИ СОМОНИЁН

Ва сабаби вилояти Сомониён он буд, ки Сомонхудо ибни Ҳомтон, ки ин ҳамаро бад-ӯ бозхонанд, муғ буд, дини зардуштӣ дошт. Ва насаби ӯ Сомонхудоҳ ибни Хомто ибни Нӯш ибни Тамғосби Шодил ибни Баҳроми Чӯбин ибни Баҳроми Ҳасис ибни Кӯзак ибни Асфиён ибни Кардор ибни Деркор ибни Ҷам ибни Ҷир ибни Бастор ибни Ҳаддод ибни Ранҷаҳон ибни Фир ибни Фаровул ибни Сим ибни Баҳром ибни Шосб ибни Кӯзак ибни Ҷардод ибни Сафрасб ибни Каркин ибни Милод ибни Мараси Марзвон ибни Меҳрон ибни Фозон ибни Кашрод ибни Содсод ибни Башдод ибни Ахшин ибни Фардин ибни Вамом ибни Ареотин ибни Дусари Манучеҳр ибни Кӯзак ибни Эраҷ ибни Афредун ибни Асфиёнбеки Мунбек ибни Сурков ибни Ахшинков ибни Расадков ибни Дерков ибни Риманков ибни Бефруш ибни Ҷамшед ибни Виванкаҳон ибни Аскаҳад ибни Ҳушанг

PDF Compressor Free Version


ибни Фаровак ибни Муншӣ ибни Каюмарс-подшоҳи нахустин, ки бар замин буд (12).

Ва андар он вақт, ки Муҳаммад ал-Амин ба Бағдод халифа буд ва Маъмун ба Марв буд, Хуросон ба расми ӯ буд, ин Сомонхудо ба наздики Маъмун омад ва бар дасти ӯ мусалмон шуд. Ва ӯро писаре буд—номи ӯ Асад. Ва Маъмун мар ин Асадро сахт некӯ доштӣ. Ва ӯро чаҳор писар буд: Нӯҳ, Аҳмад, Илёс ва Яҳё. Ва Маъмун эшонро некӯ доштӣ ва бад-ӯ наздик буданд, аз он чи мардумони асил буданд.

Ва чун Маъмун ба Бағдод рафт ва ба хилофат биншаст ва Хуросон мар Ғассон ибни Аббодро дод, Маъмун ӯро андар маънии эшон васият кард. Пас Ғассон Самарқанд мар Нӯҳ ибни Асадро дод. Ва Фарғона Аҳмад ибни Асад ва Чочу Усрушана Яҳё ибни Асадро. Ва Ҳирот Илёс ибни Асадро.

Чун Тоҳир ибни Ҳусайн ба сарфи Ғассон ба Хуросон омад, эшонро ҳам бар он амалҳо нигоҳ дошт. Ва аз ин ҳама писарон Аҳмад ба кор омадатар буд. Ва чун ӯ бимурд, ӯро ду писар монд: Наср ва Исмоил. Ва ба рӯзгори Тоҳириён Самарқанду Бухоро эшон доштанд. Самарқанд Наср дошт ва Бухоро—Исмоил. Ва миёни эшон некӯ кор ҳамерафт, то бадгӯён миёни эшон таҳриз карданд ва ваҳшат афканданд ва онро мадад ҳамекарданд, то он ваҳшат бодат ёфт (13) в мустаҳкам гашт, то кори эшон ба ҳарб расид ва лашкарҳо бикашиданд ва ба ҳарби якдигар рафтанд, андар санаи хамса ва сабъина ва миатайн (275/888—889) ҳарб карданд ва Исмоил бар Наср зафар ёфт ва Насрро дастгир карданд ва пеши Исмоил оварданд.

Чун Исмоилро чашм бар вай афтод, пиёда шуд ва пеши ӯ омад, бар дасти ӯ бӯса дод ва аз вай узр хост ва ӯро бар сабили хубӣ, бо ҳама ҳашаму ҳошият ба Самарқанд бозфиристод. Ва аз паси он Исмоил мар Насрро бар ҳама Мовароуннаҳр халифа кард ва кор некӯ ҳамерафт.

Ва чун Амр ибни Лайс Мовароуннаҳр аз Мӯътазид бихост ва ичобат ёфт, қасди Исмоил кард ва Исмоил

PDF Compressor Free Version


лашкар бикашид ва пеши Амр омад ва онро кифоят кард ва Амрро ба Бағдод фиристод ва ин қисса гуфта шуда.

## ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД ИБНИ АСАД ИБНИ СОМОН

Ва чӯн вилояти Хуросон мар Исмоилро гашт ва аҳду ливои Мӯътазид бирасид, Исмоил ибни Аҳмад мар Муҳаммад ибни Ҳорунро бифиристод то Гургону Табаристон бигрифт. Ва Муҳаммад ибни Зайд ибни Муҳаммадро бигирифт ва сӯи Исмоил фиристод. Ва Исмоил Гургону Табаристон мар Муҳаммад ибни Ҳорунро дод.

Ва чун якчанде баромад, Муҳаммад ибни Ҳорун осӣ шуд ва Исмоил қасди ӯ кард ва ба Рай шуд ва Ӯкуртамиш кушта шуд. Ва Муҳаммад ибни Ҳорун бо ду писар дастгир шуданд. Ва ин фатҳ ҳафдаҳуми раҷаб буд санаи тисъа ва самонина ва миатайн (289/902).

Ва Исмоил бозгашт ва ба Нишобур омад ва мар Аҳмад ибни Саҳлро бад-он диёр бигзошт. Ва андар ин вақт Мӯътазид бимурд. Ва Муктафӣ ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон ба Исмоил фиристод ва аз паси ӯ писари ӯро—Аҳмад. Ва аҳду ливои Хуросон ба суҳбати Муҳаммад ибни Абдуссамад фиристод бо аҳди вилояти Рай ва Қазвину Занҷон, ки бо вилояти Хуросон зам карда буд.

Ва чун Муҳаммад ибни Абдуссамад ба Нишобур расид, ӯро каромат кард, сесад ҳазор дирам сила дод ва бо ҳадяҳое бисёр ӯро бозгардонид. Пас вилояти Рай Исмоил мар Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқро дод. Мансур Аҳмад ибни Саҳлро сарҳангӣ дод ва ҳараси хеш ба расми ӯ кард ва фармуд, то тимори ҳама ҳашам ӯ бикашад, чунон ки дарди саре ба Мансур наёяд .

Ва Исмоил Гургон писари хеш Аҳмадро дод ва Табаристон—Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммадро ва писарро фармуд, то бо Абдуллоҳ мувофақат кунад ба ҳама корҳо ва ба ҳеҷ чизе ӯро хилоф накунад. Пас аз он мар писари хешро маъзул кард аз Гургон, бад-он сабаб, ки бо Ҷастон корзор накарда, аммо Ҷастонро писари Нӯҳ ҳазимат кард.

PDF Compressor Free Version

Ва Гургон мар Пораси бузург — ҳоҷиби хешро дод. Ва Исмоил ибни Аҳмад бимурд шаби чаҳоршанбеи чаҳордаҳуми сафар санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/908). Ва ӯро «мозӣ» лақаб карданд.

## АШ-ШАҲИД АБӮНАСР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Ва чун Исмоил бимурд, мар писари хеш — Аҳмадро валиаҳд кард бар Хуросон. Ва Муктафӣ аҳди Хуросон ба Аҳмад фиристод ба сӯҳбати Тоҳир ибни Алӣ. Ва ливои ӯ ба дасти хеш баст. Ва чун ба Бухоро расид, Аҳмад ибни Исмоил ӯро некӯ фуруд овард ва бо ӯ некӯӣ кард ва моли бисёр бахшид ӯро.

Андар зулқаъдаи санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/908) Муктафӣ бимурд ва Муқтадир ба хилофат биншаст ва вилояти Хуросон ҳам Аҳмад ибни Исмоил нигоҳ дошт. Ва чун кори Бухоро рост кард, хост, ки сӯи Рай шавад ва он вилоятро низ забт кунад ва ашғоли онро низом диҳад.

Иброҳим ибни Зайдуя ӯро ишорат кард, ки: «Нахуст ба Самарқанд шав ва мар амми хеш — Исҳоқ ибни Аҳмадро бигир, то шуғли Хуросон бар ту нашӯрад, ки ӯ андар сар фузул дорад». Аҳмад ибни Исмоил ба Самарқанд шуд ва Исҳоқро банд кард ва ба Бухоро фиристод.

Пас худ ба Рай шуд андар санаи ситта ва тисъина ва миатайн (296/909—910). Ва аҳди Муқтадир он ҷо бад-ӯ расид, пас Аҳмад мар Абӯҷаъфари Саълукро ба Рай халифа кард ва худ бозгашт андар санаи сабъа ва тисъина миатайн (297/910). Ва ба Ҳирот омад ва аз он ҷо мар Ҳусайн ибни Алии Марвазиро сӯи Систон фиристод. Ва Аҳмад ибни Саҳл ва Муҳаммад ибни Музаффар ва Иброҳим ва Яҳё ибни Зайдуя ва Аҳмад ибни Абдуллоҳро бо вай бифиристод.

Эшон Муаддал ибни Лайсро андар ҳисор карданд. Ва Муаддал мар Абӯалӣ ибни Алӣ ибни Лайсро бифристод то ба Бусту Рухуд шавад ва мол ҷамъ кунад ва сӯи Муад-

PDF Compressor Free Version

дал фиристад. Пас Бўалӣ лашкаре ҷамъ карду хоста бардошт ва рўй ба Систон овард.

Аҳмад ибни Исмоил хабар ёфт ва аз Ҳирот тохтан овард ва он лашкарро ҳазимат кард. Ва Абўалиро бигрифт ва хостааш ҳама бистад ва Абўалиро сўи Бағдод фиристод. Ва Ҳусайн ибни Алӣ ба Систон бо Муаддал ҳаме ҳарб кард. Чун Муаддал хабар ёфт, ки бародараш Бўалиро бигрифтанд, сулҳ кард ва Систон ба Мансур ибни Исҳоқ дод ва худ бо Ҳусайн ибни Алӣ сўи Бухоро рафт.

Ва марде буд аз ҷумлаи ҳашами Аҳмад ибни Исмоил, номи ў Муҳаммад ибни Ҳурмуз маъруф ба Мавлои Синдлӣ ва мазҳаби хавориҷ (14) дошт ва марде пир буд ва муҷарраб. Рўзе ба арзагоҳ омад аз ҷиҳати вазифати хеш. Ва бо Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади ориз илҳоҳ кард. Ориз ўро гуфт: «Туро он савобтар, ки ба работе биншинӣ, ки пир шудай! Ва аз ту коре наёяд».

Муҳаммад ибни Ҳурмузро хашм омад ва аз амир дастурӣ хост ва ба Систон рафт ва андар истод ва ҳама мардуму аҳли ғавғои Систонро аз роҳ бибурд ва бар Мансур ибни Исҳоқ берун овард. Ва мар Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайсро байъат кард андар сар. Ва пешрави эшон Муҳаммад ибни Аббос буд, маъруф ба писари Ҳаффор. Ва Мансур ибни Исҳоқро бигрифтанду бубастанд ва ба зиндон карданд ва хутба бар Амр ибни Яъқуб карданд. Чун Аҳмад ибни Исмоил хабар ёфт, Ҳусайн ибни Алиро бори дигар ба Систон фиристод. Ва ҳарб бипайваст ва нўҳ моҳ ҳаме ҳарб кард. Пас ин пир, ки ўро Мавлои Синдлӣ гуфтандӣ, бар гўшаи ҳисор омад ва гуфт: «Бигўед Абулхасани оризро, ки фармони ту кардам ва работе гирифтам, дигар чӣ фармоӣ?»

Пас Амр ибни Яъқуб ва писари Ҳаффор аз Ҳусайн зинҳор хостанд. Эшонро зинҳор дод ва Мансур ибни Исҳоқро итлоқ карданд. Ва Ҳусайн писари Ҳафforro наздик кард ва некў ҳамедоштӣ. Пас рўзе пеши ў омаданд. Амр ибни Яъқуб ва писари Ҳафforro бигрифту банд барниҳод. Ва Ҳусайн чунон донист, ки Аҳмад Систон ўро диҳад. Пас Аҳмад мар Симҷури Дуваитдорро дод ва Ҳу-

PDF Compressor Free Version

сайнро бифармуд, то бозгардад бо он зинҳориён. Пас Ҳусайн мар Амр ибни Яъқубро ва писари Ҳафорро андар Бухоро овард андар санаи салосумиа (300/913—914).

Чунин гӯянд, ки Аҳмад ибни Исмоил сахт мулаллаъ буд бар сайд кардан. Ҳангоме сӯи Фарабр сайд рафта буд, чун сӯи Бухоро рафт, фармуд, то лашкаргоҳро бисӯхтанд. Чун андар роҳ бирасид номаи Абулаббоси Саълук расид, ки волии Табаристон буд, ки Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Умар ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, разияллоҳу анҳум, ки ӯро Ҳасани Утруш гуфтандӣ, берун омадааст.

Чун нома бихонд, мутаҳаййир гашт ва сахт тангдил шуд. Пас сар сӯи осмон кард, гуфт: «Ё раб! (Агар) андар собиқ қазои ту ва тақдири осмонӣ чунон рафтааст, ки ин подшоҳӣ аз ман бишавад, ту маро ҷон бистон!» Ва аз он ҷо сӯи лашкаргоҳ омад, оташ зада буданд, он ба фол на нек буд.

Ва шере буд, ки ҳар шаб бар дари Аҳмад ибни Исмоил будӣ, то ҳеҷ кас гирд наёрастӣ гаштан. Он шаб он шерро наёварданд ва дигар касон аз асҳоб бар дар низ нахуфтанд. Пас андар шаб чанде аз ғуломони ӯ андар омаданд ва гулӯи ӯ бибуриданд ва ин ҳол рӯзи панҷшанбе буд бисту якуми ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/914).

Ӯро аз он ҷо ба Бухоро бурданд ва дафн карданд. Ва қавмеро аз паси он ғуломон фиристоданд, баъзе аз эшон бигрифтанд ва бикуштанд. Ва Абулҳасан Наср ибни Исҳоқи котибро тӯҳмат карданд, ки бо ғуломон мутобиқ буд ба куштани амири шаҳид. Ӯро бигрифтанд ва бар дор карданд ва мар Аҳмад ибни Исмоилро «амири шаҳид» лақаб карданд.

## АС-САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД

Пас Наср ибни Аҳмад ас-Саъид ба вилояти Хуросон ба хилофат бинишаст бисту якуми ҷумодиюлохири санаи иҳ-

PDF Compressor Free Version


до ва салосумиа (301/914) ва ӯ ҳаштсола буд. Ва сӣ солу се моҳ амири Хуросон буд.

Чун амири шаҳидро бикуштанд, ба Бухоро машоих ва ҳашам гирд омаданд ва иттифоқ бар писари ӯ карданд— Наср ибни Аҳмад. Пас ӯро Саъди ходим бар гардани хеш нишонд ва берун омад, то бар вай байъат карданд. Ва соҳибтадбираш Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ буд. Корҳо бар ваҷҳи некӯ пеш гирифт ва ҳамеронд.

Ва Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ марде доно буд ва сахт ҳушёру ҷалду фозил. Ва андар ҳама чизҳо басорат дошт. Ва ӯро таълифҳои бисёр аст андар ҳар фанневу илме. Ва чун ӯ ба вазорат биншаст, ба ҳама мамолики ҷаҳон нома навишт. Ва расмҳои ҳама даргоҳҳову девонҳо бихост, то нусхат карданд ва ба наздики ӯ оварданд, чун вилояти Руму Туркистон, Ҳиндустону Чин, Ироқу Шом, Мисру Занҷ, Зобулу Кобул ва Синду Араб. Ҳама расмҳои ҷаҳон ба наздики ӯ оварданд ва он ҳама нусхатҳо пеш биниҳод ва андар он нек тааммул кард ва ҳар расме, ки некӯтару писандидатар буд, аз он ҷо бардошта ва он чи носитудатар буд, бигзошт. Ва он расмҳои некӯро бигрифт ва фармуд, то ҳама аҳли даргоҳу девони ҳазрати Бухоро он расмҳоро истеъмол кардандӣ. Ва ба раъй ва тадбири Ҷайҳонӣ ҳама кори мамлакат низом гирифт.

Ва чанд тан аз хавориҷиён берун омаданд ва пеши ҳар як лашкар фиристод, ҳама мансуру музаффар бозомаданд. Ва дар ҳеҷ коре қасд накард, илло мақсуди ӯ ҳосил шуд.

Ва чун Наср ибни Аҳмад ба амирӣ биншаст, аввал касе, ки осӣ шуд, амми падари ӯ Исҳоқ ибни Аҳмад (буд) ба Самарқанд. Ва писари ӯ Илёс ибни Исҳоқ пеши шуғли лашкар биистод ва лашкар сӯи Бухоро кашиданд. Пас Наср мар Ҳамуя ибни Алиро пеши ӯ фиристод ва ба Хартанг (15) ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд андар моҳи рамазони иҳдо ва салосумиа (301/914). Пас рӯзгоре нашуд, ки Исҳоқро ҳазимат карданд ва сӯи Самарқанд бозгашт ва Ҳамуя ибни Алӣ бар ақиби Исҳоқ бирафт ва кор бар вай танг бигрифт, чунон ки бар ӯ айш мунағғас гашт

PDF Compressor Free Version

сайнро бифармуд, то бозгардад бо он зинҳориён. Пас Ҳусайн мар Амр ибни Яъқубро ва писари Ҳафforро андар Бухоро овард андар санаи салосумиа (300/913—914).

Чунин гӯянд, ки Аҳмад ибни Исмоил сахт мулаллаъ буд бар сайд кардан. Ҳангоме сӯи Фарабр сайд рафта буд, чун сӯи Бухоро рафт, фармуд, то лашкаргоҳро бисӯхтанд. Чун андар роҳ бирасид номаи Абулаббоси Саълук расид, ки волии Табаристон буд, ки Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Умар ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, разияллоҳу анҳум, ки ӯро Ҳасани Утруш гуфтандӣ, берун омадааст.

Чун нома бихонд, мутаҳаййир гашт ва сахт тангдил шуд. Пас сар сӯи осмон кард, гуфт: «Ё раб! (Агар) андар собиқ қазои ту ва тақдири осмонӣ чунон рафтааст, ки ин подшоҳӣ аз ман бишавад, ту маро ҷон бистон!» Ва аз он ҷо сӯи лашкаргоҳ омад, оташ зада буданд, он ба фол на нек буд.

Ва шере буд, ки ҳар шаб бар дари Аҳмад ибни Исмоил будӣ, то ҳеҷ кас гирд наёрастӣ гаштан. Он шаб он шерро наёварданд ва дигар касон аз асҳоб бар дар низ нахуфтанд. Пас андар шаб чанде аз ғуломони ӯ андар омаданд ва гулӯи ӯ бибуриданд ва ин ҳол рӯзи панҷшанбе буд бисту якуми ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/914).

Ӯро аз он ҷо ба Бухоро бурданд ва дафн карданд. Ва қавмеро аз паси он ғуломон фиристоданд, баъзе аз эшон бигрифтанд ва бикуштанд. Ва Абулҳасан Наср ибни Исҳоқи котибро тӯҳмат карданд, ки бо ғуломон мутобиқ буд ба куштани амири шаҳид. Ӯро бигрифтанд ва бар дор карданд ва мар Аҳмад ибни Исмоилро «амири шаҳид» лақаб карданд.

## АС-САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД

Пас Наср ибни Аҳмад ас-Саъид ба вилояти Хуросон ба хилофат биншаст бисту якуми ҷумодиюлохири санаи иҳ-

PDF Compressor Free Version


до ва салосумиа (301/914) ва ӯ ҳаштсола буд. Ва сӣ солу се моҳ амири Хуросон буд.

Чун амири шаҳидро бикуштанд, ба Бухоро машоих ва ҳашам гирд омаданд ва иттифоқ бар писари ӯ карданд — Наср ибни Аҳмад. Пас ӯро Саъди ходим бар гардани хеш нишонд ва берун омад, то бар вай байъат карданд. Ва соҳибтадбираш Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ буд. Корҳо бар ваҷҳи некӯ пеш гирифт ва ҳамеронд.

Ва Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ марде доно буд ва сахт ҳушёру ҷалду фозил. Ва андар ҳама чизҳо басорат дошт. Ва ӯро таълифҳои бисёр аст андар ҳар фанневу илме. Ва чун ӯ ба вазорат биншаст, ба ҳама мамолики ҷаҳон нома навишт. Ва расмҳои ҳама даргоҳҳову девонҳо бихост, то нусхат карданд ва ба наздики ӯ оварданд, чун вилояти Руму Туркистон, Ҳиндустону Чин, Ироқу Шом, Мисру Занҷ, Зобулу Кобул ва Синду Араб. Ҳама расмҳои ҷаҳон ба наздики ӯ оварданд ва он ҳама нусхатҳо пеш биниҳод ва андар он нек тааммул кард ва ҳар расме, ки некӯтару писандидатар буд, аз он ҷо бардошта ва он чи носитудатар буд, бигзошт. Ва он расмҳои некӯро бигрифт ва фармуд, то ҳама аҳли даргоҳу девони ҳазрати Бухоро он расмҳоро истеъмол кардандӣ. Ва ба раъй ва тадбири Ҷайҳонӣ ҳама кори мамлакат низом гирифт.

Ва чанд тан аз хавориҷиён берун омаданд ва пеши ҳар як лашкар фиристод, ҳама мансуру музаффар бозомаданд. Ва дар ҳеҷ коре қасд накард, илло мақсуди ӯ ҳосил шуд.

Ва чун Наср ибни Аҳмад ба амирӣ биншаст, аввал касе, ки осӣ шуд, амми падари ӯ Исҳоқ ибни Аҳмад (буд) ба Самарқанд. Ва писари ӯ Илёс ибни Исҳоқ пеши шуғли лашкар биистод ва лашкар сӯи Бухоро кашиданд. Пас Наср мар Ҳамуя ибни Алиро пеши ӯ фиристод ва ба Хартанг (15) ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд андар моҳи рамазони иҳдо ва салосумиа (301/914). Пас рӯзгоре нашуд, ки Исҳоқро ҳазимат карданд ва сӯи Самарқанд бозгашт ва Ҳамуя ибни Алӣ бар ақиби Исҳоқ бирафт ва кор бар вай танг бигрифт, чунон ки бар ӯ айш мунағғас гашт

PDF Compressor Free Version


ва чун сахт музтар гашт, нома навишт ва амон хост. Ӯро амон доданд, то ба Бухоро омад, ӯро некӯ ҳамедоштанд ва он ҷо бимонд то марг.

Ва Ҳусайн ибни Алӣ чун Систон бигирифта буд, тамаъ дошта, ки Систон ӯро бидиҳанд, надоданд. Ва аз он мутаваҳҳиш гашт ва мунтазир ҳамебуд фасоди давлати Аҳмадро. Ва чун Аҳмад бимурд, ӯ ба Ҳирот осӣ шуд ва чанд вақт андар он исён буд.

Пас рӯзе лашкар арз кард ва қасди Нишопур кард ва аз Бухоро Аҳмад ибни Саҳлро ба ҳарби ӯ фиристоданд. Аҳмад ба Ҳирот омад ва онро бикшод. Ва Мансур ибни Алӣ — бародари Ҳусайн амон хост ва пеши Аҳмади Саҳл омаданд. Пас Аҳмад сӯи Нишопур омад андар моҳи рабеъулаввали санаи ситта ва салосумиа (306/918). Ва бо Ҳусайн ибни Алӣ ҳарб кард ва Ҳусайнро асир кард ва (ба) Нишобур мақом кард. Ва Муҳаммад ибни Аҷҳад соҳибшурти Бухоро буд ва ба Марв буд. Ӯ ба наздики Аҳмад ибни Саҳл омад бо Муҳаммад ибни Муҳаллаб ибни Зароҳи Марвазӣ ва аз он ҷо бозгаштанд ва ба Бухоро рафтанд.

Ва ин Аҳмад ибни Саҳл аз асилони Аҷам буд ва набераи Яздиҷурди Шаҳриёр буд ва аз ҷумлаи деҳқони Ҷиранҷ (16) буд, ки аз деҳҳои бузурги Марв аст. Ва ҷадди Аҳмад Комгор ном буд ва ба Марв гуле аст, ки бар ӯ бозхонанд, гули комгорӣ гӯянд, бағоят сурх бошад.

Ва ин комгориён хидмати тоҳириён карданд ва бародарон ҳама дабирону мунаҷҷимон буданд: Фазлу Ҳусайну Муҳаммад писарони Саҳл ибни Ҳошиманд, ки илми нуҷум некӯ донист. Рӯзе ӯро пурсиданд, ки толеъи писарони хеш чун нангарӣ, то оқибати эшон чӣ гуна хоҳад буд? Гуфт: «Чӣ нигарам, ки ҳар се ба як рӯз кушта хоҳанд шуд андар таассуби араб». Ва ҳамчунон буд.

Ва Аҳмад, чун бузург шуд, хуни бародарон талаб кард, ҳазор мард бо ӯ гирд омаданд. Пас Амр ибни Лайс ба талаби (ӯ) касон фиристод ва ӯ битарсид ва касе, ки бар асари ӯ шудӣ, ҳарб ҳамекардӣ ва даст надодӣ. Пас Амр ибни Лайс ӯро амон дод, ба наздики хеш хонд. Ва чун

Аҳмад пеши Амр омад, ӯро бигрифт ва ба зиндон кард ба Систон. Ва хоҳари Аҳмад—номи ӯ Ҳафса—Аҳмадро таъаҳҳуд ҳамекардӣ. Амр мар Аҳмади Саҳлро бифармуд, то хоҳари хешро ба ғуломи ӯ диҳад, номи ӯ Субкарӣ ва Аҳмадро сӯи Марв бифиристад.

Аҳмад иҷобат накард ва битарсид, ки Амр бар ӯ интиқом кунад. Пас ҳила кард ва хоҳари хешро фармуд, то пайваста ба хидмати духтари Амр ҳамешуд. Пас хоҳари Аҳмад ба духтари Амр шафоат кард, то Аҳмадро ба гармоба шудан дастурӣ бошад, ки мӯи ӯ дароз шуда бошад. Чун дастурӣ ёфт, ба гармоба шуд ва оҳак кард бар сару риши хеш. Ва чун ғуломе берун омад бо ҷаъду турра. Ва ҷомаи бегона бипӯшиду бирафт, ки аз он муваккалон ҳеҷ кас ӯро нашнохт ва андар шаҳри Систон мутанаккир шуд.

Пас Абӯҷаъфари Саълук ӯро аз Амр бихост, Амр бубахшид то ошкоро шуд ва шарт кард бо вай, ки кулоҳ нанниҳад ва мӯза напӯшад. Ва Аҳмад бар ин ҷумла замон кард. Пас Аҳмад андар сар ҷаммозаҳо бисохт ва аз Систон берун омад ва ба Марв бишуд. Қавме ҷамъ кард ва Абӯҷаъфари Ғӯриро, ки халифаи Амр буд, бигрифт ва бибаст ва аз Исмоил ибни Аҳмад амон хост ва ба Бухоро бирафт.

Исмоил ӯро каромат кард ва бар дасти Аҳмад корҳое бузург рафт ва фатҳҳое нек баромад ва Аҳмади Саҳл марде бораъй буд ва гурбузу дониставу зирак. Чун ба наздики Исмоил ибни Аҳмад ӯро қабул афтод, он ҷо қарор кард ва мардиҳо кард, то ҳар рӯз азизтар гашт. Ва ба рӯзгори амири шаҳид ҳам бар он ҷо ҳамебуд ва ба рӯзгори амири саъид Нишопур ӯро буд. Пас исён падид кард ба Нишопур ва номи Саъид аз хутба бияфганд. Қаротегин, ки амири Гургон буд, қасди ӯ кард. Аҳмад ба Нишопур бирафт ва ба Марв шуд ва ҳисори Ҳасниро бино кард ва онро ҳисор гирифт.

Ва чун хабар ба Бухоро бирасид, мар Ҳамуя ибни Алиро ба ҳарби ӯ фиристод. Ва чун ба Марв даршуданд, Ҳамуя мар сарҳангони лашкари хешро бифармуд, то бо Аҳмад ибни Саҳл мукотабат карданд ва бад-ӯ майл намуданд. Ва чун номаҳо ба Аҳмад расид, бад-он мағрур гашт

PDF Compressor Free Version

ва ҳазм нагирифт ва аз Марв қасди Ҳамуя кард ва ба Ҳавзон ба якдигар расиданд бар канори рӯд. Андарвақт лашкари Аҳмадро ҳазимат карданд ва Аҳмад танҳо бимонд ва ҳарб ҳамекарданд, то сутураш тоқат дошт. Ва чун асбаш бияфтод, ӯ пиёда шуд, ба сипоҳ ҳарб кард, охир бигрифтандаш ва банд карданд ва ба Бухоро фиристоданд ва амири саъид фармуд то ба зиндон кардандаш. Ва андар он зиндон бимурд андар зулҳиҷҷаи санаи сабъа ва салосумиа (307/919).

Ва андар санаи сабъа ашара ва салосумиа (317/929—930) амири саъид аз Бухоро сӯи Нишопур рафт ва бародарони хеш—Иброҳим ва Яҳёву Мансурро ба куҳандизи Бухоро боздошт ва фармуд, то иҷрои (17) эшонро дар он ҳамедоданд. Ва таббохе буд номи ӯ Абӯбакр ибни Уммии Хаббоз, ки иҷрои эшон додӣ ва аблаҳгуна буд ва ҳамеша гуфтӣ, ки «амири саъидро аз ман ранҷ бояд дид». Ва мардумон аз ҳамоқати ӯ бихандидандӣ. Ин Абӯбакр миёни бародарони Саъид ва миёни фузулиёни Бухорову лашкар восита буд.

Пас рӯзе мувозаъат ниҳоданду биёмаданд, дарбони куҳандизро фуруд гирифтанд ва писарони Аҳмадро ва ҳар чӣ маҳбус андар куҳандиз — ҳамаро берун оварданд ва Бухоро бигрифтанд. Ва Яҳё мар ин Абӯбакри таббохро сарҳангӣ дод ва ба хештан наздик кард.

Ва чун хабар ба Саъид расид, аз Нишопур бозгашт ва қасди Бухоро кард, Яҳё мар Абӯбакри таббохро бо хайли ӯ ба лаби Ҷайҳун фиристод то роҳ нигоҳ дорад ва нагзорад, ки гузора шавад. Ва писари Ҳусайн ибни Алии Марвазиро бо ӯ фиристод. Ва чун ба лаби Ҷайҳун расиданд, Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ (ба) писари Ҳусайн руқъа навишт. Писари Ҳусайн мар Абӯбакри таббохро бигрифту бибаст. Ва амири саъид аз рӯд гузора кард ва ба Бухоро омад ва бифармуд, то Абӯбакрро зери тозиёна бикуштанд ва пас ӯро (дар) танӯри тофта ниҳоданд ва як шаб андар танӯр бидоштанд. Дигар рӯз баркашиданд, ҳеҷ андоми ӯ насӯхта буд, ҳаман мардумон аз аҷаб доштанд.

Ва бародарони амири саъид мутафарриқ уфтоданд. Ва

PDF Compressor Free Version


Яҳё ба Самарқанд шуд ва аз он ҷо ба Балх шуд ва аз он ҷо ба Нишопур рафт ва аз он ҷо ба Бағдод шуд ва ҳам он ҷо бимурд ва тобути ӯ ба Исбиҷоб оварданд.

Ва андар санаи ишрина ва салосумиа (320/932) ал-Қоҳир Биллоҳ ба хилофат бинишаст ва амири саъид сӯи Нишопур омад ва кори гаронро низом дод. Ва чун аз шуғли Гургон фориғ шуд, сипоҳсолории Хуросон ба Абубакр Муҳаммад ибни Музаффар дод. Ва чун ба Бухоро бозгашт, пас ар-Розӣ Биллоҳ ба хилофат бинишаст ва аҳди Хуросон сӯи Наср ибни Аҳмад фиристод ба сӯҳбати Аббос ибни Шақиқ (18).

Ва андар ин вақт Муҳаммад ибни Музаффар (дар) Нишопур буд ва Мардовез ба Рай. Ва Мардовез аз Рай сӯи Исфаҳон хост рафт. Андар роҳ ба гармоба фурӯ рафт. Ғуломон ӯро андар гармоба бикуштанд андар санаи салоса ва ишрина ва салосумиа (323/934—935). Ва Баҷками Мокони (19) солори он ғуломон буд ва Муҳаммад ибни Музаффар (ба) Нишопур нолида гашт ва иллат бар ӯ саъб шуд. Пас амири саъид мар Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффар ба Нишопур фиристод ва Муҳаммадро боз кард. Ва Аҳмад андар муҳаррами санаи самона ва ишрина ва салосумиа (328/939) сӯи Гургон шуд ва шаҳр бар Мокон ҳисор кард ва кор бар вай танг гашт. Ва ҳама қавми Мокон аз Абӯалӣ зинҳор хостанд, ки алаф танг шуда буд. Ва Мокон сӯи Табаристон бигурехт ва Абӯалӣ сӯи Қумис шуд ва андар санаи тисъа ва ишрина ва салосумиа (329/940—941). Ва аз он ҷо ба Рай шуд. Вушмгир ибни Зиёр он ҷо буд, аз Мокон истиъонат хост. Ӯ аз Табаристон биёмад ва бар дари Рай ҳарб карданд. Абӯалӣ эшонро ҳазимат кард ва аз лашкари эшон бисёр бикуштанд ва Мокон андар маърака кушта буд, сари ӯ ба Бухоро фиристод ва аз он ҷо ба сӯҳбати Аббос ибни Шафиқ ба Бағдод фиристод.

Ва Абӯалӣ писари Моконро бо нӯҳсад дайламии маъруф, ки асир гирифта буд андар ғазо, раҳо кард ва бар уштурон ниҳода, ба Бухоро фиристод ва андар зиндони Бухоро ҳамебуданд, то Вушмгир ба Бухоро омад ба тоат ва эшонро бихост, бад-ӯ бахшид.

PDF Compressor Free Version

Пас ал-Муттақӣ ба хилофат биншаст андар санаи тисъа ва ишрина ва салосумиа (329/940—941). Ва аҳди Хуросон сӯи амири саъид фиристод ва Аҳмад ибни Муҳаммади Музаффар ба Рай буд, Вушмгир ба Табаристон буд ва Сорияро ҳисор гирифта буд. Ва чун Аҳмад қасди ӯ кард, ҳол бар вай танг шуд ва ҳама вилояти ӯ бигрифт. Ва зимистон андар омад ва боронҳо мутавотир шуд. Пас сулҳ ҷустанд ва мавозиат бинҳоданд, ки Вушмгир сар аз итоат накашад. Ва Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад сӯи Гургон бозгашт. Андар ҷумодиюлухрои санаи ихдо ва салосина (331/ 942) ва ҳам андар ин моҳ амири саъид фармон ёфт.

Ва чун ӯ бимурд, аз он мудаббирону дабирон, ки бар дари ӯ буданд, касе намонд ва худуду гурӯхе миёни лашкаши ӯ андар уфтод. Ва шуғли тадбир аз Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ сӯи Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷайҳонӣ шуд. Ва Муҳаммад ибни Ҳотами Мусъабӣ хилоф кард ва корҳо бенизом гашт.

## АЛ-ҲАМИД АБӮМУҲАММАД НӮҲ ИБНИ НАСР

Ва амири ҳамид ба хилофат биншаст дар вилоёти Хуросон андар шаъбони санаи ихдо ва салосина ва салосумиа (331/942). Ва дувоздаҳ солу се моҳ амирӣ кард ва ба моҳи рабеъулохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954) бимурд.

Ва чун ба амирӣ биншаст, вазорату шуғли тадбир ба Абулфазл Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҳоким дод, ки ӯро «ҳокими ҷалил» хонанд ва бистгонии ҳашам бар дасти ӯ кард ва Абулфазл расмҳои некӯ ниҳод. Ба Абуллабос Аҳмад ибни Ҳамуя аз амири ҳамид тарсон буд, ки амири саъид ба рӯзгори зиндагонӣ валиаҳд мар Исмоил ибни Насрро карда буд. Ва Аҳмад ибни Ҳамуя соҳибтадбири ӯ буд ва душманон миёни Исмоилу Нӯҳ писарони Наср тазрибҳо карда буданд. Ва Исмоил пеш аз Наср бимурд ва он хашм дар дили Ҳамид монда буд.

Ва Аҳмад ибни Ҳамуя ҳаметарсид ва амири саъид ӯро

PDF Compressor Free Version

гуфта буд, ки «агар маро ҳодиса бошад, Нӯҳ бо ту накӯй накунад». Ва чун амири ҳамид ба амирӣ биншаст, Аҳмад ибни Ҳамуя аз Ҷайҳун бигзашт ва ба Омуй омад ва пинҳон ҳамебуд.

Чун як сол баромад, шумор карданд, ҳоким шасту анд бор ҳазор ҳазор дирам ба ҳашам дода буд ва ҳеҷ кас хушнуд набуд ва хазинаҳо холӣ шуд ва ҳашамҳо ба гила. Асари аҷзу заъфи раъйи ӯ падид омад. Ва андар зулҳиҷҷаи санаи ихдо ва салосина ва салосумиа (331/942) зилзила хост ба ноҳияти Нисо ва бисёр деҳҳоро вайрон кард ва афзун аз панҷ ҳазор мардум зери гил шуданд. Ва амири ҳамидро аз Муҳаммад ибни Туғони ал-Ҳоҷиб суханҳои мункир шунавониданд. Фармуд, то ӯ ва писаронашро бикушанд. Ва чун Нӯҳ ба Марв омад андар санаи иснайн ва салосина ва салосумиа (332/942—943), Аҳмад ибни Ҳамуя хабар надошт, муфоҷот аз хона берун омад, ӯро бигирифтанд ва пеши Нӯҳ оварданд. Чун Нӯҳ ӯро бидид, инкоре накард, илло накӯй гуфт ва умедҳое некӯ кард ва некӯ пурсидаш. Ва ӯро мушоҳара фармуд кардан аз он чӣ марде корӣ буда.

Пас амири ҳамид аз Марв сӯи Нишопур рафт андар раҷаби салоса ва салосина ва салосумиа (331/942) ва панҷоҳ рӯз он ҷо мақом кард ва қавм аз раъоё биёмаданд ва аз бадхӯии Абӯалӣ бинолиданд ва аз дароздастии халифагони ӯ. Пас амири ҳамид ӯро маъзул кард ва Иброҳим ибни Симҷӯрро ба ҷои ӯ биншонд ва худ сӯи Бухоро бозгашт.

Ва андар санаи арбаъа ва салосина ва салосумиа (334/945—946) ба хилофат биншаст. Пас ҳашами Рай мар амир Нӯҳро хилоф карданд ва қасди исён карданд. Чун хабар ба амир Нӯҳ расид, аз он ҷо ба Марв омад ва ҳоким тазриб кард ва гуфт амир Нӯҳро, ки «ин ҳама Аҳмад ибни Ҳамуя кунад, то дили ту машғул бошад». Ва бисёр бигуфт, то Нӯҳ бар вай мутағаййир гашт ва бифармуд то Аҳмад ибни Ҳамуяро пеши ҳоким зери чӯб бикуштанд андар санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/946—947).

PDF Compressor Free Version

Ва ҳашам ба Марв даромаданд ва аз Муҳаммад ибни Муҳаммади ҳоким шикоят карданд ва гуфтанд: «Темори лашкар надорад ва таахҳуд накунад ва бистгонӣ надиҳад ва кор бар ту бишӯрид ва Абӯалиро ӯ осӣ кард ва дили ҳашам ӯ биёзурд». Ва Абӯалӣ ҳилате карда буд ва дили бисёр кас аз ҳашам хуш гардонида буд бар хештан. Пас ҳашам гуфтанд, ки «амир дасти ӯро аз мо кӯтоҳ кунад, ва агар на, мо ба як сӯ шавем аз пеши ӯ». Амири ҳамид фармуд, то ҳокимро аз он ҷо, ки буд, бикашиданд андар рӯй ва ҳамеоварданд то дар сарой ва ҳамон ҷо фармуд, то бикуштандаш андар санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/946—947) ва ин аз паси куштани писари Ҳамуя ба ду моҳ буд.

Ва пас Абӯалии Чағонӣ бо Иброҳим — аммии амири ҳамид ва бо ҳашам ба Нишопур омад ва Иброҳим ибни Симҷӯр ва Мансур ибни Қаротегин ва хайли ӯ бирафтанд ва ба Марв шуданд наздики Нӯх. Ва Абӯалӣ аз Нишопур берун омад охири моҳи рабеъулаввали санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/946) ва ба Сарахс омад ва аз он ҷо қасди Марв кард. Чун ба деҳи Айқон расид, номаҳои бисёр кас расид аз пайвастагону сарҳангони Нӯх ва майл карда ба Абӯалӣ. Ва Абӯалӣ ба деҳи Синг (20) як фарсангии Марв фуруд омад Ва Нӯх сӯи Бухоро рафт ва Абӯалӣ андар Марв омад. Ва чанд вақт бибуд, пас сӯи Бухоро рафт ва Ҷайҳун бигзошт.

Ва Нӯх ба Самарқанд рафт ва Абӯалӣ хутба бар Иброҳим ибни Аҳмад кард ва чанд гоҳ он ҷо бибуд. Пас мардумони Бухоро қасд карданд, ки Абӯалиро бо ҳама наздиконии ӯ фурӯ гиранд. Чун хабар бад-ӯ расид, дигар рӯз берун омад ва фармуд, то ҳама қавми ӯ низ берун омаданд ва ҳама, баззу кумош бардоштанд, берун оварданд ва хостанд, ки оташ андар шаҳр зананд.

Пас сарони шаҳр берун омаданд ва шафоат карданд, ба худои азза ва ҷалла, ӯро битарсониданд, то фуруд истод. Ва чун дид, ки эътиқоди мардуми шаҳр бо ӯ на некӯст, Абӯҷаъфарро биншонд ва ҳар касеро бар шуғле насб кард аз шуғлҳои девон. Ва худ ба роҳи Рахнаи Ҳамуй

PDF Compressor Free Version



берун рафт ва чунон намуд, ки сӯи Самарқанд шавад ва то Нахшаб бишуд. Пас ҳама сарҳангону ҳашамро бозгардонид ва худ сӯи Чағониён рафт.

Ва чун Абӯалӣ бирафт, Иброҳим ва Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Наср кас ба наздики амир Нӯҳ фиристоданд ва аз вай амон хостанд. Эшонро амон дод ва узри эшон бипазируфт. Ва худ ба Бухоро бозомад андар моҳи рамазони санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/947).

Ва ҳам андар ин сол Мутеъ ба хилофат биншаст. Ва амири ҳамид сипаҳсолории Хуросон мар Мансур ибни Қаротегинро дод ва Мансур аз Бухоро ба Марв омад ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Қазвинӣ ба Марв буд, пеши Мансур омад ва ӯро хидмат кард ва Мансур аз он ҷо ба Нишопур омад ваАбӯалӣ ба Чағониён ҳамебуд. Пас хабар расид Абӯалиро, ки амир Нӯҳ лашкар ҷамъ кард ва бар ту тохтан хоҳад овард. Ва Абӯалӣ ҳазми он бигрифт ва сӯи Балх омад ва чанд гоҳ он ҷо бибуд. Пас аз он ҷо ба лашкар сӯи Бухоро рафт ва амири ҳамид бо ҳама сипоҳи хеш пеши ӯ бозомад. Ва Хартанг ба якдигар расиданд ба таърихи ҷумодиюлаввали санаи ситта ва салосина ва салосумиа (336/947) ва ҳарб карданд, аз пеши намози дигар то вақти баромадан. Ва Нӯҳу сарҳангони ӯ сӯи Бухоро бозгаштанд ва Абулҳарас ибни Абулқосим ва Фатгини хазинадор ва Абӯалӣ ибни Исҳоқ ва Аҳмад — бародари Порас он ҷо биншонданд пеши Абӯалӣ то бомдод. Ва Исмоил ибни Абулҳасанро асир гирифтанд ва чанд тан дигарро аз қавми Абӯалӣ, Абӯисҳоқи Рӯзгонӣ зинҳор хост ва биёмад бо қавме анбӯҳ аз Дайламон. Ва Абӯалӣ ба ҳазимат шуд то Чағониён. Ва Бобхури ҳоҷиб андар маъракa кушта шуд ва Алӣ ибни Аҳмад ибни Абдуллоҳро андар ҳудуди Самарқанд бигрифтанд. Ва Аҳмад ибни Ҳасани Утбиро ба Нахшаб бигрифтанд ва бар астарон ниншонданд ва ба зӯр андар Бухоро оварданд ва ҳамаро бадар оварданд ва ҳар якро сад тозиёна бизаданду банд виҳоданд ва мусодара карданд. Абулаббоси Муҳаммад ибни Аҳмад андар он бимурд, аммо Аҳмад ибни Ҳасан халос ёфт аз паси аҳде дароз.

 PDF Compressor Free Version 

Пас Абӯалӣ аз амири Хатлон ёрӣ хост ва худ лашкар ҷамъ кард, ба Тирмиз омад ва аз Ҷайҳун бигзашт ва ба Балх омад ва аз он ҷо сӯи Гузгонон бирафт, то бар он ҷумла ба Самангон — ба амири Хатлон расад. Чун ба Тахористон расид, хабар омад, ки лашкари Бухоро ба Чағониён омад ва Дари Оҳанинро бисӯхтанд ва ҳама хонумони Абӯалӣ вайрон карданд.

Андар вақт бо роҳи Мила аз об бигзашт ва лашкар ба ҳар сӯй пароканда кард ва роҳи лашкари Бухоро бигрифт. Ва кор бар эшон танг шуд ва роҳи алаф баста шуд. Ва чун ба деҳи Камконон расид, он ҷо ҳарб карданд андар моҳи рабеъулаввали санаи ситта ва салосина ва солосумиа (336/947). Ва ин деҳ бар ду фарсангии Чағониён аст.

Пас лашкари амири ҳамид бар Абӯалӣ ғалаба карданд ва сӯи Шумон бирафт ба дувоздаҳ фарсангии Чағониён. Ва ҳашами Бухоро андар Чағониён омаданд ва шаҳр горат карданд ва кӯшкҳову хонаҳои Абӯалӣ горат карданд.

Пас мадад андар расид Абӯалиро аз кумайҷиён (21) ва амири Жошт (22) Ҷаъфар ибни Шамоникуво ва лашкари Элоқ ва ба якрӯза Вошгирд омаданд. Ва Аҳмад ибни Ҷаъфар — амири Хатлон мар Баҷкамро, ки сарҳанги бузурги ӯ буд, ӯро низ бифиристод ва лашкаре анбӯҳ ва роҳ бар ҳашами Бухоро баста гашт. Ва хабарҳои ҳазрат аз эшон бурида шуда, пас сулҳ ҷустанд ва мубозаат бихоҳанд, ки Абӯалӣ писари хеш Абулмузаффар Абдуллоҳ ибни Аҳмадро ба Бухоро бифиристад бар сабили гаравгон. Ва ҳамчунин карданд ва ин андар ҷумодиюлохир буд санаи сабъа ва салосина ва салосумиа (337/948).

Ва чун Абулмузаффар ба Бухоро шуд, амири ҳамид фармуд, то шаҳр ойин бастанд ва ӯро ба эъзозу икром андар шаҳр оварданд ва ба сарой фуруд овардан фармуд ва ба хони хоса бихондаш ва хилъати хос ӯро фармуд, то кулоҳ ниҳод.

Ва мутанаббӣ берун омада буд аз ноҳияти Чағониён аз вилояти Босинд ва рӯй ба Дари Оҳанин (овард) номи ӯ Маҳдӣ ва пайғамбарӣ даъво кард. Андар санаи исчайн ва

PDF Compressor Free Version


ишрина ва салосумиа (322/933—934) даъвати ошкоро кард ва бисёр кас қасди ӯ карданд ва бад-ӯ бигравиданд. Ва ин Маҳдӣ шамшере ҳамоил доштӣ ва бо ҳар кас, ки ӯро хилоф кардӣ, бо он ҳарб кардӣ. Ва марде мухтол буд ва найранҷҳои бисёр донист аз ҳар гуна, чунон ки даст андар ҳавзи пуроб кардӣ ва аз он ҷо мушти ӯ пурдинор шудӣ. Ва аз хони ӯ қавме анбӯҳ бихӯрдандӣ, ҳеҷ нуқсон накардӣ ва аз оби ҷоми ӯ қавме сероб шудандӣ ва он ҷом тиҳӣ нашудӣ. Ва қавме, ки хосаи ӯ буданд, ҳар рӯзе ҳар яке аз эшон яке хурмо хӯрдӣ ва ӯро он кифоят будӣ.

Ва чун ин хабар ба навоҳӣ бигуструрд, бас кас аз оммаи ҷуҳҳол қасди ӯ карданд. Пас нома расид сӯи Абӯалии Чағонӣ аз Бухоро, ки «кори он мутанаббиро тадорук кун». Ва Абӯалӣ мар Бӯталҳа Ҷаъфар ибни Мардоншоҳро бифиристод. Ва ин Маҳдӣ ба деҳи Вардӣ буд, андар кӯҳ шуд ва ҳарб карданд, то ӯро аз кӯҳ берун оварданд ва сари ӯ бибуриданд ва сӯи Абӯалӣ фиристод андар тӯбра. Ва Абӯалӣ ба Шумон буд ва Абӯалӣ фармуд, то он сарро ба ҳама кас, ки бад-ӯ бигаравида буданд, бинамуданд. Пас ба Бухоро фиристод.

Ва Абулмузаффар ба Бухоро ҳамебуд, то рӯзе бар асб нишаст ва ҳамеомад, хато ӯро бияндохт ва сараш бар санге омад ва мағзаш берун омад ва бимурд. Ва амири ҳамид тофта шуд ва фармуд, то ӯро кафани некӯ карданд ва тобути ӯ Чағониён фиристод ва Насри шаробдорро (23) ба таъзият ба наздики Абӯалӣ фиристод.

Ва чун ду моҳ аз марги Абулмузаффар бигзашт, Мансур ибни Қаротегин ба Нишопур бимурд ва амири ҳамид сипоҳсолории Хуросон Абӯалии Чағониёнӣ дод ва аҳду ливо ба наздики ӯ фиристод ва Мовароуннаҳр ҳама ӯро дод ва Чағониёну Тирмиз писари ӯ—Мансури Наср ибни Аҳмадро дод. Ва Абӯалӣ ба Нишопур омад андар зулҳиҷҷаи санаи арбаъина ва салосумиа (340/951). Ва андар санаи иҳдо ва арбаъина ва салосумиа (341/952—953) ҳама корҳои Хуросонро низом дод.

Ва андар санаи исно ва арбаъина ва салосумиа (342/953—954) ба Рай шуд ва шаҳр бар Ҳасани Бӯя ҳисор кард.

PDF Compressor Free Version



Вушмгир ибни Зиёр аз бахри Ҳасани Бӯяро мадад фиристод, ҳеҷ чиз натавонистанд кардан. Ва андар ин вақт марги сутур уфтод ба Рай ва низ сутур намонд магар андак. Пас мардумон андар миён шуд ва сулҳ карданд бар он ҷумла, ки (Ҳасани) Буя ҳар сол дувист ҳазор динор бидиҳад ва Абӯалӣ бозгардад ва Ҳасан мар Аббос ибни Довудро ба наздики ӯ фиристод ба гаравгони ин мол.

Ва Абӯалӣ бозгашт ба Нишопур ва амири ҳамидро тӯҳмат уфтод, ки магар Абӯалӣ бо Ҳасани Буя майл кард ва Абӯалӣ касон фиристод ва ҳоли хеш бознамуд. Он ғазаб аз дили амири ҳамид барнахост. Пас Абӯалии Чағонӣ мар машоих ва муаддилону аъёни Нишопурро ба Бухоро фиристод, то узри Абӯалӣ бознамоянд ва маълум гардонанд, ки ӯ аз он чи амири ҳамид зани бурд, бегуноҳ аст. Ва то сиқоти Нишобур ба Бухоро расиданд, амири ҳамид бемор шуд ва иллат бар ӯ сахт шуд ва ҳам аз он иллат фармон ёфт андар моҳи рабеъулохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954).

## АР-РАШИД АБУЛФАВОРИС АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Ва мар Нӯҳ ибни Насрро чаҳор писар буд: Абдумалик ва Аҳмад ва Наср ва Абдулазиз ва эшонро бар тартиб байъат карда буд. Ва меҳтар Абдулмалик буд. Ӯ ба вилоят биншаст андар моҳи рабеъулохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954) ва Абӯмансур Муҳаммад ибни Азизро бар тадбири вазорати хеш насб кард ва Абӯсаъид Бакр ибни Моликро сипаҳсолорӣ дод. Ӯ ба Нишопур омад андар шаъбони санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954) ва сирати некӯ ниҳод ва адл кард.

Пас хабар расид, ки Мутеъ Хуросон мар Абӯалии Чағониёниро дод ва Бакр ибни Молик бад-ин хабар тофта гашт ва бо ҳашам берун омад ва ба деҳи Озодвор фуруд омад аз рустои Гӯён ва аз он ҷо бо ҳашам тадбир кард мар ҳарбро. Пас пешравони лашкар гуфтанд: «Алаф танг аст ва лашкар чизе надорад, ҳарб натвонанд кард».

PDF Compressor Free Version


Пас Бакр ибни Молик сӯи рашид Абдулмалик ибни Нӯҳ нома навишт ба сурати ин ҳол ва аз вай мол хост. Рашид мар Исмоил ибни Тугёнро бозгардонид ва моли воҷиб нафиристод. Ва чун ин хабар ба Хуросон расида буд ва Хуросон бишӯрида буд, бад-ин сабаб Ҳасани Бӯя мар Абулфатҳ ибни Амидро ба Исфаҳон фиристод, то ҳарб кард ва писари Моконро бигрифт ва ба қалъаи Аргон фиристод ва низ кас ӯро надид. Ва ин фатҳи Исфаҳон андар моҳи рабеъулаввали санаи арбаъа ва арбаъина ва салосумиа (буд). (344/955).

Ва Ҳасани Бӯя қасди Гургон кард ва хабар ба наздики Бакр ибни Молик омад ва Ҳасани Фирӯзон ба ҳадди Ҷоҷарм омад. Чун Абдулмалик ибни Нӯҳ ин хабарҳо бишнид, лашкарҳо гирд кард ва сӯи Бакр ибни Молик фиристод ба Озодвор. Ҳасани Бӯя ва Абӯалӣ ба ҳарби Бакр наистоданд, сӯи Табаристон бишуданд. Ва Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯрро Абӯсаъиди Молик бихонд, то ба Нишопур шаҳна бошад. Ва номаи Ҳасани Бӯя ва Абӯалии Чағониёнӣ омад сӯи Алӣ ибни Марзбон ва сулҳ ҷустанд бо Абӯсаъид Бакр ибни Молик. Ва Ҳасан ҳаме замон кард, ки аз Рай ва куварi Ҷибол ҳар сол дувист ҳазор динор ҳамефиристанд ва ҳадяҳои дигар ва майнизатҳо кунад ва бо Вушмгир музоҳамат накунад ба ҳадиси Табаристон.

Ва Алӣ ибни Марзбон дар миён шуд ва ҳам бар ин ҷумла сулҳ афтод ва Ҳасан моли сулҳ бо ҳадяҳо бифристод ва хунҳо баста шуд ва адоватҳо бархост ва корҳои Хуросон рост шуд.

Ва Мутеъ нома навишт ба Ҳасани Бӯя ва ин сулҳи мувозаат аз вай написандид ва гуфт: «Он атои лашкари Хуросон аст ҳар сол аз қарори санаи арбаъа ва арбаъина ва салосумиа (344/955—956)». Ва Абӯалӣ нолон шуд ва бимурд андар охири раҷаби санаи арбаъа ва арбаъина ва салосумиа (344/955) ва тобуташ ба Чағониён бурданд.

Ва Бакр ибни Ҳашамро хор доштӣ ва андар ҳоҷатҳошон тақсир кардӣ, то аз вай кина гирифтанд ва ба Бухоро бозомаданд ва пеши Абдулмалик гила карданд. Пас

Бакр ибни Молик андар рамазони санаи хамса ва арбаъинда ва салосумиа (345/956) ба хазрати Бухоро омад бар он ки ўро хилъат диҳанд ва си(ву) ҳафт тани дигарро аз солорон бо вай, то ба Фарғона бозгарданд ва чун Бакр ибни Молик биёмад ва расми хидмат ба ҷой овард ва боз хост гашт, Фатгини хазинадор бар рости ў буд ва Алптегин бар чапи ў буд, хост, ки барнишинад, Алптегини ҳоҷиб ўро бар замин зад ва шамшеру ҳарба андар ў ниҳоданд ва ўро бикуштанд бар дари султон ва сари ў баргирифтанд ва Абўмансур ибни Азизро банд карданд ва Абўҷаъфар ибни Муҳаммади Ҳусайнро ба вазорат биншониданд ва Булҳасан Муҳаммад ибни Иброҳимро сипаҳсолори Хуросон доданд. Ва Иброҳим ибни Алптегини ҳоҷибро ба наздики Абулҳасан фиристоданд бо аҳду ливои сипаҳсолорӣ андар санаи сабъа ва арбаъина ва салосумиа (347/958—959).

Ва Абўҷаъфари Утбӣ молҳо исорат ҳамекард ва андар иморати хазинаҳо истиқсои балеғ ҳаме ба ҷой овард, то забонҳо бар вай дароз гашт ва вазорат аз Абўҷаъфар бозситаданд ва ба Абумансур Юсуф ибни Исҳоқ доданд андар шуҳури санаи самон ва арбаъина ва салосумиа (348/959).

Ва амир Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ба Нишопур ситамҳо бисёр кард ва тазаллуми ў ба ҳазрати Бухоро пайваст гашт. Пас ўро маъзул карданд андар ҷумоди-юлухрои санаи тисъа ва арбаъина ва салосумиа (349/960). Ва сипаҳсолорӣ ба Абўмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ (24) доданд. Ва Абўнаср Мансур ибни Бойқароро бо аҳду ливо ва хилъат наздики ў фиристоданд.

Ва чун он аҳд ба наздики Абўмансури Абдурраззоқ расид, вилояти Мовароуннаҳр неку забт кард ва расмҳои неку ниҳод ва ба мазолим биншаст ва ҳукм миёни хасмони худ кард ва инсофи раъоё аз якдигар бистад ва Абўмансур марде покиза буд ва расмдону некўишрат ва андар ў феълҳои неку фаровон буд.

Ва Алптегини ҳоҷиб ба ҳазрат лаёқати Абўмансур ҳамедонистӣ. Ва Алптегин гуфт: «Андар кори Юсуф ибни Исҳоқ бадмаҳзарӣ (рафтааст), то вазорат аз ў бозсита-

PDF Compressor Free Version


данд ва ба Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ доданд». То Алптегин аз Абдулмалик ҳол дигаргун дид, андар ишрат ба хидмат камтар омадӣ. Пас Абдулмалик ӯро фармуд, то ба Балх шавад. Алптегин гуфт: «Омил набошам ба ҳеҷ ҳол, пас аз он ки ҳоҷибулҳуҷҷоб будам». Пас сипаҳсолории Хуросон ӯро доданд ва Абӯмансурро сарф карданд, ӯ сӯи Тӯс рафт ва Алптегин ба Нишопур омад бистуми зулҳиҷҷаи санаи тисъа ва арбаъина ва салосумиа (349/960) ва вазири ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Шиблӣ буд.

Ва миёни Алптегину Абӯалии Балъамӣ аҳд буд, ки ҳар ду ноиби якдигар бошанд ва Балъамӣ ҳеҷ кор бе илму машварати Алптегин накардӣ. Алптегин аз баҳри Абдулмалик ар-Рашидро ҳадяҳо фиристод ва андар он асбон буд ва дигар чизҳо пеш оварданд пас аз намози дигар. Ва Абдулмалик ҳаме чавгон зад андар майдон ва миқдор шароб хӯрда ва аз он асбони ҳадя ягон-ягон ҳаме барнишаст. Яке асб аз зери Абдулмалик биҷаст ва ӯро биандохт ва сару гардани ӯ хурд бишкаст. Ӯро мурда бардоштанд ва «рашид» лақаб карданд.

## АС-САДИД АБӮСОЛЕҲ МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Рашиду Садид писарони амири ҳамид Нӯҳ буданд. Чун Рашидро он ҳол биафтод, Абӯалии Балъамӣ дарҳол нома навишт сӯи Алптегин бад-он чӣ Рашидро афтод ва гуфт: «Киро савоб бошад нишондан?» Чун ин ҷавоб рафта буд, боз нома расид, ки Сомониён ва ҳашам бар онанд, ки Мансурро бояд нишонид.

Алптегин чун нома бихонд, ҷаммозасаворон аз рӯд гузашта буданд, пас Алптегин сӯи Абӯмансури Абдурраззоқ расул фиристод, ки «аҳволи Хуросонро забт кун ва ҳаққи сӯҳбате, ки миёни мо — ҳар ду тан аст, ба ҷо ор, чунон ки эътиқоди ман андар ту ҳаст».

Ва ҳанӯз расули Алптегин ба наздики Абӯмансур буд, ки нома омад аз Бухоро ба сарфи Алптегин ва тавлияти

Абӯмансур ва мар Абӯмансурро фармуда буд, ки «магзор, ки Алптегин аз об (25) гузора ояд. Бо вай ҳарб кун ва сипаҳсолори Нишопур турост» ва умедҳои дигар кардандаш.

Ва Алптегин аз Нишопур берун омад андар зулқаъдаи санаи хамсина ва салосумиа (350/962). Ва Абӯмансур лашкар берун фиристод ба дари Тобарону Нуқон сӯи Ҷоҳа (26). Алптегин гузашта буд, аз бунаи ӯ миқдоре ёфтанд, айёрону сарҳангон онро ғорат карданд. Ва ҳар чӣ буд, бибурданд.

Ва Абӯмансур бар асари Алптегин ба Ҷоҳа омад, Алптегин ба лаби рӯд расида буд. Ва номаҳои Бухоро сӯи сарҳангони Алптегин расид аз амиру вазир ва аз вакилдар, ки «Алптегин ғосиб аст». Чун Алптегин чунон бидид, оташ андар лашкаргоҳ зад, то ҳама бисӯхт.

Пас ғуломони хоси хешро гуфт: «Ҳамебинед аз пеш: захми теғу зиндон ва мусодира ва аз паси пушт: куштану гирифтану шамшер. Савоб он аст, ки сӯи Балх шавем». Аз он ҷо ба Балх омад ва аз Балх ба роҳи Хилм берун омад.

Ва чун Садид хабари гурехтани ӯ биёфт, Бабдоҳро (27) пеши ӯ фиристод ва ба дараи Хилм ӯро андар ёфт. Ва ғуломони Алптегин ҳафтсад ғулом буданд, бо дувоздаҳ ҳазор мард корзор карданд ва бисёре бикуштанд. Охир Бабдоҳ ба ҳазимат бозгашт ба Бухоро. Ва Алптегин сӯи Тахористон омад ва аз он ҷо ба Ғазнин омад ва чанд гоҳ он ҷо буд ва охири аҳд Алптегин ба Ғазнин буд.

Ва Абӯмансури Абдурраззоқ донист, ки он шуғл бад-ӯ нагзоранд ва ӯро сарф кунанд, ба Марв бозомад. Сарҳангони Марв дарвозаҳо бубастанд бар рӯи ӯ ва аз он ҷо бигзашт ва дасти лашкар кушода кард ва ғорат ҳамекард ва молҳои мардумон ҳамеситад. Ва ҳамчунон рӯй ба Нисову Бовард ниҳод ва раиси Нисо бимурда буд, варасаи ӯро бигрифт ва моле бистад. Ва сӯи Ҳасан ибни Бӯя нома навишт ва аз вай мутобиқат хост ва ӯро ба гаравгон хонд. Ва Ҳасани Бӯя аз он ҷо бирафт.

Вушмгир ҳазор динор зар Юҳаннои табиброи дод, то Абӯмансурро заҳр дод ва заҳр андар ӯ кор кард ва андар он ҳалок шуд. Ва бори дигар сипаҳсолорӣ мар Абулҳасан

PDF Compressor Free Version

Муҳаммад ибни Иброҳимро доданд андар зулҳиҷҷаи санаи хамсина ва салосумиа (350/962). Абулҳасан биёмад ва бисёр некӯӣ кард бо раъият ва адл бигустурд ва сиёсате некӯ ниҳод ва расмҳои хуб овард ва ҳамеша бо аҳли илм нишастӣ ва аз он зиштиҳо, ки пеш аз он аз вай рафта буд, ки мардумон аз вай ранҷҳо дида буданд, ҳамаро истимолат кард ва он хӯи зиштро биниҳод ва расмҳои бадро барандохт.

Ва фармон омад мар Абулҳасанро, то бо Абӯмансури Абдурраззоқ ҳарб кунад. Чун амир Абулҳасан ба ҳарби ӯ рафт ва ба Маҳкан (28) ва Ҳабушон сипоҳи Ҳасани Бӯяро андар ёфт ва Абулҳасан андар ақиби ӯ расид ва ҳарб бипайвастанд ва он заҳр андар Абӯмансур кор карда буд ва музтар гашта буд. Чашмаш низ кор накард. Лашкари Абулҳасан чира гаштанд ва сипоҳи Абӯмансур ҳазимат шуданд ва Абӯмансур андар ҳазимат сипоҳро гуфт: «Ман фуруд омадам». Гуфтанд: «Вақт нест». Гуфт: «Ман роҳати хеш андар он мебинам». Вайро танҳо бигзоштанду бирафтанд ва ӯ фуруд омад. Дарвақт хайли Аҳмад ибни Мансур ибни Қаротегин фаро расид. Ғуломе саклобӣ фароз омад ва сари Абӯмансури Абдурраззоқ бардошт ва ангуштарии ӯ биситад ва пеши меҳтари хеш бурд.

Ва кори амир Абулҳасан низом гирифт ва панҷ сол андар Нишопур мақом кард ва ҷое нарафт. Пас нома расид аз Бухоро, ки «ба Рай шав (ва) ҳарб кун». Ва Вушмгир дабири хеш Алии Домғониро бифиристод ва худ бар асар ҳамеомад. Андар роҳ ба шикор рафт, хуке Вушмгирро бияфканду бикушт ва ҳамон ҷо бимурд. Ӯро ба Гургон оварданд, нимаи зулҳиҷҷаи санаи ситта ва хамсина ва салосумиа (356/967).

Ва чун Вушмгир бимурд, рафтан сӯи Рай суст гашт. Ҳашами Хуросон мол хостанд. Мансур ибни Нӯҳро нома кард ва мол хост ва ӯ ҷавоб кард, ки моли ҳашам аз Бесутуни Вушмгир бояд ситад. Чун Бесутун бишнид, қасди Табаристон кард ва узр ниҳод, ки моли ман он ҷост. Ва андар сар ба Ҳасани Бӯя тадбир кард ва Ҳасан Алӣ

PDF Compressor Free Version

ибни ал Қосими орпаро ба Омул фиристод, то Бесутун он ҷо омад ва он кор маҳкам кард.

Ва Бесутунро аз Мутеъ хилъат расид ва ливо ба вилояти Табаристону Гургон ва Солусу Рӯён. Ва ӯро «Заҳуруддавла» лақаб карда буд. Ва амир Абулҳасан ба Нишопур бозомад ва номи аҷзу сустӣ бар вай ниҳоданд. Ва Солор ибни Шердил ва Шаҳриёр ибни Зарринкамар ба наздики амир Абулҳасан омада буданд ва эшонро некӯ ҳамедошт. Пас Бесутун ба Астаробод мурд андар раҷаби санаи ситтина ва салосумиа (360/971). Ва асари сустии Абулҳасан ба султон зоҳир гашт ва аз асари сустии ӯ Гургону Қумис ва Солусу Рӯён бишуд.

Пас Мансур ибни Нӯҳ Ашъас ибни Муҳаммади Яшкуриро (ба) Нисо фиристод, то аз он ҷо ба Гургон равад. Ва Наср ибни Моликро ба Гургонҷ фиристод, то онро фатҳ кунад. Ва андар маънии Абулҳасан тадбирҳо ҳамекард. Ва чун ба Абулҳасан расид, ба хила машғул гашт ва ба Бухоро омад ва аз наздикони Мансур поймардон сохт (29), то он ғайрат аз дили Мансур берун кард ва он мазаррат-ро аз хештан дафъ кард. Вазирӣ миёни Абӯалии Балъамӣ ва Абӯҷаъфари Утбӣ уфтода буд чанд гоҳ. Пас Бӯалии Балъамӣ бимурд, андар ҷумодиюлухрои санаи салоса ва ситтина ва салосумиа (363/973).

Ва амир Абулҳасан бас маккору мӯхтол буд, ҳилатҳо ба кор оварду ба Нишопур бозомад, бо сипаҳсолорӣ вилояти Марв вайро буд. Сарҳанге аз вилояти Ҳирот, ки ӯро Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аббоси Таваккулӣ гуфтандӣ, осӣ шуд ва Ҳисори Тулак ободон кард ва қавме бар вай гирд омаданд. Пас амир Абулҳасан мар Абӯҷаъфари Забодиро номзад кард, то ба ҳарби Таваккулӣ рафт ва ӯро дар Ҳисори Тулак биёфт, то ба зинҳор омад ва ӯро ба Нишопур овард. Ва ҳамин Абӯҷаъфари Забодӣ ба Гур шуд ва чанд ҳисор аз Гур фатҳ кард ва андар санаи тисъа ва ситтина ва салосумиа (369/979—980) ба Систон рафт ба нусрати Ҳусайн ибни Алӣ ибни Тоҳири Тамимӣ (30), ки бо Халаф ибни Аҳмад ҳаме ҳарб кард ва амир Абулҳасан андар ақиби вай низ он ҷо рафт ва чанд гоҳ ҳарб

PDF Compressor Free Version

карданд ва бозгаштанд андар санаи салоса ва сабъина ва салосумиа (373/983—984).

Ва ат-Тоеъ лиллоҳ-амирулмўъминин ба хилофат биншаст андар санаи арбаъа ва сабъина ва салосумиа (374/984—985) (31). Пас Абўҷаъфари Утбӣ мукотабат кард бо Абулфазл ибни Амид. Абулфазл шод гашт ва ҳар ду вазир андар истоданд ва ваҳшатҳо, ки миёни Бўиёну Сомониён буд, бардоштанд ва корҳо бикшод ва ҳарбҳо бархост ва корҳо низом гирифт ва Оли Бўя мутобаати Мансур ибни Нўҳ карданд ва музоҳамат накарданд ва фасодҳо аз мамлакат бархост ва мардон биёромиданд ва ҳар сол дувист ҳазор динор вазифат ҳамеоварданд беруни ҳадяҳои дигар аз Рай ва Кувари Ҷибол ба Хуросон.

То Ҳусайни Бўя бемор шуд ва мамлакат бар фарзандони хеш бахшид ва Абўшуҷоъи Фанохусрав ҳолӣ шуд, ҳама асрор ба Абўшуҷоъ бигуфт ва ба Рай бимурд панҷуми муҳаррами санаи ситта ва ситтина ва салосумиа (366/976).

Ва Абўҷаъфари Утбӣ ба Хуросон корҳои некў кард. Юсуфи вазирро (32) бозоварданд ба вазорат биншонданд андар зулқаъдаи санаи салоса ва ситтина ва салосумиа (363/974) бимурд. Пас Абўабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ҷайҳониро биншонданд андар санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/975—976). Ва Мансур ибни Нўҳро ҳам дар ин соат иллате афтод ва он беморӣ бар вай мустаҳкам гашт ва аз он иллат бимурд ёздаҳуми шавволи санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/976). Ўро «садид» лақаб карданд.

## АР-РАЗӢ АБУЛҚОСИМ НЎҲ ИБНИ МАНСУР

Чун Нўҳ ибни Мансур ба хилофат биншаст, ҳанўз болиғ набўд ва бисту як солу нўҳ моҳ вилоят дошт. Ва бо амир Абулҳасан ва бо Абулҳарас Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Фариғун хешӣ кард, то бад-эшон пушти ў қавӣ гашт. Ва корҳои хеш ба Фоиқ ал-хосса ва Тоши ҳоҷиб супурд.

PDF Compressor Free Version

Ва чун ба вилоят биншаст, Абӯабдуллоҳ ибни Ҳафс солори ғозиёни Бухороро ба расулӣ наздики амир Абулҳасан фиристод ва ӯро «Носируддавла» лақаб кард. Ва аҳду хилъат фиристод ӯро ба сипаҳсолорӣ ва амали маунату аҳдоси Нишопуру Ҳироту Қӯҳистон. Ва пайғом дод бар забони Абӯабдуллоҳи Ғозӣ, ки: «Мо ба ҷони ту истиноъи бештаре аз он кардем, ки ту чашм доштӣ, зеро ки андар ту нишони вафову далели рушд дидем, нигар то занни мо хато накунӣ. Ва се чиз ба ту арзонӣ доштем, ки аслофи мо надошта буданд: яке он ки хешӣ кардем бо ту ва он далели ростии эътиқоди мо бошад андар ту ва мӯҷиби издиёди шарафу қадри ту. Дудигар, зиёдати вилоят ва он далели бузург доштани кори ту бошад. Ва седигар, лақаб ниҳодан мар туро андар мухотаботу мукотабот, то туро рифъате бошад миёни акрону амсоли ту».

Чун ин аҳду хилъату пайғом ба наздики Абулҳасан расид, сахт шод шуд ва расулро некӯ фуруд овард ва фарзанде ҳар чӣ каримтар номзад кард василатро (33). Пас Абӯабдуллоҳи Ғозиро бозгардонид.

Ва Абулҳусайн Абдуллоҳ ибни Утбиро ба вазорат биншонданд андар рабеъулохири санаи сабъа ва ситтина ва салосумиа (367/977—978). Ва чун амири разӣ вазорат Абулҳусайни Утбиро хост дод, нома навишт ба амир Абулҳасан ба машварат. Амир Абулҳасан ҷавоб навишт, ки «Абулҳусайн ҷавон аст». Чун ин истихфофи амир Абулҳасанро Абулҳусайн бишнид, кина гирифт ва масолиби амир Абулҳасан бар забон гирифт ва ба ҳар вақт ҳаме гуфт, ки Абулҳасан оҷиз аст, аз вай кор наёяд ва Хуросон бад-ӯ зоеъ аст ва ҳиммати ӯ андар мусодараву истихроҷ аст. Хешӣ кардан бо вай намухад(?) (34). Ва чандон бигуфт аз ин навъ, то амири разӣ ӯро маъзул кард ва номаи азл бад-ӯ фиристод.

Ва Абулҳусайни Утбӣ мар расулро фармуд, то пайғом дар мало ба Абулҳасан гузорад ва ба овози баланд. Чун расул ба Нишопур расид, амир Абулҳасан андар маркаб истода буд. Расул ин пайғом бар ҳукми мисоли вазир бигзорид. Амир Абулҳасан тира шуд, хашм гирифт ва гуфт:

PDF Compressor Free Version

«Волии Хуросон манам ва сипаҳсолор Абӯалист, писари ман. Валлоҳ, ки ман ситора ба рӯз бад-эшон намоям». Ва табл бизад ва лашкар берун овард.

Ва чун хабар ба Абулҳусайни Утбӣ расид, тангдил шуд ва аз он чӣ гуфта буд, пушаймон шуд ва андеша ҳамекард, ки амир ӯро хушнуд кунад ва ин гуноҳ бар гардани ман кунад ва маро банд кунад ва боздорад. Ва дигар рӯз номаи мунҳӣ омад, ки Абулҳасан аз он пушаймон шуд, розӣ аст бад-он чӣ фармояд аз вилоят ва азл. Ва пас амир Абулҳасан сиқоти Нишопурро ба Абӯнаср Аҳмад ибни Алии Миқолӣ бифиристод, то узри ӯ бихостанд. Абулҳусайн шод шуд. Ва амир Абулҳасан мар Аҳмад ибни Ҳусайнро, ки ба расулӣ омада буд, пеш хонд ва узр хост ва ба сабили хубӣ бозгардонид.

Пас амири разӣ сипаҳсолорӣ ба Абулаббоси Тоши ҳоҷиб дод ва амири разӣ Нӯҳ ӯро «Ҳисомуддавла» лақаб кард ва Тош ба Нишопур омад, нимаи шаъбони санаи иҳдо ва сабъина ва салосумиа (371/981). Ва як сол он ҷо биншаст. Ва Абулҳусайни Утбӣ дар кори Тош иноят дошт, ки Тош аз ғуломони падараш буд. Ва Абулҳусайн мар Фоиқ ва Қобусро ва чанд сарҳанги дигарро сӯи Гургон фиристод ба ҳарби Бӯя. Ва худ ба роҳи Биҳ(?) (35) бирафт ва Алӣ ибни Ҳасан ибни Бӯя он ҳарбро аз бародари хеш бихост. Ва аввал бар Алии Кома зад ва ӯро ҳазимат кард ва худ ба Астаробод бишуд. Ва аҳли Хуросон ба ғорат машғул шуданд. Ва Тош мар Алиро бозхонд ва Абӯшуҷоъи Фанохусрав аз баҳри бародари хеш (Муъайядуддавлаи) Бӯя ҳафт ҳазор мард мадад фиристод. Чаҳор ҳазор аз як ҷониб ва се ҳазор аз дигар ҷониб.

Чун мадади Бӯиён даррасид, лашкари Тошро бигирифтанд ва ҳазимат карданд ва Тош ба лашкаргоҳи хеш омад, фармуд, то лашкаргоҳро оташ заданд ва худ бирафт. Чун лашкари Бӯя ибни Ҳасан қасд карданд, ки бар асари ҳазиматиён андар Хуросон оянд, эшонро хабар расид, ки Фанохусрав бимурд ва лашкари Бӯя фуруд истоданд ва низ сӯи Хуросон наёмаданд, вагар не Хуросону Тошро лош карданди.

PDF Compressor Free Version



Ва амир Абулҳасанро аз Бухоро нома расид, ки: «Дурроъа пӯш ва ба хона биншин» — ва ӯ чунон кард ва лашкар ба писари хеш амир Абӯалӣ дод ва ӯро ба мадади Ҳусайн ибни Тоҳир ба Систон фиристод ва амири Хуросон Пушанг ӯро дод ва Абӯалӣ бирафт.

Чун хабар ба Систон ба амир Халаф (36) расид, ғуломони Бойтузӣ (37) ва аҳроронро номзад кард бо миқдори чаҳор ҳазор савор ва чаҳор пил, то бар амир Абӯалӣ тохтан оварданд. Ӯ бо ҳазор савор буд, шамшер андарниҳоданд ва бисёр мардум бикуштанд ва он пилонро бистаданд.

Чун ин хабар ба Бухоро расид, Абӯалиро эҳмод карданд ва вилояти Бодғис ӯро доданд ва миёни вай ва аз они Тош вуслат карданд ва амир Абулҳасан гилаи Абулҳусайни Утбӣ ба Фоиқ навишта буд ва қиссаи он сақат гуфтан ва истихфоф кардан. Фоиқ гуфт: «Ман ҳилаи он бисозам». Пас гурӯҳе аз ғуломони маликиро бифирефт аз он ғуломони худойнотарс ва ҳар якеро моле бидод, то эшон мар Абулҳасани Утбиро бикуштанд ва ба наздики падараш дафн карданд ва корҳо музтариб гашт ва Тошро ба ҳазрат бозхонданд ва Тош қасди он кард, ки кини Абулҳусайни Утбӣ бозхоҳад, фурсат наёфт.

Пас Абулҳусайн Муҳаммад ибни Муҳаммади Мазниро (38) ба вазорат биншонданд ва корҳо рост шуд ва амир Абӯалӣ халифатӣ ба Нишопур аз Тош бихост. Тош бар ӯ дод ва он хато буд, ки Тош кард. Ва чун Абулҳусайни Утбӣ бимурд, кораш суст шуд ва Фоиқу Абулҳасан қасди ӯ карданд ва мардумонро барангехтанд, то таъаллуми Тош пайваста карданд. Ва Фоиқу Абӯаливу Абулҳасан тадбир карданд ва Абӯалӣ уммоли Тошро бигрифт ва моли азим биситад.

Ва Абулҳусайни Мазниро боздоштанд, андар ҳол бемор шуд ва бимурд ва Абӯмуҳаммад Абдурраҳмон ибни Аҳмади Форсиро ба вазорат биншонданд ва ғалабаи Абӯаливу Фоиқ бисёр шуд. Охир бар он қарор гирифт, ки Нишопур Тошро ва Балх Фоикро ва Ҳирот Абӯалиро ва Бодғису Канҷрустоқу Қуҳистон Абуҳасанро бошад.

Тош ба Нишопур омад ва то инони ӯ фурсат ёфтанд ва

PDF Compressor Free Version

бад гуфтану таҳризу тазриб. Ва бадмаҳзарӣ ҳамекарданд, то Тошро маъзул карданд ва Абдурраҳмонро аз вазорат бознишонданд андар моҳи рабеъулаввали санаи ситта ва сабъина ва салосумиа (376/986—987) ва сипаҳсолории Хуросон ба амир Абулҳасан доданд ва Нисову Бовард Тошро доданд. Чун Тош хабари азл бишнид, ба Сарахс бистод ва сӯи Нисо низ нарафт. Ва Абӯсаъиди Шайбӣ ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдӯрраззоқ дар Нишопур буданд.

Чун амир Абулҳасан биёмад, шаҳр бипардохтанд ва ба наздики Тош шуданд ва... назми (39) ӯро бидиданд. Ва амир Абулҳасан андар Нишопур шуд. Тош биёмад ва шаҳр бар ӯ ҳисор кард ва Алӣ ибни Ҳасан ибни Бӯя Тошро мадад фиристод, то ҳарб карданд. Ва Абулҳасан шаҳр бипардохт ва сӯи Қуҳистон рафт ва (аз) Абулфаворис ибни Абӯшуҷоъ мадад хост. Абулфаворис ду ҳазор мард фиристод. Ва Фоиқ низ биёмад ва (ба) Нишопур омаданд ва Тошро ҳазимат карданд. Ва ин ҳазимат ҳафтуми шаъбон буд санаи сабъа ва сабъина ва салосумиа (377/987).

Ва бисёр дайлам (40) бигирифтанд ва Мансур ибни Муҳаммад ибни Абдурраззоқ андар миён буд, низ гирифта шуд. Ҳамаро ба Хуросон фиристоданд ва Мансурро бар гове нишонданд ва ба рӯз андар Бухоро оварданд ва Тош то ба Гургон шуд. Алӣ ибни Ҳасан ибни Бӯя некӣ пазируфт ва ҳадяҳо бисёр дод ва худ сӯи Рай рафт ва Гургон бо ғаллаву мол бад-ӯ супурд. Ва Тош ба Гургон бимурд андар санаи самон ва сабъина ва салосумиа (378/988—989).

Ва пас мар Абӯалӣ Муҳаммад ибни Исои Домғониро ба вазирӣ бинишонданд даҳуми моҳи рабеъулохири санаи самон ва сабъина ва салосумиа (378/988). Ҳашам Абӯнасри Абӯзайдро биписандиданд, то дигар бор (вазорат) мар Бӯалии Домғониро доданд ва то хон (41) ба Бухоро омад, вазир ӯ буд. Ва чун хон бозгашт, ӯро бибурд, ба Самарқанд фармон ёфт гурраи раҷаби санаи иснон ва самонина ва салосумиа (382/992).

Ва амир Абулҳасан рӯзе ба Боғи Хуррамак шуд ва канизакеро дӯст дошт бо вай бихуфт, бар шиками ӯ хуфта

PDF Compressor Free Version

буд, ҷон бидод андар зулҳиҷҷаи санаи самон ва сабъина ва салосумиа (378/989). Ва андар ин вақт амир Абӯалӣ ба Ҳирот буд ва амир Абулқосим Нишопур нигоҳ дошт. Душманон тазрибҳо карданд миёни бародарон. Чун Абулқосим бидонист, аз Нишопур ба Ҳирот омад ва хазинаву ғуломони амир Абулҳасан ба наздики Абӯалӣ овард ба Ҳирот андар санаи тисъа ва сабъина ва салосумиа (379/989—990).

Пас Нӯҳ ибни Мансур сипаҳсолорӣ ба Абӯалӣ дод ва аҳду ливову хилъат фиристод ва ӯро «Имодуддавла» лақаб кард андар санаи иҳдо ва самонина ва салосумиа (381/991—992). Ва Фоиқ ба Бухоро бозгашт бефармон ва Анҷи ҳоҷибу Бектузун бо вай ҳарб карданд, ӯро ҳазимат карданд, ба Балх бишуд ва Чағониён Абулҳасан Тоҳир ибни Фазлро доданд.

Амир Тоҳир ибни Фазл биёмад ва Абулмузаффар ба наздики Фоиқ шуд ва Фоиқ ӯро нусрат кард ва бо Тоҳир ибни Фазл ҳарб кард ва Тоҳир андар он маърака кушта шуд. Ва чун Абӯмӯсои Ҳорун ибни Эликхон аз Туркистон ба Исбиҷоб омад, тохтан овард ва сарҳангони Фоиқро ба Хартанг бигирифт ва Фоиқ ба зинҳори хон шуд ва бо вай (ба) Бухоро омад ва Нӯҳ ибни Мансур мутаворӣ буд. Фоиқ Балхро аз хон бихост, бад-ӯ дод (ва) худ бозгашт.

Ва амир Абӯалиро сипоҳу силоҳу хазина бисёр шуд, даст андар вилояти амири Хуросон кард ва ҳама Модуннаннаҳр бигрифт ва бар хироҷу аҷлобу маъодану аҳдоси зиёъи султонӣ муставлӣ гашт ва ҳар истихфофе,ки битавонист, ба амир Нӯҳ бикард ва хештанро «амирулумаро ал-муайяд мин-ас-само» (42) лақаб кард ва хутбаи минбарҳо бар Нӯҳ бидошт.

Ва чун Элик ба Испиҷоб омад, Абӯалӣ сӯи Элик нома навишт ва бад-ӯ майл кард. Элик ба Бухоро омад ва ба Ҷӯи Мӯлиён фуруд омад андар рабеъулаввали санаи исно ва самонина ва салосумиа (382/992). Ва Нӯҳ ҳаме нома навишт ва расул фиристод ба Абӯалӣ, ки «биё, ки хон омад». Албатта, Абӯалӣ аз он нома наяндешид ва лашкар хост аз вай, ҳам нафиристод.

Ва хон якчанд бемор шуд ба иллати бавосир ва бозгашт.

PDF Compressor Free Version



Ва ба вақти рафтан вилоят Абдулазиз ибни Нӯҳ ибни Насрро супурд ва хилъати некӯ бидода шуд ва ӯро гуфт: «Ин вилоят аз Нӯҳ ситадем ва ба ту супурдем». Ва Элик ба Қӯчқорбошӣ (43) бирасид ва бимурд. Ва Нӯҳ мар Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Азизро аз вилоят нафӣ карда буд ба Хоразм. Чун ба Омӯй расид, ӯро бихонд ва кори хеш бад-ӯ супурд ва чанд бор ба Абӯалӣ нома навишт, ӯро бихонд ва мол хост ва лашкар хост. Албатта, ҳеҷ иҷобат накард ва такаббур бикарду гардан кашид, то худои азза ва ҷалла кори Нӯҳ некӯ кард ва он шуғл бе миннати кас шафоат кард ва ба Бухоро бозомад.

Амир Абӯмансури Сабуктегин аз паси Алптегини ҳоҷиб муставлӣ гашт бар Ғазнаву Гардиз ва Парвону Кобулу Буст ва он вилоятҳо, ки ғуломони Қаротегин доштанд. Ва кори амир Сабуктегин бузург шуд ва номвар гардид. Ва чун ҷафову истихфофи Абӯалӣ бар амири разӣ бисёр шуд, пас амир Нӯҳ сӯи амир Сабуктегин, раҳимаҳуллоҳ, нома навишт ва аз Абӯалӣ (шикоят) кард ва ӯро бихонд.

Ва амир Сабуктегин ба Кешу Нахшаб шуд ва бар аҳде, ки бояст бикард. Ва Абӯалӣ аз Марв ба Нишопур омад андар раҷаби санаи салоса ва самонина ва салосумиа (383/994) ва номаҳои амир Сабуктегин расид сӯи вай бар ваъдаву ваъид. Ҳеҷ суде надошт ва Абӯалӣ мусир бистод ва бар бефармонӣ ва ҳарчанд ки панд бештар доданд, такаббури зиёд кард.

Ва чун аз ҳад бишуд, низ ҷои эҳтимол намонд. Нӯҳ аз Бухоро ба Марв омад ва аз Марв ба Ҳирот омад бо лашкари хеш ва амир Сабуктегин солор буд ва Абӯалӣ аз Нишопур ба Ҳирот омад, беруна лашкаргоҳ зад бо бародарон ва Фоиқу дигар амирону расулон андар миён шуданд, ки сулҳ кунанд. Сарҳангони Абӯалӣ ризо надоданду гуфтанд: Нӯҳ ва Сабуктегин яқин доранд, ки ғалаба моро хоҳад буд. Дигар рӯз сарчайни(?) Ҳирот мардони Нӯҳу Сабуктегин бигирифтанд.

Чун Абӯалӣ ва лашкари ӯ чунон бididанд, пушаймон шуданд ва низ суд надошт ва мар Абӯалиро соҳибхабаре

буд ва амир Сабуктегин ӯро ҳамешинохт, аммо чун дар ногуфтани ӯ салоҳе дид, ҳеҷ падид накард. Рӯзе сиққае биёмад ва амир Сабуктегинро бигуфт: «Доро ибни Қобус аз ҳарбгоҳ ба зинҳор хоҳад омад ва ман биравам то вай биёяд».

Амир Сабуктегин шод шуд. Пас он ҷосусро ҳозир кард бар сабили шуғле фармудан. Ва пас бо надиме аз они хеш ҳамегуфт чунон ки он ҷосус ҳамешунид, ки «Абулқосими Симҷӯру Фоиқ ва Доро ҳаме ба зинҳори мо оянд ва яке аз эшон пазируфта аст, ки Абӯалиро бигирад ва ба дасти мо биспорад». Ва ин амири одил ба кори дигар машғул гашт.

Ҷосус Абӯалиро огоҳӣ дод. Абӯалӣ баддил гашт ва рағбати сулҳ кард, пас аз он ки иҷобат накарда буд, чашм дошт, ки магар касе биёяд ба сулҳ ва ҳеҷ кас наёмад. Ва чун бомдод шуд, ҳазлон андар лашкари Абӯалӣ падид омад, ҳеҷ шак накард, ки ҳазимат шаванд. Ғуломон ва раоёт аз ҳар сӯӣ падид омад ва пилони маст бисёр ва савору пиёда чандон, ки замин падид набуд ва Абӯалӣ бар боло истода буд, нигоҳ кард. Доро зинҳор ситад. Ӯро он сухани ҷосус дуруст омад, тарси ӯ бештар шуд.

Пас бонги таблу бӯқ ва дуҳулу давдаба ва говдуму санҷ ва синаи филону карнай ва сапедамӯҳра, наҷосат (44) ва наъраи мардону бонги асбон, чунон ки ҷаҳон торикӣ гирифт ва бод наҷосат ва хоку хинг андар вай. Абӯалӣ бирафт бо гурӯҳе аз ғуломон ва ҳар чӣ буд, он ҷо бигзошт. Ва ин ҳарб андар санаи арбаа ва самонина ва салосумиа (384/994—995) буд.

Ва пас амири Хуросон ва лашкари Сабуктегин андар омаданд ва андар лашкаргоҳи Абӯалӣ афтоданд ва аз ҳама хостаҳо ғанимат карданд ва Абӯаливу сипоҳи ӯ бирафтанд ва ба шаб андар Нишопур даромаданд. Ва амири разӣ Нӯҳ мар амир Сабуктегинро «Носир-уд-дин вад-давла» ном кард. Пас ӯ Абулқосим Маҳмуд ибни Носируддавларо «Сайфуддавла» лақаб кард ва амир Маҳмуд бо амир Нӯҳ ба Ҳирот бозистод, то он шуғлҳо, ки он ҷо буд, тамом карданд ва аз он ҷо ба Нишопур бозомаданд.

Ва чун Абўалии Симҷўрӣ мазаллату ҳақорати хеш бидид, ба узр омад, низ узраш напазируфтанд ва чун навмед шуд, сўи Гургон рафт. Ва андар санаи хамса ва самонина ва салосумиа (385/995—996) Соҳиб Абулқосим ибни Аббод бимурд ба Рай. Ва амир Нўҳ ба Бухоро бозрафт ва амир Сабуктегин ба Ҳироту Пушанг буд ва амир Маҳмуд ба Нишопур буд ва ба забт кардани ашғоли он ноҳият. Ва Абўалию Фоиқ бо лашкари гарон биёмаданд андар санаи хамса ва самонина ва салосумиа (385/995—996).

Пас амир Маҳмуд ба Ҳирот омад наздики падар ва аз ҳар ҷой мадад хостанд ва Абўнасри Абўзайдро ба расулӣ наздики Халаф ибни Аҳмад — ҳокими Систон фиристоданд. (Халаф) биёмад бо лашкари сохта ва амир Фариғун (45) аз Гузгонон омад, ҳамчунин Таракони Халҷро (46) низ бихонданд. Ва Халафро ба Пушанг бигузоштанд. Ва писари ў Тоҳирро бо лашкар бибурданд ва ба Тўс ҳарб карданд ба деҳи Андарих. Абўалиро ҳазимат карданд ва асирон аз дасти ў берун карданд ва лашкаргоҳи ўро ғорат карданд.

Ва Абўалӣ аз роҳи Табас ба сўи Рай рафт ва Алӣ ибни Ҳасан ибни Бўя ба ҷои ў бисёр некўй кард, ҳар моҳ панҷоҳ ҳазор дирам ўро мушоҳара дод ва ҳар гоҳ, ки ўро ба хон хондӣ, асбе босохт бифиристодӣ ва он ҳама бад-ў гузаштӣ. Пас дили Абўалӣ танг шуд ва мутаваккири ҳол ба Нишопур омад аз баҳри занеро ва амир Маҳмуд ўро бигирифт ва боздошт. Ва аз банд бигрехт ва рўй ба Хоразмниҳод. Чун ба Ҳазорасб расид, андар боғе фуруд омад. Вакилони Абўабдуллоҳи Хоразмшоҳ биёмаданд, ки нузли Абўалиро рост кунанд. Гуфтанд: «Фардо Хоразмшоҳ худ ояд».

Чун мардумон бихуфтанд, хоразмиён андар омаданд ва Бўалиро фурў гирифтанду бубастанд ва ба Хоразм бурданду боздоштанд. Ва миёни аҳли Гургонҷу аҳли Хоразм таассубе буд қадим. Ва Маъмун амири Гургонҷ лашкаре фиристод, ба Хоразм ҳарб карданд ва Абўабдуллоҳи Хоразмшоҳро бигирифтанд. Ва Абўалии Симҷўриро аз ҳабс берун оварданд ва ҳамаро ба Гургонҷ бурданд ва

 PDF Compressor Free Version 

Хоразмшоҳӣ мар Абӯалӣ Маъмун ибни Муҳаммадро доданд. Ва Маъмун мар Абӯалиро некӯ ҳамедошт ва бисёр мол бад-ӯ бахшид ва кори Абӯалӣ беҳтар шуд.

Расули Нӯҳ омад сӯи Абӯалӣ ва бисёр некӯӣ гуфт ва ваъдаҳо некӯ кард ва ӯро бихонда буд. Абӯалӣ ба Бухоро шуд. Абдуллоҳ ибни Уазйр ва Бектузун пеш бозомаданд. Чун ба сарои Нӯҳ андар шуд, Абӯалиро бигирифтанд бо ҳаждаҳ тан бародарону сарҳангон ва ҳамаро банд карданд ва ба қуҳандиз бурданд андар санаи ситта ва самонина ва салосумиа (386/996—997).

Ва чун амир Сабуктегин хабари Абӯалӣ биёфт, ӯро аз амири разӣ Нуҳ дархост кард. Пас Нӯҳ мар Абӯалирову ғуломаш Элманкуро ва Амираки Тӯсиро ва Абулҳусайн, писари Абӯалиро назди амир Сабуктегин фиристод андар шаъбони санаи ситта ва самонина ва салосумиа (386/996).

Пс амир Сабуктегин ин чаҳор танро ба қалъаи Гардиз фиристод, ки он ҷои ҳасин буд ва боздошт. Ва андар санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/999) эшон ҳар чаҳор танро бикуштанд. Ва амири разӣ Абулқосими Нӯҳ бемор шуд ва даргузашт рӯзи одинаи сездаҳуми раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/998).

Ва андар шаъбони ин сол Абулҳасан (Алӣ ибни Ҳасан) ибни Бӯя низ бимурд. Ва амир Сабуктегин ба Балх нолон шуд, қасди Ғазниҷ кард. Андар роҳ бимурд. Ва ин воқеа, дар шаъбони санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/998) буд. Чун амири разӣ Нӯҳ бимурд, ӯро «разӣ» лақаб карданд.

## АБУЛҲОРИС МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Ва амири разӣ Нӯҳ ибни Мансур мар писари хешро, ки Мансур буд, валиаҳд карда буд. Чун Нӯҳ бимурд, Мансур ба ҷои ӯ биншаст ва ҳанӯз болиғ нашуда буд ва вазири ӯ Абулмузаффар Муҳаммад ибни Иброҳими Барғашӣ (47) буд. Ва дигар корҳо ҳама Фоиқ ҳамеронд. Ал-Қодир биллоҳ Абулаббос ибни Исҳоқ ибни Муқтадир ба

PDF Compressor Free Version

хилофат биншаст ва аҳди Хуросон ба Абулҳорис фиристод. Ва Абӯмансур Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Узайр мар Абӯмансур Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Мутро гуфт: «Бо ман... (48) то сипаҳсолорин Модунаннаҳр бар ту эътимод карда ояд». Ва ба Элик низ истиъонат кард. Элик ба ёрӣ додан бо эшон биёмад ва ба дари Самарқанд фуруд омад ва Абӯмансур бо андак мардум пеши ӯ бозомад ва ӯро фуруд овард ва то саворонаш фуруд омаданд, бифармуд, то Абӯмансур ибни Узайрро банд карданд ва Фоиқро аз Самарқанд бихонд ва бар муқаддима кард ва бифармуд ӯро, ки ба Бухоро шавад.

Чун амир Абулҳорис ин хабар бишнид, ба Омуй рафт. Чун Фоиқ фаро расид, Абулҳорисро маломат кард аз гузоштани мамлакат. Пас Абулҳорис Бектузунро сипаҳсолории Хуросон дод ва бифиристод ва худ сӯи Бухоро бозгашт. Ва Фоиқ як манзил пеш омад ва андар Бухоро шуданд.

Ва андар ин вақт амир Маҳмуд ба Нишопур буд ва хабари марги падар шунид ва низ шунид, ки бародараш Исмоил ибни Носируддин таракоти падар баргирифт ва вилояти Ғазнин бигирифт. Пас амир Маҳмуд рӯй ба Ғазнин ниҳод ва ба дари Ғазнин бо бародар биёвехт ва ҳарб кард ва бародарро қаҳр кард ва асир гирифт ва лашкарашро ҳазимат кард ва шаҳри Ғазнинро бигирифт.

Ва Абулқосими Симҷӯрии Туркон ба ӯ ғалаба карда буд, пас тамаъи Бектузун кард ва ба Нишопур омад. Бектузун пеш рафт ва ҳарб кард андар моҳи рабеъулаввали санаи самон ва самонина ва салосумиа (388/999). Ва Абулқосимро бишкаст ва моли ӯро баргирифт. Ва Абулмузаффари Барғаширо аз вазорат бозкарданд ба Бухоро ва Абулқосим Аббос ибни Муҳаммади Бармакиро ба ниёбат биншонд, то касе падид ояд.

Ва чун Абулқосим кушта шуд, Абулҳусайн ибни Муҳаммад ибни Алии Ҳамулиро (49) биншонданд, то касе падид ояд ва аз Абулҳусайн кор пеш нарафт. Пас вазорат ба Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Хуноматӣ (50) до-

PDF Compressor Free Version


данд ва ин Хуномат деҳест аз вилояти Бухоро, (ду) вазорат бад-ӯ хатм шуд.

Ва чун амир Маҳмуд дил аз шуғли Ғазнин форит кард, кор бисохт ва рӯй ба Нишопур ниҳод. Бектузун донист, ки бо вай барнаёяд. Сӯи Нисову Бовард рафт. Ва амир Абулҳорис қасди ӯ кард. Бектузун ва Фоиқ яке шуданд ва Абулҳорисро халъ карданд ва мил кашиданд ӯро ба Сарахс рӯзи чаҳоршанбеи дувоздаҳуми моҳи сафар, санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/998).

## АБУЛФАВОРИС АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Пас Бектузун ва Фоиқ ва табақаи ҳашам гирд омаданд, мар бародари Абулҳорис Абдулмалик ибни Нӯҳро биншонданд. Ва моли байъат аз ӯ бихостанд, бидод. Ва андар ин вақт амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, ба Марв омад ба кина хостани Абулҳорис, то ҳарб кунад. Расулон дар миён шуданд ва сулҳ карданд бар он ки Ҳироту Балх амир Маҳмудро бошад бо ҳама амволи он. Ва амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, ду ҳазор динор садақа дод ва бозгашт бар ин сулҳ ва шукр кард, шукри худойро азза ва ҷалла, ки хуне наяфтод.

Пас андар бозгаштани амир Маҳмуд ғуломони малик бар бунаи амир Маҳмуд заданд ва он ба таълиму тазриби Доро ибни Қобус карданд. Амир сипаҳсолор Наср ибни Носируддин, ки бародари амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, бозгашт (ва) ҳарб кард. Бектузун ҳазимат шуд. Пас Бектузун ба Бухоро рафт ба ҳоли бад. Ва Фоиқ бимурд андар шаъбони санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/999) ва Бектузун бимонд бо надомати бисёр.

Пас Абулҳасан Элик ибни Наср—бародари хон ба дари Бухоро омад ва ба дил ҷуз он дошт, ки ҳаменамуд аз дӯстдории Абдулмалик ибни Нӯҳ. Ва фарзандони Нӯҳ аз шарри ӯ ҳаметарсиданд, бомдод ба саломи ӯ шуданд. Эшонро фурӯ гирифтанд. Ва асир кард (ва) банд кард ва ба Ӯзганд фиристод ва молҳои эшон баргирифт ва муд-

PDF Compressor Free Version


дати эшон ба сар омад ва рӯзгори давлати эшон бигзашт.

Элик андар Бухоро шуд рӯзи душанбеи даҳуми моҳи зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/999) ва ба сарои аморат фуруд омад. Ва Абулфаворис Абдулмалик пинҳон шуд, фармуд то ӯро талаб карданд ва биёварданд. Чодар андар сар кашид ва ҳам бар он ҳол боз аз Бухоро ӯро баровараанд ва пеши Элик оварданд ва бифармуд то ӯро банд ниҳоданд ва сӯи Ӯзганд бурданд ва он ҷо андар ҳабси Элик фармон ёфт.

## ПОДШОҲИИ.., АБУЛҚОСИМ МАҲМУД ИБНИ НОСИРУДДИН ВАДДАВЛА САБУКТЕГИН

..Ва Абӯиброҳими Сомонӣ бо амир сипаҳсолор Наср ибни Носируддин, раҳимаҳумуллоҳ, ҳарб кард ва мар амир Насрро ҳазимат кард ва ҳиндубача (5) дастгир шуд ва ин рӯзи чаҳоршанбе буд охири рабеъулаввали санаи иҳдо ва тисъина ва салосумиа (391/1001). Ва кори Абӯиброҳим ба Нишопур бузург шуд ва амир Маҳмуд раҳимаҳуллоҳ қасди ӯ кард. Абӯиброҳим бирафт ва ба Исфароин шуд ва Кирмон. Ва аз он ҷо ба Гургон шуд. Пас бори дигар ба Нишопур омад. Ва амир Наср аз Нишопур ба Бузгон омад.

Лашкари (Абӯ)иброҳим бар асари ӯ биёмаданд ва амир сипоҳсолор Наср мар эшонро ҳазимат кард ва раиси Сарахс мар Абӯиброҳимро бихонд, то бо амир Наср ҳарб кунад ва раис ӯро ёрӣ кунад ва он ҷо рафтанд. Ва амир Наср низ он ҷо шуд ва ҳарб карданд. Абӯиброҳимро бишикаст ва Тузтоши ҳоҷиб ва Абулқосими Симҷӯрӣ дастгир шуданд. Ва Абӯиброҳим сӯи Бовард рафт ва аз он ҷо сӯи туркони Ғуз. Ва андар миёни ғузон ҳамебуд ва туркон азимат карданд, то бо вай ба ҳарб раванд. Ябғу — меҳтари эшон мусалмон шуд ва бо Абӯиброҳим хешӣ кард ва бо Абӯиброҳим то ба Куҳак биёмаданд ва бо Субошитегин ҳарб карданд ва Субошитегинро бишкастанд ва Элик ба Самарқанд омад, бар он ки тохтан бурданд ва

PDF Compressor Free Version

ҳаждаҳ тан аз сарҳангон бигрифтанд ва ғузон ва асиронро бурданд. Ва Абӯиброҳим ноумед гашт ва бо сесад савор ва чаҳорсад пиёда ба гузаргоҳи Дарғон омад ва бигзашт, ки ях баста буд ва аз пас ба талаби ӯ омаданд ва бихостанд гузашт аз рӯд, ях бишкаст ва ҳама фуруд шуданд ва (Абӯ)иброҳим ба Омуй диранг кард ва Мараси Нақибро ба наздики амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, фиристод ба расулӣ ва гуфт: «Фасоди Оли Сомон аз ҷиҳати ман мустақим нагардад магар ба инояти ту. Бингар то чӣ савоб бинӣ, он кунам». Чун Мараси Нақиб бирафт, Абӯиброҳим ба Марв шуд ва чун ба Кушмайҳан (расид), аз Абӯҷаъфар хоҳарзода ёрӣ хост, иҷобат накард. Ва ба расул истихфоф кард ва ба берун омад ва бо Абӯиброҳим ҳарб кард ва ӯро ҳазимат кард ва ӯ сӯи Бовард бишуд. Ва чун Марас ба наздики амир Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, расид, ӯро бисёр некӯӣ кард ва кароматҳо кард ва бо моли бисёр боз фиристод ва замон кард ба ҳар чӣ ӯро мурод ояд. Сӯи Абӯҷаъфар нома навишт, то ӯро ҳар чӣ битавонад хидмат кунад ва узр хоҳад. Ва Абӯиброҳим сӯи Бухоро рафт ва аз он ҷо сӯи Суғд шуд ва писари Аламдор (52), ки сари айёрони Самарқанд буд, бо се ҳазор мард ва пирони Самарқанд ба наздики ӯ омаданд ва хони бузург (53) ба ҳарби ӯ омад. Хонро бишкастанд андар шаъбони санаи арбаъа ва тисъина ва салосумиа (394/1004). Ва писари Сурхак (54) аз наздики Абӯиброҳим бирафт, ба наздики хон шуд ва бо вай мутобаат кард.

Пас нома навишт сӯи Абӯиброҳим ва андар он бисёр некӯӣ гуфт ва замонҳо кард ва он ҳама дурӯғ буд, ки бо хон сохта буд. Ва чун хабар ба хон расид, ки Сомонӣ ба ҳазимат шуд, ҳама гузарҳои об бигрифт ва касон ба гузарҳо биншонд. Ва чун Абӯиброҳим ин хабар шунид, бигрехт бо ҳашт тан ва ба бунгоҳи писари Баҳиҷ (55) шуд аз араб андар биёбони Марв. Ва яке бундор буд ва ӯро Моҳрӯй гуфтандӣ, бифармуд, то роҳи Абӯиброҳим нигоҳ доштанд (ва ӯро бикуштанд) андар рабеъулохири санаи хамса ва тисъина ва салосумиа (395/1005) ва давлати Оли Сомон ба якборагӣ мунқатеъ гашт.

PDF Compressor Free Version

ХОЧА НИЗОМУЛМУЛК

# Сиёсатнома

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

«Сиёсатнома», ки бо номи «Сияр-ул мулук» низ иштиҳор дорад, асари пурарзиш ва гаронмояи Қивомуддин Абӯалӣ Ҳасан ибни Исҳоқ, мулаққаб ба Низомулмулк — вазири маъруфи Салҷуқиён аст. Сабаби таълифи он дастури султон Маликшоҳи Салҷуқӣ аст, ки ба донишмандони дарбори худ таснифи рисолаеро доир ба одоби кишвардорӣ ва тадбири умури диниву дунявӣ ва дар он бозгӯ кардани нуқсон ва норасоиҳои ҳокимияти Салҷуқиро фармуда буд. Тибқи ин дастур Низомулмулк соли 1091 «Сиёсатнома»-ро дар 39 боб навишта, ба Маликшоҳ пешкаш кардааст ва пас аз мавриди қабули султон қарор гирифтанаш ба он боз 11 боби дигар илова кардааст.

«Сиёсатнома» пиромуни масоили мухталифи давлатдорӣ ва тадбири мулк баҳс мекунад ва ҳосили мушоҳидот ва таҷорубаи солҳои мутамодии вазорати муаллиф аст. Ҳадафи асосии асар талқини ислоҳу салоҳи ҷомеа аст, ки зербиноаш бояд бар адлу адолати иҷтимоӣ, шеваи оқилонаи давлатдорӣ, покдиниву порсоии ҳокимон, ободонии кишвару осоиши раъият устувор гардад.

Дар талқини ин ғоя ва тавзеҳи воқеъияти замони Салҷуқиён Низомулмулк ба таърих, ба вақоеъ ва рӯйдодҳои адвори гузашта руҷӯъ кардааст ва аз онҳо тамассул ҷустааст. Аз ҷумла, муаллиф як силсила ҳикоётро аз рӯзгор ва корномаи шоҳони сомонӣ овардааст ва тарзи давлатдорӣ ва макорими ахлоқу фазоили маънавиёти онҳоро ҳамчун намунаи ибрат ва пайравӣ фарорӯи ҳуккоми давр гузоштааст.

Иштиҳори камназири «Сиёсатнома» дар Шарқу Ғарб ба нашрҳои мутааддид ва тарҷумаҳои он ба забонҳои мухталиф боис шудааст. Аз ҷумла, мусташриқи маъруф Ш. Шефер соли 1891 «Сиёсатнома»-ро ба чоп расонида буд, ки он то кунун аз нашрҳои беҳтарин маҳсуб мешавад. Асари гаронмояи Низомулмулк дар Эрон дар тӯли 60 соли охир шаш бор рӯи чопро дидааст. Мухтасари «Сиёсатнома» дар Тоҷикистон низ ба хати сириллик баргардон ва нашр шудааст.

PDF Compressor Free Version

# АНДАР МАЗОЛИМ НИШАСТАНИ ПОДШОҲ ВА АДЛУ СИРАТИ НЕКӮ ВАРЗИДАН

**Ҳикоят.** Амири одил аз ҷумлаи Сомониён яке будааст, ӯро Исмоил ибни Аҳмад гуфтандӣ. Ва сахт одил будааст, ӯро сиратҳои некӯ бисёр будааст. Ва бо худои азза ва ҷалла эътиқоди хосе доштааст. Ва дарвешбахшой буд, ки аз сияри ӯ бозҳамудаанд. Ва ин Исмоил он амире буд, ки ба Бухоро нишастӣ ва Хуросону Ироқу Мовароуннаҳр падарони ӯро буд. Яъқуби Лайс аз Систон хуруҷ кард ва ҷумла Систон бигирифт ва доъиён (1) мар ӯро бифирефтанд ва дар шариати исмоилиён (2) шуд ва бар халифаи Бағдод дил бад кард. Ва оҳанги Бағдод кард, то халифаро ҳалок кунад ва хонаи Аббосиёнро бардорад. Халифа хабар ёфт, ки Яъқуб оҳанги Бағдод кардааст. Расул фиристод, ки ту ба Бағдод ҳеҷ коре надорӣ, ҳамон савобтар, ки Кӯҳистону Ироқу Хуросон нигаҳ дорӣ ва мутолаат мекунӣ, то дилмашғулӣ таваллуд накунад, бозгард. Фармон набурд. Гуфт: «Маро орзу чунон аст, ки лобуд ба даргоҳи ту оям ва шарти хидмат ба ҷой орам ва аҳд тоза кунам. То ин накунам, бознагардам». Ҳарчанд халифа расул мефиристод, ҷавоб ҳамин медод. Лашкар бардошт ва рӯй ба Бағдод ниҳод. Халифа бадгумон шуд, бузургони ҳазратро бихонду бигуфт: «Чунон мебинам, ки Яъқуби Лайс сар аз чанбари итоат берун карда ва ба хиёнат ин ҷо меояд, ки мо ӯро нахондаем ва ман мефармоям, ки бозгард, бознамегардад ва ба ҳама ҳол хиёнате дар дил дорад ва мепиндорам, ки дар байъати ботиниён (3) шудааст ва то ин ҷо нарасад, изҳор накунад моро, аз эҳтиёт кардани ӯ ғофил набояд будан, тадбири он кор чист»? Пас бар он ниҳоданд, ки халифа дар шаҳр набошад ва ба саҳро равад ва ӯрдуюю лашкаргоҳ бизанад ва хоссагиёну

PDF Compressor Free Version

бузургони Бағдод ҷумла бо ӯ бошанд. Чун Яъқуб бирасад, халифаро ба саҳро бинад бо лашкар, андешаи ӯ бар хато афтад ва исёни ӯ амирулмӯъмининро маълум шавад ва мардум дар лашкаргоҳи якдигар омадушуд кунанд. Агар сари исён дорад, на ҳама амирони Ироқу Хуросон бо ӯ ёр бошанд ва ризо диҳанд ба бад-онч дар дил дорад. Чун исён ошкоро кунад, лашкари ӯро сар баргардонем ба тадбир. Пас агар дармонем, боре роҳ бар мо кушода шавад ва чу асирон дар чаҳордевор гирифтор нагардем ва ба ҷое биравем. Амирулмӯъмининро ин тадбир хуш омад. Ҳамчунон карданд. Ва ин халифа ал-Мӯътамид Аллалоҳ Аҳмад буд. Чун Яъқуби Лайс даррасид, баробари лашкаргоҳи халифа фуруд омад ва ду лашкар дарҳам омехтанд ва Яъқуби Лайс исён зоҳир кард. Ва кас ба халифа фиристод, ки Бағдодро пардозад ва «ҳар куҷо, ки мехоҳӣ, ҳамерав». Халифа ду моҳ замон хост замонаш надод. Чун шаб андар омад, ба сарони сипоҳи ӯ дар сир кас фиристод, ки «ӯ исён ошкоро кард ва бо мулҳидон лаънаҳумуллоҳ (4) яке шуд. Ва бад-он омадааст, то хонадони моро андозад ва мухолифонро ба ҷои мо нишонад ва шумо ҳам бад-ин ҳамдастонӣ мекунед ё на?». Гурӯҳе гуфтанд: «Мо нонпора аз ӯ ёфтаем ва ин неъмат аз хидмати ӯ дорем, ҳар чи ӯ кард, мо кардем». Ва бештар гуфтанд: «Мо аз ин ҳол хабар надорем ва чунон пиндорем, ки ӯ ҳаргиз ба амирулмӯъминин хилоф кунад (5). Пас агар мухолафот зоҳир кард, мо ризо надиҳем ва рӯзи мулоқот бо ту бошем ва ба вақти масоф сӯи ту оем ва туро нусрат диҳем». Ва ин гурӯҳ умарои Хуросон буданд. Чун халифа сарони лашкари Яъқуб бар ин гуна дид, хуррам гашт. Дигар рӯз ба дили қавӣ пайи Яъқуб пайғом фиристод, ки «акнун куфрони неъмат падид кардӣ, миёни ману ту шамшер аст ва ҳеҷ бок нест агар маро лашкар андак аст ва аз они ту бисёр аст». Ва бифармуд, то лашкар дар силоҳ шуданд ва кӯси ҷанг бизаданд ва бӯқи кин бидамиданд ва бар саҳро саф кашиданд. Чун Яъқуби Лайс бар он гуна дид, гуфт: «Ба коми хеш расидам». Ва ӯ низ бифармуд, то кӯс бизаданд ва ҳама лашкар барни-

PDF Compressor Free Version
шастанд ва бо таъбия ба саҳро шуданд, баробари лашкари халифа саф баркашиданд. Ва аз он ҷониб халифа биёмад ва дар қалб бистод ва аз ин ҷониб Яъқуби Лайс. Пас халифа фармуд ба марде баландовоз, ки то дар миёни ду саф равад ва ба овозе баланд бигӯяд, ки «Ё маъшарал-муслимин! (6) Бидонед, ки Яъқуб осӣ шуд ва бад-он омадааст, то хонадони Аббос барканад ва мухолифи ӯро аз Маҳдия (7) биёрад ва ба ҷои вай биншонад ва суннат бардорад ва бидъат ошкоро кунад. Ҳар он касе, ки халифаи расули худойро хилоф кунад, ҳамчунон бошад, ки сар аз итоати худои таъоло кашида бошад ва аз доираи мусалмонӣ берун шуда бошад, чунон-к худои таъоло дар маҳкам китоби хеш мефармояд: «Атиу-л-лоҳа ва атиу-р-расула ва улу-л-амри минкум» (8). Акнун кист аз шумо, ки биҳиштро бар дӯзах баргузинад. Ҳақро нусрат кунед ва рӯй аз ботил бигардонед, бо мо бошед, на бар мо». Чун лашкари Яъқуб ин сухан бишниданд, умарои Хуросон ба якбор баргаштанд ва сӯи халифа омаданду гуфтанд: «Мо пиндоштем, ки ӯ ба ҳукми фармону тоату хидмат меояд. Акнун, ки мухолифату исён падид кард, мо бо туем, то ҷон дорем, аз баҳри ту шамшер мезанем». Чун халифа қувват гирифт, он лашкарро бифармуд, то ҷумла ҳамла карданд ва Яъқуби Лайс ба нахустин ҳамла шикаста шуд ва ба ҳазимат сӯйи Хузистон рафт. Ва хазинаи ӯ ҷумла ғорат карданд ва лашкар аз хостаи ӯ тавонгар шуд. Ва ӯ чун ба Хузистон расид, бар ҳар ҷониб кас фиристод ва лашкар овард ва гумоштагонро бихондан гирифт ва динору дирам бифармуд, то аз хазинаҳои Ироқу Хуросон биёварданд. Чун халифа хабар ёфт, ки ба Хузистон мақом кардааст, дарвақт номаву қосид фиристод, ки «моро маълум шуд, ки марде соддадилӣ ва ба сухани мухолифон ғарра шудӣ ва оқибати кор нигоҳ накардӣ. Дидӣ, ки эзиди таъоло сунъи хеш ба ту бинамуд ва туро ҳам ба лашкари ту бишикаст ва саҳве буд, ки бар ту рафт. Акнун донам, ки бедор гашта ва бар ин пушаймонӣ, аморати Ироқу Хуросонро ҳеҷ кас аз ту шоистатар нест ва туро ҳаққи неъмат бисёр аст ба наздики мо. Ин

як хатои туро дар кори он хидматҳо писандида кардем ва кардани ӯро нокарда пиндоштем (9), бояд ки ӯ аз сари ин ҳадис даргузарад, чун мо аз сари ин вахшат даргузоштем. Ва ҳар чӣ зудтар ба Ироқу Хуросон равад ва ба мутолаати вилоят машғул шавад». Чун Яъқуб номаи халифа бархонд, ҳеҷ гуна дилаш нарм нашуд ва бар он кор пушаймонӣ нахӯрд. Ва бифармуд, то тарраву моҳиву пиёзе чанд бар табақи чӯбин ниҳода пеш оварданд, он гоҳ бифармуд, то расули халифаро даровარданд ва бининшонданд. Пас рӯй сӯи расул карду гуфт: «Бирав ва халифаро бигӯй, ки ман марде рӯйингарзодаам ва аз падар рӯингарӣ омӯхтаам ва хӯрдани ман нони ҷавину моҳиву тарраву пиёз будааст. Ин подшоҳию олоти ганҷу хоста аз сари айёриву (10) шермардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос дораму на аз ту ёфтаам. Аз пой нанишинам, то сари ту ба Маҳдия нафиристам ва хонадони туро вайрон накунам, то ин-к гуфтам, бикунам ё ба сари нони ҷавину моҳиву тарра бозшавам ва инак ганҷҳоро дар боз кардам ва лашкарҳо бозхондам ва бар асари ин пайғом омадам». Ва расули халифаро касал (11) кард. Ва ҳарчанд ки халифа ба номаву қосид бинавохт ва ташриф фиристод, албатта, бознагашт ва лашкар гирд мекард ва қасди Бағдод кард. Ва ӯро иллати қулинҷ буд, иллати қулинҷаш бигирифт ва ҳолаш ба ҷое расид, ки донист, ки аз он дард нараҳад. Бародари хешро Амр ибни Лайсро валиаҳд кард ва ганҷномаҳо ба вай доду бимурд. Амр ибни Лайс бозгашт ва ба Кӯҳистон омад ва якчанде он ҷо буд. Пас ба Хуросон рафт ва подшоҳӣ кард ва тоат ҳамедошт. Ва лашкару раият Амрро дӯсттар аз Яъқуб доштанд, ки ин Амр бас бузургҳиммату боато ва бедору босиёсат буд ва мурувввату ҳиммати ӯ то онҷо будааст, ки матбахи ӯро чаҳорсад уштур мекашиданд. Чизҳои дигарро қиёс бояд кард. Валекин халифаро истишъоре ҳаме буд, ки набояд ки ӯ низ бар тариқати бародар бувад ва фардорӯз ҳамон пеш гирад, ки бародараш бар даст гирифта буд, ки ҳарчанд, ки Амр ин эътиқод надошт, валекин халифа аз ин маънӣ андеша ҳамекард. Пайваста дар сирр

PDF Compressor Free Version

кас ҳамефиристод ба Бухоро — ба наздики Исмоил ибни Аҳмад, ки «хуруҷ кун бар Амр ибни Лайс ва лашкар бикаш ва мулк аз дасти ӯ берун кун, ки ту ҳақтари амрати Хуросону Ироқро, ки ин мулк падарони туро будааст. Ва эшон тағаллуб доранд яке ки худовандии ҳақ туӣ ва дигар он-к сиратҳои ту писандидатар аст. Ва седигар он-к дуои ман дар қафои ту аст, бад-ин ҳар се маънӣ шак накунам, ки эзиди таъоло туро бар вай нусрат диҳад, бад-он манигар, ки туро уддату лашкар андак аст, бад-он нигар, ки худои таъоло ҳамегӯяд: «Кам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан биизниллоҳи валлоҳу маассобирин» (12). Пас суханҳои халифа бар дили ӯ кор кард ва азм дуруст гардонид, ки бо Амр ибни Лайс мухолифат кунад. Лашкаре дошт, ҳамаро гирд кард ва аз Ҷайҳун бар ин сӯ гузашт ва ба сари тозиёна бишмурд: ду ҳазор савор баромад, чунон-к аз ҳар ду яке сипар дошт ва аз бист мард яке ҷавшан дошт ва аз ҳар панҷоҳ мард яке найза дошт. Ва мард буд, ки аз бесутурӣ ҷавшан бар фитрок баста буд. Ва аз Омуй бардошту ба шаҳри Марв омад. Хабар ба Амри Лайс бурданд, ки Исмоил ибни Аҳмад аз Ҷайхун гузашту ба Марв омад ва шаҳнаи Марв бигурехт ва талаби мамлакат мекунад. Амри Лайс бихандиду ба Нишобур буд ҳафтод ҳазор савор арза кард, ҳама баргустувондор бо силоҳу уддате тамом ва рӯй ба Балх ниҳод. Ва чун ба якдигар расиданд, масоф карданд, иттифоқ чунон афтод, ки Амр ибни Лайс ба дари Балх шикаста шуд ва ҳафтод ҳазор савори ӯ ба ҳазимат бирафтанд, чунон-к якеро ҷароҳате нарасид ва на касе асир гашт, илло аз миёни ҳама Амр ибни Лайс гирифтор шуд. Ва чун ӯро пеши Исмоил оварданд, бифармуд, то ӯро ба юзбонон супурданд ва ин аз аҷоибҳои дунёст. Чун намози дигар бикарданд, фарроше, ки аз они Амри Лайс буд, дар лашкаргоҳ мегашт, чашмаш бар Амр ибни Лайс афтод, дилаш бисӯхт. Пеши ӯ рафту гуфт: «Имшаб бо ман бош, бас танҳо мондаам». Гуфт: «То ман зиндаам, аз қут чора нест, тадбири чизе хӯрданӣ кун». Фаррош як ман гӯшт ба даст оварду тобаи оҳанин аз лашкариён

PDF Compressor Free Version

орият хост. Ва ҳар ҷониб давид ва лахте саргини хушк бичид ва кулӯхе ду-се бар ҳам ниҳод, то қалия хушк бикунад. Чун гӯшт дар тоба кард, магар дар талаби намак шуд ва рӯз ба охир омада буд. Саге биёмаду сар дар тоба кард ва устухоне бардошт. Даҳанаш бисӯхт, саг сар баровад ва ҳалқаи тоба дар гарданаш афтод ва аз сӯзиши оташ ба так хоста, тоба бибурд. Амр ибни Лайс чун чунон дид, рӯй сӯи лашкару нигаҳбонон карду гуфт: «Ибрат гиред, ки ман он мардам, ки бомдодон матбахи маро чаҳорсад уштур мекашид ва шабонгоҳӣ саге бардошт». Ва дигар гуфт: «Асбаҳту амиран ва амсайту асиран». Маънӣ он аст, ки бомдод амир будам ва шабонгоҳ асирам. Ва ин ҳол аз аҷоибҳои дунёст. Ва аз ин ҳар ду ҳол аҷибтар дар маънии амир Исмоилу Амр ибни Лайс он аст, ки чун Амр гирифтор шуд, амир Исмоил рӯй сӯи бузургон ва сарони лашкари хеш карду гуфт: «Ин нусрат маро худои азза ва ҷалла дод ва ҳеҷ касро бад-ин неъмат бар ман миннат нест, ҷуз худойро азза исмуҳу» (13). Пас гуфт: «Бидонед, ки Амр ибни Лайс марде бузургҳиммату бисёрато буд ва ба олату уддату рою тадбир ва бедор буд дар корҳо ва фарохнону намаку ҳақшинос. Маро рой чунон аст, ки ҷаҳд кунам, то ӯро ҳеҷ газанде нарасад ва боқии умр ба саломат бигузаронад». Амри Лайс чун ин бишнид, гуфт: «Донам, ки маро аз ин банд ҳаргиз халосӣ набувад, валекин ту, ки Исмоилӣ, мӯътамадеро пеши ман фирист, ки сухане дорам гуфтанӣ, чунон-к аз ман бишнавад, ба ту расонад». Ин кас биёмаду бигуфт. Исмоил дарвақт мӯътамадеро пеши вай фиристод ва Амр ибни Лайс мӯътамадро гуфт: «Исмоилро бигӯ, ки маро ту нашикастӣ, балки диёнату эътиқоду сирати неки ту, нохушнудии амирулмӯъминин шикаст ва ин мамлакат худои азза ва ҷалла аз ман бистаду ба ту дод. Ва ту бад-ин некӣ арзониву сазовортарӣ ин неъматро. Ва ман мувофиқати худои азза ва ҷалла кардам ва туро ҷуз некӣ нахоҳам ва ту дар ин ҳол мулке нав гирифтаӣ ва истизҳоре надорӣ. Ва марову бародарамро хазинаҳову ганҷҳову дафинаҳост бисёр ва нусхати он бо ман аст ва ҳама

PDF Compressor Free Version

ба ту арзонӣ доштам, то туро истизҳоре бувад ва қави ҳол гардӣ ва олату уддат созиву хазина ободон кунӣ». Пас ганҷномаро бигушод ва ба дасти он муътамад фиристод ба пеши амир Исмоил. Чун муътамад биёмад ва онҷ шунида буд, бозгуфт ва ганҷнома пеши Исмоил ниҳод, ӯ рӯй сӯи бузургон карду гуфт: «Ин Амр ибни Лайс аз бас зиракe, ки ҳаст, мехоҳад, ки аз дасти зиракон берун ҷаҳад ва зираконро дар дом орад ва гирифтори балои ҷовидон гардонад». Он ганҷномаро бардошту пеши ҳамон муътамад андохту гуфт. «Он ганҷномаро бад-ӯ боз бар ва ӯро бигӯй, ки аз бас ҳилате, ки дар ту аст, мехоҳӣ, ки аз сари ҳама берун ҷаҳӣ. Турову бародари туро ганҷ аз куҷо омад, ки падари шумо марде рӯгар буд, шуморо рӯгарӣ омӯхт ва аз иттифоқи осмонӣ мулк ба тағаллуб гирифтед ва ба таҳаввур кори шумо баромад. Ва ин ганҷҳо туро аз дираму динор ҳама он аст, ки аз мардумон ба зулм ситадаӣ ва аз баҳои ресмони гандапирону пиразанон аст ва аз тӯшаи ғарибону мусофирон аст ва аз моли заифону ятимон аст. Ва ҷавоб ҳар чӣ фардо пеши худои азза ва ҷалла шуморо бояд дод, акнун ту ба ҷалдӣ мехоҳӣ он мазолим дар гардани мо афканӣ, то фардо ба қиёмат чун хасмон шуморо бигиранд, ки ин ҳама мол, ки ба ноҳақ ситадаӣ, боздиҳед. Шумо гӯед: «Ҳар чи аз шумо бистадем, ба Исмоил супурдем, аз ӯ талаб кунед». Шумо ҳама ҳаволат ба ман кунед ва ман тоқати ҷавоби хасмон ва хашму саволи худои азза ва ҷалла надорам». Аз тарси худои азза ва ҷалла ва диёнат, ки дар ӯ буд, он ганҷнома напазируфт ва бад-ӯ бозфиристод ва ба дунё ғарра нашуд. Ба амирони ин замона монад, ки баҳри диноре ҳаром бок надоранд, ки даҳ ҳаромро ҳалол гардонанд ва ҳақро ботил кунанду оқибатро нанигаранд.

Ҳикоят. Ва ҳам ин Исмоил ибни Аҳмадро одат чунон будӣ, ки он рӯз, ки сармо сахттар будӣ ва барф бештар омадӣ, танҳо барнишастиву ба майдон омадӣ ва то намози пешин бар пушти асп будӣ. Гуфтӣ: «Бошад, ки мутазаллиме ба даргоҳ ояд ва ҳоҷате дораду ӯро нафақотеву

маскане набувад ва чун ба узри барфу борон моро набинад ва то ба мо расидан бар вай душвор гардад, чун бидонад, ки мо ин ҷо истодаем, биёяд ва кори хештан бигзорад ва ба саломат биравад». Ва монанди ин бисёр аст, ки гуфтаанд, ки ҳама эҳтиёт аз баҳри он ҷаҳон кардаанд.

## ТАРТИБИ ҒУЛОМОНИ САРОЙ

Ҳанӯз дар аҳди Сомониён ин қоида бар ҷо ҳамебудааст. Ба тадриҷ бар андозаи хидмату ҳунару шоистагӣ ғуломонро дараҷа меафзуданди, чунон-к ғуломе харидандиву як сол ӯро пиёда хидмат фармуданди ва дар рикоб бо қабои занданиҷӣ (14) шудӣ. Ва ин ғуломонро фармон набудӣ, ки пинҳону ошкоро дар ин як сол бар асп нишастӣ ва агар маълум шудӣ, молиш доданди. Ва чун як сол хидмат карданди, висоқбошӣ бо ҳоҷиб бигуфтӣ ва ҳоҷиб маълум кардӣ, он гаҳ ӯро аспе туркӣ бидоданди, боз қош дар ком гирифтаву лигому дуволи сода. Ва чун як сол бо аспу тозиёна хидмат кардӣ, дигар сол ӯро қароҷӯрӣ доданди, то бар миён бастӣ. Ва соли панҷум зине беҳтар ва лигом ба кавкабу қабои дороиву дабусе, ки дар ҳалқа овехтӣ. Ва соли шашум ҷомаи унвон ва соли ҳафтум хаймаи яксариву шонздаҳмехӣ доданди. Ва се ғуломи худро дар хайли ӯ карданди ва ӯро висоқбошӣ лақаб карданди ва кулоҳе намади сиёҳи сим кашида ва қабои кунҷа дар ӯ пӯшида. Ва ҳар сол ҷоҳу таҷаммулу хайлу мартабати ӯ меафзуданди, то хайлбошӣ шудӣ. Пас ҳоҷиб шудӣ. Агар шоистагиву ҳунари ӯ ҳама ҷо маълум шудӣ ва кори бузург аз дасти ӯ баромадӣ ва мардумдору худованддӯст будӣ, он гоҳ то сиюпанҷсола нашудӣ, ӯро амирӣ надоданди ва вилоят номзад накарданди. Ва Алптекин, ки банда ва парвардаи Сомониён буд, ба сиюпанҷсолагӣ сипаҳсолории Хуросон ёфт ва сахт некаҳду вафодор буд ва мардонаву боройу тадбир ва мардумдор ва хайлдӯсту ҷавонмард ва фарохнону намак ва худойтарс. Ва ҳама сирати Сомониён дошт ва волии Хуросон солҳо буд. Ду ха-

PDF Compressor Free Version

зору ҳафтсад ғуломи бандаву турк дошт. Рӯзе сӣ ғуломи турк харида буд, ки Сабуктекин — падари Маҳмуд, яке аз эшон буд. Ва дигар се рӯз буд, ки ӯро харида буд, пеши Алптекин дар миёни ғуломон истода буд, ки ҳоҷиб пеш омаду Алптекинро гуфт, ки фалон ғулом, ки вусоқбошӣ буд, фармон ёфт ва он вусоқу рахту хайлу мероси ӯ ба кадом ғулом арзонӣ бояд дошт. Чашми Алптекин ба Сабуктекин афтоду бар забонаш рафт, ки бад-ин ғулом бахшидам. Ҳоҷиб гуфт: «Эй худованд, ҳанӯз ин ғуломакро се рӯз беш нест, ки харидаӣ ва ҳанӯз як сол хидмат накард. Мебояд, ки ҳафт сол хидмат кунад, то бад-ин манзалат бирасад. Ин чун бад-ӯ шояд дод». Алптекин гуфт: «Ман гуфтаму ғуломак шунид ва хидмат кард, ман бар вай ато бознагирам». Пас он рахти вусоқбоширо ба вай доданд. Пас Алптекин бо хештан андеша кард, ки чӣ шояд будан, ки манзалати хидмати ҳафтсола ба ғуломе хурди навхаридаи наврасида, мумкин бошад, ки ин бузургзода ба асли хеш дар Туркистон ё муқбил хоҳад буд ва кори ӯ боло гирад. Пас ӯро озмудан гирифт ва ӯро ба ҳар кас пайғомаш додӣ ва гуфтӣ: «Чи гуфтам, боз гӯй». Ҳама бозгуфтӣ, чунон-к ҳеҷ ғалат накардӣ. Пас гуфтӣ: «Бираву ҷавоб бозовар». Ва бавақт ҷавоб бозовардӣ ва ба воҷибтар аз он-к пайғом дода будӣ. Чун ӯро ба озмоиш ҳар рӯз беҳтар меёфт, меҳре дар дили Алптекин аз ӯ бадид омад. Ва ӯро обдорӣ доду пешхидмат фармуд ва даҳ ғулом дар хайли ӯ кард. Ба ҳар рӯз ӯро бармекашид. Чун Сабуктекин ҳиҷдаҳсола шуд, дувист ғуломи мардона дар хайл дошт ва ҳама сирати Алптекин бар даст гирифт, магар рӯзе Алптекин дувист ғулом номзад кард, то ба Халаҷу Туркмонон раванд ва моле, ки аз эшон ситоданӣ буд, бистонанд. Сабуктекин дар ҷумлаи эшон буд. Чун он ҷо шуданд, Халаҷу Туркмонон мол ба тамомӣ намедоданд. Ғуломон дар хашм шуданду даст ба силоҳ бурданд, қасди ҷанг карданд, то ба зӯр мол бистонанд. Сабуктекин гуфт: «Ман боре ҷанг намекунам ва бо шумо ёр набошам бад-ин кор». Ёрон гуфтанд: «Чаро?». Гуфт: «Худованд моро ба ҷанг нафиристод, балки гуфт,

PDF Compressor Free Version

бираведу мол биёваред. Агар ҷанг кунему моро бишкананд, сустӣ ва нанге азим бувад ва ҳашамати худованди моро зиён дорад. Ва дигар худованд гӯяд, ки бе фармон ҷанг чаро кардед ва то марг аз ин маломат нараҳем ва тоқати итоб надорем». Чун Сабуктекин ин бигуфт, бештаре гуфтанд: «Савобтар аст, ки ӯ мегӯяд». Хилофе дар миёни ғуломон бадид омад. Оқибат ҷанг ба ҷой монд ва бозгаштанд ва пеши Алптекин омаданду гуфтанд, ки саркашӣ карданду мол надоданд. Алптекин гуфт: «Чаро даст ба силоҳ набурдед ва ба ҷанг мол аз эшон наситадед?». Гуфтанд, ки мо ҷанг кардем, Сабуктекин нагузошт, ба хилоф овард, чун ду гурӯҳе дар миёни мо афтода бозгаштем. Алптекин Сабуктекинро гуфт: «Чаро ҷанг накардӣ ва нагузоштӣ, ки ғуломон ҷанг кунанд?». Сабуктекин гуфт: «Аз ҷиҳати он-к худованди мо нафармуда буд ва агар бефармон ҷанг карда будем, пас мо ҳар як худованде будем, на банда. Ва нишони бандагӣ он бошад, ки ҳама он кунанд, ки худованд фармояд. Агар шикаст бар мо афтодӣ лобуд худованд гуфтӣ: «Ки шуморо фармуда буд, ки ҷанг кунед?» Ва мо тоқати итоби худованд надорем. Агар ҷанг фармояд, биравем ва ҷанг кунем ё мол бистонем, ё ҷон фидо кунем». Алптекинро хуш омад, гуфт: «Рост мегӯӣ» Пас ҳамчунон ӯро бармекашид, то ба ҷое расид, ки сесад ғулом дар хайл дошт. Ва амири Хуросон Нӯҳ ибни Наср фармон ёфт ва Алптекин ба Нишопур буд ва аз ҳазрати Бухоро, умарои хавос ба Алптекин набиштанд, ки ҳол чунон афтод, амири Хуросон даргузашт ва ӯро бародаре сисола ва писаре шонздаҳсола мондааст, агар савоб бинанд, аз ин ду якеро ба ҷои ӯ биншонем, ки мадори мамлакат бар туст. Зуд қосидро гусел карду набишт, ки «ин ҳар ду тахту мулкро шоистаанд ва худовандзодагони моанд, аммо бародар марде тамом аст ва сарду гарм чашида. Ва ҳар якеро нек шиносад ва кадру манзалат бидонад ва хурмат нигоҳ дорад ва писар кӯдак асту ҷаҳоннодида. Тарсам, ки мардумон натавонанд нигоҳ дошт ва дар маънӣ фармонҳо ба воҷиб натвонад дод, агар фармоед, бародарашро бар

PDF Compressor Free Version

тахт биншонед». Ва номаи дигар ҳам бад-ин иборат бо дигар фиристод. Пас аз панҷ рӯз қосиде даррасид ва башорат овард, ки писари маликро ба подшоҳӣ ншонданд. Аз ин ҳар ду нома, ки фиристода буд, ташвирзада шуд. Гуфт: «Он ҷавонмардон аз хештан коре мекарданд, чаро ба ман машварат меоварданд, ки маро ин ду маликзода рӯшноии ду чашманд, лекин аз он меандешам, ки ман ишороти бародар кардам. Чун набиштаи ман он ҷо расад, писари маликро хуш наояд. Пиндорад, ки маро майл ба бародар бувад, дил бар ман гарон кунад ва кина дар дили ӯ афтад. Ва соҳибгаразон сухани мухол гӯянд ва ӯро бар ман ба кина оранд». Дарҳол панҷ ҷаммоза гусел карду гуфт: «Пеш аз он-к ду қосид аз Ҷайҳун гузар кунанд, дарёбеду бозгардонед». Ҷаммозабонон биштофтанд ва аз он ду якеро дар биёбони Омуя ёфтанд ва дигаре аз Ҷайҳун гузашта буд. Чун навиштаи Алптекин ба Бухоро расид, ҳавохоҳони писари маликро нохуш омад. Гуфтанд: «На нек кард, ки ишорат ба бародар кард». Ва мегуфтанд, ки мерос ба писар расад, на ба бародар. Аз ин маънӣ ҳамегуфтанд, то ҳар рӯз дили ин писар ба Алптекин гаронтар мешуд ва Алптекин бисёр уарҳо хосту хидматҳо фиристод. Ҳеҷ гуна он ғубор аз дили маликзода барнахост ва соҳибғаразон тахлит мекарданд. Ва маликзода ҳар рӯз батар мешуд ва ваҳшату кина зиёдат мегашт. ва Алптекинро Аҳмади Исмоил харида буд ва дар охири умр писари Насри Аҳмадро чандин сол хидмат кард ва сипаҳсолории Хуросон дар айёми Нӯҳ ёфт. Ва чун Нӯҳ даргузашт, ин Мансур ибни Нӯҳро ба подшоҳӣ биншонданд (15). Чун шаш сол аз подшоҳии ӯ бигзашт ва Алптекин молҳо базл мекард ва ҳар ҷаҳде, ки мумкин буд, бикард. Ва хеҷ гуна дили Мансур ибни Нӯҳро ба даст натавонист овардан, аз тахлити соҳибғаразон. Ва ҳар чӣ дар ҳазрати Бухоро бирафт, вакили Алптекин ӯро менабишт. Пас Мансурро гуфтанд: «То Алптекинро накушӣ, ту подшоҳ набошӣ ва фармонраво нагардӣ ва панҷоҳ сол аст, ки ӯ дар Хуросон подшоҳӣ мекунад ва лашкар гӯш сухани ӯ доранд. Чун ӯро бигирӣ, аз хостан ӯ хази-

PDF Compressor Free Version



наҳои ту пур шавад ва форiғдил гардӣ. Тадбир он аст, ки ӯро ба даргоҳ хонӣ ва чунон намой, ки то мо бар тахти мулк нишастем, ту ба даргоҳ наёмадӣ ва аҳд тоза накардӣ ва мо орзуманди туем, ки ту моро ба ҷои падар меҳинӣ. Ҳарчанд, ки қоидаи мулку давлати мо ба ту оростааст ва мадори мамлакат бар туст ва ин андаке, ки аз гуфтугӯй, ки мебошад, ҳама аз он аст, ки ту пеши ман намеой, ҳар чӣ зудтар ба даргоҳ ойӣ ва ҳар чӣ аз даргоҳу боргоҳи мо аз тарғиб бияфтодааст, ба қоида бозорӣ, то эътимоди мо зиёда гардад ва забони мухолифон кӯтоҳу мунқатеъ шавад. Чун ин ҷо ояд, ӯро ба хилват хонӣ, бифармой, то сараш баргиранд». Пас амир Мансур ҳамчунин кард. Ӯро ба даргоҳ хонд ва соҳибхабарон набиштанд, ки туро ба чӣ кор мехонанд. Алптекин овоза барафканд, ки бисозед, то ба Бухоро равем ва ӯро аз Нишопур кӯч кард ва ба Сарахс омаду қариб сӣ ҳазор савор бо ӯ буд ва умарои Хуросон ҷумла бо ӯ буданд. Чун се рӯз аз мақом бигузашт, умарои лашкарро бихонду эшонро гуфт: «Сухане дорам бо шумо гуфтанӣ, чун бигӯям, чунон-к савоб бувад бо ман бигӯед, ки донем ҳар чӣ савоби мову шумо дар он бошад». Гуфтанд: «Фармонбардорем». Гуфт: «Шумо донед, ки амир Мансур маро аз баҳри чӣ мехонад». Гуфтанд: То туро бинаду ӯҳда (16) тоза кунад ва ту ӯро ва падарони ӯро ба ҷои падарӣ». Гуфт: «На инчунин аст, ки шумо мепиндоред, ин малик маро мехонад, то сари ман аз тан ҷудо созад ва ӯ кӯдак аст ва қадри мардон надонад ва шумо донед, ки мулки Сомониён шаст сол аст, то ман нигоҳ дорам ва хонони Туркистон, ки қасди эшон карданд, бишкастам ва аз ҳар ҷавониб ҳамчунин хаворичро (17) қаҳр кардам ва ҳаргиз як турфатулайн аз эшон осӣ нагаштам. Ва ин подшоҳӣ бар ҷадду падари ӯ нигоҳ доштам. Ба оқибат мукофоти ман ин аст, ки мехоҳад сари ман бардорад. Ин моя намедонад, ки мулки ӯ тан асту сари он тан манам, чун сар рафт, танро чӣ бақо бувад. Акнун чӣ савоб бинед, дафъи ин мазарротро чора чист?». Амирон гуфтанд: «Чораи он шамшер аст, чун бо ту ин андеша кунад, мо аз ӯ чӣ чашм дорем ва агар ба ҷои ту касе дигаре

PDF Compressor Free Version

будӣ, аз панҷоҳ сол боз мулк аз дасти эшон берун кардӣ. Мо ҳама туро шиносем, на ӯро донем ва на падари ӯро. Ҳама ноипораву ҷоҳу ҳашамату неъмату вилояту амал аз ту доранд ва аз ту шоистатар касе нест. Мо ҳама ба фармони туем ва Хоразму Хуросону Нимрӯз мусаллам туроcт. Ба тарки Мансур ибни Нӯҳ бигӯй ва худ ба подшоҳӣ биншин ва агар хоҳӣ, Бухорову Самарқанд бад-ӯ арзонӣ дор ва агар хоҳӣ, он низ бигир». Чун умаро чунин гуфтанд, ба рағбате тамом Алптекин гуфт: «Афаллоҳ, шуморо биёзмоям, донам, ки ин чӣ гуфтед, аз сари сидқ гуфтед ва эътиқоди пок, аз шумо ҳамин чашм дорам. Худои азза ва ҷалла мукофоти шумо ба хайр кунод. Имрӯз бозгардед, то фардо чӣ бадид ояд». Дар ин аҳвол сӣ ҳазор савори ҷангӣ бо Алптекин буд, агар хостӣ, сад ҳазор савор барнишондӣ. Ва рӯзи дигар амирон ҳама ба боргоҳ омаданд ва Алптекин ба берун омаду биншаст ва рӯй ба амирон карду гуфт: «Ман аз сухане, ки бо шумо гуфтам, хостам, то шуморо биёзмоям, то бидонам, ки шумо бо ман якдил ҳастед ё на. Ва агар маро коре биафтад, бо ман ҳамнишинию истодагӣ намоед ё на? Акнун ман аз шумо ҳама он шунидам, ки аз некаҳдӣ ва ҳаққи неъмати ман гузоридед ва ман аз шумо хушнуд гаштам, валекин бидонед ва огоҳ бошед, ки ман баъд аз ин шарри ин писарро ҷуз ба шамшер аз хештан дафъ нахоҳам сохт. Ва кӯдак аст ва ҳаққи кас нашиносад ва гӯш ба сухани чанд бадамали нобакор ниҳодааст ва маслаҳат аз муфсидат намешиносад. Чун ман мардеро, ки хонадони эшон бар пой дорам, раҳо кунад ва муште нобакор, ки фасоди ӯ металабанд ва фасоди мулк камтар ҷой, ки дар мамлакати ӯ зоҳир шавад, дафъ натавонад кард, эшонро дӯст мепиндорад ва қасди ҷони ман мекунад. Ман тавонам, ки мулк аз ӯ биситонам ва аммашро ба ҷои ӯ биншонам ва бо худ даст фурӯ гирам. Лекин ман андешам, ки ҷаҳониён гӯянд, ки Алптекин шаст сол хонадони Сомониёнро, ки худованди ӯ буданд, нигоҳ дошт ва оқибат, ки умри ӯ ба ҳаштод расид, бар худовандзодагон берун омад ва мулк аз эшон биситад ва

PDF Compressor Free Version

ба ҷон худованди хеш биништасту куфрони неъмат кард. Ва ман ҳама умр ба некномиву неккомӣ гузоштам. Акнун, ки ба лаби гӯр расидам, воҷиб накунад, ки зиштном гардам. Ҳарчанд маълум аст, ки гуноҳ аз ҷониби ӯст, лекин ҳама мардумон надонанд. Гурӯҳе гӯянд, гуноҳи амир аст ва гурӯҳи гӯянд, ҷурм Алптекинро бувад. Ва ҳарчанд ман ба мулки эшон орзу надорам ва кароҳияти эшон нахоҳам. То ман дар Хуросон бошам, ин гуфтугӯй кам нашавад ва ҳар рӯзе амирро кор бар ман табоҳтар кунад. Ва чун ман тарки Хуросон бигӯям, аз мулки ӯ берун шавам, соҳибғаразро маҷоли сухан намонад. Ва дигар, чун маро пас аз он шамшер бояд, ки то ноне ба даст орам ва боқии умр бигзорам, боре шамшер дар рӯи кофар кашам, то савоб ёбам. Акнун бидонед, эй лашкар, Хуросону Хоразму Нимрӯзу Мовароуннаҳр аз они амир Мансур аст ва шумо ҳама фармонбардори ӯед. Ва ман шуморо аз баҳри ӯ медоштам. Бархезеду ба даргоҳи ӯ равед ва маликро бубинеду маншурҳо тоза кунед. Ва бар сари хидматҳо бошед, ки ман ба Ҳиндустон хоҳам шуд ва ба газову ҷиҳод бошам. Агар кушта шавам, шаҳид бошам ва агар тавфиқ ёбам, дори куфрро дори ислом гардонам ба умеди биҳишти худову расул. Ва агар нек будам ва агар дили амири Хуросон аз ман баросояд ва гуфтугӯй мунқатеъ шавад, он гоҳ ӯ беҳтар донад бо лашкару раияти Хуросон». Ин бигуфт ва бархосту амиронро гуфт: «Як-як пеши ман оед, то шуморо видоъ кунам». Ҳарчанд амирон гуфтанд, суд надошт ва гиристан бар эшон афтод. Гирёнгирён омаданду ӯро видоъ карданду бозгаштанд. Ва ӯ дар сарпарда шуд ва ба ин ҳама ҳеч кас бовар намекард, ки ӯ Хуросон бигузораду ба Ҳиндустон равад аз баҳри онки ӯро дар Хуросону Мовароуннаҳр понсад пора деҳ мулк буд ва ҳеч шаҳре набуд, ки ӯро дар он шаҳр сарову богу корвонсарой ва гармоба набувад. Ва мустағалли бисёр дошт ва ҳазорҳазор гӯсфанду сад ҳазор аспу уштуру астар дошт дар мулки Сомониён. Як рӯз он диданд, ки бонги кӯс бархосту Алп-

PDF Compressor Free Version

текин бо ғуломону ҳошияти хеш кӯч кард ва тарки ин ҳама бигуфт. Ва амирони Хуросон ба Бухоро шуданд. Чун Алптекин ба Балх расид, ният кард, ки як-ду моҳ он ҷо мақом кунад, то ҳар ки азми ғазо дорад, аз Мовароуннаҳру Хатлону ҳудуди Балх ҳама гирд оянд ва рӯй ба ғазо ниҳанд. Бадгӯёну мухолифон Мансурро бар он доштанд, ки Алптекин гурге пир аст, ту аз ӯ эмин натвонӣ буд, то ӯро ҳалок накунӣ, лашкар аз паси ӯ бояд фиристод, то ӯро бигиранд ва пеши ту оранд. Амиреро ба шонздаҳ ҳазор савор аз Бухоро ба Балх фиристод, то ӯро бигиранд. Чун лашкар ба Тирмиз расиду аз Ҷайҳун бигузашт, Алптекин кӯч карду сӯи Хулм рафт. Ва миёни Хулму Балх дараи танг аст, масофати чаҳор фарсанг. Он тангдараро Хулм хонанд. Ва Алптекин дар он дара фуруд омад. Дувист савор аз ғуломон банда дошт, ҳама мардони нек. Ва аз ҷиҳати ғазо ҳаштсад мард пайваста буданд. Чун лашкари амири Хуросон даррасид, дар саҳро фуруд омаданд, аз он танг дар натвонистанд шудан ва ду моҳ бар ин гуна биншастанд. Ба сари ду моҳ навбати талоя доштан ба Сабуктекин расид. Сабуктекин чун ба дари танг омад, ҳама саҳро лашкаргоҳ дид ва талояи эшон истода. Ва гуфт: «Эй худовандгор, хоставу неъмати хеш ба амири Хуросон бигузоштӣ ва рӯй ба ғазо ниҳодай ва эшон қасди ҷони ту мекунанд. Худованди ман аз некаҳдӣ, ки меварзад, озарми эшон нигоҳ медорад ва тарсам, ки хештанро ва моро ҳалок кунад. Ин кор ҷуз ба шамшер барнаёяд ва то мо хомӯш бошем, эшон аз паи мо боз нагарданд. Худои таъоло ёри мазлумон аст». Пас рӯй сӯи ғуломон кард, ки дар хайли ӯ буданд ва гуфт, ки «ин корест, ки моро афтодааст. Агар эшон бар мо даст ёбанд, як тан аз мо зинда намонад. Ман имрӯз ба эшон даст бизанам, то чӣ бадар ояд. Агар худованди мо бар ин ризо диҳад ва агар надиҳад, ҳар чӣ бодо бод». Ин бигуфт ва бо сесад ғуломи хеш бо талоя зад ва талояро бишкасту дар лашкаргоҳи эшон афтод. То эшон дар силоҳу пушти асп шуданд, зиёдат аз ҳазор мард бар замин зад ва чун эшон зӯр оварданд, сабук бозгашту ба сари танг омад.

Хабар ба Алптекин бурданд, ки Сабуктекин чунин коре бикард ва бисёр мардум аз эшон бикушт. Алптекин ӯро бихонду гуфт: «Чаро шитобзадагӣ кардӣ, сабр боист кард». Гуфт: «Эй худованд, чаро сабр кунам, ки тоқати мо ба-ғоят расид. Моро аз баҳри ҷон мебояд кӯшид, ин кор ба сабр нахоҳад омад, илло ба шамшер. То ҷон дорем, аз баҳри худованд мезанем, то чӣ падид ояд». Алптекин гуфт: «Акнун шӯронидӣ, беҳ аз ин тадбир набояд кард. Бигӯ, то хаймаҳо бияфкананд ва борҳо дарбанданд ва намози хуфтан кӯч бикунанд ва бор баргиранд ва бунаро аз танг берун кунанд. Ва Туғон бояд, ки ҳазор мард пӯшида дар фалон дара равад бар дасти рост ва ту бо ҳазор ғулом бар дасти чап дар фалон дара шав ва ман бо ҳазор савор бо буна аз танг берун шавам ва дар саҳро биистам. Чун эшон дигар рӯз бар сари танг оянду касро набинанд, гӯянд. Алптекин гурехт. Ба якборагӣ барнашинанд ва аз паси мо тозанду дар танг оянд. Чун ниме бештар аз танг берун оянд, моро бубинанд бар саҳро истода, шумо аз дасти росту чап аз камин берун оед ва шамшер дарниҳед. Чун бонг бархезад, ин лашкар аз танг берун омада бошанд дар муқобили ман. Баъзе бозпас тозанд, то чӣ будааст ва он-ч дар танг бошанд, бозпас гурезанд, баъзе ба шамшери шумо гирифтор оянд ва ман аз пеш ҳамла орам, шумо аз танг берун тозед ва онон-к дар танг бошанд, дар миён гирем, то онон-к муқовимат мекунанд, мезанем. Чун шаб дарояд, роҳи ҳазимат бар эшон гушода кунем, то бигрезанд ва он гоҳ аз танг берун оем ва дар лашкаргоҳи эшон афтем ва ғанимат баргирем. Пас ҳамчунин карданд ва аз танг берун шуданд ва дигар рӯз сапедадам лашкари амири Хуросон дар силоҳ шуданд ва ҷангро сохтанду ба сари танг омаданд. Ҳеҷ касро надиданд. Пиндоштанд, ки бигурехтанд. Лашкарро гуфтанд: «Ҳин бароед, то аз пас биравем. Чун аз танг берун равем, дар саҳро ба як соат эшонро барҷунбем ва Алптекинро бигирем». Пас лашкар ба таъҷил биронданд ва мардони хиёра ҳама дар пеш истоданд. Аз танг берун омаданд. Алптекинро бидиданд бо миқдори ҳазор савор ва андаке

PDF Compressor Free Version

пиёда бар саҳро истода Он гаҳ, ки ниме лашкар аз танг берун омад, Туғон аз дасти чап аз дара берун омад ва тохт ва дар танг шамшер дарниҳод бо ҳазор савор ва лашкареро, ки меомаданд, пас боз мебурд ва барҳам зад ва ҳазимат кард ва қавмеро бикушт. Ва Сабуктекин аз дасти рост берун тохт ва шамшер дарниҳод ва Туғон низ бад-ӯ пайваст. Ва ҳар ду аз паси лашкар аз танг берун омаданд. Ва Алптекин аз пеш ҳамла овард. Ва ба як соат халқеро бар замин бурданду амири лашкарро найза бизаданд бар шикам ва синон аз пушт берун омаду бияфтод. Лашкар ба ҳазимат шуду ба ҳар ҷой, ки ҳинҷоре ёфтанд, ҳамегурехтанд ба якбор. Пас ғуломони Алптекин аз танг берун омаданд ва дар лашкаргоҳи эшон афтоданд ва ҳар чӣ аспу астару шутуру симинаву зарринаву динору ғулом ёфтанд, ҳама бигрифтанд ва хаймаву фарш ва монанди ин ҳама бигзоштанду бозгаштанд. То як моҳ рустоиёни Балх аз он лашкаргоҳ колой бурданд. Ва он ч кушта буданд, баршумурданд. Чаҳор ҳазору ҳафтсаду панҷоҳ мард баромад, берун аз хастагон. Пас Алптекин кӯч кард ва ба Бомиён омад ва амири Бомиён бо ӯ масоф карду гирифтор шуд. Ва Алптекин ӯро авф карда ва хилъат дод ва писар хондаш. Ва ин амири Бомиёнро «Шери Борик» (18) гуфтандӣ. Пас Алптекин аз он, ҷо ба Кобул шуд ва амири Кобулро бишкаст ва писари ӯро бигрифт ва ҳам бинавохт ва пеши падар фиристод. Ва писари амири Кобул домоди Лӯяк буд. Пас қасди Ғазнин кард ва амири Ғазнин бигурехт ва ба Сарахс шуд. Чун Алптекин ба дари Ғазнин шуд, Лӯяк берун омаду ҷанг кард ва дигар бор писари амири Кобул гирифтор омад. Ва амири Ғазнин ба ҳазимат шуд ва шаҳр ба ҳисор гирифт ва мардумони Зовулистон аз ӯ метарсиданд. Мунодӣ фармуд, ки ҳеҷ кас мабодо, ки чизе аз ҳеҷ кас бистонад, илло ба зар бихарад. В агар маълум шавад, ӯро сиёсат кунам, магар рӯзе чашми Алптекин бар ғуломе турк афтод, аз они хеш тубраи коҳу мурғе бар фитрок баста. Гуфт: «Он ғулом ба ман оред». Пеши ӯ бурданд. Пурсид, ки «ин мурғ аз куҷо овардӣ?» Гуфт: «Аз рустоие биста-

PDF Compressor Free Version



дам». Гуфт: «Ҳар моҳе бистгонӣ мушоҳара аз ман намеситонӣ?». Гуфт: «Меситонам». Гуфт: «Пас чаро ба зар нахарӣ ва чаро ба зулм биситадӣ?» Дарвақт фармуд, то он ғуломро ба ду ним заданд. Ҳамон ҷо бар сари роҳ бо он тубраи коҳ биёвехтанд. Ва се рӯз мунодӣ карданд, ки ҳар он кас, ки моли мусалмонон ситонад, ҳамчунон бо ӯ кунам, ки ғуломи худро кардам. Лашкари ӯ сахт битарсид ва мардуму раият эмин шуданд. Ва ҳар рӯз рустоиёни ноҳият чандон неъмат ба лашкаргоҳ овардандӣ, ки қиёс набудӣ, валекин нагузоштӣ, ки дар шаҳр як себ бурдандӣ. Чун мардумони шаҳр он амну адл бидиданд, гуфтанд: «Моро подшоҳ бояд, ки одил бошад ва мо аз ӯ ба ҷону зану фарзанд эмин бошем ва хостаи мо эмин бувад. Хоҳ турк бошад, хоҳ тозик». Пас ҳаме дари шаҳр бигшоданд ва пеши Алптекин омаданд. Лӯяк чун чунон дид, бигурехт ва бар қалъа шуд ва баъди бист рӯз фуруд омад пеши Алптекин. Ӯро Алптекин ноппорае дод ва ҳеҷ касро наёзурд. Ва Ғазнинро хонаи худ сохт ва аз он ҷо дар Ҳиндустон тохтан карду ғанимат овард. Ва аз Ғазнин то кофирон дувоздаҳрӯза роҳ буд. Хабар дар Хуросону Мовароуннаҳру Нимрӯз афтод, ки Алптекин дарбанди Ҳиндустон бикушод ва навоҳии бисёр ва зару симу чаҳорпову барда ёфт ва ғаниматҳи азим баргирифт. Мардум аз ҳар ҷониб рӯй бад-ӯ ниҳоданд, то шаш ҳазор савор бар ӯ ҷамъ шуд ва бисёр вилоят бигирифт ва то Байкопур софӣ карду вилоят забт кард. Шоҳи Ҳиндустон бо саду панҷоҳ ҳазор савору пиёда ва понсад пил баромад, то Алптекинро аз диёри Ҳинд берун кунад ва ё ӯро ба лашкари ӯ бикушад. Ва аз ин сӯ амири Хуросон аз ҳашми он-к лашкари ӯро ба дари Балху Хулм шикаставу кушта буд, Бӯҷаъфар номеро бо бисту панҷ ҳазор савор ба ҷанги Алптекин фиристод. Ва Алптекин бигзошт, ки Бӯҷаъфар, то ба фарсанги Ғазнин расид ва бо он шаш ҳазор савор аз Ғазнин берун тохт ва бар он лашкар зад ва ба як соат бисту панҷ ҳазор савор бикушт, ҳазор бор батар аз он-к ба дари Балх шикаст дода буд. Бӯҷаъфар ба ҳазимат бирафт чунон-к рустоиён ӯро бишнохтанд ва

PDF Compressor Free Version

бигрифтанд ва аспаш бастаданду ҷома бистонданд, пиёдаву мутанаккир ба Балх шуд. Ва амири Хуросон дигар қасди Алптекин наёраст кард ва аз муфорақати ӯ заъфе азим дар хонадону мулки Сомониён афтод. Ва хонадони Туркистон қасди эшон карданд ва бисёр вилоят бигрифтанд. Ва чун Алптекин аз Бӯъҷафар бипардохт, рӯй ба шоҳи ҳиндувон кард ва ба Хуросон ва ба ҳар ноҳият нома набишт ва мадад хост. Чандон кас биёмаданд ба тамаи ғанимат, ки онро ҳад набуд. Чун лашкар арз дод, понздаҳ ҳазор савору панҷ ҳазор пиёда баромад, ҳама ҷавон ва тамомсилеҳ. Ва пеши шоҳи Ҳинд бозрафт ва ногоҳ бар талояи ӯ заду бисёр мардум бикушт ва ба ғанимат машғул нашуд ва бозпас гашт. Лашкари шоҳ аз пас тохтанд ва ӯро дарнаёфтанд, кӯҳе баланд буд ва дар миёни ду кӯҳ дарае буд ва роҳи шоҳи Ҳинд дар дара буд. Алптекин сари дара бигрифт. Чун шоҳи Ҳинд он ҷо расид, натавонист гузаштан. Ҳамон ҷо фуруд омад ва ду моҳ дар он ҷо бимонд. Ва ҳар вақт, ки Алптекин берун тохтиву халқе аз ҳиндувон бикуштӣ. Ва Сабуктекин дар ин ҷанг бисёр кӯшиду чанд кори нек ба дасти ӯ омад. Ва шоҳи Ҳинд фурӯ монд ва дар кори хеш, на пеш тавонист шуд, на пас. Мумкин гашт, ки ба бемуродиву беқарорӣ боз гардад. Охир бар он қарор ёфт, ки шоҳи Ҳинд гуфт, ки шумо аз Хуросон ин ҷо аз баҳри нонпора омадед, ман шуморо нонпора бидиҳам ва дизҳо ба шумо биспорам ва шумо аз лашкари ман бошед ва мехӯред ва ба мурод рӯзгор мегузаронед. Эшон бад-ин ризо доданд ва дар сирр шоҳи Ҳинд бо диздорон гуфта буд, ки чун ман бозгардам, дизҳо бад-эшон месупоред. Чун бозгашт, Алптегин ба дари дизҳо рафт, дизҳо намесупурданд. Гуфт: «Акнун аҳд эшон бишкастанд бо ман». Ва дигарбора тохтан карду шаҳрҳо гушодан гирифт ва ин дизҳоро ҳисор медод, андар миён фармон ёфт ва лашкару ғуломони ӯ мутаҳаййир бимонданд. Ва дар гирди эшон лашкари кофир буд. Пас нишастанд ва тадбир карданд, ки Алптегинро писаре нест, ки ба ҷои ӯ биншонанд. Гуфтанд: «Моро дар Хин-

PDF Compressor Free Version

дустон ҳашаматеву номусе аст ва ҳар чӣ азимтар ҳайбате дар дили ҳиндувон афкандаем. Агар мо бад-ин машғул шавем, ки ин гӯяд, ки ман мӯҳташамтарам ва он гӯяд, ки ман муқаддамтарам, номуси мо шикаста шавад ва душман бар мо чира гардад. Ва чун миёни мо мухолафат зоҳир гашт, ин шамшер, ки бар рӯи кофирон мезанем, бар рӯи якдигар бояд зад ва ин вилоят, ки ба даст овардаем, аз дасти мо биравад. Тадбир он аст, ки яке аз миёни мо, ки шоиста бошад, ихтиёр кунем ва ӯро бар хештан солор кунем ва ба ҳар чӣ ӯ фармояд, ризо диҳем ва чунон ангорем, ки Алптекин ӯст». Ҳама қабул карданд. Пас номи ғуломоне, ки муқаддам буданд, бишмурданд, чунон карданд, ҳар якеро айбеву узре бинҳоданд, то ба номи Сабуктекин расиданд. Чун номи ӯ бурданд, ҳама хомӯш монданд. Пас аз миён яке гуфт: «Ҷуз Сабуктекин ғулом аст, ки ӯро бештар харидаанд ва ҳаққи хидмат бештар дорад». Дигаре гуфт: «Сабуктекин ба ҳушёриву мубориизиву мурувввату саховату хушхӯиву худотарсӣ ва некаҳдиву хуб зистан бо ёрон аз ҳама муқаддамтар аст. Ва ӯро худованди мо парвардааст ва корҳои ӯ писандида аст ва ӯ ҳама сирату тариқати Алптекин дорад ва андозаву маҳали мо нек шиносад. Ман онч донистам, бигуфтам, пас шумо беҳтар донед». Замоне аз ҳар гуна гуфтанд. Охируламр бар он муттафиқ шуданд, ки Сабуктекинро бар худ амир кунанд ва Сабуктекин таҷаррруд мекард, то илзомаш карданд. Пас гуфт: «Агар чора нест, он гоҳ ин шуғл кунам ва дарпазирам, ки ҳар чӣ ман кунаму гӯям, бар он эътироз набувад. Ва ҳар ки бо ман хилоф кунад ё дар ман осӣ шавад ва ӯ дар фармони ман коҳилӣ кунад, шумо бо ман якдил бошаду ӯро бикушед». Ҳама бар он савганд хӯрданд ва аҳду байъат карданд ва ӯро бурданд ва дар болиши Алптекин биншонданд ва ба амирӣ салом карданд ва зару дирам нисор карданд. Ва Сабуктекин ҳар тадбире, ки ҳамекард, савоб ҳамеомад ва духтари раиси Зовулистонро ба занӣ кард. Маҳмудро аз ин сабаб «зовулӣ» гӯянд. Ва чун бузург шуд, бо падар тохтҳо кард ва дар сафарҳои бисёр буд. Ва аз халифаи

PDF Compressor Free Version

Багдод, баъд аз он-к бисёр корҳои бузург карда буд ва масофҳои гарон шикаста дар диёри Ҳинд «Носируддин» лақабаш омад. Чун Сабуктекин фармон ёфт, Маҳмуд ба ҷои падар бинишаст ва ҳама тадбирҳои мулк некӯ омӯхт ва ҳамеша ахбори мулук шуниди ва дӯстдурустиву сиратҳои писандида бар даст гирифт. Ва бирафту вилояти Нимрӯз бикушод ва Хуросон бигирифт ва дар Ҳиндустон чунон бирафт, ки Суманот (19) гирифт ва Манотро (20) биёварду шоҳи ҳиндувонро бикушт ва кор бад-он ҷо расид, ки султони ҷаҳон гашт. Ва мақсуд аз ин ҳикоят он аст, ки худованди оламро халладаллоҳу мулкаҳу (21) маълум гардад, ки бандаи нек чӣ гуна бошад ва банда, ки хидмати писандида карда бошад ва ҳаргиз хиёнатеву бадаҳдӣ аз ӯ надида бошад ва мулк бад-ӯ устувор бувад ва бар давлат муборак бувад, ба озори дили ӯ набояд кӯшид. Ва сухани ҳар касе ба зиштии ӯ набояд шунид. Бояд ки эътимод бар ӯ ҳар рӯз зиёдаттар бувад, ки хонадонҳову мулкҳову шаҳрҳо ба мардӣ бозбаста мебошад, чунон-к Алптекин, ки банда буд ва мулки Сомониён бад-ӯ устувор буд, қадри ӯ надонистанд ва қасди ӯ карданд. Чун ӯ аз Хуросон бирафт, давлат аз хонадони Сомониён бирафт. Умре бибояд ва рӯзгоре мусоид, то бандаи шоиставу озмуда ба даст ояд. Ва доноён гуфтаанд, ки чокару бандаи шоиста беҳ аз фарзанд бувад ва набояд, ки бандаву чокари нек аз даст бишавад. Ва шоир гӯяд, байт:

> Як бандаи митвоъ беҳ аз сад фарзанд,
> К-ин марги падар хоҳаду он умри худованд.

## ДАР МАЪНИИ АЛҚОБ

...Ва имрӯз камтар касеро агар даҳ лақаб камтар нависанд, хашм гирад ва биёзорад. Ва Сомониён, ки чандин сол подшоҳ буданд ва ҳар якеро як лақаб буд: Нӯҳро «шоҳаншоҳ», падарашро «амири садид» ва ҷаддашро «амири ҳамид» ва Исмоил ибни Аҳмадро «амири одил».

PDF Compressor Free Version

## ДАР ХУРУҶИ БОТИНИЁН ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР

Дар Хуросон Ҳусайн Алии Марвазӣ, ки ӯро Ғиёс ботинӣ (22) карда буд, чун бихост мурдан, ин шуғл ба Муҳаммад Аҳмади Нахшабӣ дод. Ӯро ноиби хеш кард ва ӯ аз ҷумлаи фалосифаи Хуросон буд ва марде мутакаллим (23) буд. Ӯро васият кард, ки ҷаҳд кунад, то ноибии ин ҷо бигузорад ва худ аз Ҷайҳун бигузарад ва ба Бухорову Самарқанд шавад ва он мардумро дар мазҳаб оварад ва ҷаҳд кунад, то аъёни ҳазрати амири Хуросон Насри Аҳмадро баъзе дар ин мазҳаб орад. Ва чун Ҳусайн Алӣ бимурд, Муҳаммади Нахшабӣ ба ниёбати ӯ нишаст ва халқе бисёрро аз мардуми Хуросон даъват кард ва ӯро иҷобат карданд. Ва яке буд ӯро «писари Савода» гуфтандӣ. Аз Рай бигурехта буд ва ба Хуросон пеши Ҳусайн Алӣ буд ва яке аз сари ботиниён буд. Ин Муҳаммади Нахшабӣ ӯро халифаи хеш кард ба Марвурруд ва худ аз об бигузашт ва ба Бухоро шуд. Кори хешро равнақе надид. Аз он ҷо ба Нахшаб шуд ва Бӯбакри Нахшабиро, ки надими амири Хуросон буд, дар мазҳаби хеш овард. Ва Абӯбакр бо Ашъас, ки дабири хос буд ва маҳалли надимон дошт, ӯро низ дар ин мазҳаб овард. Ва Бӯмансури Чағонии ориз, ки хоҳари Ашъас ба занӣ дошт, ӯро низ даъват карданд ва иҷобат кард. Ойтош ҳоҷиби хос буд, бо эшон дӯстӣ дошт, ҳам дар ин мазҳаб омад. Пас ин ҷамоат Нахшабиро гуфтанд: «Туро дар Нахшаб ҳоҷат нест будан, бархезу ба ҳазрат ой ба Бухоро. Моҳо чунон кунем, ки кори ту ба фалак расонем ва мӯҳташамонро дар ин мазҳаб орем». Бархосту ба Бухоро шуд. Бо ин тоифаву меҳтарон менишаст ва даъват мекард ва ҳар кӣ ба роҳи суннат буд, аз роҳ мебурд. Он гаҳ ба тадриҷ ба мазҳаби шииён мебурд, то раиси Бухорову соҳиби хироҷу деҳқон ва аҳли бозорро дар ин мазҳаб овард ва Ҳусайни маликро, ки аз хавосси подшоҳ буд ва волии Элоқ буд ва Алии Зарродро дар мазҳаб овард. Ва бештар аз инҳо, ки ёд кардем, бузургону мӯътамадони подшоҳ буданд. Чун табаъи ӯ бисёр шуданд, оҳанги подшоҳ кард ва хавосси подшоҳ

PDF Compressor Free Version

бар он дошт, то сухани ӯро ба некӣ дар мастиву хушёрӣ
пеши подшоҳ ёд кунанд. Чандон бигуфтанду ниёбати ӯ
бидоштанд, ки Насрро ба дидани ӯ рағбат афтод. Пас Му-
ҳаммади Нахшабиро пеши амири Хуросон бурданд ва
бисёр ӯро ба доноӣ бистуданд. Амири Хуросон ӯро харидор
шуд ва азиз медошт ва ҳар вақт, ки ӯ сухане ба самъи ӯ
мерасонид, ҳар чӣ ӯ гуфтӣ ва шарҳ додӣ, надимон ҷумла
зеҳ кардандӣ. Ва ҳар рӯз Насри Аҳмад ӯро азизтар ме-
дошт ва даъват иҷобат мекард. Ва чунон муставлӣ гашт,
ки ӯ гуфтӣ. Ва кори Нахшабӣ он ҷо расид, ки даъвати ӯ
ошкоро шуд ва турконро ноxуш меомад, ки подшоҳ қар-
матӣ (24) шуд. Пас олимон гирд омаданд ва пеши сипаҳ-
солорони шаҳру лашкар рафтанд ва гуфтанд: «Дарёбед,
ки мусалмонӣ табаҳ шуд». Сипаҳсолорон гуфтанд: «Шумо
бозгардед, ки кор ба салоҳ ояд». Дигар рӯз омаданду подшоҳ-
ро гуфтанд. Суде надошт ва гуфтугӯй бархост. Охир сипаҳсо-
лорон бар он иттифоқ карданд ва ба сипаҳсолори бузург гуф-
танд, ки «мо подшоҳи кофир намехоҳем, ту, ки сипаҳсолори
бузургӣ, ба подшоҳӣ биншин ва мо табаъи туем». Сипаҳсо-
лори бузург ҳам аз ҷиҳати дин ва ҳам аз ҷиҳати тамаъ
иҷобат карду гуфт: «Ба як ҷо бибояд нишастану муттафиқ
шудан, ки ин корро чӣ гуна бар даст гирем, чунон-к подшоҳ
надонад». Аз сари бузургони лашкар пире буд, номи ӯ Та-
лан-Лавкон гуфтандӣ. Гуфт: «Тадбири ин кор он аст, ки ту,
ки сипаҳсолорӣ, аз подшоҳ дархоҳӣ, ки бузургон аз ман
меҳмонӣ мехоҳанд, ба ҳама ҳол нагӯяд, ки макун. Гӯяд:
«Агар барг дорӣ, бикун». Ту гӯй: «Бандаро аз таъому ша-
роб ҳаст, валекин аз маънии олату зинату зарринаву сими-
на ва фарш нест». Ӯ гӯяд: «Ҳар чӣ аз хазинаву шаробхо-
наву фаррошхона хоҳӣ, бар ту хидмат кун». Ва бигӯй, ки
«банда сипоҳро ба шарте меҳмонӣ мекунад, ки чун меҳмонӣ
бихӯранд, ғазои кофирро миён дарбанданд ва бо банда ба
вилояти Балосоғун раванд, ки кофири турк вилоят гириф-
тааст. Ва нафрини мутазаллимон аз ҳад даргузашт» то
бо ту бадгумон нашаванд ва он гоҳ дар барги меҳмонӣ бош
ва сипоҳро ваъда деҳ, ки фалон рӯз ба ваъда бошед. Ҳар
чӣ дар хазинаи подшоҳу шаробхонаву фаррошхона аз зар-

PDF Compressor Free Version

ринаву симина бошад, ҳама ба сарои хеш бар. Чун ҳама ба сарои ту оянд, дари сарой ба баҳонаи анбӯҳӣ дарбанд ва бузургонро ба баҳонаи ҷуллоб хӯрдан дар ҳуҷра барӣ ва ин сухан бар саҳро афкан. Он-к асланд, бо туанд ва он-к фаръанд, бо ту нашинстанд. Чун як сухан аз мо бишнаванд, эшон низ ба мо мувофиқат кунанд ва бо мо якдил шаванд ва ҳама дар аҳду савганди подшоҳии ту байъат кунанд. Ва аз ҳуҷра берун оему таом бихӯрем ва ба маҷлиси шароб равем ва ҳар як се-чаҳор пиёла бихӯрем ва зарринаву симина бо фаршу олат ба ҷумлаи бузургони лашкар пахш кунем ва берун равем ва подшоҳро фурӯ гирем. Ва дар шаҳру навоҳӣ бигардему қарматиёнро ҳар куҷо ёбем, бикушем ва туро бар тахт нишонем». Сипоҳсолор гуфт: «Тадбир ҳамин аст». Рӯзи дигар бо Насри Аҳмад гуфт, ки «бузургони лашкар аз ман меҳмонӣ мехоҳанд ва ҳар рӯз тақозо мекунанд». Наср гуфт: «Агар барги меҳмонӣ дорӣ, ҳеҷ тақсир макун». Гуфт: «Таому шароб дорам, валекин фаршу олат мутааззир аст». Насри Аҳмад гуфт: «Ҳар чӣ дарбояд, аз ин маънӣ аз хазина бар». Ӯ хидмат кард. Ва ҳар чӣ дар хазинаву шаробхона зарринаву симина буд, бо фаршу олат, ҷумла ба хонаи худ фиристод ва барги меҳмонӣ бисохт, чуноик кас дар он айём мисли он надида буд. Ва ҳама бузургони лашкарро бо хайлу ҳишам ҷумла бихонд. Чун ҳозир омаданд, дари сарой бифармуд бастан ва бузургону саронро дар ҳуҷра оварду савганд дод ва байъат карданду аз ҳуҷра берун омаданд ва бар хон нишастанд. Яке аз сарои ӯ ба роҳи бом биҷасту рафт ва Нӯҳ ибни Насрро хабар кард, ки ин соат бузургони лашкар чӣ сохтанд. Нӯҳ тозон-тозон барнишасту ба сарои падар шуду гуфт: «Чӣ, нашнидаӣ, ки бузургони лашкар бо сипоҳсолор савганд хӯрданду байъат карданд, ки чун нон бихӯранд ва се пиёла шароб бихӯранд, ҳар чӣ аз хазинаи ту бурдаанд, яғмо кунанд ва аз он ҷо бадар оянду дар сарои мо дарафтанд, турову маро ва ҳар кӣ ёбанд, бикушанд. Ва ғараз аз ин меҳмонӣ ҳалоки мост». Наср Нӯҳро гуфт: «Тадбири ин кор чист?» Гуфт: «Тадбир он аст, ки ҳам акнун

PDF Compressor Free Version

ходиме бифиристӣ, пеш аз он-к нон хӯранду ба маҷлиси шароб нишинанд дар гӯши ӯ бигӯяд, ки малик мегӯяд: «Имрӯз коре бас ба такаллуф кардай ва меҳмонӣ сахт некӯ сохта. Ва маро ба маҷлис хонаи заррину мурассаъ ҳаст, чунон-к имрӯз ҳеҷ подшоҳеро нест. Берун аз хизона ҷое ниҳода буд, акнун бибояд омад зуд, то он маҷлис-хонаи музаҳҳаб ба ту диҳам, пеш аз он-к меҳмонон ба маҷлиси шароб раванд. Лобуд ӯ ба тамаъи мол биёяд. Чун ин ҷо оянд, дарвақт сараш баргирем. Он гоҳ бигӯем, то чи бояд кард». Наср дарҳол ду ходим бифиристоду он пайғом бидод. Ва мардумон ба нон хӯрдан машғул буданд. Сипоҳсолор бо як-ду тан аз он мардум бигуфт, ки маро аз баҳри чӣ мехонанд? Гуфтанд: «Бираву он низ биёр, ки имрӯз ҳама моро дархур аст». Сипоҳсолор ба таъҷил дар сарои малик шуд. Дарҳол ӯро дар ҳуҷра хонданд ва ғуломонро фармуд, то сараш аз тан ҷудо карданду дар тӯбра ниҳоданд. Пас Нӯҳ падарро гуфт: «Ҳин бархез, то ҳар ду ба сарои ӯ равему тӯбра бо худ бубарем ва ту дар пеши бузургони лашкар аз подшоҳӣ безор шав ва маро валиаҳд кун, то ман ҷавоби эшон бидиҳам, то мулк дар хонадони мо бимонад, ки ин ҳама лашкар бо ҳам насо-занд». Пас ҳар ду барнишастанду ба саройи сипоҳсолор шуданд ва бузургон нигоҳ карданд. Подшоҳро бо писар диданд, ки аз дари сарой даромад. Ҳама бархостанду ис-тиқбол карданд ва кас надонист, ки ҳол чист? Гуфтанд: «Магар подшоҳро бад-ин меҳмонӣ рағбат афтод». Насри Аҳмад рафту ба ҷои хеш биншаст ва силеҳдорон паси пушти ӯ бистоданд ва Нӯҳ бар дасти рости падар бист-тоду гуфт: «Шумо биншинеду нон тамом бихӯреду хон яғмо кунед». Пас хон бихӯрданду хон яғмо бикарданду фориғ шуданд. Насри Аҳмад гуфт: «Бидонед, ки аз он-ч шумо сохтаед, ман огоҳ шудам. Чун бидонистам аз қасди шумо, дили ман бар шумо бад шуд. Акнун баъд аз ин на маро бар шумо эминӣ бошад ва на шуморо бар ман. Агар аз роҳ бияфтодам ё мазҳабе бад гирифтам ё гуноҳе аз ман ба вуҷуд омад, ки бад-он сабаб дилҳои шумо бар ман бад шуданд, Нӯҳро ҳеҷ айбе худ нест?» Гуфтанд: «На».

PDF Compressor Free Version

Гуфт: «Пас аз ин подшоҳи шумо Нӯҳ аст ва ман ӯро валиаҳди худ кардам. Ман агар бар савобам ва агар бар хато, баъд аз ин ба узру тавба машғул хоҳам шуд ва пеши худои азза ва ҷалла ба истиғфор хоҳам кӯшид ва он-к шуморо бар ин дошт, ҷазо ёфт». Ва бифармуд, то сар аз тӯбра баровардаанду пеши эшон андохтанд. Худ аз тахт фуруд омаду бар мусаллои намоз шуд. Ва Нӯҳ бар тахт шуду ба ҷои падар биншаст. Сарони сипоҳ, ки он диданду шуниданд, ҳеҷ узру баҳона натвонистанд овард ва ҳар чӣ буданд, сар бар замин ниҳоданд ва Нӯҳро таҳнияг карданд ва ҳама ҷурм дар гардани сипоҳсолор карданду гуфтанд: «Мо ҳама бандаему фармонбардорем». Гуфт: «Бидонед, ки ман дар ҳама маонӣ ҳар чӣ рафт ва ҳама хатои шумо савоб ангоштам ва муроди шумо ҳама аз ман ҳосил гашт. Гӯш ба фармони ман доред ва бар сари айши хеш бошед». Пас банд хост ва бифармуд, то бар пои падараш ниҳоданд ва дарҳол ба кӯҳандиз бурданду маҳбус карданд. Ва гуфт: «Акнун бархезед, то ба маҷлиси шароб шавем». Чун ба маҷлиси шароб шуданд ва ҳар як се кадаҳ шароб бихӯрданд, гуфт: «Чун шумо сиголида будед, ки чун се кадаҳ шароб бихӯред ва ҳар чӣ дар маҷлис аст, яғмо кунед, яғмо намефармоям кард. Аммо шуморо бахшидам, баргиред ва ба сақоят бар якдигар қисмат кунед». Ҳамаро бардоштанду дар ҷувол карданд ва муҳр барниҳоданд ва ба мӯътамаде супурданд. Пас гуфт: «Агар сипоҳсолор бадӣ андешид, сазои хеш ёфт ва агар падарам аз роҳи рост бияфтод, сазои хеш дид. Иттифоки шумо чунон буд, ки чун аз меҳмонӣ фориғ шавед, ба ҷониби Баласогун ба ғазои турк шавед, моро худ ҳам ғазои кофир бар дари хона аст. Ҳин ба ғазо машғул шавем. Ҳар чи дар Мовароуннаҳру Хуросон мулҳид гашта ва ин мазҳаб гирифта, ки падарам гирифта буд, ин ҷо ғазо кунем ва ҳар кучо мулҳидеву маздакӣ (25) ҳаст, ҳамаро бикушем ва молу неъмати эшон ҳама шуморост. Ин-к дар маҷлис буд, аз зару дирам имрӯз ба шумо додам ва он-ч дар хизона аст, фардо ба шумо диҳам, ки колои ботиниён ҷуз ғоратро нашояд. Чун аз ин муҳим

PDF Compressor Free Version

фориғ шавем, рӯй ба кофири турк ниҳем ва хоҳам, ки Муҳаммади Нахшабиро бо надимони падарам гардан барзанед». Пас дар шаҳру навоҳӣ афтиданд ва Муҳаммади Нахшабиро, ки доъӣ буд ва ҷумла надимонро ва касоне, ки дар мазҳаби ибоҳат буданд, ҷумларо бикуштанд. Ва ҳам дар рӯз, амире бо лашкари гарон ба Марвуррӯд фиристод, то писари Саводa бигиранду бикушанд. Ва ҳар куҷо аз эшон доъӣ бошад, бикушанд. Ва гуфт: «Зинҳор васият мекунам, то ҳеҷ мусалмон кушта нагардад ба ғалат ва агар мусалмон ба ғалат кушта шавад, қасос кунам». Ва чанд шабонарӯз таҷассус мекарданд ва ба дурустиву ростӣ эшонро мекуштанд, то дар Хуросону Мовароуннаҳр моддати даъвати эшон бурида гашт ва ин мазҳаб пӯшида бимонд.

## ХУРУҶИ ҚАРМАТӢ ВА МАЗДАКӢ ДАР НОҲИЯТИ ҲИРОТУ ҒУР

Дар соли дувисту наваду панҷ (295/908) аз ҳиҷрат волии Ҳирот Муҳаммади Ҳарсама хабар кард амири одили Сомониро, ки марде дар кӯҳпояи Ғуру Ғарҷистон хуруҷ кардааст ва ӯро Бӯбилол мегӯянд ва аз ҳар табақа мардум бар ӯ ҷамъ шуда ва хештанро «доруладл» ном ниҳодааст ва мардуми беҳад аз рустои Ҳироту навоҳӣ рӯй ба вай ниҳодаанд ва байъат мекунанд ва адади эшон фузун аз даҳ ҳазор мард аст. Агар дар кори ӯ тағофул кунанд, ба изъоф он мардум гирд оянд, он гаҳ кор душвортар тавон буд ва мегӯянд, ки надими Яъқуби Лайс ӯ буд ва дар мазҳаби хавориҷ даъват ба ниёбати ӯ мекунанд. Чун амири одил аз ин ҳол огоҳ шуд, гуфт: «Чунон донам, ки Бӯбилолро хун ба ҷӯш омад». Пас Зикро ҳоҷибро бифармуд, ки понсад ғуломи турки далер бигузин ва бигӯ, то эшонро дирам диҳанд ва Бегашро сарҳанги эшон деҳ, ки ӯ ғуломест бохирад ва бигӯ, то даҳ ҳазор дирам ба вай диҳанд ва понсад ҷавшан бар шутурон табъия кунанд. Ва ту бо эшон фардо ба Ҷӯи Мӯлиён ой, то ман эшонро бинам ва аз пеши ман биранд. Ҳоҷиб Зикро ҳамчунин

PDF Compressor Free Version



кард ва нома навишт ба Бўалии Марвазӣ, ки мардуми хешро дирам деҳ ва аз шаҳр берун ой, пеш аз он-к ғуломон ба ту расанд ва ғуломон ба Ҳирот шаванд ва бо Муҳаммади Ҳарсама пайвананд. Ва ба Муҳаммади Ҳарсама нома набишт, ки сохта бош ва аз шаҳр берун ой, то Бўалӣ ва Бегаш ба ту расанд. Ва Беғашро гуфт: «Агар фатҳ ба даст баромад, туро вилоят диҳам». Ва ғуломонро гуфт: «На ҳарби Алӣ ибни Шарвин ё ин Амри Лайс ё Муҳаммади Ҳиравист, ки он ҷо лашкару олат бисёр буд ва андар ин муҳим эътимод бар шумост, ки ба кўҳпояи Ҳирот хавориҷ падид омаданд ва мазҳаби хавориҷу кароматa ошкоро карданд. Ва бештари эшон шубону кишоварзанд. Ва чун ин фатҳ бикунед, ҳамаро хилъату силат диҳам». Ва дабире ҷалдро номзад кард ба кадхудоии эшон. Чун ба Марвуррўд шуд, Бўалӣ дарҳол бо мардуми хеш бад-ў пайваст ва сари роҳҳо фурў гирифт, то хориҷиён хабари эшон наёбанд. Чун ба Ҳирот расиданд, Муҳаммади Ҳарсама бо сипоҳ берун омад ва роҳҳо бигирифтанд, то Бўбилол хабар наёфт ва ба кўҳ андар шуданд ва ақабаҳои дурушт дар се шабонарўз бибуриданд, то ба эшон расиданд. Ногаҳон эшонро гирд бар гирд гирифтанд ва ҳамаро бикуштанд ва Бўбилолу Ҳамадон ва даҳ тани дигарро аз раисони эшон бигрифтанд ва сари ҳафтод рўз аз он ҷо бозомаданд ва Бўбилол ба зиндони куҳандиз бурданд, то бимурд. Дигарон ҳар яке ба шаҳре фиристод, то бар дор карданд ва моддати эшон муддате аз Ғуру Ғарҷистон бурида гашт. Ва ҳам дар ин сол амири одил фармон ёфт. Ва Насри Аҳмад, ки писари ў буд, ба ҷой биншаст, он-к ҳадиси ў бештар ёд кардем.

PDF Compressor Free Version

ХОҶА АБУЛФАЗЛ МУҲАММАД ИБНИ ҲУСАЙНИ БАЙҲАҚӢ

# Таърихи Байҳақӣ

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» — Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ соли 385/996 дар деҳаи Ҳорисободи Байҳақ таваллуд шуда, таҳсили ибтидоиро дар Нишопур гирифтааст. Баъди таҳсили илм ба девони рисолати султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба кори дабирӣ даромада, аз шогирдони беҳтарини Хоҷа Бӯнасри Машкон мешавад. Баъди вафоти Хоҷа Бӯнасри Машкон дар охири салтанати Масъуд раисии девон ба ӯҳдаи Бусаҳли Заврзанӣ меафтад. Байҳақӣ бо вуҷуди муносибати носозгор бо ӯ то охири салтанати Масъуд дар дарбор монда, иншо ва покнависии номаҳои муҳимро ба ӯҳда дошт.

Тибқи ахбороти сарчашмаҳо Байҳақӣ дар замони салтанати Абдуррашид раиси девони рисолат мешавад, вале баъди чанде бо игвои дарбориён ҳабс ва молу мулкаш ғорат шуд. Ӯ баъди халосӣ ёфтан аз ҳабс дигар ба дарбор наомада, соли 470/1078 вафот кард.

Аз таълифоти Байҳақӣ яке «Таърихи Оли Сабуктегин» будааст, ки дар 30 ҷилд таҳрир ёфта, «Таърихи Байҳақӣ» қисме аз он маҳсуб мешавад. Асари дигари Байҳақӣ «Зинат-ул-куттоб» ном дошта, доир ба расму русуми дабирӣ ва одоби китобат баҳс мекардааст. Абулфазли Байҳақӣ дар ду ҷои «Таърихи Байҳақӣ» аз рисолаи дигараш — «Мақомоти Маҳмудӣ» ёдовар мешавад. Ҳамчунин дар «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ китобе бо номи «Мақомоти Абӯнасри Машкон» ба Байҳақӣ нисбат дода шудааст.

Мутаассифона, аз осори ин адиб ва муаррихи маъруф фақат «Таърихи Байҳақӣ» то рӯзгори мо расидааст.

«Таърихи Байҳақӣ» аз ҷумлаи беҳтарину мукаммалтарин таълифотест, ки аз хусуси таърихи аҳди султон Масъуд баҳс мекунад. Фузун бар ин китоби мазкур роҷеъ ба Саффориён, Сомониён, Салҷуқиён ва шоирону адибони даврони фармонравоии онҳо маводи ҷолиби таърихиро шомил аст.

«Таърихи Байҳақӣ» намунаи хуби таърихнигории асримиёнагии форсу тоҷик буда, дар он нигориши таърих на бо роҳи забти беобу ранги ҳодисоту воқеъот ва тасвири тимсолҳои беҳиссу берӯҳи ашхоси таърихӣ, ки ба бархе аз таърихномаҳои пешин хос аст, балки тавассути ба кор гирифтани унсурҳои маърифати ҳиссӣ ва таваҷҷӯҳ ба инсон ҳамчун мадори воқеъоту ҳодисоти таърихӣ сурат гирифтааст. Ин шеваи нигориш «Таърихи Байҳақӣ»-ро дар радифи осори адабӣ гузошта ва боиси иштиҳори камназири он гардидааст.

«Таърихи Байҳақӣ» ба забонҳои мухталиф, аз ҷумла русӣ тарҷума шуда ва борҳо дар Эрон рӯи чопро дидааст. Чопи охирини он аз ҷониби дуктур Ғанӣ ва дуктур Файёз соли 1370/1992 анҷом пазируфтааст.

PDF Compressor Free Version


## ОҒОЗИ ТАЪРИХИ АМИР ШИҲОБУДДАВЛА МАСЪУД ИБНИ МАҲМУД, РАҲМАТУЛЛОҲИ АЛАЙҲУМО

...Ва чунон хондам дар ахбори Сомониён, ки Наср Аҳмади Сомонӣ ҳаштсола буд, ки аз падар бимонд, ки Аҳмадро ба шикоргоҳ бикуштанд ва дигар рӯз он кӯдакро бар тахти мулк биншонданд ба ҷои падар. Он шербача маликзодаи сахт некӯ баромад ва бар ҳама одоби мулук савор шуд ва беҳамто омад. Аммо дар вай шароратеву заорате ва сатватеву ҳашмате ба ифрот буд ва фармонҳои азим медод аз сари хашм, то мардум аз вай даррамиданд. Ва бо ин ҳама ба хирад руҷӯъ кардӣ ва медонист, ки он ахлоқ сахт нописандида аст.

Як рӯз хилвате кард бо Балъамӣ, ки бузургтар вазири вай буд ва Бӯтаййибн Мусъабӣ — соҳибдевони рисолат ва ҳар ду ягонаи рӯзгор буданд дар ҳама адавоти фазл — ва ҳоли хештан ба тамомӣ бо эшон биронд ва гуфт: «Ман медонам, ки ин ки аз ман меравад, хатое бузург аст, валекин бо хашми хеш барнаёям ва чун оташи хашм биншаст, пушаймон мешавам ва чӣ суд дорад, ки гарданҳо зада бошанд ва хонумонҳо биканда ва чӯб беандоза ба кор бурда. Тадбири ин кор чист?» Эшон гуфтанд: «Магар савоб он аст, ки худованд надимони хирадмандтар истодонад (1) пеши хеш, ки дар эшон бо хиради тамом, ки доранд, раҳмату раъфату ҳилм бошад ва дастурӣ диҳад эшонро то беҳашмат, чунки худованд дар хашм шавад ба ифрот, шафоат кунанд ва ба талаттуф он хашмро биншонанд. Ва чун некӯӣ фармояд, он чизро дар чашми вай биёроянд, то зиёдат фармояд. Чунон донем, ки чун бар ин ҷумла бошад, ин кор ба салоҳ бозояд».

PDF Compressor Free Version

Насри Аҳмадро ин ишорат сахт хуш омад ва гуфти эшонро биписандид ва эҳмод кард бар ин чи гуфтанд. Ва гуфт: «Ман чизе дигар бад-ин пайвандам, то кор тамом шавад ва ба муғаллаз савганд хӯрам, ки ҳар чи ман дар хашм фармон диҳам, то се рӯз онро имзо накунанд, то дар ин муддат оташи хашми ман сард шуда бошад ва шафеъонро сухан ба ҷойгоҳ афтад ва он гоҳ назар кунам бар он ва пурсам, ки агар он хашм ба ҳақ гирифта бошам, чӯб чандон зананд, ки кам аз сад бошад ва агар ба ноҳақ гирифта бошам, ботил кунам он уқубатро ва бардошт кунам он касонро, ки дар боби эшон сиёсат фармуда бошам, агар лаёқат доранд бардоштанро. Ва агар уқубат бар муқтазои шариат бошад, чунон ки қуззот ҳукм кунанд, биронанд». Балъамӣ гуфт ва Бӯтайййб, ки ҳеҷ намонд ва ин кор ба салоҳ бозомад.

Он гоҳ фармуд ва гуфт: «Бозгардед ва талаб кунед дар мамлакати ман хирадмандтари мардумонро ва чандон адад, ки ёфта оянд, ба даргоҳ оранд, то он чи фармуданӣ аст, бифармоям». Ин ду мӯҳташам бозгаштанд сахт шодком, ки балое бузургтар эшонро буд ва тафаҳҳус карданд ҷумлаи хирадмандони мамлакатро ва аз ҷумла ҳафтоду анд танро ба Бухоро оварданд, ки расме ва хонадоне ва неъмате доштанд ва Насри Аҳмадро огоҳ карданд. Фармуд, ки «ин ҳафтоду анд танро, ки ихтиёр кардаед, як сол эшонро мебояд озмуд, то тане чанд аз эшон бахирадтар ихтиёр карда оянд». Ва ҳамчунин карданд, то аз миёни он қавм се пир берун омаданд хирадмандтару фозилтару рӯзгордидатар. Ва эшонро пеши Насри Аҳмад оварданд ва Наср як ҳафта эшонро меозмуд. Чун ягона ёфт, рози хеш бо эшон бигуфт ва савганди сахт гарон нусхат кард ба хати хеш ва бар забон биронд ва эшонро дастурӣ дод ба шафоат кардан дар ҳар бобе ва сухан фарохтар бигуфтан. Ва як сол бар ин баромад, Наср Аҳнафи Қайси дигар (1а) шуда буд дар ҳилм, чунон ки бад-ӯ масал заданд ва ахлоқи носутуда ба як бор аз вай дур шуда буд...

PDF Compressor Free Version

## АЛ—МАҚОМА ФИ МАЪНО ВИЛОЯТ—ИЛ—АҲДИ БИ—Л—АМИР ШИҲОБИДДАВЛА МАСЪУД ВА МО ҶАРО МИН АҲВОЛИҲИ (2)

...Ва ба рӯзгори Сомониён мукдиме, ки ӯро Абӯҷаъфари Зиёдӣ (3) гуфтандӣ ва хештаиро баробари Булҳасани Симҷӯр доштӣ ба ҳашмату олату уддат, чанд бор ба фармони Сомониён қасди Ғур кард ва волии Ҳирот вайро ба ҳашар ва мардуми хеш ёрӣ дод ва бисёр ҷаҳд кард ва шаҳомат намуд, то ба Хайсору Тулак (4) беш нарасид. Ва ҳеҷ кас чунин дар миёнаи замини Ғур нарафт ва ин корҳои бузург накард, ки ин подшоҳи мӯҳташам кард...

## ҚИССАТ—УТ—ТАББОНИЯ

Таббониёнро ном ва айём аз имом Абулаббоси Таббонӣ, разиаллоҳу анҳу, бархезад ва вай ҷадди Хоҷа Имом Бӯсодиқи Таббонӣ аст, адомаллоҳу саломатаҳу (5), ки имрӯз умре басазо ёфтааст ва дар работи Монақи Алии Маймун мебошад. Ва дар рӯзе афзун (аз) сад фатворо ҷавоб медиҳад ва имоми рӯзгор аст дар ҳама улум...

...Ва ин Абулаббос ҷаддаш ба Бағдод шогирди Яъқуби Абӯюсуф буд писари Аюб ва Бӯюсуфи Яъқуби Ансорӣ қозии қуззоти Ҳоруннаррашид ва шогирди имом Абӯҳанифа, разиаллоҳу анҳум, аз имомони мутлақ ва аҳли ихтиёр буд бемунозеъ. Ва Абулаббосро ҳам аз асҳоби Абӯҳанифа шумурдаанд...

...Ва фақеҳе буд аз Таббониён, ки ӯро Бӯсолеҳ гуфтандӣ, холи волидаи ин Бӯсодиқи Таббонӣ, вайро Султон Маҳмуд таклиф кард бад-он вақт, ки ба Нишопур буд дар сипоҳсолории Сомониён ва ба Ғазнин фиристод, то ин ҷо имоме бошад асҳоби Бӯҳанифаро, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва фиристодани вай дар санаи хамса ва самонина ва салосумиа (385/995) буд...

...Ва маҳалли Бӯсолеҳ наздики амир Маҳмуд то бад-он ҷойгоҳ буд, ки чун гузашта шуд дар санаи арбаъамиа

PDF Compressor Free Version

(400/1009), Хоҷа Абулаббоси Исфароинии вазирро гуфт: «Дар мадрасаи ин имом рав, мотами вай бидор, ки вайро фарзанде нест, ки мотами вай бидорад ва ман раво дошътаме дар дину эътиқоди хеш, ки ин ҳақ ба тани хеш гузоридаме, аммо мардумон аз ин гӯянд ва бошад, ки айб кунанд ва аз ту мӯҳташамтар моро чокар нест, вазир ва халифаи мой».

Ва Бубишри Таббонӣ, раҳимаҳуллоҳ, ҳам имоми бузург буд ба рӯзгори Сомониён ва сохти зар дошт ва бад-он рӯзгор ин ташриф сахт бузург будааст, ки корҳо танг гирифта будаанд...

...Ва ба сари қиссаи сипоҳсолорони султон Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, аз ҷиҳати Сомониёнро бозшавам ва нуктае чанд аз ҳар дасте аз он бигӯям, ки фоидаҳост дар ин ва гусел кардани ин имом Абӯсолеҳи Таббониро. Ва омадани Бағрохон — падари Қадархон ба Бухоро ва фасоди кори Оли Сомон дар моҳи рабеъулаввали санаи иснатайн ва самонина ва салосумиа (382/V.992) буд. Ва ин қисса дароз аст. Ва аз хазоини Сомониён молҳои беандоза ва ҷавоҳири нафис бардошт. Пас нолон шуд ба иллати бавосир. Ва чун азм дуруст кард, ки ба Кошғар бозравад, Абдулазиз ибни Нӯҳ ибни Насри Сомониро биёвард ва хилъат доду гуфт: «Шунидам, ки вилоят аз ту ба ғасб бистадаанд, ман ба ту боздодам, ки шуҷоъву одилу некӯсиратӣ. Дил қавӣ дор ва ҳар гоҳ ки ҳоҷат ояд, ман мадади туям». Ва хон бозгашт сӯи Самарқанд ва нолонӣ бар вай он ҷо сахттар шуд ва фармон ёфт, раҳимаҳуллоҳ. Ва амири разӣ (яъне Нӯҳ ибни Мансур-тарт.) ба Бухоро бозомад рӯзи чаҳоршанбе нимаи ҷумодиюлухрои санаи иснатайн ва самонина ва салосумиа (382/VIII.992). Ва ин Абдулазиз — аммашро бигрифту боздошт ва ҳар ду чашми вай пури кофур кард, то кӯр шуд, чунон ки гуфт Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ибни Абӯтоҳир — сиққаи амири разӣ, ки «ман ҳозир будам бад-ин вақт, ки ин бечораро кӯр мекарданд, бисёр ҷазаъ карду бигрист, пас гуфт: «Ҳунари бузург он аст, ки рӯзе хоҳад буд ҷазо ва мукофотро дар он ҷаҳон ва доваре одил,

PDF Compressor Free Version


ки аз ин ситамкорон доди мазлумон биситонад. Ва агар набудӣ, дилу ҷигари бисёр кас пора шудӣ».

Ва чун амири разӣ ба дорулмулк қарор гирифт ва ҷафоҳову истихфофҳои Бӯалии Симҷӯр аз ҳад бигузашт, ба амир Сабуктегин нома набишт ва расул фиристоду дархост, то ранҷа шавад ва ба дашти Нахшаб (6) ояд, то дидор кунанд ва тадбири ин кор бисозанд. Амири одил Сабуктегин бирафт бо лашкари бисёри ороста ва пилони фаровон. Ва амир Маҳмудро бо хештан бурд, ки фармуда буд овардан, ки сипаҳсолории Хуросон бад-ӯ дода ояд. Ва бирафтанду бо якдигар дидор карданд ва сипоҳсолорӣ ба амир Маҳмуд доданд ва сӯи Балх ҷумла бозшуданд ва вайро лақаб «Сайфуддавла» (7) карданд. Ва амири разӣ низ ҳаракат кард бо лашкаре азим аз Бухоро ва ҷумла шуданд ва сӯи Ҳирот кашиданд. Ва Бӯалии Симҷӯр он ҷо буд бо бародарону Фоиқу лашкаре бузург. Ва рӯзе ду-се расулон омаданду шуданд, то магар сулҳе афтад, наяфтод, ки лашкари Бӯалӣ тан дарнадоданд. Ва ба дари Ҳирот ҷанг карданд — ҷанге сахт. Рӯзи сешанбе нимаи моҳи рамазони санаи арбаъа ва самонина ва салосумиа (384/Х.994). Ва Бӯалӣ шикаста шуд ва ба сӯи Нишопур бозгашт ва амири Хуросон сӯи Бухоро. Ва амири Кӯзкоҳон — хусури султон Маҳмуд — Абулҳориси Фареғун ва амири одил Сабуктегин сӯи Нишобур рафтанд салхи шавволи ин сол (XI.994) ва Бӯалии Симҷӯр сӯи Гургон рафт...

## САРГУЗАШТИ АМИРИ ОДИЛ САБУКТЕГИН, РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲУ, КИ МИЁНИ Ӯ ВА ХОҶАИ Ӯ, КИ ВАЙРО АЗ ТУРКИСТОН ОВАРД, РАФТА БУД ВА ХОБ ДИДАНИ АМИР САБУКТЕГИН

Ҳикоят кард маро Шариф Абулмузаффар ибни Аҳмад ибни Абулқосими Ҳошимӣ—мулаққаб ба Алавӣ дар шаввоhelp санаи хамсина ва арбаъамиа (450/XI.1058) ва ин бузург озодмарде аст бошарафу насаб ва фозилу некшеър ва қариб сад ҳазор байт шеър аст ӯро дар ин давлат ва подшоҳони гузашта, разияллоҳу анҳум. Гуфт: «Бад-он вақт,

PDF Compressor Free Version


ки амири одил ба Бухоро рафт, то бо амири разй дидор кунад, ҷадди моро — Аҳмад ибни Абулқосим ибни Ҷаъфари Ҳошимиро ба наздики амири Бухоро фиристод ва амири Кӯзкононро бо вай фиристод ба ҳукми он ки сипоҳсолор буд, то кор қарор доданд. Ва амири разй вайро бинавохту маншур дод ба мавзеъи хироҷи ҳоите, ки ӯ дошт (8). Ва ҷаддам чун фармон ёфт, ин мавзеъ ба номи падарам кард амир Маҳмуд ва маншур фармуд, ки амири Хуросон гашта буд ва Сомониён барафтода буданд ва вай подшоҳ шуда. Ва ҷаддам гуфт: «Чун аз ҷанги Ҳирот фориғ шудему сӯи Нишобур кашидем, ҳар рӯзе расм ҳамон буд, ки амири Кӯзконон ва ҳама солорони мӯҳташам-аз они Сомонӣ ва Хуросонӣ-ба дари хаймаи амири одил Сабуктегин омаданди пас аз намоз ва савор бистоданди. Чун вай берун омадӣ, то барнишинад, ин ҳама бузургон пиёда шуданди, то вай барнишастӣ ва сӯи манзил кашиданди. Чун ба манзиле расид, ки онро Хокистар (9) гӯянд, як рӯз он ҷо бор афканд ва бисёр садақа фармуд дарвешонро ва пас намози дигар барнишаст ва дар он саҳроҳо мегашт ва ҳама аъён бо вай...

...Ва Алптегин ба Нишобур буд бар сипоҳсолории Сомониён бо ҳашмате бузург ва маро бо ду ёрам бад-ӯ бифурӯхт ва қисса пас аз он дароз аст, то бад-ин дараҷа расидам, ки мебинед, валлоҳу аълам биссавоб...

## БАҚИЙЯТУ ҚИССАТ—ИТ—ТАББОНИЯ (10)

Ва давлати Симҷӯриён ба сар омад, чунон ки як ба ду нарасид ва пои эшон дар замин қарор нагирифт. Ва Бӯалӣ ба Хоразм афтод ва он ҷо ӯро боздоштанд ва ғуломаш Элмангу қиёмат бар хоразмиён фуруд овард, то ӯро раҳо карданд. Пас аз он чарбаки амири Хуросон бихӯрд ва чандон истихфоф карда ба Бухоро омад ва чанд рӯз, ки пеши амири разй шуд ва омад, лашкарро ва чанд тан аз муқаддамонро фурӯ гирифтанд ва сутурону силоҳу таҷаммулу олат—ҳар чӣ доштанд, ғорат карданд. Ва намози шом Бӯалиро бо понздаҳ тан ба куҳандиз бурданду боз-

PDF Compressor Free Version

доштанд дар моҳи ҷумодиюлухро санаи салоса ва самонина ва салосумиа (383/VII.993). Ва амир Сабуктегин ба Балх буд ва расулону номаҳо пайваста кард ба Бухоро ва гуфт: «Хуросон қарор нагирад, то Вуалӣ ба Бухоро бошад. Ӯро ба наздики мо бояд фиристод, то ӯро ба қалъати Ғазнин нишонда оянд». Ва сиқоти разӣ гуфтанд: «Рӯй надорад фиристодан». Ва дар ин мудофаат мерафт ва Сабуктегин илҳоҳ мекард ва метарсониданшон. Ва кори Сомониён ба поён расида буд.

## ЗИКР ХУРУҶ АЛ-АМИР МАСЪУД, РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲУ, МИН БАЛХ ИЛО ҒАЗНИН (11)

...Устодам Бӯнаср маро, ки Вулфазлам, номзад кард ва хозине номзад шуд ба Абулҳасани Қурайш — дабири хизона. Ин Вулҳасан дабире буд бас кофӣ ва Сомониёнро хидмат карда ва дар хизонаҳои эшон ба Бухоро буда ва Хоҷа Вулаббоси Исфароинӣ — вазир ӯро бо хештан оварда ва амир Маҳмуд бар вай эътимоде тамом дошт...

## ЗИКРИ АХБОРУ АҲВОЛИ РАСУЛОНЕ, КИ АЗ ҲАЗРАТИ ҒАЗНА БА ДОРИ ХИЛОФАТ РАФТАНД ВА БОЗОМАДАНИ ЭШОН, КИ ЧӢ ГУНА БУД

...**Ҳикоят:** Хоҷае, ки ӯро Вулмузаффари Барғашӣ (12) гуфтандӣ ва вазири Сомониён буд, чун вай дар охири кор дид, ки он давлат ба охир омадаст, ҳилати он сохт, ки чун гурезад, табибе аз Сомониёнро силлати неку дод панҷ ҳазор динор. Ва мар ӯро даст гирифту аҳд кард ва рӯзе, ки яхбанди азим будаст, асб бар ях бифканду худро аз асб ҷудо кард ва оҳ карду худро аз ҳуш бибурд. Ва ба миҳаффа ӯро ба хона бибурданд ва садақоту қурбонӣ равон шуд беандоза. Он вақт пайғом оварданд ва ба пурсиш амир омад ва ӯро ба ишорат хидмат кард. Ва табибак чӯббанду талӣ оварду гуфт: «Ин пой бишикаст». Ва ҳар рӯз

табибро мепурсид амир ва ӯ мегуфт: «Оризае қавӣ афтод». Ва ҳар рӯз навъи дигар мегуфт ва амир навмед мешуд ва корҳо фуруд мебимонд, то ҷавонеро, ки мӯътамад буд, пешкори амир кард ба хилофати худ. Ва он ҷавон боди вазорат дар сар кард, амирро бар вай тамаъ омад ва ҳар рӯз табиб амирро аз вай навмед мекард. Чун амир дил аз вай бардошт ва ӯ он чӣ хиф(ф) буд, ба Гӯзгонон ба вақту фурсат мефиристод ва зайъате некӯ харид он ҷо, баъд аз он он чӣ аз сомиту нотиқ ва сутуру барда дошт, нусхате пардохт ва фуқаҳову мӯътабаронро биxонду савгандон бар забон ронд, ки ҷуз зайъате, ки ба Гӯзгонон дорад ва ин чӣ нусхат кардааст, ҳеҷ чиз надорад аз сомиту нотиқ дар мулки худ. Ва амонат ба дасти касе нест ва наздики амир фиристод ва дархост, ки маро дастурӣ диҳад, то бар сари он зайъат равам, ки ин ҳаво маро намесозад, то он ҷо дуои давлат гӯям. Ва амирро устувор омаду мувофиқ ва дастурӣ дод ва ӯро афв кард ва зиёъи Гӯзгонон ба вай арзонӣ дошт. Ва мисол набишт ба амири Гӯзгонон, то ӯро азиз дорад ва дастурӣ дод. Ва чанд уштур дошт ва касоне, ки ӯро тааҳҳуд кардандӣ, он ҷо қарор гирифт, то хонадони Сомониён барафтоданд. Вай зиёъи Гӯзгонон бифурӯхт ва бо тане дурусту диле шоду пои дуруст ба Нишопур рафт ва он ҷо қарор гирифт. Ман, ки Булфазлам, ин Булмузаффарро ба Нишобур дидам дар санаи арбаъамиа (400/1009—1010) пире сахт башукӯҳ, дарозболой ва рӯйсурх ва мӯи сафед чун кофур. Дурроаи сапед пӯшидӣ бо бисёр тоқҳои мулҳами марғазӣ (13) ва асбе баланд барнишастӣ. Баногӯше ва барбанд ва пордум ва сохтоҳани симкӯфти сахт покиза ва ҷаноғе адими сапед. Ва ғошия рикобдораш дар бағал гирифтӣ, Ва ба саломи кас нарафтӣ ва касро наздики худ нагузоштӣ ва бо кас наёмехтӣ. Се пир буданд надимони вай, ҳамзоди ӯ бо ӯ нишастандӣ ва кас ба ҷой наёвардӣ. Ва боғе дошт Муҳаммадобод — каронаи шаҳр, он ҷо будӣ бештар. Ва агар мӯҳташаме гузашта шудӣ, вай ба мотам омадӣ. Ва дидам ӯро, ки ба мотами Исмоили Девонӣ омада буд ва ман понздаҳсола будам. Хоҷа Имом Абусаҳли Саълукӣ ва

PDF Compressor Free Version

Қозӣ Имом Абулҳайсам ва Қозӣ Соъид ва соҳибдевони Нишобур ва раиси Пушанг ва шаҳна — Бектегин, ҳоҷиби амири сипоҳсолор ҳозир буданд. Садр ба вай доданд ва вайро ҳурмате бузург доштанд. Чун бозгашт, асби хоҷаи бузург хостанд. Ва ҳам бар ин хештандорӣ ва низ гузашта шуд. Амир Маҳмуд вайро «Хоҷа» хондӣ ва хитоби ӯ ҳам бар ин ҷумла навиштӣ. Ва чанд бор қасд кард, ки ӯро вазорат диҳад, тан дарнадод. Ва марде буд ба Нишобур, ки вайро Абулқосими Розӣ гуфтандӣ. Ва ин мард—Абулқосим канизак парвардӣ ва наздики амир Наср овардӣ ва бо сила бозгаштӣ ва чанд канизак оварда буд. Вақте амир Наср Булқосимро дасторе дод ва дар боби вай иноятномае набишт, нишобуриён ӯро таҳният карданд ва нома биёвард, ба мазолим бархонданд. Аз падар шунидам, ки Қозӣ Булҳайсам пӯшида гуфт: — ва май марде фарохмазоҳ буд — «Эй Булқосим, ёд дор, қавводӣ беҳ аз қозигарӣ». Ва Булмузаффари Барғашӣ он соат аз боғи Муҳаммадобод меомад, Булқосими Розиро дид, асбе қимате барнишаста ва сохте гарон афканда зарандуд ва ғошияи фарохи пурнақшу нигор. Чун Булмузаффари Барғаширо бидид, пиёда шуду заминро бӯса дод. Булмузаффар гуфт: «Муборак бод хилъати сипоҳсолорӣ». Дигарбора хидмат кард. Булмузаффар биронд. Чун дуртар шуд, гуфт рикобдорро, ки он ғошия зери он девор биафкан. Биафканд ва заҳра надошт, ки бипурсидӣ. Ҳафтае даргузашт. Булмузаффар хост, ки барнишинад. Рикобдор надимеро гуфт: «Дар боби ғошия чӣ мефармояд?» Надим биёмаду бигуфт: «Дасторе домғонӣ дар қабо бояд ниҳод. Чун ман аз асб фуруд оям, бар суфаи зин пӯшед». Ҳамчунин карданд то охири умраш. Ва нудамои қадим дар миёни маҷлис ин ҳадис бозафканданд. Булмузаффар гуфт: «Чун Булқосими Розӣ ғошиядор шуд, муҳол бошад пеши мо ғошия бардоштан». Ин ҳадис ба Нишобур фош шуду хабар ба амир Маҳмуд расид, тира шуду бародарро маломат кард ва аз даргоҳи амирон Муҳаммаду Масъудро дар боби ғошияву ҷаноғ фармон расид ва ташдидҳо рафт. Акнун ҳар кӣ панҷоҳ дирам дорад ва ғошия тавонад ха-

рид, пеши ӯ ғошия мекашанд. Подшоҳонро ин огаҳӣ набошад, аммо мунҳиёну ҷосусон барои ин корҳо бошанд, то чунин дақоиқҳо напӯшонад, аммо ҳар чӣ бар коғаз набишта ояд, беҳтар аз коғаз бошад, агарчи ҳамчунин биравад...

...Дар айёми хулафои Банӣ Аббосу рӯзгори Сомониён кадхудоёни умарову ҳуҷҷобро вазорат додаанд ва Касир кадхудои Булҳасани Симҷӯр буд, ки Булқосим набисаи ӯст ва чанд бор ӯро Сомониён аз Булҳасан бихостанд, то вазорат диҳанд. Булҳасан шафеъон ангехт, ки ҷуз вай кас надорад ва кори Хоразм акнун мунтазам аст. Ва Абдулҷаббор писари Хоҷа Аҳмад чун падараш дараҷаи вазорат ёфт, ба сар тавонад бурд...

...Амир фармуд, то давот оварданд ва ба хатти хеш мулаттафае набишт сӯи Аҳмад бар ин ҷумла, ки «бо Хоҷа моро коре аст муҳим бар шуғли мамлакат ва ин хайлтошро ба таъҷил фиристода омад, чунон бояд ки дарвақт, ки бар ин набишта, ки ба хати мост, воқиф гардӣ, аз роҳи Нисо сӯи даргоҳ оӣ ва ба Хоразм диранг накунӣ». Ва мулаттафа ба Бӯнаср дод ва гуфт: «Ба хатти хеш чизе бинвис. Хитоби шайхӣ ва мӯътамадӣ, ки дорад, ёд кунад (14), ки агар ба ғайбати вай халале афтад ба Хоразм, мӯътамаде ба ҷои худ насб кунад ва Абдулҷаббор писари худро бо худ дорад, ки чун ҳурмати боргоҳ биёбад, бо хилъату навохту қоидаву тартиб ба Хоразм бозгардад. Ва аз хештан низ нома навис ва мусарраҳ бознамой, ки аз барои вазорат, то вайро дода оянд, хонда шудааст. Ва дар сир(р) султон бо ман гуфтааст, то мард қавидил шавад». Ва Бӯнаср номаи султон набишт, чунон ки ӯ донистӣ, набишт, ки устоди замона буд дар ин абвоб. Ва аз ҷиҳати худ мулаттафае набишт бар ин ҷумла: «Зиндагонии Хоҷаи саййид дароз бод ва дар иззу давлат солҳои бисёр бизияд. Бидонад, ки дар замири замона тақдирҳо будааст ва бар он сирр худои азза ва ҷалла воқиф аст, ки тақдир кардааст. Дигар, худованд, султони бузург валиюнниъамм, ки ба ихтиёри ин дӯст Бӯнасри Машконро ҷойгоҳи он сир(р) доштааст (15). Ва номаи султон ман набиштам ба фар-

PDF Compressor Free Version


мони олӣ, зодаҳуллоҳу улуввам (16) ба хати хеш ва ба тавқеъ муаккад гашт ва ба хатти олӣ мулаттафае дарҷи он аст. Ва ин нома аз хештан ҳам ба мисоли олӣ набиштам. Чанд дароз бояд кард, сахт зуд ояд, ки садри вазорат муштоқ аст, то он кас, ки сазовори он гаштааст. Ва он хоҷа сайийд аст, ба зудӣ ин ҷо расад ва чашми кеҳтарон ба лиқои вай равшан гардад».

...Ва ин номаҳоро тавқеъ кард ва аз хайлтошону девсаворон якеро номзад карданд ва бо вай ниҳоданд, ки даҳ рӯзе ба Хоразм равад ва ба Нишопур бозояд. Ва дарвақт рафт...

## ФАСЛ ДАР МАЪНИИ ДУНЕ

...Ва Нӯшервон гуфтааст: «Дар шаҳре мақом макунед, ки подшоҳе қоҳиру қодир ва ҳокиме одил ва бороне доим ва табибе олим ва обе равон набошад. Ва агар ҳама бошаду подшоҳ қоҳир набошад, ин чизҳо ҳама ночиз гашт. Тадуру ҳозиҳи-л умур би-л амири ка даврони-л — курати ала-л-қутби ва-л-қутбу хува-л-малик (17). Подшоҳе одилу меҳрубон пайдо гашт, ки ҳамеша пайдо ва поянда бод. Ва агар аз нажоди Маҳмуду Масъуд подшоҳи мӯҳташаму қоҳир нишаст, ҳеҷ аҷаб нест, ки Яъқуби Лайс писари рӯйгаре буд ва Бӯшуҷоъ Азудуддавла ва-д-дин писари Булҳасани Бӯя буд, ки сар кашида пеши Сомониён омад аз миёни Дайламон ва аз саркашӣ ба нафсу ҳиммату тақдири эзиди ҷаллат азаматуҳу мулк ёфт. Он гаҳ писараш Азуд(д) ба ҳиммату нафс қавитар омад аз падару хешовандон. Ва он кард ва он намуд, ки дар китоби «Тоҷӣ»-и Бӯисҳоқи Собӣ (18) бирондааст. Ва ахбори Бӯмуслим — соҳибдаъвати Аббосиён ва Тоҳири Зулямийнайн ва Насри Аҳмад аз Сомониён бисёр хонанд. Ва эзид, ҷалла ва ало (19), гуфтааст ва ҳува асдақу-л-қоилин (20), дар шаъни Толут ва зодаҳу бастатан фи-л-илми ва-л-ҷисми» (21. Ва ҳар куҷо инояти офаридгор ҷалла ҷалолаҳу (22) омад ва ҳама ҳунарҳову бузургиҳо зоҳир кард, аз хокистар оташе фурӯзон кард...

PDF Compressor Free Version

## БАҚИЯТИ СОЛИ АРБАЪА ВА ИШРИНА ВА АРБАЪАМИА (424/1032—1033)

...Дигар рӯз амир (амир Масъуд-тарт.), разияллоҳу анҳу, бор доду пас аз бор холӣ кард бо вазир ва Бӯсаҳли Ҳамдӯй ва Бӯнасри Машкон. Амир Бӯсаҳлро гуфт: «Дӯш дар ҳадиси Раю Ҷиболи Ироқ андеша кардем, савоб чунон намуд моро, ки фарзанди амири саъидро бо ту бифиристем сохта бо таҷаммуле басазо, то вай нишона бувад. Ва ту ба кадхудоӣ қиём кунӣ, чунон ки ҳаллу ақду хафзу рафъу амру наҳй ба ту бошад ва фарзанд гӯш ба ишорати ту дорад ва ҳашмате бузург бошад». Бӯсаҳл гуфт: «Раъйи олӣ бартари раъйҳост ва худовандро аҳволе, ки он ҷост, муқарраратар аст ва фармон худовандрост. Агар дастурӣ бошад, банда ба микдори дониши хеш ва он чӣ дидор афтодааст вайро ва донад, бозгӯяд ва пас аз он ба фармони олӣ кор мекунад». Амир гуфт: «Ба шарҳ боз бояд намуд, ки муносаҳати ту муқаррар аст». Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳоли Раю Ҷибол имрӯз бар хилофи он аст, ки худованд бигзошта буд ва он ҷо фитратҳо афтодааст ва бад-ин қавм, ки он ҷо рафтанд, бас қувввате зоҳир нагашт, чунон ки муқаррар аст, ки агар гашта будӣ, бандаро ба тозагӣ фиристода наёмадӣ... Ва Рай ва Ҷибол пур аз мухолифон аст ва хуросониёнро мардуми он диёр дӯст надоранд. Ва хазоини Оли Сомон ҳама дар сари Рай шуд, то он гоҳ, ки Булҳасани Симҷӯр бо эшон сулҳе ниҳод миёни худовандони хеш ва Оли Бӯя. Ва муддате мухолифат бархосту шамшерҳо дар ниём шуд...»

## ЗИКР НУСХАТ—ИЛ—КИТОБ ИЛО АРСЛОНХОН (23)

...Абдуллои Қаротегин мегӯяд, ки агар худованд фармояд, вай ба Ҳиндустон равад ва даҳ ҳазор пиёдаи гузида орад, ки ҷаҳонеро басанда бошад ва савор бисёр орад ва сохта. Аз ин ҷо қасди хасмон карда ояд, ки сомони ҷанги эшон шинохта омад, то ин халал зоил гардад. Ва аз

PDF Compressor Free Version

ин гуна сухан мегуфтанд Булҳасану дигарон. Амир рӯй ба Хоҷа Абдурраззоқ карду гуфт: «Ин чӣ ҳавас аст, ки эшон мегӯянд, ба Марв гирифтем ва ҳам ба Марв аз даст бирафт». Ва сухани подшоҳон сабуку хурд набошад, хоса инчунин подшоҳ, ки ягонаи рӯзгор буд ва вай бад-ин сухани мармуз он хост, ки падари мо амири мозӣ мулки Хуросон ба Марв ёфт, ки Сомониёнро бизад ва Хуросон ин ҷо аз дасти мо бишуд. Ва ин қисса ҳамчунин нодир афтод.

## ҚИССАИ АМИР МАНСУРИ НӮҲИ СОМОНӢ

Чунон хондам дар ахбори Сомониён, ки чун амир Нӯҳ ибни Мансур гузашта шуд, ба Бухоро писараш(ро), ки валиаҳд буд — Абулҳориси Мансурро бар тахти мулк нишонданд ва авлиёву ҳишам бар вай биёромиданд. Ва сахт некӯрӯю шуҷоъву сухангӯй ҷавоне буд, аммо заорате дошт ҳавл, чунон ки ҳамагон аз вай битарсиданди. Ва нишастани вай ба ҷои падар дар раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) буд. Корро сахт некӯ забт кард ва сиёсате қавӣ намуд. Ва Бектузун сипоҳсолор буд ба Нишобур ва бар хилофи амир Маҳмуд. Ва амир Маҳмуд ба Балх буд, баристод накард ӯро, ки Нишобур бар Бектузун яла кунад. Ва амири Хуросон дили ҳар ду нигоҳ медошт, аммо ҳимматаш бештар сӯи Бектузун буд. Чун амир Маҳмудро ин ҳол муқаррар гашт, сохтан гирифт, то қасди Бектузун кунад. Бектузун битарсиду ба амири Хуросон бинолид ва вай аз Бухоро қасди Марв кард бо лашкарҳо ва Фоиқ ал-Хосса бо вай буд. Ва хостанд, то ин корро бар ваҷҳе биниҳанд, чунон ки ҷанге ва мукошафате набошад. Рӯзе чанд ба Марв бибуданд, пас сӯи Сарахс кашиданд ва Бектузун ба хидмати истиқбол бо лашкаре анбӯҳ то он ҷо биёмад, наёфт амири Хуросонро, чунон ки раъйи ӯ буд, ки қиёс бештар сӯи амир Маҳмуд буд. Дар сар Фоиқро гуфт ки «ин подшоҳ ҷавон аст ва майл бо амир Маҳмуд медорад, чандон аст, ки ӯ қави-

PDF Compressor Free Version

тар шуд, на ман монам ва на ту». Фоиқ гуфт: «Ҳамчунин аст, ки ту гуфтӣ. Ин амир мустахаф аст ва ҳаққи хидмат намешиносад ва майле тамом дорад ба Маҳмуд. Ва эмин нестам, ки марову туро ба дасти ӯ бидиҳад, чунон ки падараш дод Бӯалии Симҷӯрро ба падари ин амир Маҳмуд—Сабуктегин. Рӯзе маро гуфт: «Чаро лақаби туро «ҷалил» кардаанд ва ту на ҷалилӣ?». Бектузун гуфт: «Раъйи дуруст он аст, ки дасти вай аз мулк кӯтоҳ кунем ва якеро аз бародаронаш биншонем». Фоиқ гуфт: «Сахт некӯ гуфтӣ ва раъйи дуруст ин аст». Ва ҳар ду ин корро бисохтанд. Булҳарас як рӯз барнишаст аз сарои раиси Сарахс, ки он ҷо фуруд омада буд ва ба шикор берун омад ва Фоиқу Бектузун ба каронаи Сарахс фуруд омада буданд ва хайма зада буданд. Чун бозгашт бо ғуломе дувист, Бектузун гуфт: «Худованд нишот кунад, ки ба хаймаи банда фурудояду чизе хӯрад. Ва низ тадбире аст дар боби Маҳмуд». Гуфт: «Нек омад». Ва фуруд омад аз ҷавониву камандешагиву қазои омада. Чун биншаст, ташвише дид, бадгумон гашту битарсид. Дарсоат банд оварданду вайро бибастанд. Ва ин рӯзи чаҳоршанбе буд, дувоздаҳуми сафари санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/II.999). Ва пас аз он ба як ҳафта милаш кашиданду ба Бухоро фиристоданд. Ва муддати вай беш аз нуздаҳ моҳ набуд. Ва Бектузуну Фоиқ чун ин кори саъб бикарданд, даркашиданд ва ба Марв омаданд. Ва амир Абулфаворис Абдулмалик ибни Нӯҳ наздики эшон омад ва бериш буд ва бар тахт нишаст ва мадори мулкро бар Садиди Лайс ниҳоданд ва кор пеш гирифт. Ва сахт музтариб буд ва бохалал. Ва Булқосими Симҷӯр он ҷо омад бо лашкари анбӯҳ ва навохт ёфт. Ва чун ин ахбор ба амир Маҳмуд расид, сахт хашм омадаш аз ҷиҳати амир Абулҳорис ва гуфт: «Ба худо, агар чашми ман бар Бектузун афтад, ба дасти хеш чашмаш кӯр кунам». Ва даркашид аз Ҳирот ва ба Марвуррӯд омад бо лашкаре гарон ва дар барobари ин қавм фуруд омад чун шери ошуфта. Ва ба якдигар наздиктар шуданд ва эҳтиёт бикарданд ҳар ду гурӯҳ ва расулон дар миён омаданд аз аркону қуззоту зим-

мавву фуқаҳо. Ва бисёр сухан рафт, то бар он қарор гирифт, ки Бектузун сипоҳсолори Хуросон бошад. Ва вилояти Нишобур ўро доданд бо дигар ҷойҳо, ки ба расми сипоҳсолорон будааст. Ва вилояти Балху Ҳирот амир Маҳмудро бошад. Ва бар ин аҳд карданд ва кор устувор карданд. Ва амир Маҳмуд бад-ин ризо доду моле бузург фармуд, то ба садақа бидоданд, ки бе хунрезише чунин сулҳ афтод. Ва рўзи шанбе чаҳор рўз боқӣ монда аз ҷумодиюлулои санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/V.999) амир Маҳмуд фармуд, то кўс фурў кўфтанд ва бародарро — амир Наср—бар соқа бидошт ва худ бирафт. Доро ибни Қобус гуфт садидиёну ҳамидиёну (24) дигар аснофи лашкарро, ки «бузург ғабне буд, ки ин Маҳмуд ба ягонагӣ аз шумо бичаст, боре биравед ва аз бунаи вай чизе бирабоед». Мардуми бисёр аз ҳирси зару ҷома бе фармону ризои муқаддамон битохтанд ва дар бунаи амир Маҳмуд ва лашкар афтоданд. Амир Наср чун чунон дид, мардвор пеш омаду ҷанг кард ва саворон фиристоду бародарро огоҳ кард. Ва амир Маҳмуд дарсоат бигашт ва биронду дарниход(?) ва ин қавмро ҳазимат кард. Ва мебуд, то ду рўз ҳазоҳиз афтод дар лашкаргоҳ ва беш кас мар касро наистод ва ҳар чӣ доштанд, ба дасти амир Маҳмуд ва лашкараш омад. Ва амири Хуросон шикаста ва беуддат ба Бухоро афтод. Ва амир Маҳмуд гуфт: «...Ин қавм бо мо сулҳ ва аҳд карданд, пас бишкастанд, эзиди азза зикруҳу написандид ва моро бар эшон нусрат дод. Ва чун худовандзодаи хешро чунон қаҳр карданд, тавфиқу исмати хеш аз эшон дур кард ва мулку неъмат аз эшон бистад ва ба мо дод». Ва Фоиқ дар шаъбони ин сол фармон ёфт ва Бектузун аз пеши амир Маҳмуд ба Бухоро гурехт. Ва Булқосими Симҷур ба зинҳор омад ва аз дигар сўй Элик Булҳасан Насри Алӣ аз Ўзганд тохтан овард. Дар ғурраи зулқаъдаи ин сол ба Бухоро омад ва чунон намуд, ки ба тоату ёрӣ омадааст. Ва паси як рўзи муғофаса Бектузунро бо бисёр муқаддам фурў гирифтанд ва банд карданд ва амири Хуросон рўй пинҳон кард. Ва бигирифтанаш бо ҳама бародарону хешон ва дар амо-

PDF Compressor Free Version

риҳо сӯи Ӯзганд бурданд ва давлати Оли Сомон ба поён омад. Ва амир Маҳмуд ноандешида бад-он зудӣ амири Хуросон шуд. Ва ин қисса ба поён расид, то муқаррар гардад маънии сухани Султон Масъуд, разийаллоҳу анҳу. Ва низ ибрате ҳосил шавад, к-аз чунин ҳикоятҳо фавоид пайдо ояд...

## ҲИКОЯТИ ХОРАЗМШОҲ АБУЛАББОС

...Ва Абулаббос дили амир Маҳмуд дар ҳама чизҳо нигоҳ доштӣ ва аз ҳад гузашта тавозӯъ намудӣ, то бад-он ҷойгоҳ, ки чун ба шароб нишастӣ, он рӯз бономтар авлиёву ҳашаму надимону фарзандони амирон, ки ба даргоҳи ӯ буданд, аз Сомониёну дигарон бихондӣ ва фармудӣ, то расулонро, ки аз атроф омада будандӣ, ба эҳтиром бихондандӣ ва биншондандӣ. Чун қадаҳи саввум ба даст гирифтӣ, бар пой хостӣ бар ёди амир Маҳмуд ва пас биншастӣ ва ҳама қавм бар пой мебудандӣ. Ва ягон-ягонро мефармудӣ ва замин бӯса медодандӣ ва меистодандӣ, то ҳама фориғ шудандӣ...

PDF Compressor Free Version

ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗОЛИЙ

# Насиҳат-ул-мулук

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Мутакаллим, фақеҳ ва мутасаввифи бузурги олами ислом Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ соли 450/1058 дар Тобарони Тӯс ба дунё омадааст. Ӯ дар айёми шабоб улуми мутадовили замонаи худро фаро гирифта, дар илми каломy фиқҳ ва тасаввуф ба мартабаи устоди комил расидааст. Соли 478/1085 Хоҷа Низомулмулк Ғазолиро барои тадрис дар мадрасаи Низомия ба Бағдод даъват менамояд. Ӯ соли 1094 аз тадрис даст кашида, азимати сафар ихтиёр мекунад ва то соли 1106 дар мамолики мухталифи Араб умр ба сар мебарад. Соли 503/1109 Муҳаммади Ғазолӣ ба зодгоҳаш бозгашта, баъди ду сол дар ҳамон ҷо аз дунё чашм пӯшидааст.

Муҳаммади Ғазолӣ дар таърихи афкори маънавии форсу тоҷик аз мақоми волою арҷманде бархурдор гардидааст. Ин мутафаккири камназир дар рисолаҳои мӯътабари «Мақосид-ул-фалосифа», «Кимиёи саодат», «Эҳёу улум-ид-дин» ва ғайра зимни ироаи андешаҳои фалсафӣ, мазҳабӣ ва ахлоқии хеш самтҳои ҷадидеро дар ин риштаҳо тахсис дод.

Рисолаи «Насиҳат-ул-мулук», ки барои подшоҳи салҷуқӣ султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ (1104—1117) ва ё султон Санҷари Салҷуқӣ (1087—1157) таълиф шуда, аз муҳимтарин осори ахлоқиву адабии асрҳои миёна ба шумор меояд. «Насиҳат-ул-мулук» шомили фавоиди зиёди таърихиву адабӣ буда, аз назари иншову балоғат низ дар насри форсӣ соҳиби мақоми арҷманду шомихе мебошад.

PDF Compressor Free Version


## АД-ДИНУ ВА-Л-МУЛКУ ТАВЪАМОНӢ (1)

...Ва чун амирон чунон буданд, ҳавошиву хадами эшон низ чунон буданд. Ва адл ба тамомӣ он бувад, ки маҷҳули беномро бо маъруфи боҷоҳу ҳашмат дар хусумат ва доварӣ баробар дорӣ ва ба ҳар ду ба як чашм нигарӣ ва якеро бар яке фазл нанихӣ, ки ин тавонгар аст ва он дарвеш, зеро ки гавҳару сафол ҳар ду бад-он ҷаҳон ба як нарх ояд ва (ҳеҷ оқил) аз баҳри ҳашмати касон хешро ба оташ насӯзад. Агар ба масал заиферо бар подшоҳе доварӣ бувад, бояд ки аз садри мамлакат бархезад ва бар ҳукми худои таъоло кор кунад ва доди ӯ аз хештан бидиҳад ва хушнудаш кунад ва нанг надорад аз ҳақ ва бар қавли ҳақ таъоло кор кунад: инна-л-лоҳа яъмуру би-л-адли ва-л-иҳсони (2). Ва ҳақиқат он бувад, ки агар туро бар касе ҳаққе бувад ба мол ё ба гайри мол, он бар вай раҳо кунӣ ва бар вай миннат нанихӣ ва ҳамчунин уммолро ва сиқоти хешро бифармоӣ, то ҳам бар ин мисол бошанд ва ҳам бар ин сират кор кунанд, то туро аз баҳри раъият пурсиш набувад, ки ба ривоят омадааст аз расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки ҳар шубонеро бипурсанд аз рамаи ӯ ва подшоҳро аз раъият бипурсанд ва ҳолҳо бар ин сифат аст, то донисга бошӣ (3).

**Ҳикоят:** Чунин гӯянд, ки амири Хуросон Исмоил ибни Аҳмад ба Марв фурӯ омада буд ва расми ӯ он буд, ки ҳар куҷо фурӯ омадӣ, мунодӣ фармудӣ кардан, ки лашкареро бо раъияти ман кор нест. Пас харбандае аз они ӯ ба полезе андар шуд ва андак моя зиён кард. Ба дари сарои амир омаданд ва бинолиданд. Амир бифармуд, то харбандаро биёваранд ва гуфт: «Туро музд ҳаст?». Гуфт: «Ҳаст». Гуфт: «Мунодии ман нашнидӣ?». Гуфт: «Шунидам». Гуфт: «Пас чаро раъияти маро зиён кардӣ?». Гуфт: «Хато

кардам». Гуфт: «Ман аз баҳри хатои ту ба дӯзах натавонам рафтан». Пас бифармуд, то дасташ бибуриданд.

**Ҳикоят:** Ҳам аз Исмоилҳ Сомонӣ ҳикоят карданд андар китоби «Сияр-ул-мулук» (4) ва ӯ он вақт ба Ҷӯи Мӯлиён буд ва ҳар вақте бархостӣ ва ба куҳандиз баромадӣ ва мунодӣ фармудӣ кардан ва намози дигар парда баргирифтандӣ ва ҳоҷибу дарбон набудӣ, то ҳар касеро, ки мазлама будӣ, даромадӣ ва то канори бисот бирафтӣ ва бо вай сухан гуфтӣ ва бо қазои ҳоҷат бозгаштӣ. Бар мисоли ҳокимон корҳо мегузоридӣ, то он вақт, ки довариҳо ҳама сипарӣ шудӣ, он гоҳ бархостӣ ва маҳосини хеш бигирифтӣ ва рӯй сӯи осмон кардӣ гирён ва гуфтӣ: «Е раб, ҷаҳди ман ин буд, ки кардам ва олимуласрор туӣ ва огоҳӣ аз нияти ман, ки надонам бар кадом банда ситам рафтааст аз ману касони ман, маро аз нодонистани он афв кун».

Чун сирату нияташ некӯ буд, лоҷарам, кораш баланд гашт ва ҳама лашкари вай ҳазор мард буданд (бо рикобҳои чӯбин). Ва бо (Амри Лайс сад ҳазор мард буданд, ҳама) ороста ба силоҳи оҳану пӯлод. Худои таъоло аз баракоти он адлу дод ӯро бар Амри Лайс зафар дод, то ӯро бигирифт ва Хуросон бикушод. Пас Амри Лайс сӯи ӯ кас фиристод ва гуфт: «Маро андар Хуросон молҳои бисёр аст, ҳама ба ту диҳам ва аз зиндон раҳо кун». Исмоил чун ин сухан бишунид, бихандиду гуфт: «Амри Лайс ҳанӯз бо мо рост намеравад, мехоҳад, то ҳар чӣ ваболу базаҳ, ки кардааст, ҳама дар гардани мо кунад ва худ сабукбор бад-он ҷаҳон шавад. Бигӯед, ки маро ба моли ту ҳоҷат нест». Ва раҳош карду ба Бағдодаш фиристод ба рисолат ва аз амирулмӯъминин хилъатҳо ва ташриф ёфт. Ва Исмоил ба амирии Хуросон бинишаст эмину сокин ва саду сӣ сол мамлакат андар хонадони Сомониён бимонд. Чун кор ба кӯдаконаш расид ва бар халқ ҷавру ситам карданд, мулк аз эшон бирафт.

PDF Compressor Free Version

# Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Роҷеъ ба шахсият ва зиндагии муаллифи «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» мадорики дақиқе дар даст нест. Соҳиби китоб аз асари бобояш Мухаллаб ибни Муҳаммад ибни Шодӣ ёд мекунад, ки зодаи Асадободи Ҳамадон будааст. Дар заминаи ахбори ин таворих ҳадс задаанд, ки муаллифи он чанд муддат дар Исфаҳону Аҳвоз умр ба сар бурда, ба ҳайси дабири дарбори Салҷуқиён хидмат гумоəридааст. Аллома Муҳаммади Қазвинӣ ва устод Маликушшуаро Баҳор бо такя ба додаҳои муаллифи «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», ки ба фармондорони замони хеш халифа Мустаршид (512—529/ 1118—1135), султон Санҷар (511—552/1118—1158), султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ (512—525/1118—1131) ва Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (510—552/1117—1157) ишорат кардааст, соли таълифи китобро 520/1126 донистаанд.

Дар мадхали «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» беш аз сӣ маъхази ин асар зикр шуда, аз ҷумла осори мӯътабаре чун «Таърихи Табарӣ»,«Таърихи Ҳамзаи Исфаҳонӣ» ва маъхазҳои мафқуде чун «Ҳамадоннома»-и Абдурраҳмон ибни Исо ал-Котиб ва ғайра.

«Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» таърихи ҷаҳонро аз замони офариниши олам то замони таълифи китоб ба таври мухтасар фаро гирифта, аз бисту панҷ боб иборат аст. Муаллиф, ки аз зубдаи донишмандони рӯзгори хеш буда, роҷеъ ба таърихи адвори қадим, бахусус, таърихи бостонии Эрон мавод ва асноди фаровоне дар китоби худ овардааст, ки дар осори дигар ба чашм намерасад.

Соли 1926 мусташриқи шаҳири рус В. В. Бартольд дар яке аз китобхонаҳои хусусии Туркия бо дастнависи ин китоб ошно шуда, бори нахуст таваҷҷӯҳи аҳли илмро ба он ҷалб карда буд. Маликушшуаро Баҳор соли 1939 «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас»-ро бо муқаддимаи Муҳаммади Қазвинӣ ва шарҳу таълиқоти мудаққиқона дар Теҳрон ба табъ расонид.

PDF Compressor Free Version

## БОБ—УС—СОБИЪ (1)

## ДАР ТАЪРИХИ МУЛУКУ САЛОТИН ТО БАД—ИН FОЯТ (АЗ) ИБТИДОИ ДАВЛАТИ ОЛИ СОМОН
дувисту сиву се сол аст

Аз аҳди Исмоил ибни Аҳмад — дувисту бисту панҷ сол.
Аз аҳди Аҳмад ибни Исмоил — дувисту нуздаҳ сол.
Аз аҳди Наср ибни Аҳмад — саду ҳаштоду нӯҳ сол.
Аз аҳди Нӯҳ ибни Наср — саду ҳафтоду ҳафт сол.
Аз аҳди Абдулмалик ибни Нӯҳ — саду ҳафтод сол.
Аз аҳди Мансур ибни Нӯҳ — (саду панҷоҳу чаҳор сол).
Аз аҳди Нӯҳ ибни Мансур — саду сиву се сол.
Аз инқитоъи мулки эшон ва ҳаводиси Абулҳарас
Мансур ва Абдулмалик — саду сӣ сол (2).

## БОБ—УС—СОМИН АШАРА (3)

## АНДАР ТАЪРИХИ ПАЙҒОМБАРОН, АЛАЙҲИМУССАЛОМ, ВА МУДДАТИ УМРДОСТ (4) ВА АХБОРИ ЭШОН БАР САБИЛИ ИХТИСОР

Андар нақли китоби таворихи Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, раҳматуллоҳи алайҳӣ, ки аз тозӣ ба порсӣ кардаст, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-вазир ал-Ҳашамӣ (5) ба фармони амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ, ки бар забони Абулҳасан Фоиқ ал-Хосса пайғом фиристод дар санаи исно ва хамсина ва салосумиа (352/963) он-ч дар зикри насабу сиёқати пайғомбарон, алайҳимуссалом, хондем, бад-ин саҳифа сабт карда шуд муҷмалу

PDF Compressor Free Version



мухтасар ва илло касоне, ки шарҳи он хоҳанд аз таърих маълум шавад ва он-ч берун аз таърихи Ҷарир ҳамчунин, ҳар сухан ба ҷойгоҳи хеш аст, вассалом...

## МУДДАТИ ХИЛОФАТИ МЎЪТАЗИД ДАҲ СОЛУ ҲАШТ МОҲУ СЕ РЎЗ БУД

...Пас дар ин миёна вақъатҳо буд ба Хуросон то амир Абўиброҳими Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ Амр ибни Лайсро бигирифт ва пеши Мўътазид фиристод дар соли дувисту ҳаштоду ҳафт (287/900). Ва маншури Хуросону Табаристону Ҷурҷон Мўътазид ба Исмоил фиристод бо хилъат ва ибтидои давлати Сомониён аз ин вақт буд...

## БОБ—УЛ—ИШРУНА (6)

## ДАР ТАЪРИХ ВА ЗИКР ВА НАСАБИ МУЛУКУ САЛОТИН АНДАР АҲДИ ХУЛАФО ВА АЗАМАТУ ШАВКАТИ ЭШОН

### Зикри умарои Оли Сомон

Аввал подшоҳи Сомониён Исмоил ибни Аҳмадро буд ва насаби ў ба Баҳроми Чўбин кашад: Абўиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ибни Сомак ибни Баҳроми Шубина ибни Кушасб. Ва насаби эшон ба Каркину Милод расад. Ва Асад ибни Сомон ба деҳе нишастӣ, ки онро Сомон хонданди. Ва чаҳор писар будаш: Нўҳу Аҳмаду Яҳёву Илёс. Ва андар он рўзгор, ки Маъмун аз Хуросон ба Ироқ омад, Нўҳ ибни Асад бо вай буд. Баъд аз он вайро Мовароуннаҳр дода (шуд) аз қибали Тоҳириён. Ва баъд аз он Мўътазид ҷумлаи Мовароуннаҳр ва он ҳудуд ва Хуросон ба мирӣ Исмоил ибни Аҳмадро дод андар соли дувисту ҳаштоду ҳафт (287/900). Ва Ҳамзаи Исфаҳонӣ (7) дар таърихи худ гўяд: Пеш аз Исмоил бародараш Наср ибни Аҳмад Мовароуннаҳр аз қибали Тоҳириён дошт нуздаҳ сол. Ва аз он пас Исмоил

PDF Compressor Free Version

(Хуросон) фаро гирифт ва андар соли дувисту наваду панҷ (295/907—908) бимурд. Муддати мулкаш ҳафт сол буд. Баъд аз ӯ писараш Аҳмад ибни Исмоил биншаст андар хилофати Муктафӣ. Ва сахт азим бадхӯй буд ва тунду носозкор. Ва хосу ом аз ӯ сутӯҳ шуданд ва ғуломонаш дар ҷомаи хоб бикуштандаш соли бар сесаду як (301/913). Ва ҳамаи муддати фармон додани ӯ шаш сол будааст. Пас аз он писари ӯро биншонданд Наср ибни Аҳмад охири айёми Муктафӣ. Ва ба моҳи раҷаб андар соли сесаду сиву як (331/III.942) бимурд. Ва подшоҳии ӯ ҷумла сӣ сол будааст. Аз паси ин Наср Нӯҳ — писараш биншаст андар аҳди хилофати Мутеъ Лиллоҳ. Пас дар моҳи рабеъулохир бимурд соли сесаду чиҳил (340/VIII.951) аз ҳиҷрат. Ва муддати подшоҳии ӯ дувоздаҳ сол буд. Пас Абдулмалик ибни Нӯхро подшоҳ карданд. Ва асбаш хато кард андар майдон, дар аҳди Мутеъ бимурд. Ва фармон додани ӯ ҳама ҳафт сол будааст. Ва баъд аз ӯ бародараш Мансур ибни Нӯҳ биншаст дар айёми ат-Тоеъ. Ва дар ин вақт Сабуктегин ва писараш Маҳмуд нав хоста буданд андар атрофи Хуросон. Ва писари Симҷӯру Фоиқ ал-Хосса, ки ходим буд ва бандаи Сомониён, қувват гирифтанд ва хуруҷ карданд андар соли сесаду ҳаштоду чаҳор (384/994—995). Ва Мансур ибни Нӯҳ аз Сабуктегину Маҳмуд ёварӣ хост ба ҳарби эшон, то эшонро ҷумла бишкастанду пирӯз омаданд. Ва андар ин вақт Сабуктегинро «Носируддавла» лақаб доданд ва Маҳмуд(ро) «Сайфуддавла». Ва аввали рӯзгори Маҳмудиён аз ин таърих буд. Ва андар сесаду ҳаштоду панҷ (385/995) духтари шаҳаншоҳ Фахруддавларо аз баҳри Нӯҳ ибни Мансур бихостанд ва номи ин духтари шоҳ Бону буд ба маблағи сад ҳазор динор кобин ба тавассути Сабуктегину Маҳмуд. (Ва) андар соли сесаду ҳаштоду ҳафт рӯзи одина ба моҳи раҷаб (387/VII—997) Нӯҳ ибни Мансур бимурд. Ва муддати подшоҳии ӯ сиву ҳафт сол будааст. Ва ҳамин сол Сабуктегин ба Нишобур бимурд. Ва аз ин пас изтиробҳо афтод. Ва Абулҳарас Мансур ибни Нӯҳ — наберан ӯро мил даркашиданд дар соли сесаду ҳаштоду нӯҳ (389/998—999). Ва бародари ӯ

Абулфаворис Абдулмалик ибни Нӯҳ биншаст ва Фоиқи ходим бимурд. Ва кори Маҳмуди Сабуктегин андар Хуросон бузург шуд ва лашкари Симҷӯру Фоиқ ҳазимат кард ва бипароканд. Ва андар Бухоро кори Арслони Элик қавӣ гашт. Ва Абдулмаликро Сомониро бигрифту бандаш кард. Пас Хуросон Маҳмудро софӣ кард ва Наср ибни Сабуктегин бародаравшро ба Нишобур фиристод ва корҳо истиқомат гирифт. Ва баъд аз ин давлати Сомониён сипарӣ гашт ва давлати Сабуктегиниён буд.

PDF Compressor Free Version

НИЗОМИИ АРЎЗИИ САМАРҚАНДӢ

# Чаҳор мақола

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ аз ҷумлаи донишмандони номовари охири асри XI ва ибтидои асри XII буда, ба сабаби табаҳҳури комилаш дар илми арӯз лақаби Арӯзиро соҳиб шудааст.

Ӯ дар Самарқанд таваллуд ёфта, баъдан дар шаҳрҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон, бештар дар қисмати шимолӣ—ғарбии Афғонистон (Бомиён, Фирӯзкӯҳ) умр ба сар бурдааст. Низомии Арӯзӣ аз шогирдони Умари Хайём буда, дар анвои мухталифи донишҳои он рӯзгор (дабирӣ, табибӣ, шоирӣ, илми нуҷум) баҳраи вофир доштааст. Замони ба шеърнависӣ шурӯъ кардани Низомии Арӯзӣ маълум нест, вале ин нукта равшан аст, ки то омадан ба дарбори султон Санҷар ӯ машқи шеър мекардааст.

Низомии Арӯзӣ ҳангоми хидмат дар дарбори ҳокими сулолаи Ғуриён Фахриддин Масъуд «Чаҳор мақола»-ро таълиф намуда, ба писари ҳокими мазкур Абулҳасан Алӣ тақдим кардааст. Номи аслии китоб «Маҷмаъ-ун-наводир» аст, аммо бино бар он ки аз чаҳор мақола фароҳам омадааст, бо ҳамин ном дар олами илму адаб иштиҳор ёфтааст.

Асари мазкур нахустин маротиба соли 1887 дар Теҳрон ба табъ расидааст. Муҳаммади Қазвинӣ дар асоси ду нусхаи қаламиву чопӣ матни интиқодии «Чаҳор мақола»-ро бо тавзеҳоти муфассале ба нашр расонид. Ва соли 1956 Муҳаммади Муин матни интиқодии Муҳаммади Қазвиниро бо тавзеҳу муқобала бо нусхаҳои дигари қаламии «Чаҳор мақола» аз нав чоп кард. Ин китоб ба забонҳои англисиву русӣ тарҷума шудааст.

Дар «Чаҳор мақола» роҷеъ ба рӯзгори фарҳангии асри X ва шоирону донишмандони он адвор—устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва дигарон маводи фаровоне мастур аст. Чун ин фарзонагон зодаву парвардаи давроии салтанати Сомониён маҳсуб мешаванд, ҳикоёт ва воқеоти марбут ба эшон, ҳарчанд ба муносибатҳои мухталиф омадааст, ба ин мунтахаб ворид карда шуд.

PDF Compressor Free Version


## МАҚОЛАТИ АВВАЛ

## ДАР МОҲИЯТИ ДАБИРӢ ВА КАЙФИЯТИ ДАБИРИ КОМИЛ ВА ОН ЧӢ ТААЛЛУҚ БАД—ИН ДОРАД

**Ҳикоят:** Искофӣ дабире буд аз ҷумлаи дабирони Оли Сомон, раҳимаҳумуллоҳу. Ва он саноат некӯ омӯхта буд ва бар шавоҳиқ некӯ рафтӣ ва аз мазоиқ некӯ берун омадӣ. Ва дар девони рисолати Нӯҳ ибни Мансур муҳаррирӣ кардӣ, магар қадри ӯ нашинохтанд ва ба қадри фазл ӯро нанавохтанд. Аз Бухоро ба Ҳирот рафт ба наздики Алптегин. Ва Алптегин турке хирадманд буду мумайииз. Ӯро азиз кард ва девони рисолат бад-ӯ тафвиз фармуд ва кори ӯ гардон шуд ва ба сабаби он ки навхостагон дар ҳазрат падидор омада буданд, бар қадимон истихфоф ҳамекарданд. Ва Алптегин таҳаммул ҳамекард ва охири кори ӯ ба исён кашид, ба истихфофе, ки дар ҳаққи ӯ рафта буд, ба иғрои ҷамоате, ки навхоста буданд. Ва амир Нӯҳ аз Бухоро ба Зовулистон бинавишт, то Сабуктегин бо он лашкар биёянд ва Симҷӯриён аз Нишобур биёянду бо Алптегин муқобалаву муқотала кунанд. Ва он ҳарби сахт маъруф аст ва он воқеаи саъб машҳур (1).

Пас аз он ки лашкарҳо ба Ҳирот расиданд, амир Нӯҳ Алӣ ибни Мӯҳтоҷи Кӯшониро, ки Ҳоҷибулбоб буд, бо Алптегин фиристод бо номае чун обу оташ, мазмуни ӯ ҳама ваид ва макруни ӯ ҳама таҳдид. Сулҳро маҷол ногузошта ва оштиро сабил раҳо накарда, чунон ки дар чунин воқеае ва чунин доҳияе худованди заҷри қосӣ ба бандагони осӣ нависад. Ҳама нома пур аз он ки биёяму бигираму бикушам.

Чун ҳоҷиб Абулҳасан Алӣ ибни Мӯҳтоҷи Кӯшонӣ нома арза кард ва пайғом бигуфт ва ҳеҷ бознагирифт, Алптегин озурда буд, озурдатар шуд. Барошуфту гуфт: «Ман бандаи падари ӯям, аммо дар он вақт, ки хоҷаи ман аз дори фано ба дори бақо таҳвил кард, ӯро ба ман супурд,

PDF Compressor Free Version

на маро бад-ӯ. Ва агарчи аз рӯи зоҳир маро дар фармони ӯ ҳамебояд буд, аммо чун қазиятро таҳқиқ кунӣ, натиҷа бар хилофи ин ояд, ки ман дар мароҳили шайбам ва ӯ дар манозили шубоб. Ва онҳо, ки ӯро бар ин баъс ҳамекунанд, ноқизи ин давлатанд, на носеҳ ва ходими ин хонадонанд, на ходим». Ва аз ғояти заорат ба Искофӣ ишорат кард, ки чун нома ҷавоб кунӣ, аз истихфоф ҳеҷ бозмагир. Ва бар пушти нома хоҳам, ки ҷавоб кунӣ. Пас Искофӣ бар бадеҳа ҷавоб кард ва аввал бинвишт: «Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ё Нӯҳу қад ҷодалтано фааксарта ҷидолано, фаъътино бимо таъидуно, ин кунта минас-содиқина» (2).

Чун нома ба амири Хуросон—Нӯҳ ибни Мансур расид, он нома бихонд, тааҷҷубҳо кард ва хоҷагони давлат ҳайрон фурӯ монданду дабирон ангушт ба дандон газиданд.

Чун кори Алптекин яксӯ шуд, Искофӣ мутаворӣ гашт ва тарсону харосон ҳамебуд, то як навбат, ки Нӯҳ кас фиристоду ӯро талаб кард ва дабирӣ бад-ӯ дод. Ва кори ӯ боло гирифт ва дар миёни аҳли қалам манзуру машҳур гашт.

Агар Қуръон некӯ надонистӣ, дар он воқеа бад-ин оят нарасидиву кори ӯ аз он дараҷа бад-ин ғоят накашидӣ.

**Ҳикоят:** Чун Искофиро кор боло гирифт, дар хидмати амир Нӯҳ ибни Мансур мутамаккин гашт. Ва Мокони Кокӯй ба Раю Кӯҳистон исён оғоз кард ва сар аз рибқаи итоат бикашид. Ва уммол ба Х(в)ору Симнак фиристоду чанд шаҳр аз Кумиш ба даст фурӯ гирифт. Ва низ аз Сомониён ёд накард.

Нӯҳ ибни Мансур битарсид аз он ки ӯ марде саҳмгину кофӣ буд ва ба тадоруки ҳоли ӯ машғул гашт. Ва Тоши испаҳсолорро бо ҳафт ҳазор савор ба ҳарби ӯ номзад кард, ки бираваду он фитнаро фурӯ нишонад ва он шуғли гарон аз пеш баргирад бар он ваҷҳ, ки маслаҳат бинад, ки Тош азим хирадманд буду равшанрой ва дар мазоиқ чуст даромадӣ ва чобук берун рафтӣ ва пирӯзҷанг будӣ ва аз корҳо ҳеҷ бемурод бознагашта буд ва аз ҳарбҳо ҳеҷ шикаста наёмада буд ва то ӯ зинда буд, мулки

PDF Compressor Free Version

Бани Сомон равнақе тамом ва кори эшон таровате қавӣ дошт.

Пас дар ин воқеа амир азим машғулдил буд ва парешонхотир. Кас фиристод ва Исқофиро бихонд ва бо ӯ ба хилват биншаст ва гуфт: «Ман аз ин шуғл азим ҳаросонам, ки Мокон марде далер асту бо далерию мардӣ кифоят дорад ва ҷуд ҳам. Ва аз даёлима чун ӯ кам афтодааст. Бояд, ки бо Тош мувофақат кунӣ ва ҳар чӣ дар ин воқеа аз лашкаркашӣ бар вай фурӯ шавад (3), ту бо ёди ӯ фурӯ диҳӣ (4). Ва ман ба Нишобур муқом хоҳам кард, то пушти лашкар ба ман гарм гардад ва хасм шикастадил шавад. Бояд ки ҳар рӯз мусриъе бо мулаттафа (5) аз они ту ба ман расад ва ҳар чӣ рафта бошад, нукат аз он берун оварда бошӣ. Ва дар он мулаттафа сабт карда, чунон ки тасаллои хотир ояд». Искофӣ хидмат карду гуфт: «Фармонбардорам».

Пас дигар рӯз Тош роёт бигушод ва кӯс бизад ва бар муқаддима аз Бухоро бирафт ва аз Ҷайҳун убур кард бо ҳафт ҳазор савор. Ва амир бо боқии лашкар дар паи ӯ ба Нишобур биёмад. Пас амир Тошро ва лашкарро хилъат бидод ва Тош даркашиду ба Байҳақ даромад ва ба Кумиш берун шуду рӯй ба Рай ниҳод бо азме дуrусту ҳазме тамом. Ва Мокон бо даҳ ҳазор марди ҳарбии зиреҳпӯшида бар дари Рай нишаста буд ва ба Рай истинод карда, то Тош бирасиду аз шаҳр баргузашту дар муқобили ӯ фуруд омад. Ва расулон омадушуд гирифтанд. Бар ҳеҷ қарор нагирифт, ки Мокон мағрур гашта буд бад-он лашкари дилангез, ки аз ҳар ҷой фароҳам оварда буд.

Пас бар он қарор гирифт, ки масоф кунанд. Ва Тош гурги пир буду чиҳил сол сипаҳсолорӣ карда буд ва аз он навъ бисёр дида. Чунон тартиб кард, ки чун ду лашкар дар муқобили якдигар омаданд ва абтолу шидодя лашкари Мовароуннаҳру Хуросон аз қалб ҳаракат карданд, ниме аз лашкари Мокон ба ҷанг дасте гушоданду боқӣ ҳарб накарданд ва Мокон кушта гашт.

Тош баъд аз он ки аз гирифтану бастану куштан фориг

PDF Compressor Free Version

шуд, рӯй ба Искофӣ карду гуфт: «Кабӯтар бибояд фиристод бар муқаддима, то аз паи ӯ мусриъ фиристода шавад. Аммо ҷумлаи вақоеъро ба як нукта боз бояд овард, чунон ки бар ҳамагии аҳвол далел бувад ва кабӯтар битавонад кашид ва мақсуд ба ҳосил ояд».

Пас Искофӣ ду ангушт коғаз баргирифту бинвишт: «Аммо Мокон фасора каисмиҳи, ва-с-салом» (6).

Аз ин «мо» мои нафӣ хост ва аз «кона» феъли мозӣ, то порсӣ чунон бувад, ки «Мокон» чун номи хеш шуд, яъне нест шуд.

Чун ин кабӯтар ба амир Нӯҳ ибни Мансур расид, аз ин фатҳ чандон таааҷҷуб накард, ки аз ин лафз. Ва асбоби тарфеҳи Искофӣ тоза фармуду гуфт: «Чунин кас фориғдил бояд, то ба чунин нуктаҳо бирасад»...

## МАҚОЛАТИ ДУВВУМ

## ДАР МОҲИЯТИ ИЛМИ ШЕЪР ВА САЛОҲИЯТИ ШОИР

...Пас, подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовину дафотир мусаббат гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре, ки ногузир аст, маъмур шавад, аз лашкару ганҷ ва хазинаи ӯ осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад. Шарифи Муҷалладии Гургонӣ гӯяд:

Аз он чандон наими инҷаҳонӣ,
Ки монд аз Оли Сосон в-Оли Сомон.
Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,
Навои Борбад мондасту дастон.

Ва асомии мулуки асру содоти замон ба назми роеъ ва шеъри шоеъи ин ҷамоат боқӣ аст. Чунон ки асомии Оли Сомон ба устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ ва Абулаббоси Рабанҷанию Абулмасали Бухорӣ ва Абӯисҳоқи Ҷӯйборию Абулҳасани Аҷӣ ва Таҳовӣ, Хаббозии Нишобурӣ ва Абулҳасани Кисоӣ...

PDF Compressor Free Version


...Ва подшоҳ худ аз «Шоҳнома» бармехонд, он чӣ Абулқосими Фирдавсӣ гуфта буд:

Чун кӯдак лаб аз шири модар бишуст,
Зи гаҳвора Маҳмуд гӯяд нахуст.
Ба тан зиндапилу ба ҷон Ҷабраил,
Ба каф абри Баҳман, ба дил рӯди Нил.
Ҷаҳондор Маҳмуд — шоҳи бузург,
Ба обишхӯр орад ҳаме мешу гург.

Ҳама худовандони хирад донанд, ки ин ҷо ҳашамати Маҳмуд намонда буд, ҳурмати Фирдавсӣ буду назми ӯ. Ва агар султон Маҳмуд донист буди, ҳамоно ки он озодмардро маҳруму маъюс нагузоштӣ...

...Аммо агар ҷавоне бувад, ки табъи рост дорад, агарчи шеъраш нек набошад, умед бувад, ки нек шавад. Ва дар шариати озодагӣ тарбияти ӯ воҷиб бошад ва тааҳҳуди ӯ фариза ва тафаққуди ӯ лозим. Аммо дар хидмати подшоҳ ҳеҷ беҳтар аз бадеҳа гуфтан нест, ки ба бадеҳа табъи подшоҳ хуррам шаваду маҷлисҳо барафрӯзад ва шоир ба мақсуд расад. Ва он иқбол, ки Рӯдакӣ дар Оли Сомон дид, ба бадеҳа гуфтану зудшеърӣ, кас надидааст.

**Ҳикоят:** Чунин овардаанд, ки Наср ибни Аҳмад, ки воситаи иқди Оли Сомон буд ва авҷи давлати он хонадон айёми мулки ӯ буд ва асбоби таманнӯъ ва илали тараффӯъ дар ғояти сохтагӣ буд, хазоин ороста ва лашкар ҷаррор ва бандагон фармонбардор. Зимистон ба дорулмулки Бухоро муқом кардию тобистон ба Самарқанд рафтӣ ё ба шаҳре аз шаҳрҳои Хуросон. Магар як сол навбати Ҳарӣ буд. Ба фасли баҳор ба Бодғис буд, ки Бодғис хуррамтарини чарох(в)орҳои Хуросону Ироқ аст. Қариб ҳазор нов (7) ҳаст пуробу алаф, ки ҳар яке лашкареро тамом бошад. Чун сутурон баҳор некӯ бихӯрданду ба тану тӯши хеш бозрасиданд ва шоистаи майдону ҳарб шуданд, Наср ибни Аҳмад рӯй ба Ҳарӣ ниҳод ва ба дари шаҳр ба Марғи Сапед фуруд омаду лашкаргоҳ бизад. Ва баҳоргоҳ буд. Шамол равон шуду меваҳои Молину Карух (8) даррасид,

PDF Compressor Free Version

ки амсоли он дар бисёр ҷойҳо ба даст нашавад ва агар шавад бад-он арзонӣ набошад.

Он ҷо лашкар баросуд ва ҳаво хуш буду бод сарду нон фарох ва меваҳо бисёру машмумот фаровон. Ва лашкарӣ аз баҳору тобистон бархурдории тамом ёфтанд аз умри хеш. Ва чун меҳргон даромаду асир даррасид ва шоҳсифарам ва ҳамоҳиму уққувон дар дам шуд, инсоф аз наими ҷавонӣ бистаданду дод аз унфувони шабоб бидоданд.

Меҳргон дер даркашиду сармо қувват накард ва ангур дар ғояти ширинӣ расид. Ва дар саводи Ҳарӣ (10) саду бист лави ангур ёфта шавад, ҳар як аз дигаре латифтару лазизтар. Ва аз он ду навъ аст, ки дар ҳеҷ ноҳияти рубъи маскун ёфта нашавад: яке парниён ва дуввум каланҷарии тунукпӯсти хурдтакси бисёроб, гӯӣ, ки дар ӯ аҷзои арзӣ нест. Аз каланҷарӣ хӯшае панҷ ман ва ҳар донае панҷ дирамсанг (11) биёяд, сиёҳ чун қиру ширин чун шакар ва аз-ш бисёр битавон (12) хӯрд ба сабаби мояте, ки дар ӯст. Ва анвои меваҳои дигар ҳама хиёр.

Чун амир Наср ибни Аҳмад меҳргону самароти ӯ бидид, азимаш хуш омад. Наргис расидан гирифт. Кишмиш бияфкананданд дар Молин ва мунаққӣ баргирифтанд ва ованг бибастанду ганҷинаҳо пур карданд.

Амир бо он лашкар бад-он ду пора деҳ даромад, ки ӯро Ғӯраву Дарвоза хонанд. Сароҳое диданд ҳар яке чун биҳишти аъло ва ҳар якеро богею бӯстоне дар пеш бар маҳабби шамол ниҳода. Зимистон он ҷо муқом карданд. Ва аз ҷониби Сиҷистон норанҷ овардан гирифтанду аз ҷониби Мозандарон туранҷ расидан гирифт. Зимистоне гузоштанд дар ғояти хушӣ.

Чун баҳор даромад, асбон ба Бодғис фиристоданду лашкаргоҳ ба Молин — ба миёни ду ҷӯй бурданд. Ва чун тобистон даромад, меваҳо даррасид. Амир Наср ибни Аҳмад гуфт: «Тобистон куҷо равем, ки аз ин хуштар муқомгоҳ набошад, меҳргон биравем». Ва чун меҳргон даромад, гуфт: «Меҳргони Ҳарӣ бихӯрему биравем». Ва ҳамчунин фасле ба фасл ҳамеандохт, то чаҳор сол бар ин баромад,

PDF Compressor Free Version

зеро ки самими давлати Сомониён буд ва ҷаҳон ободу мулк бехасм ва лашкар фармонбардору рӯзгор мусоид ва бахт мувофиқ. Бо ин ҳама малӯл гаштанд ва орзуи хонумон бархост. Подшоҳро сокин диданд, ҳавои Ҳарӣ дар сари ӯву ишқи Ҳарӣ дар дили ӯ. Дар аснои сухан Ҳариро ба биҳишти адн монанд кардӣ, балки бар биҳишт тарҷеҳ ниҳодиву аз баҳори Чин зиёдат овардӣ. Донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон низ он ҷо бошад. Пас сарони лашкару меҳтарони мулк ба наздики устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои подшоҳ ҳеҷ кас мӯҳташамтару мақбулулқавлтар аз ӯ набуд. Гуфтанд: «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебараду ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебарояд».

Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амир бигирифта буду мизоҷи ӯ бишнохта. Донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад. Рӯй ба назм оварду қасидае бигуфт ва ба вақте ки амир сабӯҳ карда буд, даромаду ба ҷои хеш биншаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд, ӯ чанг баргирифту дар пардаи «Ушшоқ» ин қасида оғоз кард:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Пас фурӯтар шаваду гӯяд:

Реги Омую дуруштӣ роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме,
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме,
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.

Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омаду бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ оварду рӯй ба Бухоро ниҳод, чунон ки ронайну мӯза то ду фарсанг дар паи амир бурданд — ба Буруна ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеҷ боз нагирифт. Ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динор музоаф аз лашкар бистад.

Ва шунидам ба Самарқанд ба санаи арбаъа ва хамсумиа (504/1110—1111) аз деҳқон Абӯриҷо Аҳмад ибни Абдуссамади Обидӣ, ки гуфт: «Ҷадди ман — Абӯриҷо ҳикоят кард, ки чун дар ин навбат Рӯдакӣ ба Самарқанд расид, чаҳорсад шутур зери бунаи ӯ буд».

Ва алҳақ он бузург бад-ин таҷаммул арзонӣ буд, ки ҳанӯз ин қасидаро касе ҷавоб нагуфтааст, ки маҷоли он надидаанд, ки аз ин мазоиқ озод тавонанд берун омад. Ва аз азбгӯёну латифтабъони Аҷам яке амирушшуаро Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар тиловату тароват бағоят асту дар равонию узубат ба ниҳоят.

Зайнулмулк Абӯсаъди Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳиндуи Исфаҳонӣ аз вай дархост кард, ки он қасидаро ҷавоб гӯй. Гуфт: «Натавонам», илҳоҳ кард. Чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст.

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
Зайнмулк аз Исфаҳон ояд ҳаме.

Ҳама хирадмандон донанд, ки миёни ин сухану он сухан чӣ тафовут аст?! Ва кӣ тавонад гуфтан бад-ин азбӣ, ки ӯ дар мадҳ ҳамегӯяд дар ин қасида:

Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

Ва андар ин байт аз маҳосин ҳафт санъат аст: аввал — мутобиқ, дуввум — мутазод, саввум — мураддиф, чаҳорум — баёни мусовот, панҷум — узубат, шашум — фасоҳат, ҳафтум — ҷазолат. Ва ҳар устоде, ки ӯро дар

PDF Compressor Free Version

илми шеър табаҳҳуре аст, чун андаке тафаккур кунад, донад, ки ман дар ин мусибам. Вассалом.

**Ҳикоят:** Устод Абулқосими Фирдавсӣ аз даҳоқини Тӯс буд, аз деҳе, ки он деҳро Бож хонанд ва аз ноҳияти Табарон аст. Бузург деҳест ва аз вай ҳазор мард берун ояд. Фирдавсӣ дар он деҳ шавкате тамом дошт, чунон ки ба дахли он зиёъ аз амсоли худ бениёз буд. Ва аз ақиб як духтар беш надошт. Ва «Шоҳнома» ба назм ҳамекарду ҳама умеди ӯ он буд, ки аз силаи он китоб ҷиҳози он духтар бисозад. Бисту панҷ сол дар он китоб машғул шуд, ки он китоб тамом кард.

Ва алҳақ ҳеҷ боқӣ нагузошту суханро ба осмони иллийийн бурд. Ва дар узубат ба моъи муъин расонид. Ва кадом табъро қудрати он бошад, ки суханро бад-ин дараҷа расонад, ки ӯ расонидааст дар номае ки Зол ҳаменависад ба Соми Наримон ба Мозандарон, дар он ҳол ки бо Арудоба—духтари шоҳи Кобул пайвастагӣ хост кард:

Яке нома фармуд наздики Сом,
Саросар дуруду нувиду хиром.
Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард,
Ки ҳам дод фармуду ҳам дод кард.
Ваз-ӯ бод бар Соми Найрам дуруд,
Худованди шамшеру кӯполу худ.
Ҷамонандаи чарма ҳангоми гард,
Чаронандаи каркас андар набард.
Физояндаи боди овардгоҳ,
Фишонандаи хун зи абри сиёҳ,
Ба мардӣ ҳунар дар ҳунар сохта,
Сараш аз ҳунар гардан афрохта.

Ман дар Аҷам сухане бад-ин фасоҳат намебинам ва дар бисёре аз сухани араб ҳам.

Чун Фирдавсӣ «Шоҳнома» тамом кард, нассохи ӯ Алӣ Дайлам буду ровӣ Абӯдулаф ва вишкарда Ҳуяййи Қутайба,

PDF Compressor Free Version



ки омили Тӯс буду ба ҷои (16) Фирдавсӣ аёдӣ (17) дошт. Номи ин ҳар се бигӯяд:

Аз ин нома аз номдорони шаҳр,
Алӣ Дайламу Бӯдулафрост баҳр.
Наёмад ҷуз аҳсантшон баҳраам,
Бикафт андар аҳсантшон заҳраам.
Ҳуяййи Кутайбаст аз озодагон,
Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон
Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,
Ҳамеғалтам андар миёни давоҷ.

Ҳуяййи Кутайба омили Тӯс буд ва ин қадр ӯро воҷиб доштӯ аз хироҷ фурӯ ниҳод. Лоҷарам номи ӯ то қиёмат бимонад ва подшоҳон ҳамехонанд. Пас «Шоҳнома» Алӣ Дайлам дар ҳафт муҷаллад набишт.

Ва Фирдавсӣ Бӯдулафро баргирифт ва рӯй ба ҳазрат ниҳод—ба Ғазнин. Ва ба поймардии хоҷаи бузург Аҳмади Ҳасани Котиб арза кард ва қабул афтод. Ва Султон Маҳмуд аз Хоҷа миннатҳо дошт. Аммо Хоҷаи бузург мунозион дошт, ки пайваста хоки таҳлит дар қадаҳи ҷоҳи ӯ ҳамеандохтанд. Маҳмуд бо ин ҷамоат тадбир кард ки «Фирдавсиро чи диҳем?» Гуфтанд: «Панҷоҳ ҳазор дирам. Ва ин худ бисёр бошад, ки ӯ марди рофизисту (18) мӯъ-тазилимазҳаб (19). Ва ин байт бар эътизоли ӯ далел кунад, ки ӯ гуфт:

Ба бинандагон офаринандаро,
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.

Ва бар рафзи ӯ ин байтҳо далел аст, ки ӯ гуфт:

Хирадманди гетӣ чу дарё ниҳод,
Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.
Чу ҳафтод киштӣ дар ӯ сохта,
Ҳама бодбонҳо барафрохта.
Миёна яке хуб киштӣ арӯс,

PDF Compressor Free Version


Баророста ҳамчу чашми хурӯс.
Паямбар бад-ӯ андарун бо Алӣ,
Ҳама аҳли байти набию васӣ.
Агар худ хоҳӣ ба дигар сарой,
Ба назди набию васӣ гир ҷой.
Гарат з-ин бад ояд, гуноҳи ман аст,
Чунин дон в-ин роҳ роҳи ман аст.
Бар ин зодаму ҳам бар-ин бигзарам.
Яқин дон, ки хоки паи Ҳайдарам».

Ва султон Маҳмуд марде мутаассиб буд. Дар ӯ ин тахлит бигрифт ва масмӯъ афтод. Дар ҷумла бист ҳазор дирам ба Фирдавсӣ расид. Бағоят ранҷур шуду ба гармоба рафт ва баромад, фуққоъе бихӯрд ва он сим миёни ҳаммомию фуққоъӣ қисм фармуд.

Сиёсати Маҳмуд донист, ба шаб аз Ғазнин бирафт ва ба Ҳарӣ ба дӯкони Исмоили Варроқ — падари Азрақӣ фуруд омад. Ва шаш моҳ дар хонаи ӯ мутаворӣ буд, то толибони Маҳмуд ба Тӯс расиданду бозгаштанд.

Ва чун Фирдавсӣ эмин шуд, аз Ҳарӣ рӯй ба Тӯс ниҳод ва «Шоҳнома» баргирифт ва ба Табаристон шуд — ба наздики сипаҳбади Шаҳриёр, ки аз Оли Бованд дар Табаристон подшоҳ ӯ буд. Ва он хонадонест бузург, нисбати эшон ба Яздигурди Шаҳриёр пайвандад.

Пас Маҳмудро ҳиҷо кард дар дебоча байте сад ва бар Шаҳриёр хонду гуфт: «Ман ин китобро аз номи Маҳмуд ба номи ту хоҳам кардан, ки ин китоб ҳама ахбору осори ҷаддони туст».

Шаҳриёр ӯро бинавохт ва некӯиҳо фармуду гуфт: «Ё устод! Маҳмудро бар он доштанд ва китоби туро ба шарте арза накардаанду туро тахлит карданд. Ва дигар ту марди шиъӣ ва ҳар кӣ таваллo ба хонадони паёмбар кунад, ӯро дунёвӣ ба ҳеҷ коре наравад, ки эшонро худ нарафтааст. Маҳмуд худовандгори ман аст. Ту «Шоҳнома» ба номи ӯ раҳо кун ва ҳаҷви ӯ ба ман деҳ, то бишӯяму туро андак чизе бидиҳам. Маҳмуд худ туро хонаду ризои ту талабад ва ранҷи чунин китоб зоеъ намонад».

PDF Compressor Free Version


Ва дигар рӯз сад ҳазор дирам фиристоду гуфт: «Ҳар байте ба ҳазор дирам харидам. Он сад байт ба ман деҳу бо Маҳмуд дил хуш кун». Фирдавсӣ он байтҳо фиристод. Бифармуд, то бишустанд. Фирдавсӣ низ савод бишуст ва он ҳаҷв мундарис гашт ва аз он ҷумла ин шаш байт бимонд.

Маро ғамз карданд, к-он пурсухан,
Ба меҳри набию Алӣ шуд куҳан.
Агар меҳрашон ман ҳикоят кунам,
Чу Маҳмудро сад ҳимоят кунам.
Парасторзода наёяд ба кор,
Вагарна маро бариишондӣ ба гоҳ.
Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме?
Чу дарё карона надонам ҳаме.
Ба некӣ набуд шоҳро дастгоҳ,
В-агарна маро баришондӣ ба гоҳ.
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Надонист номи бузургон шунуд.

Алҳақ некӯ хидмате кард Шаҳриёр мар Маҳмудро ва Маҳмуд аз ӯ миннатҳо дошт.

Дар санаи арбаъа ашара ва хамсумиа (514/1119—1120) ба Нишобур шунидам аз амир Муиззӣ, ки ӯ гуфт: «Аз амир Абдурраззоқ шунидам ба Тӯс, ки ӯ гуфт: «Вақте Маҳмуд ба Ҳиндустон буд ва аз он ҷо бозгашта буд ва рӯй ба Ғазнин ниҳода, магар дар роҳи ӯ мутамарриде буду ҳисоре устувор дошт. Ва дигар рӯз Маҳмудро манзил бар дари ҳисори ӯ буд. Пеши ӯ расуле бифиристод, ки «фардо бояд ки пеш ойӣ ва хидмате биёрӣ ва боргоҳи моро хидмат кунӣ ва ташриф бипӯшию бозгардӣ».

Дигар рӯз Маҳмуд барнишасту Хоҷаи бузург бар дасти рости ӯ ҳамеронд, ки фиристода бозгашта буд ва пеши султон ҳамеомад. Султон бо Хоҷа гуфт: «Чӣ ҷавоб дода бошад?» Хоҷа ин байти Фирдавсӣ бихонд:

PDF Compressor Free Version



**Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,**
**Ману гурзу майдону Афросиёб.**

Маҳмуд гуфт: «Ин байт кирост, ки мардӣ аз ӯ ҳамезояд?» Гуфт: «Бечора Абулқосими Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом карду ҳеҷ самара надид».

Маҳмуд гуфт: «Сара кардӣ, ки маро аз он ёд овардӣ, ки ман аз он пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд. Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам». Хоҷа чун ба Ғазнин омад, бар Маҳмуд ёд кард. Султон гуфт: «Шаст ҳазор динор Абулқосими Фирдавсиро бифармой, то ба нил (20) диҳанд ва ба уштури султонӣ ба Тӯс баранд ва аз ӯ узр хоҳанд».

Хоҷа солҳо буд, то дар ин банд буд, охир он корро чун зар бисохту уштур гусел кард ва он нил ба саломат ба шаҳри Табарон расид. Аз дарвозаи Рӯдбор уштур дармешуд ва ҷанозаи Фирдавсӣ ба дарвозаи Разон берун ҳамебурданд.

Дар он ҳол музаккире буд дар Табарон, таассуб карду гуфт: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусалмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд». Ва ҳарчанд мардумон бигуфтанд бо он донишманд, дарнагирифт. Даруни дарвоза боғе буд мулки Фирдавсӣ. Ӯро дар он боғ дафн карданд, имрӯз ҳам дар он ҷост. Ва ман дар санаи ашара ва хамсумиа (510/1116—1117) он хокро зиёрат кардам.

Гӯянд аз Фирдавсӣ духтаре монд сахт бузургвор. Силати султон хостанд, ки бад-ӯ супоранд. Қабул накарду гуфт: «Бад-он муҳтоҷ нестам». Соҳиббарид ба ҳазрат бинвишт ва бар султон арза карданд. Мисол дод, ки он донишманд аз Табарон биравад бад-ин фузулӣ, ки кардааст ва хонумон бигузорад. Ва он мол ба Хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ диҳанд, то Работи Чоҳа, ки бар сари роҳи Нишобуру Марв аст, дар ҳадди Тӯс иморат кунад.

Чун мисол ба Тӯс расид, фармонро имтисол намуданд. Ва иморати Работи Чоҳа аз он мол аст.

PDF Compressor Free Version



## МАҚОЛАТИ САВВУМ

## ДАР ИЛМИ НУҶУМ ВА ҒАЗОРАТИ МУНАЧЧИМ ДАР ОН ИЛМ

**Ҳикоят:** Овардаанд, ки Яминуддавла Султон Маҳмуд ибни Носируддин ба шаҳри Ғазнин бар болои кӯшке дар чаҳордарӣ нишаста буд ба боғи Ҳазордарахт. Рӯй ба Абӯрайҳон карду гуфт: «Ман аз ин чаҳор дар аз кадом дар берун хоҳам рафт? Ҳукм кун ва ихтиёри он бар порае коғаз навис ва дар зери ниҳолии ман неҳ». Ва ин ҳар чаҳор дар роҳи гузар дошт.

Абӯрайҳон устурлоб хосту иртифоъ бигрифт ва толеъ дуруст карду соате андеша намуд ва бар порае коғаз бинвишту дар зери ниҳолӣ ниҳод. Маҳмуд гуфт: «Ҳукм кардӣ?» Гуфт: «Кардам». Маҳмуд бифармуд, то канандаю тешаву бел оваранд. Бар деворе, ки бар ҷониби машриқ аст, даре панҷумин бикананд ва аз он дар берун рафт. Ва гуфт он коғазпора биёваранд. Бӯрайҳон бар вай навишта буд, ки «аз ин чаҳор дар ҳеҷ берун нашавад, бар девори машриқ даре кананд ва аз он дар берун шавад».

Маҳмуд чун бихонд, тира гашту гуфт, ӯро ба миёнсарой фурӯ андозанд. Чунон карданд, магар бо боми миёнагин доме баста буд. Бурайҳон бар он дом омад ва дом бидарид ва оҳиста ба замин фуруд омад, чунон ки бари вай афгор нашуд.

Маҳмуд гуфт: «Ӯро бароред». Бароварданд. Гуфт: «Е Бӯрайҳон, аз ин ҳол боре надониста будӣ?» Гуфт: «Эй худованд, дониста будам». Гуфт: «Далел ку?» Ғуломро овоз дод ва тақвим аз ғулом бистаду таҳвили хеш аз миёни тақвим берун кард. Дар аҳкоми он рӯз навишта буд, ки «маро аз ҷои баланд биандозанд, валекин ба саломат ба замин ояму тандуруст бархезам». Ин сухан низ мувофиқи раъйи Маҳмуд наёмад, тиратар гашт. Гуфт: «Ӯро ба қалъа бареду боздоред». Ӯро ба қалъаи Ғазнин боздоштанд ва шаш моҳ дар он ҳабс бимонд.

**Ҳикоят:** Овардаанд, ки дар ин шаш моҳ кас ҳадиси Бӯрайҳон пеши Маҳмуд наёрист кард. Ва аз ғуломони ӯ

PDF Compressor Free Version

як ғулом номзад буд, ки ӯро хидмат ҳамекард ва ба ҳоҷати ӯ берун ҳамешуд ва дармеомад. Рӯзе ин ғулом ба сари марғзори Ғазнин мегузашт. Фолгӯе ӯро бихонду гуфт: «Дар толеи ту чанд сухани гуфтанӣ ҳамебинам, ҳадяе бидеҳ, то туро бигӯям». Ғулом дираме ду бад-ӯ дод. Фолгӯй гуфт: «Азизе аз они ту дар ранҷе аст. Аз имрӯз то се рӯзи дигар аз он ранҷ халос ёбад ва хилъату ташриф пӯшад ва боз азизу мукаррам гардад».

Ғуломак ҳамерафт, то ба қалъа ва бар сабили башорат он ҳодиса бо хоҷа бигуфт. Бӯрайҳонро ханда омад ва гуфт: «Эй аблаҳ, надонӣ, ки ба чунон ҷойҳо набояд истод. Ду дирам ба бод додӣ».

Гӯянд хоҷаи бузург Аҳмади Ҳасани Маймандӣ дар ин шаш моҳ фурсат ҳаметалабид, то ҳадиси Бӯрайҳон бигӯяд. Охир дар шикоргоҳ султонро хуштабъ ёфт, суханро гардонгардон ҳамеовард то ба илми нуҷум, он гоҳ гуфт: «Бечора Бӯрайҳон, ки чунон ду ҳукм бад-он некӯй бикард ва бадали хилъату ташриф банду зиндон ёфт». Маҳмуд гуфт: «Хоҷа бидонад, ки ман ин донистаам. Ва мегӯянд, ки ин мардро дар олам назир нест, магар Бӯалии Сино. Лекин ҳар ду ҳукмаш бар хилофи раъйи ман буд. Ва подшоҳон чун кӯдаки хурд бошанд. Сухан бар вифқи раъйи эшон бояд гуфт, то аз эшон баҳраманд бошанд. Он рӯз, ки ду ҳукм бикард, агар аз он ду ҳукми ӯ яке хато шудӣ, беҳ афтодӣ ӯро. Фардо бифармой, то ӯро берун оранд ва аспу сохти зар ва ҷуббаи маликиву дастори қасаб диҳанд ва ҳазор динору ғуломи канизаке».

Пас, ҳамон рӯз, ки фолгӯй гуфта буд, Бӯрайҳонро берун оварданд ва ин ташриф бад-ин нусхат ба вай расид. Ва султон аз ӯ узр хосту гуфт: «Ё Бӯрайҳон, агар хоҳӣ, ки аз ман бархурдор бошӣ, сухан бар муроди ман гӯй, на бар салтанати илми хеш».

Бӯрайҳон аз он пас сират бигардонид. Ва ин яке аз шаронти хидмати подшоҳ аст—дар ҳаққу ботил бо ӯ бояд будан ва бар вифқи кор ӯро тақрир бояд кард.

Аммо чун Бӯрайҳон ба хона рафт ва афозил ба таҳнияти ӯ омаданд, ҳадиси фолгӯй бо эшон бигуфт. Аҷаб дош-

танд. Кас фиристоданд ва фолгӯйро бихонданд. Сахт лоябълам (21) буд, ҳеҷ чиз намедонист. Бӯрайҳон гуфт: «Толеи мавлуд дорӣ?» Гуфт: «Дорам». Толеи мавлуд биёвард ва Бӯрайҳон бингарист: саҳмулғайб бар ҳоққи дараҷаи толеаш афтода буд, то ҳар чӣ мегуфт, агарчӣ бар амъё ҳамегуфт, ба савоб наздик буд.

## МАҚОЛАТИ ЧАҲОРУМ

## ДАР ИЛМИ ТИБ ВА ҲИДОЯТИ ТАБИБ

**Ҳикоят:** Шайхурраис ҳуҷҷатулҳақ Абӯалии Сино ҳикоят кард андар китоби «Мабдаъ ва маъод» дар охири фасли «Имкон вуҷуди умурии нодиратин ан-ҳозиҳин-нафси (22). Ҳамегӯяд, ки ба ман расиду бишнудам, ки ҳозир шуд табибе ба маҷлиси яке аз мулуки Сомон. Ва қабули ӯ дар он ҷо ба дараҷае расид, ки дар ҳарам шудӣ ва набзи муҳаррамоту муҳаддарот бигрифтӣ.

Рӯзе бо малик дар ҳарам нишаста буд ба ҷое, ки мумкин набуд, ки ҳеҷ нарина он ҷо тавонистӣ расид.

Малик хӯрданӣ хост. Канизакон хӯрданӣ оварданд. Канизаке хонсолор буд. Хон аз сар баргирифту дуто шуд ва бар замин ниҳод. Хост, ки рост шавад, натавонист шуд. Ҳамчунон бимонд ба сабаби риҳе ғализ, ки дар мафосили ӯ ҳодис шуд.

Малик рӯй ба табиб кард, ки дарҳол ӯро муолаҷат бояд кард ба ҳар ваҷҳ, ки бошад. Ва ин ҷо тадбири табиӣро ҳеҷ ваҷҳе набуд ва маҷоле надошт, ба сабаби дурии адвия. Рӯй ба тадбири нафсонӣ кард ва бифармуд, то миқнаа аз сари вай фурӯ кашиданд ва мӯи ӯ бараҳна карданд, то шарм дорад ва ҳаракате кунад ва ӯро аз он ҳолат мустакраҳ ояд, ки мӯҷомеи сару рӯи ӯ бараҳна бошад. Тағаййур нагирифт. Даст ба шанеътар аз он бурд ва бифармуд то шалвораш фурӯ кашиданд. Шарм дошт ва ҳарорате дар ботини ӯ ҳодис шуд, чунон ки он риҳро таҳлил кард ва ӯ рост истоду мустақим ва салим бозгашт.

Агар табиб ҳакиму қодир набудӣ, ӯро ин истинбот на-

PDF Compressor Free Version

будӣ ва аз ин муолаҷат оҷиз мондӣ ва чун оҷиз шудӣ, аз чашми подшоҳ бияфтодӣ. Пас маърифати ашёи табиӣ ва тасаввури мавҷудоти табиӣ аз ин боб аст. Ва ҳува аълам (23)...

**Ҳикоят:** Ҳам аз мулуки Оли Сомон амир Мансур ибни Нӯҳ ибни Насрро оризае афтод, ки музмин гашт ва бар ҷой бимонд. Ва атиббо дар он муолаҷат оҷиз монданд.

Амир Мансур кас фиристод ва Муҳаммад ибни Закариёи Розиро бихонд бад-ин муолаҷат. Ӯ биёмад то ба Омуй. Ва чун ба канори Ҷайҳун расиду Ҷайҳун бидид, гуфт: «Ман дар киштӣ нанишинам. Қоллаллоҳу таъоло: Ва ло тулқу биайдикум ила-т-таҳлукати» (24). Худои таъоло мегӯяд, ки хештанро ба дасти хештан дар таҳлука маяндозед. Ва низ ҳамоно, ки аз ҳикмат набошад, ба ихтиёр дар чунин мӯҳлика нишастан». Ва то каси амир ба Бухоро рафт ва бозомад, ӯ «Китоби Мансурӣ» тасниф кард ва ба дасти он кас бифиристод ва гуфт: «Ман ин китобам ва аз ин китоб мақсуди ту ба ҳосил аст. Ба ман ҳоҷате нест».

Чун китоб ба амир расид, ранҷур шуд. Пас ҳазор динор бифиристоду аспи хос ва сохт ва гуфт: «Ҳама рифқе бикунед. Агар суд надорад, дасту пои ӯ бибандеду дар киштӣ нишонеду бигзаронед». Чунон карданд. Ва хоҳиш ба ӯ дарнагирифт. Дасту пои ӯ бибастанд ва дар киштӣ нишонданду бигзаронинданд. Ва он гаҳ дасту пои ӯ боз карданд ва ҷанибат бо сохт дар пеш кашиданд. Ва ӯ хуштабъ пой дар асп гардонид ва рӯй ба Бухоро ниҳод.

Суол карданд, ки «мо тарсидем ки чун аз об бигзарему туро бигушоем, бо мо хусумат кунӣ, накардӣ. Ва туро зачру дилтанг надидем». Гуфт: «Ман донам, ки дар сол бист ҳазор кас аз Ҷайҳун бигзаранд ва ғарқ нашаванд. Ва ман ҳам нашавам, валекин мумкин аст, ки шавам. Ва чун ғарқ шавам, то домани қиёмат гӯянд: «Аблаҳ марде буд Муҳаммади Закариё, ки ба ихтиёр дар киштӣ нишаст, то ғарқ шуд». Ва аз ҷумлаи малумон бошам, на аз ҷумлаи маъзурон».

Чун ба Бухоро расид, амир даромад ва якдигарро биди-

данд ва муолаҷат оғоз кард. Ва маҷҳуд базл кард, ҳеҷ роҳате падид наёмад. Рӯзе пеши амир даромаду гуфт: «Фардо муолаҷате дигар хоҳам кардан, аммо дар ин муолаҷат фалон аспу фалон астар харҷ мешавад». Ва ин ду маркаб маъруф буданд дар давандагӣ, чунон ки шабе чиҳил фарсанг бирафтандӣ.

Пас дигар рӯз амирро ба гармобаи Ҷӯи Мӯлиён бурд берун аз сарой. Ва он аспу астарро сохта ва танг кашида бар дари гармоба бидоштанд. Ва рикобдорӣ ғуломи хешро фармуду аз хадаму ҳашам ҳеҷ касро ба гармоба фурӯ нагузошт. Пас маликро дар гармобаи миёнагин биншонду оби фотир бар ӯ ҳамерехт. Ва шарбате, ки карда буд, чошнӣ карду бад-ӯ дод, то бихӯрд. Ва чандоне бидошт, ки ахлотро дар мафосил нуҷзе падид омад. Пас бирафт ва ҷома дарпӯшиду биёмад ва дар баробари амир бистод ва сақате чанд бигуфт, ки: «Эй казо ва казо, ту бифармудӣ, то маро бибастанд ва дар киштӣ афгананд ва дар хуни ман шуданд? Агар ба мукофоти он ҷонат набарам, на писари Закариёам».

Амир бағоят дар хашм шуд ва аз ҷои хеш даромад, то ба сари зону. Муҳаммади Закариё корде баркашид ва ташдид зиёдат кард. Амир яке аз хашму яке аз бим тамом бархост. Ва Муҳаммади Закариё чун амирро бар пой дид, баргашту аз гармоба берун омад. Ӯву ғулом ҳар ду пой ба аспу астар гардониданд ва рӯй ба Омуй ниҳоданд.

Намози дигар аз об бигзашту то Марв ҳеҷ ҷой наистод. Чун ба Марв фуруд омад, номае навишт ба хидмати амир, ки: «Зиндагонии подшоҳ дароз бод дар сиҳҳати бадану нафози амр. Ходим илоҷ оғоз карду он чи мумкин буд, ба ҷой овард. Ҳарорати ғаризе бо заъфе тамом буд ва ба илоҷи табиӣ дароз кашидӣ. Даст аз он бидоштаму ба илоҷи нафсонӣ омадам. Ва ба гармоба бурдам ва шарбате бидодам ва раҳо кардам, то ахлот нузҷе тамом ёфт. Пас подшоҳро ба хашм овардам, то ҳарорати ғаризиро мадад ҳодис шуд ва қувват гирифту он ахлоти нузҷпазируфтаро таҳлил кард. Ва баъд аз ин савоб нест, ки миёни ману подшоҳ ҷамъияте бошад».

PDF Compressor Free Version

Аммо чун амир бар пой хост ва Муҳаммад Закариё берун шуду барнишаст, ҳоле ӯро ғашӣ овард. Чун ба ҳуш бозомад, берун омаду хидматгоронро овоз дод ва гуфт: «Табиб куҷо шуд?» Гуфтанд: «Аз гармоба берун омад ва пой дар асп гардонид ва ғуломаш пой дар астар ва бирафт». Амир донист, ки мақсуд чӣ будааст. Пас ба пои хеш аз гармоба берун омад, хабар дар шаҳр афтод ва амир бор дод. Ва ҳадаму ҳашаму раият ҷумла шодиҳо карданд ва садақаҳо доданд ва қурбонҳо карданду ҷашнҳо пайвастанд. Ва табибро ҳарчанд биҷустанд, наёфтанд.

Ҳафтум рӯз ғуломи Муҳаммади Закариё даррасид бар он астар нишаставу аспро ҷанибат карда. Ва нома арз кард.

Амир нома бархонду аҷаб дошт ва ӯро маъзур хонд. Ва ташриф фармуд аз аспу сохту ҷуббаю дастору силоҳу ғуломy канизак. Ва бифармуд, то ба Рай аз амлоки Маъмун ҳар сол ду ҳазор динор зару дувист хирвор ғалла ба номи вай биронанд. Ва ин ташрифу идрорнома ба дасти маъруфе ба Марв фиристод. Ва амир сиҳҳати куллӣ ёфту Муҳаммади Закариё бо мақсуд ба хона расид.

**Ҳикоят:** Абулаббоси Маъмуни Хоразмшоҳ вазире дошт номи ӯ Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммади Суҳайлӣ — марде ҳакимтабъу каримнафсу фозил. Ва Хоразмшоҳ ҳамчунин ҳакимтабъу фозилдӯст буд. Ва ба сабаби эшон чандин ҳакиму фозил бар он даргоҳ ҷамъ шуда буданд, чун Абӯалии Сино ва Абӯсаҳли Масеҳиву Абулхайри Хаммор ва Абӯрайҳони Берунӣву Абӯнасри Арроқ. Аммо Абӯнасри Арроқ бародарзодаи Хоразмшоҳ буд ва дар илми риёзиву анвои он сонии Батлимус буд. Ва Абулхайри Хаммор дар тиб солиси Буқроту Ҷолинус буд. Ва Абӯрайҳон дар нуҷум ба ҷои Абӯмаъшару Аҳмад ибни Абдулҷалил. Ва Абӯалии Синову Абӯсаҳли Масеҳӣ халафи Арастотолис буданд дар илми ҳикмат, ки шомил аст ҳама улумро. Ин тоифа дар он хидмати дунёвӣ бениёзӣ доштанд ва бо якдигар унсе дар муҳовараву айше дар мукотабат мекарданд.

Рӯзгор барнописандиду фалак раво надошт. Он айш бар эшон мунағғас шуду он рӯзгор бар эшон ба зиён омад. Аз наздики султон Яминуддавла Маҳмуд маъруфе

PDF Compressor Free Version

расид бо номае. Мазмуни нома он ки: «Шунидам ки дар маҷлиси Хоразмшоҳ чанд касанд аз аҳли фазл, ки адимуннaзиранд чун фалону фалон. Бояд ки эшонро ба маҷлиси мо фиристӣ, то эшон шарафи маҷлиси мо ҳосил кунанд ва мо ба улуму кифоёти эшон мустазҳар шавем ва он миннат аз Хоразмшоҳ дорем».

Ва расули вай хоҷа Ҳусайн ибни Алии Микол буд, ки яке аз афозилу амосили аср ва аъҷубае буд аз риҷоли замона. Ва кори Маҳмуд дар авҷи давлат, мулки ӯ равнақе дошт ва давлати ӯ улувве.

Ва мулуки замона ӯро муроот ҳамекарданду шаб аз ӯ ба андеша ҳамехуфтанд. Хоразмшоҳ хоҷа Ҳусайни Миколро ба ҷое нек фуруд овардy улуфаи шигарф фармуд. Ва пеш аз он ки ӯро бор дод, ҳукаморо бихонду ин нома бар эшон арза кард ва гуфт: «Маҳмуд қавидаст аст ва лашкари бисёр дорад ва Хуросону Ҳиндустон забт кардааст ва тамаъ дар Ироқ баста. Ман натавонам, ки мисоли ӯро имтисол нанамоям ва фармони ӯро ба нафоз напайвандам. Шумо дар ин чӣ гӯед?» Абӯаливу Абӯсаҳл гуфтанд: «Мо маравем». Аммо Абӯнасру Абулхайру Абӯрайҳон рағбат намуданд, ки ахбори силоту ҳиботи султон ҳамешуниданд. Пас Хоразмшоҳ гуфт: «Шумо ду танро, ки рағбат нест, пеш аз он ки ман ин мардро бор диҳам, шумо сари хеш гиред».

Пас хоҷа асбоби Абӯаливу Абӯсаҳл бисохту далеле ҳамроҳи эшон кард ва аз роҳи биёбон рӯй ба Гургон ниҳоданд.

Рӯзи дигар Хоразмшоҳ Ҳусайн Алии Миколро бор дод ва некӯиҳо пайвасту гуфт: «Нома хондам ва бар мазмуни номаи фармони подшоҳ вуқуф афтод. Абӯаливу Абӯсаҳл бирафтанд, лекин Абӯнасру Абӯрайҳону Абулхайр басиҷ мекунанд, ки пеши хидмат оянд». Ва ба андак рӯзгор барги эшон бисохту бо хоҷа Ҳусайни Микол фиристод ва ба Балх—ба хидмати султон Яминуддавла Маҳмуд омаданд ва ба ҳазрати ӯ пайвастанд. Ва султонро мақсуд аз эшон Абӯалӣ буда буд. Ва Абӯнасри Аррок наққош буд. Бифармуд то сурати Абӯалӣ бар коғаз нигошт. Ва наққошонро бихонд, то бар он мисол чиҳил сурат нигош-

PDF Compressor Free Version

танд ва бо маншшир ба атроф фиристоданд. Ва аз асҳоби атроф дархост, ки марде аст бад-ин сурат ва ӯро Абӯалии Сино гӯянд. Талаб кунанду ӯро ба ман фиристанд.

Аммо чун Абӯалию Абӯсаҳл бо каси Абӯҳусайни Суҳайлӣ аз (назди) Хоразмшоҳ бирафтанд, чунон карданд, ки бомдодро понздаҳ фарсанг рафта буданд. Бомдод ба сари чоҳсоре фуруд омаданд. Пас Абӯалӣ тақвим баргирифту бингарист, то ба чи толеъ берун омадааст. Чун бингарид, рӯй ба Абӯсаҳл карду гуфт: «Бад-ин толеъ, ки мо берун омадаем, роҳ гум кунему шиддати бисёр бинем». Бӯсаҳл гуфт: Разино биқазо-ил-лоҳ (25). Ман худ ҳамедонам, ки аз ин сафар ҷон набарам, ки тасйири ман дар ин ду рӯз ба Айюқ мерасад (26) ва ӯ қотеъ аст. Маро умеде намондааст ва баъд аз ин миёни мо мулоқоти нуфус хоҳад буд».

Пас биронданд.

Абӯалӣ ҳикоят кард, ки рӯзи чаҳорум боде бархосту гард барангехту ҷаҳон торик шуд ва эшон роҳ гум карданд ва бод тарикро маҳв кард. Ва чун бод биёромид, далел аз эшон гумроҳтар шуда буд. Дар он гармои биёбони Хоразм аз беобию ташнагӣ Бӯсаҳли Масеҳӣ ба олами бақо интиқол кард. Ва далелу Абӯалӣ бо ҳазор шиддат ба Бовард афтоданд. Далел бозгашту Абӯалӣ ба Тӯс рафт ва ба Нишобур расид. Халқеро дид, ки Абӯалиро металабиданд. Мутафаккир ба гӯшае фуруд омаду рӯзе чанд он ҷо бибуд. Ва аз он ҷо рӯй ба Гургон ниҳод, ки Кобус подшоҳи Гургон буду марде бузург ва фозилдӯсту ҳакимтабъ буд. Абӯалӣ донист, ки ӯро он ҷо офате нарасад. Чун ба Гургон расид, ба корвонсарое фуруд омад. Магар дар ҳамсоягии ӯ яке бемор шуд. Муолаҷат кард, беҳ шуд. Беморе дигарро низ муолаҷат кард, беҳ шуд. Бомдод қорура овардан гирифтанд ва Абӯалӣ ҳаменигарист. Ва дахлаш падид омаду рӯз ба рӯз меафзуд. Рӯзгоре чунин мегузошт. Магар яке аз ақрабои Қобуси Вушмгирро, ки подшоҳи Гургон буд, оризае падид омаду атиббо ба муолаҷати ӯ бархостанд ва ҷаҳд карданду ҷидде тамом намуданд. Иллат ба шифо напайваст. Ва Қобусро азим дар он

PDF Compressor Free Version

дилбастагӣ буд, то яке аз хидам Қобусро гуфт, ки дар фалон тим ҷавоне омадааст азим табиб ва бағоят муборакдаст ва чанд кас бар дасти ӯ шифо ёфт. Қобус фармуд, ки ӯро талаб кунед ва ба сари бемор баред, то муолаҷат кунад, ки даст аз даст муборактар бувад. Пас Абӯалиро талаб карданду ба сари бемор бурданд. Ҷавоне дид бағоят хубрӯю мутаносибаъзо, хат асар кардаву зор афтода. Пас биншасту набзи ӯ бигирифту тафсира бихост ва бидид. Пас гуфт: «Маро марде мебояд, ки гурафоту маҳаллоти Гургонро ҳама шиносад». Биёварданду гуфтанд: «Инак». Абӯалӣ даст ба набзи бемор ниҳоду гуфт: «Баргӯй ва маҳаллатҳои Гургонро номбар деҳ». Он кас оғоз карду номи маҳаллатҳо гуфтан гирифт, то расид ба маҳаллате, ки набзи бемор дар он ҳолат ҳаракате ғариб кард. Пас Абӯалӣ гуфт: «Аз ин маҳаллат кӯйҳо бардеҳ». Он кас бардод, то расид ба номи кӯе, ки он ҳаракати ғариб муовадат кард. Пас Абӯалӣ гуфт: «Касе мебояд дар ин кӯй, ҳама саройҳоро бидонад». Биёварданду саройҳоро бардодан гирифт, то расид бад-он сарое, ки ин ҳаракат бозомад. Абӯалӣ гуфт: «Акнун касе мебояд, ки номҳои аҳли сарой ба тамом донаду бардиҳад». Биёварданд. Бардодан гирифт, то омад ба номе, ки ҳамон ҳаракат ҳодис шуд. Он гаҳ Абӯалӣ гуфт: «Тамом шуд». Пас рӯй ба мӯътамадони Қобус карду гуфт: «Ин ҷавон дар фалон маҳаллат ва дар фалон кӯй ва дар фалон сарой бар духтаре фалону фалон ном ошиқ аст. Ва доруи ӯ висоли он духтар аст ва муолаҷати ӯ дидори ӯ бошад». Пас бемор гӯш дошта буд ва ҳар чӣ хоҷа Абӯалӣ мегуфт, мешунид. Аз шарм сар дар ҷомаи хоб кашид.

Чун иститлоъ карданд, ҳамчунон буд, ки хоҷа Абӯалӣ гуфта буд. Пас ин ҳолро пеши Қобус рафъ карданд. Қобусро азим омаду гуфт: «Ӯро ба ман оред». Хоҷа Абӯалиро пеши Қобус бурданд. Ва Қобус сурати Абӯалӣ дошт, ки султон Яминуддавла фиристода буд. Чун пеши Қобус омад гуфт». «Анта Абӯалӣ? Гуфт: «Наам, ё малик муаззам» (27). Қобус аз тахт фуруд омаду чанд гом Абӯалиро истиқбол кард ва дар канораш гирифту бо ӯ бар яке ни-

ҳолӣ пеши тахт биншаст ва бузургиҳо пайваст ва некӯ пурсиду гуфт: «Аҷалли афзал ва файласуфи акмал кайфияти ин муолаҷа, албатта бозгӯяд». Абӯалӣ гуфт: «Чун набзу тафсира бидидам, маро яқин гашт, ки иллат ишқ аст. Ва аз катмони сирр ҳол бад-ин ҷо расидааст. Агар аз вай суол кунам, рост нагӯяд. Пас даст ба набзи ӯ ниҳодам, номи маҳаллот бигуфтанд. Чун ба маҳаллати маъшуқ расид, ишқ ӯро биҷунбонид, ҳаракат бадал шуд. Донистам, ки дар он маҳаллат аст. Бигуфтам, то номи кӯйҳо бигуфтанд. Чун номи кӯи маъшуқаи хеш шунид, ҳамон маънӣ ҳодис шуд. Номи кӯй низ бидонистам. Бифармудам, то саройҳоро ном бурданд. Чун ба номи саройи маъшуқ расид, ҳамон ҳолат зоҳир шуд. Сарой низ бидонистам. Бигуфтам, то номи ҳама аҳли сарой бурданд. Чун номи маъшуқи худ бишунид, бағоят мутағаййир шуд. Маъшуқро низ бидонистам. Пас бад-ӯ гуфтам ва ӯ мункир натавонист шудан. Муқирр омад».

Қобус аз ин муолаҷат шигифтии бисёр намуд ва мутааҷҷиб бимонд. Ва алҳақ ҷои тааҷҷуб буд. Пас гуфт: «Ё аҷалли афзали акмал! Ошиқу маъшуқ ҳар ду хоҳарзодагони мананду холазодагони якдигар. Ихтиёре бикун, то ақди эшон бикунем». Пас хоҷа Абӯалӣ ихтиёре писандида бикард ва он аҳд бикарданд ва ошиқу маъшуқро ба ҳам пайвастанд. Ва он ҷавони подшоҳзодаи хубсурат аз чунон ранҷе, ки ба марг наздик буд, бираст. Баъд аз он Қобус хоҷа Абӯалиро ҳар чӣ некӯтар бидошт. Ва аз он ҷо ба Рай шуд ва ба вазорати шоҳаншоҳ Алоуддавла афтод. Ва он худ маъруф аст андар таърихи айёми хоҷа Абӯалии Сино.

**Ҳикоят:** Молихулиё иллатест, ки атиббо дар муолаҷати ӯ фурӯ монанд, агарчи амрози савдовӣ ҳама музмин аст. Лекин молихулиё хосияте дорад ба дер зоил шудан. Ва Абулҳасан ибни Яҳё андар китоби «Муолаҷати Буқротӣ», ки андар тиб кас чунон китобе накардааст, баршумурд аз аиммаю ҳукамою фузалою фалосифа, ки чанд аз эшон бад-он иллат маълул гаштаанд. Аммо ҳикоят кард маро устоди ман — Шайхулимом Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад

PDF Compressor Free Version

Абӯсаъди Нашавӣ маъруф ба Сарах(?) аз Шайхулимом Муҳаммад ибни Уқайли Қазвинӣ аз амир Фахруддавла Бӯколиҷори Буйӣ, ки якеро аз аиззаи Оли Бӯя молихулиё падид омад. Ва ӯро дар ин иллат чунон сурат баст, ки ӯ гове шудааст. Ҳама рӯз бонг ҳамекард ва ину онро ҳамегуфт, ки «маро бикушед, ки аз гӯшти ман ҳариса некӯ ояд». То кор ба дараҷае бикашид, ки низ ҳеҷ нахӯрд ва рӯзҳо бароманду наҳор кард. Ва атиббо дар муолаҷати ӯ оҷиз омаданд. Ва хоҷа Абӯалӣ андар ин ҳолат вазир буд ва шоҳаншоҳ Алоуддавла Муҳаммад ибни Душманзиёр бар вай иқболе дошт. Ва ҷумлаи мулк дар дасти ӯ ниҳода буд ва кулли шуғл ба раъю тадбири ӯ бозгузошта. Ва, алҳақ, баъди Искандар, ки Аристотолис вазири ӯ буд, ҳеҷ подшоҳ чун Абӯалӣ вазир надошта буд. Ва дар ин ҳол, ки хоҷа Абӯалӣ вазир буд, ҳар рӯз пеш аз субҳидам бархостиву аз китоби «Шифо» ду қоғаз тасниф кардӣ. Чун субҳи содиқ бидамидӣ, шогирдонро бор додӣ, чун Киё Раиси Бахманёру Абӯмансур ибни Зилаву Абдулвоҳиди Ҷузҷонию Сулаймони Димишқиву ман, ки Бӯколиҷорам. То ба вақти исфор сабақҳо бихондеме ва дар пайи намоз кардеме. Ва то берун омадамоне ҳазор савор аз машоҳиру маорифу арбоби ҳавоиҷу асҳоби араиз бар дари сарои ӯ гирд омада будӣ. Ва хоҷа барнишастӣ ва он ҷамоат дар хидмати ӯ бирафтандӣ.

Чун ба девон расидӣ, савор ду ҳазор шуда будӣ. Пас ба девон то намози пешин бимондӣ. Ва чун бозгаштӣ, ба хон омадӣ, ҷамоате бо ӯ нон бихӯрдандӣ, пас ба қайлула машғул шудӣ. Ва чун бархостӣ, намоз бикардиву пеши шоҳаншоҳ шудӣ ва то намози дигар пеши ӯ муфовазаю муҳовара будӣ миёни эшон дар муҳиммоти мулк. Ду тан буданд, ки ҳаргиз солисе набудӣ. Ва мақсуд аз ин ҳикоят он аст, ки хоҷаро ҳеҷ фароғате набудӣ.

Пас чун атиббо аз муолаҷати он ҷавон оҷиз омаданд, пеши шоҳаншоҳ — малики муаззам — Алоуддавла он ҳол бигуфтанду ӯро шафеъ барангехтанд, ки хоҷаро бигӯяд, то он ҷавонро илоҷ кунад. Алоуддавла ишорат кард ва хоҷа қабул кард. Пас гуфт: «Он ҷавонро башорат ди-

PDF Compressor Free Version

ҳед, ки қассоб ҳамеояд, то туро бикушад». Ва бо он ҷавон гуфтанд. Ӯ шодӣ ҳамекард. Пас хоҷа барнишасту ҳамчунон бо кавкаба бар дари сарои бемор омад ва бо тане ду даррафту корде ба даст гирифта гуфт: «Ин гов куҷост, то ӯро бикушам?» Он ҷавон ҳамчу гов бонге кард, яъне ин ҷост. Хоҷа гуфт: «Ва миёни сарой оредаш ва дасту пои ӯ бибандеду фурӯ афканед». Бемор чун он шунид, бидавиду ба миёни сарой омад ва бар паҳлӯи рост хуфт. Ва пои ӯ сахт бибастанд. Пас хоҷа Абӯалӣ биёмад ва корд бар корд молиду фурӯ нишаст ва даст бар паҳлӯи ӯ ниҳод, чунон ки одати қассобон бувад. Пас гуфт: «Ваҳ! Ин чӣ гови лоғаре аст? Инро нашояд куштан, алаф диҳедаш, то фарбеҳ шавад». Ва бархосту берун омад. Ва мардумро гуфт, ки дасту пои ӯ бикушоеду хӯрданӣ он чӣ фармоям, пеши ӯ баред ва ӯро гӯед: «Бихӯр, то зуд фарбеҳ шавӣ». Чунон карданд, ки хоҷа гуфт. Хӯрданӣ пеши ӯ бурданд ва ӯ ҳамехӯрд. Ва баъд аз он ҳар чи аз ашрибаю адвия хоҷа фармудӣ, бад-ӯ доданд ва гуфтанд, ки нек бихӯр, ки ин говро нек фарбеҳ кунад. Ӯ бишнудию бихӯрдӣ бар он умед, ки фарбеҳ шавад, то ӯро бикушанд. Пас атиббо даст ба муолаҷати ӯ баргушоданд, чунон ки хоҷа Абуалӣ мефармуд. Як моҳро ба салоҳ омад ва сиҳҳат ёфт. Ва ҳама аҳли хирад донанд, ки инчунин муолаҷат натавон кард, илло ба фазле комил ва илме тамом ва ҳадсе рост.

PDF Compressor Free Version

АБУЛҲАСАН АЛӢ ИБНИ ЗАЙДИ БАЙҲАҚӢ

# Таърихи Байҳақ

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Заҳируддин Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ маъруф ба Ибни Финдиқ, ки гузаштагонаш аслан араб буда, баъдан бо қавмҳои эронӣ омезиш кардаанд, соли 493/1099 дар Сабзавори Байҳақ ба дунё омада, соли 565/1169 аз дори фано даргузаштааст. Абулҳасани Байҳақӣ соли 516/1122 ба мансаби қазои Байҳақ тафвиз ёфт, аммо чанде нагузашт, ки ба ихтиёри хеш хидмати маъмуриро тарк гуфт.

Ибни Финдиқ аз зубдаи донишмандони қарни XII буда, дар риштаҳои мухталифи илм таълифоти зиёде доштааст. Ҳарчанд дар маъхазҳо миқдори таълифоти форсиву арабии ӯро беш аз 70 адад донистаанд, қисми бисёр ночизе то ба замони мо маҳфуз мондаанд. Аз ҷумла, осори мафқуде чун «Ҳисас-ул-асфиё фи қисас-ул-анбиё» (форсӣ), «Машориб-ул-таҷоруб ва ғавориб-ул-ғароиб», «Ғурар-ул-амсол», «Татиммат «Савон-ул-ҳикма» ва ғайра аз осори машҳур ва мӯътабари Абулҳасани Байҳақӣ маҳсуб мегардидааст.

«Таърихи Байҳақ»-и Абулҳасани Байҳақӣ аз асарҳои бисёр муҳимми таърихиест, ки таълифаш соли 563/1168 ба поён расидааст. Чунонки аз унвони китоб падидор аст, мундариҷаи он аз таърихи ноҳияти Байҳақи Хуросон, ки Сабзавори кунунӣ як пораи он аст, фароҳам омада, муаллиф роҷеъ ба таърихи вижагиҳои ҷуғрофӣ ва фазоили Байҳақ, ҳамчунин ашхоси барӯманди он ахбори нодиру фаровоне овардааст. Абулҳасани Байҳақӣ зимни нигориши воқеоти марбут ба Байҳақ доир ба таърихи дудмонҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Салҷуқиён, Байҳақиён ва ғайра асноду мадорики ҷолибе зикр карда, ки қисме аз онҳо дар маъхазҳои дигар ба чашм намерасанд.

Дастнависҳои «Таърихи Байҳақ» хеле нодир буда, то имрӯз фақат се нусхаи он ба даст омадааст. Донишманди фақид Аҳмади Баҳманёр матни интиқодии ин китобро бо тасҳеҳу таълиқот ва муқаддимаи аллома Қазвинӣ ба табъ расонидааст.

PDF Compressor Free Version

## СОМОНИЁН

Иёлати Самарқанду иморати он навоҳӣ ба амир Нӯҳ ибни Асад ибни Сомонхудоҳ муфаввaз буд фи санати арбаъа ва миатайн (204/819—820). Ва амир Аҳмад ибни Асад Фарғона дошт. Ва амир Яҳё ибни Асад Чоч дошт. Ва амир Илёс ибни Асад Ҳирот дошт Ва ӯро онҷо ақаб бисёр аст. Ва-л-ақаб мин ал-амир Аҳмад ибни Асад (1): ал—амир Наср ибни Аҳмад ал-аввал, ва-л-амир Яъқуб ибни Аҳмад, ва-л-амир Яҳё ибни Аҳмад, ва—л—амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад, ва-л-амир Исҳоқ ибни Аҳмад, ва-л-амир Абӯғоним Ҳамид ибни Аҳмад. Валиаҳд амир Наср ибни Аҳмад буд ва волии Бухоро—амир Исмоил ибни Аҳмад. Ва ӯро бо бародари меҳини ӯ—амир Наср ибни Аҳмад муҳорибат афтод ва зафар ӯро буд. Чун бародари меҳинро бидид, пиёда шуду рикоби ӯ бӯса дод ва гуфт: «Амирро ин таҷашшум набояст фармуд. Чун ин ҷашмзахм иттифоқ афтод, ба саодат бо хизонаву хадам бо дорулмулки хеш бояд рафт». Амир Наср гуфт: «Ҷид(д) меравад ё ҳазл?» Амир Исмоил гуфт: «Маозаллоҳ, ки маро дар ҳазрати ту маҷоли ҳазл бувад». Амир Наср шигифт дошт ва бо дорулмулки хеш рафт—Фарғона. Ва дили ӯ бо бародар софӣ шуд ва ӯро валиаҳд кард. Ва амир Наср бо дори охират интиқол кард ва кор бо амир Исмоил афтод фи шуҳури санати самон ва сабъина ва миатайн (278/891—892). Аз Кочғар то ба Рай мулки ӯ басит гашт. Ва амир Амр ибни Лайс ба дасти ӯ гирифтор омад фи мунтасаф рабиъилахири санати сабъа ва самонина ва миатайн (287/IV.900). Тувуффия ал-амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад лайлат-ус-суласоъ ли арбаъа ашрата лайлатин халат мин сафари санати хамса ва тисъина ва миатайн (295/11.907) (2). Ва ӯро осори ситуда буд. Ҳар рӯз, ки борону барф омадӣ, соботе буд

PDF Compressor Free Version

бар дари саройи вай ба Бухоро. Он ҷо бар дӯкон биншастӣ аз ду тарафи рӯз. Гуфтӣ: «Ғарибе дарвешро коре бошад дар чунин рӯз, дар гӯшаи корвонсарой бе барг бимонад. Набояд, ки маро дуои бад гӯяд». Ва баъд аз вай подшоҳӣ ба писари ӯ омад—амир Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил. Ва ӯро «амири шаҳид» гуфтанд, ки гуломон ӯро бикуштанд фи лайлат-ил-хамиси ли-сабъин бақина мин ҷумодиюлахирати санати ихдо ва салосумиа (301/1.914) (3). Ва баъд аз вай подшоҳӣ ба писари ӯ омад—амир Абулҳасан Наср ибни Аҳмади сонӣ. Ва ӯро «амири карим» хонданд. Ва мулки ӯ сӣ сол буд. Ва мота лайлата-л-хамиси ли салоса бақина мин раҷаби санати ихдо ва салосина ва салосумиа (331/IV—943) (4). Ва баъд аз вай подшоҳ фарзанди вай буд — амири ҳамид малики машриқ Нӯҳ ибни Наср. Ва работи Анқараи Сарахс бар як манзилии Сарахс ӯ бино кардааст аз моли ҳалол. Ва бар он ҷо набишта:

**Ин осарано тадуллу алайно,**
**Фанзур баъдано ила-л-осори (5)**

Тувуффия фи шаҳри рабиилахири санати салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/VIII.954) (6). Ва баъд аз вай подшоҳӣ ба амир Абдулмалик ибни Нӯҳ омад. Ва баъд аз вай амир Мансур ибни Нӯҳ буд. Ва баъд аз вай амир Нӯҳ ибни Мансур буд, тувуффия фи раҷаби санати сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VIII.997) (7). Ва баъд аз вай подшоҳ амири разӣ Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ буд. Ӯро гуломи ӯ—Бектузун банд кард ва мил кашид. Ва баъд аз вай бародари вай буд подшоҳ—амир Абдулмалик ибни Нӯҳ. Ва муддати мулки ӯ ҳашт моҳу ҳафдаҳ рӯз буд. Ва Эликхон Ҳорун ибни Мӯсо ӯро бигирифт (8). Ва малик Мунтасир Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ аз зиндони Эликхон бигрехт. Ва лашкар бар вай гирд омаданд ва хафт сол метохт аз Фарғона ба Рай ва аз Рай ба Фарғона. Навбате ҳо ба ноҳияти Байҳақ расид ва ин ҷо мақом кард. Ва Маҳмуд ин вақт амири Хуросон буд аз дасти Сомониён. Ва лақаби ӯ «Сайфуддавла» буд. Ҳар куҷо, ки Мунтасир

PDF Compressor Free Version

расидӣ, ҳамгинон ӯро тоат доштандӣ ва хутбаву сикка ба номи ӯ будӣ. (Ва) чун бигзаштӣ, ҳукм бигардидӣ. Ва амир Абдулмалик ибни Нӯҳ кушта омад бар дасти Эликхон фи рамазон санати тисъа ва самонина ва салосумиа (389/VIII. 999) (9). Ва кори Мунтасир афтону хезон буд, то ки атроки Ғуз аз вай баргаштанд. Ва ӯ бо сесад ғулом аз хавоси хеш бимонд бар лаби Ҷайҳун дар манзилгоҳи Кӯрмуши арабӣ ва ҳува Холид ибни Наҳиб (10) аз аъроби Сарахс аз Банӣ Иҷл ба ғадр кушта омад. Ва ӯро дар деҳи Моймурғ (11) дафн карданд. Ва султон Маҳмуд агарчӣ толиби мулк буд, фармуд, то он аъробиро бикуштанд ва он қабиларо бисӯхтанд, то раоё бар қатли мулук далерӣ нанамоянд. Ва ин воқеа буд фи рабиъилаввали санати хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII.1004) (12).

PDF Compressor Free Version

БАҲОУДДИН МУҲАММАД ИБНИ ҲАСАН
ИБНИ ИСФАНДИЁР

# Таърихи Табаристон

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Роҷеъ ба рӯзгор ва таълифоти Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр маълумоти мабсуте дар даст нест. Фақат ин нукта рӯшан аст, ки Ибни Исфандиёр аз ҷумлаи адибон ва муаррихони охири асри XII ва оғози асри XIII буда, чанде дар дарбори ҳокимони сулолаи Бовандиёни Мозандарон хидмат гузоридааст. Муаллиф дар «Таърихи Табаристон» аз накӯкорӣ ва хайрхоҳии ҳокими Мозандарон Ҳисомуддавлаи Ардашер, ки солҳои 1171—1172/1205—1206 салтанат дошт, ёдовар шудааст. Баъдан Ибни Исфандиёр ба Бағдод сафар кард ва аз он ҷо ба Рай бозгашт. Ӯ ҳангоми иқомат дар Рай авроқи парешони рисолаи арабии Алӣ ибни Муҳаммади Яздодиро пайдо намуд, ки аз фармондории подшоҳи Табаристон — Гавбар ҳикоят мекард. Чанде нагузашт, ки Ибни Исфандиёр дар дӯкони китобфурӯшии Хоразм як номаи паҳлавиро, ки мӯбади мӯбадон Тансар ба ҳокими Табаристон Юснафшоҳ ирсол дошта буд, дар тарҷумаи арабии Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба даст овард. Ин ду рисоларо Ибни Исфандиёр тарҷума карда, ба «Таърихи Табаристон», ки соли таълифи онро 1216—1217 донистаанд, ворид кардааст.

«Таърихи Табаристон» шарҳи воқеотро ба тариқи мухтасар аз аҳди қадим то замони зиндагии нигоранда фаро гирифта, ба чор бахш ҷудо гардидааст: 1. Оғози таърихи Табаристон; 2. Таърихи Зиёриёну Бувайҳиён; 3. Таърихи Ғазнавиёну Салҷуқиён; 4. Таърихи Оли Баванд то охири салтанати эшон. Баъдтар муаллифи номаълуме рисолаи мазкурро идома дода, шарҳи воқеотро то соли 1349 расонидааст.

Соли 1366/1987 Аббос Иқбол матни «Таърихи Табаристон»-ро бо тасҳеҳ ва қиёсу муқобалаи нусхаҳо дар Теҳрон ба табъ расонид. Пораҳои ин китоб ба забонҳои инглисӣ, фаронсавӣ ва русӣ тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version


## ЗИКРИ ОЛИ БӮЯ ВА ХУРУҶИ ЭШОН АЗ ДАЙЛАМОН ВА ТАБАРИСТОН ВА ШАРҲИ ҚАБИЛАЮ НАСАБИ ЭШОН, КИ ШЕРЗИЛВАНД (1) БУДАНД

...Овардаанд, ки Нӯҳ ибни Мансур — султони Бухоро чун Утбӣ ба ҳаҷ мешуд, бар дасти ӯ ҳадоёву туҳаф фиристод ба ҳазрати ӯ, аз он ҷумла понсадто ҷомаи бузург буд муаллам, алқоби Нӯҳ бар он ҷо навишта. Азудуддавла аз он алқоб дар тира шуд ва рӯй ба Утбӣ карду гуфт: «Санаҷаъалу қабла авдика мин ваҷҳика савоҳила Ҷайҳуна маротиба лил-ҷаҳофили ва мароказа лил-қано вал-қанобили» (2)...

## РАФТАНИ МУҲАММАДИ ЗАЙД БА РАЙ ВА ВОҚЕОТИ РОФЕЪ БО Ӯ ВА ЛАШКАР ОВАРДАН БА ТАБАРИСТОН

Дар шаҳри рабеъулаввали санаи иснайни ва сабъина ва миатайн (272/VIII, 885) дар Рай турке буд, Асотекин гуфтанд. Муҳаммади Зайдро ҳавас афтод, ки ба Рай шавад. Аз Гургон ба Домғон рафт ва аз он ҷо ба Симнон. Рӯзе ду нузул кард ва ба Х(в)ор шуд (3) ва бо Фардоди Бӯхаровон наздики Рай лашкари Ироқ масоф дода истода буданд. Чун бар ҳамдигар кӯфтанд, лашкари Муҳаммади Зайд шикаста омаданд ва ӯ ба ҳазимат бо Лорҷон афтод ва хуросониён бар Хуросон шуданд. Чун ба Омул расид намуданд, азимати Гургон дорад. Ночор Муҳаммади Зайд кӯч кард ва ба Дайламон фиристод, то мадад оваранд. Чун ба Тамиша рафт, хабар афтод, ки Рофеъ ба Гургон омада. Ӯ низ мақом кард ба Ҳисори Тамиша мунтазири Даёлам. Дар ҳамон муддат ба сабаби фитна, ки дар Хуросон зоҳир шуда буд, Рофеъ бо Нишопур шуд ва

PDF Compressor Free Version

Муҳаммади Зайд ба Гургон ва моҳе чанд он ҷо бимонд то санаи салоса ва сабъина ва миатайн (273/886—887) ба Омул омад ва суннати фарзанди хеш—Зайд ибни Муҳаммади Зайд фармуд. Ва ба вилоят аҳд падид овард ва бар манобир ва дароҳим номи ӯ бо номи хеш мулҳақ гардонид.

Чун Рофеъ ба Хуросон расид, фитнаҳо нишаста буд. Хилофе, ки миёни писарони Нӯҳ — Наср ва Исмоил буд, ба мувофақат анҷомид. Ва Рофеъро дар солҳои гузашта бо аҳли Хоразм масофҳо рафта буд, дигарбора он ҷо рафт ва даҳ ҳазор мардро аз Хоразм бо Нишобур овард.

## ГИРИФТАНИ РОФЕЪ ИСФАҲБАДИ МАЛИКУЛҶИБОЛ—РУСТАМ ИБНИ ҚОРУНРО

Рофеъ дар ин вақт пеши исфаҳбад Рустам фиристод, ки ман бо Муҳаммади Зайд ин аҳд на аз ихлос кардам ва бар сари ҳамон хилофам. Исфаҳбад, чун эшон ба муҳодана машғул буданд, Амр ибни Лайсро намуда буд, ки Рофеъву Муҳаммад мувофақат карданд ва маро судоъ хоҳанд дод ва хештан бар Амр баста, то чун дигар набишта ва мӯътамади Рофеъ расид ва он чи намуда буд, ӯро ҳақиқат шуд. Пеши Рофеъ омад ба Астаробод. Ба ҷиҳати ӯ хони ниҳод ва такаллуф фармуд. Ва чун фориғ шуданд, ба машварат биншастанд холӣ, то чаҳор пора банд оварданд ва бар пои Исфаҳбад ниҳод ва ӯро баргирифт, ба Кӯҳистони ӯ бурд, ҷумла молу чаҳорпою вадоиеъи ӯ ва мутаалиқон ба шиканҷа ҳосил кард ва вилояти ӯ ба Абӯнасри Табарӣ супурд ва азобу уқубат музоаф фармуд. Дар моҳи рамазони санаи исnина ва самонина ва миатайн (282/Х. 895) фармон ёфт ба банд. Ва Муҳаммади Зайд лашкари Рофеъро дар он сол нафақа дод, то Рофеъ шиори алам сапед гардонид ва ба ҷумлаи Гургону Деҳистону Ҷоҷарм ба ҷиҳати ӯ байъат гирифт ва аз моли Исфаҳбад Рустам Муҳаммадро насиб кард. Муҳаммади Зайд аз Омул ба Сорӣ омад ва Муҳаммад ибни Ваҳсудон ва Алӣ ибни Сурхоб бо ӯ буданд. Миёни эшон хусумат афтод.

PDF Compressor Free Version

Муҳаммади Ваҳсудон тане чандро аз они Алии Сурхоб бикушт. Ӯ бо Килурҷон шуд ва овоз афтод, ки халъи тоат кард. Алӣ ибни Сурхоб пеши Муҳаммади Зайд фиристод, ки ман дар байъату тоатам, аммо Муҳаммади Ваҳсудон хасми ман аст. Бо ӯ як ҷой нахоҳам буд ва оби Сорӣ маро ба тобистон созгор нест. Ва Рофеъ низ дар ин вақт намуд, ки ман ба ҳарби Амр ибни Лайс меравам, аз савора сутӯҳам, ки бисёранд, маро пиёда мададе фармояд, Муҳаммади Зайд роҳи Гургон пеш гирифт ва овоза дод, ки ба мадад меоям. Ва оҳиста мерафт, то Рофеъ кӯч карду бигзашт. Ба Нишобур мусодиф афтод. Амр ӯро бишкаст ва мардум аз ӯ баргардиданд ва ба Амр пайваста. Ӯ рӯй ба Хоразм ниҳод. Ва аҳли Хоразм ба зулме, ки ӯ ба аҳди Сомониён карда буд, бар ӯ кинавар буданд, ба гавго ӯро гирифтанду сар бардошта пеши Амр ибни Лайс фиристода. Ва ӯ пеши Мӯътазиди халифа равона кард. Ва баъд аз ин вақоеъ ҷумлаи Табаристон—аз Гургон то охири Гелон—Муҳаммади Зайдро мусаллам шуд.

Ва дар санаи сабъа ва самонина (287/900) хабар расид, ки Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ Амри Лайсро бигирифту бикушт. Саййид ба куллӣ аз ҳамаи ҷавониб фориғ буд ва овозаи ҳиммату муруввват ва илму саховат ва амонату вафои ӯ ба олам мунташир гашт. Ва аз Арабу Аҷаму Руму Ҳинд мулуку акобир бар мувофақату мувоҳоти ӯ рағбат намуданд ва ақлу суботу фазлу баракоти ӯ достон шуд, то айнулкамол роҳ ёфт, казока кусуф-ул-бадри инда тамомиҳи (4).

## САБАБИ ШАҲОДАТИ МУҲАММАДИ ЗАЙД БА ҲАРБИ МУҲАММАД ИБНИ ҲОРУН

Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ Муҳаммад ибни Ҳорунро бо лашкаре ороста ба Табаристон фиристод ва Саййид дар мақоми ғурур ба охири пояи нардбон расида буд. Таҳаввуру тезӣ карду ба пеши он лашкар бозшуд ва ҳар чӣ Муҳаммади Ҳорун оҳистагӣ фармуд, ӯ таъҷил кард. Эъти-

PDF Compressor Free Version

мод бар ҳавлу қуввати хеш зиёдат намуд, ки бист ҳазор мард бо ӯ буд. Сари ӯ баргирифтанд ва бист ҳазор мард мунҳазим шуда. Ва писари ӯ Абулҳусайни Зайд ибни Муҳаммадро гирифтанд ва бо сари ӯ рӯзи одина, панҷуми шавволи санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/Х. 900) ба Бухоро фиристода ва тани ӯ ба Гургон бесар мадфун аст, маъруф ба «Гӯри Доъӣ». Ва муддати мулки ӯ шонздаҳ сол буд. Ва писари ӯ Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд сайийиде фозилу бузургвору олим буд ва муддате ба Бухоро дар банди Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ бимонд.

Ва ҳам аз банди Бухоро ба Табаристон ба дӯстон менависад (5).

Ин байтҳо бар Исмоили Сомонӣ арз карданд. Бар ӯ бахшоиш оварду банд барфармуд гирифт ва пеши хеш хонд. Биншонду гуфт: «Ихтиёр туро́ст, агар хоҳӣ, бо Табаристон шав, ва агар хоҳӣ, ин ҷо бош». Гуфт: «Аҳволи Табаристон аз он тағйир гирифт, ки он ҷо тавонам шуд, ҳам ин ҷо авлотар». Духтари Ҳамуя ибни Алиро бихост ва то охири умр ба Бухоро бимонд. Ва хокаш он ҷост. Ва аз ӯ се фарзанд дар шаҷараи «Ансоби толибия» мазкуру мастур аст: Абӯалӣ Исмоил ибни Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд авлодиҳи би Бухоро (ва Абӯабдулло Муҳаммад Ар-Ризо ақабиҳи би Бағдод ва артақиҳи) ва Абӯмуҳаммад ал-Ҳасан ибни Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд...

## АҲВОЛИ МУҲАММАД ИБНИ ҲОРУН ВА ПОДШОҲИИ ИСМОИЛ АҲМАДИ СОМОНӢ

Чун Муҳаммади Ҳорун аз Гургон фориғ шуд, рӯй ба Сориву Омул ниҳод. Рӯзи одина, тири моҳи меҳри (6) санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900) ба Омул расид ва як солу шаш моҳ подшоҳӣ кард, то ҷумлаи Хуросон Исмоил ибни Аҳмадро мусаллам шуд. Ба Табаристон омад. Муҳаммад ибни Ҳорун дар ӯ исён кард. Бо Дайламон рафт. Ва ӯ ба Омул ба саҳрои Лайконӣ ба мавзее, ки Ишилодашт гӯянд, лашкаргоҳ сохт ва адлу ин-

PDF Compressor Free Version


соф ба ҷое расонид, ки ҳаргиз аҳли Табаристон ба ҳеҷ аҳд надида буданд ва на аз аслоф шунида. Ва ҷумлаи амлоки қадими маорифи Табаристон, ки аз муддати панҷоҳ сол содоту дигарон бо тасарруф гирифта буданд, бо худовандони ҳақ дод...

...Мардуми Табаристонро дилу ҷон бар муҳаббату маваддату валои Исмоил мавқуф шуд, то саййид Носири Кабир Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ ба Гелону Дайламон хуруҷ карду гуфт: «Саъри Доиюлҳақ Муҳаммад ибни Зайд хоҳам хост». Халоиқе анбӯҳ бар ӯ гирд омаданд ва рӯй ба Омул ниҳода. Исмоил фарзанди хеш — Аҳмад ибни Исмоилро бо ибни амм — Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нуҳи Абулаббос ба масоф фиристод. Ва мардуми Омул ба куллӣ бад-ӯ рӯй доданд, то ба мавзее, ки Фалос гӯянд, ба ҳам расиданд. Ва даёлимро шикаставу ду ҳазор мардро аз эшон кушта ва аз он ҷумла падари Мокони Кокӣ буд ва падари Ҳасани Фирӯзон, ки мулуки Гелу Дайлам буданд...

...Ва чун ин фатҳу нусрат падид омаду даёлим молише бале ёфтанд, вилояти Табаристон ҷумла бо ибни амми хеш — Абулаббоси Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳ ибни Асад супурд. Ва ӯ марде буд боақлу киёсат ва фазлу дирософ ва сирати ҳасана. Мардум бо ӯ ором гирифтанду осоише, ки ҳаргиз надиданд, ёфтанд...

...Исмоил чун вилоят бад-ӯ супурд, ба талаби Муҳаммад ибни Ҳорун ба Ироқ рафт. Ба Симнон хабар ёфт, ки Мӯътазиди халифа даргузашт, то ба Рай лашкар кашид. Муҳаммади Ҳорун ба Ҷастони Ваҳсудон пайваст ба замини Дайлам ва бар саййид Абӯмуҳаммади Ҳасан ибни Алӣ ан-Носир ал-Кабир байъат кард ва шарҳи насаби ӯ пештар рафт. Ва Ҷастони Ваҳсудон аз абнои даъвати ӯ буд, дар санаи тисъина ва миатайн (290/902—903) азимати истихлоси Табаристон мусаммам гардониданд. Абдуллоҳ ибни Нӯҳ исфаҳбад Шаҳриёр ибни Бодусбон ва маликулҷибол исфаҳбад Шарвин ибни Рустамро ва бародарзодаи ӯ — Абарвиз соҳиби Лорҷонро бо ҳашами эшон бихонд ва ба Бухоро пеши Исмоил нома набишт, то мадад фиристад. Муҳаммад ибни Ҳорун бо Носиру Ҷастони Ваҳсудон (рӯзи) ҳурмузди

PDF Compressor Free Version



баҳмани (7) санаи тисъина (290/902—903) ба Таманҷода расид, ба саҳрое, ки маъруф аст ба Гозур, фуруд омад. Чиҳил рӯз ҳарб буд. Мардуми Омул битарсиданд ва фарзандону матоъ бо рустоқҳо фиристоданд. Рӯзи чаҳоршанбе ҳазимат бар мардуми писари Нӯҳ афтод, чунон ки ҳазимате то ба Мамтир расиданд. Писари Нӯҳ бо Исфаҳбад, Шаҳриёру Гӯкиёни Дайлами ваҷой (8) ба ҷумлаи хештан ба қалби Муҳаммад ибни Ҳорун расониданд. Ӯ пой аз рикоб гирифта, бар гардани асб ниҳода буд, яъне ки масоф шикастам. Писари Нӯҳ даст ба сару мӯй фуруд оварда, яъне ки то сари ман бар тан бошад, ту Табаристон натавонӣ бурд. Ва баъд он ҳамла лашкари Муҳаммади Ҳорун мунҳазим шуданд ва то Анӯшдодон дар ба дунбол дошта мекуштанд. Ва амир Исмоил писари хеш — Аҳмадро ба мадади Абдуллоҳи Нӯҳ фиристода буд. Дар роҳ таҳовун намуд. Ва муроди ӯ он буд, то писари Нӯҳ шикаста шавад. Чун ба Астаробод расид, хабари нусрат бишнид. Ба таъҷил биёмаду писари Нӯҳ шикояти ӯ (ба Исмоил) намуду набишта буд. Рӯзе ба Омул ба шаробу нишоти шикор машғул буд. Фармон бад-ӯ расид, ки бозгардад, бо Бухоро ояд. Чун ба хидмати падар расид, ӯро ҷафо кард ва дашном доду гуфт: «Даъво карда бошӣ, агар Табаристон аз даст бишавад, Бухороро чӣ халал? Намедонӣ, ки агар чунин бошад, мо ба Бухоро ба мабраз эмин натавонем буд». Ва Абулаббос баъд аз ин масоф ба Рай рафту ба ҳоҷиби хеш — Порас ном, ки волии Гургон буд, набиштаву насиҳат фиристод, ки ҳушёр бошад ва то рӯзи марги Муҳаммад ибни Ҳорун дунболи ӯ дорад. Порас набишта ба Бухоро фиристод ва ба Исмоил набишт, то нишону аламу аломати хос ва ангуштарии хеш бифиристад. Ва Муҳаммад ибни Ҳорун дигарбора лашкар баргирифт, ба Омул омада буд. Порас овоза дарафганд, ки Исмоил омада. Ва бо аламу нишони ӯ аз Гургон ба Омул расид ва рӯзи масоф мардеро либоси Исмоил пӯшида дар қалб дошт бо ғуломони ӯ. Ва ӯ теғе дар миён баст бе зиреҳу силоҳ. Дигарбора ғулом пеши Муҳаммад ибни Ҳоруни омаду гуфт: «Эй мард, ту девона шуда биёмадӣ, дар

PDF Compressor Free Version


рӯи махдуми худ теғ кашида. То ҷаҳон аст, ин маънӣ касе накарда. Маро бо ангуштарии хеш пеши ту фиристод, мегӯяд: дар амони манӣ, савгандҳо хӯрд, ки афв кунам ва вилоят ба ту супорам ва ба Хуросон нон падид орам». Муҳаммади Ҳорун ангуштарӣ диду аломату нишон, дар тира шуд. Лашкари хешро гуфт: «Шумо ҳам бар ҷой қарор гиред ва, албатта, ҳаракат накунед». Порасро гуфт: «Дар пеш бош, то наздики махдум равем». Порас ӯро овард, то ба қалби лашкари хеш ва дарҳол аз асб фуруд андохту чаҳор пора банд барниҳод. Ва ҳам барфавр гусел кард ва бар асари ӯ кӯч фармуд. Лашкари Муҳаммад ибни Ҳорун баъзе ба Порас пайвастанд ва баъзе то Бағдод бирасиданд ва мобақӣ ба Табаристон мақом сохтанд. Ва ӯро шабонарӯз медавониданд, то ба Бухоро пеши Исмоил burданд. Фармуд, то ҳамчунон гирди шаҳр бигардонанд ва баъд аз он дар хонае карданд ва деворҳо бароварда, то аз гуруснагиву ташнагӣ ҳалок шуд. Ва Абулаббос — писари Нӯҳ ҳам дар он муддат бо Табаристон расид ва аз Гургон то Гелон ба ҳукми ӯ бимонд...

...Ва дар муддати ҳаёти Исмоил ибни Аҳмад ба Бухоро Абулаббоси Абдуллоҳ ибни Нӯҳ ба Табаристон подшоҳ буд, то Исмоилро фармони ҳақ даррасид ва ба макони ӯ писари ӯ — Аҳмад ибни Исмоил биншаст ба санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/907—908). Баъди ду солу анд моҳ ба сабаби икроҳе, ки бо Абулаббос дошт, ӯро маъзул кард. Ва санаи сабъа ва тисъина (297/909—910). Саллом ном туркеро ба вилояти Табаристон падид овард. Ва ҷумлаи умарои падар аз ӯ мустазид шуданд. Чун Абӯсолеҳи Мансур ва Порас хостанд бар Абулаббос байъат кунанд ва пеши ӯ номаву пайғом фиристоданд, хост аз Табаристон ба Гургон шавад, наздики Порас. Ҳурмузди Кома — соҳиби Тамиша ва Рустам ибни Қорун ва Исфаҳбад Шаҳриёр роҳи ӯ бигрифтанду боздоштанд. Ба Омул омаду ба роҳи Каҷв ва Рӯён азм кард, ки ба Рай шавад, исфаҳбад Шаҳриёр ба деҳи Анҷир наздик омада, бад-ӯ расиду насиҳат кард, ки иеён муборак набошад ва ҷуз оворагӣ набувад. Подшоҳ бар сари шафқат ояд ва пушаймон

гардад. Дар ин сӯхан буданд, ки Муҳаммад ибни Ҳаҷар ба рисолат аз пеши Аҳмад ибни Исмоил расид ва ташрифу истимолат овард. Ва ба диле қавиву амале фасеҳ рӯй ба Бухоро ниҳод. Ва бузургону асҳоби раъйи давлати Сомониён гуфтанд: «Албатта, ӯро тааррӯз набояд расонид ва мартаба зиёдат гардонид». Ва сӣ ҳазор савор бад-ӯ дода, ба Ироқ фиристод. Дар ҷумодиюлаввали санаи сабъа ва тисъина ва миатайн (297/1.910) Салломи турк ба Омул расид рӯзи аштод мин моҳи озари қадим... (9)

...Дар ин сол шонздаҳ пора киштӣ ба дарё падид омад аз они русон ва ба Обаскун шуд, ки ба аҳди Ҳасани Зайди Алавӣ русон ба Обаскун омада буданд ва ҳарб карда. Ҳасани Зайд лашкар фиристодаву ҷумларо кушта. Дар ин вақт Обаскун ва савоҳили дарё бад-он тараф хароб карда ва ба тороҷ дода буданд. Ва бисёр мусалмононро куштаву ба ғорат бурда. Абӯзарғом Аҳмад ибни ал-Қасм волии Сорӣ буд. Ин ҳол ба Абулаббос набишт. Мадад фиристод ва рус ба Анҷила(?), ки ба аҳди мо Кола мегӯянд (10), фурӯ омада буданд. Шабехун ба сари эшон бурд ва бисёреро бикушту асир гирифт ва ба навоҳии Табаристон фиристод. То соли дигар русон бо ададӣ анбӯҳ биёмаданд ва Сориву навоҳӣ панҷоҳ ҳазор сӯхтаву халоиқро асир бурда ва ба таъҷил бо дарё рафта ва то ба ҳадди Ҷашмруд ба Дайламон расида. Ва баъзе берун рафтаву баъзе ба дарё буда. Гелон ба шаб ба канори дарё омаданд ва киштиҳо сӯхта ва он ҷамоатро, ки берун буданд, кушта ва дигарон, ки ба дарё буданд, гурехта. Шарвоншоҳи подшоҳ аз ин ҳол хабар ёфта буд, ба дарё камин фармуд ва то охири эшон якеро зинда нагзошт. Ва тараддуди русон аз ин тараф мунқатеъ шуд. Дар моҳи сафари охири санаи самон ва тисъина ва миатайн (298/Х. 910) Абулаббос ибни Нӯҳ аз дунё реҳлат кард ва хабари вафот ба Бухоро расид. Муҳаммади Саълук ба Рай волӣ буд. Вад-ӯ мисол фармуд, то ба Табаристон шавад. Вазири хеш —Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамиро аз Бухоро гусел кард, то забти Табаристон фармояд. Муҳаммад ибни (Иброҳими) Саълук бо лашкаре бисёр ба нимфарсангии

PDF Compressor Free Version

Омул ба мавзее, ки Бошир мегӯянд, фурӯ омад, то Балъамӣ бад-ӯ расид. Ва Муҳаммад ибни ал-Ясаъ бо эшон буд. Мулк бар Саълук қарор гирифту ҷамоат бозгаштанд. Ва саййид Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ ан-Носир ал-Кабир дар ин солҳо ба Гелон ба иҷтиҳод машғул буд...

## ХУРУҶИ САЙЙИД НОСИРИ КАБИР

Чун Балъамӣ бозгашт ва Муҳаммади Саълук ба Омул монд, аҳли Наҷму Мазур ва ҷумлаи Гелу Дайлам пеши Носири Кабир ҷамъ омаданд. Писари хеш—Абулҳусайни Аҳмадро ба Руён фиристод. Ва Майҳам, гуфтанд омиле буд аз они Сомониён, берун карданд. Ва Носири Кабир ба Калор рафт. Исфаҳбади Калор Муҳаммад ибни Ҳасан бар ӯ байъат кард ва аз он ҷо бо Куршед шуду бо Фардод ба Чолус рафт. Ва ибни амми хеш—Ҳасан ибни Қасмро ба муқаддимаи лашкар фиристод, то Чолус мустахлас кунад. Муҳаммади Саълук бо понздаҳ ҳазор мард ба мавзее, ки Бӯробод гӯянд, омада буд. Чун Носир бирасид, масоф доданд ва Ҳасан ибни Қасм он рӯз масофоройи лашкар буд. Саълукро мунҳазим гардонид ва халқе бисёрро аз асҳоби ӯ ба қатл оварданд рӯзи якшанбеи ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/01.914). Ва бо Фардод ба Чолус рафт ва Абулвафо—халифаи Ибни Нӯхро, ки дар он ҳисор буд, гирифта. Ва ҷумлаи хуросониёнро кушта ва ҳисор бо замин рост гардонид, чунон ки асар падид набуд. Ва Муҳаммади Саълук он шаб ними шаб ба Омул расид. Ба Моликадашт фурӯ омад, то субҳ дамид, барнишаст, бо Сорӣ шуд. Ва аз Сорӣ бо Гургон ва аз он ҷо бо Рай афтод. Ва саййид Носири Кабир Ҳасан ибни Алӣ баъди ду рӯз ба Омул хиромид ва ба сарои Ҳасани Зайд фурӯ омад. Ва чунон ки аз фазлу илм (д.в.р.айн) (11) ӯ сазид, бо халоиқ адлу отифат пеш гирифт, гуноҳҳо афв фармуду байъати аҳли Омулу навоҳӣ бистад...

## ЗИКРИ ХИЛОФИ ИСФАХБАД ШАҲРИЕР БО НОСИР ВА ОМАДАНИ ЛАШКАР АЗ БУХОРО БА ДАФЪИ НОСИР

Ва чун кори Носир ба Омул мустақим шуд, Абдуллоҳ ибни Ҳасани Ақиқӣ ба Сорӣ аламҳо сапед карду мардумро бо даъват хонд. Ва бо ҳашаме бисёр ба хидмати Носир омад ва ба расидани ӯ Носирро истизҳор афзуд. Фавҷе аз Гелу Дайлам бад-ӯ дод ва ба ҳарби исфаҳбад Шаҳриёр фиристод. Чун ба Арм расид, Шаҳриёр бо Куло шуд ва камин кард. Ақиқӣ ба дунболи ӯ мешуд, то дар камин афтод. Аввалин кушта Ақиқӣ буд, дигарон бигрехтанд. Исфаҳбад Шаҳриёр сари ӯ пеши Саълук фиристод. Чун хабари ғалабаи Носир ба Бухоро расид, Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Узайрро ба Табаристон фиристод. Чиҳил рӯз мақом кард. Носир ӯро битохту ҷумлаи Табаристон—дашту кӯҳ ба тасарруф гирифт ва хост хироҷ бардорад ва даҳяк аз ҳама бистонад. Мардум тазаллум карданд, ба ҳамон қарори қадим бигзошт. Ва Аҳмад ибни Исмоил ба Туркистон фиристода, даҳ ҳазор савор мадад хоста бо сӣ ҳазор мард, ки ӯро буд, ба ҷумлаи чиҳил ҳазор ҳашам баргирифт ва ният кард, ки хоки Табаристон бо Бухоро барад. Чун ду манзил аз Бухоро биёмад, ғуломон нимшаб ба хобгоҳ сари ӯ бибуриданд. Ва ин ҳол чунон буд, ки ӯро вазире буд — Абулҳасани Деҳқон гуфтанд. Ва моли муъомилонро ҳаволат бад-ӯ буд. Ришватҳо гирифтиву хиёнатҳо раво доштӣ. Рӯзе ӯро бихонду гуфт: ришват ситадан ба тарк гӯяду даст аз хиёнат боздорад. Ва ӯ аҳд кард, ки «баъд аз ин чунин кунам». Аҳмад ибни Исмоил гуфт: «Агар вафо дар дил дорӣ, даст бар сари ман нех, савганд бихӯр». Вазир даст бар сари ӯ ниҳоду савганд бихӯрд, то подшоҳро маълум шуд, ки он аҳдро вафо накард ва ришват бистад. Ӯро бихонду гуфт: «Раво чӣ гуна шояд дошт, ки чунон савганде бишканиву мурувват ботил гардонӣ?» Ҳеҷ ҷавоб надод ва бо хиҷолату маломат берун омад ва андешид, ки «ӯ ҳар ойина ӯро халок хоҳад кард, тадбири ҳилат бояд сохт ва агар тағофул кунам, нест шавам». Чаҳор нафар ғуломро

PDF Compressor Free Version

ба даст овард ва ҳашт ҳазор динори зар бад—эшон дод. Ҳар якеро ду ҳазор. Ва фармуд, ки подшоҳро ба фатк бикушанд. Қазоро он шаб фурсат ёфтанд. Ходиме хасӣ ва ғуломе турк бо подшоҳ хуфта буданд. Ҳар серо бикуштанд ва берун омада, бар асбон нишаста, бигрехтанд. Бомдод чун подшоҳро кушта ёфтанд, дар ин тафаҳҳус афтоданд. Маълуми эшон шуд, ки чаҳор нафар ғулом бигрехтанд. Аз ҷавониб ба талаб фиристоданд. Ба чаҳор фарсангӣ биёфтанду гирифта оварда, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бо Мамарр (?) ва Ҳамуяву дигар акобир аз ғуломон пурсиданд, ки «шуморо бад-ин далерӣ кадом кас дошт?» Гуфтанд: «Моро Деҳқони вазир фармуд». Он чаҳор нафар ғуломро ба шерон андохтанд, то бихӯрданд. Ва вазири Деҳқонро ҳар рӯз сад дирамсанг гӯшт аз андоми ӯ мебуриданд ва бад-ӯ медоданд, то хӯрад, чандон ки дар ин уқубат ҷонаш баромад. Ва ин хабар пеши ал-Муқтадир Биллоҳ халифа набиштанд. Вилоят бо писари ӯ—Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил фармуд дод. Ҳурмузди Комаву Шарвин ибни Рустам касони хеш ба Бухоро фиристоданд. Ва Наср ибни Аҳмад Илёс ибни Ясаъи Суғдиро бо даҳ ҳазор мард ба Табаристон фиристод. Ба Тамиша омаданд. Ва Абулқосим Ҷаъфар ибни Ҳасан ибни Алии Носир ба Сорӣ буд ва ҳазор мард дошт. Иморати хандақи Сорӣ бифармуд ва пеши падар ҳоли лашкари сомонӣ набишт. Абулҳусайн Аҳмад ибни Носир ба Гелону Дайламон рафт бо молҳои бисёр ва ҳашамро зару нафақот медод ва гусел мекард. Ва исфаҳбад Абӯабдуллоҳи Шаҳриёр болои Сорӣ ба Бунёбод буд, лашкаргоҳ кард. Ҳанӯз аламу нишони сиёҳ дошт, аммо мардуми хешро пеши саййид Булқасем (12) фиристод. Чун Илёс ибни Ясаъ ба Сорӣ расид, саййид Абулқосими Носир масоф дод ва дар он рӯз чандон шуҷоат намуд, ки ба аҳди ӯ касе надида буд. Ва он ҳарб миёни эшон қоим монд. Ӯро аз Сорӣ барнатвонистанд дошт. Оқибат ба қарори сулҳ бозгаштанд ва Табаристон бар Носири Кабир қарор гирифт. Ва мардум ба салоҳ ва ҳусни сирати ӯ осуда монданд. Ва исфаҳбади малиқулҷибол Шарвин бо Носир сулҳ карду Ҳурмузди Кома бо

PDF Compressor Free Version

Астаробод шуд. Ва ҳамагӣ масолеҳи мулку аҳкоми подшоҳӣ дар амру наҳӣ бо ибни амми хеш Абӯмуҳаммади Ҳасан ибни Қосим супурду бад-ӯ бозгузошт. Ва ӯро мартаба бар фарзандони салбӣ мураҷҷаҳ гардонид, то бар ӯ ҳасад бурданд ва майли лашкару авом бо ӯ буд...

## ИЁЛАТИ ҲАСАН ИБНИ ҚОСИМ ВА ХИЛОФИ ФАРЗАНДОНИ НОСИР БО Ӯ

Фарзанд ӯ — Абулҳусайни Аҳмад ба Гелон фиристод ва Ҳасани Қосимро, ки домоди ӯ буд, биёвард (ва ба иёлат нишонд) ва ҳува Абумуҳаммад ал-Ҳасан ибн ал-Қосим ибн ал-Ҳасан ибн Алӣ ибн Абдурраҳмон ал-маъруф би Шаҷарӣ ибн ал-Қосим ибн ал-Ҳасан ибн амир Зайд ибн ал Ҳасан ас-Сабт ибн амирулмӯъминин Алӣ ибн Абӯтолиб, алайҳимусаллом, ва лақаби ӯ «ад-Доъй ила-л-ҳақ» (13) буд ва ба китоби «Ансоб-уд-Доъӣ ас-Сағир» набишта. Дувоздаҳуми рамазони санаи арбаъа ва салосумиа (304/Ⅱ. 917) ба Омул расид ва саййид Абулҳусайн Аҳмад ибни Носир подшоҳӣ бо ӯ супурд. Бародари ӯ—Абулқосим Ҷаъфар ибни Носир пеши ӯ фиристод, ки «мулки падар морост, чаро бад-ӯ медиҳӣ, макун, ки нек намекунӣ ва надидӣ ӯ бо падар чӣ кард?». Сухани бародар нашнуд ва қабул накард, то бародар ба тарки ӯ гуфт ва аз ӯ баргардид. Пеши Муҳаммади Саълук рафт, ки ба шаҳри Рай волӣ буд ва тақрир кард, ки шиору алам сиёҳ кунад ва сиккаву хутба ба номи соҳиби Хуросон фармояд ва ӯро мадад диҳад, то Табаристон аз эшон бозситонад. Ва Доъӣ Ҳасани Қосим саййиде некӯсирату одилу олим буд. Мардуми Табаристон ба ҳеҷ аҳде чандон амну рафоияти адл надиданд, ки ба айёми ӯ. Ва кифояту сиёсати ӯ бештар аз ҷумлаи содот буд. Чун Абулқосими Ҷаъфар ба Омул расид, Ҳасан ибни Қосим ад-Доъӣ бо Гелон шуд дар санаи ситта ва салосумиа (306/918—919)...

...Муддати ҳафт моҳ то ҷумодиюлохири санаи сабъа ва салосумиа (307/Х. 919) ба Омул мебуд, хироҷҳо ба истиқ-

PDF Compressor Free Version


сову зулм бистад ва қисматҳо талабид. Мардум ба аҳди ӯ ба ранҷ омаданд, то дигарбора Доъӣ Ҳасан ибни Қосим омад ва адлу инсоф, чунон ки одатшудаи ӯ буд, фармуд ва халоиқ дастҳо бардошта ба тазарруъ аз худой суботи мулк ва истиқомати давлати ӯ хостанд ва ба мусаллои Омул кӯшкҳои рафеъ фармуд ва хавоссу ҳашами ӯро мисол дод, то ҳама ба ҷиҳати хеш ба ҷавори ӯ хонаҳову манзилҳо созанд ва, албатта, ба шаҳр нузул накунанд, то сарои мусалмонон масун монад. Ва исфаҳбад Шарвин маликулҷибол ва Шаҳриёри Вандомидкӯҳ мувофақат карданду гуфтанд: «Мол ба ҳамон қарор диҳем, ки ба аҳди Ҳасани Зайд». Саййид Булҳусайн бо се ҳазор мард ба ҳарби эшон шуд — ба Кувиҷи Тошон, Шаҳриёрро бизад ва мунҳазим гардонид ва исфаҳбад Шарвин сулҳ кард ва бо пеши Булҳусайн рафт ва Абулаббос ибни Зурриёсатайн миёни Шаҳриёру Доъӣ Булҳусайн сафир (буд)...

...Ва чун Сомониён аз забти Нишобур оҷиз шуданд, Доъӣ Лайло ибни Нӯъмонро ба Нишобур фиристод ва мустахлас кард...

...Ва чун Лайло Нишобур бистад, ба Тӯс рафт, бо лашкари Сомониён масоф дод. Ӯро дар масоф бикуштанд ва лашкар ба ҳазимат бо Гургон омад. Ҷамоате аз кибори дайлим байъат карданд. Ва муоҳадат рафта бар он, ки Доъиро ба ғадр бикушанд. Яке аз он қавм пинҳон Доъиро ин ҳол бознамуд. Чун маълум шуд, бо ҳеҷ халқ ин сир ошкоро накард ва ҳам дар таъҷил ба Гургон шуд. Ва он гурӯҳ—ҳамаро бигирифту гардан бифармуд зад. Ва яке аз он ҷамоат падари Сиёҳгел (14) буд Ҳарусандон ном, ки раиси Гелон буд. Баъд аз он мардум аз Доъӣ битарсиданд ва ҳайбате аз ӯ дар дилҳо афтод, ки касеро захра набуд, ки муҳоле андеша кунад...

## ИЁЛАТИ ДОЪӢ

То Мокиро ҷамъият зиёда шуд, оҳанги ҳарби саййид Абӯҷаъфар кард. Чун ба наздики Омул расид, саййид аз ӯ бигрехт, бо Вандоди Ҳурмузкӯҳ шуд. Ӯ дар Омул омад

ва ҳолӣ мӯътамадеро пеши Доъӣ фиристод (15) ва ӯро аз Гелон ба Омул овард. Ва мардум куллӣ пеши Доъӣ омаданд ва ба вусули ӯ хушдилиҳо карданд. Ва аз Омул ӯ ва Мокон ҳар ду ба Сорӣ шуданд. Асфор аз эшон бигрехт, исфаҳбад Шарвин аз Кӯҳистон хеш карона гирифт.

Ва дар ин таърих (яъне 314/926—927 тарт.) Наср ибни Аҳмади Сомонӣ аз Бухоро ба азимати истихлоси Табаристону Ироқ бо сӣ ҳазор нафар ҳашам биёмад ва ба Кӯҳистони Табаристон расид. Абӯнаср—ноибӣ Доъӣ ба шаҳри Ёракӯҳ буд. Роҳҳо бияфканд ва Наср ибни Аҳмадро ба Кӯҳистон фурӯ гирифт, чунон ки аз ҳеҷ ваҷҳ берун натавонист шуд ва алаф бар ӯ танг гашт. Пеши Доъӣ расул фиристод, ки «маро аз ин ҷо ба ҳар мурод, ки шуморост, халос диҳед». Доъӣ Абдуллоҳ ибни Салому Абулаббоси Зурриёсатайнро пеши Наср ибни Аҳмад фиристод. Ва муҳоданаву мусолаҳа рафт ба он шарт, ки бист ҳазор динор ба Доъӣ фиристад, то ӯро роҳ гушоянд, ки бо Хуросон шавад. Чун Насри Аҳмад бо Бухоро рафт, Мокон бо Доъӣ дар булаҷабӣ омад ва тахлити ӯ Доъиро маълум шуд, ӯро бозгузошт, бо Гелон шуд ва исфаҳбад Шарвин ибни Рустам бо Доъӣ бирафт...

## ТАСАЛЛУТИ ВУШМГИР ДАР ТАБАРИСТОН ВА АҲВОЛИ ҲАСАНИ ФИРӮЗОН БО Ӯ

Вушмгир аз ин масоф ба ҳазимат ба қалъаи Лорҷон афтод, баъди даҳ рӯз бо Мусаллои Омул омад рӯзи чаҳоршанбеи бисту ҳашти рабеъулохир (яъне соли 329/II.941—тарт). Ва чун хабари куштани Мокон ба Сорӣ — ба Ҳасани Фирӯзон расид, қабиларо ҷамъ гардонид ва иттифоқ карданд бар он, ки Моконро Вушмгир ба даст боздод ва ба сари ӯ бознагардид ва хизлон раво дошт. Ин сабабро дар ӯ исён карданд, то Вушмгир Шераҷ ибни Лайлоро ба ҳарби Ҳасани Фирӯзон фиристод, ӯро аз Сорӣ берун карданд, бо Астаробод шуд. Ва Шераҷ бо Омул омад. Вушмгир лашкарро нафақот дод ва ба дунболи Ҳасани

PDF Compressor Free Version


Фирӯзон ба Астаробод шуд. Аз ӯ бигрехт, бо Ироқ афтод ва ба соҳибулҷайш пайваст, ки Ироқ гирифта буд.

Вушмгир ба Гургон рафту мақом сохт, то Ҳасани Фирӯзон соҳибулҷайшро баргирифту ба Табаристон овард. Вушмгир аз Гургон бо Сорӣ омад ба мавзее, ки Вилаҳҷӯй гӯянд. Ба ҳадди Сорӣ масоф доданд. Вушмгир субот намуду аз пеш барнахост ва муздури Гел дар он ҷанг кушта омад. Хабар афтод ҳам ба миёнаи ин хусумат, ки Наср ибни Аҳмадро вафот расид ва Нӯҳ ибни Наср ба ҷои ӯ биништаст. Соҳибулҷайш бо Вушмгир сулҳ карду бирафт ва Ҳасани Фирӯзон бо ӯ мешуд. Дар миёнаи роҳи Бухоро фурсат ёфту соҳиби ӯ Мушаввақ номро ба ғадр бикушт ва рахту буна ғорат кард. Бо Гургон омаду соҳибулҷайш ба Нӯҳ ибни Наср расид. Ва ин ҷумла дар санаи иҳдо ва салосина ва салосумиа (331/942—943) буд. Амир Вушмгир вилояти Табаристон бо Испоҳӣ ном супурда буд ва ӯ бо Рай шуда...

## АЗИМАТИ ҲАСАНИ БӮЯ НАВБАТИ ДУЮМ БА ТАБАРИСТОН ВА АҲВОЛИ ВУШМГИР БО Ӯ (16)

Рукнуддавла Ҳасани Бӯя чун аз расми азои бародар бипардохт, бо Вушмгир даровехт ва лашкари гарон ҷамъ кард ва ба Гургон омад. Вушмгир тоқати муқовамат надошт, аз ӯ бигрехт ва ба роҳи Нисою Абевард ба Марв рафт. Мансури Қаротекин аз қибали Нӯҳ волии он ҷо буд ва Муҳаммад ибни Абдурраззоқ Нишобурро ба даст гирифта буд ва бо Нӯҳ мухолафат менамуд. Мансур ва Вушмгир лашкар ба Нишобур оварда, бар сари Муҳаммад ибни Абдурраззоқ тохтанд. Муҳаммади Абдурраззоқ ба Гургон омад ва Ҳасани Фирӯзон аз қибали Ҳасани Бӯя он ҷо буд, бад-ӯ пайваст ва дар шавволи санаи сабъа ва салосина ва салосумиа (337/IV.949) Мансур ва Вушмгир ба Гургон омаданд. Муҳаммад ибни Абдурраззоқ аз эшон бигрехт ва ба Рай ба Рукнуддавла Ҳасани Бӯя пайваст ва Мансур ба Нишобур бозгашт ва вафот ёфт, то амир Нӯҳ

PDF Compressor Free Version

исфаҳсолорини Хуросон ба Абӯалӣ мусаллам кард ва ба муҳорибаи Рукнуддавла фиристод. Дар санаи исно ва арбаъина ва салосумиа (342/953—954) ба Рай омад ва Ҳасани Бӯяро дар Рай ба қалъаи Дарбандон дод, то охир мусолаҳа карданд, ки ҳарсола дувист ҳазор динор аз Рай ба Бухоро фиристад ва Абӯалӣ бозгашт. Вушмгир аз Абӯалӣ шикоят ба амир Нӯҳ навишт, ки «агар на сулҳ кардӣ, Рукнуддавларо ба даст овардӣ». То амир Нӯҳ бар Абӯалӣ ғазаб кард ва лашкар ба Абӯсаид Бакр ибни Молик дод. Абӯалӣ чун хабар ёфт, Нишобур ба даст гирифт ва бо амир Нӯҳ хилоф оғоз кард ва номи ӯ аз хутба бияфканд. Иттифоқан дар ин миён амир Нӯҳ вафот ёфт дар санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954—955) ва писари ӯ Абдулмалик ибни Нӯҳ ба ҷои ӯ биншаст.

Абӯалӣ дар Нишобур қувват гирифт ва миёни ӯ ва Рукнуддавла аҳдҳо ва мавосиқ рафт ба муонадат ва мухосамати Вушмгир. Рукнуддавла аз роҳи Вандоди Ҳурмуздкӯҳ ба Табаристон омад ва Абӯалӣ аз роҳи Шаҳриёракӯҳ. Ва дар Табаристон бо ҳам мулоқот карданд ва Рукнуддавла дар ҳаққи Абӯалӣ навозишҳо кард. Дар ин асно Абӯалиро дасти аҷал домани умр гирифт ва лашкари Хуросон, ки бо ӯ буданд, тафриқа карданд ва Ҳасани Бӯя бо Рай рафт. Ва Вушмгир бори дигар тамаккун ёфт ва муддате, ки Ҳасани Бӯя дар Ироқ ва Рай буд ва Вушмгир дар Табаристон, хусумот ва таассуб дар миён мебуд, то дар аҳди Мансур ибни Нӯҳ, ки Вушмгир таваллоҳ бад-ӯ кард ва бо Рукнуддавла Ҳасани Бӯя хусуматҳо зиёда кард. Ва амир Мансур Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯрро бо лашкари беадад ба имдоди Вушмгир фиристод. Чун ин хабар ба Рукнуддавла расид, музтариб шуд ва ба Бағдоду Форс кас фиристод ва аз Муиззуддавла-бародари хеш ва аз фарзандони Азудуддавла мадад хост ва дар санаи ситта ва хамсина ва салосумиа (356/966—967) Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯр дар зоҳири Гургон бо Вушмгир мулоқот кард.

PDF Compressor Free Version

## САБАБИ МАРГИ ВУШМГИР

Дар ин миён аз қазо рӯзе Вушмгир хост, ки савор шавад, мунаҷҷиме гуфт: «Имрӯз манҳус аст, амирро набояд барнишаст». Вушмгир боқӣ кард то намози пешин, марокибро бар ӯ арз карданд. Асбе буд дар он миён сиёҳ, бағоят некӯ, ки аз Бухоро фиристода буданд. Фармуд, то зин карданд ва савор шуд. Чун порае роҳ биронд, сухани мунаҷҷим бо ёд омад. Сахт биранҷид, бозгардид, то ба лашкаргоҳ бозояд. Аз қазо гурозе аз миёни най берун давид ва бо ӯ муқобил афтод, чунон ки шикамн асб пора кард. Вушмгир аз асб дарафтод ва аз бинию чашму гӯши ӯ хун равон шуд, то фармони ҳаққ (дар ӯ) расид, дар муҳаррами санаи сабъа ва хамсина ва салосумиа вафот кард (357/XII.967)...

## АҲВОЛИ ШАМСУЛМАОЛӢ БО ФАРЗАНДОНИ РУКНУДДАВЛА

Пас аз Рукнуддавла Азудуддавла Абӯшуҷоъ Фанохусрав ба Форс буд ва Муайййдуддавла бо ӯ ҳамроҳ, ки модари эшон ҳар ду духтари Ҳасани Фирӯзон буд, писари амми Мокон ибни Кокӣ. Ва Фахруддавла дар Ҳамадон буд, то миёни эшон хилоф зоҳир шуд. Қобус дар Табаристон тамаккун ёфт ва қувват зиёда кард. Азудуддавла ва Муайййдуддавла лашкар ҷамъ карда, ба Ҳамадон омаданд. Фахруддавларо тоқати муқовамат набуд, бигрехт ва ба роҳи Табаристон ба Шамсулмаолӣ илтиҷо кард, Шамсулмаолии Қобус мақдами ӯро азиз дошт ва эҳтироми лозим кард. Азудуддавла ва Муайййдуддавла ба Қобус фиристоданд, ки «ӯро ба мо фирист, то моли Рай яксола ба ту диҳем ва илло ҷангро омода бош». Шамсулмаолӣ ҷавоби дурушт бозлод ва тамассук ба шамшеру зӯбин кард. Азудуддавла аз курду луру арабу дайламу турк лашкари бисёр ба бародар дод ва ба Гургон фиристод. Ва Қобус аз он тараф лашкар ба Астаробод овард. Бо ҳам масоф доданд. Се рӯз ҳарб буд, то охир Қобус бигрехт ва хазоин

бардошта, бо Фахруддавла ба Нишобур шуд ва ба Тоши исфаҳсолор пайваст. Тош аҳволи ӯ ба Бухоро фиристод. Амир Нӯҳ иҷобат кард ва Тошро ба мададу муованат амр фармуд. Тош аз Нишобур лашкар ҷамъ кард ва ба Гургон омад ва Фоиқи Хоссаро ба роҳи Қумиш бифиристод. Муайййидуддавла шаҳри Гургон ҳисор гирифт ва Қобусу Тош бар дари шаҳр лашкаргоҳ карданд. Муддати ду моҳ ҷанг буд ва дар Гургон қаҳтӣ падид омад, ки як ман сабӯс ба донге зар мехариданд. Муайййидуддавла ба машварат ва тадбири Абулфазли Ҳиравии мунаҷҷим сабр кард, то Миррих ба дараҷаи ҳубут расид, ки мураббии туркон аст (17). Дар ин вақт хабари марги Азудуддавла бад-ӯ расид ва дар сир(р) ба Фоиқу бузургони лашкари Хуросон молҳо фиристод ва қарор ниҳод, ки чун ба ҷанг оянд, эшон бигрезанд. Бад-ин қарор рӯзи чаҳоршанбе бисту дуввуми рамазони санаи иҳдо ва сабъина ва салосумиа (371/III.982) Муайййидуддавла лашкар аз шаҳр берун овард ва ҷанг оғоз кард. Фоиқ ва ҷамоат бигрехтанд ва Тошу Фахруддавла танҳо бимонданд ва ба охир мунҳазим гаштанд ва буна ба тороҷ доданд ва ба Нишобур рафтанд. Ва дар ин аҳд Дайламонро Фирӯзон ибни Ҳасани Фирӯзон дошт ва вилояти Қумишро бародари ӯ—Наср ибни Ҳасани Фирӯзон. Ва исфаҳбад Шарвини Бованд дар Табаристон буд.

## АВД НАМУДАНИ ШАМСУЛМАОЛӢ БА МАҚАРРИ САЛТАНАТ ВА ҚАРОР ГИРИФТАН

Чун Азудуддавла вафот ёфта буд ва кори Ироқ ба сабаби номувофиқии фарзандони Азудуддавла бесомон шуда, Фахруддавла бо Ироқ рафт ва басе барнаёмад, ки дар Рай вафот кард. Қобус боз ба Гургон муовадат кард ва маорифу машоҳири Табаристонро бо худ хонд ва дасти карам гушода кард. Иттифоқ афтод, ки Нӯҳ ибни Мансур вафот ёфт ва амири разӣ ба ҷои ӯ биншаст ва Абӯалӣ ибни Абулҳасани Симҷӯр ва Фоиқ хилоф карданд ва Хуросон дарҳам шуд. Амири разӣ ба Ғазнин илтиҷо ба

PDF Compressor Free Version

Сабуктекин бурд, ки баъд аз Албтекин дар Ғазнин қоим шуда буд, чунон ки дар таърихҳо мазкур ва мастур аст, то амир Сабуктекин лашкари он навоҳӣ ҷамъ карда ва ба дафъи Абӯалӣ ва Фоиқ рӯй ба Нишобур ниҳод. Абӯалӣ ва Фоиқ дар пеш рафтанд ва ба мавзеи Бағшӯр масоф доданд. Дар он вақт Қобус, агарчи дар дил валои Сомониён дошт, аммо аз рӯи ночор писари худ—Дороро назди Абӯалӣ фиристода буд. Дар вақти масоф Доро аз Абӯалӣ биғашт ва бо лашкари амири разӣ пайваст. Ва Абӯалӣ ҳазимат ёфт ва амир султон Маҳмуди Сабуктекин дар он набард дастбурдҳо намуд. Амири разӣ сипаҳсолории Хуросон ба амир Маҳмуд дод ва «Сайфуддавла» лақаб кард ва Балх ба Сабуктекин дод. Ва амир Маҳмуд дар Нишобур бимонд ва амири разӣ ба Бухоро бозгашт ва Сабуктекин ба Ҳирот рафт. Муддате барнаёмад, ки амири разӣ вафот кард ва султон Маҳмуд Хуросон бо даст овард ва бо Эликхон мувофиқ шуд ва ба азми мулотафат ӯро ба Бухоро овард ва ба ғадр баъзе Сомониёнро бо даст гирифт ва писари амири разӣ—Иброҳими Мунтасирро дар банд оварданд ва дигаронро ба шамшери қаҳр бигзаронианд ва қуввати давлати маҳмудӣ дар Хуросон зиёда шуд. Мунтасир аз ҳабси Эликхон бигрехт ва худро ба Хуросон афканд ва ҳар вақт ба гӯшае мезад ва Маҳмудро дилмашғулӣ медод, то он ки қувват зиёда гирифт. Ба Нишобур омад. Султон бе ҳеҷ таваққуф аз Ғазнин рӯй ба Нишобур ниҳод. Мунтасир аз ӯ бигрехт ва ба Гургон ба Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир паноҳ бурд. Қобус аз он ҷо, ки фарти ҳашмату ҷоҳи ӯ буд, муроати ӯ беҳад ба ҷой овард ва аз хазоин ва зарродхона ва фаррошхона маболиғе, ки лоиқ донист, муболағатҳо кард. Ва Абулқасми Симҷӯр ва Арслон Болу бо Мунтасир буданд. Ҳар якро ба неъматҳои фохир навозиш карду гуфт: «Шуморо маслаҳат он аст, ки дил аз Хуросон барканед, ки султон Маҳмуд ва Эликхон — ҳар ду хасми қавианд ва шуморо тоқати муқовамати эшон нест ва писари Фахруддавла — Маҷдуддавла кӯдак аст ва мулки ӯ бенизом, мулки Рай безаҳмат мусаллам гардад, то баъд аз ин чӣ гуна шавад.

PDF Compressor Free Version

Чун хизона ба даст ояд ва лашкар ҷамъ гардад, он ҳангом қасди хасм ва Хуросон беҳтар падид ояд». Эшон розӣ шуданд, Қобус писарони худ—Доро ва Манучеҳрро бо эшон бифиристод. Чун ба Рай расиданд, бо бузургони Рай муқобала карданд, ба мулотафат узр оварданд ва моли азим ба Абулқасми Симҷӯр ва Арслон Болу доданд ва аз он ҷо бозгардониданд. Писарони Қобус аз эшон ҷудо шуданд ва Мунтасир боз аз он ҷо ба Нишобур шуд, то лашкари султон дигарбора даррасид. Боз Мунтасир рӯй ба Гургон ниҳод. Чун Қобус навбати аввал неку бади эшон диниста буд, ки аз эшон коре барнамеояд, озурда шуд ва ду ҳазор мард пеш фиристод, то эшонро аз ноҳияти вилояти Гургон бирониданд ва Қобус дар ин вақт бисоти адлу инсоф бигустурд ва мутамаккин биншаст. Чун донист, ки кори Оли Сомон рӯз ба рӯз дар нуқсон аст ва аз ҳар гӯша вахне ва аз ҳар тараф сулмае ҳодис мешавад, тавақкӯъ аз айёми эшон доштан ба тамаъи сароб мағрур шудан аст ва нақш бар сафҳаи об нигоштан. Ба тадбири кори хеш машғул шуд ва исфаҳбад Шаҳриёр ибни Шарвинро ба ноҳияти кӯҳи Шаҳриёр фиристод ба истихлоси он вилоят ва Рустам ибни Марзбон—холи Маҷдуддавла Абӯтолиб Рустам ибни Фахруддавла он ҷо буд. Исфаҳбад ба ӯ масоф дод ва бишкаст ва ғанимат ҳосил кард. Ва дар он навоҳӣ хутба ба номи Шамсулмаолӣ кард ва Бой ибни Саъид дар миёни ҷамъе аз ҷайли устундорӣ муқим буд. Бо эшон ба зоҳир таваддуд менамуд. Аммо ботинаш машҳун ба ҳавои Шамсулмаолӣ буд ва Наср ибни Ҳасани Фирӯзон ба сабаби қаҳтӣ, ки дар вилояти Дайлам ҳодис шуда буд, ба вилояти эшон афтод ва дар вилоят томеъ шуд. Лашкаре ба сари эшон фиристод ва ҳамаро овора кард ва исфаҳбад Абулфазлро бигрифт ва маҳбус кард, то дар ҳабс вафот ёфт. Ва Бой бо Наср дӯст шуд ва ҳар ду дил ба истихлоси Омул ниҳоданд ва Абуллаббоси ҳоҷиб ба Омул буд. Бо ду ҳазор марди лашкарӣ рӯй бад-эшон ниҳод. Чун эшон ба Омул расиданд, Абулаббос аз муқовамати эшон оҷиз омад ва ҳазимат шуд ва эшон Омулро ба тасарруф гирифтанд. Ва Бой ба амир Қобус нома навишт

PDF Compressor Free Version


ва аз ҳоли он фатҳ хабар дод ва ба тоати ӯ тазоҳур намуд. Ва баъд аз эъломи ҳол аз Наср ҷудо шуд ва ба Астаробод рафт ва даъвати Қобус изҳор кард. Аз лашкари ҷайл ҳар кас бар ҳавои Қобус буданд, пеши ӯ рафтанд ва Шамсулмаолӣ пеши Исфаҳбад Шаҳриёр набишт, ки пеши Бой равад ва дар силки валои ӯ мунтазам бошад. Исфаҳбад ба Бой пайваст. Чун Фирӯзон ибни Ҳасан хабари иҷтимоъ ва иттифоқи эшон шуниҷд, аз Ҷурҷон рӯй ба муҳорибати эшон ниҳод ва дар зоҳири Астаробод ҷанге сахт карданд. Наздик буд, ки Бой шикаста шавад, то ҷамъе аз курду араб аз лашкари Фирӯзон ба шиори Шамсулмаолӣ нидо карданд ва бо ҷониби Бой гаравиданд ва лашкари Бой дар паи ӯ бирафтанд ва ӯро бо бист кас аз вуҷӯҳи қувводи ӯ бигрифтанд. Ва боқии лашкари ӯ рӯй ба Ҷурҷон ниҳоданд. Ва чун он ҷойгоҳ расиданд, солор Хиркош, ки хеши Қобус буд, он ҷойгоҳ расида буд, ба муқовамати эшон биистод. Аз пеши ӯ ба ҳазимат шуданд ва ин башорат ба Қобус расид. Хушдил шуд ва ба диле фориғ ва садре муншареҳ рӯй ба Ҷурҷон ниҳод ва дар шаъбони санаи самон ва самонина ва салосумиа (388/VII. 998) дар маснади мулк ва мустақарри хеш мумаккан биншаст.

PDF Compressor Free Version

МИНХОҶИ СИРОҶ

# Табақоти Носирӣ

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Минҳоҷуддин Абӯумар Усмон ибни Сироҷиддин Муҳаммади Ҷузҷонӣ маъруф ба Қозӣ Минҳоҷи Сироҷ ба занни қавӣ соли 589/1193 ба дунё омадааст. Соли 582/1186—1187 Муиззуддин Муҳаммад ибни Сом падари Минҳоҷуддинро қозии ҷайши Ҳиндустон таъин намуд. Баъдан султон Баҳоуддини Сом ӯро ба Фирӯзкӯҳ фаро хонд ва мансаби қозӣ ва хатибии давлати хешро ба ӯ арзонӣ дошт. Минҳоҷуддин худ дар дарбори султони Ғур — Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Сом (558—599/1163—1202) тарбият ёфт. Сониян ӯ ба Ҳинд ҳиҷрат намуда, дар дарборҳои Носируддини Қубоча, султон Шамсуддини Илтутмиш (солҳои салтанат 607—633/1211—1235), Баҳромшоҳ (637—639/1239—1241) ва Носируддини Маҳмудшоҳ (644—664/1246—1265) дар мансабҳои муҳимми давлатӣ хидмат гуморидааст.

«Табақоти Носирӣ» тақрибан дар солҳои 657—658/1259—1260 таълиф гардида, ба писари Илтутмиш—Носируддини Маҳмудшоҳ бахшида шудааст. Китоби мазкур аз бисту се табақа фароҳам омада, роҷеъ ба таърихи анбиёву авлиё, шоҳаншоҳони бостонии Аҷам, хулафои рошидин, Умавиҳо, Аббосиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Дайламиҳо, Салҷуқиҳо ва ғ. баҳс намуда, ҳар табақа ба таърихи як сулолаву силсила ва матолиби мушаххас тахсис ёфтааст. Шарҳи воқеот бо зикри ҳамлаи муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон анҷом пазируфтааст. «Табақоти Носирӣ» аз осори мӯътабари таърихӣ маҳсуб гардида, муаллиф дар гузиниши мавод ва қиёсу муқобалаи онҳо камоли диққатро ба кор бурдааст. Минҷумла, маводе, ки роҷеъ ба Оли Сомон дар ин китоб омада, мабсуту мӯътамад буда, аз мутолиаи густарда ва тасаллути комили Қозӣ Минҳоҷи Сироҷ дар ин масоил шаҳодат медиҳанд.

Дастнависҳои қадими «Табақоти Носирӣ» ба асри XII тааллуқ доранд. Китоби мазкур соли 1864 дар Калкутта ва солҳои 1949—1953 дар Лоҳур ба табъ расидааст. Соли 1963—1964 муҳаққиқи шинохтаи афғон Абдулҳайи Ҳабибӣ матни интиқодии «Табақоти Носирӣ»-ро дар ду ҷилд дар Кобул чоп намуд. Пораҳои ин китоб ба забонҳои русӣ, инглисӣ ва фаронсавӣ чоп шудааст.

PDF Compressor Free Version



# АТ—ТАБАҚАТ—УТ—ТОСИЪА АС—СОМОНИЁН

## БИСМИЛЛОҲ—ИР—РАҲМОН—ИР—РАҲИМ

Чунин мегӯяд заифтарини бандагони субҳонӣ Минҳоҷи Сироҷи Ҷузҷонӣ, ки баъд аз зикри мулуки Ямон ва умарои Саффорин, ин фасл, ки мақсур аст ба зикри Оли Сомону мулуки он хонадон авло дидам ва ин ҷузв бар ҷузв мулуки Маҳмудиву Носирӣ дар тартиби китоб муқаддам гардонидам, то табақоти ин таърих бар тартиб афтод. Агарчи зикри мулуки Ямон ба ҳукми тартиб тақдим пештар мебоист, аммо чун аз мулуки ислом набуданд, бар хулафо муқаддам доштан савоб нанамуд. Бар ин қадр тақдим муқаррар шуд ва он фасл аз таърихи Ибни Ҳайсам (1) нақл афтод, то нозиронро бар сиҳҳати он эътимоди тамом афтад.

Ровӣ чунин мегӯяд, ки ҷадди Сомониёнро Сомон ном буд. Бар қавли баъзе, ном чизе дигар буд, илло он ки Сомон ноҳияте аст аз навоҳии Суғди Самарқанд (2). Ва ҷадди эшон раиси он мавзеъ буд ва ӯро Сомонхудоҳ хонданди. Барои ихтисорро ҳам бар исми Сомониён басанд карданд, то исм аломи ӯ шуд. Ва ӯ аз авлоди Баҳроми Чӯбин буд. Ва ӯро писаре омад, Асад ном кард. Ва Асадро чаҳор писар буд: Нӯҳ ибни Асад ва Яҳё ибни Асад ва Илёс ибни Асад ва Аҳмад ибни Асад. Эшон мулук шуданд ва умаро гаштанд. Азбаски шаҳиму кофӣ ва ҷалду кордон буданд, хонадони эшон чун бузург шуд, ба оқибат аслашон ба бузургӣ кашид. Ва Алптегин амири Ғазнин ва Сабуктегин аз маволини фарзандони эшон буд. Ва аз эшон ҳар як дар Хуросону Мовароуннаҳр осори хайр монд. Ҳақ таъоло арвоҳи эшонро дар садри ҷинон ба мазиди дараҷот махсус гардонад. Омин ва раббулоламин вассалом.

 PDF Compressor Free Version 

## АСАД ИБНИ СОМОН

**Нўҳ ибни Асад** — вилояти Самарқанд аввал Нўҳ дошт, баъд аз он ба Аҳмад дод.

**Аҳмад ибни Асад** — Вилояти Самарқанд, Фарғона, (Марв), Кошғар, Туркистон ва Чин дошт.

**Илёс ибни Асад** — Вилояти Ҳирот ва музофоти он дошт.

**Яҳё ибни Асад** — Вилояти Шош ва музофоти он дошт.

(Бидон, ки чун амирулмўъминин Маъмун ба Марв омад ва кифояту шаҳомати писарони Асади Сомон бидид, дар боби эшон отифати вофир фармуд). Ва эшонро бузург гардониданд ва дараҷаи эшон баланд кард. Ва чун амирулмўъминин Маъмун мурочаат фармуд, Ғассон ибни Аббодро амирии Хуросон дод ва билоди Хуросон аз Мовароуннаҳр ба имороти ў изофат кард. Ғассон ибни Аббод ҳар якро аз авлоди Асад амирии вилоят дод ва шаҳрҳо бад— эшон таслим кард, чунончи аз ҷадвал маълум шавад. Ва ин имороти эшон дар шуҳури санаи арбаъа ва миатайн (204/819—820) буд. Чун аз ҳазрати хилофат, аҷаллаҳуллоҳ (3), имороти Хуросон ба амир Тоҳир ибни Ҳусайн доданд ва ҳар чаҳор амири Сомониро, ки чаҳор бародар буданд, дусаду чиҳил шаҳрҳову вилоят, ки доштанд, муқаррар дошт. Ва чун навбати имορат аз амир Тоҳир ба писари ў — Абдуллоҳи Тоҳир расид, имороти Сомониён бар қарори фармони падар муқаррар дошт ва тағйир бад-он роҳ надод. Валлоҳу аълам биссавоб (4).

## АҲМАД ИБНИ СОМОН (5)

Бидон, ки ҳар чаҳор писари Асад ибни Сомонхудоҳ бузург шуданд ва ҳар як аз Мовароуннаҳру Фарғонаву Хуросон тарафе доштанд, чунон ки дар ин сутун тақрир

PDF Compressor Free Version

бояд, иншоаллоҳу таъоло. Нӯҳ ибни Асадро мамолики билоди Самарқанд фармуда буданд ва ӯ бас некӯсирату ҷалд буд. Яҳё ибни Асадро вилояти Шошу Испиҷобу музофоти он фармуда буданд ва ӯ низ бағоят ҷалду зобит буд. Ва дар он диёр осори бисёр намуд. Илёс ибни Асад йёлати Ҳирот ва музофот ва навоҳии он дошт ва ӯ ҳам марди ҷалду кордон буд. Аммо Аҳмад ибни Асад шаҳмтару зирактар буд. Баъд аз бародар вилояти Самарқанду Фарғона биаҷмаиҳо (6) Кошғару Туркистону Чин ӯ дошт. Ва (ба) ҷалодату мубо做разату кордонӣ дар атрофи мамолики Эрону Тӯрон мазкуру машҳур буд. Ва фарзанди ӯ баъд аз якдигар ба тахт нишастанд ва бо халқи худой базлу эҳсон карданд. Ва асмои фарзандони ӯ, ки ба мулк расиданд, яке аз афозил ба назм овардааст.

**Байт:**

**Гашта ба иморати Хуросон мазкур,**
**Нӯҳ тан буданд аз Оли Сомон машҳур:**
**Исмоилеву Аҳмадеву Насре**
**Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур (7).**

Ва зикри нисбати эшон бар ин ваҷҳ ёфта шудааст, ки сабт афтод: Сомон ибни Ҳатимон ибни Тамғон ибни Нӯшид ибни Баҳром ибни Шӯбин.

## АС—СОНӢ НАСР ИБНИ АҲМАД

Чун Аҳмад ибни Сомон ба Самарқанд аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кард, Наср ибни Аҳмади Сомониро халифаи худ кард. Ва дар аҳди давлати Тоҳириён иморати мамолик бар вай муқаррар бимонд. Ва Исмоил Аҳмади Сомонӣ бародари худ—Насри Аҳмадро хидмат кардӣ. Дар шуҳури санаи иҳдо ва ситтина ва миатайн (261/874—875) вилояти Бухоро ба Исмоил дод. Ӯ мутамаккин шуд ва корҳои бузург кард. Некӯсират буд ва қавоиди мамла-

PDF Compressor Free Version

катро мумаххад гардонид, то чун ачал даррасиду умр мунқазӣ шуд, дар ҷумодиюлухрои санаи тисъа ва сабъина ва миатайн (279/VIII.892) ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст, раҳимаҳумуллоҳ.

Чун амир Исмоил ба Бухоро мумаккин шуд, ҷамоати асҳоби агроз миёни ӯ ва бародараш амир Наср, ки фармондеҳи ӯ буд, роҳ ёфтанд. Ва онҳо ифтиро кардан гирифтанд, то мизоҷи амир Насри бузург бар бародар тағйир пазируфт ва азимати ҷамъу қаҳри Исмоил кард ва бо лашкари гарон аз Самарқанд ба самти Бухоро равон шуд. Амир Исмоил ба наздики Рофеъи Ҳарсама ибни Аъйан, ки амири Хуросон буд, маориф фиристод ва аз ҳоли худу бародар хабар дод ва истимдод намуд. Рофеъи Ҳарсама лашкари ҷаррор бо олоти уддати тамом бад-он тараф кашид ва ба ваҷҳи лутфу шафқату марҳамати оқилона миёни бародарон ислоҳ карду бозгашт. Ва амир Наср ба Самарқанд ва амир Исмоил ба Бухоро бозрафт. Чун он маъонӣ ба самъи амир Наср расида буд ва дар табиати ӯ ҷой гирифта, бо лашкари ҷаррор рӯй ба Бухоро ниҳод. Ва амир Исмоил аз Бухоро берун омад ва бо ӯ масоф кард ва қитол карданд дар ғояти шиддат дар шуҳури санаи хамса ва ситтина ва миатайн (265/878—879). Ва амир Исмоил бар бародари худ—амир Насри Аҳмад зафар ёфт. Чун мунҳазим шуд, гирифтор гашт ва ӯро ба наздики Исмоил оварданд. Дарҳол пиёда шуд ва бародари худро хидмат кард. Ва бӯса бар синаи ӯ зад ва шароити таъзим ба ҷо овард. Ва ӯро ба ҳазрати Самарқанд бозгардонид ва худ ба исми хилофати Бухоро бозомад. Ва муддати мулки Наср ибни Аҳмад ҳаждаҳ сол буд. Албоқӣ ва ва-д-доим ҳува-аллоҳу азза ва ҷалла (8).

## АС—СОЛИС ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД (9)

Чун амир Наср Аҳмади Сомонӣ, раҳимаҳуллоҳ, аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кард, амирулмӯъминин ал-Мӯътазид Биллоҳ иёлати мамолики Мовароуннаҳру он чӣ

PDF Compressor Free Version


бародараш дошт амир Наср, ба амир Исмоили Сомонӣ дод. Ва ӯро аҳд доду ливо фиристод. Ва ӯ қуввати тамом гирифт ва мамлакат ба ӯ соф шуд. Ва ҷумлаи умарову ашрофи халқу авом ӯро мутеъ гаштанд. Ва чун марди олиму одил буд, корҳои бузург бар дасти ӯ баромад. Чунончи, Амри Лайс қасди ӯ кард бо лашкари гарон. Чунончи Ибни Ҳайсам мегӯяд, ки дар лашкари Амри Лайс он рӯз, ки ба ҳарби Исмоил меомад, ҳафтод ҳазор савори найзадор буд, тирандозу шамшердор ва силоҳҳои дигар.

Чун амир Исмоил аз Ҷайҳун убур кард ва дар Балх бо Амри Лайс масоф дод, ҳақ таъоло Исмоилро нусрат бахшид. Ва лашкари Амри Лайс мунҳазим шуд ва ӯ асир гашт ва бар банд афтод. Амир Исмоил Амрро муқайяд ба ҳазрати амирулмӯъминин ал-Муътазид фиристод. Ва амирулмӯъминин амир Исмоилро аҳду ливо фиристод ва мисол дар аҳди мамолики Хуросон, то дар тамоми Аҷам ӯ бузург гашт. Амирулмӯъминин ал-Муътазид фармон фиристод ба амир Исмоил, то билоди Тахористону Гургон аз дасти амир Муҳаммад Зайди Алавӣ, ки дар забти худ гирифта буд, мустахлас гардонид. Амир Исмоил Аҳмади Ҳоруниро бар муқаддимаи лашкар амир кард ва пеш фиристод ва миёни амир Муҳаммад Зайди Алавиву амир Исмоил муқоталаи азим рафту амир Муҳаммади Алавӣ шаҳодат ёфт. Ва писари ӯ Зайд ибни Муҳаммади Алавӣ, разияллоҳу анҳум, гирифтор гашт. Ӯро ба наздики амир Исмоил оварданд. Ӯро ба Бухоро фиристод ва шарти эъзозу икром ба ҷо оварду фармуд, то манзил ба манзил ба тарафи муруввату хидмату табарруку улувви ҳиммат асбоб муҳайё гардонад. Ва амирулмӯъминин ал-Муътазид ҳам дар ин вақт ба раҳмати ҳақ пайваст ва писари ӯ амирулмӯъминин ал-Муктафи Биллоҳ ба хилофат нишаст ва амир Исмоилро аҳду ливо фиристод. Ва навоҳии Ироқу Раю Сифоҳону диёри Табаристону Гургон—ҳама бо Хуросон зам кард. Амир Исмоил бародарзодаи худ—Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқи Сомониро нёлати Рай дод. Ва писари худ—Аҳмад ибни Исмоилро нёлати Гургон дод. Ва шаби шанбе чаҳордаҳуми моҳи сафари санаи хамса

 PDF Compressor Free Version 

ва тисъина ва миатайн (295/XI.907) ба раҳмати ҳақ пайваст. Ва ӯро «амири мозӣ» лақаб шуд. Ва муддати мулки ӯ ҳаштод (10) сол буд.

## АР — РОБЕЪ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ (10«А»)

Амир Аҳмад сойис ва зобит буд ва ба сабаби ҳаракате чанд касро аз ғуломони худ сиёсат фармуду бикушт. Бақияи ғуломоне, ки муҳаррам буданд, толиби фурсате шуданд, то амир Аҳмадро ҳалок кунанд, аммо амир шере доштӣ омӯхта. Ва он шерро шаб ба наздики хобгоҳи худ бастӣ, то аз хавфи ӯ ҳеҷ кас перомуни тахти ӯ натвонистӣ гашт, ки он шер ба шаб посбонии ӯ кардӣ, то вақте ба шикор рафт ва аз шикор бегоҳ мураҷаат фармуд. Ва манзил дур буд. Шаб ба мақоми истироҳати маъҳуд нарасид ва дар роҳ ба мавзеъе манзил кард. Ғуломон фурсат ёфтанд, ӯро шаҳид карданд (11). Ва ин ҳодиса шаби панҷшанбе, бисту сеюми моҳи ҷумодиюлухро санаи иҳдо ва салосумиа (301/I.914) буд. Ӯро баргирифтанд ва ба Бухоро оварданд. Ва «амири шаҳид» лақаб шуд. Ва дар аввали ҳол, ки падараш амир Исмоил ибни Аҳмад ба раҳмати ҳақ пайваст, ҷамоати сипоҳдорону акобиру ашрофи мамлакат ба амир Насри Аҳмад ибни Исмоил байъат карда буданд. Маорифро ба дорулхилофат фиристод ва аз ин ҷо амирулмӯъминин ал-Мустакфӣ Биллоҳ ӯро аҳду ливо фиристод ва давлату кори мамлакатро интизом дода. Ва дар Сиҷистон Муаддал ибни Алӣ ибни Лайс— бародарзодаи Яъқуби Амр исён оварда буд ва фасод оғоз ниҳода. Лашкар бад-он тараф номзад карда буд. Ва Муаддалро маққуру оҷиз гардонида. Ва ӯро асир кардаву муқаййад фармуда. Ва Сиҷистонро ба писари амми худ, ки бар вай эътимод дошт — Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмади Сомонӣ дода буд. Баъд аз он аҳли Сиҷис-

PDF Compressor Free Version


тон исён оварданд ва Мансурро бигрифтанду дар қалъаи Арг маҳбус гардониданд. Ва бо Амр ибни Яъқуби Лайс байъат карданд. Пас амир Аҳмади Исмоил лашкар номзад кард каррати дигар. Ва Ҳусайн Алии Марвурудиро бар эшон амир фармуд. Дар шуҳури санаи салосумиа (300/912—913) ба Сиҷистон рафта буданд ва Амри Яъқубро муҳсар карда буданд ҳафт моҳ, то амон хост, берун омад. Ва Сиҷистонро ба Симҷури Давотӣ дода буданд. Дар ин вақт чун аз хобгоҳ ҷудо монд, шаҳодат ёфт. Ва муддати мулки ӯ шаш солу се моҳ буд.

## АЛ — ХОМИС НАСР ИБНИ АҲМАД

Ду писар дошт: Нӯҳу Исмоил. Чун амири шаҳид Аҳмади Исмоил даргузашт, ҷумлаи умаро ва сипоҳсолорон ва қоидон ва ашроф ба иттифоқи уламо, раҳимаҳумуллоҳ, писари ӯ Насри Аҳмадро ба ҷои ӯ биншонданд. Ва амир Наср дар он рӯз ҳаштсола буд. Ровӣ чунин меорад, ки он лаҳза, ки амир Насрро аз ҳарам берун оварданд, то бар тахти аморат биншонанд, чун басол хурд буд, хавф бар вай ғолиб шуда буд, мегиристу мегуфт: «Маро куҷо мебаред? Мехоҳед ҳамчунон бикушед, ки падари маро куштед! Аз ман бозшавед!» Чун ӯро бар тахт ниншонданд, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳониро ниёбати ӯ доданд. Ва ӯ марди оқилу некӯрой буд. Ифтитоҳи корҳо бино бар адлу сиёсат ниҳод ва умури мулкро бар қоидаи инсофу эҳсон оғоз кард, аммо чун амир дар зоти худ хурдсол буд, умарои атроф исён зоҳир карданд. Аввал кас, ки исён зоҳир кард, амми падари ӯ буд — Исҳоқ ибни Аҳмади Сомонӣ ва писари ӯ— Илёс ибни Исҳоқ ба Самарқанд. Ва лашкар мустаъид карданд ва рӯй ба Бухоро ниҳоданд. Ҳамуя ибни Алӣ, ки яке аз сипоҳдорони амир Наср буд, пеши эшон бозрафт бо ҳиммате. Ва эшонро мунҳазим гардониду таоқуб намуд то дари Самарқанд. Ва амир Исҳоқ амон талабид ва аз карда пушаймонӣ намуд. Аз вай афв карданд. Пас аз он писари амми

PDF Compressor Free Version


(падари) ӯ — Мансури Исҳоқ дар санаи иснайн ва салосумиа (302/914—915) исён овард дар Хуросону Нишобур. Ва Ҳусайни Алӣ, ки волии Ҳирот буд, ба ӯ зам шуд. Аз Бухоро ҷамъи сипаҳсолор рӯй бад — эшон овард. Пеш аз он ҷӣ бад — эшон расад, Мансур дар Нишопур вафот ёфт. Ҳусайни Алӣ ба Ҳирот бозгашт ва ҳамчунон бар сари исён мебуд. Ва ҷангу пархош дод, то охир гирифтор шуд. Ва ӯро низ ба либоси афв бипӯшид. Ва аз ӯ даргузаронид ба шафоати ноиби давлат Муҳаммад Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ва дар аҳди ӯ ҳар кӣ ба ӯ исён овард, ё кушта шуд ё тавба кард. Аз вай афв фармуд. Ва иморати ӯ дар аҳди ал-Муқтадир Биллоҳ буд. Ва дар аҳди ал-Қодир Биллоҳ ва дар аҳди ар-Розӣ Биллоҳ ва то аҳди ал-Муттақӣ Биллоҳ бидошт. Ва ҳамгинонро рақабаи тавоният дар рибқаи хидмат овард. Ва аз ҳазрати он хулафои мазкур, разияллоҳу анҳум, ӯро ҳам аҳду ливо расид, то дар раҷаби санаи иҳдо ва салосина ва салосумиа (331/III 943) ба раҳмати ҳақ таъоло пайваст. Ва лақаб «амири саид» гуфтанд. Ва муддати мулки ӯ сӣ сол буд, даргузашт.

## АС — СОДИС НӮҲ ИБНИ НАСР

Ду писар дошт: Абдулмалику Мансур. Ҷулуси амир Нӯҳ ибни Наср ба тахти иморати Аҷам дар панҷуми шаъбони санаи иҳдо ва салосина ва салосумиа (331/IV 943) буд. Ва муддати мулки ӯ дувоздаҳ солу се моҳ буд ва амирулмӯъминин ал-Муттақӣ Биллоҳ Нӯҳи Насрро аҳду ливо фиристод. Ва вилояти Аҷаму Хуросон ба тамом, чунончи падар дошт, бар вай муқаррар фармуд. Ва амир Нӯҳ вазорату ниёбату тадбири умури худ ба имом Шамсулаимма Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳасани Сарахсӣ — соҳиби «Мухтасари кофӣ» (12), раҳматуллоҳи алайҳ, фармуд. Ва ин имоми аллома корҳои мулк бар қоидаи ақлу илму инсоф ва қодаи шаръ ва муомалат оғоз кард, чунончи як нукта нагузошт, то амир Нӯҳ ба сабаби исёни Абдуллоҳ ибни Ашкони Хоразмшоҳ ба Марв омад дар

PDF Compressor Free Version

шуҳури санаи исnатайн ва салосумиа (302/914—915). Ва он муҳим ба кифоят расонид. Боз дар шуҳури санаи ҳамса ва салосина ва салосумиа (335/946—947) ба сабаби исёни амми худ — Абӯисҳоқ, ки ба Бағдод гурехта буд ва аз амируљмӯъминин ал-Мустакфӣ Биллоҳ бар Хуросон аҳду ливо ситада ва омада. Ва вилоёти Ҷиболу Хуросон дар забт оварда, то амир Нӯҳ барои дафъи ӯ ба Марв омада.

Ҷумлаи умарову ҳашаму арбоби сайф аз илму адли Шамсулаимма танг омада буданд ва аз вазорати ӯ сер омада. Бар он сабаб, ки дасти мутааддиёну золимон тамом барбаста буд, дар талаби муҳолот эшонро ба куллӣ дафъ карда. Ба ҳеҷ ваҷҳ дасти он ҷамоат дар ҳусули муродоти ҳавову зулм дарнамешуд. Амир Нуҳ ба ҳашаму сипоҳ аз барои дафъи амми худ—амир Нӯҳ мӯҳтоҷ гашта буд. Ва лашкар рӯй ба мухолафату мувофақати амми ӯ оварда.

Ҷамоате аз лашкаркашони золими илмдушман ба наздики амир Нӯҳ даррафтанд, ки «ҳама истиродати ҳашаму ташвиши мамлакат ва тафриқаи умури давлат аз дасти вазир Шамсулаиммаи ҳоким аст, ӯро ба дасти мо боздеҳ ва илло ҷумла бо амми ту мунзам шавем». Амир Нӯҳ ба зарурат он имомро ба дасти ҷамоати золим боздод. Ӯро берун оварданд. Ва бар дари сарои аморат ду сар дарахти сафедори баланд буд, фурӯ кашиданд. Ва ҳар ду пои муборакн ӯ бар шоҳи он дарахт бастанд ва бигзошт, то дарахт сар боло бурд ва он бузург ба ду пора шуд. Ва ин ҳодиса дар санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/946—947) буд. Ва амир Нӯҳи Наср дар шуҳури санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954—955) ба раҳмати ҳақ пайваст. Ва ӯро «амири амид» лақаб шуд.

## АС — СОБЕЪ АБДУЛМАЛИКИ НӮҲ

Чун амир Нӯҳ ибни Наср ба раҳмати ҳақ пайваст, ҷумлаи умарову сипоҳкашон бар байъати писари ӯ Абулфаворис Абдулмалик ибни Нӯҳ иттифоқ карданд ва ӯро

PDF Compressor Free Version

бар тахт биншонданд. Ва вазорат Абӯмансур Муҳаммад ибни Узайрро дод ва лашкаркаш Абӯсаид Бакр ибни Молики Фарғонӣ шуд. Ва амир Абдулмалик масолеҳи мулк бар қоидаи инсофи тамом, он чӣ қаламкашанда мебоист навишта кард, (асос ниҳод ва дар акнофи мамлакат он ҷо, ки мулуки тавоиф буд, волиён баргумошт ва бо Абулҳасани Бӯя сулҳ кард) бар дувист ҳазор динор зари рукнӣ. Ва ин сулҳ ба фармони амир Абдулмалик, Абӯсаид Бакр ибни Молики Фарғонӣ кард, ки қоиди лашкари ӯ буд. Аммо ӯро ба Дайламон ва Оли Бӯя муттаҳам карданду бикушт. Ва вазирро муқайяад фармуду баъд аз он бикушт, ки ҳар дуро ба даъвати қаромита майл афтода буд. Ва лашкаркашӣ ҳаволаи Албтегини ҳоҷиб шуд, то дар шуҳури санаи хамсина ва салосумиа (350/961—962) амир Абдулмалик дар майдон ба вақти намози шом аз асп хато кард ва ба раҳмати ҳақ таъоло пайваст. Ва муддати мулки ӯ ҳафт солу чизе буд.

## АС — СОМИИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Чун амир Абдулмалик ба ҷавори фазли эзид пайваст, ҷумлаи сипоҳдорону машоиҳи ҳазрат ҷамъ шуданд ва бо ҳам машварат карданд, ки бародари амир—Солеҳи Мансур ибни Нӯҳро биншонанд ё писари амир Абдулмаликро? Дар ин вақт ҳоҷиб Албтегин ғоиб буд. Вазири ӯ Алии Балъамӣ буд. Ва миёни ӯ ва ҳоҷиб мувофақати тамом буд. Бо Албтегин чизе набишт ва амир Албтегин ҷавоб набишт, ки писар ба тахт авлотар аз бародар бошад (13). Пеш аз он ки ҷавоб бирасидӣ, ҷумлаи лашкару умарову машоих бар амир Мансури Нӯҳ иттифоқ карданд ва ӯро дар мансаби хилофат насб карданд. Чун хабари амир Мансур ба ҷониби Албтегин расид, мухбирону расулон фиристод, то ҷавоби номаи ӯро аз роҳ бозгардонанд. Қосидонро наёфтанд. Ва аз ҳазрати иёлати Нишобур, ки Албтегин дошт, ба Ибни Абдурраззоқ доданд. Албтегин мутаҳайиир бимонд ва аз Нишобур қасди ҳазрати Бухоро кард.

PDF Compressor Free Version

Ӯро хабар доданд аз тағйири маҷози амир Мансур ба сабаби он нома. Ба Балх расида буд, бозгашту ба тарафи Ғазнин омад. Ва амир Мансур ҳам дар ақиб мисол фиристоду ӯро биновохт. Ва дар ин вақт Ҳасани Бӯя вафот кард. Фанохусрав — писари ӯ хазоини падарро бардошту ба Бағдод рафт. Ва амми худ — Бахтиёрро мақҳур гардонид, бар Ироқ муставлӣ шуд. Уламову қуззотро дар миён карду аз амир Мансур мусолаҳа талабид. Бар диёри Ироқу Раю Гургону Табаристон ҳар рӯз ба ҳазор динор зари сурх муқотаъа кард. Ва дар аҳди амир Мансур ба Фарғонаву Сиҷистон ва ба Ироқ ҷумлаи умаро исён меоваранд. Ва ҳақ таоло умарои ӯро ва лашкари ӯро нусрат мебахшид, то ҳамаро қаҳр мекарданд. Ва амир Мансур рӯзи сешанбе ёздаҳуми моҳи шаввоми санаи хамса ва ситтина ва саломуина (365/VI.976) ба раҳмати ҳақ пайваст .Ва «амири садид» лақаби ӯ шуд. Ва муддати мулки ӯ ҳафдаҳ сол буд ва шаш моҳу ёздаҳ рӯз, ва-л-лоҳу аълам би-с-савоби ва-л-ҳақиқати (14).

## АТ—ТОСЕЪ НӮҲ ИБНИ МАНСУР

Мансур ибни Нӯҳ Муҳаммад ибни Нӯҳ Абдулмалик ибни Нӯҳ

Чун амир Мансури Нӯҳ реҳлат кард, амир Абулқосим Нӯҳи Мансурро байъат карданд ва ба тахти падар нишонданд. Ва амирулмӯъминин Ат-Тоеъ Лиллоҳ ӯро аҳду ливо фиристод. Ва лашкаркашиву умури ҳашам ба Фоиқи Хосса ва Тоши ҳоҷиб фармуд ва Абулҳасани Симҷӯр, ки бандазодаи он дудмон ва амири Хуросон буд. Чун Ҳироту Нишопуру Мовароуннаҳр ба ҳукми фармони ӯ буд, ӯро лақаб «Носируддавла» дод. Вилояти Тӯс бо вилояти ӯ зиёдат карданд. Ва вазорат ба Абулҳасан Абдуллоҳ Аҳмади Утбӣ фармуд. Ва Тоши ҳоҷиброо сарлашкар ва ӯро «Ҳисомуддавла» лақаб шуд. Қобуси Вушмгирро волии Гургон кард ва дигар умароро ба ӯ ба Ироқ фиристод ба муҳорибати Бӯя ибни Ҳасан ибни Бӯя. Ва бар дари Гургон масоф карданд, мунҳазим шуданд ва Тоши

ҳоҷиб маҳҳур бозгашт. Ва баъд аз чанд гоҳ Тошу Абулҳасани Симҷӯр ҳар ду осӣ шуданд. Баъд аз вақоеъ ва зафар бар Даёлим ва Оли Бӯя вафо карданд. Ва лашкаркашии амир Нӯҳ баъд аз муддате ба Абӯалӣ ибни Симҷӯр расид ва Нишобур ӯро дод. Ва «Имомуддавла» лақаб шуд. Ва ҳам дар ин вақт амир Абӯмӯсо Ҳоруни Эликхон қасди Бухоро кард. Ва амир Нӯҳ ба тарафи Омул рафт ва мутаворӣ шуд. Ва Абӯалии Симҷӯр тариқи исён пеш гирифта. Ва хон чун муставлӣ шуд бар мулк ва ӯ ҳам ба иллати бавосир мулқо гашт ва азимати бозгаштан кард, амир Абдулазиз ибни Нӯҳ ибни Насрро, ки амми амир Нӯҳ ибни Мансур буд, талаб кард ва хилъаташ дод. Ва мулк бад-ӯ таслим карду бозгашт ба ҷониби Туркистон. Ва амир Нӯҳ аз туркон мадад оварда. Ва дар ақиби хон бифармуд, то бирафтанд. Хон атф кард ва эшонро мунҳазим гардонид ба дари Самарқанд. Ва хон дар роҳи Туркистон ба раҳмати ҳақ пайваст ва амир Нӯҳ ба Бухоро бозомад ва қувват гирифт, аммо умури Хуросон (ба) сабаби исёни Абӯалии Симҷӯр музтариб гашта буд. Ва амир Албтегин дар Ғазнин вафот карда буд ва Сабуктегин ба ҷони ӯ нишаста ва қавидаст гашта. Ва аҳли Балх аз зулми Фоиқи Хосса ба воситаи заъфи Сомониён ба амир Сабуктегин истионат намуда. Ва ӯ бад-ин сабаб ба Балх омада буд. Чун амир Сабуктегин ба Балх омад, амир Нӯҳ маориф фиристод ва ба ӯ мулотафату ухуд дар миён оварда. Сабуктегин ба Кешу Нахшаб омада. Амир Нӯҳ аз Бухоро берун омад ва ба ҷониби Хуросон равон шуд ба ҷиҳати қамъи Абӯалии Симҷӯр. Чун ба ҳудуди Толиқон расид, аъёни қаромитаву мулоҳида дар он билод омада буданд ва ҷамъи азими эшонро иҷобат карда. Амир Сабуктегин эшонро ҷумла ба даст оварда ва ғазо ба суннат (бикард). Ва «Носируддин» лақаби ӯ шуд. Ва чун Абӯалии Симҷӯрро маълум шуд, ки амир Нӯҳу Сабуктегин рӯй ба Ҳирот оварданд, аз Нишобур ба Ҳирот омад. Ва амир Нӯҳ лашкаркашӣ ба амир Сабуктегин бозгузошт ва ӯро дар рӯз масоф фармуд ба дари Ҳирот, то Доро ибни Қобуси Вушмгирро бикушт ва Абӯалии Симҷӯр мунҳазим

PDF Compressor Free Version

гашт, ба шумии он чӣ аксари маорифи вилоёт лашкари ӯ дар даъвати қаромита даромада буданд ва қабул карда. Ва дар Нишопур масҷиди ҷомеъ сохт, барои он чӣ чун ба итмом расад (барои) Мустансири Мисрӣ хутба кунад. Ва амир Нӯҳи Мансурро ин фатҳ дар мунтасафи рамазони санаи арбаъа ва самонина ва салосумиа (384/X.994) буд. Чун он фатҳ баромад ва умури билоди Ҳиротро мунтазам гардонид, рӯй ба диёри Нишопур овард ва Абӯалии Симҷӯр толиби сулҳ гашт. Чун қабул наяфтод, аз Нишопур ба тарафи Рай рафт ва писари худро ба Абулҳасани Бӯя фиристод. Пас амир Нӯҳ бозгашт ва Сабуктегину писараш — амир Маҳмудро ба Нишопур биншонд.

Чун амир Нӯҳ ба Тӯс таваққуф кард, Сабуктегин амир Маҳмудро ба ҳазрат фиристод. Ва лашкаркашӣ номзади Маҳмуд шуд ва «Сайфуддавла» шуд. Ва Нишопур бад-ӯ доданд ба иёлат. Баъд аз он амир Нӯҳи Мансур ба Бухоро бозрафт. Ва Балху Ҳироту Нишопуру вилояти Хуросон амир Сабуктегин ба писараш — амир Маҳмуд бозгузошт. Ва Маҳмуд ба Нишопур мақом кард ва Абӯалии Симҷӯр аз Гургон дар рабеъулаввали санаи хамса ва самонина ва салосумиа (385/IV.995) бар азимати қаҳри Маҳмуд ба Нишопур омад. Ва аҳли шаҳр бо ӯ ёр шуданд. Маҳмуд баъд аз мубоаразату ҷанги бисёр мунҳазим шуд, ки бо ӯ андак ададе буд. Ва ба Ҳирот бозомад. Ва Абӯалии Симҷӯр дар Нишопур омад. Ва Сабуктегин бо лашкарҳои бисёр рӯй бад-он тараф ниҳод. Ва Абӯалӣ ба ҷониби Тӯс омад ва он ҷо ҳам масоф афтод ва ҷанги сахту қитоли шигарф карданд. Ва амир Маҳмуд аз паси пушти Абӯалӣ даромад ва масофи ӯ бардарид. Фоиқ бо ӯ мунҳазим шуд ва ба Бухоро рафт ва маҳбус гашту вафот ёфт. Ва амир Сабуктегин ба Балх рафту мақом кард. Ва амир Маҳмуд ба Нишопур бозомад. Пас амир Нӯҳ рӯзи ҷумъа сездаҳуми моҳи раҷаби санаи сабъа ва самонина (387/VII.997) ба раҳмати ҳақ пайваст. Ва амир Сабуктегин ҳам дар ин сол ба раҳмати ҳақ пайваст. Ва муддати мулки ӯ (яъне Нӯҳ — **тарт.**) бисту як сол буд. Вассалом.

## АЛ—ОШИР МАНСУР ИБНИ НУҲ

Амир Нӯҳи Мансур писари худ — амир Мансурро валиаҳд карда буд. Чун ӯ ба раҳмати ҳақ пайваст, амир Мансур ба тахти падар биншаст ва лашкаркашии худ ҳаволаи Фоиқи Хосса кард. Ва Абӯмансури Узайрро, ки аз хавфи амир Сабуктегин бигрехта буд, ба Испиҷоб рафта ӯро бозовард. Ва ӯ дар вақти бозомадан ба Эликхон истионат карда буд, то мухолифони амир Мансурро қаҳр кунад. Чун ба дари Самарқанд расид, амир Мансур ибни Узайрро бигрифт. Ва Фоиқи Хосса дар ин вақт ба Самарқанд буд. Эликхон ӯро талаб кард ва бо лашкаре ба ҷониби Бухоро фиристод. Амир Мансур аз Бухоро чун бишнид, берун омад ва ба Омул рафт. Чун Фоиқи Хосса ба Бухоро омад, дар сарои иморат изтироби бисёр кард ва ба наздики Мансур пайваст, ки «иморатро чаро сарой холӣ гузоштӣ?» Мансур бозомад ба Бухоро ва кори лашкаркашӣ ба Фоиқ гузошт. Ва дар Хуросон ба Бектузун лашкаркашӣ гузошт. Ва амир Маҳмуд ба Ғазнин омада буд ба забти вилояти Сабуктегин. Бектузун дар ин вақт Абулқосими Симҷӯриро бикушт, ба Нишопур мақом кард. Ва амир Маҳмуд ба ҷониби Хуросон аз Ғазнин лашкар кашид. Бектузун донист, ки тоқати муқовамати Маҳмуд надорад. Аз Нишопур рӯй ба ҳазрати амир Мансур ниҳод. Ва амир Мансур аз Бухоро ба Марв омада буд ва Фоиқ бо ӯ буд. Чун Бектузун бирасид, Мансурро ба Сарахс дарёфт. Фоиқи Хосса ва Бектузун — ҳар ду бо ҳам иттифоқ карданд, то амир Мансурро аз иморат хальъ кунанд. Шаби дувоздаҳуми моҳи сафари санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/II.999) амир Мансурро аз иморат хальъ карданд. Ва аз Сарахс ба Марв бозомаданд ва бо ҳам иттифоқ карданд, ки Абулфаворис Абдулмалики Нӯҳро ба тахти бародар биншонанд. Чунон карданд. Ва амир Абулҳарас Мансури Нӯҳро мил кашид. Ва муддати мулки ӯ (амир Мансур—тарт.) як солу ҳашт моҳ буд. Валлоҳу албоқӣ ва куллу шайъин ҳоликун (15).

PDF Compressor Free Version

## АЛ—ҲОДӢ АШАР АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Чун амир Абдулмалик ибни Нӯҳро ба тахт нишонданд ва амир Маҳмуд ба Балх расида буд, Хосса ӯро аз ин ҳодиса хабар дод. Ба интиқоми амир Мансур ба дари Марв омад ва русул дар миён карданд. Бо Маҳмуд сулҳ афтод бар он ҷумла, ки Ҳироту Балх амир Маҳмудро бошад ва Нишопуру Марв эшонро. Амир Маҳмуд бозгашт дар рӯзи сешанбе, бисту шашуми моҳи ҷумодиюлаввали санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/V.999). Ва дар ин ҳол Доро ибни Қобуси Вушмгир волии Гургон буд. Ҷамоатеро аз ғуломони мулкии сомонӣ ҳгро карданд, то ақиби лашкари Маҳмуд ба тамаъи ғорати ҳашами ӯ тоҳ қуб карданд. Бародари Маҳмуд — амир Наср ибни Сабуктегин — соқаи ҳашами Маҳмуд ба он ҷамоат ҷанг пайваст. Ӯ мухбире ба хидмати Маҳмуд фиристод ва аз он ҳол эълом дод. Амир Маҳмуд бозгашт то бад-он мавзеъ расид. Амир Наср эшонро мунҳазим гардонида буд ва дар ҳам зада. Чун ҷамоати умароро дар Марв маълум шуд, ки Маҳмуд ба ҷониби эшон муроҷаат кард, аз Марв ба ҷониби Бухоро нақл карданд. Ва Фоиқ баъд аз чанд рӯз вафот кард дар моҳи шаъбони ҳамин сол (389/VII.999— тарт.). Ва аз карда пушаймон гашта буд, аммо фоида надошт. Ва ҷумлаи бандагони Сомонӣ мутафарриқ шуданд. Амир Абулҳасан Элик Наср ибни Алӣ — бародари хони бузурги Фарғона дар зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/X.999) ба Бухоро омад ва бо халқ чунон намуд, ки ба мадади амир Абулфаворис Абдулмалики Нӯҳ омадааст. Амир Абдулмалик умарои худро ба истиқболи ӯ фиристод. Чун ба наздики ӯ рафтанд, ҷумларо бигирифт ва дар рӯзи даҳуми зулқаъдаи мазкур ба Бухоро даромад ва амир Абдулмалик махфӣ шуд. Ӯро боз талабид ва ба даст овард ва ба Ӯзҷанд фиристод. Ва муддати мулки Сомониён мунқариз гашт.

Ва муддати мулки Сомониён аз аввали аҳди Исмоил то бад-ин вақт саду ҳаштод сол буд...(16).

PDF Compressor Free Version

## ШАҶАРАИ ОЛИ СОМОН

Сомон
ибни
Асад
ибни
Аҳмад
ибни
Исмоил
ибни
Аҳмад
ибни
Наср
ибни
Нӯҳ
ибни
Мансур
ибни
Нӯҳ
ибни
Мансур
ибни
Абдулмалик (17)

PDF Compressor Free Version

ҲАМДУЛЛОҲИ МУСТАВФӢ

# Таърихи гузида

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Ҳамдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Аҳмад ибни Насри Муставфии Қазвинӣ соли 1282 дар Қазвин таваллуд ёфтааст. Унвони «муставфӣ» доштани Ҳамдуллоҳ алоқамандии ӯро бо хонаводаи қадими Қазвин — муставфиён (сармуҳосибон ё сарвари аҳли девон) нишон медиҳад. Муставфиён дар аҳди шоҳони мухталифи Эрон дафтардории вилоятҳои алоҳидаро бар ӯҳда доштанд. Худи Ҳамдуллоҳ бо ҳимояту инояти Рашидуддин Фазлуллоҳ чанд муддат вазифаи мудири молияи Қазвин, Занҷон ва баъзе вилоёти дигарро иҷро кардааст. Баъди қатли Рашидуддин (718/1318) Ҳамдуллоҳ ба хидмати писари ӯ Ғиёсуддин Муҳаммад дохил шуда, то замони қатли Ғиёсуддин (736/1336) дар хидмати ӯ будааст. Оид ба ҷараёни баъдинаи зиндагии Ҳамдуллоҳ маълумоте дастрас нест. Соли вафоташро 750/1349—1359 ба қайд овардаанд. Аз таълифоти Ҳамдуллоҳи Муставфӣ се асари таърихию ҷуғрофии манзуму мансури «Таърихи гузида», «Зафарнома» ва «Нузҳат-ул-қулуб» то ба рӯзгори мо расидаанд, ки дар маҷмӯъ аз муарриху ҷуғрофишинос ва нависандаю шоири тавоно будани ӯ шаҳодат медиҳанд.

«Таърихи гузида» ба Ғиёсуддин Муҳаммади вазир бахшида шуда, воқеаҳои таърихиро аз замони пайдоиши Одам то солҳои бистуми асри XIII фаро мегирад. Асари мазкур таърихи мухтасари ҷаҳон буда, шаш боби он роҷеъ ба таърихи офариниши дунё тибқи ҷаҳоншиносии исломӣ, таърихи паямбарон то Муҳаммад (с), таърихи Эрони бостон, таърихи пайдоиши ислом то замони хилофати Аббосиён, таърихи кишварҳои Шарқи Миёна аз замони таъсиси нахустин давлатҳои бумӣ то даврони истилои муғул, ташкили давлати Элхониён, ҳамчунин ҷуғрофиёи шаҳри Қазвин баҳс мекунад.

Муҳимтарин маъхази Ҳамдуллоҳи Муставфӣ «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳ маҳсуб мешавад. Нусхаҳои дастнависи китоб дар китобхонаҳои мухталифи Шарқу Ғарб маҳфузанд. Матни литографӣ (Ҳиндустон), факсималӣ (Лондон) ва интиқодии «Таърихи гузида» (Эрон) бо саъю эҳтимоми Э. Браун ва Абулҳусайни Навоӣ ба табъ расидааст. «Таърихи гузида» пурра ва қисман ба забонҳои туркӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва русӣ тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version


## БОБИ ЧАҲОРУМ

## ДАР ЗИКРИ ПОДШОҲОН, КИ ДАР ЗАМОНИ ИСЛОМ БУДАНД ВА ОН ДУВОЗДАҲ ФАСЛ АСТ.

### ФАСЛИ АВВАЛ ДАР ЗИКРИ ПОДШОҲОНИ БАНӢ ЛАЙСИ САФФОР, СЕ ТАН, МУДДАТИ МУЛКАШОН СИВУ СЕ СОЛ

Лайс рӯйгарбачае систонӣ буд. Чун дар худ нахвате медид, ба дурудгарӣ (1) мултафит нашуд. Аз силоҳварзӣ ба айёриву раҳзанӣ уфтод, аммо дар он роҳ тариқи инсоф сипардӣ ва моли кас ба якборагӣ набурдӣ ва будӣ, ки аз бурда баъзе боздодӣ. Шабе хазонаи Дирҳам ибни Наср ибни Лайс ибни Насри Сайёр, ки волии Систон буд, бурид ва моли беқиёс берун бурд. Пас чизе шаффоф дарёфт, тасаввури гавҳаре кард. Бардошт ва забони имтиҳон бар ӯ зад, намак буд. Чун ҳаққи намак пеши ӯ бар қабзи мол ғолиб омад, молҳо бигзошт ва бирафт. Шабгири хозин аз он мутааҷҷиб шуд. Ба Дирҳам ибни Наср бознамуд. Дирҳам мунодӣ кард ва дуздро амон дод, то ҳозир шавад. Лайси Саффор пеши ӯ рафт. Дирҳам пурсид, ки: «чун бар амвол қодир шудӣ, мӯҷиби нобурдан чӣ буд?» Лайс ҳикояи намак ва ҳаққи он боз кард. Дирҳамро писандида омад ва ӯро бар даргоҳи худ роҳи муҷовират дод. Пеши ӯ мартабаву ҷоҳ ёфт ва амири лашкар шуд. Баъд аз ӯ писараш Яъқуб ибни Лайси Саффор пас аз вафоти Дирҳам ибни Наср бар бусаронаш (2) Солеҳу Наср хуруҷ кард дар санаи сабъа ва салосина ва миатайн (237/851—852). Кори ӯ тараққӣ гирифт, умарову аркони давлати Наср бо ӯ муттафиқ шуданд, то дар санаи салоса ва хамсина ва миатайн (253/867) бар тамомати вилояти Систон муставлӣ шуд. Насру Солеҳ бигрехтанд ва паноҳ ба подшоҳони Кобул

PDF Compressor Free Version

бурданд. Тунбал — подшоҳ ба мадади эшон бо сӣ ҳазор мард ба ҷанги Яъқуб омад. Яъқуб бо се ҳазор мард баробар рафт. Яъқуб аз ҳилат бо Тунбал — подшоҳи Кобул макр кард ва ӯро бифирефт ва пайғом дод, ки аз карда пушаймон аст ва аз рӯи маҳдумзодагон — шармсор. Агар узр дарпазирад, чун аз он тараф умеди амон ё ба мар ӯ аҳду мисоқ ояд, ба мутоваат оям ва мулк биспорам. Тунбал ин фиреб бихӯрд ва ҳуҷҷати тамҳиди аҳду мисоқ бо Насру Солеҳ ва дувист — сесад савор аз лашкар ба гӯшаи дур рафт. Яъқуб низ бо ҳамин моя мардум бирафт ва бар эшон ғадр кард ва тамомати лашкарро бикушт. Ва бо лашкар бар сари кобулиён тохт ва аз эшон шаш ҳазор одамӣ ба тег гузаронид. Кори Систон бад-ӯ қарор гирифт. Баъд аз ду сол бар мулки Ҳарӣ муставлӣ шуд. Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳи Тоҳири Зулямийнайн ҳокими Хуросон буд. Дар худ қудрати муқовамати ӯ наёфт. Хост, ки ба ҳила бад-ӯ чира шуда шавад. Он маънӣ худ сабаби некӯии давлати Яъқуб ибни Лайс гашт. Ба дӯстӣ пайғом фиристод ва ҳукумати Кирмон бад-ӯ дод, то дар ғайбати Яъқуб магар Систон мустахлас кунад. Яъқуб аз ин маънӣ хуррам шуд, чи андешанок буд, ки агар қасди Хуросон кунад, лашкари Кирмон аз пушти ӯ дароянд. Бирафту Кирмон мустахлас кард. Ва Муҳаммади Тоҳир дар ғайбати Яъқуб амире Қосим ном ба сипоҳе гарон ба истихлоси Систон фиристод. Ғуломи Яъқуб — Бӯълон ном — бо эшон ҳарб кард. Қосим кушта шуд ва лашкараш шикаста гашт. Яъқуб ба лутфу қаҳр умарои Хуросонро пайғомҳо фиристод ва ба биму уммед эшонро мутеи худ гардонид. Муҳаммади Тоҳир дар шароб афтод ва мулк бигзошту ба Бағдод рафт. Алӣ ибни Мустаъин ба ҷанги ӯ бо мардуми шаҳр берун рафт ва Тавқ ибни Қайсро асир кард ва ба Шероз рафт ва баъд аз муҳораба асир шуд. Ва мулки Форс бар дасти Яъқуб омад. Мӯътазиди халифа ӯро подшоҳӣ дод ва маншуру хилъат фиристод, то Алӣ ибни Мустаъин ва Тавқ ибни Қайс аз ӯ халос шуданд. Яъқуби Лайс муддати ду солу шаш моҳ подшоҳӣ кард. Ҳар ҷо, ки нишони моле ёфт, ба зӯру зулм

бистод. Молҳои ҷаҳон бад-ӯ гирд шуд. Ҳаваси Ироқ кард ва Мозандарон. Ба ҷанги ад-Доъӣ илалҳақ Ҳусайн ибни Зайд ал—Боқир рафт ва музаффар шуд. Пас аз ин ҳавои Бағдод кард ва руй ба ҷанги Мӯътамиди халифа ниҳод. Халифа бародари худро — Муваффақ ба ҷанги ӯ фиристод. Дар Ҳулвон ҷанг карданд. Яъқуб шикаста ба Хузистон рафт. Боз муовадат кард ва дар робеъашари шавволи санаи хамса ва ситтина ва миатайн (265/VI.879) он ҷо даргузашт. Чунонки зикр рафт, Амр ибни Лайси Саффор баъд аз бародар подшоҳӣ боз тааллуқ бад-ӯ гирифт ва бисту ду сол ҳукм кард ва кори ӯ уруҷи тамом ёфт. Бар Хуросону Ироқу Форсу Кирмону Систону Кӯҳистону Мозандарону Ғазна муставлӣ шуд.

Рофеъ ибни Ҳарсама бо ӯ мухолафат кард ва бо ҳукками Табаристону Мозандарон. Аммо ба вақти ҳарб мухолафат намуданд ва муованати Рофеъ накарданд. Рофеъ мунҳазим шуд ва ба Бовард гурехт ва оҳанги Нахшаб кард. Амри Лайс роҳаш бигирифт, бештари лашкар ба зинҳори Амри Лайс рафтанд. Рофеъ паноҳ ба подшоҳи Хоразм бурд ва ӯ бо Рофеъ ғадр кард ва бикушт ва сараш ба Амри Лайс фиристод. Кори Амри Лайс қавӣ шуд ва тамаъ дар Хузистону Ироқи Араб кард. Бо Мӯътамиди халифа тариқи мухолафат сипард ва халифа Исмоили Сомониро бифармуд, то бо ӯ ҷанг кунад. Дар рабеъулохири санаи сабъа ва самонина (287/IV.900) Исмоили Сомонӣ бо дувоздаҳ ҳазор марди ҷангӣ ба ҷанги Амри Лайс рафт, ки диз бар Ҳарӣ дошт. Дар кӯчаи боғе дарахте себ сар бар роҳ дошт. Исмоил ғуломеро ниҳон бар ӯ гумошт, то худ касе аз он тасарруфе хоҳад кард ё на. Ҳама лашкар бар он бигузаштанд ва як себ дар тасарруф накарданд. Исмоил худои таолоро саҷдаи шукр гузорид, ки сиёсату адли ӯ дар лашкар бад-ин мартаба расидааст. Ӯ умед дар зафар баст. Амри Лайс ба эшон баробар омад. Чун фариқайн саф биёростанд ва табл фурӯ кӯфтанд, асби Амри Лайс нишот кард ва ӯро даррабуд ва ба миёни лашкари исмоилиён овард, то бе ҷанг гирифтор шуд. Ва он ҳама лашкар ба бонги табле мунҳазим шуданд. Амри Лайсро

дар хонае маҳбус карданд. Аз фаррошони ӯ яке он ҷойгоҳ бигзашт, Амр ӯро бихонд ва гуфт: «Ҷиҳати ман чизе хӯрданӣ тартиб кун». Фаррош порае гӯшт ба даст овард ва дар яғловӣ қаля месохт. Дар талаби ҳавиҷе рафт. Саге сар дар яғловӣ кард ва устухоне баргирифт ва даҳонаш бисӯхт. Сар ба таъҷил берун овард. Ҳалқаи яғловӣ ба гарданаш афтод. Ва медавид ва яғловӣ мебурд. Амр бихандид. Муваккилон, ки мулозим буданд, суол карданд, ки «мӯҷиби ханда чист?» Гуфт: «Ҳам имрӯз бомдод холигар шикоят мекард, ки матбах сесад шутур ба душворӣ мебаранд, зиёдат мебояд кард. Шабҳангом мушоҳида мекунам, ки саге ба осонӣ мебарад». Туъиззу ман ташоъу ва тузиллу ман ташоъу, бияд-ка —л—хайру, иннака ало кулли шайъин қадирун (3) Исмоили Сомонӣ ҳоҷибро пеши Амри Лайс фиристод ва истимолат дод, ки иншоаллоҳ туро аз хашми халифа халос кунам. Амр бар Исмоил офарин кард ва гуфт: «Медонам, ки лашкарат бенавост» (4). Ва бозубанде бад-он ҳоҷиб дод ва гуфт: «Ин нусхаҳои ганҷҳои ману бародари ман аст. Ҳамон беҳтар, ки ин мол ба бандагони ту оид гардад, то эшонро аз ин уббуҳате бошад. Аз бандагии амир таваққуъ он аст, ки кирдор мувофиқи гуфтор фармоӣ ва аз хуни ман даст кӯтаҳ кунӣ ва маро ба ҳазрати халифа фиристӣ». Ҳоҷиб ба тасаввури он, ки ҷиҳати амир Исмоил тӯҳфа оварда, бошшош меомад, ҳол бозгуфт. Исмоил бонг бар ӯ зад ва гуфт: «Бирав ва ин нусха боздеҳу бигӯй Исмоил мегӯяд: аз ғояти дониш мехоҳӣ, ки бар худ фузунӣ ҷӯӣ. Туву бародаратро ганҷ куҷо буд? Ҳамаи ҷаҳонро маълум аст, ки шумо рӯйгарбачагонед. Ду—се рӯзи саодате, ки ба ҳақиқат айни шақоват аст, мусоиди шумо гашт ва дар ҷаҳон истило ёфтед, ба зӯру зулму ҷавр амвол ҳосил кардед. Мазламае, ки аз он амвол дар гардани шумост, мехоҳӣ, ки ба санъат дар гардани ман кунӣ ва ман аз онҳо нестам ва он чӣ гуфтаам, қасди хунаш накунам. Чун маро бар ӯ ҳаққи хун нест, чаро даст ба хунаш биёлоям ва он чӣ гуфта, ӯро ба халифа фиристам. Ба ғайр аз ин чӣ гуна тавон кард?» Ҳоҷиб бирафт ва ганҷнома бад-ӯ

PDF Compressor Free Version

расонид бо ҷавоб. Ҳазор офарин бар равону эътиқоди Исмоил бод! Имрӯз ба замоне афтодаем, ки бародар хуни бародар ҷиҳати андак фоида раво медорад ва ғанимат мешуморад.

Исмоили Сомонӣ Амри Лайс(ро) муқаййад ба ҳазрати халифа фиристод. Чун чашми халифа бар Амри Лайс омад, гуфт: «Алҳамду лиллоҳи—л—лази кафонӣ минка ва кафо шуғлака» (5). Ва ӯро маҳбус кард. Дар аҳди Мӯътазид ду сол маҳбус буд. Ба вақти вафот Мӯътазид, ба ривояте, ходиме бифиристод, то ӯро бикушт ва, ба ривояте, ӯро фаромӯш карданд ва хӯрданӣ надоданд, аз гуруснагӣ бимурд. Кори ӯ аз эътибори ҷаҳониён аст бо он ки аз подшоҳон ҳеҷ касро чун ӯ суфра набуд, аз гуруснагӣ мурд. Аз осори Амри Лайс ҷомеъи атиқи Шероз аст (6).

Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайси Саффор, чун ҷаддаш асир гашт, аркони давлат ӯро ба подшоҳӣ биншонданд. Як солу чанд моҳ карру фарре кард ва саранҷом Исмоили Сомонӣ бар ӯ ғалаба кард ва подшоҳӣ бистад. Баъд аз муддате ҳукумати Систон ба наберааш Аҳмад дод ва аз ӯ ба бусараш расид. Баъд аз ӯ набераи ӯ Наср ибни Аҳмад ибни Тоҳир ибни Халаф ҳоким шуд ва санаи самон ва хамсина ва хамсумиа (558/1162—1163) ҳукм кард ва умраш аз сад сол гузашта буд. Ин замон насл бар насл ҳукумати эшон ба Систон тааллуқ дорад.

## ФАСЛИ ДУВВУМ АЗ БОБИ ЧАҲОРУМ ДАР ЗИКРИ ПОДШОҲОНИ СОМОНИЁН

Нӯҳ кас, муддати мулкашон ба Эрон саду ду солу ним ва бист рӯз. Сомон аз тухми Баҳроми Чӯбин буд. Насабаш Сомон ибни Худоҳ ибни Ҷассом ибни Туъом ибни Ҳурмузд ибни Баҳроми Чӯбин. Аҷдодаш пеш аз ислом ҳукком Мовароуннаҳр буданд ва баъд аз ислом — соҳиблашкар. Падари Сомонро рӯзгор мухолиф шуд, ба шутурбонӣ афтод ва гавҳари бузурги ӯ сар ба кори шутурбонӣ дарнамеовард. Рӯзе дар ҳангомае ин абёт шуҷид. Байт:

PDF Compressor Free Version

**Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,**
**Рав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.**
**Ё бузургиву ранҷу роҳату ком,**
**Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.**

Аз ин абёт руҷулияти ӯ дар ҳаракат омад, ба айёрӣ машғул шуд (7). Баъд аз он ки муддате бар шаҳри Ашнос муставлӣ гашт, бусараш Асад ибни Сомонро дар аҳди Маъмуни халифа ҳурмате пайдо шуд. Ва Тоҳири Зуляминайн ӯро корҳо фармуд. Маъмуни халифа писаронашро ба вилоят иморат дод: Самарқанд ба Нӯҳ ибни Асад ва Фарғона ба Аҳмад ибни Асад ва Ишфос (8) ба Яҳё ибни Асад ва Ҳирот ба Илёс ибни Асад дод. Эшон муддате мубоширн ашғоли ин вилоят буданд, то дар санаи иҳдо ва ситтина ва миатайн (261/874—875) Муътамиди халифа тамоми вилоят ба Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон дод, ки аршади он қавм буд. Бародараш Исмоил аз қибали ӯ ҳокими Бухоро шуд. Баъд аз муддате муфаттинон миёни бародарон хусумат афкананд. Наср ба ҷанги Исмоил рафт. Зафар Исмоилро буд, аммо бародари меҳтарро дастбӯс карду гуфт: «Ҳамчунон ту меҳтару маҳдумӣ. Ва агар Бухоро ба ман арзонӣ дорӣ, ба кори он қиём намоям ва илло ба ҳар чӣ фармоӣ, мутеъам». Наср хиҷил шуд ва бар қарор кори Бухоро Исмоил месохту Наср ҳукумати Мовароуннаҳр мекард, то дар санаи тисъа ва тисъина ва миатайн (299/911—912), Наср даргузашт ва тамомати кор бар Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон қарор гирифт. Ва Бухоро дорулмулк сохт. Марде фарзонаву бошукӯҳ буд, аморати подшоҳӣ аз ҷабини ӯ метофт. Мулки Мовароуннаҳр дар аҳди ӯ маъмур шуд. Чун Банӣ Лайс даст бароварданд, Муътазиди халифа ӯро фармон дод ва эшонро барандохт. Ва халифа мамлакати Банӣ Саффор бар ӯ мусаллам дошт. Дар мунтасафи рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/IV.900) дар баъзе аз Эрон номи подшоҳӣ бар ӯ итлоқ рафт ва ӯ дар кори хайрот масоъиии ҷамила ба тақдим расонид ва дар адлу дод кӯшид. Яке аз бузурге дар аҳди ӯ пурсид, ки Тоҳи-

PDF Compressor Free Version

риён мардумони покдин, некӯэътиқод буданд (ва хайроти бисёр) ва аз он ҳеҷ пайдо нест. Ва Банӣ Лайс золиму ситамкор буданд. Аз ғояти хубси табиииву ҷаҳли ҷибиллӣ иҷрои хайроти Тоҳириён накарданд. Ва аз ҳирсу тамаъ тамомат ботил карданду мавқуфоти он бо тасарруф гирифтанд. (Ва баъд аз) Банӣ Лайс Сомониён аз рӯи некмардиву некэътиқодӣ хайроти Банӣ Лайс муқаррар доштанд ва ба он тамаъ накарданд. Лоҷарам он яке ночизу он дигар ҷорӣ шуд. Ва ҳикмат дар ин сурат он ки, лошак, рӯзи маҳшар неку бадро ҷазо хоҳад буд. Ва ҳар касе, ки некӣ карда, ӯро аҷри он диҳанд ва он ки аз бадӣ он некиро ботил карда, некие, ки он бадкирдорро бошад, дар изои бутлони некии некӯкирдор ба некӯкор диҳанд. Боз, агар некӯкоре дигар некии он некӯкорро ҷорӣ гардонад, ҳамон бошад, муҳйии сониро савоб бошад. Пас савоби некӯкори аввал яке дар се бошад ва бадкирдорро ҳеҷ савоб набошад ва онро ба биҳишт ва инро ба дӯзах расонанд.

Исмоили Сомонӣ ҳафт солу даҳ моҳ дар Эрон подшоҳӣ кард ва дар робеъашари сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/XI.907) даргузашт. Аз суханони ӯст: «Кун исомиййан ва ло такун изомиййан» (9).

Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон баъд аз падар ба ҳукми виросат подшоҳ шуд. Олимпарвару олимдӯст, муҷоласати ӯ бо уламо будӣ. Бад-ин сабаб ғуломон аз ӯ мутанаффир буданд ва ӯ маноширу аҳком аз забони дарӣ бо арабӣ нақл кард. Муддати панҷ солу чаҳор моҳ ҳукумат кард. Рӯзе ахбори мухолиф аз атрофи мулки худ шунид. Гуфт: «Илоҳо, агар тақдир чунон аст, ки мулк ба ман бишӯрад, пеш аз шӯридагӣ маро марг фирист ва заҳмати бандагони худ марисанд». Ӯро ҳар шаб ду шер бар дари хона бастандӣ, то касе аз бими эшон дарнаёрастӣ рафтан. Он шаб шер бастан фаромӯш карданд, ҷамъе ғуломон, ки дар қасди ӯ буданд, рафтанд ва ӯро бикуштанд дар солиси ҷумодиюлохири санаи салосумиа (300/1.913). Наҷҷори Алптегин аз ҷумлаи ғуломони ӯ буд, аммо ҳанӯз номдор нашуда буд.

Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад

PDF Compressor Free Version


ибни Сомон баъд аз падар ба подшоҳӣ нишаст. Тамомати ғуломон ки қасди падараш карда буданд, ба қасос бикуштӯ дар адлу дод кӯшид ва хайроти бисёр кард. Баъд аз муддате ба тамошои Ҳирот рафт. Дар назараш хуш омад, он ҷо фурӯ кашид. Амироня ӯро ҳавои зану бача буд. Амир Наср на азми Бухоро кардиву на амиронро дастурӣ додӣ, ки ба хона раванд ва ё зану бача ба Ҳирот оваранд. Амирон аз тоқат тоқ шуданду бим буд, ки бар амир Наср хуруҷ кунанд. Ҳарчанд ба муқаррабони ҳазрат васидат меҷустанд, фоида набуд, то Рӯдакиро пазируфтҳо карданд. Ва ин абёт дар сифати хушии Бухорову тахайюҷи амир Наср бар азимати он ҷо бихонд. Байт:

**Боди Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,**
**Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме,**
**Реги Омӯ бо дуруштиҳои ӯ,**
**Зери поям парниён ояд ҳаме.**
**Оби Ҷайҳунро кишоти рӯи дӯст,**
**Хинги моро то миён ояд ҳаме.**
**Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,**
**Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.**
**Мир сарв асту Бухоро бӯстон,**
**Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме,**
**Мир моҳ асту Бухоро осмон,**
**Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.**

Амир Насрро пас аз ин ором намонд, ки абёт тамом хонад ва равон шуд, чунон ки бе мӯза барнишаст. Ва Рӯдакӣ бо ин абёт аз инъоми амирон ғанӣ шуд.

Амир Наср дар Ҳирот рӯзе ҷавоне некӯрӯй дар кори гил ёфт. Фарри бузургӣ аз ӯ мушоҳада кард, аз номи ӯву нажодаш пурсиду амон дод. Гуфт: «Номам Аҳмад аст ва нажод аз тухми Банӣ Лайс». Амир Насрро бар ҳоли ӯ риққат омад. Ӯро навозиш фармуду амвол бахшид. Ва аз ақрабои худаш зан доду ба аморати Систон фиристод ва то ғоят аморати Систон дар тухмаи ӯст.

Амир Абӯалӣ Илёс, ки дар аввал айёрӣ кардӣ, ба та-

PDF Compressor Free Version

ғаллуб ба Кирмон муставлӣ шуд, сиву ҳафт сол он ҷо подшоҳӣ кард, то шаҳриён ба сабаби зулм бар ӯ хуруҷ карданд ва ӯро маққур гардониданд. Ва подшоҳӣ ба бусараш ал-Ясаъ доданд. Мокон ибни Кокӣ аз Дайламон гурехта ба Хуросон рафт ва хост, ки ба тағаллуб бар он ҷо муставлӣ шавад. Амир Наср исфисолори худ — амир Алиро бо лашкаре гарон ба ҷанги ӯ номзад кард. Ва вақти азимат амир Наср ӯро васият кард, ки дар кори ҷанг чунину чунон кун. Дар миёни сухан амир Алӣ диҷам мешуд, аммо таҳаммул кард, то амир Наср сухан тамом кард. Берун рафт, дар андаруни ҷомаи ӯ каждум буд, ӯро ҳафтдаҳ ҷой неш зада буд. Ин ҳол ба амир Наср расониданд. Гуфт: «Чаро пештар нагуфтӣ?» Гуфт: «Агар банда дар ҳузури амир Наср аз каждуме бинолидӣ ва амирро дар миёни сухан бигзоштӣ, дар ғайбати ӯ чӣ гуна тоқати шамшери обдор орад?». Амир Наср ба ин сухан ӯро навозиш намуд. Амир Алӣ рафт ва Мокони Кокиро бикушт ва сипоҳаш мунҳазим гардонид. Котиби худро гуфт: «Кори Мокон ба лафзи каму маънии бисёр арз кун ба хидмати амир». Котиб бинавишт: «Аммо Мокон сора каисмиҳи» (10). Ва ин ҳол дар санаи тисъа ва ишрина ва салосумиа (329/940—941) буд. Амир Наср сиву се солу се моҳ ҳукм кард ва дар сонишашари рамазони санаи салосина ва салосумиа (330/VI.942) даргузашт.

Ал-Ҳамид Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон баъд аз падар подшоҳ шуд. Миёни ӯ ва аммаш — Иброҳим ибни Аҳмад муҳоработи рафт ҷиҳати танозӯи подшоҳӣ. Саранҷом Нӯҳ музаффар шуд. Дувоздаҳ солу ҳафт моҳу ҳафт рӯз подшоҳӣ кард ва дар тосеъашари рабеъулаввал реҳлат кард санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/VII.954). Ва Алптегин дар замони ӯ роҳи аморати лашкар ёфт.

Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон, баъд аз падар подшоҳӣ бад-ӯ тааллуқ гирифт ва ҳафт солу ним подшоҳӣ кард. Ва дар миёни гӯй бохтан дар ҳолати асп тохтан бияфтод ва бад-он даргузашт дар мунтасафи шав-

PDF Compressor Free Version
воли санаи хамсина ва салосумиа (350/XI.—961). Дар аҳди ӯ Алптегин ба аморат нишаст дар Хуросон ва амлоки бисёр бар ӯ ҷамъ шуд.

Ас-Садид Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон, баъд аз падараш умаро дар кори подшоҳӣ машварат карданд ва аз Алптегин, ки бузургтарини умаро буд, иҷозат талабиданд, то ӯ киро ба подшоҳӣ ихтиёр мекунад. Чун Мансур навҷавон буд, Алптегин ҷавоб фиристод ва амми ӯро ихтиёр кард. Пеш аз он ки ҷавоби Алптегин бад-эшон расад, Мансурро ба подшоҳӣ бинишонданд. Ва Алптегин аз ӯ мутаваҳҳим шуд. Ба туҳафу пайғом дили ӯ хуш мекард, аммо фоида набуд, то шаш сол пас Алптегинро ба даргоҳ хонд. Алптегин донист, ки хондани ӯ мӯҷиби хайр нест, аммо равон шуд. Дар роҳ бо умаро бар сабили озмудан дар мухолафати Мансур сухан гуфт. Умаро тамом мувофиқати Алптегин карданд ва ҳаққи намак риоят карданд. Ӯ бар эшон дуо кард ва эшонро видоъ кард ва ба ҳазрат фиристод. Ва бо се ҳазор ғуломи худ сари худ гирифт ва азми Ғазнин кард. Амир Мансур дар Хуросон ҷои ӯ ба Абулҳасани Симҷур дод ва ӯро бо даҳ ҳазор савор ба ҷанги Алптегин фиристод. Бар дари Балх бо ӯ ҷанг карданд ва мунҳазим шуданд. Алптегин ба Ғазнин рафт. Соҳиби Ғазнин ӯро роҳ намедод. Алптегин Ғазнинро маҳсур кард, то ба аҷз биспурданд ва ӯ подшоҳи Ғазнин бикушт. Амир Мансур сӣ ҳазор савор ба ҷанги ӯ фиристод. Алптегин бо шаш ҳазор савор бар эшон зад ва эшонро бикушт. Мансур тарки ҷанги ӯ гирифт.

Халаф ибни Аҳмади Систонӣ ҳаваси Ҳиҷоз кард. Домоди худ — Тоҳир ибни Ҳусайнро ниёбат дод ва ба ҳаҷ рафт. Ба вақти мурочиат домодаш ӯро дар шаҳр нагузошт. Халаф паноҳ ба амир Мансур бурд. Амир Мансур ӯро лашкар дод, то Халаф бо лашкар ба Систон рафт. Домодаш шаҳр бозгузошт, Халаф бар Систон муставлӣ шуд. Лашкарро ба пеши амир Мансур фиристод.

Тоҳир ибни Ҳусайн бозомад ва бо Халаф ҷанг кард ва шаҳр бистад. Халаф боз ба амир Мансур паноҳ бурд ва

PDF Compressor Free Version

лашкар бистад. Чун ба Систон расид, Тоҳир даргузашта буд ва бусараш Ҳасан қоиммақом гашта. Бо ҳол корзор кард, чун ба танг омад, пайғом пеши амир Мансур фиристод ва амон талабид, то ба ҳазрати ӯ равад ва мулозим бошад. Амир Мансур ӯро амон дод ва Систон бо Халаф гузошт. Амир Мансур понздаҳ сол ҳукумат кард ва доду адл густарид ва аз ӯ хайроту мубаррроти бисёр бимонд. Ва дар мунтасафи шавволи санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/VI.976) даргузашт. Вазири ӯ Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балхӣ (11) мутарҷими «Таърих»-и Ҷарири Табарӣ буд.

Ар-Разӣ Нӯҳ ибни Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон баъд аз падар ба подшоҳӣ нишаст. Хост, ки вазорат ба Абулҳасани Утбӣ диҳад. Бо Симҷӯр, ки амируумаро буд, машварат кард. Ҷавоб дод, ки ӯ ба ҳама чизҳо ороста аст, аммо ҷавон аст ва ҷавон ба вазорат писандида набошад. Амир Нӯҳ ба мухолафати ӯ вазорат ба Абулҳасани Утбӣ (12) дод ва ба воситаи кифояти ӯ кори мулк забте ҳар чи тамомтар ёфт. Ва, алҳақ, мисли ӯ дар пеши тахти ҳеҷ подшоҳ набудааст. Бад-ин сабаб миёни Утбиву Симҷӯр гарде нишаст. Вазир саъй намуд, то Ҳисомуддавла Тош, ки аз мамолики падараш буд, дар хидмати амир Нӯҳ роҳи аморат ёфт ва Фоикро ҳиҷобат дод. Пас Халаф ибни Аҳмад дар Систон мухолафат кард. Амир Нӯҳ хоҳарзодаи ӯро — Ҳусайн ибни Тоҳир ба ҷанги ӯ фиристод, аз муҳориба Халаф паноҳ ба қалъаи арк бурд, чи то ҳафт сол дар ҳисор буд, зафар рӯй наменамуд. Бад-ин сабаб, шукӯҳи Сомониён дар дилҳо камтар шуд. Булҳасани Симҷӯрӣ бар ин шамотат мекард. Амир Нӯҳ ӯро аз аморати Хуросон узлат дод ва ба Тош тафвиз кард ва Симҷӯриро ба ҷанги Халаф фиристод.

Абулҳусайн дар хуфия бо Халаф муттафиқ шуд ва бо Тоҳир қарор доданд, ки Халаф аз он қалъа ба мавзеи дигар равад ва қалъа бад-ӯ таслим кунад. Ҳамчунин карданд. Абулҳусайни Симҷӯрӣ нуқси ҳурмати худ аз Абулҳусайни Утбӣ медонист. Бо Фоиқ муттафиқ шуд ва ҷамъ-

еро бифиристоданд, то ӯро ба шаб дар вақти он, ки Дайламон аз Бухоро ба Хуросон омада буд, бикуштанд. Ва Хуросон пурошӯб шуд ва ба ҳар тараф ҷангу фитна бархост. Оқибат бар он муқаррар карданд, ки Нишобур Тошро бошад ва Балх Фоиқро бошад ва Ҳарӣ бо Кӯҳистон Абулҳусайни Симҷӯрӣ. Абулҳусайн дар боғе бо сурриияте мубошират карду ба вақти инзол даргузашт. Бусараш Абуалӣ ба ҷои ӯ амир шуд. Ва Нӯҳ ибни Мансур аморати Хуросон бад-ӯ дод. Миёни ӯ ва Тош муҳоработ рафт. Тош ҷиҳати уалати худ ва қатли вазир — ки Утбӣ дил аз Сомониён баргирифт ва паноҳ ба Фахруддавлаи Дайлам бурд — ба Ҷурҷон. Фахруддавла бо ӯ такаллуфҳо кард ва Гургон бар ӯ мусаллам дошт ва худ ба Рай рафт, то санаи тисъа ва сабъина ва салосумиа (379/989—990) ҳокими Гургон буд. Чун мутаваффӣ шуд гургониён биҷӯшиданд. Хуросониён ба муқовамат машғул шуданд, фитнаи азим падид омад ва қатли ом рафт. Фахруддавла Абӯалии оризро ба бозхост фиристод ва аз гургониён се ҳазор мард, ки сари фитна буданд, бикушт. Чун Тош аз Хуросон бирафт, аморат бар Абӯалии Симҷӯрӣ қарор гирифт. Амир Нӯҳ аз ӯ мутаваҳҳим шуд ва аморати Ҳирот ба Фоиқ дод. Миёни Фоиқу Абӯалӣ муҳораба рафт. Фоиқ мунҳазим шуд ва бе иҷозати ҳазрат ба Бухоро шитофт. Нӯҳ аз ӯ мутаваҳҳим шуд. Бектузун ва Инҷ-ҳоҷибро ба ҷанги ӯ фиристод. Баъд аз муҳораба Фоиқ мунҳазим шуд ва ба Балх рафт ва муддате он ҷо бозмонд. Абӯалии Симҷӯр ба ҳазрати амир Нӯҳ фиристод ба Бухоро ва ҳуқуқи хидмати хеш ба Сомониён ёд кард. Аморати Хуросон талабид. Амир Нӯҳ илтимоси ӯ мабзул дошт. Ва кори ӯ баланд шуд ва дастгоҳи азим бар ӯ ҷамъ шуд. Ҳаваси подшоҳӣ кард. Дил аз Сомониён бардошт ва ба Бағрохон — аз насли Афросиёб илтиҷо сохт ва ӯро бар талаби мулки Сомониён таҳриз дод ва қарор кард, ки чун мулк мусаххар шавад, подшоҳии Хуросон бар Абӯалии Симҷӯр муқаррар бошад. Ва Бағрохон азимати Бухоро кард. Нӯҳ ибни Мансур ҳоҷиб Инҷро ба лашкаре гарон ба ҷанги Бағрохон фиристод. Инҷ бар дасти Бағрохон асир шуд ва

PDF Compressor Free Version

лашкар мунҳазим шуд. Нӯҳ ибни Мансур Фоиқро ночор истимолат дод ва бихонд ва ба ҷанги ӯ фиристод. Ва Фоиқ дар хуфия бо Бағрохон муттафиқ шуд ва аз Самарқанд мунҳазим бозгашт. Бағрохон дар ақиб ба Бухоро омад. Нӯҳ ибни Мансур оятулфирор бихонд ва ба Ҷурҷон рафт. Маъмун ибни Муҳаммади Фариғунӣ волии он ҷо буд. Бо ӯ такаллуфҳо кард. Ва Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ ҳамчунин. Чун Бағрохон ба Бухоро омад, Фоиқ истиқболи ӯ кард. Бағрохон бар сарири Бухоро мутамаккин шуд. Фоиқро ба Балх фиристод, аммо Абӯалиро аз ӯ муроде ҳосил нашуд. Ва хитоби зиёдат аз амири лашкарӣ наёфт. Нӯҳ ибни Мансур ба Хоразм омад. Аз Абӯалии Симҷӯрӣ мадад хост ва илтимосоти бемавқеъ кард, то худи худои таъоло фазл кард. Ва ӯро бе воситаи мададе ба тахтгоҳ расонид. Ва сабабаш он буд, ки Бағрохон ранҷур шуд, азимати Туркистон кард ва дар роҳ даргузашт. Нӯҳ ибни Мансур бо дорулмулк омад. Фоиқ хост, ки ба тағаллуб ӯро манзаиҷ гардонад. Ба ҷанги ӯ рафт ва мунҳазим гашта, бо Абӯалии Симҷӯрӣ пайваст. Бо ҳамдигар ба ҷанги Нӯҳ ибни Мансур иттифоқ карданд. Нӯҳи Мансурро чун умарои қадим бадхоҳ шуданд, лозим гашт ба дигарон василат ҷустан. Амир Сабуктегинро даъват кард ва ӯ бо бусараш Маҳмуд ба Бухоро рафтанд ва азимати ҷанги Абӯаливу Фоиқ карданд. Аз тарафайн касрате азим буд ва шавкати мардони корзори Симҷӯриву Фоиқ беҳтар, аммо давлат мададгори Нӯҳ ибни Мансур буд. Аз тарафи Симҷӯрӣ Доро ибни Қобус бо ҷамъе баргашт ва бо пеши Нӯҳи Мансур рафт. Абӯалии Симҷӯрӣ аз ин мутаваҳҳим шуд ва мунҳазим гашт ва бо Фоиқ ба ҳам паноҳ ба Фахруддавлаи Дайлам бурданд. Ва бо эшон такаллуфҳои подшоҳона кард ва Гургон бад-эшон бозгузошт. Симҷӯрӣ хост, ки дар Гургон мухолафати Дайламон кунад ва Гургон дар тасарруф оварад ва бад-он восита худро дар дили Нӯҳ ширин гардонад. Фоиқ монеъ шуд ва гуфт: «Ин маънӣ сурат набандад ва пеши ҳамгинон нақӯҳида шавем». Амир Нӯҳ аморати Хуросон ба амир Сабуктегин дод ва

PDF Compressor Free Version

ӯро «Носируддин» лақаб кард ва бусарашро — «Сайфуддавла». Ва ин ҳол дар санаи арбаъа ва самонина ва салосумиа (384/994—995) буд. Носируддин Сабуктегин ба Ҳирот рафт ва Сайфуддавла Маҳмуд ба Нишобур. Абӯалии Симҷӯр ва Фоиқ ба ҷанги ӯ омаданд. Ӯ аз эшон мунҳазим шуд ва пеши падар рафт ва ҳар як аз роҳе ба ҷанги эшон омаданд. Абӯалии Симҷӯру Фоикро дар миён гирифтанд ва мунҳазим гардониданд. Симҷӯриву Фоиқ ба қалъаи Кӯлоб гурехтанд ва ба шафоат ба наздики Нӯҳ ибни Мансур кас фиристоданд. Нӯҳи Мансур гуфт: «Абӯалӣ ба Ҷурҷон равад пеши Маъмуни Фариқунӣ ва Фоиқ ба даргоҳ ояд». Дар он муфорақат бӯи саломат наёфт. Аз Абӯалии Симҷӯр иҷтибоб кард ва ба Эликхон ибни Ваѓрохон пайваст ва дар силки хидами ӯ мунтазам шуд. Абӯалии Симҷӯрӣ азимати Ҷурҷон кард. Чун ба Ҳазорасф расид, Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ ӯро бигирифт. Маъмуни Фариқунӣ аз Ҷурҷон бифиристод ва ӯро халос дод ва Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳро бигирифт ва бикушт. Маъмун ба Нуҳ ибни Мансур пайғом кард ва хуни Абӯалии Симҷӯрӣ бихост. Нӯҳ иҷобат кард ва ӯро ба пеши худ хонд. Пас нақси аҳд кард ва бикушт. Фоиқ Эликхонро ба ҷанги Нӯҳи Мансур таҳрис дод. Эликхон азимат кард Бухоро, аммо ҷанг иттифоқ наяфтод. Бар он сулҳ карданд, ки аморати Самарқанд Фоикро бувад. Ва Нӯҳ ибни Мансур дар солисашари раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) ба Бухоро даргузашт.

Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ ибни Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон баъд аз падар ба подшоҳӣ нишаст ва як солу ҳафт моҳ ҳукм кард ва аморатро ба Фоиқ дод ва вазоратро бар қарор ба Абулмузаффари Утбӣ. Ҷамъе аз аркони давлат ба Эликхон василат ҷустанд. Ва ӯ қасди Бухоро кард ва Абулҳорис бигурехт ва Бухоро дар тасарруфи Эликхон омад ва он ҷо шаҳна нишонд. Фоиқ ба хидмати Абулҳорис рафт ва ӯро дил дод. Бирафтанд ва дар Бухоро бо сипоҳи эликӣ ҳарб карданд

PDF Compressor Free Version

ва эшонро мунҳазим гардониданд. Абулҳорис бо сари мамлакат ва подшоҳӣ расид, аморати Хуросон ба Бектузун дод. Абулқасми Симҷӯр ба тамаи нёлати Хуросон бо Бектузун ҷанг кард ва мунҳазим ба Гургон пеши Дайламон рафт. Фахруддавла ӯро навозиш кард ва он ҷо буд, то Фахруддавла мутаваффӣ шуд. Маҷдуддавла Рустам ва модараш Саййида ӯро неку риоят мекард, аммо ӯро ҳавои Хуросон буд. Дигар бор азимати ҷанги Бектузун кард ва мунҳазим ба Кӯҳистон рафт. Сайфуддавла Маҳмуд ба ҷанги Бектузун ба Хуросон омад. Бектузун Хуросон бад-ӯ бозгузошт ва пеши Абулҳорис рафт. Абулҳорис — ба ҷанги Сайфуддавла Маҳмуд. Ҳарчанд ба иддату сипоҳ мустазҳир буд, аммо бо валинеъмат масоф кардан писандида надид. Бозгашт ва ба Ғазнин рафт. Абулҳорис Бектузунро навозиш фармуд ва «Синонудавла» лақаб дод ва бозгашт. Ва дар он роҳ Бектузун бар Абулҳорис хуруҷ кард. Ва ба иттифоқ Фоиқ ӯро бигирифт ва мил кашид дар соминашари сафари санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/II.999).

Амидулмулк ибни Нӯҳ (13) ибни Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон, баъд аз бародар подшоҳӣ бад-ӯ доданд ва ӯ муддати ҳашт моҳу ҳафтдаҳ рӯз подшоҳӣ кард, то Сайфуддавла ба кин хостани Абулҳорис ба ҷанги Фоиқу Бектузун омад ва эшонро мунҳазим гардонид ва Хуросон дар тасарруф овард. Ва эшон ба Мовароуннаҳр гурехтанд. Фоиқ ба Эликхон муттафиқ шуд. Эликхон бо Тоҳир ба мадади Абдулмалик омад ва ақрабову умарои ӯ бигирифт. Абдулмалик ночор бигурехт ва Эликхон ба Мовароуннаҳр мустаълӣ шуд. Дар сонишринаи зулҳиҷҷаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/XII.999) давлати Сомониён сипарӣ шуд. Аз тухмаи эшон Ал-Мустансир Исмоил ибни Нӯҳ, ки бародари ин Абдумалик буд, аз ҳабси Эликхон бигурехт ва ба Хоразм рафт. Лашкаре бар ӯ ҷамъ шуд. Арслони Бокуро бо сипоҳе гарон дар муқаддима бифиристод ва дар Самарқанд бо Ҷаъфартегин — бародари Эликхон ҷанг кар-

данд. Ӯ бо ҷамъе умаро бар дасти сипоҳи Сомониён асир шуданд. Исмоил эшонро ба мукофоти ақрабои худ маҳбус (гардонид) ва азимати Бухоро кард ва бо лашкари эликӣ ҷанг карданд ва бар сарири Бухоро мутамаккин шуд. Эликхон ба ҷанги ӯ Бухоро рафт. Исмоил маҷоли ҳарби ӯ надошт. Аз он ҷо ба Нишобур рафт. Абулқосими Симҷӯрӣ бад-ӯ пайваст. Бо амир Наср ибни Сабуктегин ҷанг карданд. Наср аз ӯ бигурехт. Сайфуддавла Маҳмуд ба мадади бародар ба ҷанг омад. Исмоил паноҳ ба Қобус ибни Вушмгир бурд. Қобус бо ӯ тахаллуф карду гуфт: «Мулки Рай бе малик аст. Туро он ҷо бояд рафт». Исмоил он ҷо рафт ва дар сӯҳбати Манучеҳру Доро — абнои Қобус ва ба қарибн Сайида — маликаи Рай бозгашт ва азимати Нишобур кард. Амир Наср шаҳр бад-ӯ бозгузошт ва бирафт ва лашкар овард ва ҷанг карданд. Исмоил мунҳазим шуд ва амири лашкари худро бад-ин сабаб бикушт. Лашкар аз ӯ мутанаффир шуданд. Абулқосими Симҷӯрӣ дар он ҷанг эшонро таскин дод. Дигарбора ба ҷанги амир Наср рафтанд. Абулқосим дар он ҷанг асир шуд ва Исмоил бигурехт ва ба қавми ғузон илтиҷо кард. Ғузон ӯро мадад карданд ва Бухоро бо Эликхон ҷанг карданд ва музаффар шуданд. Ва Бухоро Исмоилро мусаххар гашт. Баъд аз он аз ғузон мутаваҳҳим шуд, ба шаб аз миёни эшон бигурехт ва Сайфуддавла Маҳмудро аз ҳоли худ хабар дод ва бад-ӯ навишт ин ду байт. Байт:

**Аз ҷон, ки надошт ҳеҷ судам, ту беҳӣ,**
**Дидам ҳамарову озмудам, ту беҳӣ.**
**Аз дида, ки нақши ту намудам, ту беҳӣ,**
**В-аз дил, ки фурӯ гузошт зудам, ту беҳӣ.**

Сайфуддавла Маҳмудро бар ӯ риққат омад ва мадади ӯ шуд. Ба Бухоро бо шаҳнаи эликӣ ҷанг карданд ва Бухоро Исмоилро мустахлас шуд. Ба ҷанги Эликхон рафт. Эликхон аз ӯ мунҳазим шуд ва ӯ дар подшоҳӣ мутамаккин гашт ва кори душман бар дил хор дошт. Лашкарҳо ба хона фиристод. Эликхон фурсат ғанимат шумурд ва ба

PDF Compressor Free Version

ҷанги ӯ омад. Исмоил бигурехт ва бе киштӣ аз Ҷайҳун бигузашт. Муддате дар Хуросону Табаристон мегашт, то дар рабеъулаввали санаи хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII.1004) дар вилояти Бардаъ бар дасти аъроби Банӣ Баҳиҷ кушта шуд (14).

PDF Compressor Free Version

НОСИРУДДИН МУНШИИ КИРМОНӢ

# Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

«Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор» сарчашмаи муҳим ва арзишманд перомуни таърихи вазирони аҳди Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва Чингизиён аст. Муаллифи он Носируддини Мунший Кирмонӣ писари хоҷа Мунтаҷабуддин Умдатулмулки Яздӣ буд, ки дар соли 1252—1253 аз Язд ба Кирмон рафт ва аз муқаррабону мушовирони султони Кирмон Қутбуддини Муҳаммад гардид. Худи Носируддин дар унфувони ҷавонӣ ба дарбори Подшоҳхотун (1294—1295) пайваст ва сардории девони расоил ва иншоро бар ӯҳда дошт. Пас аз ҷулуси Муҳаммадшоҳ ба тахти салтанати Кирмон дар солҳои 1295—1296 Носируддин аз мансаб маъзул гардид, вале баъдтар дар аҳди Малик Носируддин Муҳаммад ва писари ӯ — Қутбуддини Некрӯз муҷаддадан ба дарбор кашида шуд ва мавриди эҳтирому иноати ҳукком қарор гирифт.

Дар соли 1315 вай ба хидмати дарбори амири муғул Эсин Қутлуғи Нӯён пайваст ва дар солҳои 1315—1316 китоби «Симт-ул-уло»-ро дар таърихи қарохитоиёни Кирмон ба номи ӯ таълиф кард.

Носируддин соли 1329—1330 «Татиммат Сивон-ал-ҳикма»-и Абулҳасани Байҳақиро аз арабӣ ба форсӣ баргардон кардааст, ки он бо номи «Дуррат ул-ахбор ва ламъат ул-анвор» шӯҳрат ёфтааст.

«Насоим-ул-асҳор», бино ба тасреҳи муаллиф, дар соли 1325 ба силки таҳрир даромадааст. Дар худи китоб номи муаллиф зикр нашудааст, вале муқоисаи матни он бо «Симт-ул-уло» ва китобҳои дигари асри мазкур аз муаллафоти Носируддин будани «Насоим-ул-асҳор»-ро ба субут расонидааст.

«Насоим-ул-асҳор» дар насри форсӣ аз аввалин кутубест, ки дар таърихи вузаро навишта шудааст ва ба рушди ин риштаи таърихнигории форсӣ-тоҷикӣ замина гузоштааст. Китоби мазкур мабнои аслии таълифи «Дастур-ул-вузаро»-и Хондамир, «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ ва дигар кутуби марбут ба рӯзгору осори вазирон маҳсуб шудааст.

Муаллифи «Насоим-ул-асҳор» дар радифи сарчашмаҳои китоби худ «Таърихи Яминӣ»-и Утбиро номбар кардааст.

«Насоим-ул-асҳор» дар Эрон, аз рӯи нусхаи хаттие, ки дар китобхонаи Истамбул мавҷуд аст, ду бор (дар солҳои 1959 ва 1965) рӯи чопро дидааст.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ ВУЗАРОИ ПОДШОҲОН ВА САЛОТИН, АНОРАЛЛОҲУ БУРҲОНАҲУМ ВА САҚҚАЛА БИ—Л—ҲАСАНОТИ МИЗОНАҲУМ (1)

Аз вузарои давлати Оли Сомон ибтидо карда шуд, чи аввал тоифае аз мулуки Ислом, ки дар мамолики Эрон дами истиқлол заданд, эшон буданд. Ва Оли Тоҳир, ки пеш аз он Хуросону Ироқ ва бештаре аз билоди Аҷам тасарруф фармуданд, ноибони даргоҳи хилофат ва гумоштагони ҳазрати имомат буданд. Ва Яъқуби Лайсу бародараш Амрро, ки бар халифаи вақт хуруҷ карданд, пеша ву шева айёрӣ ва саълукӣ будааст ва аз дорулхилофа лақабу нуъути подшоҳӣ надошта ва муддати давлаташон низ ба сӣ сол нарасид. Бад-он сабаб аз вузарои сомонӣ оғоз карда омад.

## ВАЗИР АБУЛФАЗЛИ БАЛЪАМИ

Рӯи рааман вузарои Аҷам ва тарроҳи ҳуллаи каҳоримаи умам будааст. Ва аввали подшоҳони сомонӣ — Исмоил ибни Аҳмад вазорат бар вай тақрир кард (2) ва дар басти бисоти маъдалат ва рафъи ливои насафат ва тадбири умури мамлакат ва тартиби масолеҳи давлат яди байзо намуд. Ва ба воситаи қасди Хумортекини соҳибҷайш, ки работи Хумортекин ба роҳи Ироқ ӯ бино кардааст, малик Нӯҳи Сомонӣ ба эҳлоку қатли ӯ мисол дод.

## ВАЗИР АБӮҶАЪФАРИ УТБӢ

Вазири амири ҳамид Абдулмалик ибни Нӯҳ буд ва амири садид Мансур ибни Нӯҳ буд ва ба ҳиляи фазлу адаб ва улувви аслу насаб ва хибрат ба умури вазорат ва ву-

PDF Compressor Free Version

қуф бар гавомизи асрори мамлакат мутахаллӣ омад ва аз симоти разоилу маъойиб—мутахаллӣ, Ва хизонаи подшоҳи худро ба амволи вофир мумталӣ гардонид, чунончи пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ аз вузарои Оли Сомон дар ҷамъи амвол ва исорати вуҷух ва иддихори хазоин адили ӯ набуданд. Ва ба қасди амир Музаффари Мӯхтоҷи Чағонӣ, ки амири сипоҳ ва муқаддами аъёни даргоҳ буд, мустаъсал гашт.

## ВАЗИР АБУЛҲУСАЙНИ УТБӢ

Тақаллуди вазорати амир Нӯҳ ибни Мансур намуд ва дар унфувони шабоб ва райъони умр бар вачҳе такаффули он хатб кард, ки рузгораш таърихи мафохири вузарои номдор ва рӯзномаи маосири қаҳоримаи кифоятшиор омад, соҳиби фазилатаййи—с—сайф ва—л—қалам (3) ва донои масолеҳи умури девону ҳашам буд ва аввал тадбире, ки дар ҳаллу ақд ва қабзу басти умур кард, азли амир Носируддавла Абулҳасан ибни Иброҳим ибни Симҷӯр буд, ки. заб ан ҷад(д) (4) сипаҳдорӣ ва аморати Хуросон мерос дошт ва ба сабаби тамодийи айёми ҳукумат шеваи тамаррудӣ меварзид ва аз хилоли аҳволаш равоеҳи такосул ва таҳовуне дар мусоразати инқиёди аҳком ва мутоваъати фармони даргоҳи сомонӣ бо машоми вазир мерасид. Ва Ҳисомуддавла Абулаббоси Тошро, ки ҳоҷиби бузурги ҳазрат буд, қоиммақоми ӯ ба Хуросон фиристод. Ва Амидуддавла Фоиқи ходимро, ки атобакии ҳазрат дошт, дар мавкиби ӯ равона кард ва муқорини вусули ӯ ба Нишобур Фахруддавла ибни Бӯя ва Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир аз муҳорабае, ки бо Муайиддуддавла ибни Бӯя карда буданд, гурехта бирасиданд ва аз Тош истиҷорат ва истиъонат намуданд. Ва аз ҳазрати Бухоро — амири разӣ Нӯҳ ба иъонат ва игосат ва радди эшон ба хона ва мамлакат мисол расид. Тош ва Фоиқ бо Фахруддавла ва Шамсулмаолӣ ба дари Гургон рафтанд ва дар масофе, ки бо Муайиддуддавла доданд, мунҳазим ва мункасир шуда, ба Нишобур расиданд. Дар асном ин аҳ-

PDF Compressor Free Version

вол Фоиқ бо Абулҳасани Симҷӯр дар қасди вазир муттафиқ ва муттаҳид гаштанд. Фавҷе гуломони даргоҳро бар қатли ӯ (во) доштанд ва бар шореъ ба шамшер ва зӯбин ва тираш муҷаззо гардониданд .

## ВАЗИР АБУЛҲАСАНИ МУЗНӢ (5)

Ва ӯ муставфии девони Сомониён буд. Баъд аз мақтали Абулҳусайни Утбӣ вазоратро такаффул намуд ва истиҳоли таҳаммули аъбои он надошт ва аз ӯҳдаи он шугл тафассӣ натавонист намуд. Вазорат ба Абдуллоҳ ибни Азиз (6) доданд.

## ВАЗИР АБДУЛЛОҲ ИБНИ АЗИЗ

Аз мутаҳаввирони вузаро ва гарданкашони кубаро буд ва бо Оли Утба дар гояти муъодот ва мушоҳана буд ва тадобири эшонро—мункир ва саноеъи эшонро — қосид. Дар унфувони вазорат Тошро, ки санеъ ва мураббои вазир Утбӣ буд, маъзул кард. Ва аморати лашкар ва вилояти Хуросон боз бо Абулҳасани Симҷӯр дод. Ва Тош гурехта ба Гургон рафт. Ва Абулҳасан баъд аз ду сол, ки ин навбати дигар дар аморат ва сипаҳдорӣ ба сар бурд, дар Нишобур ба муфоҷот бимурд. Писараш Имодуддавла Абӯалии Симҷӯр қоиммақоми падар шуд. Ва дар тадбири аъмол ва таҳзиби ашгол ва тарбияти лашкар ва риҷол би ақсалгоят бирасид. Ва кору бораш рӯз ба рӯз мазиди истеъло ва равнақи истило мепазируфт, то ӯро аз ҳазрати Бухоро лақаби «Амирулумаро ал-муайяад мин-ас-самоъ» навиштанд. Ва батар ва гадр ӯро муҳарриз омад бар исён бо валинеъмат ва подшоҳи худ — амири разии сомонӣ. Ва ба иттифоқи Фоиқи годири фоҷир ба Бакрохон — малики Туркистон мукотабат ва муросалат карданд ва ӯро бар интизоъи мулк аз хонадони Сомониён оғолиданд, то ба таҳриз ва истидъои эшон ба Бухоро омад. Ва амири

PDF Compressor Free Version

разии сомонӣ мухтафӣ ва мутаворӣ дар заййи накира ба Омуя рафт. Ва Бакрохонро маразе бар мизоҷ торӣ шуд ва ба Туркистон муроҷаат намуд. Ва амири разии сомонӣ боз ба мақарри изз муовадат кард ва дар тадбири ҷигунагии интиқом аз Абӯалӣ ва Фоиқ бо аъён ва аъвони худ мушоварат намуд. Раъяшон бар он қарор гирифт, ки ба амир Сабуктекин, ки ҳоким ва амири Ғазнину Синду Ҳинд буд, истиҷорат намоянд. Ва ба истидъои ӯ Абунасри Форсиро, ки ноиб ва вакили дар буд, ба Ғазнин фиристоданд. Амир Сабуктекин иҷобат намуда, бо сулолаи шоиста ва халафи сидқи худ — Маҳмуд ва лашкаре ҷаррор ва пилони бисёр ба Ҳирот омад. Ва Разӣ аз Бухоро онҷо расид. Ба иттифоқ бо Абӯалӣ ва Фоиқ масоф доданд ва шаомати куфрони неъмат дар рӯзгори он ду ғаддор расид ва мунҳазим ва гурехта ба Гургон рафтанд. Ва амири разии сомонӣ ба ҳусни муҷозот ба саъйи машкури амир Сабуктекин ва писараш қиём фармуд ва Балху Бомиёну Ғуру Ғарҷистон ба амир Сабуктекин дод ва соири вилоёти Хуросон ва аморату сипаҳдорӣ бар писараш — Маҳмуд муқаррар фармуд. Ва Абӯалӣ ва Фоиқ боз аз Гургон ба Хуросон омаданд ва дар муҳорабае, ки дигар навбат бо амир Сабуктекин ва Маҳмуд карданд, шикаста ва мағлуб дар ақтори диёр ва офоқи амсор мутафарриқ шуданд. Ва Абӯалӣ паноҳ бо ҳазрати амири разии сомонӣ бурд ва ба истиғфор ва эътирозаш омад. Ӯро ду-се моҳе дар Бухоро маҳбус доштанд ва баъд аз он амир Сабуктекин писар ва бародар — Маҳмуд ва Бакроҷак фиристод, то Абӯалиро муқайяд дар маҳаффае пеши ӯ бурданд ва Абдуллоҳ ибни Азизро аз маснади вазорат изъоҷ карда, Абӯнаср ибни Абӯзайдро ба ҷои ӯ биншонданд.

## ВАЗИР АБӮНАСР ИБНИ АБӮЗАЙД

Ӯ муддатҳо соҳиби девони иншо ва рисолат будааст дар ҳазрати Сомониён. Ва бо фунуни хисоли ҳамида ва одоби мурзия мутарашшеҳи мансаби вазорат ва дар фазл ва ҳунар ва дар сахо ва ато — бе ҳамолу қарин. Ва бо он

PDF Compressor Free Version

ки дар зунобаи мулки Оли Сомон, ки шаб ба саҳар раси-да буд ва давлат ба зуноба анҷомида, вазир гашт, дар тақвими умури мулк ва тадбири масолеҳи вилоят ва раъ-ият би аксалғоят иҷтиҳод намуд. Ва бар сари шаш моҳи вазорат ғуломони даргоҳ ӯро ба истеҳлок расониданд.

## ВАЗИР АБУЛМУЗАФФАР МУҲАММАД ИБНИ ИБРОҲИМИ БАРҒУШӢ (7)

Саббоқи ғоёти хисоли вазорат ва ғаввоси аъмоқи хило-ли садорат буд. Бар ризо ва истисвоби амир Сабуктекин молики зимоми мансаби тадбири умур ва масолеҳи ҷум-ҳур гашт ва то вафоти амири разии сомонӣ дар чорболи-ши вазорат мутамаккин монд. Ва чун амир Абулҳорис Мансур ибни Разӣ ба мулк биншаст, ба воситаи истеъло ва тағаллуби Фоиқ аз вазорат истеъфо хост ва ба Гузго-нон якчанде муқим шуд. Баъд аз он сӣ сол дар Нишобур ба мутолаъаи кутуб ва таснифи расоил ва ифодати фазоил ва нашри фавозил ба сар бурд ва аз мубошарати ашғол — муҷтаниб ва аз таваррут дар вартоти аъмол-мӯҳтариз...

Ва баъд аз он шӯълаи давлати Оли Сомон дар Бухоро ва Мовароуннахр ба тундбоди қаҳри Эликхон мунтафӣ шуд ва чамани мамлакаташон дар Хуросон ва Эрон ба аъосири шавкат ва сатвати султон Яминуддавла Маҳмуд ибни Са-буктегин «рамодан тазруҳу-р-риёҳу» (8) гашт, чунончи бутуни кутуби таворих, хусусан мутуни «Авроқи Яминӣ»-и Утбӣ (9) машруҳан мабсутан (10) бар он мушъир аст.

PDF Compressor Free Version

МУҲАММАД ИБНИ АЛӢ ИБНИ МУҲАММАДИ ШАБОНКОРАӢ

# Маҷмаъ-ул-ансоб

# Дебоча

«Маҷмаъ-ул-ансоб» яке аз сарчашмаҳои муҳиму мӯътабари таърихиест, ки дар замони ҳамлаи муғул аз ҷониби Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Абӯбакри Шабонкораӣ таълиф шудааст. Вай дар соли 697/1297 дар шаҳри Шабонкораӣ вилояти Форс ба дунё омадааст. Ӯ дар соли 733/1333 ба таълифи китоб пардохта, соли 1336 онро ба поён бурд ва ба вазир Хоҷа Ғиёсуддин тақдим кард, то ба ҳузури султони муғул Абӯсаъид арза дорад. Аммо султон Абӯсаъид пеш аз он, ки китоб ба дасташ бирасад, вафот ёфт ва ба иллати беназмиву ағмогарие, ки баъди фавти султон ба вуқӯъ пайваст, нусхаи аслии китоб аз байн рафт. Бинобар ин Муҳаммади Шабонкораӣ «Маҷмаъ-ул-ансоб»-ро муҷаддадан таълиф ва таҳрир намуд. Вале шарҳи воқеот то замони ҷулуси Муҳаммади Элхон (736/1336) идома ёфта, ба сабаби вафоти муаллиф нотамом мондааст. Баъдтар Ғиёсуддин Алинони Фарюмадӣ асари мазкурро то воқеоти солҳои 1353—1384 идома дод.

«Маҷмаъ-ул-ансоб» (номи дигараш «Ҷомеъ-ул-ансоб») бо ду муқаддима шурӯъ мешавад, ки онҳоро метавон марбут ба таҳрири аввал ва таҳрири дуюм донист. Мутаассифона ҳар ду муқаддима ба иллати гум шудани вараққо ноқисанд. Чунин навоқис дар дастнависҳои ин китоб ҳам дида мешаванд, зеро баъзе бахшҳо хароб шуда, баъзеи дигар ихтисор гардидаанд. Китоби мазкури Шабонкораӣ шомили табақабандии печидаест, ки аз офариниши одаму олам оғоз ёфта, бо истилои муғул ва зикри фармонравоии баъзе аз сулолаҳои он қабоил интиҳо меёбад.

Чунонки аз мӯҳтавои китоб бармеояд, асарҳои мӯътабаре чун «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ, «Қобуснома», тарҷимаи «Калила ва Димна», «Пандннома», «Тоҷинома» ва ғайра аз манобеи мавриди истифодаи муаллиф будааст. Соли 1363 Мирҳошими Муҳаддас нимаи дуввуми «Маҷмаъ-ул-ансоб»-ро, ки аз футуҳоти ислом то даврони муғулро шомил аст, дар Теҳрон ба табъ расонид.

PDF Compressor Free Version


# Сомониён

## ТОИФАИ ДУВВУМ АЗ ТАВОИФИ ҲАШТГОНА, ЭШОНРО СОМОНИЯ ГӮЯНД ВА ТАХТГОҲИ ЭШОН ДАР МОВАРОУННАҲР ВА ШАҲРИ БУХОРО БУД.

### МУҚАДДАМУҲУМ АМИР ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ

Рӯзи сешанбе нимаи рабиъулаввали санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/III.900) дар Бухоро бар тахти аморат нишаст. Ва ӯ марде одил, мунсиф, худойтарс буд, ҷавонбахт, ҳақшинос. Ва бо хулафо тариқи мутоваъат сипардӣ ва хулафо ҷониби ӯро азиз доштандӣ. Ва ӯ дар изҳори тоати Банӣ Аббос басе масоъи машҳур дорад атамлиш (?) (1) қаҳри эшон буд. Ва ӯ ҳаргиз дами исён назад ва пайваста ба ғазви куффор машғул будӣ. Ва ҳашт сол роёти подшоҳӣ барафрохт ва ҳамаи Машриқ ӯро софӣ шуд ба тоати Банӣ Аббос. Ва дар шаби шанбеи чаҳоруми сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/XII.907) ба ҷавори ҳақ, ҷалла ва ало (2), пайваст раҳматуллоҳи алайҳи. Ва ба ҳукми вилоят ва виросат ва васоё тахти мулк ба фарзандаш омад — Аҳмад ибни Исмоил.

### АМИР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Чун амир Исмоил даргузашт, аркон ва аъён ҳозир гаштанд ва ба иттифоқи ҷумҳури аҳолии мамолик муттафиқ-ал-лафз ва —л—калима (3) амир Аҳмад ибни Исмоилро бар тахт нишонданд ва бар вай ба амирӣ ва подшоҳӣ салом карданд. Ва ӯ марде беназир буд ва сирати падар дошт ва адле шомил ва ақле комил ва марде музаффари

PDF Compressor Free Version

ҷавонбахт буд. Чун муддати амораташ ба шаш сол кашид, ҷамъе аз умарову хавоссу ғуломон бар вай ғадре андешиданд ва ӯро шаҳид карданд дар ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/1.914). Ва ӯро «амири шаҳид» гӯянд.

## АМИР НАСР ИБНИ АҲМАД

Ва чун амир Аҳмад ибни Исмоил ба қатл омад, писараш Наср ибни Аҳмад ҳаштсола буд. Аркони давлат ӯро бар тахт нишонданд ва вузарову умаро ҳукм меронданд, то вақте ки ӯ ба синни шабоб расид. Марде тамом омад ҳам дар ақлу тадбир ва ҳам дар адлу тадйир. Ва дар айёми ӯ бисёр кас қасди мамлакат карданд ва ӯ бар ҷумлаи аъодӣ музаффар шуд ва гарданҳои ҳама фурӯ шикаст ва мамлакатро нигоҳ дошт ва сипоҳу раъиятро некӯ бипарвард. Муддати подшоҳияш ба сӣ сол расид ва дар санаи иҳдо ва салосина ва салосумиа (331/942—943) гузашта шуд.

## АМИР НӮҲ ИБНИ НАСР

Ва ба ҳукми висоят мулк ба писараш доданд — Нӯҳ ибни Наср. Ва ӯ марде соҳиббахт буд ва тамомати мамоликро дар забт овард. Ва тоати хулафо дошт ва ҳадоёи бисёр ба Дорулхилофа фиристод ва хулафо аз вай хушнуд будандӣ. Ва тамомати Эронзаминро дар зилли маъдалат гирифта буд. Ва дар аҳди ӯ кори Оли Сомон қавӣ шуд ва сар ба осмон месуд. Ва дувоздаҳ сол дар дасти салтанат рӯзгор гузаронид ва дар санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954—955) вафот кард. Баъд аз ӯ писараш нишаст.

## АМИР АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Ва Абдулмалик подшоҳе буд одил, бузургҳиммат ва рӯзгоре ба саломат дошт ва Бани Аббос аз вай шокир буданд ва ҳар куҷо лашкаре фиристодӣ, музаффар боз-

PDF Compressor Free Version

омаданд. Рӯзе дар шикоргоҳ, асп аз дунболаи наҳчире битохт ва хато карда бияфтод ва вафот ёфт дар санаи ҳамсина ва салосумиа (350/961—962). Ва бародараш ба мулк биншаст.

## АМИР МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Пас чун Абдулмалик намонд, умарову аркон бар бародараш Мансур иттифоқ карданд ва ӯ марде оқили соҳибтадбир буд. Дар аҳди ӯ Абулҳасани Симҷӯр дар Хуросон қавӣ шуд ва ин симҷӯриён (4) мардуми қавӣ буданд ҳамчун даёлама дар аҳди Салҷуқиён. Ва ин симҷӯриён расмҳои бад ниҳоданд дар Хуросон ва бунёди зулму мухолафат ҳама аз эшон буд. Муддати мулки Мансур ибни Нӯҳ понздаҳ сол буд. Дар санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/975—976) даргузашт ва писараш биншаст.

## АМИРИ РАЗӢ НӮҲ ИБНИ МАНСУР

Ӯро амири разӣ хонданд. Дар айёми ӯ анвои фитан бархост ва Абулҳасани Симҷӯр дами исён зад. Разиро зарурат шуд ӯро маъзул кардан. Пас Разиро ғуломе турк буд, номи ӯ «Тош» ва аз ғуломони қадим буд ва ба амирӣ расида ва мадори мулки Сомониён бар вай буд. Разӣ ин Тошро амирии Хуросону Ироқу Порс бидод ва Тош ба Хуросон омад ва чанд навбат миёни ӯ ва Симҷӯрӣ муҳорабат рафт ва Тош бо Абулҳасан барнаёмад. Ва сурати ҳоли ин ҳарбҳо машруъ дар «Ямиинии Утбӣ» (5) дохил аст, ки чӣ гуна буд. Ва дар он аҳд амир Сабуктегин дар Ғазнин ва он тараф нек мутамаккин буд ва ӯро дар дилу чашми мулуки рӯзгор азим ҳайбате афтода буд. Ва гарчӣ ӯ аз мavолии Оли Сомон буд, аммо амири разӣ ба вай муҳтоҷ омад ва аз вай мадад талабид. Сабуктегин бо бист ҳазор савори некӯ рӯй ба Хуросон ниҳод ва Симҷӯр ба вай истиъонат овард. Ва султони Туркистон—Бағрохон низ ба вай илтиҷо кард ва тамаъ дар мулки Сомониён карда. Сабуктегин медонист, ки хишти давлати Сомониён

PDF Compressor Free Version

аз қолаб берун афтода ва низ медонист, ки симҷӯриён бо вай барнаёянд, ва хоки Туркистонро бас бақое набошад. Ҷавоби номаи ҳар яке бар ҳасби маслаҳат бозкард ва худ ба Хуросон омад. Хони Туркистон ғулувве кард ва Разӣ аз вай бигрехт ва ба Омуя шуд. Ва Бухоро ба дасти туркон афтод. Чун овозаи Сабуктегин бишниданд, аз Бухоро бирафтанд ва Бағрохон худ дар он наздикӣ бимурд ва Разӣ ба Бухоро шуд. Ва амир Сабуктегин дар Хуросон биншаст ва Хуросонро қисмат кард, баъзе ба Тош дод ва баъзе ба Симҷӯр. Ва худ низ равона шуд ва амир Маҳмудро дар Хуросон биншонд ба ҷои худ, яъне ноиби амири разӣ буд ва худ инқариби Сабуктегин даргузашт. Ва дар он аҳд Эликхон—писари Бағрохон бар Бухоро хуруҷ кард ва амир разиро фурӯ гирифт. Амир Маҳмуд лашкар кашида ӯро биронид ва Разӣ низ даргузашт. Муддати мулки Нӯҳ ибни Мансур бисту як сол буд. Дар санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/997) фурӯ шуд ва мулк ба писараш қарор гирифт—Мансур ибни Нӯҳ.

## АМИР МАНСУР ИБНИ НӮҲ ИБНИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Чун ӯро бар тахт нишонданд, ӯ сахт кӯдак буд ва Абулмузаффари Базғашӣ (6) вазорат мерониД. Ва амире буд аз ғуломони қадим, номи ӯ Фоиқ ӯро бихонданд ва ниёбати Мансур ба вай доданд. Ва гуфтанд: «Ту пири давлатӣ». Фоиқ биёмад ва бар ҳоҷибгоҳ биншаст ва бигристу гуфт: «То ман рафтам, ин корҳо ҳама аз забт рафта, ба иқрор оварам». Пас бунёди кор кард, аммо равнақе надошт. Ва ғуломе дигар буд, ӯро Бектуз гуфтандӣ ва ӯро имороти Хуросон доданд. Дар ин ҳолат амир Маҳмуд ба Ғазнин буд, чи падараш вафот карда буд. Ва миёни ӯ ва бародараш Исмоил аз баҳри мамлакати Ғазнин низоъе буд. Ва то амир Маҳмуд он маслаҳатро тамом кард, кори Бухорову Хуросон дар изтироб буд. Ва миёни Бектуазу Фоиқу Абулқосими Симҷӯрӣ мухолафат буд. Амир Маҳмуд ногоҳ бо лашкаре гарон ба Хуросон давонид, ҳама

PDF Compressor Free Version

битарсиданд ва амир Маҳмуд ба истиқлол дар Хуросон биншаст. Пас дар Бухоро Бектузу Фоиқ иттифоқ карданд ва Мансур ибни Нӯҳро фурӯ кашиданду ӯро кӯр карданд ба мил. Ва бо бародараш Абдулмалик ибни Нӯҳ байъат карданд. Мамлакати Мансур ибни Нӯҳ як солу ҳафт моҳ буд. Дар санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/998—999) ӯро мил кашиданд.

## АМИР АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Ва чун султон Маҳмуд бишнид, ки Мансурро кӯр карданд ва бародараш — Абдулмаликро биншонданд, онро баҳона сохт ва пайғом фиристод ба Бектузу Фоиқ ва гуфт: «Шумо беадабӣ кардед ва аз ҳадди худ пой берун ниҳодед ва ҳаққи неъмати худовандони худро фурӯ гузоштед. Ва мо ҳама бандагонем ва аз ману падар дар ҳаққи ин хонадон он омад, ки ҳама писандиданд ва шумо дар қаҳр ва истисол мекӯшед. Ман дар ин кор игмоз макунам ва ҳаройина кини ин подшоҳ аз шумо бихоҳам, то минбаъд бандагон бар худовандон далер нашаванд». Эшон битарсиданд ва пайғомҳо фиристоданд ва узр хостанду гуфтанд: «Қазои худой буд, мо ҳама он кунем, ки амир маслаҳат фармояд». Фуқаҳову сулаҳо дар миён омаданд ва сулҳ карданд бад-он ки Балху Тирмид ва тарафи машриқ ҳама аз они амир Маҳмуд бошад, ки ба Ғазнин наздиктар аст. Ва Нишобуру Хуросон Бектузро ва Куҳистону Ҷиболу Табаристон Абулқосими Симҷуриро, дусе рӯз бар ин баромад. Рӯзе амир Маҳмуд хост, ки эшонро биёзмояд, то бар сари қавлу паймони худ ҳастанд ё на. Лашкар баргирифт ва як—ду манзил аз Хуросон бирафт. Эшон чун ғайбат ёфтанд, дар дунболаи лашкари ӯ нишастанд ва кӯшише карданд. Амир Маҳмуд онро фурсате донист ва бозгашт ва гӯристоне бинҳод ва эшон ҳама мутафаррик шуданд. Ва Абдулқосими Симҷур бигурехт ва Абдулмалик ба Бухоро бозшуд ва Бектуз овора гашт.

Ва султон Маҳмудро чун ин фатҳ баромад, он рӯз дил

PDF Compressor Free Version

бар подшоҳиву мамлакати Сомониён ниҳод ва ҷумлагӣ Хуросонро фуру гирифт ва ҳар шаҳреро ноибу шаҳнае худ бифиристод ва доду адл кард. Ва чун Абдулмалик дар Бухоро танҳо монд, Эликхон интиҳози фурсат ёфт ва бо лашкаре тамом биёмад ва Абдулмаликро бигрифт ва тамомати авлоду атбоъи ӯро бигирифт ва банд карда ба куҳандиз кард. Ва худ ба Бухоро ва Мовароуннаҳр муставлӣ шуд ва мамлакати Сомониён ба поён расид. Дар миёни маликзодагон, ки маҳбус буданд, писаре буд, ӯро ба куният Абӯиброҳим гуфтандӣ, бародари Абдулмалик буд ва марде бағоят мардона буд. Ҳилате сохт ва аз банд бигурехт ва муддати панҷ сол дар олам мегашт ва ҳар лашкаре гирд кардӣ ва кӯшише намудӣ. Чун сипоҳи давлаташ дар ҷӯйбори мурод тира шуда буд, бӯи вафо аз ҳеҷ касе ба машоми ӯ нарасид, то кораш ба он расид, ки зикр хоҳад рафт.

## АМИР АБӮИБРОҲИМ ИСМОИЛ ИБНИ НӮҲ

Номи ӯ Исмоил буд ва лақабашро «Мунтасир» гуфтандӣ. Чун аз банд бигурехт, озими Хоразм гашт ва ҷамъе аз лашкаре, ки мунҳазим шуда буданд, бар вай гирд омаданд. Ва қасди Бухоро кард ва ба Бухоро андар шуд ва шаҳнаи Элик биронд ва мардумони Бухоро ба омадани ӯ шодӣ карданд. Элик аз ин огоҳ шуд ва писари худро — Ҷағритегин фиристод бо сипоҳе тамом. Ва Мунтасир сипоҳ ба Арслон дод ва пазира фиристод ва Ҷағритегинро бишикаст ва муддате андак подшоҳӣ ронд. Элик худ бо сипоҳи бузург рӯй ба Бухоро ниҳод ва Мунтасир бигурехт ва рӯй ба Гургон ниҳод. Малик он ҷо Қобуси Вушмгир буд. Хеле эҳтироми ӯ кард ва хост, ки ба мадади Мунтасир мулки Рай бигирад. Ҳарчанд таҳризи Абӯиброҳим кард, то лашкаре ба Рай кашад, ӯ ин маънӣ фаҳм кард ва қасди Рай накард. Аз он ҷо илтиҷо бурд ба амир Маҳмуди Сабуктегин ва ба Балх омад. Амир Маҳмуд ӯро ба мавоиди худ музтазҳар гардонид. Ва чун азм кард, ки

PDF Compressor Free Version

пеши амир Маҳмуд равад. лашкари Ғуз бар вай ҷамъ шуданд қариб даҳ ҳазор мард ва сари ӯ баргардониданд ва ӯро ба Бухоро бозбурданд ва Бухоро бигирифтанд. Ва ғарази Ғуз ғорат буд. Чун Бухоро ғорат карданд, хостанд, ки Абӯиброҳимро бигиранд ва банд карда пеши Элик фиристанд. Вай огоҳ шуд ва бигрехт ва ба Хоразм омад ва лашкаре сохт. Дигарбора ба Бухоро бозшуд ва бигирифт. Ва Элик навбате дигар худ биёмад ва Мунтасир ӯро бишикаст. Элик бирафт ва бо сипоҳе бузург биёмад ва сипоҳи Бухоро бо Мунтасир ғадр карданд ва панҷ ҳазор мард аз вай баргаштанд ва ба лашкари Элик омаданд. Мунтасир бигрехт ва роҳи биёбон гирифт. Дар роҳ яке аз тарокимаи салҷуқӣ ба вай расид ва сари ӯ бигардонид ва гуфт: «Биё то ба хайл хонаи мо равем ва сипоҳи тарокима гирд кунем». Абӯиброҳим донист, ки бӯи макре аз он меояд. Илтифот накард ва ба канори Ҷайҳун омад. Дар рӯзгор зимистон буд ва оби Ҷайҳун баста. Ҷамоате, ки бо вай буданд, аксар аз вай баргаштанд ва ӯ бимонд ва бародару доя. Элик ба вай расид ва бародарони дугона ва доя гирифтор шуданд ва Абӯиброҳим бимонд бо ҳафт—ҳашт ғулом. Дар биёбон мегашт, хонаи арабон биёфт, пеши эшон шуд. Аъроб дар либоси ӯ тамаъ карданд, ки қабоҳои мурассаъ дошт. Ӯро бикуштанд дар рабеъулаввали сана хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII.1004) ва умед аз рӯзгори Сомония мунқатеъ шуд. Валлоҳу аълам бис—с—савоб ва илайҳи—л—марҷаъ вал—маъоб (6).

PDF Compressor Free Version
МУҲАММАД ИБНИ ХОВАНДШОҲ ИБНИ МАҲМУД
МАЪРУФ БА МИРХОНД

# Равзат-ус-сафо

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд, ки маъруф ба Мирхонд аст, аз муаррихони номии қарни XV форс-тоҷик мебошад. Ӯ дар соли 1433 дар Балх ба дунё омада, соли 1498 дар Ҳирот вафот кардааст. Падараш Бурҳониддини Ховандшоҳ дар асл аз сайидони Бухоро буд, аммо ба Балх муҳоҷират кард. Мирхонд бештари умри худро дар Ҳирот гузаронид ва мавриди таваҷҷӯҳи хосси Амир Алишери Навоӣ қарор гирифт. «Равзат-ус-сафо»-ро низ ба номи Алишери Навоӣ навиштааст.

Номи пурраи асар «Равзат-ус-сафо фӣ сират-ил-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо» асту бештар бо номи бахши аввали он машҳур гашта. «Равзат-ус-сафо» шомили муқаддима, ҳафт ҷилд ва хотима аст, вале ҷилди ҳафтум ва қисмати хотимаи он ба қаламн набераи Ӯ—Хондамир мансуб мебошад. Асари Мирхонд воқеъоти таърихро аз бунёди олам то давраи ҳукмронии Темуриён фаро мегирад ва Хондамир вақоеъи давраи ҳукмронии Султон Ҳусайнро (1469—1506) ба он замима кардааст. Бино бар ақидаи Ч. А. Стори таълифи ин қисмати «Равзат-ус-сафо» ба солҳои 1494—1502 мувофиқ меояд.

Мирхонд дар муҳаллади якуми асар аз рисолаҳои таърихии ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ таълиф шуда маълумот дода, ҷилдҳои дуюм ва сеюми «Равзат-ус-сафо»-ро ба шарҳи ҳоли Расули акрам (с), хулафои рошидин, имомҳои шиа ва масоили дигари исломӣ мебахшад. Ҷилдҳои минбаъдаи асар аз таърихи сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён, Дайламиён, Хоразмшоҳиён, Салҷуқиён, Чингизиён, Темуриён баҳс мекунад, ки барои муҳаққиқини таърихи Осиёи Марказӣ ва Эрон аҳамияти хоссаи илмӣ дорад. Дар рӯшанӣ андохтан ба бархе аз масоили рӯзгори он давра «Равзат-ус-сафо» аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ маҳсуб мешавад.

Асар борҳо дар Эрон, Ҳиндустон ва дигар мамолики Осиёву Аврупо нашр ва қисман тарҷума шудааст.

Нусхаи литографии «Равзат-ус-сафо», ки мавриди пажӯҳиш ва истифода дар ин китоб қарор гирифт, дар соли 1905 дар Лакҳнав дар матбааи Нувал Кишур ба табъ расидааст.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ МУҲОРИБАИ АМРИ ЛАЙС БО ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ ВА ГИРИФТОР ШУДАНИ АМР ВА НИҲОЯТИ КОР ВА МАОЛИ ҲОЛИ Ӯ

Чун хабар расид, ки иёлати Мовароуннаҳр аз Дорулхилофа муфаввaз ба Амри Лайс шуда, хидматаш—Муҳаммад ибни Баширро, ки яке аз мӯътамадон, балки ахасси ҳавосси ӯ буд, бо сипоҳе ҷаррор ба ҷанги ҳокими он диёр—Исмоили Сомонӣ фиристод. Исмоил аз Ҷайҳун гузашта, дар баробари мухолифон саффи қитол биёрост. Ва баъд аз ситез Муҳаммад ибни Башир кушта шуд ва лашкараш инҳизом ёфта, ба Амр пайвастанд. Амр таҳияи асбоби муҳораба намуд, ки худ ба ҷанги Исмоил равад. Ҳарчанд умаро монеъ омаданд, ки маслаҳат нест, лашкаре фиристод, муфид наёфтод. Чун Амр ба Балх расид, Исмоил ба ӯ пайғом дод, ки Ҳақ, азза ва ало, мамлакате васеъ ба ту арзонӣ дошта ва ман тамаъ дар он намекунам ва ба ин сарҳад қаноат кардаам. Акнун таваққӯъ он аст, ки ин гӯша ба ман гузорӣ, ки андак ҷоест. Амр қабул накарда ва аз роҳи Панҷоб равон шуд. Исмоил низ дар ҳаракат омада, аз об убур кард ва дар баробари хуросониён биншаст. Ва Амр бо лашкари бисёр на пеш тавонист рафт ва на маҷоли муроҷаат дошт ва ба андак фурсате лашкариёни ӯ рӯ ба ҳазимат ниҳоданд ва дар ҳини инҳизом ба Амр гуфтанд: «Маслиҳат чунон аст, ки ту аз роҳи беша муроҷаат намоӣ». Амр лашкар ба роҳи рост равона карда, худ бар беша даромад ва аспи ӯ дар гилзоре афтода. Андак нафаре, ки бо ӯ буданд, хидматашро гузошта рафтанд ва ҷамоате аз сипоҳи Исмоил аз ақиб расида ӯро бигирифтанд.

Ва дар баъзе таворих мазкур аст, ки Исмоили Сомонӣ ба игво ва таҳриси Мӯътазиди халифа, ки бо Амри Лайс сафое зиёда надошт, бо даҳ ҳазор савор, ки аксар рикобҳо

PDF Compressor Free Version

чӯбин доштанд, ба азми муҳорибаи Амри Лайс аз Ҷайҳун убур намуда ва Амр бо ҳафтод ҳазор савори ҷаррор мутаваҷҷеҳи ӯ шуд. Чун дар бароҳам (3) сафҳо рост карданд, аспи Амр, ки бағоят тунду саркаш буд, дар ҷавлон омада, ӯро ба сафи душман расонид ва бе он ки хуне рехта гардад, Исмоил ғолиб гашта. Мардуми Амр рӯй ба ҳазимат ниҳоданд ва Амрро дар хайма маҳбус гардониданд. Яке аз фаррошони ӯ бар Амр гузашт. Амр ӯро бихонду гуфт: «Ҷиҳати ман хӯрданӣ тартиб кун». Фаррош миқдоре гӯшт ба даст оварда ва дар сатли асп карда, дар зери он оташ афрӯхт ва ба талаби ҳавоиҷ рафт. Иттифоқан саге омад ва сар дар сатл карда, ба оташ сӯхта, сар ба таъҷил даровард ва дастаи сатл дар горданаш афтода медавид ва сатл мебурд. Амр аз мушоҳадаи он сурат дар ханда афтод. Яке аз ходимон ба ӯ гуфт, ки «чӣ ҷои ханда аст?» Амр ҷавоб дод, ки «имрӯз бомдод хонсолор ба ман шикоят мекард, ки сесад шутур адавоти матбах мекашанд ва дар заҳматанд, шутур зиёда кун, ҳангоми шаб мебинам, ки саге онро ба суҳулат мебарад». Баъзе гӯянд, ки чун Амри Лайсро назди Исмоил овард, Исмоил рӯяш бибӯсид ва гуфт: «Ту бародари азизӣ». Ва хилъате фохир ба ӯ дода савганд ёд карда, ки: «Туро наранҷонам ва азияте ба ту нарасонам». Ва чун ба ҷониби Мовароуннаҳр мурочаат кард, ӯро бо худ ба Ҳирот бурд. Ва баъд аз гирифтор шудани Амри Лайс расуле ба Дорулхилофат фиристода, аз кайфияти ҳол эълом дода. Мӯътазиди халифа гуфт: «Раҳмат бар Исмоил ва лаънат бар Амр бод». Баъд аз ин элчиён пеши Исмоил фиристод, то Амрро таслими эшон намоянд ва Исмоил ӯро ба расулони атабаи хилофат супурд. Ва чун Амрро ба навоҳии Бағдод расониданд, бар шутуре савор карда, ба шаҳр даровcareданд. Чун чашми Мӯътазид бар вай афтод, гуфт: «Шукр мар худойро, ки туро ба дасти ман дод ва кифояти шуғли ту кард». Он гоҳ фармуд, то ӯро дар маҳбасе бидоштанд.

Ва дар ниҳояти ҳоли ӯ ихтилоф аст. Баъзе гуфтаанд, ки Мӯътазид дар ҳини вафот сарҳангеро бифиристод, то ӯро бикушт. Ва баъзе гуфтаанд, ки дар марази Мӯътазид ҳеҷ кас ёди ӯ накард, то аз гуруснагӣ сипарӣ шуд. Ва ривояте

PDF Compressor Free Version

он, ки халифа дар ҳолати назъ буд, соҳиби ҳабс чун донист, ки дар он замон Муътазид ҳалок хоҳад шуд, домани исмати худ ба хуни ӯ наёлуд. Чун Муктафӣ бар сарири хилофат мутамаккин гашт, аз ҳоли Амр пурсид. Гуфтанд: «Зинда аст». Хуррам шуд, ки бисёр караму некӯӣ аз ӯ дида буд ва мехост, ки дар ивази он марҳамату эҳсон ба тақдим расонад. Қосими вазир чун донист, ки Муктафӣ нисбат ба Амри Лайс дар мақоми иноят аст, бино бар адовате, ки ба ӯ дошт, касон фиристод, то Амрро куштанд. Ва бо Муктафӣ гуфтанд, ки мо чунон пиндоштем, ки Амр дар зумраи аҳёст, чун тафаҳҳус кардем хилофи он зоҳир шуд. Дар «Таърихи Банокатӣ» мастур аст, ки муддати салтанати ӯ бисту се сол буд. Ва аз осори Амр масҷиди сиравии (?) Шероз аст (4).

## ЗИКРИ МУЛУКИ СОМОНИЯ, РАҲИМАҲУМУЛЛОҲ, ВА БАЁНИ БАЪЗЕ ДАВЛАТ ВА ҲУКУМАТИ ЭШОН ДАР БИЛОДИ ИСЛОМ

Дар насаби Сомон гуфтаанд, ки ӯ аз авлоди Баҳроми Чӯбин аст ва ибтидои давлати он ҷамоат дар замони хилофати Маъмун воқеъ шуд. Муфассали ин муҷмал он ки чун Маъмуни халифа дар он овон, ки дар Марв буд, ҳукумати Хуросон ва Мовароуннаҳр ба Ғассон ибни Аббод, ки аммзодаи Фазл ибни Саҳли Зурриёсатайн буд, дод фарзандони Асад ибни Сомонро, ки дар он ҳин ба мулозимати атабаи хилофат иштиғол менамуданд, ба ӯ суфориш фармуда гуфт, ки ин ҷамоат худовандони насабанд, эшонро амалҳои гаронманд фармой. Ва Нӯҳ ибни Асадро волии Самарқанд гардонида, Аҳмад ибни Асадро ба ҳукумати Фарғона фиристод ва Шош ва Усрушана ба Яҳё ибни Асад дод. Ва зимоми ратқу фатқи Ҳиротро дар кафи кифояти Илёс ибни Асад ниҳод. Ва баъд аз он, ки Маъмун Ғассонро азл карда ҳукумати Хуросонро ба Тоҳири Зуляминайн дод, Тоҳир Оли Сомонро ба ҳоли худ гузошт. Чун Тоҳир вафот ёфт ва мансаби ӯ ба писараш — Талҳа мунтақил шуд, Маъмун Аҳмади Абӯхолидро ба Хуросону Мовароуннаҳр фиристод,

PDF Compressor Free Version


то ба забту насқи иморатӯ зироати он вилоят кӯшида, аз кайфияти хукумати Талҳа низ истикшоф намояд. Маҷмӯи Банӣ Асад ба хидмати Аҳмади Абӯхолид омада, манзури назари отифати ӯ гаштанд. Чун мухолифон Фарғонаро аз Аҳмад ибни Асад интизоъ намуда буданд, Аҳмади Абӯхолид ба он савб лашкар кашида аъдои динро аз Фарғона берун кард. Ва Аҳмад ибни Асадро ба дастури собиқ бад-он диёр волӣ гардонида муроҷаат намуда. Баъд аз вафоти Нӯҳ ибни Асад, Талҳа ибни Тоҳир Самарқандро ба бародарони ӯ — Яҳё ва Аҳмад дод. Ва Аҳмад бағоят парҳезгору раҳимдилу одилу некӯкор буд. Ва ҳафт писар дошт: Наср, Яъқуб, Яҳё, Асад, Исмоил, Исҳоқ ва Ҳамид. Баъд аз чанд гоҳ Аҳмад ибни Асад ҳукумати Самарқандро ба савобдиди Талҳа ибни Тоҳир ба писари худ — Наср арзонӣ дошт. Филҷумла муддати мадид дар айёми давлати Тоҳир ҳукумати Мовароуннаҳр ба ниёбати эшон мутааллиқ ба фарзандони Асад ибни Сомон буд. Чун Яъқуби Лайс хурӯҷ кард ва Тоҳирия заиф шуданд ва дар шухури санаи иҳдо ва ситтина ва миатайн (261/874—875) Мӯътамиди халифа маншури иёлати Мовароуннаҳр назди Наср ибни Аҳмади Сомонӣ фиристод. Ва ӯ дар Самарқанд раҳли иқомат андохта, аз тариқи ниёбат бародари худ — Исмоилро ба Бухоро равон кард. Дар ин асно миёни Рофеъ ибни Ҳарсама, ки дар Хуросон бақувват шуда буд ва Исмоил ибни Аҳмад асоси муҳаббат муаккад шуда, ба якдигар мукотабот ирсол мекарданд.

Исмоил аз Рофеъ илтимос намуд, ки Хоразмро ба ӯ диҳад. Рофеъ мултамаси ӯ мабзул дошта, аз сари Хоразм даргузашт. Ва ҷамъе аз хабисон, ки лаънат бар эшон бод, фурсат ёфта ба самъи Наср расониданд, ки мӯҷиби муҳаббати Исмоил бо Рофеъи Ҳарсама он аст, ки мехоҳад, ки ба мадади ӯ туро аз Мовароуннаҳр берун кунад. Наср аз Исмоил мушавваш гашта, ба таҷҳизи асбоби Бухоро машғул шуд. Ва Исмоил бар ин маънӣ иттилоъ ёфта, Ҳамуя ибни Асад ибни Алиро ба Хуросон фиристод, то аз Рофеъ истимдод намояд. Ва Ҳамуя ба мақсад расид. Ва Рофеъ ба нафси хеш озими Мовароуннаҳр шуд. Чун аз Омуя убур намуд, Ҳамуя андешид, ки Рофеъ ба ин сипоҳ, ки ҳамроҳ дорад, метавонад,

PDF Compressor Free Version

ки ҷамеъи мамлакати Мовароуннаҳрро дар тасарруф оварад ва яҳтамил, ки чун Насрро дафъ кунад, Исмоилро бигирад ва бар тақдире, ки мамлакатро ба ӯ диҳад, баъд аз он Исмоилро тобеи Рофеъ бояд буд ва ин маънӣ оре азим бошад. Ва Ҳамуя раъйи худ бар ҳалли ин воқеа муфассала гумошта, бо Рофеъ гуфт, ки: «Эй амир, маслаҳат он аст, ки саъй намоӣ, ки миёни бародарон мусолаҳа воқеъ шавад, ки агар дар мақоми ҷанг собитқадам бошӣ, бародарон бо ҳам зимнан иттифоқ намоянд ва амирро дар мамлакати бегона малоле расад». Рофеъро тадбири Ҳамуя мувофиқи мизоҷ афтод ва расулонро назди Насру Исмоил фиристод, ки салоҳ дар сулҳ аст. Ва чандон дар он боб муболаға кард, ки ҳар ду бародар бо ҳам оштӣ карданд ва Рофеъ ба Хуросон бозгашт ва Ҳамуя кайфияти андеша ва ҳилаи худро маъруз Исмоил гардонид. Исмоил шарафи эҳмод арзоӣ дошт ва ӯро ба маротиби арҷманд расонид. Ва чанд гоҳ миёни Наср ва Исмоил бисоти мусодақат мумаҳҳад буд, то боз бо ифсоди муфсидон навардида шуд ва ваҳшат ба ҷое расид, ки Наср лашкаре ҷамъ оварда, рӯй ба Бухоро ниҳод. Ва Исмоил низ ба таҷҳизи сипоҳ қиём намуда ва дар баробари ӯ омад. Ва баъд аз муҳориба Исмоил зафар ёфт ва Насрро асир карда, назди ӯ оварданд. Исмоил Насрро бар тахт ниишонда, дастбӯс кард ва ба мартаба маросими таъзиму тасҷил ба ҷой овард, ки Насрро тасаввур шуд, ки Исмоил бо ӯ истеҳзо мекунад. Он гоҳ Исмоил бародарро бо мулозимон ба таҷамулле тамом ба Самарқанд гусел фармуд. Ва дар ҳини видоъ гуфт, ки ман ба ниёбати ту дар Бухоро ба забту рабти умур машғул хоҳам буд.

Ва арбоби таворих гуфтаанд, ки Исмоил подшоҳи мухайири каримуттабъ буд. Фузалову уламо дар айёми давлати ӯ муаззаз ва мӯҳтарам буданд. Ибни Касир гӯяд, ки баракати ин тариқ хуб муддатҳо дар хонадони он бимонд. Гӯянд, ки яке аз уламо рӯзе ба дидани ӯ омад ва дар ҳини мурoҷаат ҳафт қадам мушояати ӯ кард. Шаб пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро, ба хоб дид, ки фармуд: «Эй Исмоил, бад-он ҳафт қадам, ки мушояати он олим намудӣ, ҳафт аз насли ту подшоҳӣ хоҳанд кард». Ва чун

PDF Compressor Free Version

Наср дар санаи тисъа ва хамсина ва миатайн (259/872—873) вафот ёфт, маҷмӯи диёри Мовароуннаҳр дар таҳти тасарруфи гумоштагони Исмоил омад. Ва ӯ бар сабили истибдод ва истиқлол дар маҳоми мамлакат мадхал мекард. Муаррихон аввал касеро аз Оли Сомон, ки дар зумраи подшоҳон шумурдаанд — Исмоил буд, чи пеш аз он авлоди Сомон баъзе ба ниёбати Тоҳир ва бархе ба маншури хулафо дар Мовароуннаҳр ҳукумат мекарданд ва зиёда истиқлоле надоштаанд.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ

Исмоил баъд аз вафоти бародар дар самонина ва миатайн (280/893—894) лашкар ба Туркистон кашида ва падари подшоҳи Туркистон ва хотунашро бо даҳ ҳазор кас асир карда, ба Самарқанд овард. Ва чандон ғанимат ба дасти лашкариёни Исмоил афтод, ки ҳар савориро ба вақти қисмат ҳазор дирҳам расид ва аспу шутуру гӯсфанд дар ҳисоб набуд. Баъд аз он Исмоил боз Ҷайҳун убур намуда, Амри Лайсро бигирифт, чунончӣ дар қазияи Саффориян рақамзадаи килк баён гашт. Дар «Таърихи гузида» мастур аст, ки баъд аз гирифтории Амри Лайс Исмоил ҳоҷибе назди ӯ фиристод ва истимолат дод, ки агар худои таоло хоста бошад, ман туро аз хашми халифа халос кунам. Амр бар Исмоил офарин карда гуфт: «Медонам, ки маро аз халифа рӯи раҳоӣ нест». Исмоил он чӣ вазифаи мардиву муруввват аст, бар забон меовард. Ва баъд аз адои ин калимот Амр бозубанде ба ҳоҷиб дода гуфт, ки хидмати ман ба амир расон ва бигӯй ки: «Мешунавам, ки лашкари ту ба мол эҳтиёҷи тамом доранд ва дар ин нусха ганҷҳои ман ва бародари ман мастур аст. Ҳамон беҳтар, ки ин амвол ба бандагони ту расад ва мӯҷиби зинат ва рафоҳияти эшон гардад. Таваққӯъ аз карами амир он аст, ки кирдори ӯ мувофиқи гуфтор бошад ва даст аз хуни ман раҳо карда, маро назди халифа фиристад». Ҳоҷиб ба тасаввури он ки тӯҳфаи касир пеши амир Исмоил оварда, башшошу хандон бозгаш-

PDF Compressor Free Version

та, маъруз дошт, ки Амри Лайс чунон ва чунин гуфт. Амир Исмоил бонг бар вай зада гуфт: «Бирав ва ин нусхаро ба ӯ деҳ ва бигӯй, ки Исмоил мегӯяд, ки ту ва бародаратро хазинаву ганҷ аз куҷо омад, бар ҳама оламиён равшан аст, ки шумо рӯйгар бачагонед ва дусе рӯз саодате, ки дар ҳақиқат айни шақоват буд, мусоадати шумо карда, дар ҷаҳон истиқлол ёфтед ва ба тааддиву ҷавр амвол ҳосил кардед. Мазламае, ки аз он амвол дар гардани шумост, мехоҳед, ки мутааллиқ ба ман шавад. Ман аз он мардум нестам, ки ба суханони шумо фирефта гардам ва мағрур шавам, миёни ману ту хуне воқеъ нашуд, ки бар қатли ту мубодарат намоям».

Роқими ҳуруф гӯяд, ки қавли Ҳамдуллоҳи Муставфӣ—соҳиби «Таърихи гузида» холӣ аз заъфе нест, чи бо вуҷуди он ки қоил шуда, ки Амр дар ҷавоби ҳоҷиб гуфт, ки маро аз халифа рӯи раҳоӣ нест, чи гуна таҷаввуз тавон кард, ки Амр аз Исмоил илтимос намуда бошад, ки ӯро ба хидмати халифа ирсол намояд ва далел бар он, ки ин идоя (5) аз аввал то ба охир марҷӯҳ аст, он аст, ки хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, раҳимаҳуллоҳ, ки замони ӯ ба наздик буд ба айёми давлати Сомониён, дар васоёи хеш оварда, ки чун амир Исмоили Сомонӣ дар навоҳии Балх бо Амри Лайс муқобил гашт ва, он чунон ки машҳур аст, Амрро бигирифт ва ба тафаҳҳуси хазоине, ки бо вай буд, машғул шуд. Чандон, ки тафаҳҳус намуд, асаре аз он зоҳир нагашт ва маълум нашуд, ки аҳаде аз аҳоди (6) лашкарро бар он вуқуф буда бошад. Фармуд, то кайфият аз Амр пурсиданд. Гуфт, ки аз ақорибн ман касе буд, Сом ном — мутааҳҳиди хазоин. Шояд ки онро ба Ҳирот бурда бошад. Чун баъд аз чанд рӯз (аз) амир Исмоил бахри ахли Ҳирот амон хостанд, эшонро амон дода ва аз холи Сом ва хазинаи Амр истеълом намуд. Ҳеҷ офарида ахборе накард ва машоҳиру ҷамоҳири баимону мавосиқ ва сойри вуҷӯҳи тафаҳҳусу таҳқиқ аз он мубарро шуданд. Чун он амвол ба даст наёмад ва аскар низ аз ибтидо ба ваҷҳи (он ки) ғаниматe маҳфуз нагашта, гуфтанд, ки «ба салоҳ ин ақраб аст, ки бар аҳли шаҳр таҳмил равад». Маърузи амир Исмоил карданд, ки

PDF Compressor Free Version

дар Ҳирот ва навоҳии он сад ҳазор одами бетараддуд ҳастанд. Агар ҳар як ба ду мисқол зар мусоадат кунанд, дувист ҳазор динор бошад ва агар ба як динор мадад намоянд, сад ҳазор мисқол бошад ва бад-ин маблағ мараммати лашкар тавон кард. Амир Исмоил гуфт: «Чандин ҳазор мӯъмину муслимро амон дода бошам ва ба аҳду савганд муаккад гардонида, хилофи он ба ҳеҷ таъвил натавон кард». Ва ба суръату истеъҷол аз Ҳирот берун омад, то боз он сухан дар миён наёваранд ва шайтон тасвиле накунад, ки мӯҷиби нақси мисоқ гардад. Чун ба манзиле нузул намуданд, аъёни ҳазрат ҳамон ҳикоят бо амир Исмоил оғоз карда гуфтанд, ки «аз мамлакате, ки муҳаққақ нест, ки дар тасарруф қарор хоҳад гирифт ё не, чунин бе истеъдод берун рафтан аз салоҳи маликӣ мустабъад менамояд». Амир Исмоил боз ҳамон ҷавоб дода гуфт: «Ҳамон худое, ки аспи Амри Лайсро ба тозиёнаи тақдир пеши ман давонид, қодир аст ба он, ки беғорату торочи ҷамъи мардуми мазлум таҳияи асбоби лашкари ман кунад». Он ҷамоат маъюс аз пеши ӯ берун омаданд. Ва дар он ҳол канизе аз канизони хоссаи амир Исмоил ҳамоиле мурассаъ аз қитъаҳои лаълу ёқут аз гардан берун оварда, болои ҷома ниҳода буд ва ба таҳоратхона рафта. Ғаливоҷе ба тасаввури он ки пораҳои гӯшт аст, аз ҳаво фуруд омада онро даррабуд. Наздикон савор шуданд ва бар асари ғаливож тохтанд, чун хост, ки фуруд ояд, саворон аз атрофу ҷавонибн ӯ даромаданд. Ғаливож ҳамоилп аз михлаб бияфганд. Иттифоқан баробари чоҳе буд, дар он чоҳ афтода. Танобе оварданд ва бар камари касе баста, дар чоҳ фурӯ гузоштанд ва аз он ҷо ба чоҳе дигар роҳ буд, сандуқҳо бинамуд. Ва он шахс наздики саводиқ рафт ва он хизонаи Амри Лайс буд, ки Сом аз Балх гурезонида, бар сухулу ҷибол ва тариқе, ки мурури халқ воқеъ набошад, оварда то ҳудуди Ҳирот ва дар он мавзеъ ихфо карда буд. Алқисса, он чи аз хизонаи Амри Лайс мақсур буд ва он чи бар аҳолии Ҳирот доия доштанд, ки ҳавола доранд, ба азъофи музоаф зоҳир шуд.

Хоҷа Низомулмулк баъд аз эроди ин ҳикоят гӯяд, ки ғараз аз иң тақрир он, ки бар тибқи аҳду паймон мустақим

PDF Compressor Free Version

будан фавоиди мавфуру самароти номаҳсур дорад. Гӯянд, ки баъд аз ирсоли Амри Лайс ба Багдод Муътазиди халифа ҷиҳати амир Исмоил хилаъи қимате ва аҳкому маношир фиристод ва ҳукумати Систон ва Хуросон то Мозандарон ва Рай ва Исфаҳон ба вай тафвиз намуд ва ӯ хилъатҳои халифаро як-як мепӯшид ва баъд аз пӯшидани ҳар як ду ракъат намоз мегузорид ва чун маҷмӯи хилаъ бипӯшид, маноширӣ халифаро бибӯсид ва шароити таъзим ба ҷо оварду ва ҳомили хилъатҳо ва аҳкомро ҳафтсад ҳазор дирҳам дод.

Ва дар ин асно хабари азимати Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ — соҳиби Табаристон ба самъи амир Исмоил расид. Исмоил касе пеши ӯ фиристода насиҳат карда. Муфид наафтод. Амир Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорунро ба ҷанги ӯ фиристод. Муҳаммад бо ҳокими Табаристон ҷанг карда ғолиб гашт ва Алавӣ дар маърака захм хӯрд, бо он даргузашт. Муҳаммад ибни Ҳорун ба ниёбати амир Исмоил дар Ҷурҷон ва Табаристон ҳоким гашт ва амир Исмоил ӯро баъд аз он талаб дошт ва ӯ тахаллуф намуд, изҳори исён карда, ба истидъои мардуми Рай рӯй бад-он ноҳия ниҳода, бо гумоштаи халифа ҷанг карда, ӯро бо бародаронаш ва писарон бикушт. Муктафии халифа қосиде пеши амир Исмоил фиристода пайғом дод, ки «забти Рай тааллуқ ба ту медорад, дасти тасарруфи писари Ҳорунро аз он ҷо кӯтоҳ кун». Амир Исмоил лашкарҳо ҷамъ оварда, мутаваҷҷеҳи он савб шуд. Чун ба он ҳудуд расид, ибни Ҳорунро гузошта, ба Қазвину Занҷон рафт ва аз он ҷо ба Табаристон омад. Амир Исмоил Райро мутасарриф шуда, аз он мавзеъ ба Қазвин шитофт ва дар он овон боғот пур аз фавокеҳ ва ангур буд. Амир ҳукм фармуд, ки ҳеҷ кас пиромуни боғҳо нагардад ва як ман ҷав ва як тубраи коҳ ҳеҷ аҳаде бе баҳо ва ризои худованд настонад. Ва амир Исмоил ҳукумати Рай ба бародарзодаи худ — Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ дод ва Муҳаммад ибни Закариё — табиби Розӣ «Китоби Мансурӣ» ба номи ӯ навиштааст. Ва вай муддати шаш сол ба ҳукумати он вилоят иштиғол дошт, чун амир Исмоил аз Ироқ муроҷаат намуда, ба ҷониби Туркистон лашкар ка-

PDF Compressor Free Version

шида ва басе мавозеъ фатҳ карда, бо ғанонми номаҳсура муовадат кард ва дар мунтасафи сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/ XI.907) ба фародиси ҷинон хиромид. Баъд аз вафот ӯро «амири мозӣ» гуфтанд. Ва муддати салтанати амир Исмоил баъд аз инқирози айёми ҳукумати Амри Лайс ҳафт сол ва касре буд.

Адолати ӯ ба ҳадде буд, ки навбате ба самъи ӯ расониданд, ки дар Рай санге, ки зари хироҷ ба он вазн мекунанд, зиёда аз сангҳои дигар аст. Амир Исмоил филҳол элчиро ба Рай равон кард, то сангҳоро мӯҳр карда, ба Бухоро оварад. Ва чун элчӣ вориди Рай шуд, мардум мутаваҳҳим шуданд, ки мабодо ба ҷиҳати шилтоқӣ омада. Пас сангҳоро мӯҳр карда, бо худ ба ҷониби Бухоро бурд. Дар девонхона баста, арбоби девон муаттал шуданд. Чун санг ба Бухоро расонид, эҳтиёт карданд, аз вазни муқаррара зиёд берун омад. Бифармуд, то зиёдатиро исқот намуда, санги муъаддал ба Рай фиристоданд. Ва ҳукм фармуд, то ҳар зиёдате, ки дар айёми гузашта шуда бошанд, дар оянда мучро доранд.

Гӯянд, ки Аҳмад — писари амир Исмоилро муаллиме буд. Рӯзе муаллим аз Аҳмад дар хашм шуда, ба ҳузури падараш гуфт, ки «баракат диҳод худой туро ва онро, ки ту аз вай пайдо шудаӣ». Амир Исмоил аз маҷлис берун омада, он муаллимро ато дод, то ҳиҷобе, ки дошт, зоил гашт (7).

Навбате пеши амир Исмоил аз ҳасабу насаб сухан мерафт. Фармуд, ки «Кун исомиййан ва ло такун изомиййан» (8). Мухотаб фаҳм накард, амир фармуд, ки фахр беҳтар ба истеъдоди худ кун, на он, ки ба аслу табори ту бузурге буда. Яҳё ибни Закариёи Розӣ гӯяд, ки рӯзе амир Исмоил аз ман пурсид, ки чӣ сабаб буд, ки чун давлати Оли Муъод (9) мунқариз гашт ва бо он ки сари эшон ғолиб (?) буд, андак чизе, ки аз он ҷамоат содир шуда буд, ҷорӣ монд, бозмондагони эшон мураффаҳулҳол рӯзгор гузарониданд. Ва Оли Тоҳир, ки ба адлу карам инсоф доштанд, баъд аз заволи он қавм хайротеву мубарроте, ки аз эшон судур ёфта буд, мундарис гашт ва мунтасибони эшон абтару бадҳол шуданд. Ҷавоб додам, ки чун салтанату иқболи Оли Муъо-

PDF Compressor Free Version

вия ба ниҳоят анҷомид, Оли Тоҳир истило ёфтанд. Чун эшон мулуки одили оқил буданд, хостанд, ки ҳар халале, ки аз Оли Муъод содир шуда буд, ба ҷуброни он машғул шаванд ва ҳар некӯие, ки аз эшон дар вуҷуд омада буд, бо қӣ монд. Чун асолате доштанд, риояти хонадонҳои қадим менамуданд. Чун давлати Тоҳирия ба Саффория, ки беаслу дунҳиммат буданд, интиқол кард, ба муқтазии «ал-аслу ло яхто» (10) ҳамагӣ ҳиммат бар тағйири умури собиқу мунтасибони дудмони ҳуккоми пешин гумоштанд, то осори эшон мунтамис ва русуми эшон мундарис гашт. Яҳё гӯяд, ки чун ин сухан гуфтам, амир Исмоил тасдиқ намуд ва маро сила дода гуфт: «Хотири ман бад-ин ҷавоби босавоб аз дағдағаҳо фориғ гашт».

Овардаанд, ки чун Наср вафот ёфту Исмоил подшоҳ шуд, ба дастури собиқ абвоби мукотабот нисбат ба ёрони ҳақгузорон мафтӯҳ дошта, аз алқоби эшон калимае кам намекард. Носиҳон фармуданд, ки чун ба мартабаи салтанат расидӣ, ин ҳама тавозуъ ҳоҷат нест. Ҷавоб дод, ки дар айёми азамату шавкат бар худ лозим ва воҷиб медонам, ки дӯстонро аз мартабаи эшон наяфганам, балки дар қадри он ҷамоат биафзоям, то ихлоси эшон нисбат ба мо зоҳир гардад ва зиёда шавад. Ва ба шукри он, ки худои азза ва ало дараҷаи моро рафиъ гардонид, моро низ дар тарaффуъи дӯстону якҷиҳатон бояд кӯшид.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ

Чун амир Исмоил бар риёзи ризвон рафт, писараш Аҳмад мутасаддии амри ҳукумат гашт. Муктафии халифа ҷиҳати ӯ аҳду ливо фиристод. Аҳмад дар мабдои салтанат хост, ки мутаваҷҷеҳи Хуросон гардад. Иброҳими Зайд бо ӯ гуфт, ки нахустин ба Самарқанд бояд рафт ва хотир аз амми хеш—Исҳоқ, ки душмани хонагист, фориғ сохт. Ва Абӯнасри Аҳмад бар вифқи савобдиди Иброҳим ба Самарқанд шитофт ва Исҳоқро бигрифт ва ба Бухоро оварда ӯро

PDF Compressor Free Version

маҳбус гардонид. Ва ба ҷониби Хуросон наҳзат фармуд, ба Нишопур расид. Бораси Кабир ба ниёбати падараш ҳукумати Ҷурҷон тааллуқ ба ӯ медошт, гурехта ба Бағдод рафт. Тафсили ин иҷмол он ки Борасро аз хироҷи Рай ва Табаристону Ҷурҷон моли вофир ҷамъ омада буд. Чунончи дар хазинаи ӯ ҳаштод ҳазор хирвор зари сурхи маскук ва аз фулузиву нукра мавҷуд буд ва аҷносу амтиаро худ қиёс набуд. Ва дар охири айёми амир Исмоил Борас ин амволро бор карда, мутаваҷҷеҳи хидмати ӯ гашт. Дар роҳ хабари фавти ӯ шунида муроҷаат кард ва он амволро мутасарриф шуда, дония истиқлол сар аз хотираш барзада. Чун хабари таваҷҷӯҳи Аҳмад ибни Исмоилро шунид, расуле назди Муктафӣ фиристода рухсат талабид, ки ба хидмат шитобад. Муктафӣ рухсат дода. Борас ба чаҳор ҳазор кас ва хазинаи сангин ба Бағдод рафт ва дар ҳини вусули ӯ Муктафӣ мурда буд ва Муқтадир ба хилофат нишаста. Ва ӯ дар мабдои ҳол расидани Борасро бо амвол ва риҷол ғанимате тамом шумурда, дар садади тарбияти Борас омад. Умарои халифа аз таваҳҳуми тақаддуми хидматаш ғуломе аз мамолики ӯ бифирефтанд, то ба таъбияи заҳри ҷонгазой хотири ҳамаро аз дағдаға фориғ сохт. Ва Аҳмад ибни Исмоил баъд аз таваҷҷӯҳи Борас ба Дорусалом ҳукумати Табаристонро ба Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳ тафвиз фармуд ва дар он замон Ҳасан ибни Алӣ ал-Утруши Алавӣ бар мамолики Даёлима истило ёфта, таҳриси эшон мекард, ки бо Абдуллоҳ муҳораба намоянд. Ва эшон ба воситаи Ҳасани Муъоши Абдуллоҳ бад-он розӣ намешуданд, то Аҳмад ибни Исмоил Абдуллоҳро аз Табаристон азл карда, Саломро ба ҷои ӯ мансуб фармуд ва Утруш бо даёлима ба ҷанги Салом омада мунҳазим шуданд ва Салом аз ҳукумати он мамлакат истеъфо намуда, бори дигар Табаристон ба Абдуллоҳ муфаввaз шуд ва Абдуллоҳ ба рабту забти он диёр иштиғол менамуд, то вафот ёфт. Ва Аҳмад ибни Исмоил Муҳаммад ибни Саълукро қоиммақоми ӯ гардонид ва дар санаи самон ва тисъина ва миатайн (298/910—911) Аҳмад ибни Исмоил Систонро бигирифт, чунончи дар қазоёи саффория рақамзадаи килки ба-

ён гашт. Ва дар ин сол Аҳмад амми худ — Исҳоқро аз маҳбас берун оварда, Самарқанду Андиҷон ба вай дод ва дар санаи салосумиа (300/912—913) Аҳмад ибни Исмоил писари амми хеш — Мансур ибни Исҳоқро ба ҳукумати Нишопур фиристод ва дар ҳамин сол систониён ёғӣ шуданд ва Аҳмад бори дигар лашкар бад-он диёр фиристода, эшонро аҳл сохт.

Ва дар санаи иҳдо ва салосумиа (301/913—914) Аҳмад ибни Исмоил ба шикор рафта ва дар марҳалае нузул фармуд ва чун аз он манзил кӯч карда, бифармуд, то оташ дар лашкаргоҳ заданд ва дар ҳини бозгаштан аз Ҷурҷон хабар расид, ки Утруш бар диёри Табаристон истило ёфта Саълук — ноиби ӯро аз он мулк берун кардааст. Аҳмад ибни Исмоил аз ин хабар бағоят малул гашта гуфт: «Илоҳо, агар бар тақдир чунон аст, ки он мамлакат билкул аз дасти ман маслуб шавад, маро марг деҳ». Ва баъд аз он дар он манзил, ки оташ зада буд, фуруд омад ва мардум ин маънӣ ба фоли бад доштанд. Ва ҳам дар он манзил шаб ғуломон ба хиргоҳ даромада, ӯро ба қатл расониданд. Табйини ин мақол он ки Аҳмад ибни Исмоил аксари авқот бо уламо муҷоласат намудӣ. Аз ин ҷиҳат ғуломон мутанаффир шуда, қасди куштани ӯ карданд. Ва ҳар шаб ду шери ғуррин бар дари хиргоҳи подшоҳ мебастанд, то душман бад-он ҷо натавонад рафт. Ва ба ҳасби иттифоқ он шаб эҳтиёт маръӣ надоштанд ва ғуломон, ки мунтазири фурсат буданд, ба хиргоҳ даромада, ӯро шарбати фано чашониданд. Ин ҳодиса дар шаби панҷшанбе бисту саввуми ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (301/1.914) даст дод. Рӯзи дигар наъши ӯ ба Бухоро рафт ва дафн карданд, баъд аз он ӯро «султони шаҳид» гуфтанд ва баъзе аз ғуломони подшоҳкушро ёфта ба қатл оварданд. Гӯянд, амир Аҳмад ибни Исмоил марде баҳодур, худрой, бадхулқ буд. Замони салтанати ӯ ба қавлеш солу чаҳор моҳ ва ҳафт рӯз имтидод ёфт.

PDF Compressor Free Version

# ЗИКРИ САЛТАНАТИ НАСР ИБНИ АҲМАДИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Чун Аҳмад ибни Исмоил кушта шуд, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Лайс шаҳнаи Бухоро — Абулҳасани Наср ибни Аҳмадро, ки дар сиғари син буд, бар дӯш гирифта мебурд, ки мардум ба ӯ байъат кунанд. Наср мутаваҳҳим шуда гуфт: «Шумо мехоҳед, ки маро чун падар бикушед». Гуфтанд: «Мо мехоҳем, ки туро ба ҷои падар биншонем». Дар ибтидои ҳол халоиқ аз Наср эътиборе надоштанд ва гумони эшон он, ки бо вуҷуди аммаш — Исҳоқ, ки шайхи Сомония аст ва ҳокими Самарқанд, пайдост, ки ин кӯдак чӣ тавонад кард. Ва маҷмӯи халқи Мовароуннаҳр, ғайр аз аҳли Бухоро, майл ба Исҳоқи Сомонӣ ва фарзандони ӯ доштанд. Ва замона мусоадат намуда ва толеъ мувофақат карда, балки иродаи Ҳақ(қ), азза ва ало, мутааллиқ шуда ва тавфиқи илоҳӣ ёварӣ намуда Наср ибни Аҳмад, ки ӯро «амир саъид» мегуфтанд, ба маротиби улё расид ва рутбаи ӯ аз обову аҷдодаш даргузашт. Тафсили ин иҷмол он, ки Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади вазир мутакаффили умури мулк шуда, ба забти маҳом қиём намуда, то он замон, ки Наср ба синни рушду тамиз расид ва ба иттифоқи подшоҳу вазир аҳволи мулк низому интизом ёфт. Чун хабари вафоти амир Аҳмад ибни Исмоил ва байъати мардум бо писараш—амири саъид ба самъи Исҳоқи Сомонӣ расид, ба таҷҳизи сипоҳ машғул шуда, писари худро ба ниёбат дар Самарқанд гузошт ва ба нафси хеш бо лашкари сангин рӯй ба Бухоро ниҳод. Ва амири саъид Ҳамуяро ба ҳарби ӯ номзад фармуд. Чун ҳар ду фариқ ба якдигар расида, ҳарби саъб иттифоқ афтод, Исҳоқ мунҳазим гашта, Ҳамуя музаффар ва мансур ба ҷониби Бухоро муовадат намуд. Чун Исҳоқ ба Самарқанд расид, бори дигар истеъдоди сипоҳ карда, лашкари фаровон ҷамъ сохт, ба ҷониби Бухоро равон шуд. Амири саъид бори дигар Ҳамуяро ба муҳорабаи ӯ фиристод ва дар ин навбат низ Ҳамуя ғолиб гашта, Исҳоқ бигурехт. Ва Ҳамуя аз ақибаш ба Самарқанд рафта, он диёрро дар тасарруф

PDF Compressor Free Version



овард. Исҳоқ дар Самарқанд махфӣ шуда, писари Илёс ба Фарғона рафт Ҳамуяро Бухоро супурда. Ҷосусон бигузошт, то Исҳоқро пайдо кунанд ва Исҳоқ мутаваҳҳим шуда берун омад. Аз Ҳамуя амон хост ва Ҳамуя ба Бухоро фиристод ва дар он ҷо маҳбус буд, то он замон, ки вафот ёфт.

## ЗИКРИ МУХОЛАФАТИ МАНСУР ИБНИ ИСҲОҚИ СОМОНӢ БО АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД ВА БАЁНИ БАЪЗЕ ҚАЗОЁ, КИ ДАР ОН ОВОН РӮЙ НАМУДА

Дар айёми давлати амири саъид, Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад изҳори мухолафат ва исён намуда. Чун Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ дар овони салтанати амири шаҳид Аҳмад ибни Исмоил ду навбат Систонро фатҳ карда буд, чашми он медошт, ки он вилоят бад-ӯ муваффақ гардад. Ва Аҳмад ба хилофи тасаввури Ҳусайн ҳукумати вилояти Систонро ба Симҷӯри Давотӣ дод. Ва Ҳусайн аз ин маънӣ ранҷида, аз амири шаҳид бигурехт ва бунёди фасод карда, Мансур ибни Исҳоқ бар исёни ӯ иғво ва таҳриз менамуд. Ва дар ин асно Аҳмад ибни Исмоилро куштанд ва баъд аз қатли ӯ Ҳусайн изҳори хилоф карда, аз Ҳирот ба Нишопур рафт ва Мансур ибни Исҳоқро бар он дошт, ки хутба ба номи хеш хонад. Ва амири саъид аз ин маънӣ хабар ёфта, Ҳамуяро ба Хуросон ҷиҳати рафъи ин фитна номзад фармуд ва Ҳамуя чун наздик ба Нишопур расид, Мансур ибни Исҳоқ вафот ёфт ва Ҳусайн ибни Алии Муадуриро (11) дар Нишопур гузошта, ба Ҳирот рафт. Ва Муҳаммад ибни Ҷунайд — шаҳнаи Бухоро ба сабаби таваҳҳуме, ки аз амир Наср кард, ба Ҳусайн пайваст. Ва Ҳусайн ибни Алӣ бародари Мансурро дар Ҳирот гузошта, бори дигар ба Нишопур рафт. Чун амир Наср бар ин қазия иттилоъ ёфт, Аҳмад ибни Саҳл, ки аз умарои бузурги ӯ буд ва аз насли Яздиҷурд ибни Шаҳриёр ва амир Исмоили Сомонӣ дар умури мамлакат аз савобдиди ӯ таҷовуз нанамудӣ, ваъдаҳо дода ба Хуро-

PDF Compressor Free Version

сон фиристод. Ва Аҳмад ибни Саҳл Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ ва Муҳаммад ибни Ҷунайдро гирифта ба Бухоро фиристод. Амир Наср Муҳаммад ибни Ҷунайдро ба Хоразм равон фармуда, хидматаш (?) дар он диёр вафот ёфт. Ва Ҳусайн ибни Алиро дар зиндони Бухоро боздоштанд.

Чун амир Наср ба мавоиди худ вафо нанамуд, Аҳмад ибни Саҳл ёғӣ шуда, назди Муқтадири халифа расуле ирсол карда, илтимоси ҳукумати Хуросон намуд ва мултамаси Аҳмад мабзул афтод. Баъд аз он ки аз Нишопур кораш қавӣ шуд, рӯй ба Ҷурҷон ниҳод ва бо Қаротегин — ҳокими Ҷурҷон ҷанг карда, ӯро аз он вилоят берун сохт. Ва аз он ҷо ба Марв омада, суре дар ғояти истеҳком бунёд намуд. Амири саъид Ҳамуяро ба ҷанги ӯ фиристод ва Ҳамуя баъд аз муҳосира Аҳмад ибни Саҳлро, ба даст оварда, равона ба Бухоро гардонид. Ва Аҳмад ибни Саҳл дар ҳабси амир Наср вафот ёфт. Ва муқорини ин ҳол Лайло ибни Нӯъмон, ки аз умарои Утруш буд, аз қибали Қосим ибни Ҳасани Доъӣ — волии Табаристон ба Ҷурҷон омад. Ва фарзандони Утруш дар алқоби ӯ менавиштанд, ки «Ал—муайийид ли дин—ил—лоҳ, ал—мунтасир ли Оли Расулиллоҳ — Лайло ибни Нӯъмон» (12). Ва бар ин манҳаҷ номи ӯро баъд аз асомӣ ва алқоби подшоҳон дар хутба зикр мекарданд. Лайло баъд аз забти Ҷурҷон рӯй ба Домғон ниҳод ва мардуми он вилоят бо вай ҷанг карда, бисёре аз эшон кушта шуданд. Ва чун ба саховат ва шуҷоат ороста буд, умарои атроф ба даргоҳи ӯ мултаҷӣ мешуданд. Ва бино бар он ки дахли ӯ ба харҷаш вафо намекард, ба ишораи Қосим ибни Ҳасани Доъӣ инони азимат ба ҷониби Хуросон мунъатиф гардонида, ба Нишопур омада, фармуд, то дар он вилоят хутба ба номи Қосим хонданд. Амир Наср аз ин ҳодиса хабар ёфта Ҳамуяро бо лашкаре сангин ба дафъи ӯ номзад фармуд ва миёни ҳар ду фариқ дар Тавқон—аз аъмоли Тӯс иттифоқи мулоқот афтод. Ва дар аввали муҳораба лашкари Бухоро мунҳазим шуданд, аммо Ҳамуя ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ ва Абӯҷаъфари Саълук ва Хоразмшоҳ ва Симҷӯри Давотӣ пои субот фишурданд ва ҷангҳои мардона

PDF Compressor Free Version

карданд ва бар сипоҳи Лайло, ки аксар ба ғорат ва тороҷ машғул буданд, ғолиб омаданд. Ва Лайло, агарчи аз маърака берун рафт, аммо оқибат гирифтор гашта, ба қатл расид.

Овардаанд, ки Алӣ ибни Ҳусайн муддате дар Бухоро маҳбус буд ва баъд аз чанд гоҳ ба шафоати яке аз хавоссу муътабарон амир Наср ӯро аз ҳабс берун оварда, мулозими даргоҳ гардонид. Рӯзе амир Наср об талабид. Дар кӯзае, ки чандон хуб набуд, об оварданд. Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ бо Алӣ ибни Ҳамуя гуфт, ки «падарат ҳокими Нишопур аст ва дар он ҷо кӯзаҳои хуб месозанд, чаро намефиристад?». Алӣ ибни Ҳамуя ҷавоб дод, ки «табарруки Хуросон, ки ба ин ҷониб фиристад, бояд ки мисли ту ва Аҳмад ибни Саҳл ва Лайло ибни Нуъмон бошад, аз кӯза ва амсоли он кӣ гӯяд?» Ҳусайн ибни Алӣ аз ин ҷавоб бағоят хиҷил шуд.

## ЗИКРИ ИСТИЛОИ АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД БАР БИЛОДИ РАЙ ВА НАВОҲИИ ОН

Дар шуҳури санаи салосаашара ва салосумиа (313/925—926) Фотик — ғуломи Юсуф ибни Абуссоҷ Райро, ки гирифта, бо Муқтадири халифа ёғӣ шуд ва ба амир Наср пайғом дод, ки «мо Райро ба ту арзонӣ доштаем, бояд ки ба нафси хеш мутаваҷҷеҳи он ҷониб гардӣ». Амир Наср лашкар кашида ба ҷониби Рай таваҷҷӯҳ намуд ва чун ба он ҳудуд наздик расид, Фотик ба гӯшае берун рафт. Ва амири саъид ду моҳ дар он вилоят иқомат намуда, он диёрро ба Симҷӯри Давотӣ дод. Ва аз он ҷо ба Хуросону Мовароуннаҳо муовадат намуд. Ва баъд аз он Симҷӯрро талабида, ҷои ӯро ба Муҳаммад ибни Саълук арзонӣ дошт. Ва Саълук ба ҳукумати Рай машғул буд, то дар санаи ситтаашара ва салосумиа (316/928—929) ранҷур гашт. Ва дар он овони беморӣ Ҳасан ибни Қосим ибни Ҳасан ибни Доъӣ ва Мокон ибни Кокиро аз Табаристон талабид, то Райро таслими эшон кунад. Ва алқоби Доъиро «ал—муваффақ би тоат—ил—лоҳ, ал—мӯътариф би

PDF Compressor Free Version

ҳаққи Оли Расул—ил—лоҳ» (13) менавиштанд ва дар хутба низ ба ин унвон мехонданд. Эшон ба Рай рафта, Саълук ба ваъда вафо намуд ва Саълук мутаваҷҷеҳи Хуросон шуда, чун ба Домғон расид, вафот ёфт. Ва баъд аз чанд рӯз Доъӣ кушта гашт. Ва баъд аз қатли ӯ Асфор ибни Шерӯя ба Рай, Табаристон, Қазвин, Қум, Кошон ва Лури Кӯчак истило ёфт, хутба ба номи амир Наср мехонд. Ва Асфор дар вилоёт зулми бисёр мекард ва мардумро мусодирот менамуд ва нисбат ба Муқтадири халифа исён меварзид. Амири саъид мактубе ба ӯ навишт, то даст аз ҳаракоти нописандида боздорад. Ва Асфор аз амир Наср мутаваҳҳим шуда, бо ӯ низ изҳори ёғигарӣ кард ва халифа лашкаре ба ҷанги Асфор фиристод ва Асфор эшонро мунҳазим гардонид ва дар санаи сабъаашара ва салосумиа (317/930—931) амири саъид аз Бухоро берун омада, озими Рай шуд ва баъд аз қатъи маноэил ба Нишопур расида, ҷиҳати маслаҳати мулкӣ рӯзе чанд дар он ҷо таваққуф намуд. Асфор ин хабар шунида, ӯ низ омодаи ҳарб гашт. Дар ин асно Мутриф ибни Муҳаммад ибни Ҷурҷонӣ—вазири Асфор бо ӯ гуфт, ки «маслаҳати амир он аст, ки расуле назди амир Наср фиристода, изҳори ихлос кунад ва агар моле тақаббул бояд кард, мутақаббил шавад, чи ман аз ҷамоати атрок, ки дар ин лашкаранд, андешанокам, мабодо ки ғадре кунанд». Асфор сухани вазир шунида, расуле пеши амири саъид фиристод. Амир Наср нахуст аз мусолаҳа ибо намуд ва асҳобаш насиҳат карда гуфтанд: «Ҷанг маслаҳат нест, ҷаро ки маоли ҳолро ҷуз алломулғайб кас намедонад». Амир Наср сухани носеҳонро қабул карда, он вилоятро ба Асфор мусаллам дошт ва муқаррар сохт, ки ҳар сол ба хизонаи омира чӣ расонад. Ва дар муддати ғайбати амир Наср бародаронаш аз банд берун омада, фитнаҳо ангехтанд ва амир бозгашта он шӯришро таскин дод. Ва бар азкиё пӯшида намонад, ки дар айёми салтанати амири саъид дар Табаристон ва Хуросон ва Мовароуннаҳр қазоёи ло туъадду ва ло туҳсо (14) рӯй намуд ва агарчи маҷмӯи онҳо рақамзадаи килки баён кард, ин дафтар ба татвил анҷомад.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ ВАФОТИ АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ

Бар зоти ҳумоюни амири саъид марази сил муставлӣ гашта, се моҳ соҳиби фирош шуд ва дар раҷаби санаи иҳдо ва салосиина ва салосумиа (331/III, 743) ба ҷавори раҳмати малики ғафур пайваст. Замони ҳаёташ сию ҳашт сол буд, айёми ҳукуматаш бисту ҳашт сол. Ва ӯ бағоят кариму раҳим ва одилу оқил буд. Пеши ӯ ҳикоят карданд, ки фалон тоҷир ҷавҳаре нафис дорад ва харидааст ба сенздаҳ ҳазор дирҳам ва он ҷавоҳир лоиқи хизонаи амир аст. Фармон дод, то бозаргонро бо ҷавоҳир ҳозир сохтанд. Амир Наср ҷавоҳирро бишнохт, ки аз хазинаи вай дуздида буданд. Бозаргонро пурсид, ки «ин ҷавоҳир аз кӣ харидаӣ?». Гуфт: «Аз фалон ғулом». Амир фармуд, то ғуломро ба маҷлис оварда, баҳои ҷавҳар аз ӯ талабиданд ва маълум карданд, ки аксари самани ӯро талаф карда. Амир Наср ҷавҳарро аз бозаргон гирифта, маблағи чаҳордаҳ ҳазор дирҳам бад-ӯ дод. Бозаргон ҷаримаи ғулом дархост карда. Гуфт: «Хунаш ба ту бахшидам. Аммо ӯро бо худ бибар». Ғуломро ба он марди тоҷир арзонӣ дошт.

Гӯянд, ки дар айни арзи лашкар шахсеро назди ӯ оварданд, ки Наср ибни Аҳмад ном дошт. Амир номи ӯ пурсид. Хомӯш биистод. Дигар бор пурсид, ҳеҷ ҷавоб надод. Яке аз мулозимон гуфт, ки ӯро Наср ибни Аҳмад ном аст, ба ҷиҳати таъзими амир ва риояти адаб номи худ намегӯяд. Амир Наср фармуд, пас ӯро ба мо ҳаққе воҷиб шуд. Фармон дод, то ки марсуми ӯро музоаф карданд.

Ривоят кунанд, ки дар он замон, ки бародарони ӯ хурӯҷ карданд ва ба амволи хазоин дастдарозӣ намуданд, чун бори дигар амир Наср бар сарири салтанат тамаккун ёфт, ба ӯ гуфтанд, ки фулону фулон маблағе хатир аз хизона бурданд. Акнун он амволро маъа шайъин зоид (15) аз эшон метавон гирифт. Амири саъид гуфт: «Ҳар чӣ насиби ҳар кас буд, ба ӯ расид, бояд ки ҳеҷ кас мутаарризи он ҷамоат нагардад».

То рӯзе корде нафис, ки шахсе аз хазинаи амир Наср бурда буд, ба дувист динор фурӯхта, пеш оварданд. Амир

PDF Compressor Free Version

фармуд, ки он маблағ ба соҳиби корд диҳанд. Он шахс гуфт, ки «кам аз ҳазор динор наситонам». Мулозимон гуфтанд: «Аҷаб ҳолатест, амир корди худро ба он чӣ харидаӣ, аз ту мехарад ва ту музояқа мекунӣ». Хостанд, ки корд ба тағаллуб аз ӯ бистонанд. Амир Наср фармуд, ки ризои ӯ нигоҳ доред ва музоҳими ӯ нашавед. Нақл аст, ки дар айёми мараз фармуд, то бар дари қасри ӯ хона сохтанд ва онро «байтулибодат» ном ниҳода. Аксари авқот бо ҷомаҳои пок ба ибодат дар он ҷо машғул буд, то рӯзгори фархундаи оосраш ба поён расид ва баъд аз вай бо писараш — амир Нӯҳ, ки лақаб буд ба «амири ҳамид», байъат карданд.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Амир Наср дар айёми давлати хеш писари бузургтари худ — Исмоилро валиаҳд гардонида буд. Иродаи азалӣ чунон иқтизо кард, ки писараш пеш аз падар вафот кард ва баъд аз реҳлати амир Наср аркони давлат бар салтанати писари дигараш — Нӯҳ иттифоқ карданд. Ва забти маҳоми мамлакат ба Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Ҳоким муфаввaз гашт. Ва Абулфазл ибни Аҳмади Ҳамуя, ки аз мӯътабарони амир Наср буд, бигурехт. Сабаб он, ки дар он замон, ки амири саъид Исмоилро валиаҳди худ карда, Абулфазлро ба ниёбати ӯ таъйин намуда буд, аз Абулфазл нисбат ба Нӯҳ истеҳқоқе воқеъ шуд. Ва амир Наср бар ин маънӣ огоҳ шуда, ба Абулфазл гуфт, ки «чун маро воқеаи ногузир пеш ояд, ту ҷони худро аз Нӯҳ нигоҳ дор». Чун Абӯнаср ба дори бақо хиромид, Абулфазл аз Омуя гузашта, ба ҷониби шатти Омул рафт. Ва Нӯҳ истимолатнома фиристод ва Абулфазл аз Омул мурочаат намуда, ба Бухоро рафт. Ва Нӯҳ дар мақоми марҳамату отифат омада, Самарқандро ба ӯ дод. Ва дар авохири санаи исно ва салосумиа (302/914—915) амир Нӯҳ, Абӯалӣ ибни Муҳаммади Мӯхточро ба Рай фиристод, ба воситаи он ки Рукнуддавлаи Дайламӣ он вилоятро мутасарриф шуда буд. Абӯалӣ бо лашкари сан-

PDF Compressor Free Version

гин мутаваҷҷеҳи Рай шуд. Чун ба Сабзавор расид, Вушмгир аз ҷониби Табаристон эҳроми хидмати Нӯҳ баста, дар Мараҳ ба ӯ расид. Амир Нӯҳ мақдами ӯро гиромӣ дошта, шароити таъзим ва эҳтиром камо яҷиб ва янбағӣ (16) ба ҷо овард. Чун Абӯалӣ аз ҳудуди Сабзавор даргузашта ба Домғон расид, Мансури Қаротегин, ки аз ҷумлаи муқаррабони Нӯҳ буд, бо ҷамоате аз Абӯалӣ тахаллуф намуда, мутаваҷҷеҳи Ҷурҷон шуд. Ва Ҳасани Фирӯзон ҳокими он вилоят буд. Бо Мансур муҳораба карда, мақҳур гашта, ба Нишопур муовадат намуд. Ва Абӯалӣ бо бақияти лашкар мутаваҷҷеҳи Рай шуд. Рукнуддавла аз шаҳр берун омада, дар се фарсахии Рай иттифоқи мулоқот афтод. Ва ҷамъе акрод, ки дар лашкари Абӯалӣ буданд, пеши Рукнуддавла рафтанд. Ва Абӯалӣ мунҳазим шуда, ба ҷониби Нишопур инони азимат мунъатиф гардонид. Ва аҳмолу асқоли ӯ ба дасти даёлима афтод. Абӯалӣ ба Нишопур омада, Вушмгир аз хидмати Нӯҳ пеши ӯ расид ва ҳукме ба Абӯалӣ расонид, мазмун он, ки ӯ Вушмгирро мусоадат намояд, то Ҷурҷонро аз дасти Ҳасани Фирӯзон интизоъ намояд. Абӯалӣ инқиёди фармон намуда, бо Вушмгир ва тоифае аз лашкариён, ки Нӯҳ масҳуби ӯ гардонида буд, ба Ҷурҷон равон шуд. Ва Ҳасани Фирӯзон истиқбол карда, миёни фариқайн ҳарбе саъб рӯй намуд. Ҳасан мунҳазим шуда, Вушмгир бар Ҷурҷон истило ёфт. Дар сафари санаи салоса ва салосина ва салосумиа (333/IX 944) Абӯалӣ ба Хуросон бозгашт ва амир Нӯҳ ба Нишопур омада, лашкари азим муратгаб сохт ва навбати дигар Абӯалиро ба Рай фиристод ва дар ҷумодиюлохири санаи мазкур (1.945—тарт.) бо мақсад расида. Рукнуддавла шаҳрро бигзошт, Абӯалӣ ба Рай ва навоҳии он муставлӣ шуд ва уммоли хешро ба соири аъмоли Ҷибол равон дошт. Амир Нӯҳ муддате дар Нишопур раҳли иқомат андохт ва тоифае аз авоми Хуросон аз Абӯалӣ ва нуввоби ӯ шикоятҳо карданд. Амир Нӯҳ Иброҳим ибни Симҷӯрро волии Хуросон гардонида ва дар рамазони соли мазкур рӯй ба Бухоро ниҳод. Вилояти Иброҳим бар мизоҷи Абӯалӣ гарон омада, чи тамаъи он медошт, ки ба

PDF Compressor Free Version

воситаи ихроҷи Рукнуддавла аз Рай мартабаи ӯ иртифоъ ёбад. Баъд аз он Абӯалӣ бародари худ — Абулаббос Фазл ибни Муҳаммадро ба билоди Ҷибол фиристод ва Ҳамадонро ба иқтоъ ба ӯ дод ва ӯро халифаи хеш гардонид. Ва Фазл Наҳованду Динавар рафт ва маҷмӯъи акродро ба тоат даровард.

## ЗИКРИ МУХОЛАФАТИ АБУАЛӢ ИБНИ МУҲАММАД ИБНИ МӮҲТОҶ БО АМИР НӮҲ ИБНИ НАСР

Дар санаи арбаъа ва салосина ва салосумиа (334/945—946) Абӯалӣ ибни Муҳаммади Мӯҳтоҷ бо амир Нӯҳ изҳори мухолафат кард. Сабабаш он буд, ки чун Абӯалӣ ба таҷҳизи лашкар машғул гашт, ки аз Хуросон ба Рай равад, амир Нӯҳ оризе фиристод, ки эҳтиёти сипоҳ карда, марсум ба эшон расонад. Ва ориз ба Абӯалӣ муноқашаи бисёр намуда, номи баъзе аз мутааллиқони ӯро аз дафтар исқот кард ва хотири Абӯалӣ аз ин ҷиҳат мутанаффир гашта. Баъд аз он ки Рай ва он навоҳиро мустахлас гардонид, амир Нӯҳ шахсеро ба забти моли он вилоят фиристод ва ба Абӯалӣ навишт, ки дар мол мадхал накунад. Ва аз ин ҷиҳат ранҷиши ӯ самти издиёд пазируфта. Тафвизи аморати Хуросон ба Симҷӯр иловаи ин асбоб гашт. Ва Абӯалӣ бар мухолафати Нӯҳ якҷиҳат гашта, ба талаби Иброҳим ибни Аҳмади Исмоили Сомонӣ, ки дар он овон ба сабаби баъзе аз асбоб ба ҷониби Мавсил рафта, ба мулозамати амир Носируддавла иштиғол менамуд, фиристод. Ва Иброҳим бо навад савори Мавсил мутаваҷҷеҳи Ироқ шуда, дар Ҳамадон бо Абӯалӣ мулҳақ гашт. Ва ба иттифоқ бо якдигар ба Рай омаданд ва дар маҷмӯъи вилояти Ироқ, ки дар тасаррухи эшон буд, уммоли хеш бар сари аъмол фиристода, рӯй ба Хуросон ниҳоданд. Амир Нӯҳ аз сурати ҳодиса огоҳӣ ёфта, бо лашкари Мовароуннаҳр аз об убур карда, ба Марв омаданд. Ва дар ин воло сарони сипоҳ ва соири лашкариён, ки аз Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳокими вазир муташаккӣ

PDF Compressor Free Version

буданд, маърузи амир Нӯҳ гардониданд, ки ба сабаби ҳаракоти нолоиқи вазир Абӯалӣ исобаи исён бар носия баста ва вазир маблағе аз улуфаи мо низ гирифта. Агар подшоҳ ӯро ба мо месупорад, хидмат мекунем ва кӯч медиҳем ва, илло пеши аммаш — Иброҳим меравем. Ва амир Нӯҳ бо зарурат вазирро ба умаро супурд ва эшон ӯро дар ҷумодиюлаввали санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/XII.946) ба қатл оварданд. Чун мухолифон қариб ба Марв расиданд, аксари сипоҳи амир Нӯҳ узр карда ба он ҷамоат пайвастанд. Ва Нӯҳро маҷоли муқовамат намонда, дар киштӣ нишаста ва аз об убур кард ва ба Бухоро рафт. Ва Иброҳими Сомонӣ ва Абӯалӣ бар Хуросон истило ёфта, баъд аз забти он мамлакат рӯй ба Бухоро ниҳоданд. Ва Нӯҳ аз он ҷо ба Самарқанд рафт ва Абӯалӣ ба Бухоро даромада, фармуд то хутба ба номи Иброҳим хонданд. Ва дар хилоли ин аҳвол Абӯалӣ аз Иброҳим мутаваҳҳим шуда, ба Туркистон рафт, чи муфсидон бо ӯ гуфтанд, ки Иброҳим қасди ту дорад. Ва амир Иброҳим дар Бухоро танҳо монда Мансури Қаротегин, ки аз умарои Нӯҳ буд ва Абӯалӣ дар Нишопур ӯро гирифта, ба банд карда буд, раҳо кард. Мансур гурехта, ба Самарқанд пеши Нӯҳ рафт ва амир Иброҳим аз забти умури мамлакат оҷиз омада, муқаррар бар он шуд, ки амир Нӯҳ ҳоким ва амир Иброҳим лашкаркаш бошад. Ва ҳар ду ба иттифоқ дар истисоли Абӯалӣ кӯшанд.

Маҷмӯи аҳолии Бухоро ин маъниро писандида дошта, қосидон пеши амир Нӯҳ фиристоданд. Амир Нӯҳ аз Самарқанд берун омада, Иброҳим бо лашкари Бухоро мутаваҷҷеҳи хидмати ӯ шуда, ба якдигар пайвастанд ва ба иттифоқ бар сари Абӯалӣ рафта. Абӯалӣ эшонро мунҳазим гардонид. Амир Нӯҳ паноҳ ба кӯй бурд ва Абӯалӣ бори дигар худро бар эшон зада, бухориёнро мутафарриқ сохт ва мунҳазимон бо биакбаҳ ваҷҳе ба Бухоро омаданд ва Абӯалӣ эшонро таоқуб намуда, ба шаҳр даромад. Хост, ки оташ дар Бухоро занад, баъзе аз машоих дар он боб шафоат карданд, то аз сари он даргузашт. Ва бародари амир Нӯҳ — Абӯҷаъфар Муҳаммади Насрро талаб дошта ба ӯ

байъат кард ва дар маҷмӯи он вилоят хутба ба номи ӯ хонданд. Ва дар ин асно Абӯалӣ аз баъзе аъёни лашкар мухолафате тасаввур кард. Ва ба баҳонаи он ки ба Самарқанд меравад, аз Бухоро берун омада мутаваҷҷеҳи Чағониён шуд. Ва дар ғайбати ӯ ҷамъе бо амир Нӯҳ навиштанд, ки арсаи мамлакат холӣ аст, ваҷҳи таваққуф маълум нест. Амир Нӯҳ инони азимат ба ҷониби Бухоро мунъатиф гардонид. Ва Иброҳими Сомонӣ ва Абӯҷаъфар ба истиқбол шитофта, ба амир Нӯҳ пайвастанд ва дар мақоми эътизору истиғфор омада аз ҷароимҳои хеш изҳори надомат карданд. Ва Нӯҳ узри эшон хоста ва масмӯъ дошта, ба Бухоро омад ва бар сарири ҳукумат мутамаккин гашт. Аз умаро Туғони ҳоҷибро ба қатл оварда, аммо худ — Иброҳим ва ду бародари хеш — Абӯҷаъфар ва Аҳмадро мил кашид. Ва Мансури Қаротегинро ба ҳукумати Хуросон фиристод. Муқорини ин ҳол Вушмгир аз Ҳасани Фирӯзон гурезон шуда, ба Хуросон омад ва баъд аз забти он вилоят Мансур аз ҷониби амир Нӯҳ маъмур гашт, ки Вушмгирро муовинат намуда, Ҷурҷонро аз Ҳасани Фирӯзон интизоъ намуда ба ӯ супорад. Ба мӯҷиби фармуда Мансур бо лашкарҳо рӯй ба Ҷурҷон ниҳода ва миёни ӯ ва Ҳасан мусолаҳа воқеъ шуд. Ҳасан аз Ҷурҷон берун рафт. Вушмгир дар мақарри иззи худ қарор гирифт. Мансури Қаротегин аз он диёр мурочаат намуда, баъд аз муовадати Мансур Рукнуддавлаи Дайламӣ бар саввби Ҷурҷон ҳаракат кард. Вушмгир бо ӯ муҳораба намуда мунҳазим гашт ва ба Хуросон рафт ва аз аъёни сипоҳи Вушмгир се саду сенадаҳ кас ба дасти Рукнуддавла гирифтор шуда. Ва дар санаи самон ва салосиина ва салосумиа (338/949—950) Имодуддавлаи Дайламӣ вафот ёфт. Ва дар санаи тисъа ва салосиина (339/950—951) Мансури Қаротегин бо лашкарҳои Хуросон мутаваҷҷеҳи Рай шуд ва дар он вақт Рукнуддавла дар Шероз буд. Ва Алӣ ибни Кома, ки ба ниёбати ӯ дар Рай ба ҳукумат машғул буд, аз шаҳр берун рафт ва мутаваҷҷеҳи Исфаҳон шуд. Ва Мансур бад-он вилоят муставлӣ гашта, уммоли худ ба атроф фиристод. Муъиззуддавлаи Дайламӣ—бародари

PDF Compressor Free Version

Рукнуддавла оҳанги ҷанги Мансур соз дода, миёни эшон муҳорибот воқеъ шуд ва дар санаи арбаъина ва салосумиа (340/951—952) Мансур дар Рай вафот ёфт. Хуросониён ба автон мурочаат намуданд ва дар асnои ин авқот миёни амир Нӯҳ ва Абӯалӣ русул ва расоил мутавотир шуда ва амир Нӯҳ ба сари ризо омада. Баъд аз реҳлати Мансури Қаротегин Абӯалӣ ба фармудаи амир Нӯҳ дар амороти Хуросон мадхал намуда. Ва дар шуҳури санаи исно ва арбаъина ва салосумиа (342/953—954) амир Нӯҳ Абӯалиро ба ҷониби Рай равон кард. Вушмгир аз Ҷузҷон бад-ӯ пайваст ва эшон чун ба Рай расиданд, Рукнуддавла дид, ки тоқати муқовамат надорад, паноҳ ба қалъаи Тубрак бурд. Ва Абӯалӣ Тубракро муҳосира кард ва муддат дар банди он имтидод ёфт ва зимистон расид ва аксари давобби хуросониён талаф шуд ва ҳар ду фариқ аз муҳораба малӯл ва мутабаррин шуданд.

Абдурраҳмони Хозин, ки дар улуми риёзӣ мусаннафот дорад ва «Зичи сафоеҳ» аз муаллафоти ӯст, пой дар майдони сафорат ниҳод ва бад-он муқаррар шуд, ки Рукнуддавла ҳар соле маблағи дувист ҳазор динор ба хизонаи амир Нӯҳ расонад. Ва Абӯалӣ аз Тоҳир(?) қалъаи Тубрак бархоста (17). Вушмгир мактубе ба амир Нӯҳ фиристод. Мазмун он, ки Абӯалӣ бинобар муҳаббате, ки бо Рукнуддавла дошт, дар муҳораба мусоҳала намуд. Ва амир Нӯҳ бад-ин сабаб аз Абӯалӣ ранҷида. Чун Абӯалӣ муовадат кард, ба Нишопур расид, Рукнуддавла лашкар ба Ҷурҷон кашид. Вушмгир гурехта ба Хуросон омад. Ва чун сурати воқеа масмӯи амир Нӯҳ гашт, Абӯалиро аз Хуросон азл карда, амороти он диёрро (ба) Абӯсаид Бакр ибни Малики Фарғоз (18) арзонӣ дошт. Абӯалӣ дар садади маъзарат омад ва расулон назди амир Нӯҳ фиристод, аммо узри ӯ масмӯъ ва мақбул наяфтод. Ва амир Нӯҳ ба Вушмгир ва Ҳасани Фирӯзон ва умарои Хуросон пайғом дод, ки бар сабили иттифоқ ба дафъи Абӯалӣ қиём намоянд. Абӯалӣ аз амир Нӯҳ маъюс шуда мукотабот ба Рукнуддавла фиристод ва дастурӣ хост, ки бар ӯ мулҳақ шавад. Ва Рукнуддавла элчии ӯро ба навозиши тамом

PDF Compressor Free Version

равона гардонида. Абӯалӣ ба ҷониби Рай таваҷҷӯҳ намуд ва чун ба хидмати Рукнуддавла расид, беш аз он ки таваққӯъ медошт, Рукнуддавла ӯро таъзим ва эҳтиром карда. Абӯалӣ аз вай дархост, то маншури иёлати Хуросон аз халифа ба номи ӯ ҳосил кунад. Рукнуддавла расуле ҷиҳати ин муҳим пеши бародари худ—Муъиззуддавла, ки дар Бағдод соҳибихтиёр буд, фиристод. Муъиззуддавла дар он боб маншури халифаро карда, ирсол намуд ва дар авоили санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/954) ба Хуросон даромад ва рӯи манобирро ба исму лақаби Мутеъи Аббосӣ музайян гардонид. Ва дар хилоли ин аҳвол амири ҳамид Нӯҳ ибни Наср вафот ёфт ва замони салтанати ӯ сездаҳ сол буд.

## ЗИКРИ ВАФОТИ НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ ВА ҶУЛУСИ АБДУЛМАЛИК БА ҶОИ Ӯ

Ва дар рабеъулохири соли мазкур, яъне санаи арбаъина ва салосумиа (340/IX.951) (19) Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба ҷавори раҳмати малики ғафур рафт ва ӯ тариқҳои мустаҳсан ва ахлоқи писандида дошт. Ва баъд аз вафоти ӯ Абӯбакр ибни Молик, ки номзади ҳукумати Хуросон шуда буд, ҳанӯз ба он ҷо нарафта ҷидду ҷаҳди тамом намуд, то шуғли хатири салтанат бар Абдулмалик қарор гирифт ва баъд аз он Абдулмалик ӯро ба Хуросон фиристод. Ва дар ин сол вабои азим дар Хуросону Кӯҳистон падид омад, чунон ки аксари халоиқи он мавзеъ ба заволу фано омаданд. Дар санаи арбаъа ва арбаъина ва салосумиа (344/955—956) Бакр ибни Молик бо лашкаре аз Хуросон мутаваҷҷеҳи Рай шуд. Ва дар муҳаррами ин сол (яъне IV.955—тарт.) Рукнуддавла аз Ҷурҷон муовадат намуда ба Рай рафта буд. Ва чун шунид, ки лашкари бегона таваҷҷӯҳ бад-он ҷониб дорад, руқъае ба Муъизуддавла навишт, ки мадад фирист ва ӯ Сабуктегини ҳоҷибро бо ҷамъе ба муованати бародари худ номзад фармуд. Ҳам дар ин сол Муҳаммад

PDF Compressor Free Version

ибни Мокон бо лашкаре аз Хуросон ба ҷониби Исфаҳон рафт ва Абӯмансури Бӯя — писари Рукнуддавла баъд аз истимоъи ин хабар дафоину хазоин ва аёлу атфоли худ ва падари худ — Рукнуддавларо бардошта, ба тарафи Рай равон шуд. Ва Муҳаммад ибни Мокон баъд аз истило бар Исфаҳон Бӯяро таоқуб намуда, дар роҳ ба ӯ расид. Ва ба ҳасби иттифоқ—вазири Рукнуддавла Абулфазл ибни Ҳамид дар он замон ба Бӯя пайваст ва лашкари вазир баъд аз ҷанг аз хуросониён мунҳазим шуда ва хазоину ҳарами Рукнуддавла ба дасти атбои Муҳаммад ибни Мокон афтода ва лашкари Хуросон ба ғорат ва тороҷ машғул шуданд. Дар он асно вазир бо худ андешид, ки хазина ва аҳлу аёли Рукнуддавла ба дасти душманон афтод ва ба кадом обрӯй пеши ӯ тавон рафт ва ба кадом чашм рӯи ӯ тавон дид. Кушта шудан беҳ аз ин зиндагонӣ. Лоҷарам дил аз ҷон баргирифта, бар сипоҳи Муҳаммади Мокон ҳамла кард. Мунҳазимон чун донистанд, ки вазир дар маърака пои субот афшурда, ба нафси хеш ҷанг мекунад, бозгаштанд ва бар лашкари Хуросон зада, эшонро аз ҷой бардоштанд ва писари Моконро асир карданд. Ва Абулфазл ибни Ҳамид ба Исфаҳон рафта, хуросониёнро аз он ҷо ихроҷ намуда, билохир дар миёни Рукнуддавла ва Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ муҳим ба мусолаҳа анҷомид. Ва дар санаи хамсина ва салосумиа (350/961—962) Абдулмалик дар ҳини гӯй бохтан аз асб биафтод ва ҳалок шуд. Муддати салтанаташ ҳафт солу касре буд, куняти ӯ «Абулфаворис» ва лақабаш дар замони ҳаёт «Муайяд» буд ва баъд аз вафоташ «Муваффақ» (20) хонданд ва дар айёми давлати хеш қоидаи инсоф ва сиёсат маръӣ дошт ва номи нек дар дунё ба ёдгор гузошт.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Чун Абдулмалик вафот ёфт, бародараш Мансур ибни Нӯҳ ҳокими Хуросон ва Мовароуннаҳр шуд. Ва пеш аз

PDF Compressor Free Version

байъати ӯ умаро ва аркони давлат қосиде пеши Алптегин, ки аз мартабаи рақабат ба дараҷаи аморат расида буд, балки марҷаъи эшон шуда буд, фиристоданд, то аз ӯ истимзоҷ намоянд, ки лоиқи подшоҳӣ аз варасаи Сомонӣ кист? Ӯ бо фиристода гуфт, ки «Мансур навҷавон аст ва сазовори ин амри хатир аммии ӯст». Ва қабл аз он, ки ин хабар ба умаро расад, эшон Мансурро бар сарири салтанат нишонданд. Алптекин аз Мансур мутаваҳҳим шуда ба туҳафу ҳадоё хост, ки хотири Мансурро ба даст оварад. Ҳарчанд пешкашҳо фиристод, муфид наяфтод. Чун муҳимми Мансур истиқомат ёфт, ба талаби Алптекин мусриъон фиристод. Алптекин донист, ки дар рафтани ӯ хайр нест, лоҷарам қасди Ғазнин кард ва дар роҳ бо умаро бар сабили имтиҳон машварат фармуд, ки мухолафати Мансур изҳор кунанд ё на. Эшон муттафиқ—ул—калима маъруз доштанд, ки мо ҳама дар мақоми итоат ва инқиёди амирем. Алптегин шарафи маҳмадат арзонӣ дошта, рухсат фармуд, ки он ҷамоат ба Бухоро раванд ва худ бо се ҳазор хоссаи хеш ба ҷониби Ғазнин равон шуд. Ва Мансур ҷои ӯ ба Абулҳусайни Симҷӯр дод. Мушорунилайҳ (21) ба Хуросон рафта, ба забту рабти он мамлакат машғул шуда. Ва Мансур понздаҳ ҳазор савор аз ақиби Алптекин фиристод ва Алптекин дар ҳудуди Балх бо бухориён ҷанг карда, эшонро мунҳазим гардонид. Чун аз Балх ба Ғазнин рафт, волии он ҷо ӯро роҳ надод ва Алптегин ба муҳосира машғул гашта, қаҳран касран (22) Ғазнинро бигирифт. Ва бори дигар Мансур лашкари сангин ба ҷанги ӯ номзад фармуд ва дар ин навбат низ Алптегин ғолиб омад. Ва дар санаи ситта ва хамсина ва салосумиа (356/966—967) Абӯалӣ ибни Илёс—волии Кирмон гурехта, ба Бухоро рафт ва ба арзи Мансур расониданд, ки бо андак таваҷҷӯҳе мамлакати даёлима дар ҳавзаи девони аъло меояд ва пеш аз он Вушмгир низ ин сухан ба Мансур гуфта буд. Алқисса, амир Мансур нома ба Вушмгиру Ҳасани Фирӯзон навишт, мазмун он ки дар хотир чунон аст, ки лашкаре ба Рай равона гардонам, вазифа он ки шумо сохта ва омода бошед, то дар мурофа-

PDF Compressor Free Version

қати эшон бад-он савб таваҷҷӯҳ намоед. Баъд аз он амирулҷуюши Хуросон—Абулҳусайнро номзади Рай карда ва бо ӯ муқаррар фармуд, ки аз савобдиди Вушмгир таҷовуз нанамояд. Чун ин хабар ба Рукнуддавла расид, ёл ва атфолро аз Рай ба Исфаҳон фиристод ва ба писари худ Азуддуддавла ва баъзе аз лашкариён дар зоҳир гуфт: «Ба Хуросон равед, ки амирулҷуюш Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯр мутаваҷҷеҳи Рай шуда ва арсаи Хуросон холӣ монда». Азуддуддавла бад-он савб наҳзат намуда, аз ҳудуди Хуросон роҳ гардонид ва аз ақиби Вушмгир ва Муҳаммад ибни Иброҳим мутаваҷҷеҳ шуда, ба Домғон омад ва Рукнуддавла аз Рай беруи омада, мутаваҷҷеҳи хуросониён шуд. Ва дар ин асно Вушмгир вафот ёфт ва Абулҳусайни Симҷӯр саъйи бисёр намуд, то миёни амир Мансур ва Рукнуддавла муҳим(м) бар сулҳ қарор ёфт, муқаррар бар, он ки Рукнуддавла ҳар сол саду панҷоҳ ҳазор динор зари сурх ба хизонаи омира расонад ва ҷиҳати ташйиди мабонии мусолаҳа духтари Азудуддавларо дар ҳиболаи никоҳ оварда. Ва дар ёздаҳуми раҷаби санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/III.976) Мансур сафари охират ихтиёр кард. Муддати ҳукумати ӯ понздаҳ сол буд ва дар ҳини ҳаёт ӯро «амири Муайяд» мегуфтанд ва баъди вафот аз вай ба «амири садид» таъбир мекарданд.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ АМИР НӮҲ ИБНИ МАНСУР ИБНИ НӮҲИ СОМОНИ

Абулқосими Нӯҳ ибни Мансур баъд аз вафоти падар қоиммақоми ӯ шуд. Дар ибтидои давлати ӯ чун Алптекин вафот ёфт, атбои ӯ бар аморати Сабуктекин, ки ғуломи ӯ буд, иттифоқ намуданд. Ва дар санаи ситта ва ситтина ва салосумиа (366/976—977) Бесутун ибни Вушмгир ба Ҷурҷон даргузашта, Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир бар Ҷурҷон ва Табаристон истило ёфт. Ва дар санаи сабъа ва ситтина (367/977—978) Азуддуддавла баъд аз вафоти падари худ — Рукнуддавла бар тамомати Ироқайн муставлӣ гашт .Ва дар санаи тисъа ва ситтина

PDF Compressor Free Version

(369/979—980) Азидуддавла қасди бародари худ Фахруддавла кард ва Фахруддавла гурехта паноҳ ба Қобус бурд ва Қобус дар таъзим ва эҳтироми Фахруддавла муболағаи тамом намуд, балки ӯро дар мулки худ шарик ва саҳим гардонид. Дар санаи иҳдо ва сабъина (371/981—982) амир Нӯҳ Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯрро аз аморати Хуросон азл карда, Ҳисомуддавла Абӯаббоси Тош ба ҷои ӯ насб фармуд. Ва дар ин сол Азудуддавла бародари худ Муайййидуддавларо ба ҳарби Фахруддавла фиристод ва дар навоҳии Астаробод Фахруддавла ва Қобус бо Муайййидуддавла ҷанг карданд ва мунҳазим гаштанд. Ва ба Хуросон пеши Ҳисомуддавлаи Тош омаданд ва шаммае аз ҳоли худ ва истилои аъдо бар мулки маврус қаламӣ карда назди амир Нӯҳ. Ҷавобе фармуд машҳун ба анвои эъзоз ва эҳтиром ва ба Ҳисомуддавлаи Тош навишт, ки мақдами эшонро мукаррам дорад ва дар таъзим ва иҷлоли он дудмони азиз кӯшида, эшонро ба мақарри иззу шарафи худ расонад ва ба ҷавоби хусум ва дафъи мунозиъони эшон қиём намояд. Ҳисомуддавла мисолро имтисол намуда, лашкарҳое мутафарриқ ҷамъ оварда ва аз Нишопур ба савби Ҷурҷон наҳзат кард, то нахуст дорулмулки Қобус мустахлас гардонад, он гоҳ рӯй ба кори Фахруддавла оварда. Чун Ҳисомуддавла ва Фахруддавлаи Дайламӣ ва Қобус, ки яке аз мӯътабарони амир Нӯҳ буд, ба ҳудуди Ҷурҷон расиданд, Муайййидуддавла дар шаҳр мутаҳассин гашт ва дар истеҳкоми бурҷу бора муболағати тамом ба ҷой овард. Ва муддати ду моҳ дар он муҳосара мусобарат намуда. Лашкар дар он ҳодиса пои субот биафшурданд ва сарбозиҳо карда ва дастбурдҳо намуданд ва дар он музоработ рӯй аз садамаи шамшер наметофтанд ва ба нӯги тиру синон мӯй мешикофтанд. Чун муддати мақоми хуросониён дар Ҷурҷон имтидод ёфт, дар шаҳр қаҳтиӣ азим падид омад. Кор ба ҷое расид, ки мардуми Ҷурҷон нухолаи ҷав бо гил хамир карда мехӯрданд. Ва Абулфазли мунаҷҷим бо Муайййидуддавла гуфта буд, ки дар он воқеа сабр шиору виқори худ созад, то Миррих ба дараҷаи ҳубут расад (23). Пас азми ҷазм кунад ва ваҷди тамом намо-

PDF Compressor Free Version

яд, агар фатҳе муяссар шавад, фабаҳо (24) ва агар не, худро бо лашкариён аз он зайқ ба фазо афганад ва ба қазо ризо диҳад. Муайидуддавла ин роз ниҳон медошт ва бо истеъдоди адавоти ҳарб мепардохт, то дар рамазони санаи иҳдо ва сабъина ва салосумиа (371/II.982) бо маҷмӯи сипоҳ аз шаҳр берун омад. Хуросониён пиндоштанд, ки ба дастури рӯзҳои дигар ҷавлон карда, боз хоҳанд гашт ва ба хилофи тасаввури эшон даёлима ҳамалоти паёпай оварданд ва дар ҳамлаи нахуст Фоиқ, ки муттаҳам шуда буд, ки аз Муайидуддавла ришват гирифтааст, то рӯзи пайкор мусоҳала намояд, инон бартофт ва Ҳисомуддавлаи Тош ва Фахруддавла субота азим намуданд, то муаззами лашкар мутафарриқ шуданд ва шаб наздик расид ва душман қавӣ ва чира шуд, бо зарурат лашкаргоҳро бо хазоини ваҷабот ва рагоиби бисёр ва нафоиси бешумор ва мавонши фаровон гузошта, рӯй ба инҳизом ниҳоданд. Ҳисомуддавла ва Фахруддавла ва Қобус то Нишопур дар ҳеҷ мақом ором нагирифтанд ва расуле ба Бухоро фиристода, Нӯҳро аз ин воқеаи мункар хабар доданд. Ва амир Нӯҳ эшонро дилхушиҳо дода ва ваъда фармуда, ки дигар ба хазоини мавфур ва лашкари номаҳсур ба мададу муованат фармояд. Абулҳусайни Утбӣ ба мӯҷиби ишорат ва фармони Нӯҳ ибни Мансур мусриъон ба атроф ва ҷавонибн мамолики маҳруса фиристод, ки лашкарҳо дар Марв муҷтамаъ карданд, то ӯ ба нафси хеш ҳаракат кунад ва бо ислоҳи он зулалу тадоруки он халал қиём намояд. Амир Нӯҳ Абулҳусайни вазирро хилъате гаронмоя дод ва ӯ созу уҳуббати сипаҳдорӣ ва лашкаркашӣ бо шиори вазорат ҷамъ кард. Чун кор дар улувви шаън ва нафози фармон ва камоли иқбол ва ҳусули омол ба гоят расид, рӯй дар тароҷӯъ ниҳода, изо интаҳа—л—амру ила—л—камоли ода ила—з—заволи (25) ва халъи ӯ аз рибқаи ҳаёт муқорини он ҳолат воқеъ шуд. Тафсили ин иҷмол он, ки Абулҳусайни Симҷӯр азли хеш аз амората Хуросон ба сиёсати ӯ нисбат мекард ва пайваста ба Фоиқ дар тафтеҳи ҳоли ӯ фусул менавишт, то Фоиқ ҷамъе аз гуломони шадидро бар қатли ӯ таҳрис кард.

PDF Compressor Free Version

Ва эшон дар ин боб иттифоқ намуда, фурсат нигоҳ медоштанд. Абулҳусайн аз ин ҳол огоҳ шуда, мусташъар гашт ва кайфияти ҳол маъруэи амир Нӯҳ гардонид ва ӯ ҷамъе аз хавосси хидами худро ба ҳиросати вазир гумошта пиндошт, ки тири тақдири осмониро ба тадбири инсонӣ дафъ метавон кард. Ба ҳасби иттифоқ шабе вазир ба сарои аморат мутаваҷҷеҳ шуд. Ҷамъе аз он тоифа бар ақиби ӯ равон шуданд ва он ҷаҳони фазлу афзолро ба захмҳои паёпай аз по даровараанд ва ҳорисон бигурехтанд, бетакаллуф. Дар ҳеҷ таърихе чунон вазиреро ҳеҷ кас нишон надод ва нахоҳад дод.

Ва Ҳисомуддавлаи Тош ва Фахруддавлаи Қобус дар Нишопур ба интизори висоли вазир чашм ба роҳ медоштанд, ногоҳ ин хабари муҳиш расид ва ақди ҷамъияти эшон гусехта шуд, қавофили ғаму андӯҳ бар хотири эшон истило ёфт. Ва аз ҳазрати Бухоро Ҳисомуддавларо талаб доштанд, то ба талофии он ҳодиса қиём намоянд. Ва ӯро (26) аз мувофақат ва мурофақати Шамсулмаъолӣ ва Фахруддавла бозмонда, рӯй ба Бухоро ниҳод ва баъзе аз қотилони Абулҳусайни Утбиро пайдо карда мислуҳу гардониданд ва дигарон дар ақтори билод мутафарриқ гаштанд. Ва вазорат бар Абулҳусайни Музнӣ муфавваз гашт. Дар ин асно Абулҳусайни Симҷӯр аз Систон бозгашта буд ва бе иҷозати ҳазрат ба Хуросон омада мутарассиди фитна ва ташвиш гашта ва тамаъ баста, ки ҳодисаи Ҷурҷон ва ваҳне, ки ба ҷалоли Бухоро ва лашкари Бухоро роҳ ёфта, сабаби ривоҷи кор ва равнақи бозори ӯ бошад. Ва Абулҳусайни Музнӣ ӯро бар он ҳаракат таъниф карда, бар сабили насиҳат ва иршод фармуд, ки аз арсаи Хуросон бархоста ба Кӯҳистон, ки аз иқтоъи туст, бояд рафт. Ва Абулҳусайни Симҷӯр мултамаси вазир қабул карда, вазир Бодғису Ганҷрустоқро дар иқтоъи ӯ афзуда, гуфт: «Агар сидқи ваъда ва тоату рой ва сафои ақидаи ту дар хидматгорӣ ва суботи қадам дар мавлоти давлат зоҳир шавад, бо анвоъи каромот ва мазиди иқтоъот ихтисос ёбӣ».

Дар баъзе таворих мастур аст, ки чун Ҳисомуддавлаи

PDF Compressor Free Version

Тош ба Бухоро рафт, Абӯалии Симҷӯр арсаи Хуросон холӣ ёфт ва бо Фоиқ тариқи муросалот ва мукотабот пеш гирифт ва ӯро бар мухолафати Тош тарғиб намуда, дар ризо. ба тақдими ӯ бо вуҷуди кибари син ва ҳуқуқи қадим, ки бар давлати Оли Сомон дошт, сарзаниш карда ва ба маротиб ва мувофақати хеш ва ислоҳи зоти байн(?) даъват карда ва ӯро бо худ мувофиқ ва дар ин амр мут тафиқ сохт ва миёни эшон мавосиқ таъкид пазируфт. Ва Абӯалӣ уммоли Тошро, ки мутасаддии аъмоли Хуросон буданд, гирифта мусодирот кард ва ҳар ду ба иттифоқ рӯй ба Марв ниҳоданд ва ба эълони калимаи исёи мубодарат намуданд. Чун ин хабар ба Тош расид, лашкарҳо ҷамъ карда мутаваҷҷеҳи Хуросон шуд ва миёни эшон баширон тараддуд намуда, сулҳгуна рӯй намуд. Муқаррар бар он, ки заъомати лашкару Нишопур Тошро бошад ва Балх Фоиқро ва Ҳирот Абӯалиро. Ва ҳар як ба вилояти хеш рафтанд ва дар вақти мурочаат Ҳисомуддавлаи Тош аз Бухоро Муэниро аз вазорат азл карда буд. Ва мансаби ӯро ба яке аз мулозимони хеш, ки Абдурраҳмони Порсӣ мегуфтанд, дода. Ва баъд аз он ки Тош ба Хуросон омад, Нӯҳ ибни Мансур рақами азл бар сафҳаи ҳоли Порсӣ кашида, ин мансабро ба Абдуллоҳи Азиз муфаввaз сохт. Ва чун Абдуллоҳ бар мансаби вазорат нишаст, бино ба адовате, ки ба Ҳисомуддавлаи Тош дошт, ӯро аз аморату заоъмати Хуросон азл карда, Абулҳусайни Симҷӯр ба он мансаб масрур ва мамнун гардонид. Ва Ҳисомуддавла ҳарчанд ҷидду ҷаҳд намуда, то хотири подшоҳ ва вазир ба даст оварад, муфид наяфтод. Ва Абдуллоҳи Азиз маъруэи амир Нӯҳ гардонид, ки ҳудуси ваҳну фитрат ва зубули тароваṭу давлат мутараттиб бар заъфи раъй ва сӯи тадбири вузарои салаф буда ва тадоруки он халал ҷуз бад ин тағйиру табдил мутасаввир нест. Ва дар ин асно Фахруддавла, ки баъд аз фавти бародарони худ — Азуддавла ва Муайидуддавла — бар сарири салтанат нишаста буд, чунончи шаммае аз ин вақоеъ дар қазоёи даёлима рақамзадаи килки баён хоҳад гашт, иншоаллоҳу таъоло, мактубе ба Тош фиристод, мабнӣ аз он, ки айёми

PDF Compressor Free Version

меҳнату рӯзгори шиддат ба поён расида ва корҳо бар санини истиқомат ва вифқи маром мунтазам гашт ва мулки маврус аз кудурат ва музоҳамати аздод мусаффо гашт. Ва Тош ҷавобе навишт, Фахруддавларо бо ушшоқи арӯси мамлакат таҳният гуфт ва шаммае аз макоиди ҳуссод ва беинояти амир Нӯҳ замимаи он суханон сохт. Фахруддавла дар ҷавоби Ҳисомуддавла фасле мушаббаъ дар қалам овард ва гуфт: «Он чӣ эзид ба файзу лутфи хеш арзонӣ фармуда, аз мамолику хазоину дафоин ва ғайру золик ҳукми ширкат дорад ва ҳар он чӣ иқтироҳ афтад аз молу лашкар ва созу уддат, дареғ нест ва фармуд, ки моро аёдиву макориму аворифи Ҳисомуддавла Тош, ки ба ҳангоми иқомати мо дар Хуросон мабзул дошта, фаромӯш нашудааст ва ба шукрона агар сомиту нотиқи худ масруф дорем, худро муқассир шуморем». Ва расули Тошро Фахруддавла ба эъзоз ва эҳтиром рухсати инсироф арзонӣ дошт ва ду ҳазор савор бо ҳамле лоиқ ба мадад фиристод. Ва Тош ба ҷониби Абулҳусайн таваҷҷӯҳ намуд ва Абулҳусайни Симҷӯр дар Нишопур мутаҳассин шуда. Тош ба муҳосираи ӯ машғул шуда ва дар ин асно ду ҳазор савори дигар аз даёлима ба муъованати Тош расиданд. Чун Абулҳусайни Симҷӯр аз ин қазия огоҳ шуда, дар пардаи залом роҳи инҳизом пеш гирифт ва лашкари Тошро хабар шуда, ақиби ӯ рафтанд ва аз аҳмолу асқоли хуросониён ғанимате фаровон ҳосил карданд. Ва Тош дар Нишопур мутамаккин гашта, мукотабот ба даргоҳи малик Нӯҳ ирсол намуд ва дар истислоҳи ҳол ва таваққӯи мағфират ва тамҳиди маъзарату истиғфор аз савобиқи ашарот тазаррӯъе ҳарчи тамомтар намуда, гуфт: «Агар, наузубиллоҳ, хиёнате кардам, тариқи афв ҷаро баста шуд». Дар ин маънӣ ба сиояту бадгӯии Абдуллоҳи Азиз амир Нӯҳ ба суханони Абулаббоси Тош илтифот нанамуд. Дар ин асно Симҷӯр расуле ба Кирмон фиристода, аз амир Абулфаворис ибни Азудуддавла мадад хост ва ӯ даҳ ҳазор савор ба муъованати ӯ фиристод ва Фоиқ низ бо ҷамъе касир бо Абулҳусайн пайваст ва чандон лашкар ҷамъ шуд, ки кӯҳу ҳомун барнатофт. Ва ба иттифоқ рӯй

PDF Compressor Free Version

ба Нишопур ниҳоданд ва Абулаббоси Тош аз шаҳр берун омада ва дар баробари мухолифон сафорой гашт. Ва баъд аз кӯшиши бисёр мунҳазим шуда, лашкари Дайлам аз мусоҳабати ӯ бозомаданд ва хуросониён пиромуни эшон даромада, қатле ба ифрот карданд. Ва баъзе аз даёлима ва арбоби Хуросон, ки ба хидмати Тош тавассул ҷуста буданд, асир карда, ба Бухоро фиристоданд ва эшонро ба расвоии тамом ва мазаллате азим ба шаҳр даровардаанд ва муханнасони шаҳр бо дафу амсоли он аз олоти малоҳӣ ба истиқбол шитофта ва дукҳои занон дар дасти он ҷамоат ниҳоданд ва забон ба сухрийяву истеҳзо кушоданд. Пас ҳамгинонро дар қалъаи куҳандиз маҳбус гардониданд, то баъзе бо сӯи ҳол ба фано расиданд ва бархе аз ӯ мутлақ гаштанд.

## ЗИКРИ РАСИДАНИ АБУЛАББОС ҲИСОМУДДАВЛА ТОШ БА ҶУРҶОН ВА МАОЛИ ҲОЛИ Ӯ ДАР ОН МАМЛАКАТ

Тош чун аз маъракаи Абулҳусайни Симҷӯр рӯйгардон шуда, ба Ҷурҷон рафт, Фахруддавла сарои аморатро ҳамчунон ороста бо фаршҳои фохир ва сози олати вофир ва авонии зару сим ва олоти матбаху шаробхона ва дигар асбобу хазоин бад-ӯ бозгузошта, мутаваҷҷеҳи ҷониби Рай шуд ва аз он ҷо панҷоҳ аспи тозиву астар бо сарафсорҳо ва зинҳои заррин ва сози силоҳ аз зар ва баргуствону хӯд ва сипарҳои зарнигор ва шамшерҳои ҳиндӣ ва асноф аслиҳаи муҳалло ба зарру сим ба исми тӯҳфа пеши ӯ фиристод ва хироҷи Ҷурҷону Деҳистону Обаскун ба ӯ гузошт ва бар сабили тавотур чандон туҳафу ҳадоё мефиристод, ки Соҳиби Аббод бо он улуви ҳиммат дар мақоми насиҳат омада, ӯро ба исрофу табзир нисбат мекард.

Рӯзе дар ҷавоби Аббод гуфт, ки сунуфи неъмату савобиқи инъоми Тош бар ман чандон аст, ки агар маҷмӯи маврус ва муктасаби хеш бо ин пираҳан, ки пӯшидаам, дар маслаҳате аз масолеҳи ӯ сарф кунам, аз қазои як макрамати ӯ тафаззӣ натавонам намуд ва аз ӯҳдаи як

PDF Compressor Free Version

орифа аз аворифи ӯ берун наёмада. Аз он ҷумла яке он аст, ки аз ҷавру қасди бародарон пеши Ҳисомуддавла Тош дар Хуросон иқомат менамудам. Ихвон мактубот назди ӯ фиристодаанд мултазим, ки агар маро таслими эшон кунад, ҳарсола моли бисёр ба хизонаи амир Нӯҳ расонанд ва мисли он маблағи ба Тош мунзам ба риояти билоди Ироқ аз ҷомаҳои фохир, аспони тозӣ ва дигар табаррукоти он диёр. Ва дар тақбили хадамот кор ба ҷое расониданд, ки узрро маҷол намонд. Чун мазмуни рисолати эшон ба самъи ман расид, рӯзи равшан ба чашми ман торик шуд ва умед аз ҳаёт мунқатеъ гашт: на тариқи парҳез муяссар буд ва на гурез мумкин. Дар аснои ин андеша ҳоҷиби Тош ба дари висоқи ман омада дастурӣ хост, дар маҷлиси ман даромада маро ба меҳмонӣ даъват кард ва ман мутараддид шудам, ки зиёфат аст ё офате ё мухолафате. Бо худ гуфтам, ки ғолибан тири хидоати бародарон ба ҳадафи мурод расида. Дар зимни эҳзори ман макидате азим мундариҷ аст. Бо қалақу изтироби тамом савор шудам, на баноиро тамолуки инон мутамаккин ва на дастро қуввати тамассуки тозиёна боқӣ. Чун ба маҷлиси ӯ расидам, таъзиму номаҳдуд ва тавқиру эҳтироми беш аз маъҳуд ба ҷой оварда ва ба лутфи муҷоласат ва тариқи муонасати ӯ хавфе, ки доштам, зоил гашт. Он гоҳ мактуби бародарон ба ман дода ва гуфт: «Мехостам, ки ин руқъаҳо пинҳон дорам, то ба хотири ашраф малоле нарасад, лекин парда бар андохтан аз рӯи кор аз тӯҳмату райбат дуртар дидам ва ба сукуни дил ва фароғи хотири ту наздиктар шинохтам». Баъд аз он имони муғаллаза ба забон гузаронид, ки тори мӯи ту, балки торе аз ҷомаи туро ҳама хироҷи Ироқ надиҳам, агар он чи дар тахти тасарруф нест аз сомиту нотиқ ва нақиру қатир дар фароғи камина касе аз мамолики ту бар бод бидиҳам, ҳанӯз дар икром ба мақдам ва эъзози мавриди ту ва уши ри он, чи дар замир аст аз сидқи муҳаббат ва сафои мувалдат, нарасида бошам. Агар ин пираҳан, ки дар бар дорам, дар ҳифзи маслаҳат ва дафъи ҳаводис аз соҳати муҷаддади интиқом аз мунозиони мулки мавруси ту харҷ

PDF Compressor Free Version

кунам, ҳаққи қудуми ту нагузорида бошам ва ҳаргиз дар боби муованати ту инони ҳиммат нагардонам, то Ҳақ(қ), азза ва ало, туро ба мустақарри иззу шарафи хеш расонад». Акнун касе, ки дар мавaддат ба ин масобат буд, ки бе собиқаи хидмате ва воситаи тамаъе ин макрамат ба ҷой оварда бошад, чӣ гуна раво дорам, ки дар муқобалаи зоеъ ва аворифи ӯ тақоуду таҳовун ҷоиз шумурам. Илло ва ба ҳаққи Каъба ва равони Рукнуддавла, ки ба нисёни ин масоъӣ дар куфрони он ободӣ ҳамдастон набошам ва худро ба самти қусуру тақсир мансуб нагардонам, алалхусус, ки дар қудрат мукофот ва дар мукнат муҷозот ёфтаам ва бории таъоло тавфиқи маъунат ва кифояти маунати ӯ арзонӣ дошта. Тош чанд гоҳ дар Ҷурҷон муқим буд, то дар санаи тисъа ва сабъина ва салосумиа (379/989—990) дар он вилоят вабои азим рӯй намуд ва мӯъзами сипоҳи Тош ва вуҷӯҳи лашкар ва маорифи ҳуҷҷобу куттоби ӯ дар ғарқоби фано афтоданд ва Тош низ ҳам дар он чанд рӯз ба марази муҳлик гирифтор омада ва дар он ғурбат бо дили пурҳасрат рӯй ба роҳи охират овард.

## ЗИКРИ ФАВТИ АБУЛҲУСАЙНИ СИМҶУР ВА РАСИДАНИ МАНСАБИ Ӯ БА ПИСАРАШ АБӮАЛӢ ВА МУХОЛАФАТ БО НӮҲ ИБНИ МАНСУР ВА БАЁНИ ҚАЗОЁИ БАҒРОХОН

Рӯзе Абулҳусайни Симҷӯр ба баъзе аз мунтазаҳоти хеш рафта, канизаке аз ҷумлаи сарорӣ бо худ бурда буд ва хоҷаро майли айш омада, дар канизак овехт ва дар асnoи мубоширaт рӯҳ аз баданаш муфоpақат карда, олати муоширaт аз кор афтод. Ва писараш Абӯалӣ ба тариқи ирс ва истиҳқоқ мутасаддии иморати Хуросон гашт. Ва аз Бухоро ҳукумати Нишопур ба Абӯалӣ руҷӯъ намуданд ва иморати Ҳиротро ба Фоиқ доданд ва миёни Абӯалӣ ва Фоиқ низоъ шуда, ба қитол анҷомид ва Фоиқ аз маъракаи Абӯалӣ мунҳазим шуд ба Марварӯд, аз он ҷо лашкари худро мустаъид ва ороста гардонида, бе он ки аз Нӯҳ

PDF Compressor Free Version

ибни Мансур рухсат ҳосил кунад, мутаваҷҷеҳи Бухоро шуд. Ва амир Нӯҳ ба нисбати Фоиқ бадгумон шуд. Инонҷ ва Бектузунро ба дафъи ӯ номзад кард ва эшон бо Фоиқ муҳораба карданд ва Фоиқ мунҳазим шуда, ба Балх рафт ва аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Тирмиз гашт. Ва мактубот ба Бағрохон фиристода, ӯро ба мухосамати амир Нӯҳ таҳрис намуд. Ва дар ин асно Абӯалии Симҷӯр арзадоште ба Бухоро фиристода, илтимос намуд, ки имораги Хуросонро бешарике муфаввaз ба ӯ бошад ва дар он арзадошт хадамоти Оли Симҷӯр, ки нисбат ба салотини Сомонӣ судур ёфта буд, мундариҷ гардонид. Мултамаси ӯ ба иҷобати ӯ мақрун шуда, алқоби хидматаш муншиёни уторидфитнат ба фармони Нӯҳ ибни Мансур «Амир—ул—умаро ал—муайяд мин—ас—самоъ» (27) навиштанд. Чун кори Абӯалӣ дар истило ва истиъло ба ғоят расид, дасти тасарруф дар маҷмӯи диёри Хуросон дароз карда, мутолабат оғоз ниҳод ва амволи он диёрро бо атбои хеш мувazзаъ ва мунқасим гардонид. Ва Нӯҳ ибни Мансур аз вай истидъо кард, ки баъзе аз мамолики Хуросонро ба гумоштагони хавос(с) гузорад. Абӯалӣ бад-он сухан илтифот нанамуда ва дар ҷавоб гуфт, ки «халқе касир аз мутаҷаннида дар ин ҷониб муҷтамаъанд ва амволи ин вилоят ба марсумот ва улуфоти эшон вофӣ нест. Агар тарафе дигар аз мамолики маҳруса изофаи иқтоъи ин камина кунад, мешояд». Ва баъд аз он миёни тоат ва исён рӯз мегузаронид ва мухосамате дар пардаи мусодақат менамуд, то мактуботу байлакот ба малики турк Бағрохон фиристод ва пайғом дод, ки «агар хон мутаваҷҷеҳи Мовароуннаҳр гардад, ман низ аз он ҷониб дар ҳаракат омада бад-ӯ пайвандам, машрут ба он, ки баъд аз дафъ ва рафъи Нӯҳ мамлакат мунқасим ба ду қисм шавад: Мовароуннаҳр аз хон бошад ва Хуросон ба ман тааллуқ гирад». Бағрохон дандони тамаъ тез карда, ба қасди Нӯҳ лашкар кашид. Нӯҳ Инонҷи ҳоҷибро бо лашкарҳо ба истиқболи ӯ фиристод. Бағрохон Инонҷро асир карда, ба Туркистон равона гардонид. Бад-ин сабаб ваҳне тамом ба ҳоли Нӯҳ роҳ ёфт. Баъд аз он аз сари изтирор Нӯҳ Фоиқро талабида, тарбият кард

PDF Compressor Free Version

ва лашкар ба Фоиқ дода, ӯро ба ҳукумати Самарқанд номзад фармуд, то он мамлакатро аз осеби туркон сиёнат намояд. Чун Фоиқ ба Самарқанд расид, шунид, ки Бағрохон мутаваҷҷеҳ аст. Бо сипоҳе, ки ҳамроҳ дошт, аз шаҳр берун омада, пеш аз тасвияи суфуф ва истеъмоли суюф рӯй бартофта, ба Бухоро рафт ва ҳеҷ касро шубҳа намонд, ки фирори Фоиқ бино бар хубси ақидат ва куфрони неъмат буда. Нӯҳ аз ҳудуси он воқеа музтарибу ҳаросон шуда, дил аз ҳукумат бардошт ва мамлакат гузошта дар кунҷе мутаворӣ шуд. Бағрохон баъд аз забти Самарқанд ба Бухоро рафт ва Фоиқ ба истиқболи ӯ шитофта, дар зумраи хавосси вай мунтазам шуд. Чун Бағрохон бар сарири салтанати Мовароуннаҳр қарор гирифт, Фоиқ рухсат талабид, ки Балх равад ва моли он мамлакатро аз раоё истихроҷ намояд ва сикка ва хутба ба ғори даъвати (?) хон дар он вилоят муқаррар гардонад. Бағрохон дастуре дода, Фоиқ бар он савб дар ҳаракат омад ва Нӯҳ фурсат нигоҳ дошта, аз мустафсири хеш мутанаккирвор берун омада ва аз Ҷайҳун убур намуда, ба Омулшат нузул фармуд. Ва ҷамъе аз хидам ва мамолики ӯ, ки он ҷо афтода буданд, мутаҳаййиру саргашта монда. Чун аз вусули подшоҳи хеш хабар ёфтанд, шодмон гаштанд, балки ҳаёте нав дар андаруни пажмурдаи он ҷамоат зоҳир шуд ва аз атрофу ҷавониб лашкарҳои мутафарриқ дар зилли рояти нусратояти ӯ муҷтамаъ гаштанд. Ва аз бидояту ҳудуси фитна ва ҳуҷуми осеб амир Нӯҳ мактубот ба Абӯалии Симҷӯр мефиристод ва ӯро ба нусрати хеш ва қазои ҳуқуқи неъмат ва қиём ба ҳимояти байзаи давлат даъват мекард. Ва ӯ дар он боб бо нуқули макзуб ва мавоиди ғайри марғуб Нӯҳро мағрур медошт. Чун Нӯҳ ба Омулшат нузул кард, элчие пеши Абӯалӣ фиристод ва гуфт: «Интизор аз ҳад гузашт ва кор ба ғоят расид, вақт аст, ки ба қазоёи ҳуқуқи собиқа қиём намоӣ ва дар муованати Оли Сомон ба гузаштагон иқтидо кунӣ». Абӯалӣ ҳамчунон бар одату биму хулқи лаими хеш мустамир (р) буд, то худои таъоло муҳимоти мулуки Нӯҳ бе миннати халқ кифоят карда, ӯро ба мақарри шарафи худ расонид ва ғадру

PDF Compressor Free Version

макри душманони ӯро сабаби ҳирмон ва хизлони эшон сохт.

## ЗИКРИ РАФТАНИ БАҒРОХОН АЗ БУХОРО ВА МУОЪВАДАТИ НӮҲ ИБНИ МАНСУР БА МАМЛАКАТИ ХЕШ ВА ИТТИФОҚИ АМИР НОСИРУДДИНИ САБУКТЕКИН БО Ӯ ДАР ҚАЛЪ ВА ҚАМЪИ АБӮАЛӢ ВА ФОИҚ ВА БАЁНИ МУҲОРАБОТЕ, КИ ДАР ОН ВАЛО МИЕНИ ЭШОН ВОҚЕЪ ШУД

Бағрохон аз ҳавои Бухоро мутаазаӣ шуда, шаомати тамаъ дар хонадони қадим шомили ҳоли ӯ гашт ва ба иллате саъб гирифтор шуда, илоҷи бемории худро ҷуз истиншоқи ҳавои Туркистон надонист. Лоҷарам аз Бухоро берун омада, мутаваҷҷеҳи он савб шуд ва бухориён даст ба азноби лашкари ӯ дароз карда, шароити ғорат ва тороҷ ба тақдим расониданд. Ва Бағрохон дар баъзе аз манозил нақди ҳаёт ба қобизи арвоҳ супурда. Чун ин башорат ба самъи малик Нӯҳ расид, бар ҷаноҳи истеъҷол равон шуда, рӯй ба Бухоро ниҳод. Бухориён биҷамъиҳим (28) ба истиқболи ӯ шитофта, аз мулоқоти хидматаш чунон хуррам гаштанд, ки рӯзадор ба рӯъяти ҳилол ва ташнаи лабхушк ба шароби зулол. Бори дигар Самарқанду Бухоро ва мансуботу музофоти он тааллуқ ба девони малик Нӯҳ гирифт ва амру наҳйи ӯ ба қоидаи маъҳуд дар он мамлакат шарафи нафоз ёфт. Чун Абӯалӣ дид, ки сафинаи Нӯҳ бар Ҷуддии фароғат қарор гирифт (29), шӯълаи раъйи ӯ дар зулмати он нозила фурӯ мурд ва равзаи айши ӯ аз сарсари ҳодиса пажмурда гашт. Бо хавосси хеш дар он боб машварат фармуд ва чораи он аз уқало истифсор кард. Ҳамгинон гуфтанд, ки тинати Оли Сомон ба зулоли лутфу карам сиришта шуда, афву иғмози ин тоифа аз заллот ва ашроти (?) хидматгорон расмест қадим ва одате маъҳуд аст ва дар ин ғарқоб ҷуз ба киштии иноятӣ Нӯҳ ба соҳили наҷот натавон расид ва ин селоби меҳнат ҷуз юмни даъвати ӯ дар манофизи арз нуфуз наёбад. Та-

PDF Compressor Free Version

риқ он аст, ки дар истирзои хотири шарифаш ба ҳар навъ, ки муяссар гардад, саъй намудаояд. Абӯалиро ин сухан мувофиқи мизоҷ афтод, ба таҳияи ҳадоё ва туҳаф иштиғол намуд, пешкашҳои лоиқ фаро баровардан хост, ки ба дасти сафири чарбзабон ирсол намояд ва сеҳрсон уқдаи ваҳшат аз замири мунири ӯ бикшояд. Охир андешае дигар кард ва бо худ гуфт: «Ҷое, ки ман ин ҳама тухми ҷафо кошта бошам, хирмани вафо чӣ гуна паймоям ва дар мавзеъе, ки ниҳоли хилоф нишонда, самари мувофақат бар чӣ ваҷҳ тамаъ намоям?». Ва дар фиристодани элчӣ ва амвол ва изҳори эътизор ва истиғфор мутараддид шуд. Дар ин асно Фоиқ бо ӯ пайваст ва чандон васваса кард, ки Абӯалӣ бар мухолафати валинеъмат якҷиҳат гашта. Баёни ин сухан он аст, ки чун аҳволи амир Нӯҳ баъд аз вафоти Бағрохон интизом ёфт, Фоиқ парешонрӯзгор ва мушаввашхотир гашта, тадбире ҷуз он надошт, ки қабл аз он ки қуввату шавкати малики разӣ Нӯҳ самти надиёд пазирад, ӯро аз миён баргирад. Лоҷарам лашкаре тартиб дода, аз сари таҳаввур мутаваҷҷеҳи Бухоро шуд. Амир Нӯҳ ҷамъе аз сипоҳ ба истиқболи ӯ фиристод ва ҳар ду гурӯҳ ба якдигар расида, баъд аз тасвияи суфуф муқоталаи саъб рӯй намуд ва халқе касир дар уқдаи ҳалок афтода. Охируламр, Фоиқ ҷон аз маърака берун бурд ва чун малҷаъ ва мумидде надошт, илтиҷо ба Абӯалӣ карда хабосат ғоз ниҳод. Абӯалӣ ба мақдами ӯ шодмон шуда, ҳузури ӯро сабаби истиғно аз истирзои Нӯҳ ибни Мансур пиндошт ва он туҳаф ва ҳадоё, ки ҷиҳати малик Нӯҳ муҳайё карда буд, ба Фоиқ дод ва миёни эшон мабонии муеодақат ва мухолисат истеҳком ёфт. Чун амир Нӯҳ аз иттифоқи Абӯалӣ ва Фоиқ огоҳ шуд, ҳамагӣ андеша бар он гумошт, ки он ду тавсани осиро ба дасти кадом роиз дар зери бори итоат орад ва он ду наҳанги ҷоизулқувват кадом сайёд ба доми интиқом кашад. Баъд аз тақдими машварат қуръаи ихтиёр бар амир Сабуктекин афтод, ки ба вафо ва мурувват маъруф ва ба қуввату шавкат мавсуф буд. Ва дар он айём, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ин қазоё даст дод, амир Сабуктекин ба ғазавоти

PDF Compressor Free Version


Ҳиндустон иштиғол намуда, ғанимате фаровон ҳосил карда буд. Чун хотири амир Нӯҳ бар истиъонати Сабуктекин қарор гирифт, Абӯнасри Форсиро ба сафорат назди ӯ фиристод ва шаммае аз қабоиҳи афъол ва фазоиҳи аъмоли Абӯалӣ ва Фоиқ инҳо карда (30), истимдод намуда. Амир Сабуктекин аз бесомонии салили сомонӣ ғайрат оварда, бар фавр табли раҳил кӯфт ва ба ҷониби Бухоро ва Мовароуннаҳр наҳзат фармуд. Амир Нӯҳ то вилояти Кеш ба истиқболи ӯ омад. Пеш аз мулоқот амир Сабуктекин аз кулфати нузул ва мубоширати заминбӯс ба ҳукми заъфи шайхухият ва муроотӣ кибари син истеъфо намуд ва малик Нӯҳ узри ӯро дар он боб масмӯъ дошта. Аммо чун чашми Носируддини Сабуктекин бар хилъати Нӯҳ афтод, ҳайбати подшоҳӣ зимоми ихтиёр аз дасти ӯ бисИтод, лоҷарам фуруд омада рикоби малик Нӯҳ ба эъзозу башшошии тамом ӯро дар бар кашид. Ва аз мулоқоти он ду саодатманд ваҳӣ ба дилҳои мурда расид ва гули масаррат дар риёзи хотири хосcу ом бишкуфт ва маҷмае даст дод, ки мисли он дар ҳеҷ таърих мазкур ва мастур нест. Ва баъд аз тартиби асбоби зиёфату тӯй дар боби танзими мулк ва дафъи мунозион анвоъи суханон мегуфтанд. Муқаррар бар он шуд, ки амир Сабуктекин ба Ғазнин мувадат намуда, ба истеъдоди сипоҳ ва тартиби лашкар қиём намояд. Амир Нӯҳ даст ба салобат ва мубаррот кушода ва ба хилъатҳои фохиру ташрифоти подшоҳона ва аснофи алтоф амир Сабуктекин ва атбои ӯро бинавохт. Ва Сабуктекин ба Ғазнин мурочаат кард ва амир Нӯҳ ба ҷониби Бухоро шитофт. Чун Абӯалӣ бар ин қазия мутталеъ шуд, дуди ҳайрат ба кохи димоғи ӯ мутасоид гашт ва бо хавос(с) дар он боб машварат фармуд, ки агар ҳодиса рӯй намояд ва чашмзахме расад, ба кадом вилоят раванд ва паноҳ ба кадом соҳибдавлат баранд. Эшон ба иттифоқ гуфтанд, ки ба Фахруддавла тарики муҳаббат ва муваддат маслук бояд дошт ва муволоти ӯро урван вусқо бояд шинохт (31). Абӯалӣ Абӯҷаъфари Зулқарнайнро ба сафорати Ҷурҷон номзад фармуд ва аз нафоиси Хуросон дар ғояти Туркистон ба қадри ҳабба ба Фахруддавла ва вазири ӯ —

PDF Compressor Free Version

Соҳиби Аббод ирсол намуд, то миёни эшон асоси мухолафат мушайяд гашт (?) ва абвоби мукотабот ва муросалот мафтӯҳ шуд. Дар ин асно... (?) (32) зафарпайкари амир Носируддини Сабуктекин аз уфуқи диёри Балх толеъ гашт ва амир Нӯҳ аз Бухоро дар ҳаракат омад. Шор — ҳокими Ғарҷистон ва Абулҳориси Фареғунӣ — волии Ҷурҷон ба ӯ пайвастанд. Амир Носируддин ба қурби дувист занҷир фил ороста ва лашкарҳое аз ориҷин ва баддилӣ (33) пироста ба амир Нӯҳ мулҳақ шуд. Чун Абӯалӣ ва Фоиқ аз тавачҷӯҳи эшон хабар ёфтанд, бо лашкарҳои Хуросон ва ду ҳазор дайлам, ки Фахруддавла ба мадади эшон фиристода буд ва ба иттифоқи Дорой Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир, ки аз Ҷурҷон ба муованати эшон омада буд, омодаи ҳарб гашта, аз Ҳирот берун омаданд. Ва амир Носируддин саҳрои аризи фасеҳ ихтиёр карда, маймана ва майсара биёрост. Худ бо амир Нӯҳ ва Сайфуддавла Маҳмуди Ғазнавӣ дар қалб биистод. Ва Абӯалӣ низ дар тартиби лашкар ғояти ҷид(д) мабзул дошта, Фоиқро ба маймана фиристод ва майсараро ба бародари хеш — Абулқосими Симҷӯр дод. Чун ҳар ду фариқ ба ҳам расиданд, маймана ва майсараи Фоиқ бар баронғор ва ҷавонғори малик Нӯҳ ғолибу фоиқ омада, эшонро аз ҷой бардоштанд ва наздик буд, ки кор аз даст биравад ва халале фоҳиш роҳ ёбад, ки Доро ибни Қобус аз қалби Абӯалӣ ҳамла овард. Ва чун миёни ҳар ду саф расид, сипар дар пушт кашида, ба хидмати малик Нӯҳ рафта, рӯй ба муқоталаи сипоҳи Хуросон ниҳод. Ва умарои осӣ ва ҷумҳури сипоҳ андешиданд, ки ғадри Доро бе мувофақати ҷамъе натавонад буд ва бад-ин сабаб дилшикаста шуданд. Чун амир Сабуктекин осори заъф бар ваҷаноти аҳволи мухолифон мушоҳида намуд, бо ҷамъе саворони пархошҷӯй ҳамла кард. Асҳоби Абӯалӣ аз наҳиби ин воқеа саросема гашта, рӯ ба гурез ниҳоданд. Султон Маҳмуд гурехтагонро таъоқуб намуда, ҷамъеро қатил ва фавҷеро дастгир гардонид. Ва мухолифон аз кароими амвол ва созу аслиҳа чандон гузоштанд, ки агар ушри он викояти арзи хеш месохтанд, аз осеби даврон солим мемонданд. Абӯалӣ ва Фоиқ гурехта, ба Нишопур рафтанд ва амир

Нӯҳу Сабуктекин ва писараш Маҳмуд ҷиҳати истироҳат ва тақсими ғаноим ду-се рӯз дар Ҳирот таваққуф намуданд. Малик Нӯҳ амир Сабуктекинро ба лақаби «Носируддин» баландовоза сохт ва ворисн мулки ӯ — Маҳмудро ба лақаби «Сайфуддавла» мушарраф гардонид ва амороти ҷуюш, ки мансаби Абӯалӣ буд, ба Сайфуддавла тафвиз намуд ва худ комёбу комрон ба Бухоро наҳзат фармуд. Ва амир Носируддин ва Сайфуддавла Маҳмуд бо кавкаби азим ба самти Нишопур равон шуданд. Абӯалӣ чун овозаи таваҷҷӯҳи эшон шунид, ба Ҷурҷон рафта, паноҳ ба Фахруддавла бурд. Ва Фахруддавла ба Соҳиби Аббод дар боби риояти Абӯалӣ суханон гуфт. Фахруддавла ба маблағи ҳазор-ҳазор дирҳам ба Абӯалӣ инъом фармуд, то дар масолеҳи хеш масруф дорад. Абӯалӣ ва Фоиқ он зимистон дар Ҷурҷон иқомат намуданд ва Фахруддавларо ба зиёдатии мултамасот тасдеъ доданд ва ӯ дар инҷоҳи мақосиди эшон эҳмолу тағофул варзида. Абӯалӣ ва Фоиқ ва Фахруддавла озурдахотир шуданд ва бо хавосси хеш дар боби маслаҳати рӯзгор машварат карданд. Баъзе гуфтанд: «Салоҳ дар он аст, ки дар Ҷурҷон шиори давлати амир Нӯҳ изҳор кунем ва манобиру данонир ба исму лақаби ӯ музайян ва муҷалло гардонем ва бад-ин сабаб ба хидмати вай тақарруб ҷӯем». Фоиқ аз ин маънӣ сар боз зада гуфт: «Сабуктекин ба Ғазнин рафта ва Маҳмуд дар он вилоят танҳо монда, тоқати муқовамати мо надорад, акнун муносиб чунон менамояд, ки ба Нишопур равем ва Маҳмудро аз он вилоят берун карда, сокину мутмаин биншинем ва агар, иёзан биллоҳ (34), чашмзахме расад, боз ба Ҷурҷон муовадат намоем. Ба таъҷил аз ин диёр берун бояд рафт, ки ҳавои Ҷурҷон афин аст, мабодо ки ба мо ва атбои мо он расад, ки ба Ҳисомуддавлаи Тош ва лашкари ӯ расид». Оммаи сипоҳ ба воситаи ҳубби ватан ва майл ба аҳлу маскан ин раъйро мустаҳсан доштанд ва Абӯалӣ бо эшон ҳамдостон шуда, ба иттифоқ озими Нишопур шуд. Ва Сайфуддавла аз таваҷҷӯҳи мухолифон хабар ёфта, қосиде равонаи Ғазнин сохт ва кайфияти воқеа маъруэи падар гардонид ва зоҳир ба Нишопур лашкаргоҳ сох-

PDF Compressor Free Version

та, мутарассиди мадад мебуд ва пеш аз вусули лашкари Ғазнии дар санаи хамса ва самонина ва салосумиа (385/995) Абӯалӣ ва Фоиқ лашкар ба ҷониби Сайфуддавла Маҳмуд кашида, бар сари ӯ рехтанд. Ва аз қитолу ҷидол Маҳмуд мунҳазим шуд ва аҳмолу асқоли ӯ ба дасти Абӯалӣ ва Фоиқ афтод ва эшон Нишопурро дар ҳавзаи тасарруф оварда. Ҷамъе аз мардуми баъидулфикри дурандеш ба Абӯалӣ гуфтанд, ки бар сабили истиъҷол аз ақиби Маҳмуд бояд шитофт ва пеш аз он ки падар ба писар пайвандад ва аз Бухоро имдод ба эшон расад, хотир аз муҳиммоти мулкӣ форир бояд сохт. Аз бахти бад ва заъфи толеъ Абӯалӣ калимоти мушфиқонро ба самъи ризо исғо нанамуд ва дар он амр тағофулу тасоҳул варзида, арзадоште ба Бухоро ва мактубе ба амир Носируддин фиристод. Ва аз дари узрхоҳӣ даромада ҳаволаи он ҷуръату ҷасорат ба Фоиқ кард. Амир Нӯҳ ва Сабуктекин илтифот ба суханони ӯ накарда, ҷавоби мактуботи ӯ нанавиштанд ва Абӯалӣ дар Нишопур муқим буд, то он замон, ки овозаи ҳаракати амир Носируддин ба самъи ӯ расид. Баёни ин сухан он аст, ки баъд аз ҳазимати Сайфуддавла Маҳмуд амир Носируддин навиштаҳо ба атроф фиристод, то лашкарҳо дар мавзеъи муайян муҷтамаъ гарданд ва Абӯнаср Абӯзайдро ба талаби Халаф ибни Аҳмад фиристода ва Абулҳориси Фареғуниро аз Ҷурҷон бихонд ва дар андак замоне халоиқ чандон ҷамъ омаданд, ки муҳосиб ҳам аз теъдоди он оҷиз гашт. Ва баъд аз иҷтимоъи сипоҳ амир Носируддин ба самти Нишопур равон шуд ва Абӯалӣ ба ҷониби Тӯс дар ҳаракат омад ва баъзе аз ҳудуди он вилоятро лашкаргоҳ сохт. Ва амир Носируддин баъд аз қатъи манозил ва мароҳил расид ба Тӯс, қариб ба муаскари Абӯалӣ фуруд омаданд ва он шаб ҳар ду лашкар яъс доштанд. Чун дасти ҳаво теғи субҳ аз ниёми интиқом баркашид, мардони ҳар ду лашкар ва гурдони ҳар ду кишвар даст ба найза ва шамшер бурданд. Дар аснои он ки шӯълаи ҳарб афрӯхта гашт, аз паси маймаи сипоҳи Абӯалӣ гарде азим баркост. Чун гард шикофта шуд, Сайфуддавла Маҳмуд бо ҷамъе касир аз мардони сафшикан зоҳир гашт. Абӯалӣ дар миёни ду лашкар саросема

ва мутаҳаййир монд, чора ҷуз он надонист, ки ҳар ду ҷиноҳ бо қалб муназзам сохт ва ба иттифоқ бар қалби Носируддин заданд, то магар ҷон аз он маҳлака берун баранд. Носируддин ба ҳарбе матин ва қадами росих он ҷумларо рад кард ва Сайфуддавла Маҳмуд даррасида, тег дар мухолифон ниҳод ва чандон мард бар замин афганд, ки пушти гов аз бори эшон хам гирифт ва маркази замин аз хуни далерон нам кашид ва халқе номаҳдуд дар зери пои филон паст шуданд. Аз маорифи мулозимони Абўалӣ Бағрои ҳоҷиб ва Сабуктекини Фархонӣ ва Арслонбек ва Абўалӣ ибни Нўштекин ва Абўҷаъфари Дайламӣ асир гаштанд ва Абўалӣ ва Фоиқ ҷон аз он маърака берун бурда, ба қалъаи Калот рафтанд ва он қалъаест бо тавсани фалак ҳамъинон ва аз ҳаводиси замон дар амон. Амираки Тўсӣ чанд рўз ба зиёфати эшон қиём намуд, то кайфияти ҳоли лашкар ва ҳаёту мамот ва ҳалоку наҷоти ҳар як ба самъи умарои осӣ расид ва ширзима, ки аз он маҳлака халосӣ ёфтанд, ба эшон пайвастанд. Он гоҳ Абўалӣ ва Фоиқ ба Абевард рафтанд ва аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Сарахс шуданд ва аз он ҷо озими Марв гаштанд. Ба ривояте амир Носируддин ва ба қавле Сайфуддавла Маҳмуд ҷиҳати хашми моддаи фитнаи эшон рўй ба Марв ниҳоданд ва Абўаливу Фоиқ бо Омулшат расида, бори дигар дар мақоми эътизор ва истиғфор омаданд. Ва Абўалӣ Абулҳусайни Касир ва Фоиқ Абдурраҳмони Фақеҳро ба сафорати малик Нўҳ номзад карданд ва эшон ҳар ду ба Бухоро рафта дар истирзо ва истеътофи Нўҳ ибни Мансур ғояти ҷаҳд мабзул доштанд. Фиристодаи Фоиқро дар маҷлисе боздоштанд ва узри Абўалӣ масмўъ афтода, ҳукми малик Нўҳ нафоз ёфт, ки ҳолаи Абўалӣ ба Ҷурҷония равад, то андешаи ташриф ва ҳукми иқтои ў ба имзо расад. Ва мактубе ба волии Ҷурҷония — Маъмун ибни Муҳаммад фиристод ва мазмун он, ки мақдами Абўалиро мукаррам дорад ва мояҳтоҷи ўро мураттаб гардонад, то он чӣ муқтазои раъйи мо дар боби ў тақдим афтад. Чун Абулҳусайни Касир муроҷаат намуд, Фоиқ ба Абўалӣ гуфт, ки «ғарази таваҷҷўҳи ту ба Ҷурҷония муфорақат ва мубоъадати мост аз якдигар, ак-

PDF Compressor Free Version

нун ба савоб он ақраб аст, ки дар мурофақати ҳам пеши Элиқхон равем ва худро аз ин гарқоб ба соҳили наҷот андозем». Абӯалӣ нашунида Фоиқро видоъ кард ва ба тарафи Ҷурҷония наҳзат кард. Ва Фоиқ аз об убур карда, дар силки хавосси Элиқхон мунтазим шуд. Абӯалӣ чун ба Ҳазорасп расид, Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ назле назди ӯ фиристода аз тахаллуфи истиқбол узр хост ва гуфт: «Фардо ба хидмат расам». Чун шаб шуд, бино бар кинаи дерина, ки аз Абӯалӣ дар сина дошт, ҷамъеро фиристод, то ӯро бо хавос(с) гирифта ба Хоразм бираванд. Ва Хоразмшоҳ фармуд, то Абӯалиро банд карда, дар қасре аз қасрҳо боздоштанд. Чун сурати воқеаи Абӯалӣ ба самъи Муҳаммад ибни Маъмун — волии Ҷурҷония расид, ираки асабияти ӯ дар ҳаракат омада, қалақу изтироби азим намуда ва ҳашами худро ҷамъ карда фармуд, ки Элманку — ғуломи Абӯалӣ бо бақоёи хидами ӯ, ки рибқаи итоати вай дар рақаба доштанд, ба сари Хоразмшоҳ раванд. Эшон ба мӯҷиби фармуда амал намуданд, чун ба тавқи пироҳани шаҳри Кот, ки нишемани ӯ буд, даромаданд ва баъзе аз атбои Хоразмшоҳро кушта, бархеро мутафарриқ гардонида, хидматашро ба даст оварданд ва банд аз пои Абӯалӣ бардошта, бар каъби Хоразмшоҳ ниҳоданд. Асир амир шуд ва Абӯалиро ба икром ва эҳтироми тамом ва Хоразмшоҳро дар либоси наколу азлол ба Ҷурҷония расониданд. Ва Маъмун дар таъзиму иҷлоли Абӯалӣ муболағаи тамом ба ҷой овард ва ба тартиби назлу улуфа ва пешкашҳои муносиб тақарруб ҷуст ва сабаби адовати Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ ва муҳаббати Маъмун ба Абӯалӣ он буд, ки дар он овон, ки Нӯҳ ибни Мансур ба восита и тағаллубу тасаллути Бағрохон аз об убур намуда, Хоразмшоҳ ва Маъмун ибни Муҳаммад нисбат ба ӯ хадамоти писандида ба ҷой оварда буданд. Чун малик Нӯҳ ба мустақарри иззи хеш расид, ба мукофоти он мукаррамот Абевардро ба Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ ва Нисоро ба Маъмун дод. Чун омилони он ду подшоҳ ба он ду вилоят рафтанд, Абӯалӣ Нисоро ба Маъмун мусаллам дошт ва дар ҷавоби фиристодагони Хоразмшоҳ гуфт, ки «Абевард иқтои бародари ман аст, то аз девони аъло

 PDF Compressor Free Version 

иваз таъин нашавад ва духули Хоразмшоҳ дар ин вилоят муҳол бошад». Ва эшон бозгашта ин хабари нохуш ба Хоразмшоҳ расониданд. Филҷумла, баъд аз вусули Абӯалӣ ба Ҷурҷония Маъмун ибни Муҳаммад тӯе мураттаб сохт, ки дар он аҳд ва дигар уҳуд маъҳуд набуд. Ва дар он зиёфат шароб ҳозир карданд ва Абӯалӣ ҳарчанд аз мунҳиёт тоиб буд, аммо бинобар мубологаи Маъмун ибни Муҳаммад бар шурби хамр иқдом намуд.

**Асоси тавба, ки дар муҳкамӣ чу санг намуд,**
**Бубин, ки ҷоми зуҷоҷӣ чӣ гунааш бишкаст.**

Ҳар кадом чанд қадаҳе даркашиданд ва саврати шароб асар кард. Хоразмшоҳро ҳозир сохтанд ва чандон, ки ба ӯ сухан гуфтанд ва дар саломаташ муболага намуданд, ҷавоб надод ва сар аз хиҷолат барнадошт ва дар охирҳои мастӣ сари ӯро ба як зарбати тег дар миёни маҷлис афканданд ва Ҳоразмшоҳ Маъмунро мустасҷо ва мустахлас шуд. Маъмун туҳафи бисёр ба Бухоро фиристода шафоат кард, ки рақами афв бар ҷароими Абӯалӣ кашанд. Нӯҳ гуфт, ки мо нахуст аз сари гуноҳи ӯ гузаштаем. Он гоҳ ӯро бад-он ҷониб фиристода ва дар он асно Нӯҳ Абӯалиро талаб дошт ва он соддалавҳ, ғофил аз он, ки сарнавишти ӯ чист, пой дар роҳ ниҳод. Чун ба наздики дорулмулки Нӯҳ расид, Абдуллоҳи Азиз ва хавос(с) ва муқаррабон ба истиқбол шитофтанд. Абӯалиро бо умаро ва аъён ба пояи сарири аъло рафта, дар мавқуфи хиҷолат ва маърази куфрони неъмат сар дар пеш афканданд. Элманку ва дигар қувводи лашкар ва бародарон ва вуҷӯҳи асҳоби ӯро фуруд оварда, ба маҷлис бозоварданд. Малик фармон дод, то ҳамгиноиро гирифта, бандҳои гарон ниҳоданд ва дасти ёғмо ғорат ба асбоби ваҷҳоти эшон дароз кард. Ва дар он авқот амир Носируддини Сабуктекин дар Марв муқим буд, чун хабари гирифтории Абӯалӣ шунид, ба Балх рафт ва ӯро талаб дошт. Ва Нӯҳ фармуд, то Абӯалиро пеши амир Носируддин бурданд ва Сабуктекин ӯро маҳбус медошт, то он замон, ки вафот ёфт.

Чун Фоиқ пеши Эликхон расид, ӯро бар он дошт, ки

PDF Compressor Free Version

лашкар ба Мовароуннаҳр кашад ва Эликхон ба таҳриси азимати он савб мусаммам гардонид. Ва амир Нӯҳ аз истимоъи ин хабар бағоят парешон ва музтариб гашт ва чора ҷуз он надонист, ки бори дигар аз амир Носируддин истимдод намояд. Лоҷарам элчӣ фиристода бо амир Носируддин пайғом дод, ки «Эликхон ба сарҳади Мовароуннаҳр омада, уммоли вилояти маҳрусаро ба мутолибот ранҷа медорад ва мултамас он, ки ба як бори дигар таҳашшум фармоӣ ва шарари шарри ин хони хоинро аз соҳати мамлакати мо боздорӣ. Вазиъае, ки дар назми ҳол ва мулки мо тақдим дошта, ба итмом расонӣ». Носируддин бо ақтору атрофи мамолики маҳрусаи Хуросон ва Ғазнин ва Зобулистон ба истидъои лашкарҳо амсила равон кард ва ба нафси хеш наҳзат намуда, миёни Кешу Насаф нузул фармуда, дар он ҷо чандон таваққуф намуд, ки Сайфуддавла Маҳмуд аз Нишопур дар ҳаракат омада бад-ӯ пайваст ва лашкарҳои офоқ ва амсор бад-ӯ мулҳақ шуданд. Малик Нӯҳ ҷамеъи умаро ва аъёни лашкариёни хосса ба муованат номзад фармуд. Ва миёни Эликхон ва амир Носир русул мутараддид шуда, дар бобн мусолаҳа суханон гуфтанд. Чун Сабуктекин аз малик Нӯҳ истидъо намуд, ки ба нафси хеш дар он маърака ҳозир шавад, Абдуллоҳи Азиз бино бар ғарази фосиди хеш ӯро аз рафтан монеъ омада. Хотири амир Сабуктегин аз ин ҷиҳат филҷумла ранҷида буд. Хидматаш ба сулҳ ризо дод ва дар ҷанг таҳовун намуд ва ба шафоати Эликхон муқаррар бар он шуд, ки иёлати Самарқанд тааллуқ ба Фоиқ дошта бошад ва дар ин боб сулҳнома навишта, онро ба шаҳодоти аимма ва машоихи Мовароуннаҳр мувашшаҳ ва музайян карданд ва баъд аз итмоми мусолаҳа амир Нӯҳ ба фароғи бол зиндагонӣ макард, то дар раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) ба оризаи дусерӯза мутаваҷҷеҳи водии хомӯшон шуд:

Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст...

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ ИБНИ МАНСУРИ СОМОНӢ

Чун амири разӣ Нӯҳ вафот ёфт, умаро ва аъён писараш — Абулҳориси Мансурро бар тахти салтанат нишонданд ва ӯ моле, ки дар хазоин ҷамъ омада буд, бар мутаҷаннида тафриқа карда, Бектузунро ба раёсат ва иморати лашкар таъйин намуд. Ва хабари мавти малик Нӯҳ ба Эликхон расида, азимати Самарқанд карда. Фоиқ ба истиқбол берун омад ва Элик Фоиқро ба Бухоро фиристод ва чун бад-он ҳудуд расид, Мансур мутаҳаййир шуда, Бухороро гузошта, ба таъҷил аз Омуя убур намуд. Ва Фоиқ ба шаҳр даромада изҳор кард, ки ба нусрат ва муовавати Мансур омада, то риояти ҳуқуқи аслофи ӯ ба ҷой оварда бошад. Акобиру машоихи Бухоро касон пеши Мансур фиристода, ӯро аз ҷониби Фоиқ ба уҳуду мавосиқ эмин гардониданд ва Мансур ба Бухоро мурочаат намуда. Фоиқ муҳиммоти ӯ бар худ гирифта, Бектузунро ба имороти Хуросон фиристоданд. Ва дар хилоли ин аҳвол амир Сабуктекин вафот ёфта буд ва миёни Сайфуддавла Маҳмуд ва Исмоил мунозаат қоим шуда. Чун хотири Маҳмуд аз ҷониби Исмоил форир шуд, чунончи кайфияти он ҳол дар зимни қазоёи ғазнавия рақамзадаи килки баён хоҳад шуд, иншоаллоҳу таъоло, ба Хуросон омад ва расуле ба ҷониби Бухоро фиристода изҳори хотирмондагӣ кард, ки мансаби ӯро ба Бектузун муфаввaз шуда буд. Ва илтимос намуд, ки он мансаб ба дастури собиқ ва қарори маъҳуд ба ӯ мусаллам доранд.

Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ дар ҷавоби Сайфуддавла фармуд, ки «мо имороти Балху Тирмиз ва Ҳирот ба ӯ мусаллам медорем, аммо Бектузун бандаи давлат аст ва мутавассил ба ҳуқуқи қадим ва бе ҳудуси сабабе ба азли ӯ мисол додан аз маросими сардорӣ ва ҳақгузорӣ дур менамояд». Чун ин хабар масмӯи Маҳмуд гашт, бо худ андешид, ки, бешакку райб, ҳуссод ва аздод Мансурро бад-он доштаанд, ки дасту рӯ бар сипаи мултамаси ман

PDF Compressor Free Version

ниҳода. Баъд аз тааммул Абулҳусайни Ҳамулиро бо туҳаф ва ҳадоё ва табаррукоти ло туъадду ва ло туҳсо ба Бухоро фиристод ва ба Мансур пайғом дод, ки «таваққуъ чунон аст, ки сарчашмаи муволот ба хасу хошок мукаддар ва тира нагардад ва имдоди иноёт аз расми маълуф нуқсон напазирад ва ҳуқуқи маро ва падари маро, ки бар зиммати Оли Сомон собит аст, ба калимоти бадгӯён зоеъ набояд кард, то низоми улфат гусаста нашавад ва асоси мутобаат ва мутоваат инҳидом наёбад». Чун Ҳамулӣ ба Бухоро расид, ӯро ба мансаби вазорат навид доданд ва бад-он мансаб мағрур гашта, аз сафорате, ки ба қавли ӯ манут ва марбут буда, ғофил монд. Чун амир Сайфуддавла Маҳмуд ракокати ақл ва фитрати раъй ва таноқуси аҳво ва суи тадбири қавм мушоҳида кард, донист, ки мамлакати Сомониён бар шурафи завол аст ва давлати эшон дар садади интиқол ва ин ҷамоат, ки кофилони давлат ва мудаббирони ҳазратанд, назар бар салоҳи хеш доранд, на бар интизоми аҳволи валинеъмат. Лоҷарам рӯй ба Нишопур овард, то мансаби қадим ба даст орад. Бектузун бар азм ва қасди ӯ воқиф шуда, аз раҳгузар бархост ва Нишопурро гузошта, ба тарафе берун рафт ва арзадоште ба Бухоро фиристода, сурати ҳол бознамуд. Ва Абулҳорис Мансур аз сари сакрати ҷавонӣ ва ғафлати кӯдакӣ ва адами таҷриба тоифа фароҳам оварда, рӯй ба Хуросон ниҳод, то дасти Сайфуддавла Маҳмудро аз тасарруфи он вилоят кӯтоҳ гардонад. Бар сабили таъҷил равон шуда, то ба Сарахс дар ҳеҷ макон таваққуф нанамуд ва ҳарчанд Сайфуддавла медонист, ки мухолифон тоби муқовамати ӯ надоранд, лекин аз куфрони неъмат андешид ва риояти ҷониби Абулҳорис кард ва Нишопурро бозгузошт ва ба Марвруд, ки ба Мурғоб иштиҳор дорад, рафт, то сарзанишу бадномии ӯ нагардад. Ва ба вақти дигар аз сари ҳуҷҷате қотеъ ва узре равшан дар муқобили эшон ояд ва таъни ҳуссод ва маломати аздод бад-он роҳ наёбад ва ақосиву адонӣ ӯро маъзур доранд.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ ҒАДРИ ФОИҚ ВА БЕКТУЗУН НИСБАТ БА МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА ҶУЛУСИ АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ БА ҶОИ БАРОДАРИ ХЕШ

Бектузун чун ба хидмати Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ расид, он чӣ мутасаввири ӯ буд аз авотиф ва аворифи подшоҳона, ба зуҳур напайваст. Аз он ҷиҳат ранҷида, шикоят пеши Фоиқ бурд ва Фоиқ ба азъоф он шарорати табъ ва хушунати хулқи ӯ зоҳир кард, — ҳар ду дар маъоиби Мансур фузул пардохтанд ва ҷамъеро ба халъу азли ӯ даъват карда ҳамаро мувофиқ ёфтанд. Бектузун даъвате тартиб карда ба баҳонаи муҳимме, ки ба ҳузури Мансур эҳтиёҷ аст, ӯро аз он ҷо ба хона бурд ва он шоҳзодаи беҳамолро гирифта, мил дар чашми ҷаҳонбинаш кашид ва бародараш Абдулмаликро, ки дар синни туфулият буд, бар тахт нишонданд. Муддати салтанати Мансур як солу ҳафт моҳ буд, хоссу ом, вазиъу шариф забони тавбиху ташнеъ дароз карданд ва бар ин ҷуръату ҷасорат инкори балиғ намуданд. Дар аснои ин авқот хабар расид, ки амир Сайфуддавла Маҳмуд ба Пули Роғул нузул фармуд. Фоиқу Бектузун бағоят мутаваҳҳим шуда, ба ҷониби Марв рафтанд. Ва Сайфуддавла расул фиристода, эшонро бар изоати ҳаққи валинеъмат ва изолати ҳишмат ва ҳатки ҳурмат маломатҳои беандоза кард. Ва Фоиқу Бектузун тарики тансису хадиат пеш гирифта, аз забони Абдулмалик ибни Нӯҳ тақаббулот карда, бад-ӯ ба вуфури риоят ва мазиди иноят мавъуд гардониданд ва ба ваъдаи зиёдатии иқтоот ва ҳукумати вилоёт хостанд, ки ӯро таскине диҳанд. Ва Сайфуддавла Маҳмуд аз рӯи ҳамияти ислом ва ғайрати дин ҷоиз намедошт, ки дар баробари он ҳаракати нописандида ва феъли мазмум афв ва иғмоз воқеъ шавад. Лоҷарам аз Пули Роғул наҳзат намуда, ба Марв омад, то кайфияти он қазия ба мушофаҳа дар миён оед. Фоиқ ва Бектузун аз қудуми султон Маҳмуд мутаҳаййир шуданд ва анвоъи раъбу хавф бар эшон истило ёфта, аз карда пушаймон гаштанд. Аммо изҳори таҷаллудӣ намуда, Абдулмаликро, ки милвоҳи хеш сохта буданд, аз шаҳр берун

PDF Compressor Free Version

овардаанд ва дар баробари лашкари Сайфуддавла Маҳмуд фуруд омаданд. Чун ба яқин донистанд, ки бо пил дар мусораат омадан дар ҳалок ва эъдоми хеш саъй кардан аст, шуфаъо ангехта ва русул фиристода, дар боби мусолаҳа тазарруъ ва зорӣ оғоз ниҳоданд. Ва султон Маҳмуд бино бар ҳифзи некномӣ ва буъд аз мавқеъи маломат тан ба он дар надода фармуд, то боргоҳ бияндохтанд ва табли раҳил кӯфта, Чун раҳлу сақали ӯ равона шуд, авбошу арозили қавм даст ба азноби ҳашами ӯ дароз карданд ва баъзе аҷносу амтиъаро дар арсаи тороҷ овард анд. Чун Сайфуддавла Маҳмуд бар он ҳодиса иттилоъ ёфт ва ҳирси ғолибу тамаъи козиби эшонро дар наҳбу салби атбои хеш мушоҳада намуд, андеша бар интиқом масруф гардонид. Ва чун вуҷӯҳ ва аъён бар ҳаракоти авбош инкоре накарданд, Сайфуддавла донист, ки ризои эшон бад-он ҷуръат мақрун буда. Оташи хашми ӯ забона зада фармон дод, то фавҷе аз лашкариён ба пероҳани он бебокон даромада, ҳамаро ба қатл оварданд ва қалб(у) маймanaву майсара ороста, рӯй ба хасм ниҳоданд. Мухолифон ба ночор оҳанги ҳарб соз дода, бо ҷомаҳои мулавван ва кисватҳои музайян ва либоси муошарат ва шиори мулозамат дар баробар сафоройӣ гаштанд. Аммо дар касрати адад ба камол буданд, чи аз атрофи Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳашаре ҷамъ карда, савори бисёр ва пиёдаи бешумор фароҳам оварда буданд. Ва баъд аз кӯшишу кушиши фаровон шомити куфрони неъмат шомили ҳоли эшон гашта, насими зафару нусрат бар парчами рояти Сайфуддавла дар тансим омад ва аҳли исён рӯй дар бодияи хасрон ниҳода. Абдулмалик ба Бухоро расид, Фоиқ ба забти умури ҷумҳур машғул гашта. Ва Бектузун низ баъд аз чанд гоҳ аз бими сатвати Сайфуддавла Маҳмуд ба Бухоро рафт ва лашкарҳои пароканда ро ҷамъ оварда, бори дигар бухори пиндор ба димоғи эшон роҳ ёфт ва хаёли истиқлол ва ҷидолу қитол, андешаи муфохарат ва мубоpазат бар мизоҷи эшон истило пазируфт. Ва дар аснои он Фоиқ, ки тирози ҳулла ва умдаи ҷумла буд, доъии Ҳақро «лаббайка» иҷобат гуфт (35) ва бад-ин сабаб аҳволи бақияи аркони

Абдулмалики Сомонӣ парешон ва бесомон гашт. Ва муқорини ин ҳол Эликхон аз Кошғар мутаваҷҷеҳи Бухоро шуд ва дар муқаддима расуле назди Абдулмалик фиристода пайғом дод, ки «Инда—ш—шадоиди тазҳабу—л—аҳфод» (36). Агар пеш аз ин ба васовиси шаётину инс дар замоир ҳадша воқеъ шуд ва ваҳшате ҳодис гашта буд, акнун ғубори он аз ҳавошии хотир билкул иртифоъ ёфт ва ҳолан ба воситаи дахли бегонагон дар мамлакати Оли Сомон бино бар қурб ва ҷавор бар ман лозим аст, ки ба мудофаати эшон қиём намоям ва дасти тааддии мутағаллибон аз зайли мамолики маҳруса, ки ирс ва истеҳқоқ ба ту мерасад, кӯтоҳ гардонам». Абдулмалики Нӯҳ ва аъёни ҳазрат калимоти рӯйандуди Эликхонро тасдиқ карданд ва ба заҳорифи аҳволи ӯ мағрур гаштанд. Бектузун ва Бонотекин ва дигар қувводу умаро ба истиқболи ӯ шитофтанд. Чун дар маҷлис он узр иқрор гирифтанд, фармуд, то ҳамаро маъхуз ва муқайяд гардониданд. Абдулмалик аз истимоъи ин ҳодиса беором гашта, дар зовия мухтафӣ шуд ва Элик рӯзи шанбе даҳуми зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/23.X.998) ба Бухоро даромад ва ҷосусон бигумошт, то Абдулмаликро ба даст оварданд ва ӯро банд карда ба Ӯзканд фиристоданд. Шӯълаи ҳаёти ӯ дар он сарзамин фурӯ нишаст. Баъд аз гирифтории ӯ бародараш Мунтасир рӯзе чанд дар ақтор ва атрофи Мовароуннаҳр карруфаре намуд ва чун давлати иқболи он табақа ба ниҳоят анҷомида буд, фоида бар он мураттаб нагашт.

## ЗИКРИ ХУРУҶИ МУНТАСИР АБУИБРОҲИМ ИСМОИЛ ИБНИ НӮҲИ СОМОНӢ ВА БАЁНИ ОН ЧИ МИЁНИ Ӯ ВА ЭЛИКХОН ВА НАСР ИБНИ НОСИРУДДИНИ САБУКТЕКИН ВОҚЕЪ ШУД

Чун Элик бар Бухоро муставлӣ шуда, Абулҳориси Мансури мағҳул (37) ва Абӯиброҳим, ки аз вай ба «Мунтасир» таъбир хоҳад рафт ва Абӯяъқуб—фарзандони Нӯҳро бо аъмоми эшон—Абӯзакариё ва Абӯсолеҳ ва бақоёи

PDF Compressor Free Version

урумаи сомонӣ ба даст овард ва ҳар якро ҷудо дар маҳбасе боздошт, то ба ҷамъият ҳилате насозанд. Ва аз мувофақати толеъ Мунтасир чодари канизакe, ки ба тааҳҳуди ӯ қиём менамуд, дар сар кашида аз маҳбас берун рафт ва дар хонаи аҷузае аз аҷоизи Бухоро мутаворӣ шуда, то сурати талаби ӯ таскин ёфт ва толибонаш либоси яъс пӯшида, тамаъ аз вай буриданд. Он гоҳ дар зийи фуюҷ ба Хоразм рафт ва дар садади интиқоми Эликхон омада, бақияи авлиёи Оли Сомон рӯй бад-ӯ ниҳоданд ва ҳашмате тамом фароҳам оварда. Арслон Болу, ки ҳоҷиби ӯ буд, ба ҷониби Бухоро тохтан кард ва Ҷаъфартекинро бо ҳафдаҳ (тан) аз маорифи амир асир гирифт ва ба Ҷурҷония фиристод ва дигарон ҷон берун бурда пеши Эликхон рафтанд. Ва Арслон то ҳудуди Самарқанд бар асари эшон рафта, чун ба қантарае кӯчак расид, Текинхон, ки аз қибали Элик шаҳнаи Самарқанд буд, бо ҷамъе касир сари роҳ бар вай гирифт ва Арслон рӯй аз муқобилаи эшон барнатофт ва дар мақоми муҳораба ва мусодара биистод, Текинхонро шикаста, ғанимате фаровон гирифт. Ва Мунтасир ба Бухоро омада, аҳолии он диёр ба қудуми ӯ шодмониҳо карданд. Эликхон чун аз ин воқеа огоҳ ёфт, лашкаре ҷамъ оварда мутаваҷҷеҳи Мунтасир шуд ва Арслон Болу ба мавкиби Мунтасир пайваста, баъд аз тақдими машварат аз об убур карда ба Омулшат нузул карданд. Ва пас аз таҳсили амволи он диёр аз роҳи биёбон рӯй ба Абеворд ниҳоданд ва аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Нишопур шуданд ва миёни Мунтасир ва Наср ибни Носируддин дар зоҳири Нишопур муҳораба воқеъ шуд. Чун Ҷамшед дар тутуқи Оли Аббос мӯҳтаҷиб гашт (38), амир Наср рӯй ба Марв овард ва аз он ҷо ба Ҳирот рафт. Чун ин хабар ба Султон Маҳмуд расид, бар фавр кӯч карда ба ҷониби Нишопур наҳзат фармуд. Ва Мунтасир чун аз иқболи роёти нусратоёти ӯ хабар ёфт, инони азимат ба ҷониби Исфароин тофт ва хост, ки ба истихроҷи амволи он вилоят асбоби мулозимон мураттаб созад, муяссар нашуд. Қасди вилояти Шамсулмаъолӣ ибни Вушмгир кард ва Қобус ибни Вушмгир хадамоти писандида ба ҷой оварда, аз ҷумла

PDF Compressor Free Version

даҳ сар аспи тозӣ бо зин ва афсори заррин ва сӣ сар бо зини симкӯфта ва сӣ сар бо ҳабалҳои абрешим ва сӣ сар астар бо зини зар ва сӣ сар шутур бо розфаршҳои фохир ва амтиъаи нодир ва ҳазор-ҳазор дирҳам ва сӣ ҳазор динор ва панҷоҳ савби мулаввн бо дигар асбоб ва адавоти подшоҳона ва аз барои мулозимони ӯ дигар амвол фиристода. Ба ӯ гуфт, ки «маслаҳат он аст, ки ба Рай равӣ, то ман писарони хеш — Доро ва Манучеҳрро дар зилли риояти ту бифиристам, чӣ тахти он мамлакат аз вуҷуди подшоҳи сойис отил аст ва кори он навоҳӣ мутазалзил ва он мулк ба малике қоҳир ва ҳокиме ғолиб мӯҳтоҷ аст, бад-он тараф қадам ранҷа бояд кардан ва он вилоят ба ҳавзаи тасарруф даровардан, ба мансаби аморат мутамаккин нишастан ва ба тадриҷ лашкаре ҷамъ овардан ва тариқи муоводати Хуросон ва талаби хонаи маврус пешниҳоди хотир сохтан».

Мунтасир ин ишорат қабул карда, аз Ҷурҷон наҳзат фармуд ва баъд аз қатъи манозил Райро лашкаргоҳ сохт ва сипоҳе, ки дар шаҳр муқим буданд, берун омада дар баробари ӯ муъаскари хиямҳо заданд ва бо Абулқосими Симҷӯр ва Арслон Болу ва соири умаро касон фиристода, эшонро ба таслими зари нақд ва ваъдаи насия бифирефтанд, то маҷмӯъи эшон ба иттифоқ маърузи Мунтасир гардониданд, ки «ҷалолати қадр ва ниёбати зикри ту зиёда аз он аст, ки хештанро дар маърази ҷамоате орӣ, ки тоати туро камар бастаанд ва ба хидмати ливои ту истисъод ҷуста ва мартабаи ту аз он бартар аст, ки ба ин вайрона сар фуруд оварӣ:

> **Арш аст нишемани ту, шармат н-ояд,**
> **К-ойиву муқими хиттаи хок шавӣ.**

Қобус мехоҳад, ки ёр ба дасти аъвону ансори ту бигирад ва агар коре аз пеш равад, фоида бад-ӯ бозгардад ва агар, иёзан биллоҳ (39), чашмзахме расад, он ор бар ҷабини давлат боқӣ монад». Чандон аз ин намт суханон гуфтанд, ки Мунтасир қавли эшонро мақбул дошта, аз Рай

PDF Compressor Free Version

кӯч кард ва ба роҳи Домғон равона шуд ва Дорову Манучеҳр аз вай муфорақат карда, ба Ҷурҷон рафтанд. Мунтасир ба ҳудуди Нишопур расид ва амир Наср Носируддин Нишопурро гузошта, ба тарафи Бузҷон шитофт ва дар шавволи санаи иҳдо ва тисъина ва салосумиа (391/VIII. 1001) Мунтасир бори дигар бар Нишопур истило ёфта, ум-молро бар сари аъмол фиристода ва мутолабаи амвол оғоз ниҳод. Амир Наср аз бародар истимдод намуда, султон Маҳмуд волии Ҳирот — Алтунтоши ҳоҷибро ба муованати ӯ фиристод. Ва амир Наср ба мадади бародар мустазҳар шуда рӯй ба Нишопур ниҳод. Мунтасир мутаҳайийр монда донист, ки бародари вай дар раъйи худ хато кардаст ва мазмуни таракат ар—раъю би—р—раъйи (40) ба вузӯҳ пайваст. Чун Арслон Болу ба хилофи Мунтасир муҳиммоти мулкӣ мепардохт ва дар файсали қазоё ба ӯ аз сари шатату ҷадал сухан меронд, рӯз ба рӯз кинаи вай дар дили Мунтасир росихтар мешуд. Дар он овон ба самъи ӯ расониданд, ки Арслон Болу бино бар ҳасаде, ки ба Абулқосими Симҷӯр дар хотир дошта, дар маъракаи Наср ибни Носируддин эҳмол варзида. Ин сабаби зиёдати кудурат шуда, Мунтасир Арслонро ба қатл овард ва аз ин феъл сипоҳ ошуфта гашта, ба сарзаниш ва инкори ӯ забон дароз карданд. Ва Абулқосими Симҷӯр сухан гуфта, обе бар оташ зада, ҳамаро таскин дод ва бар азми ҷониби Сарахс иттифоқ карданд, то ба мадади заъими он буқъа, ки ба Писари Фақеҳ машҳур буд, мустазҳар шаванд, чи ӯ пайваста таассуб ҷониби Мунтасир меварзид, ба хадамоти писандида ба ӯ тазарруб менамуд. Чун ба Сарахс расиданд, Писари Фақеҳ камо яҷиб ва янбағӣ ба мароси-ми хидматгорӣ ва ҷонсупорӣ қиём намуд. Ва дар ин асно Наср ибни Носируддин бо лашкаре шерсифат, палангойин рӯй ба Сарахс ниҳод ва Мунтасир бо хавосси мулозимони хеш ба истиқболи ӯ шитофт. Баъд аз қитоли шадид насими фатху нусрат бар парчами рояти амир Наср вазида, Абулқосими Симҷӯр ва чанд амири дигарро гирифта пеши ӯ оварданд ва ҳама эшонро ба мӯҷиби фармуда дар либоси ору хасор ба Ғазнин бурданд. Ва амир Наср дар ка-

PDF Compressor Free Version

нафи иззу иқбол рўй ба мустақарри иззу шараф ва ҷалол ниҳод. Мунтасир баъд аз инҳизом дар биёбонҳо саргардон шуда роҳ мепаймуд, то дар миёни туркмонони ғузон афтод ва эшон пайваста дам аз ҳавохоҳии Оли Сомон заданди ва ба давлатхоҳии он тоифа мубоҳот ва муфоҳарат намуданди. Лоҷарам қудуми ўро мавҳабате азим дониста, дар мутобаат ва ихлос камар дар миёни ҷон бастанд. Мунтасир чун ба муованати ҳашами ғузон мустазҳар шуд, тамаъ дар вилояти Мовароуннаҳр карда мутаваҷҷеҳ гашт. Эликхон бар наҳзати ў иттилоъ ёфта, сипоҳе анбўҳ фароҳам оварда ба ҳудуди Самарқанд омад. Ғузон шабехун бар сари Эликхон бурданд ва тоифае аз маорифи лашкари ў асир карда, ҷамъеро ба қатл оварданд ва аз қитули Элик моли фаровон ва ғанимати бепоён ба дасти ҳашами ғузон афтод ва кона золика фӣ шавволи санат салоса ва тисъина ва салосумиа (393/VIII. 1003) (41). Ғузон ба манозили худ муовадат намуда, асиронро ба мулозимони Мунтасир надоданд ва дар афвоҳ афтод, ки эшон аз муҷодала ва муқотаған Эликхон пушаймон гашта, дари узр мекўбанд ва ба итлоқи асирон бад-ў тақарруб хоҳанд ҷуст. Мунтасир аз ин қазия мусташъар шуд ва ҳафтсад кас аз хавоссу сиқоти хеш ихтиёр карда ва аз миёни ҳишами ғузон берун омада, ба ҷаноҳи истеъҷол ба канори об расид. Ва чун Ҷайхун аз бурудати ҳаво мунҷамид шуда буд, коҳ ба рўи ях рехта, аз об бигузаштанд ва хишами ғузон баъд аз он ки офтоб баланд шуда буд ва ях дар завабон омада, ночор бозгаштанд. Мунтасир ба Омулшат фуруд омада, ба султон Маҳмуд нома навишт ва аз ҳуқуқи аҷдод ва аслофи худ ёд дод ва аз шиддати тамодии айёми меҳнат ва тароқуми қурбат ва мақосоти ғурбат ва шадоиди он ноли̇ш карда гуфт: «Агар дар зилли паноҳам ҷо диҳӣ, чун соя мулозим бошам». Ва аз хавфи туркони ғуз кўч карда, ба ҷониби Марв рафт ва назди Абўҷаъфари хоҳарзода, ки дар он овон дар Марв иқомат дошт, кас фиристода ба силоҳу соз истиъонате намуд. Абўҷаъфар аз ҷумлаи арзол буд, дар айёми давлати Оли Сомон ба мукнат расида, аз лаомати табиат ва даноати ҳиммат дасту рў бар синаи мулта-

PDF Compressor Free Version

маси Мунтасир ниҳод, балки аз шаҳр берун омада дар муқобили ӯ саф кашида биистод ва ғуломони Мунтасир ба як ҳамла мулозимони ӯро чун ҳуруфи таҳаҷҷӣ пароканда сохтанд ва Мунтасир роҳи Абевард пеш гирифт. Султон Маҳмуд дар қабули пайғому икроми расули ӯ осори лутфу карам ба зуҳур оварда, туҳафи лоиқ фиристод ва ба Абӯҷаъфари хоҳарзода мисол навишт дар илтизоми хидмат ва таҷарриву марозии ӯ ҳеҷ дақиқа муҳмал нагузорад. Хоҳарзода аз сари изтирор ба мулозимат камар баста, ба таҳсили мароми ӯ қиём намуд ва Абӯнасри ҳоҷиб аз умарои султон дар Абевард. Чун Мунтасир бад-он ҳудуд расид, ки вазифаи хидматгорӣ ба тақдим расонид ва аҳли Нисо мункири он воқеа шуда, аз иқомати Мунтасир бад-он ҳудуд мӯҳтариз гаштанд ва ба Хоразмшоҳ нома фиристода, мадад хостанд. Хоразмшоҳ Абулфазли ҳоҷибро, ки аз машоҳири ҷамоҳири ҳазрат буд, ба муовanати ӯ фиристод ва Абӯнасри ҳоҷиб дар хидмати рояти Мунтасир ба истиқболи ӯ рафт. Ва дар он замон, ки шаби торӣ ва ҳавои қорӣ қуввати босира аз мушоҳадаи ашхос ва мутолааи аҷсом маъзул карда буд, фариқайн даст ба теғ бурданд ва то табошири субҳ ҷанг карда, аксар мардуми ҳар ду фариқ мақтулу маҷрӯҳ шуданд, аз он ҷумла Абӯнаср ва соири ансори Мунтасирро кушта ёфта, дигарон овора гаштанд. Мунтасир ба Исфароин омада, мардуми он ҷо аз хавф ба мамонати ӯ камар бастанд ва Мунтасир аз он савб инон бартофта ,ба Сарахс расид ва дар он ҷо чанд рӯзе таваққуф карда, то ҳазиматиён бад-ӯ мулҳақ шуданд. Он гоҳ аз Ҷайҳун убур намуда, шаҳнаи Бухоро ба ҷониби ӯ лашкар кашид. Мунтасир чун мӯҳре надошт ба, муқобала биистод ва аз ҷонибайн кушиши бисёр воқеъ шуда, Мунтасир ба ҷаҳду саъйи тамом ҷон аз он варта берун бурда, то Дарбанди Нур ҷое таваққуф нанамуда. Ва шаҳнаи Бухоро ба ҷониби Саъд рафта, ба фароҳам омадани сипоҳе, ки он ҷо буданд, машғул шуд. Ва дар он асно ногоҳ Мунтасир шабехун бурда. Мулк ба ҷамъияти шаҳнаи Бухоро ба ташаттут ва тафарруқ мубаддал гашт. Ва муқорини ин ҳол Писари Аламдор—сипаҳсолори Са-

PDF Compressor Free Version

марқанд ба интисори Мунтасир дар ҳаракат омада, бо се ҳазор мард бад-ӯ пайваст ва хоҷагони Самарқанд сесад ғуломи туркро ба моле вофир ба хидматаш фиристоданд ва ҷамъе аз ҳашами ғуз бо ӯ пайвастанд. Бори дигар оташи иқболи Мунтасир боло гирифт. Чун Эликхон аз интизоми ҳоли Мунтасир хабар ёфт, ба азми муҳорабаи ӯ равон шуд ва аз ҳудуди Самарқанд масоф доданд ва хон ҳазимат ёфт. Ҳашами ғуз аз ҳашами Элик ғаноими мавфур ва амволи номаҳсур гирифтанд. Ва ин воқеа дар шаъбони санаи арбаъа ва тисъина ва салосумиа (394/V. 1004) рӯй намуд. Чун Элик ба вилояти худ расид, лашкарҳои парока̄нда ҷамъ карда, боз рӯй ба Мунтасир ниҳод ва дар ин ҳол ҳашами ғуз аз ӯ ҷудо шуда буданд ва рӯй ба автони худ ниҳода, ба қисмати ғаноим машғул шуда. Чун навбати дигар ҳар ду фариқ сафи муқотала рост карданд, Абулҳусайни Тоқ, ки панҷ ҳазор мард дар зилли рояти ӯ муҷтамаъ буданд, ба Мунтасир ғадр карда, пеши Элик рафт ва Мунтасир ночор роҳи ҳазимат пеш гирифт ва Элик теғи интиқом баркашид ва ҷамъе касир аз атбоъи ӯ ба қатл овард. Ва Мунтасир ба канори об омада киштӣ наёфт, дарахте чанд бар ҳам баста аз Ҷайҳун убур намуда ва галаҳои асп, ки дар он навоҳӣ ёфт, бар лашкари худ қисмат карда, аз роҳи биёбон ба Пули Роғул омад. Ва султон Маҳмудро аз вусули ӯ хабар доданд ва султон пеш аз интизоми кор ва илтиёми ҳоли ӯ аз Ғазнин ба Балх омад ва Фареғун ибни Муҳаммадро бо чиҳил нафар аз аъёну лашкари бесомон ба дафъи фитнаи ӯ номзад фармуд. Ва Мунтасир ба муҳораба аз эшон рӯй гардонида, ба Кӯҳистон рафт. Наср ибни Носируддин Арслони ҳоҷиб — волии Тӯс ва Туғосчақ—ҳокими Сарахс аз ақиби ӯ равон шуданд. Ва Мунтасир аз хавфи он ҷамоат рӯй ба Канд ниҳод ва аз он ҷо ба Бастом омад. Ва Қобус ибни Вушмгир ду ҳазор мард бифиристод, то Мунтасирро аз Бастом мунзаъиҷ гардониданд. Ва аз Бастом ба Нисо рафт ва Писари Сурхаки Сомонӣ номае фиристода Мунтасирро ба мавоъиди зӯр ва ақволи ғурур бифирефт ва ба ионату мусоадати ӯ ва муқовамат бо Эликхон ваъда дод. Ва ӯ

PDF Compressor Free Version


ба умеди он ваъда ба савби Бухоро рехлат кард ва дар он юриш ҷумҳури сипоҳ аз мақосоти сафар ба танг омада буданд ва аз эвори Вушмгир ба ҷон расида. Лоҷарам ори бевафоиро мултазам шуда, пеши Сулаймон ва Софӣ — ҳоҷибони Эликхон рафтанд ва эшонро аз заъфи ҳоли Мунтасир хабар доданд. Чун эшонро ин хабар шуд, тоифае аз аҳли удвон бар перомуни хаймааш даромаданд ва Мунтасир лаҳзае ба мамониат истода, рӯй ба гурез ниҳод ва бародарон ва хавосси ӯро гирифта, ба Ӯзканд фиристоданд. Ва Мунтасир ба ҳиллаи Ибни Буҳайҷи аъробӣ (42) афтода. Моҳрӯй номе, ки аз қибали султон Маҳмуд ҳокими эшон буд ва ӯ ҷамоатеро бар қатли Мунтасир тарғиб намуд. Ва чун шаб даромад, тоифае аз аҷлофи аъроб ба хуҷум оварда ва ҷони азизи он шоҳзодаи беҳамол бар бод доданд ва хуни шарифи ӯ бар хок рехтанд. Ва ин ҳодиса дар рабеъулаввали санаи хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII. 1004) рӯй намуд. Чун хабари ин мусибат ба султон Маҳмуд расид, Моҳрӯйро ба расвоии ҳар чӣ тамомтар бикушт ва ҳиллаи Ибни Буҳайҷро ба ғорат бидод. Ва ба якборагӣ шӯълаи давлати Оли Сомон интифо пазируфт ва кавкаби иқболу шарафи эшон ба дараҷаи хубут расид ва кона —ал—Лоҳу ало кулли шайъин муқтадир (43).

PDF Compressor Free Version

САЙФУДДИН ҲОҶӢ ИБНИ НИЗОМИ УҚАЙЛӢ

# Осор-ул-вузаро

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

**Доир ба рӯзгор ва осори муаллифи «Осор-ул-вузаро» — Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ маълумоти хеле кам боқӣ мондааст.** Аз муқаддимаи китоб бармеояд, ки вай то чилсолагиаш дар хидмати дарбори султон Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) дар Ҳирот буда ва ба хоҷа Қивомуддин Низомулмулки Хавофӣ, ки дар солҳои 1471—1487 мансаби вазорати султони мазкурро дар ӯҳда дошт, тақарруб пайдо кардааст. «Осор-ул-вузаро» ба номи ҳамин вазир навишта шуда, аз ду мақола (бахш) иборат аст. Дар мақолаи аввал муаллиф доир ба вазирони хулафои Умавӣ ва Аббосӣ, Сомониён, Ғазнавиён, Бувайҳиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Чингизиён, Ғуриён ва Темуриён маълумот дарҷ карда, мақолаи дуюмро ба баёни рӯзгор ва вазорати хоҷа Қивомуддин Низомулмулки Хавофӣ тахсис додааст. Муаллифи «Осор-ул-вузаро» дар радифи маохизи китоби худ манобеъи мутааддиди таърихиву адабӣ аз қабили «Таърихи Табарӣ», «Ҷомеъ-ут-таворих», «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ», «Таърихи Ҷаҳонкушо», «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Мақомоти Абӯнасри Машкон»-и Байҳақӣ ва ғайраро номбар кардааст, вале аз муқоисаи матолиби китоб бо «Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор»-и Носируддин Муншии Кирмонӣ бармеояд, ки асари мазкур маъхаз ва мабнои асосиву аслии таълифи «Осор-ул-вузаро» будааст. Уқайлӣ аз «Насоим-ул-асҳор» матолиби зиёдеро нақл кардааст, вале баъзан тасарруфоти бемаврид дар онҳо ба кор бурдааст, ки боиси халал пазируфтани маънӣ ва ихтилоти воқеаҳои таърихӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, «Осор-ул-вузаро» ахбор ва асноди муҳимро аз сарчашмаҳое шомил аст, ки асли онҳо аз байн рафта, огаҳии имрӯзи мо аз онҳо мабнӣ бар навиштаҳои Уқайлӣ аст. Аз ҷумла, муаллиф аз китоби «Мақомоти Абӯнасри Машкон»-и Абулфазли Байҳақӣ ва муҷалладоти мафқуди «Таърихи Байҳақӣ»-и ӯ матолиберо зикр кардааст, ки ба ҷуз дар «Осор-ул-вузаро» чизе аз он имрӯз дар даст нест.

Аз «Осор-ул-вузаро» ҳашт нусха боқӣ мондааст, ки мутааллиқ ба китобхонаҳои Эрон, Ҳиндустон ва Британиё мебошад. Китоби мазкур дар асоси нусхаи марбут ба китобхонаи «Маҷлиси Шӯрои миллӣ»-и Теҳрон аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Ҳусайнии Армавӣ тасҳеҳ ва нашр шудааст.

PDF Compressor Free Version

## ДАР ЗИКРИ ВУЗАРОИ ОЛИ СОМОН

Агарчи пештар аз Оли Сомон Тоҳири Зуляминайн ва Оли Яъқуби Лайс ва бародараш Амр дар мамолики Эрон дами истиқлол заданд, аммо Оли Тоҳир гумоштагони даргоҳи хилофат буданд ва даъвии салтанат ва истиқлол накарданд. Саффориён, ки иборат аз Яъқуб ва Амри Лайс аст, бар хулафо хурӯҷ карданд ва пешаи эшон айёрӣ ва роҳзанӣ будааст ва аз дорулхилофа насиб ва маншур надоштаанд ва муддати давлаташон ба сӣ сол нарасид. Ва бад-он сабаб аз вузарои Сомониён ибтидо карда шуд, ки Сомониён подшоҳони мусалмон ва диндор будаанд ва дар мамлакати Эрон ва баъзе аз Тӯрон нӯҳ тан аз эшон салтанат кардаанд. Пойтахти эшон Бухоро будааст, чунон ки шоир гӯяд:

**Нӯҳ тан буданд Оли Сомон мазкур,**
**Гашта ба иморати Хуросон машҳур:**
**Исмоилеву Аҳмадеву Насре,**
**Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур (1).**

Ва дар баъзе таворих овардаанд, ки эшон аз насли Баҳроми Чӯбин будаанд ва муддати салтанати эшон саду бист солу шаш моҳу бист рӯз будааст (2).

## ВАЗИР АБУЛФАЗЛИ БАЛЪАМӢ

Аз кибори вузарои Аҷам аст ва Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ вазорат бад-ӯ тафвиз фармуд ва дар рафъи ливои маъдалат ва насафат ва тадбири умури мамлакат ва тартиби масолеҳи давлат би ақса-л-ғоят ва-л-имкон (3) бикӯ-

PDF Compressor Free Version

шид ва ба қасди Хумортекини соҳибҷайш, ки «Работи Хумортекин» дар роҳи Ироқ ӯ бино кардааст, амир Нӯҳи Сомонӣ ба эҳлок ва қатли ӯ мисол дод.

## ВАЗИР АБӮҶАЪФАРИ УТБӢ

Вазири амир Абдулмалик ибни Нӯҳ буд ва вазири амири садид Мансур ибни Нӯҳ низ буд. Ба ҳиляи фазл ва адаб ва улувви аслу насаб музайян ва муҳалло буд ва хизонаи подшоҳи худро ба амволи вофир мумталӣ гардонид, чунон ки пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ аз вузарои Оли Сомон дар ҷамъи амвол ва иддихори хазоин адили ӯ набуданд.

## ВАЗИР АБӮАЛӢ МУҲАММАД ИБНИ МУҲАММАДИ БАЛЪАМӢ

Дар таърихи санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/975—976) вазири Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ шуд ва бағоят фозил ва комил будааст ва мутарҷими «Таърих»-и имом Ҷарири Табарӣ аст.

## ВАЗИР АБУЛҲУСАЙНИ УТБӢ

Тақаллуди вазорати ар-разӣ Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ намуд (4)...

## ВАЗИР АБУЛФАТҲИ БУСТИ

Вазир ва мушир ва соҳибтадбири Сабуктекин будааст. Дар ибтидои ҳол дабири Бойтур (5) — волии Буст буд. Чун амир Сабуктекинро хурӯҷ воқеъ шуд, фатҳи Буст муяссар гашт ва Бойтур ба Кирмон афтод. Абулфатҳ дар шаҳр мутаворӣ шуд ва амир Сабуктекинро аз ҳоли ӯ эълом карданд,

PDF Compressor Free Version


ба эҳзори ӯ мисол дод. Чун ба хидмат расид, дар бораи ӯ эъзоз ва икром фармуд ва муқаррар кард, ки бар он ҷумла, ки дар хидмати Бойтур буд, ба дабирӣ қиём намояд. Шайх Абулфатҳ ҳикоят кард, ки «чун амир Сабуктекин маро ин саъодат арзонӣ дошт ва девони расоил, ки хазоини асрор аст, ба ман супурд, андеша кардам, ки ин подшоҳ бар аҳвол ва афъоли ман ҳанӯз вуқуфе надорад ва ба маърифати эътимод ва амонати ман қарибулаҳд аст ва махдуме, ки маро будааст, ба мухолифат ва душмании ӯ. Агар ҳосиде тамвиҳе кунад, тавонад, ки тири фасоде бар ҳадафи қабул расад. Ба хидмати ӯ рафтам ва гуфтам: Мунтаҳои тарбияти мани банда беш аз ин мансаб натавонад буд, аммо банда савоб чунон донад, ки якчанде аз ҳазрат иҷозат ёбад ва ба мавзеъе, ки таъйин фармояд, муқим бошам, чунон ки худованд аз кори Бойтур якборагӣ фориғ шавад, он гоҳ банда мубошират ин шуғл бар ваҷҳе кунад, ки аз васмати тӯҳмат мубарро бошад . Амирро ин сухан бағоят мувофиқ омад, ишорат фармуд, ки туро ба ноҳияти Руххаҷ бояд рафт ва мунтазири мисоли мо буд». Ман рӯй ба он тараф овардам ва муддате он ҷо будам, то мисоле мувашшаҳ ба тавқеъ ба истидъои ман расид ва аз юмни маёмини он ҳазрат ёфтам он чӣ ёфтам».

То охири аҳди Сабуктекин муҳиммоти вазорат бад-ӯ муфаввaз буд ва дар ибтидои салтанати Маҳмуд девони расоил ва фатҳномаҳо аз ишон ӯст. Фазоил ва камолоти ӯ бисьёр аст. То вақте амир ба сабабе аз асбоб аз он ҳазрат битарсид ва ба диёри турк афтод ва дар он ғурбат вафот ёфт. Панде, ки амир Сабуктекин ба писари худ султон Маҳмуд навиштааст, ба хатти ӯст ва бағоят фоидаманд аст ва дар ин китоб навиштани он ба татвил меанҷомид. Машрӯҳ дар таърихи «Маҷмаъ-ул-инсон (6) мазкур аст.

PDF Compressor Free Version

ҒИЁСУДДИН ИБНИ ҲУМОМУДДИН ҲУСАИНИИ ХОНДАМИР

# Ҳабиб-ус-сияр

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Хоҷа Ғиёсуддин ибни Хоҷа Ҳумомуддин Муҳаммад ибни Хоҷа Ҷалолуддин, ки бо тахаллуси Хондамир шӯҳрат дорад, тахминан соли 1475 дар Ҳирот таваллуд ёфтааст. Омӯзиши илму донишро вай аз овони хурдсолӣ шурӯъ карда, ниҳоят чун таърихшиноси номӣ ба камол мерасад ва таҳти роҳбарии бобояш Мирхонд ва ҳимояту инояти Алишери Навоӣ ба таълифи осори адабӣ-таърихӣ машғул мешавад. Баробари корҳои илмӣ Хондамир ба корҳои маъмурӣ низ кашида мешавад ва соли 1503 султон Бадеъуззамон вайро ба ҳайси сафир ба вилояти Қундуз мефиристад.

Ҳангоми истилои Муҳаммад Шайбонихон бар Ҳирот Хондамир чанд муддат дар деҳаи Бушт мутаворӣ мешавад, вале баъди ба дасти Сафавиён гузаштани Ҳирот (1500) вай ба ин шаҳр бармегардад. Баъди вафоти шоҳ Исмоили Сафавӣ (1526) Хондамир маҷбуран роҳи Ҳиндустонро пеш гирифта, ба хидмати Мирзо Бобур мепайвандад. Хондамир соли 1535 аз олам даргузашт ва ӯро мувофиқи васияташ дар мазори Хоҷа Низомуддини Авлиё, наздики марқади Амир Хусрави Деҳлавӣ ба хок супурданд.

Ғиёсуддин Муҳаммад дар тӯли умри начандон зиёди хеш чанд таълифоти муҳиме иншо намудааст, ки «Ҳабиб-ус-сияр», «Маосир-ул-мулук», «Номаҳои номӣ», «Хулосат-ул-ахбор», «Макорим-ул-ахлоқ», «Дастур-ул-вузаро» аз ҷумлаи онҳоянд.

Маъруфтарин асари Хондамир «Ҳабиб-ус-сияр» аст, ки дар Ҳирот байни солҳои 1521—1524 таълиф шудааст.

«Ҳабиб-ус-сияр» аз муқаддима, се ҷилд ва хотима иборат аст. Дар ҷилди аввал таърихи пешазисломиву давраи зуҳури ислом ва хулафои рошидин баён шудааст.

Ҷилди дуюм ба зикри ҳуккоми Бани Умайяву Бани Аббос ва салтанати дудмонҳои Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва сулолаҳои баъдӣ тахсис ёфтааст.

Муҷаллади сеюм шомили воқеоти давронӣ Чингизиёну Темуриён аст ва бо шарҳи айёми шоҳ Исмоили Сафавӣ анҷом пазируфтааст.

Хондамир «Ҳабиб-ус-сияр»-ро, тавре аз муқаддимаи асар маълум мешавад, барои яке аз акобири Ҳирот — Ғиёсуддин Амир Муҳаммад ибни Амир Юсуфи Ҳусайнӣ таълиф кардааст. Вақте ки Хондамир муқаддимаву ҷузви аввалини ҷилди нахустинро таълиф кард, Ғиёсуддинро душманони дохилӣ, ки сарвари онҳо Амирхон буд, ба қатл мерасонанд. Чанд муддат таълифи асар мавқуф гузошта шуд. Танҳо баъди қатли Муҳаммадхони Шайбонӣ ва тасаллути шоҳ Исмоили Сафавӣ вазъи Ҳирот андаке беҳ гашт ва Хондамир фурсатро ғанимат шумурда, таълифи рисолаашро давом дод.

PDF Compressor Free Version

## ГУФТОР ДАР БАЁНИ ГИРИФТОР ШУДАНИ АМР БА ДАСТИ АМИР ИСМОИЛИ СОМОНӢ ВА ЗИКРИ КАЙФИЯТИ РЕҲЛАТИ Ӯ АЗ ҶАҲОНИ ФОНӢ БА ОЛАМИ ҶОВИДОНӢ

Дар ин боб ду ривоят дар кутуби асҳоби дироят самти таҳрир ёфта ва партави эҳтимоми фузалои лозимулэҳтиром бар табйини он тофта. Аввал он ки чун Амр ибни Лайс шунид, ки аз мавқифи хилофат иёлати Мовароуннаҳр муфавваз ба раъй ва рувияти ӯ шуд, Муҳаммад ибни Баширро, ки аз ҷумлаи мӯътамадони хосси ӯ буд ва ба мазиди тақарруб ихтисос дошт, бо сипоҳе ҷаррор ба истихлоси он диёр номзад кард. Ва Муҳаммад ибни Башир ба ҷониби Бухоро наҳзат намуд. Ва амир Исмоили Сомонӣ, ки дар он вало бар мамлакати Мовароуннаҳр истило ёфта буд, аз Ҷайҳун гузашт ва дар баробари Муҳаммад ибни Башир сафи қитол биёрост. Ва баъд аз карруфар Муҳаммад ибни Башир кушта гашта, лашкараш инҳизом ёфт ва Амр ба нафси худ мутаваҷҷеҳи ҳарби амир Исмоил шуда. Чун ба Балх расид, Исмоили Сомонӣ ба ӯ пайғом дод, ки «моликулмулк алалитлоқ мамлакате васеъ ба ту арзонӣ дошта ва ман ба ин вилоят қаноат карда, тамаъ дар он намекунам, набояд, ки ту низ бо ман муқовамат намоӣ ва ин тарафи обро ба ман гузорӣ». Амр ин суханро ба самъи ризо нашнуд ва аз роҳи Панҷоб равон шуда. Исмоил низ дар ҳаракат омада, аз Ҷайҳун убур карда, дар баробари хуросониён биншаст. Ва чун Амр сипоҳи бисёр ҳамроҳ дошт ва маъбарҳои он ҷо танг буд, на пеш метавонист рафт ва на мурочаат метавонист кард.

**Мисроъ: Не рои сафар кардану не рӯи иқомат.**

Ва ба андак фурсате сипоҳи ӯ ғӯзи фирор карда, Амр низ инони азимат ба савби Хуросон инъитоф дод ва дар

PDF Compressor Free Version

аснои роҳ асби ӯ дар гилзоре афтода. Ҷамъе аз сипоҳи Мовароуннаҳр бад-он ҷо расиданд ва Амрро гирифта, назди амир Исмоил бурданд. Ривояти соний он ки Исмоили Сомонӣ бино бар муболағаи Мӯътазиди халифа, ки кинаи Амр дар сина дошт, бо даҳ ҳазор савор, ки рикоби аксари эшон чӯбин буд, ба ҷанги Амри Лайс аз оби Омуя убур намуд. Ва Амр бо ҳафтод ҳазор савор ва истеъдоди бисёр дар баробари ӯ сафорой гашта. Чун овози нафиру садои кӯси ҳарбӣ баромад, асби Амр оғози тавсанӣ кард ва ӯро беихтиёр ба сафи аъдо расонид. Ва амир Исмоил бе истеъмоли сайфу синон ғолиб гашта, Амрро бигирифт ва дар хайма маҳбус гардонид.

Нақл аст, ки дар он рӯз назари Амр бар яке аз шогирдпешагонаш афтод, ки ба роҳе мерафт ва ӯро талабида аз гуруснагӣ шикоят намуд. Шогирдпеша дарҳол қитъаи гӯшт ба ҳам расонида бино бар фиқдони дег онро дар сатли асб андохт ва оташ афрӯхта ба талаби ҳавоиҷ рафт. Иттифоқан саге омада, сар дар сатл кард ва даҳонаш аз ҳарорати шӯрбо сӯхта батаъҷил сар баровард ва дастаи сатл дар гарданаш афтода бидавид. Ва Амр аз мушоҳадаи ин сурати бадеъ бихандид. Яке аз ҳорисон бар забон овар-да, ки «чӣ ҷои ханда аст?» Амр ҷавоб дод, ки «имрӯз бомдод хонсолори ман шикоят мекард, ки сесад шутуру асб матбахро ба заҳмат мекашанд, ҳоло мулоҳаза мекунам, ки саге онро ба суҳулат мебарад». Фаътабару ё ули-л-абсор (1). Дар «Таърихи гузида» (2) мастур аст, ки чун насими фатҳу зафар бар парчами алами амир Исмоил вазиду Амри Лайс маҳбус гардид, Амир Исмоил ҳоҷибе ҷиҳати истимолат назди Амр фиристод ва пайғом дод, ки «иншоаллоҳу таъоло, туро пеши халифа ирсол хоҳам дошт ва саъй хоҳам намуд, ки асари ғазаби амирулмӯъминин ба ту нарасад». Амр ҷавоб дод, ки «ҳарчанд медонам, ки маро аз сахати Мӯътазид наҷот мумкин нест, аммо он чи ғояти мардист, амир Исмоил ба ҷой меоварад». Ва коғазе дар ҳам печида аз бозуи худ гушода, ба ҳоҷиб гуфт, ки «ин нусхаи ганҷҳои ману бародари ман аст, ба назари амир Исмоил расон ва аз забони ман илтимос намой, ки ин ам-

PDF Compressor Free Version

волро дар масолеҳи лашкари худ сарф кунад ва чунончи пайғом оварда, даст аз хуни ман нигоҳ дошта, маро назди халифа фиристад». Ва чун ҳоҷиб муфассали кунузи авлоди Лайси Саффорро пеши Исмоил бурд ва илтимоси ӯро арз кард, амир Исмоил бонг бар вай зада гуфт: «Бозгард ва ин нусхаро ба ӯ деҳ ва бигӯй, ки туву бародаратро ганҷ аз куҷо бошад, зеро ки шумо дурудгарбачагонед (3) ва ду-се рӯзе, ки давлат шуморо мусоъадат намуд, даст ба зулму таадди бароварда, амволи раоё ва аҷазаро ба ғайри ҳақ тасарруф кардед. Ва ҳоло ту мехоҳӣ, ки он мазолимро, ки андӯхтай, дар гардани ман кунӣ ва ҳол он ки ман ҳамчунон касе нестам, ки ба тамаъи музахрафоти дуняви мазолими туро бар гардан гирам. Аммо он илтимоси дигар мабзул аст, зеро ки маро бар ту ҳаққи хун нест, ки туро қасос кунам ва чунончи ваъда кардаам, назди халифа мефиристам». Ҳоҷиб бозгашта муфассали ганҷро ба Амр боздода, суханони амир Исмоилро бад-ӯ расонид. Дар «Равзат-ус-сафо» (4) мастур аст, ки чун Мӯътазиди халифа аз гирифтории Амри Лайс вуқуф ёфт, расулон пеши амир Исмоили Сомонӣ фиристод ва Амрро талабида ва Исмоил ӯро ба ҷониби Бағдод гусел карда. Чун элчиёни дорулхилофа Амрро наздики Бағдод расониданд, бино бар фармоне, ки аз Мӯътазид бад—эшон расид, ӯро бар шутуре нишонданд ва ба Доруссалом даровարданд. Ва чун чашми Мӯътазид бар Амр афтод, гуфт: «Шукр он худойро, ки туро ба дасти ман гирифтор сохт ва кифояти шуғли ту кард». Он гоҳ фармуд, ки ба маҳбасе бурданд. Ва дар ниҳояти кори Амр миёни муаррихон ихтилоф аст. Ақидаи зумрае он, ки Мӯътазид дар вақте ки ба сакароти мавт гирифтор буд, сарҳанге фиристод, то ӯро бикушт. Ва мазҳаби фирқае он, ки дар вақти маразн Мӯътазид ҳеҷ кас ёди Амр накард ва ӯ дар маҳбас аз гуруснагӣ бимурд. Ва тоифае гуфтаанд, ки Мӯътазид дар вақти вафот амири ҳарасро ба қатли Амр маъмур гардонида буд. Ва чун ӯ медонист, ки ҳамон лаҳза мемирад, домани неъмати худро ба хуни ӯ мулаввас насохт. Ва баъд аз он ки Муктафӣ бар маснади иёлат нишаст, бино бар муҳаббате, ки бо

PDF Compressor Free Version


Амр дошт, пурсид, ки «ҳолаш чист?» Гуфтанд: «Дар қайди ҳаёт аст». Изҳори башошат намуда. Қосими вазир донист, ки агар Амр зинда монад, манзури назари инояти халифа хоҳад гашт ва бино бар адовате, ки бо вай дошт, қосиди қатли ӯ шуда мӯътамаде фиристод, то корашро ба итмом расонид. Ва ба Муктафӣ гуфт, ки« мо мепиндоштем, ки Амр дар зумраи аҳё аст, аммо ҳоло чунон зоҳир гашт, ки муҳимми ӯ аз ваҳм гузашта». Валлоҳу аълам би ҳақоиқ-ил-умур ва ҳува алимун би зот-ис-судур (5).

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ ТОҲИР ИБНИ АМР ИБНИ ЛАЙСИ САФФОР ВА БАЁНИ МУҶМАЛЕ АЗ ИҚБОЛУ ИДБОРИ БАЪЗЕ ДИГАР АЗ ОН ҲУККОМИ ЗАВИЮЛЭЪТИБОР

Чун акобиру аъёни Систон аз гирифтории Амр ибни Лайс вуқуф ёфтанд, Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амрро бар сарири подшоҳӣ нишонданд. Ва ӯ дар санаи тисъа ва самонина ва миатайн (289/901—902) лашкар ба Форс кашида омили халифаро аз он вилоят ихроҷ намуд ва азми тасхири Аҳвоз фармуд, аммо қабл аз он ки бар мамлакат тамаккун ёбад, бино бар мактубе, ки аз назди амир Исмоили Сомонӣ ба вай расид, ба Систон бозгашта ба ҳамон вилоят қонеъ гардид. Ва ба ривояти Ибни Ҷавзӣ (6), халифаи Багдод бино бар илтимоси Исмоили Сомонӣ баъзе аз вилоёти маврусии Тоҳир ибни Муҳаммадро ба вай бозгузошт. Ва дар санаи салоса ва тисъина ва миатайн (293/905—906) Сангарӣ — ғуломи Амр ибни Лайс бар Тоҳир хуруҷ намуда, миёни эшон муҳораба иттифоқ афтод ва Сангарӣ ғолиб омада Тоҳиру бародараш — Яъқубро асир сохт ва ба дорулхилофа фиристод. Ва баъд аз инқизоъи айёми ҳукумати Тоҳир бародари дигараш — Муаддал ва амзодааш—Лайс ибни Алӣ ибни Лайс чанд рӯз карруфаре карданд, аммо ҳеҷ кадом ба подшоҳӣ нарасиданд. Ва ҳукумати мулки Нимрӯз ба нуввоби дарбори Сомониён таалluқ гирифт. Ва дар санаи салосумиа (300/912—913), ки Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ подшоҳ буд, Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайси Саффор ба иттифо-

ки ҷамъе аз хавориҷи Систон хуруҷ намуд ва Мансур ибни Исҳоқи Сомониро, ки доруғаи он вилоят буд, гирифта муқайяд гардонид. Ва Аҳмад ибни Исмоил Ҳусайн ибни Алии Марврудиро ба дафъи ӯ номзад гардонид. Ва Ҳусайн бар Амр ибни Яъқуб ғолиб омад. Ва ӯ бо яке аз нуввобаш, ки мулаққаб ба «Ибни Саффор» буд, гурехта ба Бухоро рафт. Ва навбати дигар он мамлакат ба ҳавзаи девони Сомониён даромад ва то замони зуҳури Халаф ибни Аҳмад навкарони он подшоҳони нофизфармон дар мулки Нимрӯз рояти ҳукумат меафрохтанд...

...Ва Халаф дар замони салтанати Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ хуруҷ намуда зимоми иёлати вилояти Нимрӯз ба қабзаи иқтидор даровард. Ва ӯ ҳокиме буд ба адлу инсоф мавсуф ва ба вуфури илму фазл маъруф ва дар боби тарбияти уламову фузало масоъии ҷамила мабзул медошт ва асҳобу шеъру иншоро аз мавойиди инъому эҳсони худ маҳрум намегузошт. Аммо бо вуҷуди ин сифоти писандида ба адами раҳм ва қасовати қалб машҳур буд ба масобае, ки ду писари худро ба дасти худ дар айёми ҳукумат қатл намуд. Ва Халаф дар санаи ҳамсина ва салосумиа (350/961—962) ба ҳаҷ рафта, Тоҳир ибни Ҳусайнро дар Систон ноиби хеш сохт. Ва шарбати раёсат мизоҷи Тоҳирро хушгувор омада. Баъд аз мурочаат Халаф ба Бухоро рафта аз Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ истимдод фармуд ва бо лашкаре ҷаррор рӯй ба Систон оварда. Тоҳир ибни Ҳусайн ба қалъаи Исфизор гурехт ва Халаф ба Систон даромада. Сипоҳи Мовароуннаҳр ба масокини худ бозгаштанд ва Тоҳир хабари муроҷаати эшон шунида, аламн азимат ба ҷониби Систон барафрохт. Ва Халаф бори дигар ба Бухоро рафта мадад талабид. Ва Мансур тоифае аз ҷунуд ба нусрати ӯ маъмур гардонид ва Халаф муқзиюлмаром бозгашт. Ва қабл аз вусули ӯ ба ҳудуди Систон Тоҳир даргузашт ва писараш — Ҳусайн қоиммақом шуд. Ва Ҳусайн аз муроҷаати Халаф хабар ёфта дар шаҳр таҳассун намуд. Ва Халаф Систонро муҳосара карда, аз тарафайн ҷамъе касир кушта гашта. Ва оқибатуламр Ҳусайн осори инкисор бар ваҷаноти рӯзгори худ мушоҳада

PDF Compressor Free Version

намуда, арзадоште назди Мансури Сомонӣ фиристод ва амон талабид. Ва нишони Мансур дар он боб ба Халаф расида, Ҳусайн аз Систон берун омад ва ба савби Бухоро шитофт. Ва Халаф дар он мулк мутамаккин шуд. Ва баъд аз вақоеъи мазкура Халафро бо салотини Сомонӣ ва мулуки Даёлима ва Ғазнавия мухолафоту муҳодасот даст дод, чунончи дар зимни қазоёи он подшоҳони нофизфармон ишорате ба он хоҳад рафт...

## ЗИКРИ ШАММАЕ АЗ АҲВОЛИ МАБОДИИ МУЛУКИ СОМОНӢ ТО ЗАМОНИ ҶУЛУСИ ЭШОН БАР МАСНАДИ ҶАҲОНБОНӢ

Ба иттифоқи муаррихон, насаби Сомон, ки мулуки Сомония ба вай мансубанд, ба Баҳроми Чӯбин мепайваст. Ва падари Сомон ба сабаби навоиби рӯзгор ва масоиби лайлу наҳор чанд гоҳ сорбони яке аз аъён буд, аммо Сомонро бино бар улувви ҳиммат сар ба он кор фуруд наёмад ва пой дар водии айёрӣ ва қатъи тариқ ниҳода. Чун андак шавкате пайдо кард, шаҳри Шошро дар тахти тасарруф овард. Ва дар замони Маъмуни халифа валади Сомон—Асад бо чаҳор писар ба Марв шитофта, манзури назари иноят гашт. Ва Асад дар Марв фавт шуда. Дар вақте ки Маъмун азимати Доруссалом — Бағдод намуд, йёлати мамолики Хуросону Мовароуннаҳрро ба Ғассон ибни Аббод, ки аммзодаи Фазл ибни Саҳли Зурраёсатайн буд, тафвиз фармуд. Ва ӯро гуфт, ки авлоди Асадро ба маносиби арҷманд сарафроз созад. Ғассон бар тибқи фармон Нӯҳ ибни Асадро волии Самарқанд гардонид ва Аҳмад ибни Асадро ба иморати Фарғона фиристод ва Шошу Усрушанаро ба Яҳё ибни Асад мусаллам дошт ва Илёс ибни Асадро либоси ҳукумати Ҳирот пӯшонид. Ва баъд аз азли Ғассон ҳар кас, ки ҳокими Хуросон шуд, авлоди Асадро аз маносиби мазкура маъзул накард. Ва дар замони иморати Талҳа ибни Тоҳири Зуляминайн Нӯҳ ибни Асад ба ҷанги гурғи аҷал гирифтор гашта, Талҳа зимоми

PDF Compressor Free Version

Самарқандро дар кафи кифояти бародаронаш — Яҳёву Аҳмад ниҳод. Ва ин Аҳмад марде буд бағоят парҳезкору адолатшиор ва ҳафт писар дошт: Наср, Яъқуб, Яҳё, Асад, Исмоил, Исҳоқ, Ҳамид. Ва чун Аҳмад ибни Асад рӯзе чанд дар Самарқанд ба лавозими иёлат пардохт, тариқи инзиво ихтиёр карда, он шуғлро ба валади худ—Наср бозгузошт. Ва баъд аз хуруҷи Яъқуб ибни Лайси Саффор ва инқизои айёми иқболи Тоҳирия Мӯътамиди халифа мисоли раёсати вилояти Мовароуннаҳрро ба номи Наср ибни Аҳмад қаламӣ карда ирсол дошт. Ва Наср дар Самарқанд раҳли иқомат андохта бародари худ—Исмоилро дар Бухоро ҳоким сохт. Ва дар вақте ки Исмоил ба ниёбати бародар дар Бухоро ҳукумат менамуд, Рофеъ ибни Ҳарсама дар Хуросон хуруҷ карда, миёни ӯ ва Исмоил ба воситаи омадшуди суфаро асоси муҳаббат муаккад гашт. Ҳабисе ба самъи Наср расонид, ки мӯҷиби дӯстии Исмоилу Рофеъ ибни Ҳарсама он аст, ки ба имдоди ӯ туро аз Мовароуннаҳр ихроҷ намояд. Ва Наср ин суханро бовар карда ҷиҳати муҳорабаи бародар ба тартиби асбоби лашкар машғул гашт. Ва Исмоил бар ин маънӣ иттилоъ ёфта Ҳамуя номеро назди Рофеъ фиристод ва аз ӯ истимдод намуда. Рофеъ ба нафси худ рӯй ба Мовароуннаҳр оварда чун аз оби Омуя убур намуд, Ҳамуя андешид, ки ҳар гоҳ Рофеъ Самарқандро мустахлас гардонад, эҳтимоли қариб дорад, ки Исмоилро низ дар Бухоро нагузорад. Лоҷарам дар хилвате ба Рофеъ гуфт: «Эй амир, маслаҳати ту дар он аст, ки ба юмни эҳтимоми ту миёни бародарон тариқаи сулҳу сафо марьӣ бошад, чӣ агар ту дар мақоми муҳораба суботи қадам намоӣ, имкон дорад, ки эшон зимнан бо ҳам иттифоқ намуда, қасди ту кунанд». Ва ин сухан муассир афтода, Рофеъ элчиён пеши Насру Исмоил фиристод ва дар боби мусолаҳа он қадар муболаға кард, ки эшон дар мақоми оштӣ омаданд. Он гоҳ Рофеъ ба Хуросон бозгашта, Ҳамуя назди Исмоил рафт ва тадбире, ки андешида буд, маъруз дошт. Ва Исмоил ӯро таҳсин намуда мансиби арҷманд сарафроз гардонид. Ва баъд аз муроҷаати Рофеъ рӯзе чанд миёни бародарон тариқи сул-

PDF Compressor Free Version

ҳу сафо маслук буда, навбати дигар бино бар ифсоди муфсидон ғубори низоъ иртифоъ ёфт ва дар ин карат муҳим(м) ба муҳораба анҷомид ва Исмоил ғолиб гардид ва лашкариёни Бухоро Насрро асир карда пеши ӯ оварданд. Ва Исмоил аз камоли саломати нафсу ғояти ҳусни хулқ дар эҳтироми бародари бузургтар кӯшида, ӯро бар тахт нишонд ва дасташро бӯсида, он миқдор таъзим кард, ки Наср гумон бурд, ки Исмоил бо вай тамасхур мекунад. Он гоҳ бародарро яроқ дода ба тарафи Самарқанд гусел фармуд ва дар вақти видоъ ба вай гуфт, ки «ман ба дастури пештар ба ниёбати ту дар Бухоро ҳоким хоҳам буд». Ва дар авохири санаи тисъа ва сабъина ва миатайн (279/893) Наср вафот ёфта, салтанати тамоми билоди Мовароуннаҳр аз рӯи истиқлол тааллуқ ба амир Исмоил гирифт. Ва амир Исмоил аввали мулуки Сомония аст ва мулуки Сомония нӯҳ нафар буданд. Ва муддати салтанати эшон саду даҳ солу касре имтидод ёфт, чунончи мубайян мегардад.

## ЗИКРИ ҶАҲОНБОНИИ АМИР ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Орифони фазоили нафсонӣ ва воқифони камолоти инсонӣ овардаанд, ки амир Исмоили Сомонӣ ба вуфури адлу эҳсон ва шумули базлу имтинон ба аксар салотини ҷалилулқадр шарафи тарҷеҳу тафзил дошт. Ва дар айёми салтанат рояти насафат ва раиятпарварӣ ва аъломи саховату марҳаматгустарӣ меафрошт ва дар риояти хавотири дӯстони қадим шароити эҳтимом ба тақдим мерасонид ва аз тарфеҳи аҳволи асҳоби фазлу камол дар ҳеҷ ҳол аз худ ба тақсир розӣ намегардид. Ва амир Исмоил баъд аз фавти бародар афсари истиқлол бар сар ниҳода, дар санаи самонина ва миатайн (280/893—894) бо лашкари зафарасар мутаваҷҷеҳи Туркистон гашт ва подшоҳи турконро бо хотунаш асир карда. Дар он сафар чандон ғанимат ба дасти бухориён афтод, ки аз ҳадди ҳисобу шумор даргузашт. Ва дар санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/

PDF Compressor Free Version

900), чунончи сабқ зикр ёфт, муҳимми Амри Лайсро ба файсал расонид. Он гоҳ маншури ҳукумати вилоёти Мовароуннаҳру Хуросону Систону Мозандарону Раю Исфаҳон аз Дорулхилофа ба вай расид. Ва амир Исмоил баъд аз асри Амри Лайс муддати ҳафт соли дигар дар ғояти иқбол ба сар бурд ва дар мунтасафи сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/XI.907) рӯй ба олами уқбо овард. Муддати ҳаёташ шаст сол ва вазираш Абулфазли Балъамӣ буд. Ва килки тақдир баъд аз фавт лақабашро «амири мозӣ» таҳрир намуд.

## ГУФТОР ДАР БАЁНИ ШАММАЕ АЗ ҲОЛОТИ АМИР ИСМОИЛ ВА ЗИКРИ БАЪЗЕ АЗ ҲИКОЁТ, КИ МУХБИР АСТ АЗ ВУФУРИ АДЛИ ОН ПОДШОҲИ БЕАДИЛ

Ҳазрати махдуми мағфиратинтимо дар китоби ифодатинтисоби «Равзат-ус-сафо» он ривоятро, ки собиқан дар боби «Ганҷномаи Амри Лайс» аз «Таърихи гузида» нақл карда шуд, тазъиф намудаанд. Ва дар вақти иқомати далел бар заъфи он қисса ин ҳикоятро аз васоёи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, раҳимаҳуллоҳ (7), сабт фармудаанд, ки чун Амр ибни Лайс асири панҷаи тақдир шуд, амир Исмоил дар тафаҳҳуси хазоине, ки ҳамроҳ дошт, шароити муболаға ба ҷой овард. Ва чун мутлақан надонист, ки он амвол куҷост, кас назди Амр фиристода пурсид, ки «хазоини ту чӣ шуд?». Амр ҷавоб дод, ки «яке аз хешони ман, ки Сом ном дорад, мутааҳҳиди забти хазина буд, метавонад, ки онро ба Ҳирот бурда бошад». Ва амир Исмоил мутаваҷҷеҳи Ҳирот гашта. Сокинони он балда амон хостанд ва амир Исмоил эшонро амон дода, аз ҳоли Сом ва амволи Амр истифсор намуд. Ҳарчанд дар он боб эҳтимом фармуд, хабаре наёфт ва ҳол он ки лашкариёни ӯ дар камоли усрат авқот мегузаронианд. Бино бар он баъзе аз махсусон маъруз доштанд, ки дар Ҳироту булукот, бетараддуд, сад ҳазор нафар иқомат доранд. Агар ҳар кас ба як мисқол ё ду мисқол зар лашкарро мадад кунад, он қадар мол ҳосил

PDF Compressor Free Version

шавад, ки сипоҳ аз фақру фоқа наҷот ёбанд. Амир Исмоил гуфт, ки «мо лавозими аҳду паймон дар миён оварда, ин мардумро амон додаем, акнун ба кадом таъвил аз эшон чизе тамаъ кунем». Ва ба таъҷили тамом кўч фармуд, ки мабодо ба васвасаи шаётин, ҷинну инс амре, ки мусталзами нақзи мисоқ бошад, воқеъ шавад. Ва чун дар манзили аввал нузул карданд, карати дигар умаро ҳамон суханро дар миён оварданд. Амир Исмоил фармуд, ки «худое, ки асби Амри Лайс ба тозиёнаи тақдир пеши ман давонид, қодир аст бар ин ки бе шикастани аҳд таҳияи асбоби сипоҳи ман кунад». Дар хилоли ин аҳвол канизаке аз канизакони хоссаи шаҳриёри адолатшиор гарданбанде, ки, мурассаъ буд ба қитъаҳои лаъл, аз гардан берун карда бар мавзеъе муртафеъ ниҳоду ба муҳимме машғул гашт. Ғаливозе қитъаҳои лаълро гўштпораҳо пиндошта даррабуд. Ва баъзе аз туркон савор шуда, ба ҳар ҷониб, ки мушғир дар парвоз буд, метохтанд. Ба ҳасби иттифоқ ҳамоил аз миxлабу чанголи ғаливоз ҷудо шуда, дар чоҳе аз чоҳҳои корез афтод ва ҷиҳати берун овардани он касе ба чоҳ рафта. Аз он ҷо ба чоҳе дигар роҳ буд ва сандуқҳо менамуд. Ва он шахс наздик ба он санодиқ шитофта дид, ки ҳама мамлу аз зару гавҳар аст. Он худ хизонаи Амри Лайс буд, ки Сом дар он макон пинҳон сохта буд. Билҷумла, ба воситаи риояти ҳусни аҳду паймон ба азъофи музоъаф он чӣ аз мутаваттинони Ҳирот ба вусул расидӣ, ба дасти лашкариёни амир Исмоил даромад. Байт:

Аз ўҳдаи аҳд агар бурун ояд мард,
Аз ҳар чӣ гумон барӣ, фузун ояд мард.

Нақл аст, ки амир Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорунро ба ниёбати хеш дар Ҷурҷону Табаристон ҳоким гардонид ва баъд аз чанд гоҳ ўро талабида. Муҳаммад итоат нанамуд, балки ливои мухолафат муртафеъ сохта, рўй ба Рай овард у гумоштаи Муктафии халифаро бо бародару писараш қатл кард. Амир Исмоил бо сипоҳи вофир ба савби Рай дар ҳаракат омада. Муҳаммад ибни Ҳорун ба Қазвин гу-

PDF Compressor Free Version

рехт ва амир Исмоил ӯро таоқуб намуда. Муҳаммад рӯй ба ҷониби Табаристон овард. Ба сиҳҳат расида, ки дар вақте ки амир Исмоил ба Қазвин даромад, боғот аз фавокиҳу ангур пур буд, аммо аз ғояти адолати ӯ ҳеҷ лашкарӣ дасти тасарруф ба тарафи меваи касе дароз натвонист кард. Ва амир Исмоил ҳукумати Райро ба бародарзодаи худ — Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ дод. Ва ӯ муддати шаш сол дар он мамлакат ба иқбол гузаронид. Ва Муҳаммад ибни Закариёи табиб китоби «Мансурӣ»-ро (8) ба номи ӯ тамом кард. Ва амир Исмоил баъд аз он ки аз Ироқ мураҷиат намуд ва ба Бухоро расид, лашкар ба Туркистон кашида, баъзе аз он вилоётро мафтӯҳ гардонид ва солиман ғониман (9) ба Бухоро бозгашт. Дар «Равзат-ус-сафо» мастур аст, ки адолат амир Исмоил он дараҷа дошт, ки навбате шунуд, ки санги Рай, ки зари хироҷро ба он вазн мекунанд, аз сангҳои дигар зиёда аст. Ҳамон лаҳза элчӣ ба Рай фиристод, то сангҳои он мамлакатро мӯҳр карда ба Бухоро оварад. Ва чун тафаҳҳус намуд ва донист, ки он санг зиёда аст, ишорат фармуд, то зиёдатиро исқот намуданд ва санги муаддалро ба Рай ирсол дошт ва гуфт, то он чӣ дар санавоти собиқа ба восита тафовути санг аз раоё зиёда берун омада, дар моли санавоти оянда бар эшон ҳисоб намоянд.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ АБӮНАСР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Аҳмад баъд аз фавти падар дар балдаи Бухоро қадам бар маснади подшоҳӣ ниҳод ва Муктафии халифа ҷиҳати ӯ аҳду ливо фиристода, тамомии мамолики Исмоилро ба ӯ дод. Ва хуруҷи Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс дар Систон дар айёми давлати Аҳмад ба вуқӯъ анҷомид. Ва Аҳмад, чунончӣ собиқан мастур гашт, Ҳусайн ибни Алии Марврудиро бад-он ҷониб ирсол дошт, то хотир аз мамарри Амр фориғ гардонид. Он гоҳ Аҳмад Симҷӯрӣ Давотиро ба иёлати он мамлакат номзад кард. Ва дар шуҳури санаи иҳдо ва салосумиа (301/913—914)

PDF Compressor Free Version

рӯи таваҷҷӯҳ ба сайду шикор овард ва дар манзиле фуруд омада, баъд аз реҳлат аз он ҷо фармуд, то оташ дар он марҳала заданд. Ва ҳамон лаҳза аз ҷониби Ҷурҷон хабар омад, ки Ҳусайн ибни Алӣ ал-Утруш ал-Алавӣ бар Табаристон истило ёфта. Ва Саълук, ки дар он диёр ноиби Аҳмад буд, фирор бар қарор ихтиёр карда. Ва Аҳмад ба шунудани ин хабар барошуфта гуфт: «Илоҳо, агар тақдир чунон аст, ки он мамлакат аз тасарруфи ман берун равад, маро марг деҳ». Он гоҳ бозгашта дар ҳамон мавзеъ, ки сӯхта буд, нузул намуд ва уқало аз ин маънӣ татайюр намуда. Ба ҳасби иттифоқ дар ҳамон шаб Аҳмад кушта гашт. Мубайийини ин мақол он ки Аҳмад ибни Исмоил ба сӯҳбати арбоби фазлу камол шаъафи тамом дошт ва аксар авқот бо он зумраи воҷибултабҷил муҷоласот намуда, ғуломонро ба перомуни худ намегузошт. Бино бар он ғуломон аз салтанаташ мутанаффир шуда, қасди қатли ӯ карданд .Ва ҳар шаб ду шер бар дари боргоҳи подшоҳ мебастанд, то ҳеҷ кас далер бад-он ҷо дарнатвонад рафт. Иттифоқан дар шаби панҷшанбеи бисту сеюми ҷумодиюлухро (24.1.914—тарт) он қоидаро маръӣ надоштанд ва ғуломон фурсат ёфтанду ба хиргоҳ даромаданд ва Аҳмадро шарбати фано чашониданд. Ва баъд аз он ӯро «амири шаҳид» хонданд ва наъши ӯро ба Бухоро бурда, дафн карданд. Ва муддати давлати амири шаҳид шаш солу чаҳор моҳу чанд рӯз буд ва ба вазораташ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад қиём менамуд.

## ЗИКРИ АМИРИ САЪИД АБУЛҲАСАН НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Дар он вақт, ки амири шаҳид Аҳмад ибни Исмоил шарбати шаҳодат чашид, валади аршадаш-амир Наср ҳаштсола буд. Ва шаҳнаи Бухоро—Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Лайс ӯро бар дӯш гирифта, мардуми он балда ба мубойаъаташ иқдом намуданд. Ва сокинони соири билоди Мовароуннаҳр ба салтанати амми падараш—Исҳоқ, ки ҳокими

PDF Compressor Free Version

Самарқанд буд, майл карданд. Ва бо якдигар гуфтанд, ки бо вуҷуди Исҳоқ, ки шайхи Сомония аст, пайдост, ки аз ин кӯдак чӣ ояд. Аммо инояти илоҳӣ шомили ҳоли амири саъид гашта ва саодати номунтоҳӣ мусоадат карда, мартабаи ӯ аз маротиби обои бузургвораш даргузашт ва дасти тақдири малики қадир рӯзномаи давлати мухолифонашро ба андак замоне дарнавишт. Ва ӯ подшоҳе буд ба ҳилму карам маъруф, ба адлу сахо мавсуф, дар айёми подшоҳӣ бо вуҷуди унфувони авони ҷавонӣ ва ҳусули аснофи асбоби комронӣ алами зӯҳду тақво барафрошт. Ва дар рафоҳияти сипоҳиву раият кӯшида ҳиммати олинаҳмат бар таъмири билоду амсор масруф дошт. Ва дар авоили санаи иҳдо ва самонина ва салосумиа (331/942) заҳмати сил оризи зоти хуҷастасифоти амир Наср гашт. Ва он ҷаноб дар айёми мараз дар дорулибодае, ки бар дари қасри хеш сохта буд, ибодат менамуд, то дар моҳи раҷаби санаи мазкура (331/III.943—тарт.) даргузашт. Муддати умри азизаш сиву ҳашт сол буд ва замони салтанаташ сӣ сол.

## ГУФТОР ДАР БАЁНИ БАЪЗЕ АЗ ВАҚОЕЪ, КИ ДАР АЙЁМИ ДАВЛАТИ АМИРИ САЪИД ДАР АТРОФУ АКНОФИ ВИЛОЁТ БА ВУҚУЪ АНҶОМИД

Чун амир Наср дар сиғари син тахти салтанатро ба вуҷуди шариф мушарраф сохт, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад мутакаффили мансаби вазорат гашта, камо янбағӣ ба забти муҳиммоти мулку мол пардохт. Ва баъд аз он ки ҳокими Самарқанд—амир Исҳоқи Сомонӣ аз шаҳодати амир Аҳмад ва ҷулуси амир Наср хабар ёфт, бо сипоҳи бисёр иноии иқтидор ба савби балдаи Бухоро тофт. Ва Ҳамуя дар садади муқобалаи ӯ даромада ду навбат байналҷонибайн муҳораба даст дод. Ва ҳар бор Ҳамуя ба зафару нусрат махсус шуда дар карати охир амир Исҳоқ дар дорусалтанати Самарқанд дар гӯшае махфӣ гашт. Ва Ҳамуя бад-он балда даромада, дар ҷустуҷӯи Исҳоқ шароити муболаға ба ҷой овард. Ва Исҳоқ таваҳҳум намуда ба пои аҷз назди Ҳамуя рафту ба забони ниёз амон хост ва

PDF Compressor Free Version

Ҳамуя ӯро ба ҷон амон дода муқайяд ба Бухоро фиристод. Ва амир Наср Исҳоқро маҳбус сохта, замони ҳаёташ дар он маҳбас ба ниҳоят анҷомид. Дар «Равзат-ус-сафо» мастур аст, ки дар он авон, ки Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ бар Амр ибни Яъқуб ғолиб омада, вилояти Систонро мустахлас гардонид, Ҳусайн ибни Алӣ тамаъ медошт, ки иёлати он ҳудуд ба вай тафвиз ёбад. Ва амири шаҳид ба хилофи тасаввури ӯ он мансабро ба Симҷури Давотӣ арзонӣ дошт. Бино бар он нақди ихлоси Ҳусайн ба шойибаи нифоқ мағшуш гашта, назди ҳокими Нишобур—Мансур ибни Исҳоқи Сомонӣ рафт ва ӯро бар мухолафати амир Аҳмад иғво кард. Ва ба ҳасби иттифоқ муқорини он ҳол Аҳмад шаҳид шуд. Ва Мансур изҳори мухолафат фармуд ва хутба ба номи хеш хонд. Ва чун ин хабар ба Бухоро расид, амири саъид Ҳамуя ибни Алиро ба дафъи он фитна номзад гардонид. Ва Ҳамуя мутаваҷҷеҳи Нишобур гашта, пеш аз вусули ӯ ба мақсад Мансур вафот ёфт. Ва Ҳусайн ибни Алӣ аз Нишобур ба Ҳирот шитофт. Дар он асно Муҳаммад ибни Ҷунайд, ки шаҳнаи Бухоро буд, аз амир Наср мутаваҳҳим шуда, ба Ҳусайн пайваст ва Ҳусайн аз ӯ истизҳори тамом пайдо карда боз ба Нишобур шитофт. Он гоҳ Аҳмад ибни Саҳл, ки дар силки умарои изом интизом дошт ва худро аз авлоди Яздиҷурд ибни Шаҳриёр (10) мепиндошт, аз Бухоро мутаваҷҷеҳи ҳарби Ҳусайни Марврудӣ ва Муҳаммад ибни Ҷунайд гашт ва ҳар дуро ба даст оварда ба Бухоро фиристод. Ва амир Наср Ҳусайнро дар Бухоро маҳбус сохта, Муҳаммад ибни Ҷунайдро ба Хоразм ирсол дошт. Ва чун Аҳмад ибни Саҳл ин навъ хидмате ба тақдим расонид ва аз он ҷӣ дар боби риояти худ ба хизонаи хаёл гузаронида буд, чизе ба зуҳур нарасид, ба мухолафати амир ҷуръат карда, арзадоште назди Муқтадири халифа фиристод ва илтимоси ҳукумати Хуросон фармуд. Ва ин мултамас дараҷаи қабул ёфта, дар Нишобур ӯро шавкати мавфур пайдо шуд ва Ҷурҷонро, ки дар тасаррруфи Қаротекин буд, дар ҳайтизаи тасхир оварда иноии азимат ба савби Марв инъитоф дод. Ва дар гирди он балда суре дар камоли ризонат бино ниҳод. Ва амир Ҳамуяро ба амо-

PDF Compressor Free Version

рати Хуросон сарафроз сохта, ба ҷанги Аҳмад ибни Саҳл номзад фармуд Ва Ҳамуя бо ӯ ҷанг карда, ғолиб омад ва Аҳмад асир шуд ва Ҳамуя ӯро муққайяд ба Бухоро ирсол дошт. Ва Аҳмад дар ҳабси Наср ибни Аҳмад вафот ёфт. Ва муқорини ин аҳвол Лайло ибни Нӯъмон, ки аз умарои волии Табаристон — Утрушии Алавӣ буд, баъд аз тасхири Ҷурҷону Домғон рӯи таваҷҷӯҳ ба Хуросон ниҳода. Миёни ӯ ва Ҳамуя муҳорабаи азим рӯй намуда. Нахуст лашкари Бухоро мунҳазим гашт ва Ҳамуя суботи қадам намуда, билохира зафар ёфт. Ва Лайло ибни Нӯъмон, агарчӣ дар он рӯз аз маърака берун рафт, аммо оқибат гирифтор гашта ба қатл омад. Дар «Равзат-ус-сафо» мастур аст, ки Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ баъд аз он ки чанд гоҳ дар зиндони Бухоро маҳбус буд, ба шафоати яке аз умаро халос шуда, боз мулозими боргоҳи амир Наср гашт. Ва дар он асно рӯзе амир Наср об талабид ва рикобдор дар кӯзае, ки чандон сафое надошт, об овард. Ҳусайн ибни Алӣ ибни Ҳамуяро мухотаб сохта гуфт: «Падарат ҳокими Нишобур аст ва дар он диёр кӯзаҳои хуб мебошад, чаро ба даргоҳ намефиристад?» Алӣ ибни Ҳамуя ҷавоб дод, ки «тӯҳфае, ки аз Хуросон бад-он ҷониб фиристанд, бояд ки мисли ту ва Аҳмад ибни Саҳл ва Лайло ибни Нӯъмон бошад. Аз кӯза ва амсоли он, кӣ гӯяд?». Ҳусайн мунфаил гашта аз он эътирози номуваҷҷеҳ пушаймон шуд. Ва дар шуҳури санаи салосаъашар ва салосумиа (313/925—926) Фотик— ғуломи Бӯюсуф ибни Абӯсоҷ бо Муқтадири халифа изҳори мухолафат намуда, мамлакати Районро мусаххар кард. Ва Муқтадир ба амир Наср пайғом намуд, ки «мо Районро ба ту арзонӣ доштем, бояд ки ба нафси худ мутаваҷҷеҳи он тараф шавӣ». Ва амир Наср ба мӯҷиби фармуда ба Рай рафт ва Фотик ба гӯшае гурехт. Ва амири саъид баъд аз ду моҳ, ки дар он вилоят ба сар бурд, Симҷӯри Давотиро волии Рай сохта бозгашт. Ва чун ба Бухоро расид, Симҷӯрро талабида, Муҳаммад ибни Алии Саълукро ба ҷояш фиристод. Ва Саълук ба ҳукумати Рай машғул буд, то дар санаи ашара ва салосумиа (310/922—923) паҳлӯ ба бистари нотавонӣ ниҳод ва дар овони беморӣ Ҳасан ибни Қосим ибни Ҳасани

Доъй ва Мокон ибни Кокиро аз Табаристон талаб дошта, ҳукумати Райро ба эшон бозгузошта худ мутаваҷҷеҳи Хуросон шуд. Ва чун ба Домғон расид, вафот ёфт. Ва баъд аз рӯзе чанд аз ин сурат Ҳасан ибни Қосим низ сафари охират пеш гирифта, Исфор ибни Шерӯя бар Раю Табаристон муставлӣ шуд ва хутба ба номи амир Наср хонд. Ва Исфор дар он вилоят оғози зулму таъаддӣ намуда нисбат ба Муқтадир изҳори мухолафат намуд. Ва амири саъид ин хабар шунида мактубе насиҳатомез назди ӯ равон гардонид. Ва Исфор бад-он китобат илтифот накарда ба амир Наср низ ёғӣ шуд. Ва дар шуҳури санаи сабъаъашар ва салосумиа (317/929—930) Наср ибни Аҳмад аз Бухоро ба ҷониби Рай равон гашта, чун ба Нишобур расид, миёни ӯву Исфор суфаро омадшуд намуда, сухани сулҳ дар миён афтод. Ва амир Наср хироҷ бар Исфор муқаррар сохта он вилоятро бад-ӯ мусаллам дошт ва алами азимат ба савби Бухоро барафрошт. Ва дар Мовароуннаҳр ба дафъи фитнаи баъзе аз бародарон ва хешони худ, ки дар ғайбати ӯ ба иштиъоли оташи шарру фасод қиём намуда буданд, иштиғол фармуд ва ноираи бедодро ба зулоли маъдалат таскин дод. Чунонки дар «Таърихи гузида» мастур аст, ки дар шуҳури санаи тисъа ва салосина ва салосумиа (339/950—951) Мокон ибни Кокӣ, ки аз машоҳири умарои даёлима буд, аз ҳуккоми он диёр мутаваҳҳим гашта бо лашкаре ҷаррор мутаваҷҷеҳи Хуросон гашт, то он вилоятро ба ҳайизи тасхир дароварад. Ва Наср ибни Аҳмад яке аз сипаҳсолорони худро, ки Алӣ ном дошт, ба ҳарби Мокон номзад кард ва ба вақти рухсат ӯро ба сухан нигоҳ дошта, дар боби муқобалаву муқотала васиятҳо бар забон меронд. Ва дар он маҳал каждуме ба даруни пироҳани Алӣ роҳ ёфта ӯро неш мезад ва ӯ таҳаммул намуда дар баробари Наср биистод, то сухан тамом шуд. Он гоҳ беруни шитофт ва ҷома аз тан гушода, ҳозиронро маълум гашт, ки ҳафдаҳ навбат ӯро каждум неш зада. Ва сурати ҳол ба амир Наср расида, ӯро талабид ва пурсид, ки «чаро дар вақте ки эҳсоси каждум намудӣ, ҳеҷ зоҳир накардӣ?». Алӣ арз намуд, ки «агар дар ҳузури амир аз захми каждуме изтироб намуда, сухани подшоҳро нотамом биг-

PDF Compressor Free Version

зорам, чӣ гуна ба истиқболи шамшеру синон рафта бо аъдо қитол тавонам кард?» Амир ин ҷавоб мустаҳсан шумурда ӯро ба мазиди инояту отифат сарафроз сохт. Нақл аст, ки чун Алӣ ба Хуросон расид, бар Мокон ибни Кокӣ зафар ёфта ӯро дар маърака ба қатл расонид ва ба котиби худ гуфт, ки «ҳоли Моконро ба лафзи андак ва маънии бисёр ба ҳазрати амир бинавис». Котиб дар қалам овард, ки «ва аммо Мокона сора каисмиҳи» (11). Ҳамдуллоҳи Муставфӣ гӯяд, ки амир Насрро дар балдаи Ҳирот рӯзе назар ба ҷавоне афтод, ки гилкорӣ мекард ва осори иқбол дар носияи аҳволи ӯ мушоҳада намуда, ӯро пеши худ талабид ва аз ному насабаш пурсид. Ҷавоб дод, ки номи ман Аҳмад аст ва насаби ман ба насаби Саффор мепайвандад. Ва амир Наср риққат фармуда он ҷавонро ба навозиши бекарон ихтисос дод ва яке аз ақрабои худро бо ӯ дар силки издивоҷ кашида, маншури иёлати Систон ба номаш мастур гардонид ва то ғоят иморати мулки Нимрӯз дар насли он ҷавон аст. Ба субут пайваста, ки амир Наср шуарову фузалоро машмули инъому эҳсони бекарон месохт ва бо он зумраи олишаън мусоҳабат намуда, камо янбағӣ ба тарфеҳи ҳоли эшон мепардохт. Ва аз ҷумлаи аозими шуаро Рӯдакӣ бо вай муосир буд ва дар мадҳи он подшоҳи олиҷоҳ ашъори балоғатшиор назм мефармуд. Дар «Баҳористон» (12) мастур аст, ки Рӯдакӣ аз билоди Мовароуннаҳр аст ва нобино аз модар мутаваллид шуда. Аммо ҳиддати табъ ва ҷавдати зеҳни ӯ ба масобае буд, ки дар ҳаштсолагӣ «Қуръон»-ро биттамом ҳифз фармуд ва оғози шеър гуфтан кард ва ба воситаи ҳусни савт мутаваҷҷеҳи мутрибӣ гашта дар навохтани уд моҳир шуд. Ва амир Наср ба мартабае дар тарбияти ӯ кӯшид, ки зоҳиран баъд аз ӯ ҳеҷ подшоҳе шоиреро ба он дараҷа риоят нанамуда. Гӯянд, ки Рӯдакиро дувист ғуломи хидматкору чаҳорсад шутури борбардор буд. Дар «Тарҷумаи Яминӣ» (13) мастур аст, ки адади ашъори Рӯдакӣ ба ҳазор-ҳазор сесаду бист ҳазор расид. Ва ин қитъа аз ҷумлаи манзумоти ӯст, ки: **Назм:**

**Замона панде озодавор дод маро,**
**Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.**

PDF Compressor Free Version


**Зи рӯзи неки касон, гуфт, ғам махӯр зинҳор,**
**Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.**

Дар бисёре аз таворихи машҳур мастур аст, ки навбате амир Наср аз Бухоро, ки дорулмулки ӯ буд, ба Марв рафта муддате мадид он ҷо раҳли иқомат андохт. Ва чун замони тавиттуни подшоҳ дар он диёр imтидод ёфт, умарову аркони давлат, ки моил ба қусуру басотини Бухоро буданд, аз Рӯдакӣ тақаббулот намуданд, ки байте чанд, ки мӯҷиби ташвиқу тарғиби подшоҳ шавад, ба ҷониби Бухоро, дар силки назм кашаду дар мақоме муносиб ба оҳанги уд бад-он абёт тараннум кунад, то амир Наср моил ба дорулмулк гардад. Ва Рӯдакӣ дар саҳаре, ки подшоҳ сабӯҳӣ карда буд, ин қасида гуфта бар оҳанги уд бихонд, ки:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омую дурушгиҳои ӯ,
Пои моро парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳуну шигарфиҳои ӯ,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.
Шоҳ моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.

Гӯянд, ки истимоъи ин ашъор он миқдор дар замири амир Наср таъсир намуд, ки мӯза нокарда савор шуду як манзил ба тарафи Бухоро тайи масофат фармуд.

## ЗИКРИ НӮҲ ИБНИ НАСР ИБНИ АҲМАД

Амир Наср дар айёми давлату иқболи мансаб вилояти аҳдро ба писари бузургтари худ — Исмоил тафвиз намуд, аммо ба ҳасби тақдир Исмоил пеш аз падар ба олами охират интиқол фармуд.

Ва чун авқоти зиндагонии Наср низ ба сар омад умарову аркони давлат писари дигараш — Нӯхро, ки «амири ҳамид» лақаб дошт, бар маснади иёлат нишонданд. Ва амири ҳамид рӯй ба саранҷоми маҳомми мулку мол оварда, Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҳокимро вазир сохт. Ва он вазири бетадбир ба андак чизе ба умарон изом мунокаша менамуд. Бинобар он Абӯалӣ ибни Муҳаммад ибни Мӯҳтоҷ ва баъзе дигар аз аъёни мулк нисбат ба амир Нӯҳ дар мақоми мухолафат омаданд. Ва миёни амир Нӯҳу мухолифон муҳорибот иттифоқ афтода, билохира амир Нӯҳ ғолиб гашт ва қурби сездаҳ сол подшоҳӣ карда, дар моҳи рабеъулохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/VIII.—954) вафот ёфт.

## ГУФТОР ДАР БАЁНИ БАЪЗЕ АЗ ВАҚОЕЪ, КИ ДАР ЗАМОНИ САЛТАНАТИ АМИРИ ҲАМИД БА ҲАЙЙИЗИ ЗУҲУР РАСИД

Дар «Равзат-ус-сафо» мастур аст, ки амир Нӯҳ дар авохири санаи салосина ва салосумиа (330/942) истимоъ намуд, ки Рукнуддавлаи Дайламӣ хуруҷ карда ва мамлакати Райро дар ҳаййизи тасхир оварда. Бинобар он Абӯалӣ ибни Муҳаммад ибни Мӯҳтоҷро бо сипоҳе билоинтиҳо бад-он ҷониб фиристод. Ва дар се фарсахии Рай миёни Рукнуддавлаву Абӯалӣ мулоқот иттифоқ афтод. Ва ҷамъе аз гурдон, ки дохили лашкари Хуросон буданд, гурехта ба Рукнуддавла пайвастанд ва Абӯалӣ инҳизом ёфта, то Нишобур дар ҳеҷ макон қарор нагирифт. Ва дар Нишобур Вушмгир ибни Зиёр пеш аз ин ба воситаи истилон Ҳасан ибни Фирӯзон аз он вилоят рахт берун кашидаву ба Ҷурҷон рафта, паноҳ ба даргоҳи амир Нӯҳ бурда буд, ба ӯрдуи Абӯалӣ расида нишоне бад-ӯ расонид. Мазмун он ки лашкар ба Ҷурҷон кашида, Ҳасан ибни Фирӯзонро аз он вилоят берун кашаду Вушмгирро бар маснади иёлат биншонад. Ва Абӯалӣ итоати фармон намуда, ба савби Ҷурҷон равон шуду миёни ӯву Ҳасан ҳарбе саъб иттифоқ афтод

PDF Compressor Free Version

ва Абўаливу Вушмгир фирўзӣ ёфтанд. Ва Ҳасан ибни Фирўзон Ҷурҷон бозгузошта, Вушмгир бар сарири иёлат нишаст ва дар моҳи сафари санаи салоса ва салосина ва салосумиа (333/IX. 944) Абўалӣ ба ҷониби вилояти Нишобур бозгашт. Ва муқорини он ҳол амир Нўҳ низ ба Нишобур расида лашкаре азим тартиб дод ва дар ҷумодиюлухрои санаи мазкур (333/I. 945—тарт.) карати дигар Абўалиро ба ҷониби Рай фиристод. Ва дар ин навбат Абўалӣ ба Рукнуддавла ғолиб шуда, он мамлакатро ба тахти тасарруф даровард ва уммол ба аъмоли Ҷибол равон карда. Амир Нўҳ чанд моҳ дар Нишобур буда, ба хилофи мутасаввир Абўалиро аз ҳукумати Хуросон маъзул сохт ва зимоми имрати он вилоятро дар кафи Иброҳим ибни Симҷўр ниҳоду ба иғвои Абулфазли вазир мўътамаде ҷиҳати забти амвол ба Рай фиристод. Он гоҳ иноии мурочаат ба ҷониби Бухоро инъитоф дод. Ва чун Абўалӣ хабари азли худро аз мамлакати Хуросон шунид ва зобити амволи Рай ба хидматаш расид, изҳори мухолафати амир Нўҳ карда, қосиде ба талаби амир Иброҳим ибни Исмоили Сомонӣ, ки дар Мавсил дар мулозимати Носируддавла ба сар мебурд, ирсол дошт. Ва Иброҳим бо навад савор мутаваҷҷеҳи Ироқ шуда дар Ҳамадон ба Абўалӣ мулҳақ гашт ва ба иттифоқи якдигар ба савби Хуросон таваҷҷўҳ намуданд. Ва чун ин хабар ба амир Нўҳ расид, бо сипоҳи Мовароуннаҳр аз оби Омуя убур карда ба Марв омад. Ва дар он балда сарони сипоҳу муқаррабони даргоҳ маъруз амир Нўҳ гардониданд, ки «ба сабаби ҳаракоти ношоистаи Абулфазл Абўалӣ камари исён бар миён бастааст ва вазир аз улуфоти мо низ маблағе бозгирифта, агар подшоҳ ўро ба мо супорад, кўч медиҳем ва илло ба мулозимати аммаш — Иброҳим меравем». Амир Нўҳ оҷиз гашта, дар ҷумодиюлаввали санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/XI.946) Абулфазлро ба умаро супурд, то ба қатл расониданд. Муқорини он ҳол Иброҳиму Абўалӣ наздик ба Марв расида, аксари сипоҳи Бухоро ба қадами бевафоӣ аз амир Нўҳ ҷудо гашта ба Иброҳим пайвастанд. Ва Нўҳ дар киштӣ нишаста ба тарафи Самарқанд гурехт. Ва Иброҳиму Абў-

PDF Compressor Free Version

алӣ Хуросонро мазбут сохта, ба Бухоро шитофтанд ва баъд аз рӯзе чанд, ки дар он балда иқомат намуданд, ба воситаи сухани яке аз муфсидон Абӯалӣ нисбат ба Иброҳим бадгумон шуда, ба Туркистон рафт. Ва Иброҳим аз тадбири умури мулк оҷиз омад ва Нӯҳ мутаваҷҷеҳи Бухоро гашта, байналҷонибайн сулҳ иттифоқ афтод, бар ин ҷумла, ки Нӯҳ подшоҳ бошад ва Иброҳим—лашкаркаш. Он гоҳ ҳар ду амир ба ҳам пайваста ба мувофақати якдигар рӯй ба Абӯалӣ ниҳоданд. Ва Абӯалӣ ба зарби теғ эшонро гурезонд ва ба Бухоро рафт. Ва амир Нӯҳ бори дигар ба дорулмулк мурочаат карда амми худ—Иброҳим ва Туғони ҳоҷибро ба қатл расонид. Ва ду бародари хеш: Абӯҷаъфару Муҳаммадро мил кашид. Ва йёлати вилояти Хуросонро ба Мансур ибни Қаротекин муфаввaз гардонид. Ва дар санаи тисъа ва салосина ва салосумна (339/950—951) миёни амир Нӯҳ ва амир Абӯалӣ русулу расоил омадшуд намуда, амир Нӯҳ аз Абӯалӣ афв фармуд. Ва Абӯалӣ ба хидмат шитофта муқорини он ҳол хабари фавти Мансур ибни Қаротекин шуйӯъ ёфт. Ва Абӯалӣ ба мӯҷиби фармони амир Нӯҳ ба Хуросон рафта қоиммақом шуд. Ва дар санаи исно ва арбаъина ва салосумна (342/953—954) Абӯалӣ ба иттифоқи Вушмгир ибни Зиёр мудофааи Рукнуддавлаи Дайламиро пеш гирифт ва рояти азимат ба савби Рай барафрохт. Ва Рукнуддавла дар қалъаи Тубрак таҳассун намуда Вушмгиру Абӯалӣ оғози муҳосира намуданд. Ва баъд аз имтидоди айём дар Бандон ба саъйи Абдурраҳмони Хозин, ки дар улуми риёзӣ мусаннафот дорад (14), байналҷонибайн сулҳ воқеъ шуд бар ин ҷумла, ки Рукнуддавла ҳарсола маблағи дувист ҳазор динор ба хизонаи амир Нӯҳ расонад ва Абӯалӣ тарки муҳосара дода рӯй ба Хуросон ниҳад. Ва Вушмгир мактубе ба амир Нӯҳ навишт, мазмун он ки Абӯалӣ, ки ба дафъи Рукнуддавла рафта буд, қодир буд, аммо бино бар муҳаббате, ки бо вай дорад, сулҳ кард. Бино бар он амир Нӯҳ аз Абӯалӣ ранҷида боз ӯро аз ҳукумати Хуросон маъзул гардонид ва Абӯсаид номеро ба ҷояш фиристод. Ва Абӯалӣ назди Рукнуддавла рафта, ба аснофи алтоф ихтисос ёфт. Ва дар

PDF Compressor Free Version

моҳи рабеъуллохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/VIII.954) амир Нӯҳ ба оламн боқӣ шитофт.

## ЗИКРИ АБУЛФАВОРИСИ АБДУЛМАЛИК

Баъд аз фавти амир Нӯҳ Бакр ибни Молик камари саъйу эҳтимом бар миён баст, то амир Абдулмалик дар маснади салтанат нишаст. Ва дар авоили айёми давлати Абдулмалик дар билоди Хуросону Куҳистон вабое азим рӯй намуд, чунон ки аксари халоиқ вафот ёфтанд. Ва Абдулмалик дар овони ҷаҳонбонӣ Алптекинро, ки аз мартабаи риққийят ба дараҷаи иморат расида буд, ба ҳукумати Хуросон сарафроз сохт. Ва Алптекин дар он вилоят ба андак замоне молу ҷиҳати бисёр ва тавобеву лавоҳики бешумор пайдо кард. Ва дар санаи хамсина ва салосумиа (350/961—962) амир Абдулмалик дар ҳини гӯй бохтан аз асб афтода, аз маркаби ҳаёт пиёда шуд. Муддати салтанаташ ҳафт солу касре буд ва ӯ(ро) дар замони подшоҳӣ «муаййад» мегуфтанд ва баъд аз вафот «садид» хонданд.

## ЗИКРИ АБУСОЛЕҲИ МАНСУР

Аксари арбоби ахбор Мансурро валади Нӯҳ ибни Наср шумурдаанд, аммо аз каломи Ҳамдуллоҳи Муставфӣ чунон мустафод мегардад, ки амир Мансур писари Абдулмалик ибни Нӯҳ буд. Ва бар ҳар тақдир чун амир Абдулмалик ҳулк бар мулк ихтиёр намуд, умарои Бухоро қосиде пеши Алптекин, ки дар Хуросон муккати бениҳоят пайдо карда буд, фиристоданд, то истихроҷ намоянд, ки шоистаи маснади салтанат аз авлоди Сомон кист. Алптекин расулро гуфт, ки «Мансур навҷавон асту сазовори ин кор амми ӯст». Ва қабл аз муроҷаати қосид умарову аркони давлат бар салтанати амир Мансур иттифоқ намуданд. Ва чун Мансур бар маснади фармонфармоӣ мутамаккин гашт, Алптекинро ба Бухоро талаб дошт. Ва Алптекин аз

PDF Compressor Free Version

вай мутаваҳҳим шуда ба қадами итоат пеш наёмад, балки аламн туғён афрошта, бо се ҳазор нафар аз ғуломони хоссаи хеш ба савби Ғазнин наҳзат намуду он вилоятро ба зарби шамшер мусаххар сохт. Ва чун хабари хулуввн арсаи Хуросон ба самъи амир Мансур расид, иёлати он мамлакатро ба Абулҳусайн Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр арзонӣ дошт. Ва ду навбат лашкар ба ҳарби Алптакин фиристод ва ҳар карат нусрат карини рӯзгори Алптекин шуда, лашкари Мансур маққур гаштанд. Ва дар санаи ситта ва хамсина ва салосумиа (356/966—967) волии Кирмон Абӯалӣ ибни Илёс аз мулуки Даёлима гурехта ба Бухоро рафту ба арзи Мансур расонид, ки ба андак эҳтимоме вилоёти Даёлима ба ҳавзаи девони аъло дармеояд. Ва қабл аз ин Вушмгир низ мисли ин сухан ба Мансур гуфта буд. Бино бар он амир Мансур номае навишт ба Вушмгир. Мазмун он ки хотир бар ин қарор ёфта, ки лашкаре ба тарафи Рай равона гардонем. Бояд ки шумо мустаъидду муҳайё бошед, то ба он сипоҳ ҳамроҳӣ намоед. Баъд аз он амирулҷуюши Хуросон—Абулҳусайни Симҷӯрро номзади Рай карда, бо ӯ муқаррар фармуд, ки аз истисвоби Вушмгир таҷовуз нанамоянд. Ва чун ин хабар ба самъи Рукнуддавла расид, иёлу атфолро аз Рай ба Исфаҳон фиристода, ба писари худ Азуддуддавла бар сабили алония гуфт, ки «ба савби Хуросон таваҷҷӯҳ намой, ки амирулҷуюш ба тарафи Рай омада ва арсаи он мамлакат холӣ монда». Азуддуддавла бад-он савб ҳаракат намуда, аз ҳудуди Хуросон иноии мурочаат мунъатиф сохт ва аз ақиби Вушмгиру Абулҳусайни Симҷӯр шитофта то Домғон дар ҳеҷ макон таваққуф накард. Ва Рукнуддавла низ аз Рай мутаваҷҷеҳи Хуросон гашт. Дар он асно Вушмгир фавт шуд ва ба воситаи масоъии ҷамилаи Абулҳусайн миёни амир Мансур ва Рукнуддавла мусолаҳа ба вуқӯъ анҷомид, муқаррар он ки Рукнуддавла ҳар сол маблағи саду панҷоҳ ҳазор динор ба хизонаи Мансур расонад. Ва ҷиҳати ташйиди мабонии мусолаҳа духтари Азуддуддавла ба ҳиболаи никоҳи амир Мансур даромад. Ва дар ёздаҳуми раҷаби санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/ІІІ.976)

PDF Compressor Free Version

амир Мансур ба ҷавори мағфирати малики ғафур пайваст. Муддати салтанаташ ёздаҳ сол буд. Ва ӯро дар ҳини ҳаёт «амири муайяд» мегуфтанду пас аз вафот аз вай ба «амири садид» таъбир мекарданд. Вазири амири садид Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ буд ва «Таърихи Табарӣ»-ро ӯ тарҷума намуд.

## ЗИКРИ АБУЛҚОСИМ НӮҲ ИБНИ МАНСУР

Чун тоири рӯҳи Мансур ибни Нӯҳ ба марғзори уқбо парвоз кард, ба иттифоқи аъёни Бухоро Нӯҳ ибни Мансур рӯй ба забти ҳудуди он мамлакат овард. Мансаби вазоратро бо Абулҳусайни Утбӣ, ки ба аснофи фазлу ҳунар мавсуф буд, мусаллам дошт ва дар авоили айёми подшоҳии амир Нӯҳ Алптекин дар Ғазнин вафот ёфт. Ва ғуломаш— амир Сабуктекин рояти салтанат барафрошт ва дар санаи ситта ва ситтина ва салосумиа (336/976—977) малик Бесутун, ки баъд аз вафоти падари худ—Вушмгир дар Ҷурҷон бар тахти иёлат нишаста буд, фавт шуда, бародараш Қобус ба саранҷоми умури мамлакат иштиғол намуда. Ва дар айёми салтанати амир Нӯҳ дар атрофи вилояти Мовароуннаҳру Хуросону Систону Ҷурҷон фитнаҳо даст дод. Ва Абулҳусайни Утбӣ кушта гашта, амир Нӯҳро бо мухолифон чандин карат муҳорабаву муқовамат иттифоқ афтод. Ва охируламр ба юмни шуҷоати амир Сабуктекину писараш Маҳмуд баъзе аз фитан самти таскин пазируфт ва дар моҳи раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) амир Нӯҳ роҳи сафари охират пеш гирифт. Лақабаш «амири разӣ» буд ва ӯ қурби бисту ду сол салтанат намуд.

## ГУФТОР ДАР БАЁНИ МУҶМАЛЕ АЗ ВАҚОЕЪИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ САЛТАНАТИ НӮҲ ИБНИ МАНСУР ВА ЗИКРИ ИСТИЪЛОИ ЛИВОИ ДАВЛАТИ АМИР САБУКТЕКИН ДАР ХУРОСОН БА САБАБИ МУХОЛАФАТИ АВЛОДИ СИМҶУР

Чун муҳимми амир Нӯҳ самти истиқомат ёфт, дар авои-

PDF Compressor Free Version

ли санаи иҳдо ва сабъина ва салосумиа (371/981) Абулҳусайни Симҷӯрро аз аморати Хуросон маъзул карда, он мансаб ба Ҳисомуддавла Абулаббоси Тош тааллуқ гирифт. Ва муқаррар сохт, ки Абулҳусайн ба Систон рафта, ба муҳосараи Халаф ибни Аҳмад қиём намояд, зеро ки Халаф хулфи ваъда намуда, молн дастурнро ба Бухоро намефиристод. Ва Абулҳусайн ҳасбулҳукм ба Систон шитофта, Халаф дар қалъаи Дарак мутаҳассин гашт. Ва Абулҳусайн дар гирди қалъа нишаста ба муҳосара машғул шуд. Дар хилоли ин аҳвол Фахруддавлаи Дайламӣ ва Қобус ибни Вушмгир ба воситаи истилои Муайиндуддавла бар вилояти Ҷурҷон аз дорулфатҳи Астаробод гурехта дар Нишобур ба Ҳисомуддавла пайвастанд. Ва Тош бино бар фармудаи Нӯҳ ибни Мансур ба қадри мақдур дар эъзозу эҳтироми он ду меҳмони азиз кӯшида, сипоҳи Хуросонро ҷамъ оварда ва ба иттифоқи эшон ба ҷониби Астаробод наҳзат кард. Ва Муайиндуддавла дар шаҳр мутаҳассин гашта, муддати ду моҳ аз ҷонибайн ба иштиоли оташи қитол пардохтанд. Охируламр дар моҳи рамазони санаи мазкура (371/II.982—тарт.) Муайиндуддавла ва ҷурҷониён ба ҳайъати иҷтимое аз чаҳор девори шаҳр берун омада бар сипоҳи Хуросон тохтанд. Ва Фоиқ, ки дар силки узамои умарои амир Нӯҳ интизом дошт, ва аз Муайиндуддавла маблағе бар сабили ришват гирифта буд, пушт бар маърака карда, то Бухоро инон бознакашид ва соири лашкариён низ мутаоқиби Фоиқ гурезон гашта, Ҳисомуддавлаву Фахруддавлаву Қобус то наздики ғуруб дар маърака истоданд. Ва чун диданд, ки кор аз даст рафт, эшон низ фирор бар қарори ихтиёр карда, ба Нишобур шитофтанд. Ва хабари ин воқеаи мункар ба амир Нӯҳ расида, мактубот дар боби истимолати Фахруддавла ва Қобус ба Нишобур фиристод ва муқаррар фармуд, ки Абулҳусайни Утбӣ сипоҳи Мовароуннаҳрро муҷтамаъ сохта ба нафси нафиси хеш мутавеҷҷеҳи Нишобур гардад ва дар тадоруки ин халал шароити эҳтимом ба ҷой оварад. Ва Абулҳусайн ангушти қабул бар дида ниҳод. Ва амир Нӯҳ ӯро хилъати аморат пӯшонид. Ва Абулҳусайн шиори аморат ба мансаби

PDF Compressor Free Version

вазорат ҷамъ сохт. Ба муқтазои каломи сидқ он вазири бешабеҳу назир ҳам дар он айём аз дасти соқии аҷал ҷоми шаҳодат даркашид. Табайюни ин мақол он ки Абулҳусайни Симҷур азли худро ба сабаби саояти Абулҳусайни Утбӣ медонист ва пайваста дар маойиби ӯ фусул ба Фоиқ менавишт. Ва Фоиқ кинаи вазир дар сина ҷой дода, ҷамъе аз ғуломони садидеро мавоиди дилпазир намуд, то қатли Абулҳусайнро пеш ниҳод. Ҳиммат гардониданд ва мунтаҳизи фурсат буданд, то дар шабе, ки вазир аз хонаи худ мутаваҷҷеҳи дорулимора гашт, ба захмҳои паёпай он ҷаҳони фазлу камолро аз пой даровroutданд. Ва оламиёнро аз ифозаи адлу эҳсони ҳамчунон вазире, ки дар ҳеҷ мамлакат мисли ӯ равшанзамире набуд, маҳрум карданд. Ва чун ин хабар ба Нишобур расид, силки ҷамъияти Фахруддавлаву Қобус, ки интизори мақдами шарифи ҷаноби асфо мекашиданд, аз ҳам бигусехт. Ва Ҳисомуддавла ба мӯҷиби фармони амир Нӯҳ ба Бухоро шитофта, баъзе аз қотилони Абулҳусайнро ба даст овард ва мислуҳу кард. Ва Абулҳусайни Қарниро мутасаддии мансаби вазорат гардонид (15). Нақл аст, ки чун Абулҳусайни Симҷур дар зоҳири қалъаи Дарак шунид, ки Ҳисомуддавла аз Хуросон ба Бухоро рафта, хуфя ба Халаф ибни Аҳмад пайғом фиристод, ки «маслаҳат он аст, ки ту аз ин Ҳисор ба қалъаи дигар интиқол намой, то маро дар мурочаат баҳона бошад» Ва Халаф аз арки Дарак ба Ҳисори Тоқ рафта, Абулҳусайн ба Дарак даромад. Ва ҷузъиёте, ки он ҷо ёфт, тасарруф намуда ба Хуросон бозгашт. Ва аз он рӯз боз қасри иқболи Сомониён ихтилол пазируфта, умаро камо янбағӣ итоати эшон нанамуданд ва бегонагон дар қаламрави эшон тамаъ карданд. Ва чун Абулҳусайни Симҷур ба хилофи ҳукми амир Нӯҳ дар Хуросон раҳли иқомат андохта ба Фоиқ абвоби мукотабот мафтӯҳ гардонид ва ӯро бар мухолафати Ҳисомуддавла тарғиб намуда пеши худ талабид. Ва Фоиқ ба вай пайваста. Он ду сардор муттафиқ гашта уммоли Ҳисомуддавларо, ки дар Хуросон буданд, муохаза намуданд. Ва Тош лашкар фароҳам оварда аз Мовароуннаҳр мутаваҷҷеҳи

PDF Compressor Free Version

Хуросон гашт. Ва аз тарафайн элчиён оғози омадшуд карда, миёни эшон сулҳгунае рӯй намуд, бар ин ҷумла, ки сардории сипоҳу фармонфармоии Нишобур Тошро бошад ва Балх—Фоиқро ва Ҳирот—Абулҳусайнро. Дар «Равзат-ус-сафо» мастур аст, ки дар вақте ки Ҳисомуддавла аз Бухоро мутаваҷҷеҳи Хуросон буд, Абулҳусайни Қарниро аз вазорат маоф дошта, Абдурраҳмони Форсиро, ки мулозимаш буд, ба ҷояш насб намуд. Ва чун Тош аз оби Омуя убур кард, Нӯҳ ибни Мансур рақами азл бар носияи ҳоли Форсӣ кашид ва Абдуллоҳи Азизро вазир гардонид. Ва бинобар он ки Абдуллоҳи Азиз бо Ҳисомуддавла сафое надошт, хотирнишони амир Нӯҳ кард, ки маслаҳати давлату истиқомати мамлакат мавқуф бар он аст, ки Тош аз ҳукумати Хуросон маъзул гашта, Абулҳусайни Симҷӯр мансуб шавад. Ва Нӯҳ бар ин мӯҷиб ҳукм фармуда, Абулҳусайни Симҷӯр мутаваҷҷеҳи Нишобур шуд. Ва Тош дар мақоми мухолафат омад ва қосиде назди Фахруддавлаи Дайламӣ, ки дар он замон салтанати Ироқ тааллуқ ба вай медошт, фиристод ва истимдод намуд. Ва Фахруддавла чаҳор ҳазор савор ба ду дафъа ирсол дошта, миёни Абулҳусайн ва Ҳисомуддавла ду навбат муҳорабат иттифоқ афтод. Ва карати аввал Тош зафар ёфта, навбати сонӣ инояти яздонӣ шомили ҳоли Абулҳусайн гашт ва Тош фирор бар қарор ихтиёр карда ба Ҷурҷон шитофт. Ва Фахруддавла, ки дар он вақт дар Ҷурҷон буд, бино бар риояти ҳуқуқи Тош нисбат ба ӯ лавозими муруввват ва маросими инсоният маръӣ дошт ва сарои иморатро ба тамоми ҷиҳоти ҷаҳонбонӣ ва асбоби комронӣ ба вай бозгузошт ва худ ба Рай рафт. Ва аз он ҷо низ туҳафу табаррукоти вофир мутаоқибу мутавотир назди Ҳисомуддавла фиристод. Ва Тош дар он вилоят дар паноҳи давлати Фахруддавла муаззаз ва мӯҳтарам ба сар мебурд, то дар шуҳури санаи тисъа ва сабъина ва салосумиа (379/989—990) рӯй ба ҷаҳони ҷовидон овард. Дар кутуби мӯътабара мастур аст, ки чун Абулҳусайни Симҷӯр мутасаддии амораги Хуросон гашт, рӯзе ба хаёли тамҳиди бисоти айшу нишот бо яке аз канизакон ба боғе рафта, оғози мубошарат намуд. Ва

дар асной он ҳолат мурғи рӯҳ аз ошёнаи баданаш рамида, олати мубошарат аз кор афтод. Ва ба муқтазои фармони амир Нӯҳ амирати Нишобур ба писараш — Абӯалӣ мутааллиқ шуда, Фоиқ дар Ҳирот рояти иёлат барафрошт ва миёни Абӯаливу Фоиқ мухолафату муҳорабат иттифоқ афтода, Абӯалӣ зафар ёфт. Ва Фоиқ ба Марв шитофта лашкаре фароҳам овард ва бе рухсати амир Нӯҳ инони азимат ба ҷониби Бухоро тофт. Ва амир Нӯҳ нисбат ба Фоиқ бадгумон шуда Иноҷ ва Бектузунро ба мудофааи ӯ номзад фармуд ва эшон бо Фоиқ муқотала намуда зафар ёфтанд ва Фоиқ ба Балх гурехт, мутаваҷҷеҳи Тирмиз гашт ва мактубот ба подшоҳи Туркистон Буғрохон фиристода, ӯро бар тасхири Мовароуннаҳр тарғиб кард. Ва муқорини он ҳол Абӯалӣ дар Хуросон истиқлоли тамом ёфта, рӯй ба иштиъоли нойраи зулму бедод оварда ва ҷамеи амволи он билодро тасарруф намуда, дар ваҷҳи улуфаву инъоми мулозимони худ маҷро дошт. Ва Нӯҳ ибни Мансур расуле назди ӯ фиристода истидъо фармуд, ки баъзе аз диёри Хуросонро ба гумоштагони хосса бозгузорад. Ва Абӯалӣ ба ин сухан мултафит нашуд, балки туғёни ӯ самти издиёд пазируфта, русулу расоил назди Буғрохон ирсол дошт. Ва пайғом дод, ки «агар хон ба ҷониби Мовароуннаҳр наҳзат фармояд, ман низ аз ин тараф дар ҳаракат оям, машрут ба он ки баъд аз дафъи амир Нӯҳ ба Мовароуннаҳр қаноат намуда, ҳукумати Хуросон мин ҳайси-листиқлол ба ман муфаввaз гардад». Ва Буғрохон ба қасди тасхири мамлакати Сомониён равон шуда, амир Нӯҳ Иноҷро ба истиқболи ӯ равон сохт. Ва Иноҷ бо хон муқотала карда асир гашт ва аз ин ҷиҳат кори Нӯҳ ибни Мансур ба изтироб анҷомида. Фоиқро аз Тирмиз талабид ва лашкаре ба вай дода, ба ҳукумати Самарқанд равон гардонид. Ва чун Фоиқ ба Самарқанд расид ва шунид, ки Буғрохон дар он ҳудуд нузул фармуда, бо сипоҳе, ки ҳамроҳ дошт, аз шаҳр берун хиромид. Аммо пеш аз он ки ба истеъмоли сайфу синон бипардозад, бе ҷиҳате гурехта ба Бухоро рафт. Таҳайюр ва изтироби Нӯҳ аз пештар бештар шуда, дар гӯшае мутаворӣ гашт. Ва Фоиқ ба ис-

PDF Compressor Free Version

тиқболи хон шитофта дар силки махсусон интизом ёфт ва мəншури ҳукумати Балх ҳосил намуда, инон бад-он савб тофт. Пас амир Нӯҳ ҳайъати худро мутағайир гардонида ва аз Ҷайҳун гузашта ба Омулшат рафт. Ва баъзе аз лашкариён ба вай пайваста, филҷумла ҷамъияте даст дод. Ва муқорини он ҳол Буғрохон мариз гашта рӯй ба Туркистон ниҳод. Ва дар аснои роҳ сафари охират ихтиёр кард. Ва Нӯҳ ибни Мансур баъд аз истимои ин хабар мубтаҳиҷ ва масрур инон ба ҷониби Бухоро мунъатиф гардонида, бори дигар ба дараҷаи баланди салтанат расид. Ва Абӯалии Симҷӯр аз мушоҳадаи ин ҳол дар баҳри таҳайюр афтода, ғариқи тӯфони тафаккур гашт ва доъия намуд, ки элчиёни сухандон ба Бухоро фиристад. Ва ба киштии авотифи амир Нӯҳ мултаҷӣ шуда аз тақсироти хеш маросими эътироз ба ҷой оварад, ки ногоҳ Фоиқи мунофиқ аз садамоти лашкари амир Нӯҳ гурехта ба Абӯалӣ пайваст ва чандон васваса кард, ки Абӯалӣ навбати дигар дар мақоми исён омад. Ва амир Нӯҳ баъд аз тақдими машварат Абӯнасри Форсиро ба Ғазнин фиристод ва аз амир Носируддини Сабуктекин мадад талабид. Бо ҳусни ваҷҳе мултамаси подшоҳро қабул фармуда ба Бухоро шитофт, дар таъзиму такрими амир Нӯҳ ба қадри имкон мубола-ға намуда. Амир Нӯҳ низ даст ба инъому эҳсон баргушод, амир Сабуктекин ва махсусони ӯро хилаъи фохиpаву туҳафи вофира дод. Ва амир Сабуктекин мутакаффили дафъи Абӯаливу Фоиқ гашта, ҷиҳати ёроқи лашкар ба ҷониби Ғазнин мурочаат намуд. Ва чун ин хабар ба самъи Абӯаливу Фоиқ расид, чорачӯй шуда Абӯҷаъфар ибни Зулқарнайнро ба Ироқ равон гардониданд ва аз Фахруддавлаи Дайламӣ мадад талабиданд. Ва Фахруддавла сипоҳе ба Хуросон ирсол дошта. Ва Абӯаливу Фоиқ ба вусули он истизҳори тамом пайдо карда, аз Ҳирот ба ҷониби Бухоро дар ҳаракат омаданд. Ва муқорини он ҳол фи санаи арбаъа ва самонина ва саломсумиа (384/994—995) амир Сабуктекин ва писараш Маҳмуд бо лашкари зафарасар ва дувист занҷир фили кӯҳпайкар дар Балх нузул намуд. Ва амир Нӯҳ низ бо сипоҳи Мовароуннаҳр аз об гузашта ва

PDF Compressor Free Version

Шор — ҳокими Ғарҷистон (16) ва Абулҳориси Фарегунӣ — волии Ҷурҷон бад эшон пайвастанд. Баъд аз тақоруби фариқайн амир Сабуктекину писараш Маҳмуд бо лашкари зафарасар маймanaву майсараи сипоҳро ба мардони ҷалодатинтимо мазбут гардониданд. Ва амир Сабуктекин ба нафс бо амир Нуҳу Маҳмуд дар қалби сипоҳ биистоданд. Абӯалӣ низ мустаъидди қитол шуда, Фоиқро ба маймана фиристод ва майсарaро ба бародари хеш — Абулқосими Симҷӯр супурд. Ва чун он ду гурӯҳи кинаҷӯй ба ҳам расиданд, ба сарсари ҳамла нирони ситезу овез тез гардониданд. Маймanaву майсараи Абӯалӣ бар ҷавонгору баронгори амир Нӯҳ тохта эшонро мунҳазим сохтанд. Ва наздик буд, ки чашмзахме расад. Дар он асно Доро ибни Қобус ибни Вушмгир аз қалби лашкари Абӯалӣ бар амир Нӯҳ ҳамла кард. Ва баъд аз вусул ба миёни саффайн сипар бар сар кашида ва ба хидмати амир Нӯҳ истисъод ёфта, рӯй ба ҷанги Абӯалӣ овард. Бино бар он хуросониён дилшикаста гашта, фирор бар қарори ихтиёр намуданд. Абӯаливу Фоиқ ба Нишобур рафта, он ҷо низ таваққуф натвонистанд кард ва инон ба тарафи Ҷурҷон инъитоф дода, дар силки хавосси Фахруддавла мантазам шуданд. Ва амир Нӯҳ амир Сабуктекинро ба асноფу алтоф сарафроз сохта, мулаққаб ба «Носируддин» гардонид ва сардории сипоҳи амрати Хуросонро ба писараш Маҳмуд арзонӣ дошта, ӯро «Сайфуддавла» лақаб ниҳод ва худ ба ҷониби Бухоро бозгашт. Ва чун амир Носируддини Сабуктекин ва Сайфуддавла Маҳмуд рӯзе чанд дар балдаи фохираи Ҳирот осоиш намуданд, Носируддин ба Ғазнин хиромид ва Сайфуддавла мутаваҷҷеҳи Нишобур гардид. Ва дар санаи хамса ва самонина (385/995) Абӯаливу Фоиқ дар Ҷурҷон лашкари фаровон ҷамъ сохта монанди балои ногаҳон дар зоҳири Нишобур бар сари Маҳмуди Ғазнавӣ тохтанд. Ва ӯро мунҳазим гардонида, бори дигар аламӣ истиқлол барафрохтанд. Ва Маҳмуд ба падар пайваста. Амир Носируддини Сабуктекин сипоҳе афзун аз мартабаи қиёсу тахмин берун фароҳам овард. Ва боз мутаваҷҷеҳи Хуросон гашта, Абӯаливу Фоиқ ӯро истиқбол намуданду дар навоҳии Тӯс

PDF Compressor Free Version

ғубори маъракаи пайкор ба сипеҳри обнӯс расида. Насими нусрат бар парчами аломи Носируддин вазида, бисёре аз мухолифон кушта гашта, Абӯаливу Фоиқ ба қалъаи Калот паноҳ бурданд. Ва баъд аз рӯзе чанд аз он ҷо берун омада дар атрофи саҳрову биёбон саргардон буданд. Оқибат аз ҳам ҷудо шуда. Фоиқ ба Туркистон назди Эликхон рафт ва Абӯалӣ илтиҷо ба Маъмун ибни Муҳаммади Фарегунӣ намуда роҳи Ҷурҷония пеш гирифт. Аммо қабл аз он ки ба Маъмун пайвандад, Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ дар Ҳазорасб ӯро мукайяд гардонид. Ва Маъмун ба ҷанги Абӯабдуллоҳ шитофтаву ӯро асир сохта ба қатл расонид. Ва Абӯалиро таъзим тамом карда, қосиде назди амир Нӯҳ фиристода, илтимоси шафоати ҷароими Абӯалӣ намуд ва мултамаси ӯ дараҷаи қабул ёфт. Аммо пас аз андак замоне амир Нӯҳ Абӯалиро талаб фармуд ва Абӯалӣ ба Бухоро шитофта маҳбус гашт. Ва амир Носируддини Сабуктекин, ки дар он замон дар ҳудуди Марв буд, аз ҳабси Абӯалӣ хабар ёфта, элчӣ ба Бухоро фиристод ва ӯро талаб дошт. Ва Нӯҳ ибни Мансур Абӯалиро ба қосиди Сабуктекин супурд ва он кофири неъмат дар маҳбаси амир Носируддин фавт шуд. Аммо Фоиқ ба васвасаи бисёр Эликхонро бар он дошт, ки ба ҷониби Мовароуннаҳр наҳзат фармуд. Ва амир Сабуктекин бо мӯҷиби илтимоси амир Нӯҳ мутаваҷҷеҳи дафъи ӯ гашта. Амир Нӯҳ ба нафси худ аз Бухоро дар ҳаракат наёмад. Бино бар он ғубори нифор бар ҳошияи хотири Носируддин нишаста, дар ҷанги Эликхон эҳмол намуд ва муҳим бар сулҳ қарор ёфт бар ин мӯҷиб, ки иёлати Самарқандро ба Фоиқ тафвиз намоянд ва дигар аз ҷонибайн тариқи мухолафат напаймоянд. Ва баъд аз ин мусолаҳа амир Нӯҳ ба фароғи бол рӯзгор мегузаронид, то дар сездаҳуми раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) мутаваҷҷеҳи оломи уқбо гардид. Аз ҷумлаи шуаро Дақиқӣ муосири амир Нӯҳ буд ва дар мадҳи ӯ ашъор назм менамуд. Дар «Таърихи гузида» мастур аст, ки Дақиқӣ аз достони «Гуштосп» қариб ҳазор байт дар силки назм кашида буд. Ва Фирдавсӣ он абётро дохи-

PDF Compressor Free Version

ли «Шоҳнома» гардонида. Ва дар накӯҳиши он гуфта, ки:
Байт:

Даҳон гар бимонад зи хӯрде тиҳӣ,
Аз он беҳ, ки носоз хоне тиҳӣ.

Ва дар «Баҳористон» мастур аст, ки ду ҳазор байт чизе кам ё беш аз «Шоҳнома» натиҷаи табъи Дақиқӣ аст. Ва ин қитъа аз ҷумлаи ашъори ӯст. Қитъа:

Ёре гузидам аз ҳама мардум париназод,
З-он шуд зи пеши чашми ман имрӯз чун парӣ
Лашкар бирафту он бути лашкаршикан бирафт,
Ҳаргиз мабод кас, ки диҳад дил ба лашкарӣ.

## ЗИКРИ АБУЛҲОРИС МАНСУР ИБНИ НУҲ ИБНИ МАНСУР

Ҷумҳури аъёни Бухоро баъд аз вафоти Нӯҳ ибни Мансур бар салтанати Мансур ибни Нӯҳ муттафиқ гашта, ӯро бар тахти салтанату ҷаҳонбонӣ нишонданд. Ва амир Мансур моли мавфур бар мутаҷаннида қисмат карда, мансаби сардории сипоҳро ба Бектузун арзонӣ дошт. Ва чун Эликхон хабари фавти Нӯҳ ва салтанати писарашро шунуд, ба тарафи Бухоро наҳзат намуд. Ва дар ҳудуди Самарқанд Фоиқ бад-ӯ пайваста ва рухсат ҳосил намуда, пештар ба ҷониби Бухоро равон шуд. Ва Мансур ибни Нӯҳ аз шуйӯъи ин ахбор ҳароси бисёр ба худ роҳ дода, аз оби Омуя бигузашт. Ва Фоиқ ба шаҳр даромада, чунон зоҳир сохт, ки «ман бино бар риояти ҳуқуқи намаки Сомония ба муованати амир Мансур омадаам». Акобир ва машоихи Бухоро дар ин боб аз вай аҳднома гирифта, қосидон назди Мансур фиристоданд ва ӯро талаб доштанд. Ва Мансур ба дорулмулк бозгашта, Фоиқ саранҷом ҷамеи маҳомро аз пеши худ гирифту Бектузунро ба ҳукумати Хуросон ирсол дошт. Дар хилоли ин аҳвол амир Сабуктекин вафот ёфта, писараш Маҳмуд расуле назди Мансур

PDF Compressor Free Version

фиристода, талаби мансаби маврус намуд ва расул бе найли максуд бозгашта. Махмуд навбати дигар Абулҳасани Ҳамулро ба туҳафу табаррукоти ло туадду ва ло туҳсо ҷиҳати саранҷоми ҳамон муҳим номзад кард. Ва чун Абулҳасан ба Бухоро расид, Фоиқ ва баъзе дигар аз аркони давлат ӯро ба мансаби вазорат наанд доданд. Ва Абулҳасан ба ғурури мавфур дар он кор дахл карда, аз адои рисолат ёд наёвард. Ва Махмуд аз мулоҳизаи ин умур бетаҳаммул гашта, лашкар ба Нишопур кашид. Ва Бектузун аз он балда гурехта. Чун ин хабар ба арзи амир расид, ба азимати муҳорабати Сайфуддавла аз Бухоро ба Сарахс омад. Ва Сайфуддавла аз мулозимати мардум андешида, Нишобурро бозгузошту аламн нахзат ба тарафи Мурғоб барафрошт. Ва мукорини он ҳол Бектузуну Фоиқ аз хушунати хулқи амир Мансур бо якдигар ҳикоят гуфта, ҷамъеро дар мухолафаташ бо худ муттафиқ сохтанд. Ва Бектузун дар балдаи Марв фи авосити сафари санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/II.997) тӯйе тарҳ андохта, Мансурро ба хона талабид ва ба як ногоҳ он шоҳзодаи содаро гирифта, мил кашид. Муддати салтанаташ як солу ҳафт моҳ буд. Ва ба ривояти соҳиби «Гуанда» ба вазораташ Абулмузаффар ибни Исо қиём менамуд.

## ЗИКРИ САЛТАНАТИ АБДУЛМАЛИК ИБНИ НУҲ ИБНИ МАНСУРИ СОМОНӢ ВА БАЁНИ ИНКИРОЗИ АЙЕМИ ДАВЛАТИ ОН ТАБАҚА БА ТАҚДИРИ ҲАЗРАТИ СУБҲОНӢ

Чун дидаи давлати Мансур ба мили бевафоӣ нобино шуд, Фоиқу Бектузун бародараш — Абдулмаликро, ки дар сиғари син буд, ба подшоҳӣ бардоштанд. Ва Маҳмуди Ғазнавӣ аз шунудани он ҳаракати ношоиста бо сипоҳе вофир азми интиқом намуд. Ва Фоиқу Бектузун аз азимати Сайфуддавла хабар ёфта, расулони чарбзабон пеши ӯ фиристоданд ва изҳори итоату инқиёд намуда, аз тақсироти гузашта маросими эътизор ба тақдим расониданд. Ва бино бар он ки Сайфуддавла ғояти хадиати эшонро медо-

PDF Compressor Free Version

нист, он суханони воҳиро ба самъи ризо нашнуду дар сайр суръат карда, дар ҳудуди Марв нузул фармуд. Ва Фоиқу Бектузун музтар гашта, Абдулмаликро аз шаҳр берун овардаиду дар баробари муаскари Маҳмуд фуруд омаданд. Аммо чун яқин медонистанд, ки тоби муқоталаи Сайфуддавла надоранд, шуфаъо ангехта, ба тазарруъу ниёзи тамом толиби мусолаҳа шуданд. Ва Султон Маҳмуд мултамаси эшонро мабзул дошта, рояти мурочаат барафрошт ва ҷамъе аз сипоҳи Абдулмалик аз ақиби Сайфуддавла даромада, даст ба тороҷ дароз карданд. Ва ин хабар ба самъи Маҳмуд расида, инон мунъатиф гардонид. Ва мардумеро, ки бино бар ҳирси ғолибу тамаи козиб пойи ҷасорат пеш ниҳода буданд, ба қатл расониду майманаву майсара ороста, мутаваҷҷеҳи хасм гардид. Ва мухолифон низ ба қадами изтироб бо ҳашаре бешумор мустаъидди пайкор гаштанд. Ва баъд аз кушишу кӯшиши бусёр шаомати куфрони неъмат шомили ҳоли Фоиқу Бектузун гашта, Маҳмуди Ғазнавӣ зафар ёфт. Ва Абдулмалику Фоиқ ба тарафи Бухоро рафта, Бектузун ба Нишобур гурехт ва Абулқосими Симҷӯр рӯй ба ҷониби Кӯҳистон ниҳод. Ва кавокиби иқболи Сайфуддавла ба зурваи камол расида, билоди Хуросонро ба истиқлол мутасарриф шуда. Ва Абдулмалику Фоиқ ҳудуди Мовароуннаҳрро мазбут сохта, навбати дигар филҷумла ҷамъияте пайдо карданд. Ва Бектузун низ аз Нишобур ба Бухоро рафт. Дар он асно Фоиқ роҳи сафари охират пеш гирифт. Ва Эликхон аз парешониву бесомонии мулки Абдулмалики Сомонӣ хабар ёфта, аз Кошғар бо лашкаре зафарасар ба тарафи Бухоро дар ҳаракат омаду ба Абдулмалик пайғом дод, ки «чун бегонагон тамаъ дар мамлакати Ибни Сомон намудаанд, бино бар қурби ҷавор муоватати ту бар ман лозим аст, лоҷарам ба Бухоро меоям, бояд ки аслан дағдаға ба хотир роҳ надиҳӣ, ки ғайр аз шафқату марҳамат аз ман амре мушоҳада нахоҳӣ намуд». Ва бухороиён ин калимоти рӯйдудро мувофиқи воқеъ тасаввур карда. Бектузун ва Янолтекин ба ҷамъе аз қувводу умаро ба истиқболи хон шитофтанд. Ва чун баборгоҳи подшоҳ даромаданд, ҳамон эшон муохазу муқайяд гаш-

танд. Ва Абдулмалик аз истимоъи ин хабар саросема шуда, дар гӯшае хазид. Ва Элик рӯзи сешанбеи даҳуми зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389 X.999) ба дорулмулки Оли Сомон даромада, ҷосусон баргумошт, то Абдулмаликро ба даст оварданд. Ва ӯро банд карда, ба Ӯзканд фиристод ва он шоҳзода дар он вилоят рахти ҳастӣ ба боди фано дод. Ва Эликхон ба ахзу қайди соири авлоди Сомон фармон фармуд ва бародари Абдулмалик Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ, ки ба «Мунтасир» иштиҳор ёфта буд, чодари канизаке бар сар кашид ва аз маҳбас гурехта, ба хонаи аҷузае пинҳон шуд. Он гоҳ дар либоси фуюҷ ба ҷониби Хоразм рафт. Ва баъзе аз умарову лашкариёни Бухоро аз ҳоли ӯ вуқуф ёфта, бад-он ҷониб шитофтанд. Ва Мунтасир ба вуҷуди эшон мустазҳар гашта, бар аини мулкситонӣ нишасту тамаъ дар тасхири мамолики мавруси баст. Ва чанд сол дар атрофи диёри Мовароуннаҳру Хуросон такупӯй менамуд ва ду—се навбат бо лашкариёни Эликхону ҳуккоми Хуросон муҳоработ фармуд. Ва дар он муқоталот аксари авқот мағлуб гашт. Ва дар санаи арбаъа ва тисъина ва салосумиа (394/1003—1004) ба воситаи дастбурди хуросониён ба ҷониби Мовароуннаҳр равон шуда, аз оби Омуя гузашт. Ва хабари вусули ӯ дар он диёр иштиҳор ёфта.

Писари Аламдор (17), ки сипаҳсолори Самарқанд буд, бо ҳазор мард ба хидматаш мубодарат намуд. Ва аъёни Самарқанд ҳуқуқи неъмати Оли Сомонро риоят карда, сесад ғуломи турк бо моле вофир наздИ Мунтасир фиристоданд. Ва ҳишоми ғузон бад-ӯ пайвастанд. Ва Эликхон аз ҷамъияти сомониён хабар ёфта, навбати дигар ба азми разми Мунтасир пой дар рикоб овард. Ва дар моҳи шаъбони соли мазкур (394/V.1004—тарт.) дар ҳудуди Самарқанд байналҷонибайн ҳарби саъб даст дода, ҳазимат ба тарафи Эликхон афтод. Ва ҳишоми ғузон ғаниматИ бениҳоят гирифтанду рӯй ба автони хеш ниҳоданд. Ва пас аз чанде Эликхон дар дорулмулки худ аз ҷудо шудани он тоифа воқиф шуда, бори дигар мутаваҷҷеҳи Мунтасир

PDF Compressor Free Version

гашт. Ва баъд аз тақоруби фиатайн ва тасвияи саффайн (18) Абулқасани Тоқ, ки панҷ ҳазор мард дар зилли рояти ӯ муҷтамаъ буданд, бо Мунтасир ғадр намуда пеши Элик-хон рафт. Ва Мунтасир ба ночор фирор карда. Хон теғи интиқом аз ниём баркашиду бисёре аз атбоъи ӯро ба қатл расонид. Ва Мунтасир ба пил аз оби Омуя гузашта, дар атрофи мамолики Хуросон саргардон гашт. Ва рӯй ба ҳар тараф, ки овард, коре аз пеш натвонист бурд. Охируламр дар моҳи рабеъулаввали санаи хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII.1004) ба тарафи Бухоро дар ҳаракат омад. Ва дар хайлхонаи Ибни Наҳҷи аъробӣ (19) нузул намуда, Моҳрӯй номе, ки қабл аз Маҳмуди Ғазнавӣ сарвари он тоифа буд (20), аз таҳйиҷи фитна андешида, аҷлофи аъробро бар қатли он шоҳзодаи бесомон таҳриз кард. Ва чун замона либоси сӯгворӣ пӯшид, баъзе аз атбоъи Ибни Наҳҷ Мунтасирро ба қатл расониданд. Ва ин хабар бо арзи Сайфуддавла расида, он тоифаро бигоратиду Моҳрӯйро ба теғи тез бигзаронид. Ва аз ин воқиа оташи иқболи Оли Сомон билкуллия ба оби идбор мунтафӣ гашт ва дасти машийяти моликулмулк алалитлоқ ба якборагӣ бисоти давлати он тоифаро дарнавишт.

## ЗИКРИ МУҲАММАД ИБНИ ЗАЙД ИБНИ ИСМОИЛ АЛАЙҲИМ—УР—РИЗВОН МИН—АЛ—МАЛИКИ—Л—ҶАЛИЛ (21)

Ва дар санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900) амир Исмоили Сомонӣ ба иғвои Мӯътазиди халифа Муҳаммад ибни Ҳорунро бо сипоҳи фаровон мутаваҷҷеҳи Табаристон гардонид. Ва Муҳаммад ба оҳистагӣ дар ҳаракат омад, аммо Муҳаммад ибни Зайд дар ғояти истеъҷол ӯро истиқбол намуд. Ва дар шавволи соли мазкур (287/IX. 900—март.) дар нимфарсангии Астаробод талоқии фариқайн даст дод. Муҳаммад ибни Зайд ба нафси нафис бар қалби сипоҳи Муҳаммад ибни Ҳорун тохт ва мутаҳаввире

PDF Compressor Free Version

аз лашкари Бухоро дар баробар омада он ҷанобро аз пушти зин бар рӯи замин андохт. Муддати салтанати Муҳаммад ибни Зайд шонздаҳ солу касре буд ва баъд аз вай Муҳаммад ибни Ҳорун як солу ним дар Мозандарон ҳукумат намуд.

## ЗИКРИ ИСПАҲБАД ШАҲРИЁР ИБНИ БОДУСБОН ИБНИ АФРЕДУН ИБНИ ҚОРУН ВА БАЁНИ ХУРУҶИ НОСИРИ КАБИР АБӮМУҲАММАД ҲАСАН ИБНИ АЛИ ИБНИ ҲАСАН

...Саййид Ҳасан бо мардони шамшерзан ва гурдони сафшикан рӯй ба Табаристон ниҳод ва ин хабар ба Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ, ки дар он овон дар Бухорову Хуросон бонии мабонии ҷаҳонбонӣ буд ,расида мутаваҷҷеҳи Мозандарон шуда бо сипоҳи беқиёс ба мавзеи Фалос, ки дар нимфарсахи Омул аст, манзил гузида. Носирулҳақ бар он мавзеъ шитофта байналҷонибайн ҳарбе саъб даст дод ва Аҳмад ибни Исмоил зафар ёфта, ҳазимат ба ҷониби Носири Кабир афтод. Ва Сомониён дар Табаристон фармонфармо шуда, испаҳбад Шаҳриёр ва соири ҳуккоми он диёр ғошияи мутобаати эшон бар дӯш гирифтанд. Ва баъд аз он Муҳаммад ибни Ҳорун аз Аҳмад ибни Исмоил гурехта, ба Носири Кабир пайваст. Ва он ҷаноб карати дигар азми истихлоси Табаристон карда. Испаҳбад Шаҳриёр ва маликулҷибол—испаҳбад Шарвин ибни Рустам ба ҳам пайвастанд ва сари роҳ бар ҷаноби сиёдат паноҳ гирифта. Дар манзили Намико тақоруби фариқайн ба талоқӣ анҷомид ва муқобалаву муқоталаи ҷонибайн муддати чиҳил рӯз имтидод ёфт. Охируламр насими фатҳу зафар бар парчами аламн Носирулҳақ вазид ва он ҷаноб чанд моҳ дар Табаристон ба фармонфармоӣ қиём намуда, ба ҷониби Гелон бозгашт ва дар он вилоят рӯй ба ифодаи улуми динӣ оварда, муддати чаҳордаҳ сол бар фароғи бол рӯзгор гузаронид.

PDF Compressor Free Version

# ЗИКРИ ИСПАҲБАД ҲАРУСАНДОН ИБНИ БУНДОР ИБНИ ШЕРЗОД ВА БАЁНИ ОН ЧИ ДАР ЗАМОНИ ҲУКУМАТИ Ӯ НОСИРУЛҲАҚРО ДАСТ ДОД

...Чун чаҳордаҳ сол Носири Кабир дар Гелон ба саодату иқбол авқот гузаронид, шахсе, ки ӯро Муҳаммад ибни Саълук мегуфтанд, аз қибали Сомониён ба иморати Табаристон шитофта, дар он вилоят бар ваҷҳи ҳасан зиндагонӣ накард. Бино бар он баъзе аз ашрофу аъёни Гелону Дайламон Носирулҳақро бар он оварданд, ки бори дигар ба Табаристон шитобад ва муъонидонро гӯшмоле диҳад. Ва он ҷаноб бо ҷунуди номаъдуд бад-он ҷониб хиромида дар мавзеи Нур миёни ӯ ва Муҳаммад ибни Саълук қитол ба вуқӯъ анҷомид. Ва ба юмни ҷалодат сайййд Ҳасан ибни Қосим, ки Доъии Сағир иборат аз ӯст, бар Доъии Кабир зафар ёфта. Муҳаммад ибни Саълук бо чанд мафлук дар водии фирор сулук намуд. Ва Носирулҳақ дар Омул нузули иҷлол фармуда, абвоби адлу инсоф баргушод. Ва аъёни Табаристону Гелону Дайлам бад-он ҷониб пайваста шавкату макнаташ рӯй дар издиёд ниҳод, он гоҳ Носири Кабир сайййд Ҳасан ибни Қосимро манзури назари тарбият гардонид ва мансаби вилояти аҳди худ ба ӯ муфаввaз сохт...

PDF Compressor Free Version

ҒИЁСУДДИН ИБНИ ҲУМОМУДДИН ҲУСАЙНИИ ХОНДАМИР

# Дастур-ул-вузаро

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

«Дастур-ул-вузаро» яке аз муаллафоти арзишманди муаррихи номӣ Хондамир (1475—1535) аст. Китоби мазкур дар он риштаи таърихнигории мусалмонии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ таълиф шудааст, ки ба гузориши таърихи вазорат ва савонеҳи аҳволу рӯзгори вузаро ихтисос дошт. Яке аз аввалин асарҳое, ки дар ин ришта ба забони арабӣ ба арсаи таҳрир омада буд, китоби «ал-Вузаро ва—л-куттоб»-и Муҳаммад ибни Абдуси Ҷаҳшиёрӣ (асри IX) аст. Нигориши таърихи вузаро дар таърихнависии форсӣ-тоҷикӣ ба сабаби он, ки мансаби вазорат дар кишвардории мардуми эронитабор аз адвори қадим ба расмият даромада буд, басту тавсеа пайдо кард ва дар ин замина осори мутааддиде, аз қабили «Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор»-и Носируддин Муншии Кирмонӣ (асри XIV), «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ (асри XV), «Иршод-ул-вузаро»-и Садриддин Муҳаммади Фоиз ибни Забардастхон (нимаи аввали асри XVIII) ва ғайра таълиф ёфтаанд.

Хондамир дар тадвини «Дастур-ул-вузаро» ба осори пешгузаштагони худ, алалхусус «Насоим-ул-асҳор» такя кардааст. Ӯ китоби худро бо баёни шаммае аз маноқибу мафохири Осаф ибни Бархиё — вазири афсонавии Сулаймони пайғамбар ва Бузургмеҳр — вазири Анӯшервони Одил оғоз карда, пасон доир ба вазирони сулолаҳои Умавиён, Аббосиён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва дудмонҳои дигари то аҳди худ матолиби муфиди таърихиро ба қайд овардааст.

Асари мазкур аз ҷониби олими мутабаҳҳири Эрон Саъид Нафисӣ аз рӯи якчанд нусха тасҳеҳ ва ба нашр расонида шудааст.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ ВУЗАРОИ САЛОТИНИ СОМОНИЯ

Насаби мулуки Сомонӣ, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон мутасаддии амри ҷаҳонбонӣ буданд, ба Баҳроми Чӯбин мерасад ва аз эшон нӯҳ нафар ба мартабаи баланди салтанат фоиз гаштанд ва муддати 102 сол ва касре замони давлати он тоифа қарор ёфт.

Асомии эшон ин аст:

1) **Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ.**
2) **Аҳмад ибни Исмоил.**
3) **Наср ибни Аҳмад.**
4) **Нӯҳ ибни Наср.**
5) **Абдулмалик ибни Нӯҳ.**
6) **Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср.**
7) **Нӯҳ ибни Мансур ибни Нӯҳ.**
8) **Мансур ибни Нӯҳ ибни Мансур.**
9) **Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Мансур.**

Ва он чи аз аҳволи вузарои эшон ба вузуҳ пайваста ин аст, ки навишта мешавад:

## АБУЛФАЗЛИ БАЛЪАМӢ

Дар замони подшоҳи беадил—амир Исмоил мутасаддии вазорат гашт ва камо янбағӣ (1) аз ӯҳдаи он амри хатир берун омада, дар айёми давлати амир Нӯҳ ба воситаи қасди Хумортекин мутаваҷҷеҳи хулди барин шуд.

## АБӮАБДУЛЛОҲ МУҲАММАД ИБНИ АҲМАД

Дар авқоти салтанати амир Аҳмад ибни Исмоил ба танзими умури мамлакат иқдом мефармуд ва чун амир

PDF Compressor Free Version


Аҳмад аз олами пурмеҳнат ба ҷаннати мухаллад интиқол намуд, аҳолии Бухоро валадаш — амир Насрро, ки дар сиғари син буд, ба подшоҳӣ мавсум гардониданд. Аммо соири суккони Мовароуннаҳр ба салтанати амми падараш — Исҳоқи Сомонӣ, (2) ки ҳукумати Самарқанд тааллуқ ба вай медошт, рағбат намуданд ва аз амир Наср чандон ҳисобе барнадоштанд. Аммо Абӯабдуллоҳ мутакаффили муҳоми мулк шуда, дар боби забту рабти мамлакат ва истимолати сипоҳӣ ва раъият ба навъе қиём ва иқдом фармуд, ки ба таъидоти субҳонӣ амир Исҳоқ мағлуб гашт ва соири мухолифони амир Наср сар ба ҳалқаи итоат даровarда, рутбаи ӯ аз маротиби обо ва аҷдод даргузашт.

## АБУЛФАЗЛ МУҲАММАД ИБНИ АҲМАД АЛ—ҲОКИМ

Чун Амир Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ қадам бар маснади ҷаҳонбонӣ ниҳод, мансаби вазоратро мин ҳайс-ил-истиқлол ба Абулфазл дод. Ва Абулфазл дар боби кифояти амволи султонӣ саъйи мавфур ба ҷой оварда абвоби манофеъи умаро ва лашкариёнро масдуд гардонид ва он ҷамоат кинаи вазир дар дил гирифта, чун ҳокими Хуросон Абӯалӣ ибни Муҳаммад ибни Мӯҳтоҷ (3) ба мухолафати амир Нӯҳ (мубодарат намуда ва амир Нӯҳ) ба азимати муҳорабат бо сипоҳи Мовароуннаҳр аз оби Омуя убур фармуд, сардорони лашкар ба арз расониданд, ки ба сабаби ҳаракоти нолоиқи вазир Абӯалӣ исёни бар носия бастааст ва вазир маблағе қасир аз улуфоти мо низ мункасир гардонида. Агар подшоҳ ӯро ба мо супорад, кӯч медиҳем, ва илло ба хидмати Абӯалӣ меравем. Амир Нӯҳ ба ҳасби зарурат Абулфазлро ба умаро супурд ва эшон дар ҷумодиюлаввали санаи хамса ва салосина ва салосумиа (335/XI. 946) бар қатли ӯ мубодарат намуданд. Пас лоиқ ба ҳоли мутакаффили мансаби вазорат он аст, ки ба ҷузвиёти амволи девонӣ бо акобири умаро ва муқаррабони ҳазрати султонӣ дар тариқи инод ва лаҷоҷ сулук нанамоянд ва фавоиду манофеъ бад-эшон расонида ба қадри мақдур

PDF Compressor Free Version

дар истирзои хавотири эшон саъй ва эҳтимом фармояд. Аз суханони ҳикматнишони Идрис пайғамбар, алайҳи-с-салоту-л-малик-ил-маннон (4), яке ин аст, ки «ба муҳаббати султон мағрур машав, вақте ки муқаррабони ӯ дар мақоми адоват бошанд».

### РУБОӢ:

Эй он, ки шудат кӯи вазорат маскан,
Варзид муҳаббат ба ту султони замон.
Мағрур ба меҳри подшоҳӣ нашавӣ,
Бошанд муқаррабон чу бо ту душман.

## АБӮҶАЪФАРИ УТБӢ

Ба вуфури фазлу адаб ва улувви аслу насаб ва хибрат дар сирри анҷоми маҳоми вазорат ва вуқуф бар дақоиқи асрори мамлакат мавсуф ва маъруф буд. Ва ӯ дар замони салтанати амири муайяд Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ ба тақаллуди мансаби вазорат мубодарат намуд ва ба ҳусни кифоят хизонаи подшоҳро маъмур гардонид ва билохира ба сабаби съоияти амир Музаффари Муҳтоҷ ба иззи шаҳодат расид.

## АБУЛҲУСАЙНИ УТБӢ

Вазири беназир ва соҳиб (раъйи) соибтадбир буд ва дар тамшияти умури мамалакат ва саранҷоми маҳоми дин ва давлат яди байзо менамуд (5). Чун амир Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ рояти ҷаҳонбонӣ барафрошт мансаби ҷалилатулмаротиби вазоратро ба он Осафи сулаймонҳашамат арзонӣ дошт. Ва Абулҳусайн дар авқоти ихтиёр аз Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр, ки ҳокими вилояти Хуросон буд, роиҳаи хилоф истишмом намуд. Шаммае аз ин маънӣ ба арзи амир Нӯҳ расонид ва амир Нӯҳ рақами азл бар носияи аҳволи Абулҳасан кашида, Ҳисомуддавла Абулаббоси Тошро ба тақаллуди он

PDF Compressor Free Version

мансаб сарафроз гардонид. Ва дар айёми ҳукумати Ҳисомуддавла (6), Фахруддавлаи Дайламӣ ва Қобуси Вушмгир (7) аз зарби ҳисоми хуношоми Муайяидуддавла аз ҷониби Ироқу Ҷурҷон гурехта, ба Хуросон омаданд ва Ҳисомуддавла ба мӯҷиби фармони амир Нӯҳ ба иҷтимои сипоҳи Хуросон мубодарат намуда, дар шуҳури санаи ихдо ва сабъина ва салосумиа (371/981—982) ба мурофақати эшон мутаваҷҷеҳи Астаробод гашт. Ва аз он сафар мунҳазим ба Нишобур мурочаъат намуда, расуле ба Бухоро фиристод ва амир Нӯҳро аз вуқӯи ин ҳодисаи кубро эълом дод. Амир Нӯҳ Абулҳусайни Утбиро ба ҷамъ овардани асокири мансура ва муонадати Ҳисомуддавла маъмур гардонид ва қомати қобилияти он вазири бешабеҳу назирро ба хилъаи гаронмоя ороста, Абулҳусайн соҳиби фазилати сайфу қалам гардид. Ва чун кори вазир дар улувви шаън ва нифози фармон ва вуфури иқбол ва ҳусули омол ба дараҷаи камол расид, ба муқтазии калимаи «Изо тамма амрун дано нақсуҳу» (8) рӯй дар тароҷӯъ ниҳод ва муқоринӣ он хилаъ халъи ӯ аз рибқаи ҳаёт иттифоқ афтод. Баёни ин сухан он аст, ки Абулҳасани Симҷӯр, ки ба сиъояти вазир аз ҳукумати Хуросон маъзул шуда буд, ба Фоиқ, ки дар силки уамони умаро интизом дошт, пайваста дар тақбеҳи аҳволи вазир фусул менавишт. Ва он суханон дар замири Фоиқ ҷойгир шуда, ҷамъе аз ғуломонро бар қатли вазир игво намуд ва эшон дар ин муҳим иттифоқ карда, мунтаҳизи фурсат мебуданд. Ва Абулҳусайн бар кайфияти ҳол иттилоъ ёфта мусташъир гашт ва шаммае аз ин маънӣ ба арзи амир Нӯҳ расонид ва амир Нӯҳ ҷамъе аз хавосси хидамро ба ҳиросати вазир маъмур гардонид. Аммо чун тақдири осмонӣ ба тадбири инсонӣ дафъ наметавон кард, дар шабе, ки вазир аз маҳофили хосса мутаваҷҷеҳи сарои аморат буд, аъдо фурсат ёфта ба зарботи мутаъоқиба он ҷаҳони фазлу афзолро аз по даровардаид. Ва Ҳисомуддавла ва Фахруддавла ва Қобуси Вушмгир дар Нишобур интизори мақдами вазир мекашиданд, ки ногоҳ ин хабари муҳиш шуниданд. Силки ҷамъияти эшон аз ҳам бигусехт ва қавофили ғаму андӯҳ бар хотири ҳамагон истило

PDF Compressor Free Version

ёфт. Ҳисомуддавла ҳасбалҳукм мутаваҷҷеҳи Бухоро гашт, то ба тадоруки он ҳодиса қиём намоянд ва баъд аз вусул баъзе аз қотилони Абулҳусайнро пайдо кард, мислуҳу гардонид ва боқӣ дар ақтори офоқ (мутафарриқ) шуданд.

## АБУЛҲУСАЙНИ МУЗНӢ

Дар авоили ҳол муставфии девони (9) амир Нӯҳи Сомонӣ буд ва баъд аз шаҳодати Абулҳусайни Утбӣ мансаби вазоратро такаффул намуд. Ва чун Абулҳасани Симҷӯр аз шикасти Абулаббоси Тош ва қатли Абулҳусайни Утбӣ хабар ёфт, ба хилофи ҳукм аз вилояти Систон, ки баъд аз азл аз ҳукумати Хуросон дар он ҷо ба сар мебурд, ба тарафи Хуросон ҳаракат кард. Абулҳусайни Музнӣ чун аз ин ҳаракат вуқуф ёфт, қосиде назди Ибни Симҷӯр фиристода пайғом дод, ки муносиб он аст, ки мутаарризи вилояти Хуросон нашавӣ ва ба мамлакати Қуҳистон, ки ақтоъи туст, наҳзат намоӣ. Ва Абулҳасан мултамаси вазирро ба иззи иҷобат иқтирон дода, Вазир Бодғису Ганҷрустоқро дар ақтоъи ӯ афзуд ва ин маънӣ мувофиқи мизоҷи Ҳисомуддавла наяфтод. Лоҷарам вақте ки аз Бухоро мутаваҷҷеҳи Хуросон шуд, Абулҳусайни Музниро аз он мансаб маъзул гардонид.

## АБДУРРАҲМОНИ ФОРСӢ

Дар силки мӯътамадони Ҳисомуддавла мунтазам буд ва Ҳисомуддавла баъд аз азли Музнӣ муҳимми вазоратро бад-ӯ тафвиз фармуд. Аммо чун Абулаббос ба Хуросон расид, амир Нӯҳ рақами азл бар сафҳаи ҳоли Форсӣ кашид ва Абдуллоҳи Узайрро бад-он мансаб азиз гардонид.

## АБДУЛЛОҲИ УЗАЙР

Аз машоҳири вузарои Аҷам ва марҷаъ ва малози асҳоби сайфу қалам буд ва чун дар амри вазорат дахл

PDF Compressor Free Version


кард, амир Нӯҳро бар он овард, ки Ҳисомуддавларо аз ҳукумати Хуросон азл намуда, мансабро карати дигар ба Абулҳасани Симҷӯр тафвиз фармуд. Ва Ҳисомуддавла аз Амир маъюс гашта, паноҳ ба Фахруддавлаи Дайламӣ бурд. Ва Фахруддавла ба адои ҳуқуқи Тош пардохта ба зӯру лашкар ӯро мадад кард, аммо фоида бар он мутараттиб нагашт ва дигар Ҳисомуддавларо ҳукумати Хуросон муяссар нашуд. Ва дар санаи сабъа ва сабъина ва салосумиа (377/987—988) Абдуллоҳи Узайр аз вазорат маъзул гашта, ба ҷониби Хоразм рафт ва баъд аз чанд гоҳ амир Нӯҳ (ӯ)-ро талабида, карати дигар бад-он мансаб сарафроз гардонид. Ва чун амир Носируддини Сабуктегин бар давлати салотини Сомонӣ истило ёфт, ба сабабе аз асбоб Абдуллоҳи Узайрро гуфт, ки маҳбус гардониданд ва ӯ дар он маҳбас ба сар мебурд, то он замон, ки рӯй ба оламӣ охират овард.

## АБУАЛИИ ДОМҒОНИ

Дар вақте ки Абдуллоҳи Узайр аз иззи вазорат дур афтода буд, ба Хоразм рафта, мансаби вазоратро такаффул намуд. Ва чун ҳараҷу мараҷ ба аҳволи мамлакати амир Нӯҳ роҳ ёфта, Бағрохон ва ҷамъе дигар аз муонидон бар мамолики Сомониён истило доштанд, коре аз пеш натавонист бурд ва ба зудӣ аз он шуғл маъзул гашт.

## АБӮАЛИИ БАЛЪАМӢ

Баъд аз азли Домғонӣ рӯзе чанд бар маснади вазорат нишаст ва бино бар он ки ихтилоли аҳволи он мамлакат зиёда аз он буд, ки ӯ тадорук тавонад намуд, амир Нӯҳ Абдуллоҳи Узайрро аз Хоразм бозталабид ва сонияи ба такаффули он шуғл маъмур гардонид. (Дар «Таърихи гузида» мастур аст, ки Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад Балъамӣ вазири Мансур ибни Абдулмалик ибни Нӯҳ буд

PDF Compressor Free Version


ва «Таърих»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табариро ӯ тарҷума намуд.

## АБӮНАСРИ АБӮЗАЙД

Муддате мадид дар айёми салтанати Сомония соҳиби девони иншо ва рисолат буд ва чун амир Носируддини Сабуктегин Абдуллоҳи Узайрро маҳбус гардонид, вазорати амир Нӯҳро ба Абӯнаср тафвиз намуд. Ва ӯ ба сифоти ҳамида ва симоти писандида иттисоф дошт ва дар айёми эътибор тухми ҷуду саховат ва базлу ато дар замини дили фузало ва аҳиббо кошт. Ва дар тадбири масолеҳи мамлакат ва истимолати сипоҳӣ ва раъият биақсо—л—ғоя (10) кӯшид ва дар охири умр ба захми корди баъзе аз ғуломони сомонӣ шаҳди шаҳодат чашид.

## АБУЛМУЗАФФАР МУҲАММАД ИБНИ ИБРОҲИМ

Ба сафои табъи салим ва нақои зеҳни мустақим мавсуф ва маъруф буд ва баъд аз шаҳодати Абӯнаср ба истисвоби амир Носируддини Сабуктекин дар амри вазорат шурӯъ намуд. Ва чун амир Нӯҳи Сомонӣ аз оламӣ фонӣ ба ҷаҳони ҷовидонӣ интиқол кард ва амир Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ рӯй ба танзими умури ҷаҳонбонӣ овард, Муҳаммад ибни Иброҳим аз шуғли вазорат истеъфо ҷуста ба Ҷузҷонон рафт ва чанд гоҳе он ҷо муқим шуда, баъд аз он ба Нишобур шитофт ва дар он диёр то охири умр раҳли иқомат андохт. Муддати 30 сол ба мутолааи улум ва таснифи расоил пардохт.

## АБУЛҲАСАНИ ҲАМУЙ

Дар авоили ҳол дар силки мулозимони султон Маҳмуди Ғазнавӣ интизом дошт ва чун Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ аломи ҷаҳонбонӣ барафрошт, султон Маҳмуд

PDF Compressor Free Version



Абулҳасанро ҷиҳати талаби мамлакати Хуросон ва таъкиди қавоиди аҳду паймон бо туҳаф ва ҳадоёи фаровон ба Бухоро ирсол намуд. Ва Ҳамуй баъд аз тайи манозилу мароҳил ба Бухоро расида. Бектузун ва Фоиқ, ки нисбат ба Султон дар мақоми адоват ва исён буданд, ӯро ба мансаби вазорат навид доданд. Ва Абулҳасан ба таааҳҳуди он шуғл масрур ва мағрур гашта, аз сафорати Султон ғофил ва зоҳил монд. Ва пас аз он ки муддати як солу ним бар ин қазия бигзашт, Бектузун ва Фоиқ амир Абулҳорисро гирифта мил кашиданд ва Ҳамуиро аз вазорат маъзул гардониданд.

PDF Compressor Free Version

ГИЁСУДДИН ИБНИ ҲУМОМУДДИН ҲУСАЙНИЙ
ХОНДАМИР

# Маосир-ул-мулук

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Китоби «Маосир-ул-мулук» асари арзишманди муаррихи бузурги форсу тоҷик Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддини Ҳусайнӣ маъруф ба Хондамир (1475—1535) аст. Он нахустин таълифи Хондамир буда, ҳангоми дар қайди ҳаёт будани ҷадди бузурги вай — Мирхонд (соли вафоташ 1498) ба силки таҳрир даромадааст. Дар худи китоб муаллиф ба соли 901 (1495—1496) ба ҳайси соли таълифи он ишора кардааст. «Маосир-ул-мулук» ду бор дар асари дигари Хондамир — «Ҳабиб-ус-сияр» ёд шудааст, ки ин ҳам аз муаллафоти нахусти Хондамир будани онро ба субут мерасонад.

«Маосир-ул-мулук» асари ҳаҷман мухтасар ва аз лиҳози мӯҳтаво ва матолиб таърихномаи умумиест, ки ба қасди гузориши таърихи Эрон аз Каюмарс — нахустин ҳукмфармои рӯи замин то подшоҳони муосири муаллиф таъдин шудааст. Бахшҳои ҷудогонаи китоб ба таърихи афсонавиву воқеъии мардуми эрониназод то зуҳури ислом, саргузашту маосири пайғамбари ислом, гузориши аҳволи имомони маъсумин, шарҳи ҳукумати халифагони араб ва силсилаҳои подшоҳони Аҷам аз қабили Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ғайра тахсис шудааст. Бахши охир ба зикри салтанат ва осори султон Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст.

Хондамир дар таълифи «Маосир-ул-мулук» аз маохизи мухталифи таърихӣ, минҷумла: «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Тоҷ-ул-маосир»-и Ҳасани Низомӣ ва ғайра истифода бурдааст.

«Маосир-ул-мулук» аз рӯи ду нусхаи хаттӣ, ки мутааллиқ ба китобхонаи «Маҷлиси Шӯрои миллӣ»-и Теҳрон аст, аз ҷониби Мирҳошими Муҳаддис тасҳеҳ ва ба табъ расонида шудааст.

PDF Compressor Free Version


## АМР ИБНИ ЛАЙС

Амр ибни Лайс баъд аз фавти бародар мутасаддии амри салтанат гашт. Дар авохири айёми давлати Амр амир Исмоили Сомонӣ ба нияти кишварситонӣ аз оби Омуя убур карда, Амрро истиқбол намуд ва дар навоҳии Қуббатулисломи Балх талоқии фариқайн даст дода, Амр дар сарпанҷаи тақдир асиру дастгир шуд.

Нақл аст, ки дар он рӯз чашми Амр аз маҳбас бар яке аз фаррошон афтод, ки ба муҳимме мерафт. Ӯро талабида гуфт, ки «ҷиҳати ман миқдоре таъом пайдо кун». Фаррош қитъае гӯшт ба даст оварда, онро дар сатли об андохту оташ барафрӯхт ва ба талаби ҳавоиҷ таваҷҷӯҳ намуд. Иттифоқо саге омада сар дар сатл карда, даҳонаш таҳаммули шӯрбои ҷӯшон наёварда, ба суръати ҳар чӣ тамомтар сар баровард ва дастаи сатл дар гарданаш афтода медавид ва сатлро мебурд. Амр аз мушоҳадаи ин ҳол хандон гашта. Яке аз ҳорисон гуфт: «Чӣ маҳалли ханда аст?» Амр ҷавоб дод, ки «имрӯз сабоҳ хонсолори ман мегуфт, ки сесад шутури борбардор адавоти матбахи манро ба заҳмат мекашад ва ҳоло мебинам, ки саге онро ба суҳулат мебарад...».

## СОМОНИЁН

Сомониён нӯҳ нафар буданд ва муддати саду ду солу касре замони давлати эшон имтидод ёфт. Аввал минҳум(1):

## АМИР ИСМОИЛ

Ӯ подшоҳе буд ба сифати инсофату адолат мавсуф ва ба маҳосини ахлоқу макорими одоб маъруф.

PDF Compressor Free Version

Дар васоёи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ мастур аст (2), ки чун амир Исмоил бар Амри Лайс зафар ёфт, ба тафаҳҳуси хазоине, ки Амр ҳамроҳ дошт, иштиғол фармуд ва ҳарчанд шароити тафтиш ба ҷой овард, маълум нашуд, ки он амвол куҷост? Лоҷарам, аз Амр истифсор намуданд, Амр гуфт: «Шахсе аз хешони ман—Сом ном—мутааҳҳиди хазина буд, яҳтамил, ки онро ба Ҳирот бурда бошад». Амир Исмоил ба балдаи фохираи Ҳирот рафта, ҳарчанд аз ҳоли Сому хизона истеълом фармуд, соидае бар он мутаратиб нагашт. Бинобар ин фалокату усрате тамом ба аҳволи мутаҷаннида роҳ ёфт. Аркони давлату аъёни ҳазрат ба арзи он подшоҳи олиҳиммат расониданд, ки маслаҳат он аст, ки чизе бар мутаваттини Ҳирот таҳмил намоем, то лашкариён мураффаҳу осуда гарданд. Амир Исмоил таҷвизи ин маънӣ накарда фармуд, ки «мардумеро, ки амон дода бошем, акнун ба чӣ таъвил аз эшон зар талаб дорем?». Ва ба суръати ҳар чӣ тамомтар нидои раҳил дардод, то дигар он сухан дар миён наёяд ва ба тасвилоти шайтонӣ амре, ки мӯҷиби нақзи паймон бошад, содир нагардад. Чун дар манзиле нузул карданд, боз умаро ҳамон ҳадисро иъода намуда гуфтанд: «Шахре, ки маълум нест, ки дар тасарруфи мо қарор хоҳад гирифт ё на, чунин беяроқ берун рафтан муносиб наменамояд». Амир Исмоил гуфт, ки «он худое, ки асби Амри Лайсро ба тозиёнаи қазо ба тарафи ман давонида, ӯро асири сарпанҷаи тақдир гардонид, қодир аст бар он ки бе ғорату тороҷ таҳияи асбоби сипоҳи ман кунад».

Дар хилоли ин аҳвол канизаке аз канизони хоси амир Исмоил ҳамоиле, ки ба қутъаоти лаълу ёқут тарсеъ ёфта буд, аз гардан берун карда бар зери ҷома ниҳоду худ ба муҳимме машғул шуд. Ногоҳ мушгире ба тасаввури он ки он ҳамоил муҷассам аз гӯштпораҳо аст, аз ҳаво даромада ҳамоилро даррабуд. Баъзе аз наздикон савор шуданду ба ҷониби ғаливож равон гаштанд. Мушгир чун майл кард, ки фуруд ояд, саворон аз атрофу ҷавониби ӯ даррасиданд ва ғаливож ҳамоилро бияфканд. Ба ҳасби иттифоқ он гарданбанд дар чоҳе аз чоҳҳои корезе, ки дар баробар

PDF Compressor Free Version

буд, афтод ва чун касе ҷиҳати ахзи ҳамоил ба чоҳ рафт, дид, ки аз он чоҳ ба чоҳе дигар роҳ аст ва сандуқҳо менамояд. Лоҷарам, ба ҷониби санодиқ шитофт. Он худ хизонаи Амри Лайс буд, ки Сом дар он макон пинҳон карда буд. Билҷумла ба азъофи музоафи он чӣ дар хизонаи хаёл махзун доштанд, ки аз аҳолии Ҳирот бигиранд, ба воситаи риояти аҳду паймон ба ҳусул мавсул шуд.

Гӯянд, ки навбате пеши амир Исмоил аз ҳасабу насаб сухане мегузашт. Фармуд, ки «кун исомиян ва ло такун изомиян». Мурод аз ин калимот он аст, ки фахр ба ҳунару истеъдоди худ кун, на ба он ки дар силсилаи насаби ту бузурге буда. Баъд аз он ки амир Исмоил ба риёзи ризвон хиромид, писараш—амир Аҳмад бар тахти салтанат нишаст. Ва чун ӯ шаҳид гашт, валадаш—Наср фармонравои аном шуд.

## НАСР ИБНИ АҲМАД

Амири саъид Наср ибни Аҳмад подшоҳи одили карим ва малике оқили ҳалим буд. Овардаанд, ки ба арзи ӯ расониданд, ки фалон тоҷир ҷавҳари нафис ба маблағи сездаҳ ҳазор динор харидааст ва он ҷавҳар лоиқи хизонаи подшоҳи додгар аст. Амир Наср фармуд, то бозаргонро ҳозир сохтанд. Чун ҷавоҳирро ситонда чашм бар он андохт, донист, ки аз хизонаи ӯ дуздидаанд. Лоҷарам, аз тоҷир суол кард, ки «ин ҷавҳар аз куҷо ба дасти ту афтодааст?». Ҷавоб дод, ки «аз фалон ғуломи амир харидаам». Амири саъид гуфт, то он ғуломро ба маҷлис оварда қимати ҷавҳарро аз ӯ талаб намуданд. Ва чун маълум шуд, ки аксари самани онро талаф карда, амир Наср ҷавҳарро ба маблағи чаҳордаҳ ҳазор динор аз тоҷир харид. Бозаргон гуноҳи ғуломро дархост намуд. Амир фармуд ки «хунашро ба ту бахшидам, аммо ӯро ҳамроҳи хеш бубар». Ва ғуломро низ ба тоҷир арзонӣ дошт.

Овардаанд, ки рӯзе Абӯнасри муаддиб дар маҳалли номуносиб китобе дар даст назди амири саъид омад. Амир Наср

PDF Compressor Free Version

пурсид, ки «чӣ китобе аст, ки дар даст дорӣ?». Абӯнаср ҷавоб дод, ки «Адаб-ун-нафс». Амир гуфт: «Фа мина ло таъмалу биҳи», яъне чаро ба мазмуни он амал намекунӣ?

Нақл аст, ки дар айёми салтанати амир Наср Мокон ибни Кокӣ, ки дохили умарои Дайлам буд, қасди Хуросон намуд. Амир Наср сипаҳсолори худ — амир Алиро ба дафъи ӯ номзад карда, байналҷонибайн масоф воқеъ шуд. Ва Мокон дар маърака кушта гашт. Амир Алӣ котиби худро гуфт: «Кайфияти воқеаро дар лафзи каму маънии бисёр ба ҳазрати амир арзадошт кун». Котиб навишт, ки «ва аммо Мокон сора каисмиҳи» (3).

Алқисса, баъд аз инқирози айёми давлати амир Наср валади ӯ — Нӯҳ ва Абдулмалик ибни Нӯҳ аз ақиби ҳам ба фармонфармоии умам қиёму иқдом намуданд. (Чунончи, яке аз шуаро гуфта:

**Нӯҳ кас буданд зи Оли Сомон мазкур,**
**Доим ба иморати Хуросон машҳур:**
**Исмоилеву Аҳмадеву Насре,**
**Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур).**

PDF Compressor Free Version

ҚОЗӢ АҲМАД ИБНИ МУҲАММАДИ ҒАФФОРИИ
КОШОНӢ

# Таърихи нигористон

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Муаллифи «Таърихи нигористон» Қозӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаффории Кошонӣ соли 1494—1495 (бино ба маълумоти Ч. А. Стори—дар соли 1515) таваллуд шудааст. Ҷадди бузурги ӯ Абдуғаффор ибни Абдулкарими Қазвинӣ (соли вафоташ 1266) фақеҳи маъруфи шофеъия ва муаллифи китоби «Ал-Ҳовӣ-ас-сағир фӣ-л-фурӯғ» буд. Падараш Қозӣ Муҳаммади Ғаффорӣ, ки муддате қозии Рай буд, дар назму наср ва фунуни шеърӣ низ баҳрае вофӣ

Доир ба рӯзгор ва осори Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ маълумоти кофӣ боқӣ намондааст. Танҳо ҳамин нукта аниқ аст, ки вай ба ҷуз аз «Таърихи нигористон», ҳамчунин «Таърихи ҷаҳоноро»-ро навишта ва соли 1567—1568 ҳини бозгашт аз ҳаҷ дар Дайбули Синд аз олам гузаштааст. дошт ва бо тахаллуси «Висолӣ» шеър мегуфт.

«Таърихи нигористон», ки соли 1552 таълиф ва ба шоҳ Таҳмосп бахшида шудааст, 825 ҳикоёту ривоёт ва латоифи таърихиро шомил аст. Муаллиф зиёда аз сӣ манобеъ ва маохизи таърихиву адабиро мавриди истифода ва истиноду иқтибос қарор додааст, ки «Таърихи Табарӣ», тарҷумаи «Таърихи Яминӣ», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Чаҳор мақола», «Миръот-ул-ҷинон», «Ҷомеъ-ут-таворих», «Таърихи гузида», «Фирдавс-ут-таворих» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Асари мазкур вақоеъву ҳаводиси даҳ қарнро аз замони пайғамбари ислом то аҳди умарои қоҷорӣ дар бар мегирад.

Муаллиф вақоеъи таърихии аҳди хулафои Умавиёну Аббосиён, сулолаҳои Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён Хоразмшоҳиён, Темуриён, Сафавиён ва ғайраро дар қолаби ҳикоёти пандомӯз ва тамсилоти ҳикматомез баён кардааст. Ҳадафи муаллиф аз гузориши таърих зикри мусалсалу пайдарҳами воқеоту ҳаводис набуда, балки ифшои моҳият ва ҳикмати таърих ба ҳайси оинаи ибрат аст. Аз ин лиҳоз, «Таърихи нигористон» омезае аз таърих ва адаб аст, ки бо пораҳои манзум ва латоифу ривоёти ғариб музайян гардидааст.

Нусхаҳои дастнавис ва литугрофии «Таърихи нигористон» дар китобхонаҳои мухталифи мамолики Шарқу Ғарб нигаҳдорӣ мешаванд. Китоб ба забони туркӣ ва забонҳои олмониву инглисӣ тарҷума шуда ва бо тасҳеҳу муқаддима ва тазйили Оқо Муртазо Мударрисии Гелонӣ дар Эрон ба нашр расидааст.

PDF Compressor Free Version

...Машҳур аст, ки навбате амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба Ҳирот омада. Он ҷо ӯро бағоят хуш афтод, аммо умароро ҳавои Бухоро буд. Ҳарчанд васоил меангехтанд, фоида надида обрӯ мерехтанд. Биззарура ба Рӯдакии шоир, ки дар ҳазрати амир адои фараҳафзоиши дилпазир буд, мутавассил гаштанд. Ва Рӯдакӣ қасидаи машҳур, ки матлаъаш ин аст:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме

гуфта, дар хидмати амир бархонд. Чандон шавқ бар амир ғолиб шуд, ки як пои мӯза пӯшида ва муқайяд ба пои дигар нашуда, савор шуд ва ба сӯи Бухоро ҳаракат намуд.

...Дар «Лавомеъ-ул-ишроқ»-и Ҷалолӣ мазкур аст, ки Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ ба маразн мафосил мубтало гашта, қудрат бар қиёму қууд надошт. Атиббо аз тадовӣ изҳори аҷз намуданд. Муҳаммади Закариёро, ки дар он вақт сити ҳазоқати ӯ ба атрофи ҷаҳон расида буд, аз Рай бихост. Вай ба хидмати соҳиби тоҷу тахт расида маразро хориҷ аз ҳитаи илоҷ ёфт. Чун билкуллия аз муолиҷоти ҷисмонӣ навмед шуда, мутаваҷҷеҳи тадбири нафсонӣ гардид. Бинобар ин подшоҳро ба ҳаммом бурд ва дар гармхона нишонд. Баъд аз соате шамшер кашида наъразанону фаҳшгӯён рӯй ба вай ниҳод. Чун асари ҳарорат дар уруқу аъсоби салтанатмаъоб нуфуз карда буд, дигар қуввати ғазабӣ иштидод пайдо карда, ҳарорати ғаризе муштаил гашта, маводи фосидаи балғамӣ, ки дар мафосил музмин шуда буд, ба таҳлил рафт. Ва ӯ ба як бор аз ҷой бархост, ки ба мудофиа пардозад. Ҳаким шамшер аз даст андохта берун

PDF Compressor Free Version


рафт ва муқаррабонро аз сиҳҳати султон муждагонӣ расонида, худ ҳамон соат ба Рай рафт.

...Гӯянд, дар рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900) (1) амир Исмоили Сомонӣ ба таҳрики Мӯътазиди Аббосӣ бо дувоздаҳ ҳазор савор, ки рикоби эшон аксар аз чӯб буд, ба ҷанги Амри Лайс, ки дар он вақт ҳаштод ҳазор савори ҷаррор дошт, омада. Чун рӯзи сешанбе нимаи шаҳри мазкур тасвияи суфуф даст дода, кӯси ҷанг фурӯ кӯфтанд. Аспи Амри Лайс огози бозӣ карда, саркашӣ намуд ва инон аз дасташ рабуда дар дам ӯро ба сафи аъдо расонид ва бе он ки ҷанге воқеъ шавад, ба муҷарради овози табле он навъи лашкар мунҳазим гардида. Ва Амри Лайсро дар хаймае маҳбус сохтанд.

> **Бе мадади Амри Зайд, чун ту ба як чашмзахм,**
> **Лашкари чун кӯҳро кас, ба худо, кам шикаст.**

Яке аз фаррошони ӯ дар ҳаволӣ гузашт. Амр ӯро хоста гуфт: «Барои ман хӯрданӣ тадбир кун». Фаррош қадре гӯшт дар сатле андохта меҷӯшонид, дар он асно ба талаби ҳавоиҷ рафта буд. Саге хост, ки онро даррабояд, даҳанаш сӯхта сарро ба таъҷил берун оварда, дастаи сатл дар гарданаш афтода медавид ва сатлро мебурд. Амри Лайс бихандид, муваккалон гуфтанд: «Чӣ ҷои ханда аст»?.

**Байт:**

> **Ханда, ки аз дил нагшояд гиреҳ,**
> **Гиря аз он ханданӣ бевақт беҳ.**

Гуфт: «Сабоҳи ҳамин рӯз хонсолор ба восиатаи қиллати уштури матбах, бо он ки сесад нафар буд, ба шикоят пеши ман омада буд, акнун саге ба осонӣ мебарад, чӣ гуна бар беэътибории дунё нахандам?!».

**Мисраъ: Ки ойини ҷаҳон, гоҳе чунин бошад.**

...Овардаанд, ки нахустин касе, ки аз Сомон бар тахти

PDF Compressor Free Version

сарварӣ нишаст, сарвари ҷалил амир Исмоил аст. Ва ӯ подшоҳест мутахаллиқ ба ахлоқи карима. Ва аз ҷумлаи ахлоқи мурзиаш он ки дар мабодии ҳол аз қибали бародари бузургтараш, ки Наср ном дошт, ҳокими баъзе вилоёти Бухоро буд ва ойини адолатро шиори худ сохта. Раоёи атроф майл ба раияти ӯ намуда, мамлакати ӯ бағоят ободон шуд. Ошӯбгарон фасод миёни бародарон ба ҷое расониданд, ки қосиди ҷони якдигар гаштанд. Наср аз Самарқанд бо асокир аз сари тақайюзу интибоҳ дасти эътисом дар фитрок ва мо аннасру илло мин инди—л—лоҳ (2) ба муқобала шитофт. Алқисса, аз қилу қол ба ҷидолу қитол анҷомида, муҳим аз теғи забон ба тегу синон расида, дар хилоли ҳарбу зарб лашкари Наср мағлуб гардид ва хидматаш «явма язуру-л-маръу мин аҳиҳи» (3) амал намуда, дар аснои фирор ба дасти яке аз лашкариёни амир Исмоил афтода. Ӯро даст баста, назди Исмоил оварданд. Ҳамагиро аз дуру наздик эътиқод он буд, ки дар дам ба қатлаш мерасонад, аммо он малики малаксират аз он ҷо, ки камоли саломати нафсу покии тинат дошт, аз асп ба зер давида рону рикоби Насрро бибӯсид, чунонки Насрро гумон он шуд, ки истеҳзою тамасхур мекунад. Баъд аз он ҷиҳати ӯ хаймаву боргоҳе тартиб намуда, дар баробари хонаи худ ӯро фуруд овард.

...Дар ҳине, ки амир Исмоил мутаваҷҷеҳи дафъи Амри Лайс буд, гузараш бар кӯчае аз боғҳои Ҳирот афтода. Дар кӯча дарахте пурсеб дид, ки аз девор сар ба роҳ ниҳода. Амир шахсеро бар он дошт, ки мулоҳаза намояд, ки касе ӯё осебе бад-он дарахт мерасонад ё на? Аз фарти адолат ҷумлагӣ лашкар аз он роҳ гузаштанд ва аҳаде аз он себе начид.

**Назм:**

**Посат фурӯ нишонад аз хок шохи савлат,**
**Ҳифзат нигоҳ дорад бар об нақши хотам.**

Амир чун бар ин хабир гашт, шукри илоҳӣ ба тақдим расонида, дил дар зафар баст.

PDF Compressor Free Version

### Ҳикмат:

Подшоҳ чун рӯдхонаи бузург асту аркони давлат чун ҷӯйҳое, ки аз он муншаъиб шуда. Чунонки таъму ранги оби рӯд бошад, ҷӯйҳоро низ чунон бошад. Пас бар подшоҳ воҷиб аст сирати писандида доштан, то дигарон низ сирати некӯ гиранд.

Гӯянд, Муҳаммади Ҳоруни Сурхӣ (4), ки аз ҷониби амир Исмоил ҳокими Ҷурҷон буд, саркашӣ намуд. Амир мутаваҷҷеҳи дафъи ӯ гашта, Муҳаммад аз ӯ бигурехт. Амир ӯро то Қазвин таоқуб намуда, дар маҳалле, ки ба Қазвин расид, ҳангоми иртифоъот буд ва дар он иртифоъот шохҳову меваҳои раз-фаровон. Лашкариёнаш хӯшаи ангуре аз касе талаб накарданд ва фақат гоҳе ба зар мехариданд.

**Ҳикмат:** Тамаъ аз ҷумлаи офот аст, зеро миёнаи он ва маъдалат мунофот аст.

### Байт:

Ҳар киро дил ба адл шуд моил,
Тамаъ аз моли халқ, гӯ, бигсил,
Тамаъу адл оташу обанд,
Ҳар ду як ҷо қарор кай ёбанд?

Чун Амри Лайс ба дасти амир Исмоил гирифтор омад, амир аз ғояти макрамат яке аз муқаррабонашро ба пурсиши ӯ фиристода ва умедвораш намуд. Амр низ дар баробари он алтоф коғазпорае аз бозуи худ боз карда ба он кас дод, ки «ин ганҷ, ки дар айёми салтанати ман ва бародарам андӯхтаем, мехоҳам, ки дар қадами амир исор кунам». Ҳоҷиб онро гирифта, ба таъҷил назди амир Исмоил оварда ҳақиқат бознамуд. Амир бонг бар ӯ зада гуфт: «Бирав ва ин нусхаро бад-ӯ боздеҳ ва бигӯй: «Мехоҳӣ бар хирад аз вай пешӣ гирӣ, туву бародаратро ганҷ куҷо омад? Ҷаҳониёнро маълум аст, ки шумо рӯйгарбачагонед, ба мусоидат замона чанд рӯзе шуморо баркашид ва ба тааддиву таговул моли базаҳу мискин ҷамъ кардед. Акнун мехоҳӣ,

PDF Compressor Free Version

ки мазламае, ки аз онҳо бар гардани шумост, бар гардани ман андозӣ?».

...Ба самъи амир Исмоил расид, ки дар Рай санге, ки бад-он хироҷ аз раоё мегиранд, зиёда аз санги маъмул аст. Бинобар ин чапару элчӣ ба Рай равон дошт. Чун ба ҳаволии Рай расид, мардум дағдаға карданд, ки мабодо мутаззммини макрӯҳе бошад. Он шахс ба шаҳр даромад, сангҳоро дар киса ниҳода сар ба мӯҳр карда, ҳамроҳи худ ба Бухоро бурд. Чун зиёдатии санг зоҳир шуд, ҳукм ба исқоти зиёдатии он намуда, санги муаддалро ба Рай ирсол дошт ва ҳукм фармуд, ки омили он ҷо зиёдате, ки дар санавот гирифта, аз харҷи оянда эшон кам кунад. Ва аз суханони ҳаким Суюн — ҷадди модарии Афлотун аст. **Ҳикмат:** Беҳтар чизе, ки арбоби ҳукму фармон бар он қудрат ёбанд, чашонидани заҳри сиёсат аст ва ҳаловати тахфифи маунат аз раъият. Умед, ки ба ҳамин шеваи мурзия ҳокимӣ рӯзи ҳисоб ва мизон ба мӯҷиби ваъдаи карима фаамма ман сақулат навозинуҳу фа ҳува фи ийшатин розиятин (5) ҷои он амири маъдалатойинро дар фародиси ҷинон намуда бошад. Ва дар ин шак нест, ки пайғамбари акрам (с) фармуда, ки адл-ус-соати хайрун мин ибодат-ис-сабъина санатин (6).

**Назм:**

**Адл кун з-он, ки дар вилояти адл,**
**Дари пайғамбарӣ занад одил.**

Аз суханони подшоҳ Анӯшервони одил аст.

**Ҳикмат:** Адл ганҷест, чандон ки аз он бештар харҷ кунӣ, бештар шавад ва саодати дорайн афзояд. Ва зулм чандон ки камтар харҷ кунӣ, камтар ҳосил гардад.

...Баъзе гӯянд, амир Исмоил баъд аз он ки Амри Лайсро гирифта ба Ҳирот омад, аҳолии он ҷо амон хостанд, бидод. Чун асокир аз ибтидои таваҷҷӯҳ ба ғанимате маҳзуз нагашта буданд, лоҷарам тангиву усрат даст дода, парешонии тамом роҳ ёфта буд ва аз мардуми Ҳирот низ имдоде воқеъ нашуд. Аъёни давлат маъруз доштанд, ки дар ин

PDF Compressor Free Version

шаҳру вилоят сад ҳазор кас хоҳад буд. Агар ҳар як ба ду мисқол зар мадад кунанд, дувист ҳазор мисқол ва агар як мисқол — сад ҳазор мисқол мешавад ва бад-ин қадар мараммати аҳволи лашкар метавон кард. Амир гуфт: «Мо чандин ҳазор мўъминро амон додаем ва хилоф аз рўи шаръу мурувват дур аст».

**Байт:**

**Ҳаст кофир зи сирати неку**
**Мазҳари файзу фазли раббонӣ.**
**Ҳар киро нест ҳусни аҳду вафо,**
**Ҳаст дур аз раҳи мусалмонӣ.**

Ва дар он лаҳза аз Ҳирот равон гашт, то дигар он суханро иъода накунанд, ки мўҷиби нақзи аҳд гардад. Чун ба манзили аввал нузул накунанд, аъёни даргоҳ ба дастур он суханро иъода карданд ва гуфтанд: «Аз мамлакате, ки маълум нест, ки дар тасарруфи мо хоҳад монд, боз чунин бе истеъдод берун омадан аз салоҳи маликӣ дур менамояд». Амир гуфт: «Худое, ки аспи Амрро ба тозиёнаи тақдир пеши ман давонид, қодир аст, ки бе нақзи аҳд таҳияи лашкари мо кунад». Он ҷамоат маъюс аз пеши ў бархост. Муқорини ин ҳол канизе аз хоссони амир дар он хона даромада ҳамоиле, ки мурассаъ ба чанд дона ёқути сероб буд, аз гардан берун карда бар болои рахтҳо ниҳод. Калоғе дар гузор буд. Ба тасаввури он ки васлҳои гўшт аст, онро даррабуд. Ҷондорон савор шуда бар асари он метохтанд. Чун хост, ки фуруд ояд, саворон расиданд. Ҳамоил аз минқори ў ҷудо гашта бияфтоду ба чоҳе, ки дар муҳозии он буд, фуру шуд. Касеро дар чоҳ фиристоданд, аз он ҷо ба ҷои дигар роҳ буд. Чун рафтанд, сандуқҳо диданд, ки бинамуд, ҷумла аз зари сурху сафед ва он худ аз хизонаи Амр буда, ки (Сом) ва қавми ў аз ҷангтоҳ гурезонда, то ҳудуди Ҳирот оварда дар тарафе, ки мазўри халқ дар он ҷо кам воқеъ шудӣ, пинҳон сохта буданд. Алқисса, он чӣ мехостанд, ки бар аҳолии Ҳирот таҳмил кунанд, азъофи он ба даст омад.

PDF Compressor Free Version

**Назм:**

**Чӣ ганҷҳо, ки ниҳоданд, дигаре бардошт,**
**Чӣ ранҷҳо, ки кашиданд, дигаре осуд.**

...Аҳмад ибни амир Исмоил муроотн табақаи фузало бештар аз дигарон намуда, аксари авқот бо эшон мулоқот намуда, суҳбат медошт. Лоҷарам зумрае ба таҳризи фирқаи ғуломон аз ин маънӣ ранҷида. Ва чун ҳам дар он чанд рӯз ба шикор рафта, муовадат намуд, оташ дар он манзил, ки нузул намуда буд, заданд. Дар хилоли он аҳвол хабари ихтилоли мулку шӯриш аз ҳар ҷонибе ба масомеъи ҷалоли амир расид. Боз мурочаат фармуда, дар манзили сӯхта фуруд омад. Ҳамгинон онро ба фоли бад гирифта. Амир дар он марҳала рӯзе муноҷот карда гуфт: «Худоё, агар тақдири ту чунин аст, ин мулк бар ман бишӯрад ва бандагони ту дар заҳмат афтанд, бештар маро марг фурсат надиҳад, ки то он ҳолро набинам». Дар он айём шабе посбон фаромӯш карда ду шер, ки ҳар шаб муқаррар буд, ки бар дари хона аз ҷиҳати ҳаросат мебастанд, бибандад. Фавҷе аз ғуломон ба дарун рафта, ӯро қасд карданд ва ин воқеа дар сеюми ҷумодиюлохир дар санаи салосумиа (300/I.913) ба Бухоро воқеъ шуд.

...Дар таърихи Оли Сомон мазкур аст, ки чун Мокон ибни Кокуя аз дайламиён гурехта, азми тасхири Хуросон дошт ва мехост ба тағаллуб бад-он ҷо муставлӣ шавад. Бинобар ин волии он ҷо амир Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ ба сипаҳсолоре — амир Алӣ ном—бо лашкари ороста номзади он тараф гардонид. Дар вақти равон кардан амир Алиро назди худ хоста, дар боби ҷангу риояти номусу нанг супоришҳо менамуд. Амир Алӣ дар аснои гуфтушунид бар худ мепечид. Чун аз хидмати амир берун омада пироҳан аз тан бадар кард, ақрабе дар даруни пироҳан буд ва ҳафдаҳ ҷо андоми ӯро неш зада буд. Чун хабар ба амир расид, гуфт: «Чаро пештар аз худ рафъ накардӣ?» Гуфт: «Агар банда дар бандагии амир тоби неши

ақрабе наёварад ва ӯро дар миёни сухан гузорад, чӣ гуна тоби захми тиру найзаву шамшер тавонад овард».

**Байт:**

**Касе бар гардани мақсуд даст ҳалқа кунад,**
**Ки пеши тӣри балоҳо сипар тавонад буд.**

Билҷумла талоқии лашкарайн дар зоҳири Рай даст дод ва яке аз лашкари амир Алӣ хаданги ҷонсупоре чунон бар пешонии Мокон зад, ки аз хӯд гузашта, дар сараш нишаст. Ва сарашро бо табар бурида назди амир Алӣ оварданд. Ва ӯ хост, ки кабӯтарнома бар ҷониби амир Наср, ки дар он вақт дар Нишопур буд, парвоз диҳад. Бинобар ин ба Искофии муншӣ, ки саромади муншиён буд, гуфт: ду калима, ки мухбир бошад аз қатли Мокон, ба амир бинависад. Ӯ навишт: «Аммо Мокон фасора ка исмиҳи» (7).

Гӯянд, рӯзе дар хидмати амир Наср таърифи ҷавҳаре мегузашт, ки тоҷире дар маърази байъ дароварда буд. Ҷавҳарро бо тоҷир ҳозир сохтанд. Амир Алӣ ҷавҳари худро бишинохт. Аз вай пурсид: «Аз кӣ харидаӣ?». Ишорат ба яке аз ғуломони амир кард. Амир чаҳордаҳ ҳазор динор ба ивази сездаҳ ҳазор диноре, ки аз ғулом мабиъ намуда буд, ба тоҷир дод. Ва бозаргон, чун лутфу адл дид, ҷурми ғуломро дархост намуд. Амир ғуломро бад-ӯ бахшид.

Дар он замон, ки бародарон бар амир Наср хуруҷ карданд, баъзе мардум ба хизона дастдарозӣ карданд ва вай аз он қазия огоҳ буд. Иттифоқан корде оварданд, ки амир онро бихарад. Амир кордро бишинохт, пурсид, ки «инро ба чанд харидаӣ?». Гуфт: «Ба дувист динор». Амир дар таслими он ваҷҳ ишорат фармуд. Он шахс музояқа карда гуфт: «Аз ҳазор динор камтар нест». Ҳозирон гуфтанд: «Амир корди худро бад-он чӣ харида, аз ту мехарад, музояқа чист?». Ва хостанд, ки онро ба зӯр аз ӯ биситонанд. Амир гуфт: «Ӯро ҳеҷ магӯед, худ донад». Дар ин маҳал ғаммозон фурсат ёфта арза доштанд, ки ҷамъе аз арбоби сарват маблағе аз хизона бурдаанд, онҳоро аз эшон бо чизе

PDF Compressor Free Version


зонд метавон гирифт. Амир гуфт: «Ҳар кас насиби худ бурда ва ман эшонро биҳил кардам».

**Мисраъ:**

**Мо биҳил кардем боре, он чӣ бо мо кардаанд.**

Оли Сомон, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр ба салтанат расида, нӯҳ нафаранд, ки асомии эшон дар ин рубоӣ мундариҷ аст.

**РУБОӢ:**

**Нӯҳ тан буданд з-Оли Сомон машҳур,**
**Ҳар як ба ҳукумати Хуросон мағрур:**
**Исмоилеву Аҳмадеву Насре,**
**Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.**

Муддати мулкашон саду ду солу шаш моҳу бист рӯз биҳоза—т—тафсил (8). Аввал амир Исмоил — ҳашт солу ду моҳ. Дуввум, Аҳмад ибни Исмоил — панҷ солу чаҳор моҳ. Сеюм, Наср ибни Аҳмад — сию се солу се моҳ. Чаҳорум, Нӯҳ ибни Наср — дувоздаҳ солу ҳафт моҳу ҳафт рӯз. Панҷум, Абдулмалик ибни Нӯҳ — ҳафт солу ним. Шашум, Мансур ибни Абдулмалик — ёздаҳ сол. Ҳафтум, Нӯҳ ибни Мансур — қариб бисту ду сол. Ҳаштум, Мансур ибни Нӯҳ — як солу ҳафт моҳ. Нӯҳум, Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Мансур — ҳашт моҳу ҳафдаҳ рӯз. Насаби Оли Сомон ба Баҳроми Чӯбин мерасад бад-ин тартиб: Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ибни Адоҳ ибни Ҷасмон ибни Туъом ибни Нусарв ибни Баҳроми Чӯбин.

Алптегин, ки аз ҷумлаи ғуломони Аҳмад ибни Исмоил буд, дар замони Абдулмалик ибни Нӯҳ ба иёлати Хуросон шитофта дар санаи хамсина ва салосумиа (350/961—962). Чун Абдулмалик вафот ёфт, умаро дар кори салтанат мутараддид гашта, аз Алптегин иҷозат талабиданд. Чун Мансур ибни Абдулмалик дар ҳадосати син буд, Алптегин аммашро соҳибихтиёр кард. Умаро пеш аз ҷавоби ӯ Мансурро ба подшоҳӣ бардошта буданд. Бинобар ин сухан Мансур аз

Алптегин ранҷида, баъд аз истиқлол ӯро ба дарроҳ хонд. Ва ӯ аз он мутталеъ гашта, аз ҳукми ӯ сар печида бо ҳафтсад нафар аз муътамадони худ аз канори оби Омуя мурочаат намуда, мутаваҷҷеҳи Балх шуд. Мансур понздаҳ ҳазор савор аз паси ӯ равона намуд. Алптегин аз Балх гузашта ва аз роҳи Кареван Ҳиндукуш рафт ва бар сари дарае фуруд омаду дар он ҷо хабари лашкари Бухоро шунида, мардуми худро гуфт: «Ҷанг бо ин ҷамоат аз қабили ғазост, ҳар кадом аз шумо хоҳед, сари хеш гиред ва роҳи офият — пеш». Ҳама ба иттифоқ гуфтаанд, ки «солҳост, ки туро бар мо ҳуқуқи неъмат аст, туро дар ин вақт гузошта куҷо равем?».

Алптегин шароити таҳсин ба ҷой оварда, дувист нафарро дар ду тарафи он дара дар камин гузошт ва понсад касро панҷ қӯшун сохта, дар баробари лашкар омаду ҷанги сахт кард. Ва охир бо ҷониби дара фирор намуд ва лашкар аз пайи эшон битохтанд. Чун дара тангу мағок буд, он қадар гузошт, ки тамомии лашкар баромад ва худ аз пеши лашкар баргашта ҳарб дарпайваст. Арсаро маҷоли он набуд, ки касратро бар қиллат тафаввуқ бошад. Ва саворон бар забари якдигар меронданд ва аз болои сари эшон сангу тир меандохтанд. Хостанд, ки баргарданд. Мубоaccess, ки дар пай монда буданд, камин гузоштанд ва димор аз рӯзгори эшон бароварданд. Алқисса, аксари эшон аз теғу тир гузашта, бақоё дастгир шуданд. Алптегин аз он ҷо ба Ғазнин рафта, ба тағаллуб бар он ҷо муставлӣ шуд ва муддати шонздаҳ сол ҳукумат карда бимурд ва ҳашаму хайлаш Сабуктегинро, ки ғуломи домоди ӯ буд, чун осори давлат бар ҷабинаш ҳувайдо диданд, ба сарварӣ бардоштанд.

...Чун Фахруддавла аз садамаи сипоҳи кинахоҳи Муайийдуддавла ба Хуросон афтод, паноҳ ба Оли Сомон бурд ва Ҳисомуддавлаи Тош—амирулумаро он ҷо буд, ки бо амри амир Нӯҳи Сомонӣ лашкар ба Ҷурҷон кашида, мунҳазим бозгашта. Ва Фахруддавла дар паноҳи ӯ авқот мегузаронид, то он ки аз Ироқ ӯро талаб дошта ба салтанат нишонданд. Баъд аз он ҷамъе дар пеши амир Нӯҳ дар ҳаққи падараш сиъоят карда, аз Сомония рӯгардон гашта

PDF Compressor Free Version

назди Фахруддавла ба Ҷурҷон рафт. Ва он подшоҳи ҳақшинос мавридашро ба таъзим талаққӣ намуда, ӯро дар дорулиморае, ки ба фаршҳои фохир ва асбобу адавоти шоҳона ороста буд, фуруд оварда ва ҷамъеи буйутот, мисли хизонаву рикобхона ва ғайра бо тамомии асбоб, ки дар он ҷо буд, бад-ӯ гузошта, худ ба Рай рафт. Ва хироҷи Деҳистон ва Обаскуни Ҷурҷон дар ваҷҳи ихроҷоти ӯ муқаррар гардонида, ӯро ба туҳафу ҳадоё ёдоварӣ намудӣ. Дар «Тарҷумаи Яминӣ» (9) навиштааст, ки Фахруддавла аз Рай ба воситаи вай мувозини панҷоҳ ҳазор мисқол тилло, даҳ ҳазор мисқол нуқра ва понсад тахта асвоби мулаввад ва яксад сар асбу астар бо афсор ва зини заррин ва амтиъаву аслиҳаи бениҳоят хидмати Ҳисомуддавла ирсол дошт. Соҳиб ибни Аббод бо вуҷуди улуввн ҳиммату дод ин маъниро бо табзиру исроф ҳамл мефармуд. Фахруддавла ба фаросат дарёфт ва рӯй ба Соҳиб оварда гуфт: «Агар ҳамаи мулку моли муктасабу маврус дар ваҷҳи Тош исор кунам, ҳанӯз аз ҳазор яке ва аз бисёр андаке ҳуқуқи аёдии вайро узр нахоста бошам. Аз ҷумла, дар он айём, ки дар Нишобур будам, чунон ба ман расид, ки бародаронам макотиб бад-ӯ навишта дар талаби ман муболаға аз ҳад гузаронида ва ба ӯ маблағе кироманд низ тааҳҳуд фармуданд. Қазоро ҳам дар он наздикӣ писари аммам — Бахтиёр ба дасти Азудуддавла гирифтор гашта, аз по даромад. Ғолиби занни ман он буд, ки вай маро бад-эшон хоҳад супурд. Ва дар он шаб аз ғояти ваҳму ҳарос ва хаёлоти ношӣ аз камоли васвос маро хоб набурда. Мазмуни ин байт насабулайни ман буд, назм:

**З-ин гуна, к-аз қазову қадар дар кашокашам,**
**Дар ҳайратам, ки кори ман охир куҷо кашад.**

Сабоҳ ҳоҷиби Тош ба дари сарои ман омада ва баъд аз иҷоза даромад. Ман билкуллия қатъи умед кардам. Ҳоҷиб аз ҷониби соҳибаш дуо расонида гуфт: «Амир як даме истидъон қудуми шуморо дорад». Ин маъни низ иловаи онҳо шуда. Алқисса, бо хотири мушавваш ва ҳоле нохуш

PDF Compressor Free Version

рӯй ба роҳ овардам. Чун бо вай иттифоқи мулоқот афтод, бештар аз он ки маъҳуд буд, ба тақдим расонида, маро як маротиба аз он ташвиш, ки доштам, итминон бахшид. Ва рӯй ба ман оварда гуфт: «Намехостам, ки навиштаҳои бародаронатро ба ту намоям. Чун ин маънӣ мусталзами сӯизанну мӯҷиби тафриқаи хотири шумо буд, лоҷарам онҳоро ба ту менамоям». Ва савганди калон ёд кард, ки як тор мӯи туро ба тамоми Ироқ надиҳам ва агар тавфиқ рафиқ гардад, бикӯшам, то туро ба мулки маврусӣ расонам. Ва чанде аз ин мақула баён кард, то маро билкуллия итминон ҳосил шуд. Акнун, эй Соҳиб, чӣ гуна чунин касеро, ки бе собиқаи маърифате ва бе алоқаи муҳаббату муваддате, бе он ки бар зиммати ӯ ҳаққе собит шуда бошад ва дар борai ман ин ҳама мардумӣ ба тақдим расонида бошад, бо вуҷуди қудрати мукофот маъзур дорам ва номи худро дар адоди ҳақношиносон даровaрам, охир?!». Тоши писандидамаъош дар шуҳури санаи тисъа ва тисъина ва салосумиа (399/1008—1009) дар вабои муфрите, ки дар Ҷурҷону Астарobод даст дода буд, фурӯ рафт. Назм:

З-оташи қаҳри вабо гардид ногоҳон хароб,
Астарободе, ки хокаш буд хушбӯтар зи мушк.
Андар он аз пиру аз барно касе боқӣ намонд,
Оташ андар беша чун афтад, на тар монад, на хушк.

...Муаллифи «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» (10) оварда, ки Муҳаммади Ҳоруни Сурхӣ, ки аз қибали амир Исмоил волии Гарҷистон буд, нисбат бад-ӯ саркашӣ намуд. Сабабаш он ки ғуломе Софӣ ном, ки аз шаробиёни амир буд, бо ду ғуломи дигар хиёнате карда, фирор намуданд ва ба Ҷурҷон рафта ба Муҳаммади Ҳорун мутавассил гардиданд. Ва чун ин хабар ба амир расид, ҳарчанд эшонро аз ӯ хост, Муҳаммади Ҳорун узрҳои норавo мегуфт. Ва маротиби эҳмол маншаи калолу малол гардида, биззарура ба ҷониби Ҷурҷон таваҷҷӯҳ намуд. Ва Муҳаммади Ҳорун аз ӯ рӯгардон шуда ба Омул шитофт ва амир низ ба Омул рафт. Муҳаммади Ҳорун аз он ҷо ба Рай рафт. Ва амир чанд рӯзе дар

PDF Compressor Free Version


он ҷо таваққуф намуда дар Омул кӯшке бино карда. Баъд аз он амир аз ақиби ӯ то Қазвин рафта, ӯро ба аҳду мисоқ ба чанг овард. Ва ҳарчанд волии Бағдод аҳком ба қайди ӯ мефиристод, амир таҷвизи нақзи аҳди ӯ нанамуда, аз онҳо иғмоз мефармуд, то он ки Муҳаммади Ҳорун рӯзе дар хидмати амир ба намози ҷумъа рафта, асбони эшон ба ҳам уфтоданд. Ва асби амир боракии Муҳаммади Ҳорунро ба зер кард. Яке аз ҳуззор ба ёри худ мегуфт, ки «чун амир аз ӯҳдаи интиқоми ӯ берун наёмад, асбаш ивази ӯ қусур рост кард». Ва амир аз ин сухан барошуфта, ба қайди Муҳаммади Ҳорун ишорат фармуд. Муаллифи «Таърихи гузида» (11) гӯяд, ки амир ӯро ба қатл овард.

PDF Compressor Free Version

# Таъликот

PDF Compressor Free Version

## ШАҶАРАИ АМИРОНИ СОМОНӢ

1. Сомонхудот — аҷри VIII
2. Асад ибни Сомон — охири а. VIII — ибтидои а. IX
3. Аҳмад ибни Асад — 819-864
4. Наср ибни Аҳмад — 864-892
5. Исмоил ибни Аҳмад — 892-907
6. Аҳмад ибни Исмоил — 907-914
7. Наср ибни Аҳмад — 914-943
8. Нӯҳ ибни Наср — 943-954
9. Абдулмалик ибни Нӯҳ — 954-961
10. Мансур ибни Нӯҳ — 961-976
11. Нӯҳ ибни Мансур — 976-997
12. Мансур ибни Нӯҳ — 997-999
13. Абдулмалик ибни Нӯҳ — 999
14. Исмоил ибни Нӯҳ — 999-1004

## ХУЛАФОИ ОЛИ АББОС

1. Абулаббоси Саффоҳ — 750-754
2. Мансур — 754-775
3. Маҳдӣ — 775-785
4. Ҳодӣ — 785-786
5. Ҳорунаррашид — 786-809
6. Амин — 809-813
7. Маъмун — 813-833
8. Мӯътасим — 833-842
9. Восиқ — 842-847
10. Мутаваккил — 847-861
11. Мунтасир — 861-862
12. Мустаин — 862-865
13. Мӯътазз — 865-869

PDF Compressor Free Version

14. Мўхтадӣ — 869-870
15. Мўътамид — 870-892
16. Мўътазид — 892-902
17. Муктафӣ — 902-908
18. Муқтадир — 908-932
19. Қоҳир — 932-934
20. Розӣ — 934-940
21. Муттақӣ — 940-944
22. Мустакфӣ — 944-946
23. Мутеъ — 946-974
24. Тоеъ — 974-991
25. Қодир — 991-1031

## «ТАЪРИХИ БУХОРО»-и НАРШАХӢ

Таҳияи матни мазкур аз рўи нашри Мударриси Разавӣ (Таърихи Бухоро. Теҳрон. Интишороти Тўс, 1363, чопи дуввум) сурат гирифт.

1. **Ба сабаби риддат, ки аз вай зоҳир шуд...** — Бино бар ахбори Наршахӣ Туғшода ба дасти Қутайба имон оварда буд. Баъди ислом овардан ўро писаре таваллуд шуд ва ба хотири дўстие, ки байни Туғшода ва Қутайба ибни Муслим буд, кўдакро Қутайба ном карданд. Қутайба баъди вафоти падари хеш — Туғшода бар тахт менишинад, вале аз ислом баргашта муртад шуд. Абўмуслим аз ин мочаро хабар ёфта, Қутайба ибни Туғшода ва бародари ўро бо касони эшон ҳалок кард.

2. **Бухорхудот** — номи умумии фармонравоёни Бухоро дар даврони ҳокимияти Сосониён ва аҳди аввали ислом. Ин суннат то ба рўзгори Сомониён тадовум кардааст. Тибқи ахбори Наршахӣ солҳои 80-уми а. VII ва миёнаи а. VIII Бидун, Туғшода, Бунёт ва Сухон ном ҳокимон дар Бухоро Бухорхудот будаанд. Бино бар ақидаи тасҳеҳгари матни «Таърихи Бухоро» — Мударриси Разавӣ ҳарфи «Т» дар охири ин вожа таъсири забони арабӣ буда бояд «Бухорхудо» хонда шавад. Ба занни қавӣ вожаи мазкур аз решаи суғдӣ муштақ шудааст. Ва бино бар қавли Забеҳуллоҳи Сафо, ки дар асари «Ҳамосасарой дар

Эрон» омада, вожаи «худой», «худот» ба маънои «молик, соҳиб, ҳоким» аз истилоҳи мутадовили кишвардорони Мовароуннаҳр дар давронҳои пеш аз ислом ва асрҳои VIII-IX маҳсуб мегардидааст. Дар гӯишҳои форсии миёна вожаи «худот» ба маънои «шоҳ» низ мустаъмал будааст.

Лозим ба ёдоварист, ки баъди футуҳоти исломӣ аъёну акобири Бухоро аз силсилаи Бухорхудотҳо дар дастгоҳи хилофат маъмурият ва эътибори хоссе доштаанд. Дар охири а. VIII ва ибтидои а. IX дар баробари афзудани мақому нуфузи Бухоро нақши он дар вокеоти сиёсии минтақаи шарқии хилофат беш аз пеш аҳаммият пайдо мекард. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар «Таърих-ур-русул ва-л-мулук»-и хеш аз Аббос ибни Бухорхудот ёд мекунад, ки дар соли 811 дар дастгоҳи хилофат мақоми муҳиме доштааст. Ҳамчунин дар вокеаҳои соли 836 номи дигар намояндаи ин хонадон — Муҳаммад ибни Холидро оварда, тазаккур додааст, ки ӯ ҳангоми шӯриши Бобак дар Озарбойҷон дар майдони муҳориба размида, ва ба подоши он соли 838 ба ҳукумати Арманистон маъмур гардидааст. Маъхазҳои арманӣ низ аз ин шахс бо номи Бухорхудот ёд кардаанд. Афроди хонадони Бухорхудот дар Бухоро ҳам аз мақоми арҷманде бархурдор будаанд.

3. **Байтулмол** — яке аз ниҳодҳои густардаи низоми давлатдории асрҳои миёна. Аз мавод ва мадорики фаровоне, ки дар луғатномаҳо омадааст, маълум мегардад, ки вожаи мазкур маънои хонаи молу ғанимат ва моли мутаваффиро доштааст, ки баъд аз ҳисобу китоб он мол дар он ҷо нигоҳдорӣ мешудааст. Байтулмол дар ҷараёни рушди дастгоҳҳои давлатӣ тадриҷан ба хизонае табдил ёфт, ки ҳамаи мусулмонон бар моли он ҳақ доштанд. Ба ин маънӣ байтулмол дар қаламрави хилофат маркази амвол ва дафотири давлатӣ низ ба шумор меомад. Нахустин касе, ки дар таърихи давлатдории исломӣ байтулмолро бунёд ниҳод, савумин аз хулафои рошидин — Умар ибни Хаттоб (р) буд, ки аз соли 634 то 644 бар маснади хилофат нишастааст.

4. **Кундуз ва куҳандиз** — муарраб ва мухаффафи «кӯҳандиз» ё «кухандиж» аст ба маънии «калъа» ё «ҳисори қадим». Ағлаби

PDF Compressor Free Version

шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар замони қадим куҳандиже доштаанд. Ба ақидаи В. В. Бартольд шаҳрҳои асри X ва қуруни оянда дар ҳудуди рабазҳо вусъат ёфтаанд. Дар адабиёти ҷуғрофии қуруни вусто барои номи шаҳрҳои Осиёи Марказӣ истилоҳоти махсус мавҷуд аст, ки қисман дар ин марзу бум арзи вуҷуд карда, қисман аз забони арабӣ ба форсӣ ворид шудаанд. Чунонки академик Н. Неъматов таъкид кардааст, арки шаҳрро бо истилоҳҳои форсии «диз» (қалъа) ва «куҳандиз» (қалъаи кӯҳна ё қалъа дар баландӣ), инчунин истилоҳи арабии «қалъа» ифода мекарданд. Ба қисми дохилӣ ва нисбатан қадимтари шаҳр, ки бо девор иҳота буд, истилоҳи форсии «Шаҳристон» ва арабии «Мадина»-ро ба кор мегирифтанд. Ҳаволии шаҳр, ки мустақиман ба шаҳри дохилӣ — «шаҳристон» мепайваст, «рабаз» (истилоҳи арабӣ) ном дошт. Баъзан девори умумии шаҳристон ва ҳаволиро «рабаз» меномиданд. Гоҳо шаҳр (шаҳристон) ва рабазро «балад» низ мегуфтанд. Ҳамзамон бо таъсиси давлатҳои пуриқтидор, ба вижа, давлати мутамаркизи Сомониён кӯҳандизҳои мустаҳкам аҳамияти пештараи худро аз даст доданд. Дар ағлаби навиштаҷотҳои ҷуғрофидонҳои асрҳои IX-X аксаран қайд шудааст, ки аркҳо ба хароба, дизҳо (қалъаҳо) ба «кӯҳандизҳо» (қалъаҳои кӯҳна) мубаддал гардиданд. Аз ин сабаб шаҳристонҳои баъзе шаҳрҳо тадриҷан рӯ ба таназзул ниҳоданд.

5. **Қаболае берун оварданд** — яъне ворисони Саҳл ибни Аҳмад санади аз ҷониби Муҳаммад ибни Тоҳир ба Саҳл ибни Муҳаммад фурӯхта шудани деҳаро пешкаш карданд.

6. **Вақф** — замин ё мулке ки барои мақсуди муайяне дар роҳи худо ихтисос диҳанд. Манфиате, ки аз вақф ҳосил мешавад, бояд дар роҳи худо масраф шавад. Вақф дар шариати исломӣ чанд навъ аст, амсоли вақфи ом, вақфи хос, вақфи ғуфрон, вақфи замбот ва ғайра. Бояд гуфт, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон вақф яке аз сарчашмаҳои бисёр муҳими таъсис ва равнақи мактабу мадорис ва кулли риштаҳои марбут ба илму фарҳанг маҳсуб мегардид. Ба ин маънӣ вақф ба ҳайси василаи муассири фароҳам омадани заминаҳои моддии рушд ва тадовуми илму фарҳанг дар рӯзгори қуруни вусто аз арзиши

PDF Compressor Free Version

хосе бархурдор будааст. Зимнан, низоми вакф бо таваччўх ба зиндагии табакоти муфлиси чомеа аззои ичтимоиву иктисодии мардумро то андозае танзим менамуд.

7. **Алавиён** — гурўхе аз бузургони авлоди Алӣ ибни Абўтолиб (р) ба номи «Аиммаи Алавӣ» ё «Зайдӣ» дар карни II хичрӣ дар Табаристон киём карданд. Алавиён маснади хилофати Бағдодро хакки аз дастрафтаи худ медонистанд ва аз ибтидои хукумрони Аббосиён мавриди тахдиду таъкиб карор гирифтанд. Асосгузори ин харакат Хасан ибни Зайд буд мулаккаб ба Доъии Кабир, ки ба даъвати мардум алайхи Аббосиён, интишори мазхаби шиа ва тарафдорӣ аз хонадони Алӣ ибни Абўтолиб пардохт. Пас аз ў чонишинонаш дар Табаристон кудратро ба даст гирифтанд ва хукумати эшон такрибан аз соли 864 то 1034 давом ёфт. Нуфузи Алавиён дар доманакўххои Албурз ва сохили Бахри Хазар, дар навохии Мозандарону Табаристон, ки лашкари халифа ба он чо дастрасӣ надоштанд, хеле амику кавӣ будааст. Бо вучуди ин ағлаби сарону бузургони ин хонадон дар зиндони хулафои аббосӣ чон супурданд.

8. **Донг** — вожаи кадими эронист ва дар забони дарӣ хам ба маънои вохиди масохат ва хам барои ифодаи вазн мустаъмал буд. Донг ба хайси ченаки масохат шашяки хар чиз (замин, мулк, хона) ва чун вохиди вазн муодили хашт хабба ё хашт чав мебошад. Дар матни мазкур ба маънии вохиди масохат омадааст.

9. **Чаъфариён** — гаравидагони равияи чаъфарӣ, ки унвони хешро аз номи имоми шашуми ахли шиъа Имом Чаъфари Содик (р) гирифтаанд. Имом Чаъфар дар Мадина таваллуд шуда (такрибан соли 700), дар хамон чо мадфун (785 м) аст. Насабаш аз чониби падараш — Мухаммад ал-Бокир (имоми панчум) ва чаддаш — Зайнулобидин (имоми чахорум) ба авлоди пайғамбар ва аз тарафи модараш ба хонадони Абўбакри Сиддик (р) мерасид. Мазхаби Чаъфарӣ аз чониби ахли суннат дар радифи чахор мазхаби суннӣ — ханафӣ, шофеъӣ, ханбалӣ ва моликӣ ба хайси равияи мустакил эътироф шудааст. Ташаккули мазхаби чаъфарӣ ба фаъолияти Имом Чаъфар марбут аст. Ў дар таълифоти хеш, минчумла, дар «Ас-сафӣ» назарияи

PDF Compressor Free Version

хосаи фиқҳи исломиро ба вуҷуд овард, ки он баъдтар зербинои низоми ҳуқуқии системаи таълимот дар бораи имомат қарор гирифт. Ҳазрати имом баъзе ақидаҳои шиъа ва ҳамчунин таълимоти рофизиёнро роҷеъ ба ғайбату раҷъати имомон (ҳулул, ташбеҳ ва ғайра) рад намуд. Баъди вафоти Имом Ҷаъфар пайравони ӯ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: яке имомати Мӯсо ибни Ҷаъфарро эътироф намуда, имоматро тавассути наслҳои ӯ то имоми дувоздаҳум расонидаанд. Дуввумӣ имомати Исмоил ва писараш — Муҳаммадро қоил буданд.

10. **Раҳимаҳуллоҳ** — худой ӯро бахшояд. Дар мутуни арабиву форсии баъдиисломӣ пас аз зикри номи хулафои рошидин, саҳобагону ансори Расули акрам (с), умарову бузургони давлат, уламову ҳукамову фуқаҳо афзудани ибороте амсоли разияллоҳу анҳу (худо аз ӯ розӣ бошад), раҳматуллоҳи алайҳ (раҳмати худо бар ӯ бод), раҳимаҳуллоҳ (худой онҳоро бахшояд) аз одоби мусалмонӣ ва китобат ба шумор меомад. Лозим ба ёдоварист, ки employees иборaҳои «саллаллоҳу алайҳи ва саллам», ас-салоту ва-с-салом» танҳо дар мавриди зикри номи Расулуллоҳ (с) ва олу асҳоби ҳазрат истифода мешавад.

11. **Дарвоза** — аз ёдгориҳои таърихиву меъмории Бухоро ва умуман мардуми тоҷик аст. Дарвозаҳо таъйиноти мудофиавӣ дошта барои бастани даромадгоҳи шаҳр ва арку қалъаҳо хидмат мекарданд. Ба қавли донишманди тоҷик Ш. Шукуров дар тасаввури урфии мардуми эрониажод, алалхусус тоҷикон мафҳумҳои «дар», «дарвоза» ва ҳамчунин «остону ток» сараввал маънии пайвандгоҳи масоҳатҳо ё ҳудуде барои гузаштан аз як масоҳат ба масоҳати дигарро дошта, тадриҷан маънои рамзӣ низ пайдо кардаанд. «Дар» ҳудуди миёни ду мафҳуми иҷтимоиву космологӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғ. буд. Аксаран ҳудуди байни мабдаи мардонаву занона, байни болову поин ба меҳвари амудӣ ва росту чап бо хати уфуқӣ, байни неку бад, ҳақиқату дурӯғ ба воситаи дару дарвоза ё остона ифода мешуд. Маънои рамзии ин мафҳум аз осори таърихии маданияти моддии башарият, аз ҷумла, аз анъанаҳои мифологӣ ва динӣ, аз анъанаҳои шеър ва санъати тасвирии халқҳои эронзабон аз замонҳои қадим ва алалхусус аз замони Сомониён ба баъд ба хубӣ намудор аст. Дар ин замон шаҳрҳо ба куҳандиз ва шаҳристону

PDF Compressor Free Version

работ тақсим шуда, ҳар кадоми онҳо соҳиби дарвоза буданд, ки дар баробари таъиноти мудофиавӣ аз унсури оройиши меъморӣ маҳсуб мешуданд. Арки Бухоро ду дарвоза дошт. Дарвозаи Ғуриён дар шарқ ва Дарвозаи Регистон дар ғарб. Наршахӣ ба ғайр аз ин боз чор дарвозаи дигар: Дарвозаи Маъбид, Дарвозаи Мансур, Дарвозаи Нав ва Дарвозаи Саъдободро ном мебарад, ки ба шаҳристон ё работ нисбат доштани онҳо маълум нест. Дар баъзе тадқиқоти ҷадид номи яке аз дарвозаҳои Бухоро ба шакли «Дарвозаи Маъбад» омадааст. Вале бино бар ақидаи В. В. Бартольд саҳеҳ «Дарвозаи Маъбид» аст, ки унвони хешро аз номи яке аз сарҳангони арабӣ шаҳри Бухоро Маъбид ал-Хайл гирифтааст (ниг. В. В. Бартольд, Сочинения т. I., М., 1963, с. 153).

Бисёр аз обидаҳои муаззами меъмории Марву Бухоро ёдовари корсозиҳои Хоҷа Абулфазли Балъамӣ, ёдовари мақоми шоистаи ӯ дар равнақу тараққии шаҳрсозиву шаҳрдории тоҷикон аст. Муаррихони қуруни вусто яке аз дарвозаҳои шаҳри Бухороро ба номи «Боб-уш-шайх Абулфазл» зикр кардаанд, ки мақсуд аз он дарвозаи шайхулҷалил Хоҷа Абулфазли Балъамист. Академик В. В. Бартольд аз мавҷудияти «Дарвозаи Шайхи Ҷалил» дар Бухоро сухан ронда, онро ҳамон дарвозае медонад, ки Балъамӣ бино карда буд.

12. **Девон** — девон аслан вожаи паҳлавӣ буда, дар маънои мушобеҳ ба идора ба кор рафтааст. Дар адвори фармонравоии Сосониён идороте, ки корҳои мухталифи давлатро ба сомон мерасониданд аз қабили идораҳои марказии харҷу даҳл ва силоҳу ҷопорхонаҳо бо номи девон маъруф буданд. Девонҳои марказӣ вазоифи вазоратхонаҳоро бар ӯҳда доштанд. Хилофати араб дар заминаи пайравӣ ва истифода аз ташкилоти идории Сосониён на фақат низоми девонсолориро пазируфтанд, балки калимаи «девон»-ро низ ба ҳамон маънои аслии паҳлавиаш ба забони худ ворид намуданд. Мувофиқи ахбори «Муқаддимаи Ибни Халдун» вожаи мазкур дар забони арабӣ бори нахуст дар дафтари ҷамъу харҷ ва ё дафтаре, ки дар он номи муҷоҳидон сабт мегардид, истеъмол шудааст. Тадриҷан бо густариш ва тавсеаи дастгоҳҳои идораи хилофат доираи истеъмол ва зарфияти маънавии вожаи мазкур вусъат пайдо намуд. Чунон, ки донишманди тавонои эронӣ Муҳаммади Муҳаммадӣ

PDF Compressor Free Version

таъкид кардааст, истеъмоли ин калима дар Эронзамини кадимтар аз давлати Сосониён буда, ба замони ҳокимияти Ҳахоманишиён мерасидааст. Аз ёдгориҳои хаттии аҳди бостон ва манобеъи румиву арабӣ пайдост, ки давлати Ҳахоманишиён дорои ташкилоти идории муназзаме будааст, ки он дар натиҷаи кордонӣ ва тадбири сиёсии Куруши Кабир ва Дорои I ба камол расидааст. Чунончи, Дорои I дар даврай салтанати худ (522-486 пеш аз милод) дар созмони идории кишвар таҷдиди назар карда ва ба ин васила умури давлатро ба танзим даровардааст, бо бунёди шоҳроҳҳо ва эҷоди чопорхонаҳо низоми комилан ҷадиди муносибат ва иртиботи дастгоҳҳои маҳаллӣ ва марказии давлатиро вазъ намудааст. Муаррихи юнонӣ Плутарх ба мавҷудияти табақоти хоссаи дабирон дар дарбори шоҳони ҳахоманишӣ ба вузӯҳ ишорат кардааст. Аз ин ишораҳо бармеояд, ки Ҳахоманишиён барои идораи умури мамлакат созмони девонӣ таъсис дода будаанд. Ин созмон дар он замон аз ду девон фароҳам омада дар яке хати мехӣ ва дар дигаре алифбои оромиро ба кор мегирифтаанд. Муҳаккиқон бо такя ба манобеъи юнонӣ ва арабӣ шабоҳати девонҳои Ҳахоманишиёнро аз ҳайси низом ва ташкилот ба девонҳои замони Сосониён ва хилофати араб қайд кардаанд.

Умарои Оли Сомон ва ба дунболи эшон дигар сулолаҳои ҳоким дар рушди низоми давлатдорӣ ва бунёди девонҳои мухталиф кӯшиши фаровон ба харҷ доданд. Барои итминон бар ин қазия кофист аз унвони девонҳое, ки Алиакбари Деҳхудо баршумурдааст, ёдовар бишавем: Девони аҳдоси арбаат, девони аҳшом, девони истеъфо, девони ишроф, девони иншо, девони хайрот, девони тамиз ё кишвар, девони гизо, девони тавкеъ, девони кайфар, девони ҷунд, девони ҷайш, девони ҳарб, девони ҳисоб, девони хотам, девони хоса, девони динордихӣ, девони рӯҳонӣ, девони зиёъ, девони арз, девони кадр, девони қуззот, девони мазолим, девони мамолик, девони неъмату хоставу мол, девони танхоҳ, девони хироҷ, девони ваколат ва ғ.

12. а) **Шаби сурӣ** — мақсуд шаби охирини чаҳоршанбеи исфандмоҳи ҳар соли шамсӣ аст, ки қавмҳои ориёӣ дар он шаб сур мегиранд ва одобу русуми хосеро дар он шаб баргузор

PDF Compressor Free Version

менамоянд ва онро чаҳоршанбеи сурӣ меноманд. Ин ҷашн аз ҷашнҳои миллӣ ва бостонии Эронзамин аст.

**13.** Дар матн ба ҳамин шакл омада ва Мударриси Разавӣ ҳам дар ҳошияи ин сафҳа менависад, ки дар нусхаҳои дигар низ номи ин шахс ба ҳамин тарз навишта шудааст.

**13. а)** Ниг. ба таъликоти рақами 11, шарҳи вожаи «дарвоза».

**14. Аҳли зимма** — зимма аслан маънии кафолат, замонат ва ҳамчунин аҳду паймону зинҳорро дорад. Ибораи «аҳли зимма» мансуб ба мардуме аст, ки аслан аз аҳли китобанд, аз қабили зардуштиёну яҳудону тарсоӣ. Дар садри ислом «зимма» ба ғайримусалмоне мансуб буд, ки дар сарзамини мусалмонон зиндагӣ мекард, ҷизя медод ва ҷону моли ӯ дар паноҳу зинҳори ислом буд **(Дар матн саҳ. 27, сатри 14 аз боло).**

**15. Ғурра** — маънии луғавии вожа «моҳи нав, ҳилол» аст, вале ибораи «ғурраи моҳ» дар солшумории ҳиҷрии камарӣ ду маъниро дорад. 1. рӯзи аввали моҳи камарӣ. 2, шаби аввали моҳи камарӣ. Зимнан дар ҳоли дар шакли ҷамъ омадани вожа, яъне «ғурари моҳ» маънии «се шаби аввали моҳ»-ро низ медиҳад. **(Дар матн саҳ. 29, сатри 4 аз боло)**

**16. Дирами ғидрифӣ** — онро дирами ғитрифӣ, ғитрифия низ гӯянд, номи дирҳамест, ки дар Бухоро ба амри Ғитриф ибни Ато — волии Хуросон сикка зада шуд ва танҳо дар Бухоро гардиш мекард. Ғитриф ибни Ато акрабои Халифа Ҳорунаррашид буд, ки бинобар маълумоти Табарӣ дар соли 175 ҳиҷрӣ амороти Хуросон ба ӯ дод. Азбаски тангаҳои нукрагини замони Бухорхудотхо аз муомила берун афтоданд ва ё ба хориҷи кишвар интиқол ёфтанд, бухориён аз Ғитриф ибни Ато хоҳиши задани сиккаҳое карданд, ки танҳо дар муомилоти дохилӣ бошанд. Ба қавли Бартольд Ғитриф ин тангаҳоро, бар сабаби қиматии нукра, аз маҷмӯи шаш фулуз: зар, нукра, мушк, арзиз, оҳан ва мис сикка зад. Чун ҷавҳари дирамҳои ғитрифӣ холис набуд, ба касрати истеъмол сиёҳ шуд. Аз ин рӯ бо номи «дирами сиёҳ» низ маъруф буд.

**17. Туркон** — ҷамъи турк ва «турк» истилоҳе, ки дар маънои васеаш бар қавмҳое, ки ба забони туркӣ дар Туркия, Туркистони Чин, ҷумҳуриҳои Русия, Осиёи Марказӣ, машриқи Эрон

PDF Compressor Free Version


ҳарф мезананд, тааллуқ дорад. Нахустин мароҳили зуҳури қавмҳои турк ҳанӯз маҳалли баҳс аст, вале умуман пазируфтаанд, ки сарзамини аслии онҳо Муғулистон будааст ва аз он ҷо ба сӯи ғарб кӯч бастаанд. Таъйини ҳувияти қатъии қабоили турк то ҳудуди қарни VI тақрибан ғайриимкон аст, зеро таърихи пеш аз ин айёми туркҳо ба наҳви ғайриқобили тафкик бо таърихи ақвоми дигари биёбонгард, мисли қавмҳои муғул, пайванд хӯрдааст (ниг. ба «Мардумони ҷаҳон», таълифи Абдулҳусайни Саъидиён, Теҳрон, 1373, с. 471). Маҳз дар қарни VI номи турк ба унвони қавми бадавӣ дида мешавад, зеро дар ҳамин аср туркон давлати бадавии хешро таъсис кардаанд, ки аз Муғулистону сарҳади шимолии Чин то Баҳри Сиёҳ имтидод доштааст. Муассиси ҳукумати мазкур, ки хитоиён ӯро Ту-мен (дар катибаҳои туркӣ Бумен) номидаанд, дар соли 552 вафот кардааст ва бародараш Истомӣ зоҳиран то соли 576 зистааст. Сарчашмаҳои хитоӣ аз ин давлат ба номи «Императории Туркони Машриқ» ёд кардаанд. Дар соли 581 тахти нуфузи силсилаи хитоии Суӣ ин императорӣ ба ду давлат ҷудо мешавад, вале баъдҳо ҳар ду тобеи силсилаи чинии Т'анг (618-907) мегарданд. Ҳудуди соли 682 туркони шарқӣ муваффақ шуданд, ки истиқлоли хешро ба даст оваранд. Маркази идории туркони шарқӣ дар ҷое ба номи Урхун дар Муғулистон воқеъ буд. Сайёҳи маъруфи чинӣ Ҳосуан Тсанг дар соли 630 милодӣ маҳалли ҳаймаҳои туркони ғарбиро дар наздикии рудхонаи Чу ёфта ва аз эшон ном бурдааст. Дар соли 742 иттиҳодияи уйғурҳо, ки аз қарлуқу басмил ташкил шуда буд, давлати туркони шарқиро мунқариз сохтанд. Дар соли 754 уйғурҳо бар шаҳри Урхун тасаллут ёфтанд. Аммо салтанати хоқонҳои аслии турк то соли 657 давом ёфт ва дар он сол хитоиҳо эшонро ба итоати худ даровардаанд. Аз соли 685 то соли 688 сарзамини туркони ғарбӣ доимо дар маърази ҳамлаҳои хоқонҳои шарқӣ буд. Заволи ҳукумати туркони ғарбӣ бо зуҳури қавми дигари турканжод — Тургиш иртибот пайдо мекунад. Дар соли 716 туркони ғарбӣ аз зери итоати туркони шарқӣ хориҷ шуда, тахти роҳбарии раиси қабила — Сулу давлати пуриқтидори худро барпо мекунанд, ки фармонравоёни он то соли

PDF Compressor Free Version

739 салтанат карданд. Дар соли 751 хитоиҳо дар наздикии вилояти Талас аз лашкари араб шикаст ёфтанд. Қабилаи тургишҳо низ бар асари ҷангҳои дохилӣ қуввати хешро аз даст доданд. Дар натиҷа дар соли 766 карлукҳо дараҳои Чу ва Таласро ишғол карданд ва дар ҳамон сол шаҳри Суяб — пойтахти тургишҳоро ба тасарруфи хеш даровbooarданд ва ин саранҷоми императории туркҳо буд. Уйғурҳо то соли 840 дар Урхун бимонданд ва дар он сол бар асари ҳамлаҳои қавми хирхиз мунҳазим гаштанд ва қисман пароканда ва қисман ба Қансу рафтанд ва дар он ҷо ҳукумати нави хешро таъсис доданд. Ин давлат то даврони тасаллути тангутҳо, яъне соли 1020 идома дошт. Дар қарни VIII дар қисмати болооби Сирдарё уғузҳо (ғузҳо) ҳукумате ташкил доданд ва эшон тоифае аз туркони ғарбӣ буданд, ки баъд аз марги Сулу — раиси қабилаи тургиш пароканда шуданд. Ин чодарнишинҳои турк харчанд ба лашкаркашиҳои муназзам намепардохтанд, вале бо ҳамлаҳои нобаҳангоми худ ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба мардуми он кулфати зиёде меоварданд. Мардуму амирони ин сарзамин барои он ки худро аз ин ҳуҷумҳо ҳифз кунанд, деворҳои азиме ба мисли деворҳои атрофи Бухоро ё атрофи Шош, бунёд карда буданд.

18. **Ман** — микёси вазн аст муайян дар ҳар ҷое. Ба қавли муаллифи «Бурҳони қотеъ» дар замони ӯ ман чиҳил астор будааст ва ҳар асторе понздаҳ мисқол ва маҷмӯи ман шашсад мисқол бошад ба вазни Табрез. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ омада, ки ман дар ҷойҳои мухталиф вазнҳои гуногунро ифода мекардааст. Масалан, мани Самарқанд — 8 пуд, мани Табрез — 3 кг. будааст. Дар шариат як ман («мани шаръӣ») баробари 180 мисқол (846 г) аст.

19. Дирам ва дирҳам низ гӯянд ва ин вожа муарраби «драхма»-и юнонӣ аст. Ҷамъи он «дароҳим» бошад. Устод Муин дар «Фарҳанги форсӣ» ду маънии истилоҳии вожаро шарҳ медиҳад: 1) воҳиди сиккаи нуқра, ки вазну баҳои он дар асрҳои мухталиф мутафовит будааст; 2) воҳиди вазн ва он муодили 48 ҳабба аст (ҳабба миқдори як ҷав ва рубъи қирот мебошад). Агарчи дирҳам ба чанд вазн мухталиф буда, дар ислом бар ин ваҷҳ қарор гирифта, ки ҳар дирҳам шаш донг (ниг, ба тавзеҳи донг) бошад.

PDF Compressor Free Version

**20. Омили хироҷ ва амволи девон** – Бино ба қавли муҳаққиқони қуруни вусто низоми давлатдории Сомониён аз ду қисмат: дарбори подшоҳӣ ва девон иборат будааст. В. В. Бартольд бо такья бар маълумоти Наршахӣ унвони даҳ девони марказии давлати Сомониро зикр мекунад, ки девони муставфӣ ё ба истилоҳи дигар хазинадорӣ баъд аз девони вазир қарор гирифтааст. Истилоҳи «омил» дар китоби В. В. Бартольд ба маънии ҷамъкунандаи «боҷ» омадааст. Вале ӯ қайд мекунад, ки вожаи мазкур яке аз алқоби Сомониён буда танҳо дар нисбати муносибати эшон бо хулафои Бағдод ба кор мерафтааст. Зеро амирони Сомонӣ пеш аз касби қудрат дар Мовароуннаҳру Хуросон аз боҷгузорони хулафои араб будаанд. Маънии аслии ин вожа муродифи «муҳассили молиёт» аст ва нисбат ба кормандоне тааллуқ дошт, ки дар девони муставфӣ кор мекарданд.

**21. Қарӣ** — асаҳ(х) бояд «қавӣ» бошад.

**22. Кӯзкониён** — аҳли Кӯзконон ва Кӯзконон шакли дигари «Гӯзгонон» ё «Гӯзгон», ки муарраби он «Ҷузҷон» ё «Ҷузҷонон» аст. Гӯзгонон номи қисмате аз Хуросони шарқии қадим аст воқеъ дар миёни Марвруду Балх ва он аз шарқ маҳдуд буд ба Балху Тахористону Бомиён, аз ҷануб ба Ғур, аз ғарб ба Ғарҷистон, аз шимол бо ҳудуди Ҷайҳун. Ин ноҳия дар қуруни вусто аз ободтарин бахши Балх буд.

**23. Биступанҷуми зулқаъда** — зулқаъда моҳи ёздаҳум аз тақвими солшумории ҳиҷрии қамарӣ аст.

**24.** Мин Абуллоҳ ибн ал-Имом Абулаббос ал-Мӯътазид Биллоҳ амирилмӯъминин ило Абииброҳим Исмоил ибни Аҳмад мавло амирилмӯъминин. — Аз Абдулло ибни Имом Абулаббос ал-Муътазид Биллоҳ — амирулмӯъминин ба Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад — ғуломи амирулмӯъминин.

**25. Ба зери гавзбуни бузург** — тасҳеҳгари матн дар ҳошия таъкид мекунад, ки дар тамоми нусах «гавазн» омада ва ҷавзбуи тасҳеҳи қиёсӣ аст ва дарахти чормағзро гавзбун гӯянд.

**26. Ба таърихи соли сездаҳум** — шояд мақсуди муаллиф сездаҳ сол пас аз таърихи ба аморат нишастани амири саъид бошад.

27. Дар навишти номи ин шахс ва қироати он ихтилофи назар аст. Дар баъзе аз асарҳо, чунончи дар таърихномаи Гардезӣ,

PDF Compressor Free Version

он ба шакли «Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Азиз» омада ва В. В. Бартольд чунин тарзи китобатро хатои маҳз донистааст. (ниг. ба В. В. Бартольд. Сочинения. М., 1963, т. I. с. 320).

## «ХУДУД-УЛ-ОЛАМ»

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри МанучеҳриСитуда (Худуд-ул- олам мин ал-машриқ ила-л мағриб. Теҳрон, китобхонаи Таҳурӣ, 1362) сурат гирифт.

1. **Ва ҳудуди Бухоро дувоздаҳ фарсанг андар дарвоза фарсанг** — дар матн ба ҳамин шакл омада, вале асаҳҳ «дувоздаҳ фарсанг» аст. Фарсанг (фарсаҳ) баробари шаш километр мебошад.
2. **Ва андар вай гунбади гӯрхонаҳост, ки аз Бухоро он ҷо баранд** — зоҳиран дар он давром қуббаҳои маркадро дар Бухоро сохта, ба шаҳру навоҳии атроф мефиристодаанд.
3. **Монавиён** — пайравони Монии наққош, ки дар аҳди Ардашер ва ё Баҳромшоҳ умр ба сар бурда, бино ба шарҳи муаллифи «Бурҳони қотеъ» баъди Исо (а) зоҳир шуд ва даъвои пайғамбарӣ пеш овард. Ба ривояте Баҳромшоҳ ибни Ҳурмуздшоҳ ӯро ба қатл расонидааст. Монавия чун таълимоти мазҳабӣ ба зудӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, Хитой ва кишварҳои дигар интишор ёфт.
4. **Д. К. Р.** — дар матн ба ин шакл зикр шудааст. Дар бархе аз маохизи ҷуғрофӣ топоними мазкур дар шаклҳои Регдишт (Истахрӣ) ва Регдашт (Мақдисӣ) зикр шудааст (ниг. Худуд-ул-олам мин ал машриқ ила-л мағриб, бо муқаддимаи В. В. Бартольд, ҳавошӣ ва таълиқоти В. Ф. Минорский, тарҷумаи Мирҳусайншоҳ, Кобул, 1342, с. 197). Тибқи тахмини В. Ф. Минорский, вожаи мазкур шакли тасҳифшудаи топоними «Регар» аст, ки он дар шарқи Деҳнав, дар соҳили рӯди Қаротоғ (шакли таърихияш рӯди Низом) мавқеият доштааст (ниг. маҷаллаи «Орёно», 1988, с. 87).
5. **Ҳ. Н. О. Ҳ.** — дар матн ба ин шакл омада. Дарёфтани шакли асли овонависти он муяссар нашуд.
6. **Навичкас — шаҳракест, ки киштибонон, ки андар рӯди Парак ва рӯди Хашарт кор кунанд, аз он ҷо бошанд** — Бино ба ҳадси В. Ф. Минорский Навичкас вожаи суғдӣ буда, маънои шаҳри навро доштааст (ниг. Худуд-ул-олам мин-ал-машриқ

PDF Compressor Free Version 

ила-л мағриб, бо муқаддимаи В. В. Бартольд, ҳавошӣ ва таъликоти В. Ф. Минорский, тарҷумаи Мирҳусайншоҳ, Кобул, 1342, с. 71). Тавре ки В. В. Бартольд таъкид мекунад, муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» таҳти гидроними Парак дарёи Чирчиқро дар назар доштааст. Парак ё Парк калимаи қадими эронӣ буда, баъдтар (дар даврани Темур) шакли тағйири калимаи туркии Чир, яъне Чирчиқ чойгузини он шудааст (В. В. Бартольд, Соч. т. III, с. 128). Таҳти топоними «Руди Хашарт» муаллиф Сирдарёро дар назар дорад. Бино ба ишораи В. В. Бартольд, вожаи «Хашарт» шакли ба талаффузи маҳаллӣ мутобиқшудаи калимаи «Яксарт»-и юнонӣ будааст (нигг. В. В. Бартольд Соч. т. III с.210).

7. **Карҷокас, Таркӯс, Хотункас, Димғонкас — ду шаҳрак аст...** — дар матн ба ҳамин сурат сабт шуда, вале саҳеҳ бояд «чор шаҳрак» бошад.

8. **Тамлиёт** — Бино ба ақидаи муаррихон (нигг. мақолаи Орёно, 1983, с. 96) ин топоним дар дигар манобеи таърихиву ҷуғрофӣ дар ду шакл (Тамлиёт ва Намлиёт) вомехӯрад. Тавре ки муҳаққиқи урупоӣ Ле Стренҷ таъкид мекунад, дар қатори Ҳулбук, Мунк, Халовард, Андиҷорағ, Фарғор, Лавканд, ки бархе аз онҳо дар канори рӯдҳои Андиҷорағ, Фарғору Вахшоб мавқеият дошт, Тамлиёт низ аз шаҳрҳои муҳимми Хуттал маҳсуб мешудааст. (нигг. Ле Стренҷ, Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ, тарҷумаи Маҳмуди Ирфон, 1367, с. 466). Шакли ҳозираи топоними мазкур маълум нашуд Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» онро дар шафати вожаи «Мунк» меорад. Аз ин рӯ, он дар маҳалли байни Порғар (Фархори ҳозира) ва Мунк (Балҷувони ҳозира) бояд мавқеият дошта бошад (нигг. Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ила-л мағриб, бо муқаддимаи В. В. Бартольд, ҳавошӣ ва таъликоти В. Ф. Минорский, тарҷумаи Мирҳусайншоҳ, Кобул, 1342, с. 206).

9. Аз ин ҷумла, ба эҳтимоли қавӣ, бандаки хабарии шахси сеюми шумораи танҳо «аст» ҳазф шудааст. Тазаккур бояд дод, ки ҳазфи аъзои ҷумла яке аз хосиятҳои боризи насри классикӣ, ба хусус давраи аввали инкишофи забони адабии тоҷик ба шумор меояд.

## ТАЪРИХИ СИСТОН

Тахияи матни мазкур аз рӯи нашри интиқодии Маликушшуаро Баҳор («Таърихи Систон», Теҳрон, 1935) сурат гирифт.

1. **Систон** — вилояти таърихие дар ҳудуди Эрону Афғонистони имрӯза. Водии Систон як қисм аз водии доманадори дарёи Хирманд буда, ки қисмате аз он дар Афғонистон ва қисми дигар дар Покистон қарор дорад. Марзи табиии шимоли Систон тақрибан аз васати ноҳамвориҳои «Ҳомуни Собирӣ» то ҳудуди кӯҳи «Чохшӯр» ва «Дарбандобод» тӯл мекашад. Феълан дараи Хурмак ва кӯҳи Маликсиёҳ марзи табиии ҷанубӣ Систон мебошанд ва хаттурраъси кӯҳи Маликсиёҳ нуқтаи марзии муштараки кишварҳои Эрон, Афғонистон ва Покистон аст. Марзи табиии ғарби Систонро кӯҳпояи Чиҳилдухтар ва кӯҳи Палангон таъйин мекунанд. Қисмате аз марзи ҷанубӣ-шарқии Систонро дараи Парён фароҳам овардааст. Вожаи Систон, бино бар ақидаи аксари ховаршиносон, таҳрифи «Сакистон» аст ва «Сиҷистон» муарраби вожаи форсии «Сакистон», яъне «Сарзамини сака» мебошад. Саконҳо яке аз қабилаҳои орёӣ буда, ободии ин сарзамин ба кӯшиш ва нерӯи эшон падид омад. Ба ҳар ҳол, дар катибаҳои меҳини форсии бостон, ки аз номи Дориюш дар Бесутун, Тахти Ҷамшед ва Нақши Рустам канда шудааст, аз ин сарзамин бо ҳамин ном ёд мешавад. Пеш аз тасаллути саконҳо ин сарзамин бо номи Дрангиана ё Заранаг хонда мешуд. Аз баски Систон мавкеи мусоиди ҷуғрофӣ дошт ва Эрону Хуросону Мовароуннаҳрро бо Ҳиндустон мепайваст, дар тӯли асрҳо мавриди ҳуҷуми давлатҳои абарқудрат қарор гирифта, дар давраҳои гуногун ба ҳайати давлатҳои Ҳахоманишиён, Бохтариён, Портҳо, Сосониён, Хилофати араб, Сомониён, Саффориён ва ғ. шомил буд. Систон аз тохтутози муғулҳо (солҳои 1222-1229) ва ҳуҷумҳои ғоратгаронаи Темури Ланг рӯ ба таназзул ниҳод, шаҳру деҳоти ободаш ба харобазор ва ноҳияҳои ҷанубиаш ба биёбон табдил ёфтанд. Соли 1872 бо дахолати Британияи Кабир ҳудуди Систон байни Эрону Афғонистон тақсим шуд: як қисмати он — 2847 мили мураббаъ бо марказаш — шаҳри Зобул ба Эрон, қисми дигараш — 4159 мили мураббаъ — ба Афғонистон гузашт.

2. Маликушшуаро Баҳор дар ҳошия қайд мекунад, ки ин чо

PDF Compressor Free Version

сухан дар бораи яке аз писарони Асад ибни Сомон — Илёс меравад. Бино ба қавли академик В. В. Бартольд Илёс ибни Асад дар Ҳирот соли 856-57 вафот кардааст, ва ба эҳтимоли қавӣ, аз худ насле намондааст. (ниг. В. В. Бартольд. Сочинения, т. I, М., 1963, с. 267-268).

3. **Муаддал ибни Ҳазин ал-Қавсӣ** — дар матн ибни ал-Ҳазин (ал-Хузайн?) омада, вале зоҳиран «ал-Ҳасин» (бо сод) бошад. Дар ҷои дигар ал-Қавсӣ дар шакли «ал-Қавӣ» низ омадааст. Вале, ба қавли устод Баҳор, дар дигар китобҳои мӯътабари ҷуғрофӣ зикре аз ин маҳал нарафтааст. Ёқут «Қавс»-ро аз водиҳои Ҳиҷоз ба шумор овардааст. Муаддал ибни Ҳасини (ал-Хузайн) Қавсӣ бародари Иброҳим ибни Ҳазини Қавсӣ ва Муҳаммад ибни Ҳазини Қавсӣ аст, ки аз ҷонибӣ Талҳа ибни Тоҳир омили Систон дар соли 208 (823) будааст. Ба шарафи ӯ яке аз дарҳои шаҳрро «Дари Муаддал» ном кардаанд. Дар матне, ки А. П. Смирнова бо забони русӣ омода кардааст, калимаи мазкур ба шакли Хузайн омадааст.

4. Ниг. ба таъликоти боло.

5. **Аз ҷиҳати Талҳа....** — яъне аз ҷонибӣ Талҳа ибни Тоҳир. Тасҳеҳгари матн мефармояд, ки дар замони таълифи китоб «ҷиҳат» ба маънии «сабаб» мустаъмал набудааст.

6. **Ал-Ҳирас** — дар матн чунин омада, шакли саҳеҳи он «ал-Ҳорис» аст.

7. **Ал-Ҳирас ибн ал-Мусанно** — ин ном танҳо дар ҳамин ҷо зикр мешавад. Роҷеъ ба ин шахс маълумоти дигар дастрас нашуд. Шояд аз ашрофи Систон бошад.

8. **Ҳазин ибни Ҳусайн ибни Мусъаб** — устод Баҳор дар феҳрасти номҳои ашхос ба ҷои Ҳазин Ҳасин (бо сод) ибни Ҳусайн ибни Мусъаб навиштааст. Бино бар маълумоти муаллифи китоб, ӯ амаки Абдуллоҳ ибни Тоҳир буда, чанде амалӣ Систонро ба ӯҳда дошт.

9. **Хаворич (хориҷиён)** — пайравони яке аз аввалин аҳзоби динӣ-сиёсӣ дар таърихи ислом мебошанд, ки дар замони хилофати ҳазрати Алӣ пайдо шудааст. Пас аз қатли ҳазрати Усмон (р) ва ба сари хилофат омадани ҳазрати Алӣ Муъовия ибн Абӯсуфён — волии Сурия аз қабилаи Умавия ҳазрати Алиро(р) ба қатли ҳазрати Усмон муттаҳам кард ва даъвои хунхоҳӣ намуд. Дар

PDF Compressor Free Version

аввали моҳи сафари соли 37 ҳ. қ. (657) байни ҳазрати Алӣ (р) ва Муъовия муҳорибаи машҳури Сиффин ба вуқӯъ пайваст, ки баъди он ҳазрати Алӣ ба музокира бо Муъовия мувофақат карданд. Дувоздаҳ ҳазор нафар ҷанговарон аз сиёсати Алӣ норозӣ шуда, аз Кӯфа хориҷ гардиданд ва ба сӯи деҳи Ҳару роҳ гирифтанд. Хориҷиён алайҳи ҳазрати Алӣ (р) мубориза мусаллаҳона бурданд ва оқибат ҳазрати Алӣ (р) ҳангоми хуруҷ аз масҷиди Кӯфа ба зарбҳ шамшери яке аз хавориҷ — Абдураҳмон ибн Мулҷам захмӣ ва пас аз ду рӯз — 21 рамазони соли 40 ҳ. қ. (661) ба шаҳодат расид. Хавориҷ дар замони хилофати Муъовия низ муборизаро идома доданд. Дар нимаи дуюми қарни VII хавориҷ ба гурӯҳҳо ва фирқаҳои алоҳида тақсим шуданд. Ҷунбиши хавориҷро асосан мардуми шаҳрҳо, хосса эрониён ҷонибдорӣ мекарданд ва он тадриҷан аз Ироқ ба ғарби хилофат густариш ёфт. Вале дар замони хилофати Язид мавҷи наҳзати хавориҷ аз Ғарб ба Шарқ — ба Хуросону Систон кашида шуд. Бархе аз ҷомеаҳои хавориҷ имрӯз ҳам дар Шимоли Африқо (масалан, ибодиён) арзи вуҷуд доранд.

10. **Бӯавф** — Абӯавф ибни Абдурраҳмон (калимаи «ибни»-ро дар таркиби ин ном Маликушшуаро Баҳор афзуда) аст, ки раиси шуррот — яке аз ҷараёнҳои хавориҷ буда, бино бар ахбори Яъқубӣ аслан аз рустои Қарнаки Систон бархестааст. Ин русторо арабҳо «Аранҷ» хондаанд.

11. **Куркон** - мақсади муаллиф «Гургон» аст.

12. **Ҷолиқ** — номи яке аз рустоҳои Систон аст ва муаллифи асар ҳам дар боби «Расотиқи Систон» аз он ёд мекунад. Маликушшуаро Баҳор қайд мекунад, ки дар китобҳои ҷуғрофии арабӣ ин маҳалро Жолиқ — Золиқ — Ҷолиқ — Солиқ — Ҷолиқон — Солиқон забт кардаанд. Муаллифи «Таърихи Систон» ҳам онро гоҳе Золиқ, гоҳе Ҷолиқ ва гоҳе Жолиқ мехонад.

13. Маликушшуаро Баҳор дар шарҳи ибораи «то таъбия карда» менависад, ки «аз мазмуни ибора пайдост, ки боястӣ «нотаъбия» карда бошад, яъне ғайримуназзам ва бидуни тадбир ва пешбинӣ ва низом».

14. **Ба сарои Абдуллоҳ ибни Қосим...**— дар ҷои дигари китоб ибораи мазкур такрор шудааст. Дар бораи ин шахс маълумоти

PDF Compressor Free Version

дигаре ба даст наомад. Тахмин меравад, ки яке аз сарватмандон ё ашрофи Систон будааст.

15. Бино ба ақидаи Маликушшуаро Баҳор, ин чо иштибоҳе рух дода ва он аслан бояд «Абдуллоҳ» бошад.

16. **Бӯяъқуби Росбӣ (Абӯяъқуби Росбӣ)** — ин ном танҳо дар ҳамин саҳифа ба муносибати ба расулӣ фиристодани ӯ назди Муҳаммад ибни Восил барои халос кардани писари Насри Сайёр ибни Наср аз асирӣ зикр шудааст.

17. **Сайёра** — дар матн дар ҳамин шакл омадааст ва дар охир «хон ҳаввоз» дорад.

18. **Фавчи сайёр** — Маликушшуаро Баҳор истинодан бар мазмуни чумлае, ки дар поён омада, тахмин мекунад, ки ин ибора бояд «фавче савор» хонда шавад.

19. **Фиристод** - **дар** матн чунин омада, ба эҳтимоли қавӣ бояд «фирист» бошад.

20. **Он марв** — ба ақидаи тасҳеҳгари матн, ин вожа бояд «он марз» бошад.

21. **Аҳмад ибни Умайра** — устод Баҳор дар шарҳи ҳоли ин шахс дар ҳошия оварда: «Агар ин Илёс ибни Асадро писари Асади Сомонӣ бидонем, бояд ин шахсро Умайра ибни Аҳмад бихонем». Ва ақидаи эшон мабнӣ бар маълумоти Гардезӣ аст ва Гардезӣ гӯяд, ки Асадро чаҳор писар буд: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс. Аксари таърихнигорон бар ин ақидаанд. Дар акси ҳол истинодан ба «Таърихи Систон» эътироф бояд кард, ки Умайра писари панчуми Асади Сомонӣ аст.

22. Дар матн ба шакли «Асод» омада, вале шакли саҳеҳи он «Асад» аст.

23. Асаҳҳ бояд «роҳи Систон» бидуни «ба» бошад.

23. Дар матни тасҳеҳшудаи асар «Умар» навишта шуда, вале ба назар мерасад, ки он хатои чоп аст, ки чо сухан дар бораи Амр ибни Лайс меравад.

25. **Алӣ ибни Ҳасан** — номи пуррааш Алӣ ибни Ҳусайн ал-Марврӯдӣ аст ва дар чои дигар ҳам муаллиф ӯро бо номи ал-Ҳусайн ном мебарад ва пайдост, ки дар ин чо ғалате рох ёфта. Алӣ ибни Ҳусайн дар он рӯзгор амири Марв буд ва Амр ибни Лайс зидди ӯ сипоҳ фиристод. Ӯ аз амири Чузчонон — Аҳмади Фариғун мадад хост ва наёфт. Ночор ба амир Исмоили Со-

PDF Compressor Free Version

моии ба Бухоро паноҳид ва амир Исмоил ӯро икроми бисёр кард ва аз он ҷо ба Фараб рафт ва охир ба дасти писараш кушта шуд. Асли воқеаи ӯ чунин аст ва он чӣ муаллифи ин асар менависад, мухолиф аст бо он чӣ муаррихини дигар, масалан Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», нақл кардаанд, яъне Алӣ ибни Ҳусайн назди Амр наомадааст.

26. **Муҳаммад ибни Шафҳур** — дар матн чунин омада, вале дар ҷои дигар «Шаҳфур» навишта. Бино бар мазмуни ҳодисот аз атрофиён ва лашкаркашони Амр ибни Лайс аст.

27. **Алӣ ибни Шарвин** — Маликушшуаро Баҳор дар ҳошия менависад, ки дар асл «Шарвин» бидуни нуктаи ҳарфи «йо» сабт шуда ва шабеҳ ба ин ном ҷуз «Шарвин» нест. Вале Наршахӣ ин шахсро «Алӣ ибни Суруш» нигошта, ӯро аз сипоҳсолорони Амр ибни Лайс муаррифӣ мекунад.

28. Дар матн нуктаҳои дандонаҳои ҳамсадои пеш аз охири калимаи якум ва ҳамсадои сеюми калимаи дуюм гузошта нашудааст. Тасҳеҳгар дар ҳошия менависад, ки шояд он «бозгарданд на ҳарб набоянд» бошад.

29. Ҳадафи муаллиф «Алавиёни Табаристон» аст. Гурӯҳе аз бузургони авлоди Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ба номи «Аиммаи Алавӣ» ё «Зайдӣ» дар асри III ҳиҷрӣ дар Табаристон қиём карданд. Асосгузори ин ҳаракат Ҳасан ибни Зайд буд, мулаққаб ба «Доъии Кабир». Ҳукумати Алавиёни Табаристон аз соли 864 то соли 1034 давом ёфт. Дар замони ҳукмронии Амр ибни Лайс дар Табаристон Муҳаммад ибни Зайд ҳукм меронд ва бо Рофеъ ибни Ҳарсама зидди Амри Лайс созиш карда буд.

30. Дар матн қаблан «Убайдуллоҳ» навишта шуда, вале «Абдуллоҳ» саҳеҳ аст.

31. Дар навишти ин ном низ шояд иштибоҳе роҳ ёфта. Он бояд «Муҳаммад ибни Ҳамдон ибни Абдуллоҳ» бошад. Дар замони ҳукмронии ворисп Амр ибни Лайс — Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ба дасти ходимони ӯ кушта мешавад.

32. Маликушшуаро Баҳор ин ду номро ҷои дигаре наёфта, ва айнан забт кардааст.

33. Айнан ба ҳамин шакл (бо, ро, дол, айн, алиф, лом, йо) омада ва хондани он муяссар нашуд. Таҳиягари матн низ дар ин бобат тавзеҳ надодааст.

PDF Compressor Free Version

**34. Дувоздаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи сабъа ва самонина ва миатайн** — яъне дувоздаҳуми моҳи даҳуми соли 287 ҳ. қ., ки мутобиқ ба январи соли 900 аст. Аммо дар асл чунин нест. Бино бар маълумоти Наршахӣ Насри I дар соли 279 (892) вафот кардааст. В. В. Бартольд ҳам вафоти ӯро дар таърихи бисту якуми августи соли 892 зикр мекунад.

**35. Салеҳ ва сутуронро касе адду эҳсо надошт** — яъне сипоҳ ва чорпои савориро (аз қабили аспу хару шутур) ададу ҳисоб набуд.

**36. Аснош — ходим** — як сатр поён ин ном ба шакли «Ашнос» омада ва чун дар рисолаҳои муаррихини дигар ҳам ба шакли «Ашнос» омадааст, тасҳеҳгари матн баъди қиёс бо ин китобҳо шакли саҳеҳи онро «Ашнос» медонад. Ва ин шахс яке аз маорифи худдоми даргоҳи хилофат буд ва ба овардани Амр ибни Лайс ба Бағдод аз ҷониби халифа маъмур гашта.

**37. Ниҳ** — дар матн бо ду шакл омада: ҳам бо «йо» ва ҳам бидуни он. Аз шаҳракҳои Систон ва дар сарҳади Кӯҳистон воқеъ будааст, Имрӯз ҳам қасабаест дар наздикии Бандон.

**38. Субкарӣ** — ғуломи Яъқуб ибни Лайс. Муаллифи «Таърихи Систон» зимни шарҳи воқеаи рафтани Яъқуб ба ҳарби Занбил менависад ки «Яъқуб ба Систон бозомад, ва ба роҳ андар халҷ ва туркон (ба қавли муаррихин аз боқимондаҳои ҳайтолиянд, ки дар аҳди Сосониён Тахористонро дар тасарруф доштанд. Агар ин вожа муштақ аз калимаҳои паҳлавии «халг» ва «халч» бошад, маъноаш «мардуми зиф, ёва ва гумроҳ» аст) бисёр бикушт ва мавошишон биёвард ва бардаи бисёр овард ва Субкарӣ яке аз он бандагон буд». Субкарӣ дар ин хонадон ба ҷое расид ва ба мансабҳои олӣ ноил гашт. Қудрат ва таъсири ӯ, алалхусус, дар замони ҳукмронии Тоҳир ибни Муҳаммади Лайс хеле афзуд. Фитна, дасиса, хиёнатҳои ӯ боиси ҳалоки бисёр аз афроди ин хонадон ва муқаррабони Олӣ Саффор гардид ва ҳамчунин сабабгори сукути ин сулола шуд. Ӯ аз халифа ҳукумати Систон бар худ талаб кард ва халифа Муқтадир сипоҳе бар зидди ӯ ба Шероз фиристод. Дар ин ҷанг Субкарӣ шикаст хӯрд ва аз амир Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ паноҳ ҷуст. Муқтадир аз амир Аҳмад талаб кард, ки Субкариро ба Бағдод фиристад. Амир

PDF Compressor Free Version

Аҳмад ӯро банд кард ва дар соли 299 (911) ба Бағдод фиристод.

**39.** Дар матн чунин омада (бо, ро, алиф, мим, то, вов). Маликушшуаро тахмин мекунад, ки шояд он «ба роҳи Бату» бошад (?).

**40. Аҳмад ибни Муҳаммади Амр** — ин шахс дар ҷои дигар «маъруф ба Ниё» ва «Аҳмади Ниё» номида шудааст. Дар бораи ӯ маълумоти дигаре ба даст наомад.

**41. Бародарро бигузошт** — яъне озод кард. Пас аз ба аморат нишастани Муҳаммад ибни Алӣ бародараш Муаддал ибни Алӣ аз Кирмон ба Систон назди ӯ омад. Муҳаммад ибни Алӣ бародарро хуш қабул кард, вале муддате баъд тарсид, ки Муаддал ӯро аз аморат вожагун месозад. Аз ин рӯ, Муаддалро ба зиндон кард.

**42. Киш** — бо касри аввал ва ташдиди син дар асари Ёқут, яъне Кисс. Ин ном дар асар аз тарафи муаллиф ду хел шарҳ ёфтааст: 1) зимни зикри куратҳои Хуросон то ғояти ҳадди ислом; 2) зимни зикри куратҳои Систон. Бино бар қавли тасҳеҳгари матн, Истахрӣ ин маҳалро дар ду шакл — аввал бо син ва баъд дар қавс бо шин (яъне Кисс ва Киш) забт карда мегӯяд, ки байни Кис//Киш ва байни Сиҷистон 30 фарсах аст дар ҷиҳати ҳудуди Кирмон. Ба қавли устод Баҳор, Кис ва Киш ҳар ду номи як маҳал аст ба ду лаҳҷа ва Киш аз билоди Мовароуннаҳр ҳам аст.

**43 ...бо ҷомаи бад ва замоке ҳамекард** — дар матн чунин омада, Маликушшуаро Баҳор дар ҳошия менависад, ки шояд «бо ҷомаи бад ва бонге ҳамекард» бошад.

**44.** Ба ин шакл омада ва дандонаи ҳарфи байни ро ва алиф нуқта надорад. Маликушшуаро Баҳор дар ҳошия аз Истахрӣ ёд карда менависад, ки Истахрӣ байни Буст ва Ҳирот ҷое ба исми «Хостон ва Ҷомон» ном бурда, дар ҳошия шаклҳои дигари он «Ҳорбон-Ҳормон»-ро низ зикр мекунад ва ба қавли эшон, шояд ин ҳамон маҳал бошад.

**45. (.) улон** — дандонаи ҳарфи якум нуқта надорад, вале ин вожа қаблан зикр шуда, «Пулон» ном маҳалле аз маҳаллоти Буст будааст.

**46.** Мусаҳҳеҳи матн таъкид мекунад, ки муаллифи асар ҳама-

PDF Compressor Free Version


чо «Руххач»-ро «Рухад» навишта ва талаффузи «Рухад» ба замми аввал ва ба фатхи сонӣ мебошад. Ба ақидаи устод Баҳор «Рухад» аз «Арохузна»-и форсии қадим ва «Рухуват»-и паҳлавии боқӣ монда, муаррабаш «Руххач» аст. Руххач номи қадими вилояти Қандаҳор дар ҷануби Афғонистон аст.

47. **Ҳабсобод** — дар чои дигар «Хосбод» омада номи маҳаллест дар наздикии Каркӯй.

48. Яъне бо ҳамроҳии мардуми шористон.

49. **Дари Окор** — Бино бар маълумоти Истахрӣ, бузургтарин шаҳри Систон Заранг аст. Зарангро шористон ва рабаз аст. Шористон панҷ дарвоза дорад. 1) Дарвозаи Нав; 2) Дарвозаи Куҳан; 3) Дарвозаи Каркӯя: 4) Дарвозаи Нешак: 5) Дарвозаи Таом. Рабази ин шаҳр 13 дарвоза дорад: 1) Чучон, 2) Мино 3) Шерак 4) Шаторок 5) Шуъайб 6) Навхек 7) Кон 8) Нешак 9) Каркӯя 10) Истрис 11) Ғанчара 12)601ристон 13) Рӯйгарон. Дари Окор зоҳиран ҳамон «Дарвозаи Кон»-и Истахрӣ аст, ки ба арабӣ «Алкон» омада. Маликушшуаро тахмин мекунад, ки Алкон (Анкор-Алкор) зоҳиран «Окор» аст.

50. **Дари Форс** — эҳтимол мақсади муаллиф аз дари Форс ҳамон ду дарвозаи шористон аст, ки Истахрӣ якеро Дарвозаи Нав ва дигареро Дарвозаи Куҳан номидааст ва аз ин ҳар ду дарвоза ба Форс мерафтанд.

51. **писари амм** — дар асл ин вожа «бусси амм» сабт шудааст. Лафзи «пус» (муаррабаш «бус») ба маънии «писар» дар қадим ҳам ба нудрат истеъмол мешудааст. Ин шакли навишт ва истифода танҳо дар назм ба чашм мехурад. Бино бар ақидаи Баҳор вожаи мазкур дар ин асар тасҳиф шудааст.

52. **Ҳалфобод** — маҳалле дар беруни рабази Систон, ки чойгоҳи лашкариён будааст.

53. **Хон** — дар матн бидуни «хо»-и ҳавваз омада, асаҳҳ бояд «хона» бошад.

54. **Оли Яъқуб ва Амр** — мақсуди муаллиф Яъқуб ибни Лайс ва Амр ибни Лайс аст.

55. **Абӯҳафс Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайси Саффор** — соли 911 дар Систон ба аморат биншаст. Ва баъди чанде асири Сомониён гашт ва ӯро ба Бағдод фиристода буданд. Ибни Асир дар иртибот бо ҳодисаҳои соли 310/922 ме-

навнсад, ки халифа Муктадир дар ин сол Тоҳир ва Яъқуб — писарони Муҳаммад ибни Амри Лайсро аз ҳабс озод кард ва хилъат дод. Маълум мешавад, ки Абӯҳафси мазкур ҳам дар он айём халос ёфта, мутанаккир дар Бағдод мегаштааст.

**56. Муҳамад ибн Ҳурмуз ал-Мавло, ки Мавло Синдӣ гуфтандӣ** — Муҳаммад ибни Ҳурмуз ал-Мавло Синдӣ. Ибни Асир номи ин шахсро бо ҳарфи «сод» сабт кардааст. Азбаски тахаллус ё лақаби ӯ бидуни эъроб омада, маълум нашуд, ки «Синдлӣ» ё «Сандлӣ» ё «Сандалӣ» бошад. Чунонс ки аз матн бармеояд, ӯ аслан аз ғуломони озодкардаи Муҳаммад ибн Амр ва аз «Камзаҳир» — маҳалле аз рустои Систон будааст.

**57. Қамарзаҳир** — дар чои дигар ин вожа «Камзаҳир» омадааст. Маликушшуаро шакли дуюмро саҳеҳтар медонад.

**58.** Дар матн бидуни нуқтаи дандонаи ҳарфи якум ва нуқтаи ҳарфи охирин омада ва зоҳиран «мардум ба Хавч чамъ шуд» мебошад. зеро поёнтар ин калима «Хавч» навишта шудааст. Ва «Хавч» номи яке аз маҳаллоти шаҳр ё маҳалли наздики шаҳри Заранг будааст. Ба ақидаи тасҳеҳгари матн шояд «Хавх» ҳам бошад ва «Хонӣ Хавх» чузъи Кирмон аст.

**59.** Маликушшуаро Баҳор дар ҳошия менависад, ки Ибни Асир ин шахсро Муҳаммад ибни Аббос маъруф ба Ибни Хаффор номидааст. Аз ин ки «Хаффор» дар забони арабӣ маънии «чоҳкан»-ро дорад (Хаффор-ул-кубур-гӯркан), ӯ тахмин мекунад, ки калимаи «Кӯлкӣ» дар асл шояд «Гӯркан» ё «Гӯлкан», ки шакли вайроншудаи «Гӯркан» аст, бошад. Муаллифи асар поёнтар ҳамин номро «Гӯркӣ» сабт мекунад ва ин шакли навишт ба сиҳҳати тахмини устод Баҳор далолат мекунад. Илова бар ин дар саҳифаи дигар муаллиф ба чои калимаи «Кӯлкӣ» калимаи «Чаффор»-ро меорад, ки он зоҳиран ҳамон «Хаффор»-и Ибни Асир аст.

**60. Қасри Яъқубӣ** — Бино бар маълумоти Истахрӣ дар рабази шаҳр байни Дарвозаи Таом ва Дарвозаи Порс ду қасре будааст:Яке аз Яъқуби Лайс ва дигаре аз Амри Лайс ва доруламора дар қасри Яъқубӣ.

**61.** Яъне «барои он сухане, ки гуфта буд».

**62. Абӯҳафс** — Абӯҳафс Амр ибни Яъқуб ибни Муҳамади Лайс.Ниг. ба таъликоти рақами 55.

**63. Абӯнасри Ҳамдони Чувайнӣ** — муаллифи асар зимни зикри

PDF Compressor Free Version



чандин тан аз бузургони илму фазл Абӯнаср ибни Ҳамдон ал-Ҷувайниро низ ном бурда мегӯяд, ки «инон андар илм ва бузургӣ бад-он ҷойгоҳ буданд, ки ҳеч кас андар олам фазли эшонро мункир наёрад шуд» Дар боран ин шахс маълумоти дигар дастрас нашуд.

64. **Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ** — дар матн Хабр ибни Алӣ ал-Марврӯдӣ мебошад ва тасҳеҳгар шакли дурусти онро овардааст.

65. Пасоянди «-ро» дар ин ном зиёдатӣ аст. Дар боран шахсияти Аҳмади Дароз маълумоте нест ва ин ном танҳо дар ҳамин ҷо зикр мешавад.

66. **Зулқаъда** — моҳи ёздаҳуми солшумории ҳиҷрии қамарӣ.

67. **Андар ин сол** — сухан дар боран воқеаҳои соли 299/912 меравад.

68. дар матн дандонаи ҳарфи якум нуқта надорад (йо, нун, қоф). Бино бар ақидаи Маликушшуаро, ин вожа шояд «Нешак» бошад ва мурод Дарвозаи Нешаки шаристони Заранг аст.

69. **Бӯмансури Ҷайҳонӣ** — шояд бародари Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ — вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ бошад. Абӯмансур куняти ин шахс аст ва Ибни Асир номи ӯро «Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ» сабт кардааст.

70. **Хашт рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа** — 22-юми моҳи шашуми соли 301 ҳ. қ., ки мутобиқ ба 13-уми январи соли 914 аст. Маълумоти муаллифи ин асар дар боран таърихи кушта шудани Аҳмад ибни Исмоил ба маълумоти Ибни Асир ва Гардезӣ шабеҳ аст.

71. **Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ** — дар навиштани ин ном зоҳиран иштибоҳе рух додааст, зеро сухан оиди вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ меравад ва номи ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ аст. Соли таваллуд ва вафоти ӯ маълум нест. Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ чун сиёсатмадор, файласуф, мунаҷҷим ва ҷуғрофидони маъруф аст. Бино бар ақидаи В. В. Бартольд аз соли 914 то 922 вазири дарбори Сомониён буд. Аз рӯи маълумоти Гардезӣ ӯ муаллифи «Ал-масолик ва-л-мамолик» аст, ки то замони мо нарасидааст. В. В. Бартольд ӯро дар радифи Исмоили Сомонӣ аз «созмондиҳандагони давлати сомонӣ» ба шумор овардааст.

PDF Compressor Free Version

72. Яъне Аҳмад ибни Исмоили Сомониро.
73. Ба ин шакл (нуқта, алиф, ро, хо-и хуттӣ, вов, хо-и хуттӣ) бидуни нуқтаҳо навишта шудааст ва маълум нагардид, ки ин шахс кист.
74. **Риздон** — ин вожа бояд «Рӯзон» бошад ва он шаҳракест наздики Фирӯзканд, аз тарафи рости касе, ки ба Буст ба сӯи Рӯхд меравад (шарҳи Маликушшуаро Баҳор).
75. **Бӯзакариёи Зайдавӣ ва Қаротекин** — Маликушшуаро дар ҳошия қайд мекунанд, ки дар асл ин ном «Бӯзакариён Райдавӣ» бидуни нуқтаи «зо» навишта шудааст. Ин шахс Абӯзакариё Яҳё ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ аст, ки бо Абӯсолеҳи Мансур ва Абӯисҳоқи Иброҳим — бародарони худ аз ҳабси Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ гурехтанд ва Қаротекин аз Балх ба эшон пайваст шуд. Эшон аз лашкариёни Насри Аҳмад ба ҳазимат ба Буст афтоданд. Сипас амон хоста, ба бародар пайвастанд. Қаротекин дар Буст вафот кард ва ҷасади ӯро ба Испиҷоб оварданд ва дар работе, ки ӯ сохта буд ва маъруф буд ба Работи Қаротекин ба хок супурданд. Ва илова мекунад, ки маълум нашуд, ки «Зайдавӣ-Райдавӣ» исми кист? Ва Наршахӣ ҳам менависад, ки «...Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ба Нишобур хуруҷ кард ва баъзе шаҳрҳои Хуросон бигирифт...» ва поёнтар «Алқисса бародарони дигари вай хуруҷ карданд ва бисёр фитна ангехтанд ва оқибат Абӯзакариё, ки асли фитна буд, бигирехт бо мардуми андак ва бебаргу бенаво ва ба Хуросон рафт ва бародарони дигар амон хостанд».
76. **Аҳмади Яъқуби Риздонӣ** — дар ҳамин саҳифа муаллиф ӯро «Муҳаммад ибни Яъқуби Риздонӣ» навишта ва аз мазмуни матн бармеояд, ки аз муқаррабони Амир Абӯҷаъфар Аҳмади Лайс ва сардори лашкари ӯ будааст.
77. **Ра (.)давӣ** — мақсуд Абӯзакариён Зайдавӣ (Райдавӣ) аст.
78. Мақсади муаллиф воқеаест, ки зикри он пештар омадааст ва ҳодисаест, ки Мокон бо расули Абӯҷаъфар карда буд. Мокон расули Абӯҷаъфарро бинвохт ва некӣ кард. Аммо шабе шароб хӯрд ва фармон дод, то риши фиристодаи амирро тарошанд. Чун ҳушёр гашт, аз кирдори худ пушаймон хӯрд, расулро моли зиёд дод ва то замони баромадани риши ӯ дар назди худ боздошт ва баъд ӯро ҷавоб дод. Абӯҷаъфар чун аз ин во-

PDF Compressor Free Version

қеа огоҳ шуд, бо ҳазор аскари худ аз Систон ба Рай шабехун кард ва Моконро ба Систон бо хазинаву молҳои ӯ овард. Ин ҷо ӯро меҳмонӣ кард ва рӯзе ба мастӣ фармуд, ки ришашро тарошанд. Рӯзи дигар узрҳои бисёр хост ва чанде нигоҳ дошт ва баъди он ки ришаш баромад, ӯро хилъатҳо дод ва боз ба Рай баргардонд.

79. **Сеякӣ** — аз шумораи «се» ва «якӣ» таркиб ёфтааст ва шароби мусаллас, ки аз се ду ҳиссааш дар натиҷаи ҷӯшонидан буғ шуда бошад ва онро «ҷӯшида» ҳам мегӯянд.

80. **Зуфон** — муродифи калимаи «забон» аст.

81. Маликушшуаро Баҳор қайд мекунад, ки ба маънии «вагарна», «ва илло» аст. Ва ин қабил ҷумлаҳои шартӣ дар форсии қадим дида мешавад.

82. **Бобон** — таҳиягар дар ҳошия қайд кардааст, ки дар нусхаи асл «бонон» навишта шудааст.

83. Маликушшуаро менависад, ки шояд «ба ҳум» ҳам бошад.

84. Дар нусхаи асл бидуни нуктаи ҳарфи дуюм (дол//зол) навишта шудааст, вале зоҳиран «гузорад», яъне бигузоранд аст.

85. Устод Баҳор қайд мекунад, ки дар «Девони Рӯдакӣ» ин калима «андараш» омадааст.

86. Дар нусхаи асл ин мисраъ чунин аст: «Зуфт шавад родумард, сусту диловар»

87. Дар шарҳи калимоти ин байт ва маънии он устод Баҳор оварда: «Танҷа аз шаҳрҳои Марокаш аст. Мурод ин аст, ки андӯҳи кӯҳҳоро ба дуртарин билоди олам ронда ва шодии тоза аз Раю Уммон, ки ҳам ба нисбат ба Бухоро наздик набудааст, ба маҷлис оварад. Ва дар ин шеър ҳам монанди боқӣ шеърҳо тасарруфе ворид кардаанд бад-ин тариқ:

> Андӯҳи даҳсоларо зи табъ рамонад,
> Шодии нав ораду бибуррад ғамон!

Ва ҷои шукр аст, ки дар «Девони Рӯдакӣ ва ғолиби нусахи «Девони Қатрон» ба ҳамин тариқи асл ин шеър маҳфуз мондааст. Ва маълум нест, шеъри мусаҳҳафи вориди мазкур дар фавқро аз куҷо пайдо кардаанд».

PDF Compressor Free Version

88. Ин калима ҳам дар нусхаи асл бенуқта аст, вале он зоҳиран «чанд» мебошад.
89. Зоҳиран ин мисраъ «чома бикарда фароз панчоҳ хулкон» бошад, яъне аз солхӯрдагӣ панчоҳ чома кӯҳна кардааст (Маликушшуаро Баҳор).
90. Дар асл «таҳтҳо» навишта шудааст.
91. **Барбади (айн, бо, йо)-у фаршҳои фаводӣ** — дар матн ҳарфҳои айн, бо, дандонаи бенуқта, йо омадааст. Дар шарҳи ин мисраъ байни адабиётшиносон ақидаҳои мухталиф мавчуд аст. Устод Абдулғанӣ Мирзоев ибораи якумро «Барбати Исову...» хондааст. А. П. Смирнова низ онро «Барбати Исо» ҳисобида, таъкид мекунад, ки вожаи дигари ин сатр — «фаршҳо» набояд ба маънии маъмули он қабул шавад. Ба ақидаи ӯ ин вожа, яъне «фарш» бояд номи асбоби мусиқӣ бошад. Дар шарҳи вожаи «фаводӣ» низ ақидаҳо мухталифанд. Устод Нафисӣ менигорад, ки асаҳҳи он «Фаровӣ» аст ва муштақ аз исми шаҳр «Фарова» воқеъ дар наздикии Нисо». А. П. Смирнова онро «Фуодӣ» медонад ва дар тавзеҳоти худ қайд мекунад, ки Исо ва Фуод номҳои ромишгарони машҳури ҳамон давра аст.
92. **Хобон** — зоҳиран «чонон» аст.
93. **Балғамӣ** — бояд «Балъамӣ» бошад.
94. **Басок ё пасок** — точе аст аз гул ва аз барги мӯрд, ки подшоҳон ва бузургон дар меҳмониҳо бар сар мениҳодаанд, гулдастаи доирашакл.
95. **Мӯрд** — як навъ дарахт, ки монанди дарахти анор аст, дорои баргҳои ҳамешасабз, ғафс ва хушбӯй.
96. **Абаш** — зоҳиран «лабаш майи сурху» — аст.
97. **Сиёҳчамш** — шояд «сиёҳчашм» бошад ва «чамш» шакли лаҳчавии калимаи «чашм» буда бошад.
98. Тасҳеҳгари матн қайд мекунад, ки дар асл чунин аст, вале вазни ин мисраъ ноқис аст ва шояд ба қарори зер бошад: «З-он майи хушбӯй соғаре бисітонад». Зеро майро ба хушбӯй бисёр ситоиш кардаанд, бар хилоф таги хушбӯй нагуфтаанд. Дар «Осори Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) ҳам «З-он май хушбӯй соғаре бисітонад» омада.
99. Дар асл ба чои «Маҳ» «Мас» навишта шудааст.

PDF Compressor Free Version


99 а. **Гайхон** — Бо кофи форсӣ ва йо-и маъчул асли луғати чахон аст (Маликушшуаро Баҳор).
100. Дар нусхаи асл дандонаи якум ва ҳарфи охир нукта надорад. Дар чопи Сталинобод «тир» навишта шудааст.
101. Маликушшуаро Баҳор қайд мекунад, ки пайвандаки «-у» дар ин чо зоид аст. Аммо шояд он дуруст бошад ва ин чо ишора бошад ба «Юнон» номи ҳакиме.
102. Қоф, фо, дандонаи бенуқта, «ро», йо — зоҳиран «факеҳӣ» аст.
103. Бояд «гар» бошад.
104. Дар чопи сталинободии «Осори Рӯдакӣ» «фариштаес» омада.
105. То-т — зоҳиран «то ту» аст. Аммо дар «Осори Рӯдакӣ» «То ки» омада.
106. Зоҳиран «савор ба майдон» аст.
107. Дар нусхаи асл «сер гашта...» мебошад.
108. Дар «Осори Рӯдакӣ» ин мисраъ чунин омада: «Гарчи ба хангоми ҳилм кӯҳ тани ӯй»
109. **Сиём** — кӯҳест дар Туркистон.
110. Дар нусхаи асл «В-ар на сард оядаш» омада.
111. **Гаравгон** — ин вожа ба маънии «орият, вадиъат» ва ҳамчунин ба маънои «банда» ба назар омадааст.

112. **Ҳумлон** — дар баъзе нусхаҳо, ба гуфти устод Баҳор, «мулон» навиштаанд. Лекин ин матн саҳеҳтар аст ба ин далел, ки Рӯдакӣ дар шеърҳои дигари худ аз калимаи «ҳумлон» истифода кардааст. «Ҳумлон» бар замми аввал масдари «ҳамала» («йаҳмилу») аст ба маънии «бор, коло, матоъ».
113. **Нимрӯз** — номи дигари вилояти Сиистон, ки дар сарчашмаҳо низ дучор меояд.
114. Дар «Осори Рӯдакӣ» ин мисраъ чунин омадааст: «Тезпаре бозу ҳар-ч чинию шайтон».
115. Дар нусхаи асл «бе надим» омада, вале он «бе будим» аст, яъне ба маънии агар заиф ва бечора ё пир набудам.
116. **Амири Машриқ** — Наср ибни Аҳмади Сомонӣ.
116 а. Дар «Луғати ашъори Рӯдакӣ» ба шакли зайл омада: «Узри раҳии хешу потавониву пирӣ».
117.. Дар ин нусха «Баҳлон» омада, вале машҳур «Саҳлон» аст.

PDF Compressor Free Version

**88.** Ин калима ҳам дар нусхаи асл бенуқта аст, вале он зоҳиран «чанд» мебошад.
**89.** Зоҳиран ин мисраъ «чома бикарда фароз панчох хулкон» бошад, яъне аз солхӯрдагӣ панчох чома кӯҳна кардааст (Маликушшуаро Баҳор).
**90.** Дар асл «тахтхо» навишта шудааст.
**91.** **Барбади (айн, бо, йо)-у фаршҳон фаводӣ** — дар матн ҳарфҳои айн, бо, дандонаи бенуқта, йо омадааст. Дар шарҳи ин мисраъ байни адабиётшиносон ақидаҳои мухталиф мавчуд аст. Устод Абдулғанӣ Мирзоев иборам якумро «Барбати Исову...» хондааст. А. П. Смирнова низ онро «Барбати Исо» ҳисобида, таъкид мекунад, ки вожаи дигари ин сатр — «фаршхо» набояд ба маънии маъмули он қабул шавад. Ба ақидаи ӯ ин вожа, яъне «фарш» бояд номи асбоби мусиқӣ бошад. Дар шарҳи вожаи «фаводӣ» низ ақидаҳо мухталифанд. Устод Нафисӣ менигорад, ки асахҳи он «Фаровӣ» аст ва муштак аз исми шаҳр «Фарова» воқеъ дар наздикии Нисо». А. П. Смирнова онро «Фуодӣ» медонад ва дар тавзеҳоти худ қайд мекунад, ки Исо ва Фуод номҳои ромишгарони машҳури ҳамон давра аст.
**92.** **Хобон** — зоҳиран «чонон» аст.
**93.** **Балғамӣ** — бояд «Балъамӣ» бошад.

**94.** **Басок ё пасок** — точе аст аз гул ва аз барги мӯрд, ки подшохон ва бузургон дар меҳмониҳо бар сар мениҳодаанд, гулдастаи доирашакл.
**95.** **Мӯрд** — як навъ дарахт, ки монанди дарахти анор аст, дорои баргҳои ҳамешасабз, ғафс ва хушбӯй.
**96.** **Абаш** — зоҳиран «лабаш майи сурху» — аст.
**97.** **Сиёҳчамш** — шояд «сиёҳчашм» бошад ва «чамш» шакли лаҳчавии калимаи «чашм» буда бошад.

**98.** Тасҳеҳгари матн қайд мекунад, ки дар асл чунин аст, вале вазни ин мисраъ ноқис аст ва шояд ба қарори зер бошад: «З-он майи хушбӯй соғаре бисситонад». Зеро майро ба хушбӯйӣ бисёр ситоиш кардаанд, бар хилофи тани хушбӯйӣ нагуфтаанд. Дар «Осори Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) ҳам «З-он май хушбӯй соғаре бисситонад» омада.
99. Дар асл ба чои «Мах» «Мас» навишта шудааст.

PDF Compressor Free Version

99 а. **Гайхон** — Бо кофи форсӣ ва йо-и маҷҳул асли луғати ҷаҳон аст (Маликушшуаро Баҳор).
100. Дар нусхаи асл дандонаи якум ва ҳарфи охир нуқта надорад. Дар чопи Сталинобод «тир» навишта шудааст.
101. Маликушшуаро Баҳор қайд мекунад, ки пайвандаки «-у» дар ин ҷо зоид аст. Аммо шояд он дуруст бошад ва ин ҷо ишора бошад ба «Юнон» номи ҳакиме.
102. Қоф, фо, дандонаи бенуқта, «ро», йо — зоҳиран «факеҳӣ» аст.
103. Бояд «гар» бошад.
104. Дар чопи сталинободии «Осори Рӯдакӣ» «фариштаеь» омада.
105. То-т — зоҳиран «то ту» аст. Аммо дар «Осори Рӯдакӣ» «То ки» омада.
106. Зоҳиран «савор ба майдон» аст.
107. Дар нусхаи асл «сер гашта...» мебошад.
108. Дар «Осори Рӯдакӣ» ин мисраъ чунин омада: «Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳ тани ӯӣ»
109. **Сиём** — кӯҳест дар Туркистон.
110. Дар нусхаи асл «В-ар на сард оядаш» омада.
111. **Гаравгон** — ин вожа ба маънии «орият, вадиъат» ва ҳамчунин ба маънои «банда» ба назар омадааст.

112. **Хумлон** — дар баъзе нусхаҳо, ба гуфти устод Баҳор, «мулон» навиштаанд. Лекин ин матн саҳеҳтар аст ба ин далел, ки Рӯдакӣ дар шеърҳои дигари худ аз калимаи «ҳумлон» истифода кардааст. «Хумлон» бар замми аввал масдари «ҳамала» («йаҳмилу») аст ба маънии «бор, коло, матоъ».
113. **Нимрӯз** — номи дигари вилояти Сиҷистон, ки дар сарчашмаҳо низ дучор меояд.
114. Дар «Осори Рӯдакӣ» ин мисраъ чунин омадааст: «Тезпаре бозу ҳар-ч чинию шайтон».
115. Дар нусхаи асл «бе надим» омада, вале он «бе будим» аст, яъне ба маънии агар заиф ва бечора ё пир набудам.
116. **Амири Машриқ** — Наср ибни Аҳмади Сомонӣ.
116 а. Дар «Луғати ашъори Рӯдакӣ» ба шакли зайл омада: «Узри раҳии хешу нотавониву пирӣ».
117.. Дар ин нусха «Баҳлон» омада, вале машҳур «Саҳлон» аст.

PDF Compressor Free Version


118. **Тоҳир Бӯалӣ ва Муҳаммади Ҳамдун** — Тоҳир Абӯалӣ — номи пурраи Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абӯтамим аст. Дар насабу номи ӯ ихтилофҳо мавҷуданд. Муаллифи «Таърихи Систон» дар саҳифаҳои дигари асари худ ӯро гоҳе Абулҳасан ибни Тоҳир ибни Абӯалӣ — Тамимӣ ва гоҳе Абулҳусайн Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абӯтамим ва гоҳе Тоҳир Бӯалӣ навиштааст. Бо вуҷуди ин, бино бар ақидаи Маликушшуаро, ахборе, ки дар ин китоб дар бораи ин шахс омадааст, дар ҳеҷ рисолаи дигари таърихӣ ба ин тафсил дида намешавад. Номи Муҳаммади Ҳамдун ҳам дар китоб дар ду шакл омадааст. Дар саҳифаи 308 муаллиф ӯро бо номи «Муҳаммад ибни Ҳамдуни Исфисиллор» ёд мекунад. Пайдост, ки «исфисиллор» шакли муарраб ё тахфифшудаи «исфаҳсолор», «сипаҳсолор» аст. Дар ҷои дигар Муҳаммад ибни Ҳамдуни Абдуллоҳ ба сифати яке аз сарлашкарони Систон зикр гардидааст.

119. Ҳашам — зоҳиран ин ҷо бояд «дар зимни ҳашам» бошад. «Ҳашам» гурӯҳе аз мардум аст, ки барои ҷанг дар мавкиби подшоҳон ҷамъ мешуданд.

120. **Ҷоҳилият** — замони қабл аз ислом дар назар дошта шудааст. Аслан истилоҳи ҷоҳилият ба таърихи кишварҳои араб дахл дорад ва дар тавсифи замоне ба кор гирифта мешавад, ки аъроб бутпараст буданд.

121. **Дувоздаҳ ҳазор барнишаста** — дувоздаҳ ҳазор савор.

122. **Асб пошна барниҳоданд** — асп дар майдон андохтанд ва тохтанд.

123. Бино бар ақидаи тасҳеҳгари матн бояд Мансур ибни Нӯҳ бошад, зеро Мансур ибни Нӯҳ ба қавли Гардезӣ дар соли 365/976 ва ба қавли Ибни Асир дар соли 366/977 вафот ёфтааст.

124. **Гувайн** — дар ҷои дигар ба шакли «Ҷувайн» омадааст ва ин шакл саҳеҳтар аст. Ҷувайн яке аз рустоҳои Систон аст.

125. Ин ҷо «бар» ба маънии «бо» омада, яъне лашкари Хуросон бо ӯ.

126. **Ба нозирӣ** — ба тафтишу назорат.

127. Дар матн «он гоҳ ту беҳ донис» омада. Ба занни қавӣ «он гоҳ ту беҳтар донӣ» бояд бошад.

128. **Кӯшаи Дайд** — Маликушшуаро Баҳор қайд мекунад, ки

PDF Compressor Free Version


ин вожа «Райд» ва ҳам «Зайд» хонда мешавад. Маълум аст, ки номи касре буда ва «кӯша» ин ҷо ба маънии «кӯшк» аст. Аз эҳтимол дур нест, ки он «Кӯшки Зайд» бошад.

129. Максуди муаллиф амир Абӯнаср ибни Халаф аст.

130. Дар асл «Нӯҳ ибни Мансур» бояд бошад.

131. Дар асл «Мансури Нӯҳ» аст.

## «ТАЪРИХИ ГАРДЕЗӢ»-и АБУСАЪИДИ ГАРДЕЗӢ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Абдулҳайи Ҳабибӣ («Таърихи Гардезӣ». Теҳрон. Интишороти «Дунёи китоб», 1363) сурат гирифт.

1. **Ал-муайййид ли дин-иллоҳ ал-мунтасир ли оли расул-ил-лоҳ** — пуштибони дини худо ва ҳомии оли расули худо.

2. **Мутолибат кард** — ин ҷо мутолибат ба маънои ба зӯрӣ мол хостан омадааст.

3. **Бӯалӣ** — яъне Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффари Чағонӣ.

4. **Ориз** — тасҳеҳгари матн дар баробари таъкиди он ки дар баъзе нусхаҳо вожаи мазкур ба шакли «фориз» омада, менигорад, ки дар давраи Сомониёну Ғазнавиён аз мансабҳои лашкарӣ будааст ба манзалати раиси аркони ҳарбии кунунӣ. Аммо муҳаққиқони дигар, аз ҷумла В. В. Бартольд, тазаккур додаанд, ки ориз маъмури пардохти хазинаи кӯшун будааст.

5. **Яминуддавла ва аминулмилла** — дасти рости давлат ва нигаҳдорандаи миллат.

6. **Ҳайкони Қорӣ** — дар нусахи мухталиф ва мутуни дигар номи ин шахс дар шаклҳои «Ханкон», «Чанкон», «Кайкон» ва «Гайкон» омада. Вале бино бар ақидаи тасҳеҳгари матн ҳамаи ин ҳадсҳо барғалат аст. Яҳё ибни Муҳаммад ибни Яҳёи Зуҳлӣ аз ашираи Зуҳл ибни Шайбон ва мулаққаб ба «Ҳайкон» аст, ки кунияи ӯ Абӯзакариё буд. Имоми аҳли ҳадиси Нишопур буд, ки дар Ироқ аз Аҳмад ибни Ҳанбал — асосгузори таълимоти ҳанбалӣ таълим гирифтааст. Бар асари ҷанг бо Хуҷистонӣ асир ва дар соли 267/881 кушта шудааст.

PDF Compressor Free Version



7. **Газид** — шакле аз «газият» ва «газия», ки аслан вожаи ороми аст. Бино бар ақидаи аксари фарҳангнигорон «газид» заре аст, ки подшоҳон ҳар сол аз раъият мегиранд ва онро хироҷ ҳам мегӯянд. Маънии дигари ин вожа заре аст, ки аз аҳли зимма ситонанд ва бар ниаз онҳоро амон диҳанд. Ба ин маънӣ шакли муарраби он ҷизя аст.

8. **Ахлос** — даромадҳои тозаи молӣ аст, ки ғайр аз хироҷу молиёти қонуниву шаръӣ ба хазина ояд, ба мисли мусодираи мол ва ғайра.

9. **Муҳаммад ибни Бишр** — ин ном дар осори В. В. Бартольд дар шакли Муҳаммад ибни Башар омадааст.

10. **Аййада-л-лоҳу-л-амира** — худой дастгири амир бод.

11. **Бинишаст** — дар нусхаи дигар низ чунин омада, вале тасҳеҳгари матн мепиндорад, ки он дар ин маврид маънӣ надорад ва асаҳҳи он «набишт» бояд бошад.

12. Насаби Сомониён дар аксари манобеъ зикр шуда, вале дар навишти номҳо аз адвори қадим ба асари китобати мукаррар аз ҷониби носихон ғалатҳое роҳ ёфта, ки таъйини асолати номҳоро душвор сохтааст. Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи тасҳеҳи насаби таҳрифшудаи Сомониён мӯҳтоҷ бар пажӯҳишҳои доманадор аст.

13. **Бодат ёфт** — дар матн чунин омада, вале зоҳиран дар навишти вожаи аввал иштибоҳе роҳ ёфтааст. Чунин менамояд, ки «бодат» тасҳифи «зиёдат» аст.

14. Нигоҳ ба таъликоти «Таърихи Систон», рақами 9.

15. **Хартанг** — бино ба ишораи В. В. Бартольд Хартанг деҳаест, ки дар се фарсахии Самарқанд воқеъ буда, қабри муҳаддис ва олими забардасти улуми динӣ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (ваф. с. 870) дар он ҷост.

16. **Ҷиранҷ** — ин микротопоним дар нусхаҳои гуногуни китоб дар шаклҳои «Хиранҳ» ва «Ҷиранҷ» омадааст, ки асаҳҳаш «Ҷиранҷ» ва он муарраби вожаи «Гиранг» аст. Бино ба ахбори тасҳеҳгари матн ин деҳ бо номи мазкур то аҳди муғул шӯҳрат дошт.

17. **Иҷро** — дар ин ҷо ба маънии ғизо ва хӯрданӣ омадааст.

18. **Аббос ибни Шақиқ** — дар бархе аз манобеъ, аз ҷумла дар ҷои дигар аз худи ҳамин китоб ин ном дар шакли Абулаббос ибни Шафиқ низ ба назар расид.

PDF Compressor Free Version

19. **Бачками Мокони** — Хусайни Бачками Роиқӣ яке аз амирон буд ва ба номи худ сикка ҳам задааст. Вожаи Бачкам, ки аслан туркӣ аст, маънои кӯтосро дорад.
20. **Синг** — яке аз деҳаҳои Марви Шоҳичаҳон аст ва дар шакли муарраби «Синч» низ дар сарчашмаҳо ба назар мерасад.
21. **Кумайчиён** — номи тоифае аз ақвоми ориёӣ аст, ки дар чанд манобеъи таърихиву чуғрофӣ, аз қабили «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Байҳақӣ», «Зайн-ул-ахбор» ва ғайра аз онҳо ёд шудааст. Тибқи маълумоти маохизи мазбур, кумайчиён дар ҳудуди Точикистони кунунӣ. дар саргаҳи дарёи Кофарниҳон сукунат доштанд.
22. **Жошт** — номи маҳаллаест, ки тибқи маълумоти «Ҳудуд-ул-олам» «андар миёни Бутамону Хатлон» чойгир буд.
23. **Шаробдор** — яке аз соҳибвазоифи дарбор, ки шаробдорӣ ва таҳияи машруботи шоҳӣ ба ӯҳдаи ӯ буд.

24. **Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ** — Ин шахс ҳамон сипаҳсолор ва ҳукмрони маъруфи Хуросон аст, ки дар соли 957 ба фармони ӯ «Шоҳнома»-и мансурро чамъ карданд, ки аз он то имрӯз фақат «Муқаддима» боқӣ мондааст бас. Ӯ ҳокими Тӯс ва Нишобур буд ва дар соли 960 ба сипаҳсолории Хуросон расида буд. Дар охири соли 962 кушта шуд. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ насабаш ба сипаҳсолорони бостонии Сосониён мерасад.

25. **Об** — ин чо мурод дарёи Ому аст.

26. **Чоҳа** — номи мавзеъест, ки шояд бо Соҳа, ки дар «Аҳсан ут-такосим» омада ва аз навоҳии Нишопур маҳсуб шуда, яке бошад. Дар ҳар ҳол Чоҳа бояд дар самти Сарахс ва Омул воқеъ бошад, ки аз он самт ба тарафи соҳили Ому раванд.
27. **Бабдоҳ** — зоҳиран, номи яке аз сарлашкарони Мансур ибни Нӯҳ аст. Айни ҳамин ҳикоят дар «Сиёсатнома» низ омада, вале дар он чо номи Бабдоҳ зикр нашудааст. Дар «Таърихи Бухоро» номи ин шахс Ашъас ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад омадааст.
28. **Махкан** — номи чой аст, вале шакли саҳеҳаш маълум нашуд. Ба ҳадси тасҳеҳгари матн ин ҳамон Намахкан аст, ки дар «Аҳсан ут-такосим» дар манозили байни Нишопур ва Ҳирот зикр шудааст.

PDF Compressor Free Version

29. **...ва аз наздикони Мансур поймардон сохт** — яъне, барои худ аз наздикони Мансур восита ва шафоатгарон пайдо кард.
30. **Ҳусайн ибни Алӣ ибни Тоҳири Тамимӣ** — номи ин ҳукмрони Систон дар маохизи таърихӣ дар шаклҳои мухталиф омадааст. Чунончӣ, муаллифи «Таърихи Систон» ӯро гоҳе чун Абулҳусайн Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Абӯтамим ва гоҳе чун Абулҳасан ибни Тоҳир ибни Абӯалии Тамимӣ ва дар ҷои дигар чун Тоҳири Бӯалӣ ном бурдааст. Утбӣ дар «Таърихи Яминӣ» номи ин ҳукумронро Тоҳир ибни Ҳусайн зикр кардааст.
31. **Андар санаи арбаъа ва сабъина ва салосумиа (374/984-985)** — соли ҷулуси ат-Тоеъ лиллоҳ чунин омада, вале таърихи ҳақиқии ба хилофат расидани ӯ соли 363/974 аст.
32. **Юсуфи вазир** — В. В. Бартольд номи вазирро Абӯмансур Юсуф ибни Исҳоқ овардааст (Бартольд В. В., Соч. т. I, с. 310, 312).
33. **василатро** — зоҳиран дар китобати ин вожа саҳве рафтааст, ки бар асари он маънии вожа маълум нагардид.
34. **намуҳад (?)** — дар нусхаи асл чунин омада ва барои тасҳеҳгарии матн низ сурати саҳеҳи ин вожа номаълум мондааст.
35. **Биҳ** — таъйини асли ин топоним ба тасҳеҳгарии матн муяссар нагардидааст.
36. **Амир Халаф** — Халаф ибни Аҳмад аз амирони донишманди Саффориии Систон аст. Ба дастури ӯ ҷамъе аз уламо тафсири бузурги «Қуръон»-ро таълиф намуданд ва барои ин кор амир Халаф 25 ҳазор динор масраф карда буд. Насаби Халаф ба Ҳотам-ҷадди Яъқуби Лайс мерасид. Амири мазкур дар соли 399/1008 дар ҳисори Гардез дар ҳабс бимурд.

37. **Ғуломони Бойтузӣ** — ғуломони Бойтуз, ки ҳукмрони Буст буд ва котиби ӯ шоиру котиби маъруф Абулфазли Бустӣ буд. Зикри Бойтуз дар «Таърихи Яминӣ» ва «Ал-комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир омадааст. Бино ба маълумоти ин манобеъ Сабуктегин гӯё ӯро аз Буст ронд ва ба ҷояш Туғонро шинонда буд. Бойтуз дар ҳудуди соли 360/970 аз олам гузаштааст.
38. **Абулҳусайн Муҳаммад ибни Муҳаммади Музӣ** — мансуб ба Музна — яке аз деҳаҳои Самарқанд будааст.
39. Вожае, ки пеш аз калимаи «назм» дар матни асл омадааст,

PDF Compressor Free Version

бар асари тасхиф аз ҷониби тасҳеҳгари матн хонда нашудааст.

40. **Ва бисёр дайлам бигирифтанд** — мурод аз «дайлам» мардуми мавзеи Дайлам аст.

41. Хон — мурод Эликхон аст, ки ахбори омаданаш ба Бухоро дар поён меояд.

42. **Амирулумаро ал-Муаййад мин-ас-само** — таъйиншуда аз осмон.

43. **Қӯчкорбошӣ** — бино ба ҳадси В. В. Бартольд ин ҳамон дизест, ки дар «Шоҳнома»-й Фирдавсӣ аз он ёд шуда. (В. В. Бартольд, Соч., Т.I., с. 321).

44. **Наҷосат** — дар матн чунин омада, ки дар ин маврид маънӣ надорад. Шояд он «бихост» бошад. Тасҳеҳгари матн низ аз тавзеҳи ин вожа худдорӣ кардааст.

45. **Амир Фариғун** — Абдулҳарис Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Фариғун — подшоҳи сеюми дудмони фариғуниёни Гузгон аст, ки рисолаи ҷуғрофии «Ҳудуд-ул-олам» дар соли 372/982-983 ба номи ӯ навишта ва эҳдо шудааст.

46. **Тараконн Халҷ** — талаффузи кунунии ин вожа ғалҷӣ аст, ки иборат аз қабоили афғонии сокини ҳудуди Ғазна ва Зобул бошанд. Силсилаи шоҳони халҷии Ҳинд ба онҳо тааллуқ доштанд. Вожаи «тараконӣ» иборат аз тарак — қабилаи маъруфи ғалҷии Зобулистон бошад, ки ҳоло низ ба ҳамин ном байни Ғазна ва Қандаҳор дар Зобулистони таърихӣ сукунат ва ҳаёти кӯчӣ доранд.

47. **Абулмузаффар Муҳаммад ибни Иборҳими Барғашӣ** — дар «Насоим-ул-асҳор» нисбаи ин вазир дар шакли Барғушӣ омада ва зикр шудааст, ки дар асри Мансур ибни Нӯҳ аз вазорат истеъфо хост. Чанде дар Гузгон буд ва баъд аз он сӣ сол дар Нишопур ба мутолиа ва таснифи кутуб пардохт.

48. Вожаест, ки аз ҷониби тасҳеҳгари матн ба иллати саҳве, ки дар китобат рафта, хонда нашудааст.

49. **Абулҳусайн ибни Муҳаммад ибни Алии Ҳамулӣ** — В. В. Бартольд кунияи ин шахсро дар шакли «Абулҳасан» оварда таъкид кардааст, ки Маҳмуди Ғазнавӣ ӯро ба сифати сафир ва косиди худ ба Бухоро фиристода буд. Сомониён ба ӯ мансаби

вазирпро арзонӣ доштя буданд. (В. В. Бартольд. Соч., Т. I, с. 327).

**50. Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Хуноматӣ** — В. В. Бартольд «Хуноматӣ»-ро ««Чайхонӣ» хондааст, вале аз шарҳи баъдинаи микротопоними «Хуномат» пайдост, ки қироати В. В. Бартольд ғалат буда. «Хуноматӣ», яъне мансуб ба деҳи Хуномат саҳеҳ аст.

**51. Ҳиндубача** — Тафсири ин ҷанг, ки дар чаҳорфарсахии Нишопур воқеъ шуда буд, дар «Таърихи Яминӣ» ва «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир омада, вале зикре аз ҳиндубача нест. Вале дар қиёс бо он, ки дар лашкари Ғазнавиён, тибқи ахбори манобеи таърихӣ, ҳиндувони бумии афғонӣ буданд, метавон ҳадс зад, ки дар лашкари бародари Маҳмуд низ ҳиндуе буда ва шояд лашкардорӣ ҳам ба ӯҳдаи ӯ будааст.

**52. Писари Аламдор** — В. В. Бартольд номи ӯро Хорис оварда ва сарвари ғозиёни Самарқанд хондааст, ки ба Мунтасир бо 3000 сипоҳиёни худ пайваста буд. (В. В. Бартольд, Соч., т. I, с. 331).

**53. Хони бузург** — мурод ҳамон Эликхон Наср ибни Алӣ аст, ки тибқи ахбори «Таърихи Яминӣ» дар қарияи Бурнамади Самарқанд шикаст хӯрд.

54. Писари Сурхак — Ибни Сурхаки Сомонӣ аз пайвандони Мунтасир буд, ки бо Эликхон сирран паймон баста, Мунтасирро ба Мовароуннаҳр ҷалб карданӣ буд.

**55. Писари Баҳиҷ** — Ибни Баҳиҷ сарвари яке аз қабоили аъроб, ки дар биёбони Марв сукунат доштанд. Нигаред ба таълиқоти «Равзат-ус-сафо».

## «СИЁСАТНОМА»-и ХОҶА НИЗОМУЛМУЛК

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Атоуллоҳи Тадайюн (Сиёсатнома. Теҳрон. Интишороти Теҳрон, 1373) сурат гирифт.

**1. Доъӣ** — даъваткунанда, тарғибкунанда, он ки мардумро ба дини худ даъват кунад. Ин ҷо доъиёни мазҳаби исмоилия дар

PDF Compressor Free Version

назаранд. Дар мазҳаби мазкур «доъй» яке аз мартабаҳое буд, ки аз «ҳуҷҷат» поёнтар ва аз «маъзун» болотар меистод.

2. **Шариати исмоилӣ** — яъне шариати фирқаи исмоилия, ки яке аз фирқаҳои асосии мазҳаби шиа аст. Он ҳамчун ҷунбиши сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳаракати диниву фалсафӣ дар авосити қарни ҳаштум ба вуҷуд омада, дар таърихи назҳати сиёсиву фикрии Шарқи мусулмонӣ нақши бориз гузоштааст. Дар адвори гуногун ва кишварҳои мухталиф «исмоилия» бо номҳои «ботиния», «қарматия», «таълимия» ва ғайра иштиҳор дошт. Оғози ҳаракати исмоилия ба тафриқае, ки байни аҳли шиа баъди вафоти имоми шашум Ҷаъфари Содиқ (р) (с. 765) рӯй намуда, оид аст. Ағлаби аҳли ташаййун ба ҳайси имоми ҳафтум писари Ҷаъфари Содиқ (р) Мӯсо ибни Ҷаъфар ал-Козим (с. ваф. 799)-ро эътироф карда ва имоматро то имоми дувоздаҳум идома додаанд. Вале қисми дигар писари аршади Ҷаъфари Содиқ — Исмоилро вориси имомат пазируфта. Азбаски Исмоил дар замони зиндагии падараш даргузашта буд, писараш — Муҳаммадро ба ҳайси имоми ҳафтум эътироф карда, ба худ номи «исмоилиён»-ро гирифтаанд.

3. **Ботиниён** — пайравони он фирқаҳои исмоилия ҳастанд, ки бар хилофи таълимоти «зоҳириён» маънии ботинии Қуръонро эътироф мекунанд. Бино ба ақидаи ботиниён, моҳияти асосии Қуръонро Алӣ ибни Абӯтолиб ва асҳоби ӯ медонанд ва гӯё чунин тарзи маърифати Қуръонро имом ҳамчун ифодаи иродаи илоҳӣ аз пайғамбар ба ирс гирифтааст. Аз ин рӯ, имомони замон қодиранд, ки Қуръонро таъвил ва асрори маонии онро кашф кунанд. Усули таъвили ботинии «Қуръон», ки дар байни аҳли ботиния маъмул буд, барои ривоҷи озодандешӣ дар қуруни вусто мусоидат кардааст.

4. **Лаъанаҳумуллоҳ** — лаънати худо бар онҳо бод!

5. **...ӯ ҳаргиз ба амирулмӯъминин хилоф кунад** — мантиқан «...хилоф накунад» бояд бошад. Дар нашри Душанбе низ феъли мазкур дар сиғаи инкорӣ омадааст.

6. **Ё маъшаралмуслимин!** — эй ҷамоати мусалмонон!

7. **Маҳдия** — номи шаҳрест, ки маркази Алавиёни Фотимӣ буд ва дар ҳудуди Туниси кунунӣ, дар шимоли Африқо қарор дошт.

PDF Compressor Free Version


Онро нахустин халифаи фотимӣ — Абдуллоҳ ал-Маҳдӣ дар соли 915 бино кардааст.

8. **Атиъу-л-лоҳа ва атиъу-р-расула ва ули-л-амри минкум** — (Қуръон, сураи ан-Нисо, ояи 59) «фармон баред худойро ва фармон баред расулон ва пайғамбарони ӯро ва итоат кунед худовандони амр аз шуморо».

9. **...ва кардаи ӯро нокарда пиндоштем** — аз ин қисмати ҷумла сар карда, дар баёни мӯхтавои мактуби халифа ба Яъқуби Лайс нависанда ҷонишини шахси сеюми танҳоро барои ифодаи шахси дуюми танҳо кор фармудааст. Дар чопи Душанбе дар ин маврид ва то поёни мактуб ҷонишини шахси дуюми танҳо нигоҳ дошта шудааст. Зоҳиран, таҳиятар ба матн ислоҳе ворид кардааст. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар матни осори мансури асри X истифодаи ҷонишини ифодакунандаи як шахс ба ҷои шахси дигар гоҳ-гоҳ ба чашм мерасад.

10. **Айёрӣ** — пешаи айёрон аст. Айёрон, (онҳоро «ҷавонмардон» меҳонанд) гурӯҳе аз табақоти иҷтимоии асрҳои миёна буданд, ки дастаҳои махсуси ҷангӣ созмон дода, ба роҳзанӣ машғул мешуданд ва ё дар зумраи лашкариёни ин ё он амир ба муқобили мухолифони онҳо меҷангиданд. Дар аҳди Аббосиён шумораи айёрон дар Бағдод, Систон ва Хуросон бисёр гардид. Айёрон мардуми шуҷоъ, ҷавонмард ва заъифнавоз буданд. Бино ба ахбори «Таърихи Систон» сарвари дастаҳои айёронро «сарҳанг» меномиданд. Яъқуби Лайс, ки ин ҷо сухан дар бораи ӯ меравад, аз табақаи айёрон буд ва бо ёрии онҳо давлати Саффориёнро бунёд ниҳод.

11. **...ва расули халифаро касал кард** — дар матн чунин омада, вале агар ба ҷои «касал кард» «ғусел кард» навишта ва хонда шавад, маънӣ устувор хоҳад шуд.

12. **Кам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан биизниллоҳи валлоҳу маассобирин** — борҳо шудааст, ки гурӯҳе андак бар лашкаре бисёр ғолиб омадааст бо фармони худованд ва худованд бо сабурон аст.

13. **Азза исмуҳум** — номи ӯ (худованд) азиз бошад.

14. **Қабои занданиҷӣ** — навъе аз матоъ аст, ки онро дар Зандана — яке аз қарияҳои бузурги атрофи Бухоро мебофанд.

15. **Ва чун Нӯҳ даргузашт, ин Мансур ибни Нӯҳро ба подшоҳӣ**

PDF Compressor Free Version

**биншониданд** — дар ин чо муаллифи «Сиёсатнома» ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро пас аз Нӯҳ ибни Наср (942-954) фарзандаш Абдулмалик ибни Нӯҳ (954-961) ба тахт нишаста буд, на Мансур ибни Нӯҳ (961-974), ки ҷулусаш пас аз Абдулмалик ба вуқӯъ пайваста буд.

16. **То туро бинаду ӯхда тоза кунад...** — дар матн чунин омада, вале ба ҷои «ӯхда тоза кунад» «аҳд тоза кунад» асаҳҳ ба назар менамояд, ба хусус, ки чанд сатр боло низ таъбири «аҳд тоза накардӣ» омадааст.

17. **Хавориҷ** — ниг. ба таъликоти «Таърихи Систон» — рақами 9.

18. **Шери Борик** — бино ба ахбори муаллифи «Таърихи Систон» «Шери Борик» лақаби Тоҳир ибни Халаф ибни Аҳмади Саффор — амири Систон аст, ки ба муқобили падари худ — Халаф ибни Аҳмад бархост, вале падар ӯро бифирефт ва асир кард. Тоҳир дар зиндони падар дар соли 1002 даргузашт.

19. **Суманот** — номи маъбад ва бутхонаи маъруф дар Гуҷароти Ҳиндустон аст, ки онро Султон Маҳмуди Ғазнавӣ хароб кардааст. Вожаи «Суманот» аслан аз забони санскрит буда, маънои «сума» — «моҳ» ва «нот» — «худованд» аст, яъне «худованди моҳ». Берунӣ дар «Мо ли-л-Ҳинд»-и худ аз Суманот ёд карда ва дар ваҷҳи тасмияи ин ном порае аз афсонаҳои ҳиндиро нақл кардааст.

20. **Манот** — номи бутест, ки дар бутхонаи маъруфи Суманот қарор дошт. Гӯё баъзе аз қабоили араб қабл аз ислом онро парастиш мекарданд ва баъдан онро аз Макка бо роҳи дарё ба Ҳиндустон оварда будаанд, то он ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ бутхонаро хароб карда ва буту ҷавоҳиронашро ба ғанимат бурдааст. Инглисҳо соли 1842 Ғазнаро фатҳ карда, Манотро ба хотири ба даст овардани дили бараҳманон ба Ҳиндустон баргардониданд.

21. **Халладаллоҳу мулкаҳу** — парвардигор мулки ӯро бақо бахшояд.

22. **Ботинӣ** — пайрави фирқаи ботиния, ниг. ба таъликоти рақами 3.

23. **Мутакаллим** — донандаи илми калом ва ин илмро барои

PDF Compressor Free Version

он илми калом хонанд, ки аввалин ихтилофро дар Қуръон матрах ва мавриди мубоҳиса қарор дода ва аз махлуқ ва ғайри махлуқ будани он сӯҳбат ба миён оварданд.

**24. Қарматӣ** — пайрави фирқаи карматия яке аз фирқаҳои исмоилия аст, ки охири асри IX дар заминаи ҳаракатҳои зиддифеодалии деҳқонон, ҳунармандон ва бадавиёни Ироқ ба вуҷуд омада, ба 'дигар кишварҳо интишор ёфтааст. Бархе аз манобеъ Ҳамдони Ашъаси Қармат — яке аз сарварони шӯриши ҷануби Ироқро муассиси карматия донистаанд. Пайравони таълимоти карматия Муҳаммад ибни Исмоилро имоми ҳафтум ва соҳибуззамон ҳисобида, баъди ӯ имоми дигарро эътироф намекарданд. Аз ин ҷост, ки карматия бо номи сабъия (ҳафтимомӣ) низ маъруф аст. Зиёрати қабрҳо, бӯсидани санги Каъба, эътиқод ба зоҳир барои тарафдорони карматия ҳаром буд. Карматиён ибодат ва иҷрои аҳкоми шаръиро як навъи азобу уқубати мусалмонони мехисобанд, ки ба «имом» имон наовардаанд. Аксари муҳаққиқон шабоҳати таълимоти карматияро бо ақоиди исмоилиён таъкид кардаанд.

**25. Маздак** — ин ҷо ба маънии бедин ва кофир омадааст.

## «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»-и ХОҶА АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри дуктур Ғанӣ ва дуктур Файёз. (Таърихи Байҳақӣ. Теҳрон. Интишороти Хоҷу, 1370, чопи чаҳорум) сурат гирифт.

**1. Истодона** — дар ағлаби нусхаҳо ба ҳамин шакл омадааст. Истодона дар мавриди мазкур ба маънии «нигоҳ дорад» омада, ин шакли феълӣ дар сиғаи «истоёнад» дар шеваҳои шимоли Тоҷикистон то имрӯз маҳфуз мондааст.

**1 а. Аҳнафи Қайс** — мақсуд Аҳнаф ибни Қайси Тамимӣ аст, ки дар байни аъроб ба ҳалимиву хирадмандӣ маъруф будааст.

**2. Ал-мақома фи маъна вилоят-ил-аҳди би-л-Амир Шиҳобуд-давла Масъуд ва мо ҷара мин аҳволиҳӣ** — достони фармонравони амир Шиҳобуддавла Масъуд ва он чӣ аз аҳволи ӯ гузашт.

PDF Compressor Free Version

3. **Бӯчаъфари Зиёдӣ** — дар баъзе нусхаҳо ин ном ба шакли Абӯчаъфари Рамодӣ омада аст. Аммо саҳеҳ Абӯчаъфари Зиёдии мансуб ба хонадони Зиёдиён аст. Дар «Таърихи Гардезӣ» зимни нигориши ҳаводиси марбут ба замони Мансур ибни Нӯҳ аз ин мард ёд шуда ва ҷангҳои ӯ дар Тулак, Ғӯр ва Систон зикр гардидаанд.

4. **Тулак** — дар баъзе нусхаҳо ба ҷои Тулак Кулак навиштаанд, ки дуруст нест, зеро Тулак дар осори ҷуғрофишиносони қадим омада, имрӯз низ маҳалли мазкур бо ҳамин ном маъруф аст.

5. **Адомаллоҳу саломатаҳу** — саломати ӯро бақо бахшояд.

6. **Дашти Нахшаб** — Нахшаб шаҳрест, ки вобаста ба исёни Муқаннаъ иштиҳор ёфтааст. Исёни мазкур аз ҳамин шаҳр ибтидо ёфта, дар солҳои 776-783 Мовароуннаҳрро фаро гирифта буд. Аз асри XIV сар карда, Нахшаб номи Қарширо ба худ гирифт. Дашти Нахшаб (Дашти Қаршии кунунӣ) қисмати бузурги вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро фароҳам меоварад.

7. **Сайфуддавла** — шамшери давлат.

8. **Ва машҳур дод ба мавзеъи хироҷи ҳонте, ки ӯ дошт** — вожаи «мавзеъ» дар ин ҷо муштақ аз истилоҳи девонии «вазъ» ба маънии «ҳазф кардан, фурӯ ниҳодани хироҷ аз номи касе» омадааст.

9. **Хокистар** — дар Хуросон ду маҳал бо ин ном вуҷуд дорад: яке маъруф ва Хокистари Лоин, ки дар кӯҳҳои сарҳади шимолии Хуросон воқеъ аст; дуюм, маҳалле аст дар роҳи Ҳирот ба Сарахс, ки онро работи Хокистар низ меномаид ва имрӯз рӯ ба харобӣ овардааст. Зоҳиран, Байҳақӣ ҳамин работи Хокистарро дар назар дорад. Гузашта аз ин, Муқаддасӣ дар «Аҳсан-ут-тақосим» дар байни манозиле, ки байни Нишопур ва Сарахс ҷойгир шудаанд, аз манзиле бо номи ар-Рамода ёд кардааст, ки тарҷумааш ба тоҷикӣ «хокистар» аст.

10. **Бақияту қиссат-ит-Таббония** — бақияи қиссаи Таббониён.

11. **Зикр хуруҷ ал-амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, мин Балх ило Ғазнин** — баёни рафтани амир Масъуд, худованд аз ӯ хушнуд бод, аз Балх ба Ғазнин.

12. **Булмузаффари Барғашӣ** — Абулмузаффар Муҳаммад ибни

PDF Compressor Free Version

Иброхими Барғашӣ аз вузарон Оли Сомон, ки то вафоти Нӯх ибни Мансур (июли соли 997) дар сари вазифа буд. Тибқи ахбори «Таърихи Яминӣ» Барғашӣ дар аҳди фарзанди Нӯх — Абулҳорис Мансур ибни Нӯх аз вазорат маъзул ва ба Гузгонон дур карда шуд. Вале аз ҳикояти Байҳақӣ бармеояд, ки Барғашӣ сукути давлати Сомониёнро пешбинӣ карда, ба ихтиёри худ аз корхои давлатӣ дурӣ ҷуста будааст.

**13. Мулҳами марғазӣ** — як навъи матоъ, ки нахи он аз абрешим буда, зоҳиран дар шаҳри Марв истеҳсол мешудааст.

**14. ...ёд кунад** — зоҳиран, дар ин ҷо бояд «ёд кун» бошад.

**15.** Ҷумлаи мазкур дар матн ба ҳамин шакл омада, ки мубҳам менамояд. Дар нусхаи дигар, бино ба шарҳи дуктур Ғанӣ ва дуктур Файёз, ин ҷумла ба қарори зер сабт шудааст: «Дигар, худованд, султони бузург валиюнниъам(м), ки ихтиёр кардааст раъйи Бӯнасри Мишконро ва ҷойгоҳи он сир(р) доштааст» ва «...ихтиёри ин дӯст Бӯнасри Мишкон ҷойгоҳи он пир бад-ин арзонӣ хоҳад дошт».

**Валиюнниъам(м)** — волии неъматҳо, яъне он ки бар дигарон ҳаққи неъматҳо дорад.

**16. Зодаҳуллоҳу улувван** — худованд мартабаи ӯро баланд гардонад.

**17. Тандуру ҳозиҳи-л-умур бил-амири ка даврони-л-курати ала-л-қутби ва-л-қутбу хува-л-малику** — ва ин амалҳо доир гардиданд ба шарофати амир мисли он, ки кураи замин дар атрофи меҳвари худ давр мезанад. Ва он меҳвар подшоҳ аст.

**18. Китоби «Тоҷӣ»-и Бӯисҳоқи Собӣ** — Абӯисҳоқи Иброҳим ибни Ҳилол ибни Иброҳим ал-Ҳарронӣ ас-Собӣ (926-995) дабири девони Муиззуддавла ва писари ӯ Азудуддавла буд. Ӯ бо дастури Азудуддавла китоби «Тоҷӣ»-ро перомуни таърихи Оли Бӯя навишта, ки онро амири мазкур шахсан таҳрир кардааст.

**19. Ҷалла ва ало** — бузургиву рифъат бо ӯст (таркиби туфайлист, ки дар тавсифи худо мустаъмал аст).

**20. Ва хува асдаку-л-қоимин** — ва ӯ аз ҳама ростгӯтараст.

**21. Ва зодаҳу бастатан фи-л-илми ва-л-ҷисми** — (Қуръон, сураи Бақара ояти 247) — ва худованд ӯро афзунӣ бахшида, дар вусъати илм ва тавонони тан. Дар ин оя ишора ба қиссаи Толут — подшоҳи Бани Исроил рафтааст, ки тавассути Самуил

PDF Compressor Free Version

— пайғамбар ва козии маъруфи ибронӣ ба салтанат расида буд.
22. **Чалла чалолаҳу** — бузург аст шукӯҳи ӯ.
23. **Зикр нусхат-ил-китоб ило Арслонхон** — зикри нусхаи мактуб ба Арслонхон.
24. **Садидиёну ҳамидиён** — дастаҳои махсуси лашкаранд. Ваҷҳи тасмияи дастаҳои мазкур ба «садидиён» ва «ҳамидиён», зоҳиран, он буда, ки ин дастаҳо аз ҷониби амири садид Мансур ибни Наср ва амири ҳамид Нӯҳ ибни Наср ташкил ёфта будаанд.

## «НАСИҲАТ-УЛ-МУЛУК»-и МУҲАММАДИ ҒАЗОЛӢ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Ҷалолуддини Ҳумоӣ (Насиҳат-ул-мулук. Теҳрон. Муассисаи нашри Ҳумо, 1367, чопи чаҳорум) сурат гирифт.
1. **Ад-дину ва-л-мулку тавъамони** — дину давлат тавъаманд.
2. **Инна-л-лоҳа яъмуру би-л-адли ва-л-иҳсони** — (Қуръон, сураи «ан-Наҳл», ояти 90) — Ҳамоно худо халқро фармон ба адл ва эҳсон медиҳад.
3. Ин ҳикмат маъхуз аз ҳадиси Расули акрам (с) аст: Куллукум роъин ва масъулун ан раъиятиҳи фа-л-имому роъин ва хува масъулун ан раъиятиҳи ва-р-раҷулу роъин фи аҳлиҳи ва хува масъулун ан раъиятиҳи ва-л-маръату роъиятин фи байти завҷиҳо ва хия масъулатун ан раъиятиҳо фа куллукум роъин ва куллукум масъулун ан раъиятиҳи — Ҳамаи шумо мисли шубоне ҳастед, ки аз рамааш ӯро бипурсанд, имомро аз иқтидоъкунандагонаш бипурсанд, мардро аз аҳли байташ бипурсанд, занро аз фарзандонаш бипурсанд ва ба ин маънӣ ҳамаи шуморо аз аҳли шумо бипурсанд.
4. **«Сияр-ул-мулук»** — бо номи «Сиёсатнома» низ иштиҳор ёфта, асари Хоҷа Низомулмулк — вазири аъзами Салҷуқиён.

## «МУҶМАЛ-УТ-ТАВОРИХ ВА-Л-ҚИСАС»

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Маликушшуаро Баҳор (Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас. Ба ҳиммати Муҳаммади Ра-

PDF Compressor Free Version

мазонӣ. Бидуни сол ва чой нашр, чопи дуввум) сурат гирифт.

1. **Боб-ус-собиъ** — боби хафтум.
2. **Аз инкитоъи мулки эшон ва хаводиси Абулхарас Мансур ва Абдулмалик** — саду сӣ сол — муаллиф шохони мазкурро аз охирин умарои Оли Сомон хисобида, роҷеъ ба салотини дигари ин дудмон чун Насри II, Нӯхи II, Мансури II ахборе наовардааст.
3. **Боб-ус сомин ашара** — боби хаждахум.
4. **Умрдост** — дар матни китоб чунин омадааст, вале асахх «умрдошт» бояд бошад.
5. **Абӯалӣ Мухаммад ибни Мухаммад-ал-вазир ал-Хашамӣ** — муаллиф сахван ба чои вожаи «Балъамӣ» калимаи «Хашамӣ»-ро ба кор будааст.
6. **Боб-ул ишруна** — боби бистум.
7. **Хамзаи Исфахонӣ** — муаллиф ба китоби маъруфи Хамзаи Исфахонӣ «Сании мулук-ил-арз ва-л-анбиё», ки бо номи «Таърихи Хамза» низ маъруф мебошад, ишорат кардааст. Хамзаи Исфахонӣ яке аз донандагони мутабаххири таърихи бостонии халкхои Эрон махсуб мешавад.

## «ЧАХОР МАКОЛА»-и НИЗОМИИ АРУЗИИ САМАРКАНДӢ

Тахияи матни мазкур аз рӯи нашри дуктур Мухаммад Муин (Чахор макола, Техрон, 1375) сурат гирифт.

1. **Ва он харби сахт маъруф аст ва он вокеаи саъб машхур** — чунин ба назар мерасад, ки муаллиф дар баёни вокеоти он адвор ба иштибох рох додааст. Ба занни кавӣ ин чо сухан аз вокеаи марбут ба Фоик меравад, на Алптегин. Зеро Алптегин соли 963, кабл аз салтанати Нӯх ибни Мансур (976-997) вафот ёфта буд. Дар дигар мутуни таърихӣ низ саркашии Алптегин аз раъйи амири Хуросон зикр гардида, вале он ба даврони фармонравоии Мансур ибни Нӯх (961-976) нисбат дода шудааст. Ибни Асир дар «ал-Комил фи-т-таърих»-и хеш дар баёни хаводиси соли 351/962 накл мекунад, ки амири Мовароуннахру Хуросон — Мансур ибни Нӯх яке аз солорони бузурги

PDF Compressor Free Version

худро, ки номаш Алфтегин (дар матн чунин омада — **Тарт.**) буд, дар моҳи рабеъулаввали соли 351/IV. 962 назди худ хонд, вале ӯ аз омадан ба назди амир ичтиноб варзид. Ва амир ба ҷанги ӯ сипоҳе фиристод ва набард рух дод ва он сипоҳ аз Алптегин шикаст хӯрд. Бино бар ин, аҳбори муаллифи «Чаҳор мақола»-ро ба ин шакл пазируфтан нашояд. Эҳтимол ин ҷо сухан дар хусуси номаи Нӯҳ ибни Мансур ба Сабуктегин мервад, ки ба исёни Фоиқ ва Абӯалии Чағонӣ дахл дошт. Ибни Асир низ бо ишора ба ин воқеа иттилоъ медиҳад, ки амир Нӯҳ ба Сабуктегин, ки дар Ғазна буд, нома навишт. Сабуктегин бо писараш Маҳмуд рӯ ба Хуросон азимат карданд ва бо сипоҳи Нӯҳ ба ҳам пайваста қасди Абӯаливу Фоиқ намуданд. Дар он корзор Доро ибни Қобус ибни Вушмгир аз сипоҳи Абӯалӣ ҷудо шуд ва бо Нӯҳ пайваст. Фоиқу Абӯалӣ рӯ ба ҳазимат ниҳоданд. Ба қавли Ибни Асир ин воқеа дар соли 384/994-995 рух додааст.

2. **Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ё Нӯҳу қад ҷодалтано фааксарта ҷидолано, фаътино бимо таъидуно, ин кунта мин-ассодиқина** — ба номи худованди бахшояндаву меҳрубон. Эй Нӯҳ, бо мо мучодала кардӣ, пас бисёр гардонидӣ ҷидолро бо мо, пас биёр он чӣ моро ваъда додӣ (аз азоб), агар ҳастӣ аз ростгӯён!

Муаллиф ин ҷо иқтибосе аз ояи каримии Қуръони шариф (сураи «Ҳуд», ояти 35) оварда, ишораи латифе ба ҳамномии амир Нӯҳ бо паёмбари худо — Нӯҳ, алайҳи-с-салом, ва қиссаи эшон бо қавми бадкирдорон мекунад. Тибқи ривояти Қуръони маҷид Нӯҳ (а) он қавмро ба роҳи рост ҳидоят мекарданд ва чун ба ҳидояти эшон эътибор надоданд, Худои таъоло ҳамагонро дучори балои тӯфон карду қавми Нӯҳ (а)-ро дар киштие наҷот дод.

3. Тасҳеҳгари матн истинодан бар қавли муаллифи «Сабкшиносӣ» «фурӯ шавад»-ро ба маънии «пӯшида монад» шарҳ додааст.

4. **Фурӯ диҳӣ** — бояд «фаро диҳӣ» бошад. Муҳаммад Муин дар ҳошия таъкид мекунад, ки агар ғалат ношӣ аз беэътиноии носихи китоб набошад, чунин тарзи баёнро аз навҷӯиҳои Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба шумор овардан лозим аст.

5. **Мулаттафа** — муаннаси мулаттаф ва дар баъзе аз мутуни

PDF Compressor Free Version

таърихӣ ба маънии «номаи кӯчак», ки ба тарики эъҷоз ҳовии хулосаи матолиб бошад, ба чашм мерасад. Бино бар шарҳе, ки Муҳаммади Муин дар «Фарҳанги форсӣ» овардааст, дар кутуби луғоти мӯътабар чизе муносиби ин маъно ёфт намешавад. Ин калимаро бо маънии «нома» аввалин бор Байҳақӣ истифода карда, пас аз он дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк дар шакли «мулотафа» омада.

6. **Аммо Мокон фасора каисмихи, ва-с-салом** — аммо Мокон ҳамчун номаш гардид, яъне мурод ишора ба маънии луғавии худи номи Мокон аст, ки он дар забони арабӣ дар ҳоли ҷудо кардани таркиби калима «мо кона» (ҳарфи инкор ва феъли замони гузаштаи «будан») маънии «набудан», «нест шудан»-ро ифода мекунад.

7. **Нов** — маъмулан ин вожа ба маънохои «киштӣ», «ҷӯи об», «чӯби ковок, ки дар лаби бом гузошта мешавад (новадон)», «об», «нам» ба кор гирифта мешавад. Вале дар ин ҷо «нов» ба маънии «дара» омада ва зоҳиран «водӣ»-и арабӣ онро дар забони тоҷикӣ иваз кардааст Алиакбари Деҳхудо низ дар «Луғатнома» дар шарҳи яке аз маонии вожаи мазкур ҳамин ҷумларо аз «Чаҳор мақола» шоҳид овардааст.

8. **Меваҳои Молину Карух** — меваҳое, ки аз шаҳракҳои Молину Карух оранд. Тасҳеҳгари матн таъкид мекунад, ки Молин дар нусхаҳои дигар ва ҳама мавозеъ дар ин ҳикоят дар шакли «Мокин» омада. Карух шаҳре будааст дар даҳфарсангии Ҳирот.

9. **Ва шоҳисифарам ва ҳамоҳиму укҳувон дар дам шуд** — дар ин ҷумла сифарам ба маънии «райҳон» аст, ки онро «нозбӯ» низ гӯянд. «Ҳамоҳим» пудинаест, ки баргаш паҳн бошад ва «укҳувон» бобуна аст. Дар тавзеҳи вожаи «дар дам» Маликушшуаро Баҳор онро аз истеъмоли аҷибе пиндошта, ки дар ҳеҷ ҷо — на дар назм, на дар наср — ба чашм нахӯрда. Муҳаммад Муин ақида дорад, ки он ғалат аст ва асл «думодум», яъне «паёпай» ё «пушти сари якдигар» мебошад.

10. **Дар саводи Ҳарӣ** — яъне дар шаҳру деҳаҳои атрофи Ҳарӣ.

11. **Дирамсанг** — воҳиди ченак аст, мусовӣ ба вазни як дирам (ниг. ба таълиқоти «Таърихи Бухоро»).

12. Дар нусахи дигар ба шакли «натавон» ва «тавон» омада.

13. Дар нусахи дигар «дурустихои ӯ» омадааст, ки саҳеҳ аст

PDF Compressor Free Version

14. **Табарон** — Мухаммад Муин дар хошия менависад, ки дар аглаби нусха вожаи «Табарон» бо «Табаристон» бадал шуда ва он хатои фохиш аст. Табарон яке аз ду бахши шахри Тӯси кадим аст. Бахши дигари он Нукон мебошад.
15. **Осмони иллийййн** — «иллийййн» ба маънии «баландихо», «болотарин дарачоти бихишт», «хонахои бихишт» аст, аммо гараз аз ин ибора «осмони хаштум» аст.
16. **Ба чои** — ба маънии «дар хакки» омада.
17. **Аёдй** — чамъи «айдо» ва «айдо» чамъи «ядун» — «даст» ва дар чамъулчамъ омада ба маънии «неъматхо», «некӯихо».
18. **Рофиза** (чамъаш равофиз) — «рафзкунанда», «инкоркунанда» — номест, ки ахли суннат бар хамаи фиркахои шиа нисбат дода, афроди шиаро «рофизӣ» хонанд, бар он далел, ки ахли шиа, алалхусус пайравони Абдуллох ибни Сабаъ, имоматии се халифаи нахустин — Абӯбакру Умару Усмонро (р) рафз карданд.
19. **Мӯътазилимазхаб** — мансуб ба равияи «мӯътазила» («маъзулшуда», «чудошуда»). Мӯътазила фиркаи мӯътабаре буданд дар ислом, ки баъди чудо шудан аз хавзаи Хасани Басрӣ (ваф. 728) ва таъсиси равияи хеш — бо сардории Восил ибни Ато (ваф. 748) ва Амр ибни Убайд(ваф. 761) — ба ин ном маъруф гардиданд. Пайравони ин фиркаро «адлмазхаб», «ахли адл», «ахли адл ва тавхид», «адлиён» низ гуфтаанд. Зухури ин фирка дар тамаддуни исломӣ боиси эчоди як нахзат ва тахаввули бузурги фикрӣ шуд ва мардумро бо улуми фалсафа ошно кард. Мӯътазилиён барои исботи афкори хеш аз кабили тавхид, инкори чисмияти худо, адами имкони руяти худо, адлу ихтиёр ва г. аз фалсафа истифода мекарданд ва ба мабохиси акливу мантикӣ мутавассил мешуданд. Махз аз хамин сабаб мавриди ихонати равияхои исломӣ, махсусан мухаддисин ва ашоира карор гирифтаанд. Мӯътазилиён илми каломро бунёд гузоштаанд. Пайравони ин равия борхо аз чониби хулафои умавию аббосӣ таъкиб шудаанд.
20. **Нил** — дар хондан ва таазехи ин вожа байни донишмандони адабиётшинос ихтилофи назар мавчуд аст. Яке бар онанд, ки он бояд бо фатхи нун ва ба шакли «найл» хонда шавад ба маънии «ато», «чонза». Вале аглаб бар он акидаанд, ки он «нил»

PDF Compressor Free Version



аст ва инл дар Тӯс гарон буд ва дар он айём аз дарбори Ғазнин ба ҳазрати Хилофат ҳама сол чун тӯҳфаи гаронбаҳо фиристода мешуд.

21. **Лояъълам** — вожаи арабӣ аст ва иборат аз «ло» (адоти инкор — «не») «яъламу» феъли замони ҳозираи «алима» (донистан) ва ба маънии «нодон» омада.

22. **Имкон вучуди умурин нодиратин ан ҳозиҳи-н-нафси** — имкони мавчудияти умури нодир аз ин навъ.

23. **Ва хува аълам** — ва ӯст огоҳтар, яъне худой.

24. **Қолаллоҳу таъоло: Ва ло тулқу биайдикум ила-т-таҳлукати** — Худованд мефармояд: худро ба дасти хеш ба таҳлука наандозед.

25. **Разино биқазо-ил-лоҳ** — мо ба ҳукми худо хушнудем.

26. **Тасйири ман дар ин ду рӯз ба Айюқ мерасад** — маънии луғавии вожаи «тасйир» — «рондан, равона кардан, беруи кардан» аст. Вале дар шарҳи маънии истилоҳии он овардаанд, ки «тасйир» — тасаввур кардани ҳаракати нуқтаест аз минтақатулбуруч дар сурати толеъ бар таволӣ, ҳарчанд филҳақиқа ба он ҳаракат мутаҳаррик набошад. Аҳли аҳком гӯянд, ки он иборат аст аз расидани асари далели аввал ба далели соний, то аз имтизочи далелайн истидлол ба яке аз ҳаводиси мустақбал ҳосил шавад. Ва Айюқ номи ситораест сурхранг ва равшан ва вокеъ дар канори рости Каҳкашон, ки паси Сурайё барояд ва пеши он шавад.

27. **«Анта Абӯалӣ?» Гуфт: «Наъам ё малик муъаззам»** — «Ту Абӯалӣ ҳастӣ?». Гуфт: «Оре, эй шоҳи муаззам».

## «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚ»-и АБУЛҲАСАНИ БАЙҲАҚӢ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Аҳмади Баҳманёр (Таърихи Байҳақӣ. Китобфурӯшии Фурӯғӣ, бидуни соли чоп) сурат гирифт.

1. **Ва-л-ақаб мин ал-амир Аҳмад ибн Асад** — «ва фарзандони амир Аҳмад ибни Асад». Бино ба ривояти Ибни Асир фарзандони Аҳмад ибни Асад ҳафт тан буданд, ки зикри шаш нафарашон ин чо омадааст. Ҳафтумини онҳо, ки Ибни Фундиқ номашро наовардааст, Абулашъаси Асад — ҳамноми чадди эшон буд.

PDF Compressor Free Version

2. **Тувуфия ал-амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад лайлат-ус-суласоъ ли арбаъа ашрата лайлатин халат мин сафари санати хамса ва тисъина ва миатайн** — даргузашт амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад шаби сешанбеи соли дусаду наваду панҷ.
3. **Фи лайлат-ил-хамиси ли сабъин, бақина мин ҷумодиюлахирати санати иҳдо ва салосумиа** — дар шаби панҷшанбе, ҳафт рӯз мон-да аз ҷумодиюлохири соли сесаду як.
4. **Ва мота лайлата-л-хамиси ли салоса бақина мин раҷаби санати иҳдо ва салосина ва салосумиа** — ва даргузашт дар шаби панҷшанбе, се рӯз монда аз раҷаби соли сесаду сиву як.
5. **Тарҷумаи таҳтуллафзии шеър:**

Агар осори мо нишон аз мо бошанд,
Пас, нишоне, ки аз худ гузоштаем, бингар.

6. **Тувуффия фи шаҳри рабиъилахири санати салоса ва арбаъина ва салосумиа** — даргузашт дар моҳи рабеъулохири соли сесаду чиҳилу се.
7. **Тувуффия фи раҷаби санати сабъа ва самонина ва салосумиа** — даргузашт дар моҳи раҷаби соли сесаду ҳаштоду ҳафт.
8. **Ва Эликхон Ҳорун ибни Мӯсо ӯро (яъне, Абдулмалик ибни Нӯҳро — тарт.) бигирифт** — зоҳиран, ин ҷо муаллифи «Таърихи Байҳақ» ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро тибқи ахбори манобеъи таърихӣ, Абдулмалик ибни Нӯҳро Шамсуддавла Абӯмансур Аҳмад ибни Алӣ ибни Мӯсо ибни Ситак — бародарзодаи Эликхони фавқуззикр дастгир ва салтанати Сомониёнро мунқариз кардааст. Шамсуддавла то соли 404/1013-1014 амörати Туркистон дошт.
9. **Фи рамазони санати тисъа ва самонина ва салосумиа** — дар моҳи рамазони соли сесаду ҳаштоду нӯҳ.
10. **Ва ҳува Холид ибни Наҳиб** — ва вай Холид ибни Наҳиб. Аз таъбири муаллифи «Таърихи Байҳақ» чунин истинбот мешавад, ки Кӯрмуш лақаби Холид буда ва шояд муаллиф ӯро барои ғадр ва хиёнаташ, ки дар куштани охирин амири сомонӣ зоҳир шудааст, Кӯрмуш хонда бошад.
11. **Моймурғ** — номи деҳест, ки онро Ёқут дар «Мӯъҷам-ул-

PDF Compressor Free Version

булдон» дар ҳамин шакл забт кардааст, вале таҳиягари матн ҳадс задааст, ки он шояд «Моймарғ» бошад, ба назари «Мойдашт», ки он низ номи сарзамин аст.

12. **Фи рабиъилаввали санати хамса ва тисъина ва салосумиа** — дар моҳи рабеъулаввали соли сесаду наваду панҷ.

## «ТАЪРИХИ ТАБАРИСТОН»-и ИБНИ ИСФАНДИЁР

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Аббос Иқбол (Таърихи Табаристон. Теҳрон. Интишороти Ховар, 1366, чопи дуввум) сурат гирифт.

1. **Шерзилванд** — шакли қадимаи вожаи «шердил» аст ва «ванд» пасванди калимасоз буда, бар соҳибӣ ё шабоҳат далолат мекунад.

2. **Саначъалу қабла авдика мин вачҳика савоҳила Чайхуна маротиба ли-л-чаҳофили ва марокиза ли-л-қано вал-қанобили** — пеш аз баргаштанат соҳилҳои Чайхунро дар рӯ ба рӯи ту ба маротибӣ (ҷойгоҳи бастани чаҳорпоён) лашкари азим ва марокизи фавҷҳои савору пиёда табдил хоҳем дод.

3. **Х(в)ор** — шаҳри Рай дар назар аст. Аъроб шаҳри ғарбитарини шаҳрҳои Қумиси сари роҳи Хуросон ва муҳимтарин шаҳрҳои ховарии Райро ба сурати «Ал-х(в)ор» забт кардаанд.

4. **Казока кусуф-ул-бадри инда тамомиҳи** — чунин аст кусуфи моҳи чаҳордаҳ ҳини пурраганаш.

5. Дар матн се байт шеъри арабӣ оварда шудааст, ки бино бар ақидаи таҳиягари матн аз ашъори тақлидӣ буда, дар пайравии қитъаи машҳури Яҳё ибни Толиби Ҳанафӣ — аз муосирони Ҳорунаррашид навишта шудааст. Мазмуни абёт ба ашъори ҳабсия шабоҳат дорад.

6. **Рӯзи одина, тири моҳи меҳр** — рӯзи ҷумъа, сездаҳуми мо-

PDF Compressor Free Version

ҳи ҳафтуми соли шамсӣ. Дар ин ҷо «тир» ба маънии рӯзи сездаҳум аз ҳар моҳи шамсӣ омада.

7. **Рӯзи Ҳурмузди баҳман** — рӯзи аввали ёздаҳуми моҳи шамсӣ. «Ҳурмузд» ба маънии рӯзи аввал аз ҳар моҳи шамсӣ.

8. **Ваҷой** — дар матни чунин омадааст. Маънои калимаи «Ваҷой» дар луғатномаҳои ба мо дастрас пайдо нашуд. Аммо дар «Луғатномаи Деххудо» вожаи «ваҷо» ба маъниҳои «ҷомадон», «пуштвора» ба чашм мехӯрад.

9. **Рӯзи аштод мин моҳи озари қадим** .— рӯзи 26-ум аз моҳи нӯҳуми соли шамсӣ. Дар ин ҷо вожаи «аштод» ба маънии рӯзи 26 аз ҳар моҳи шамсӣ омада. .

10. **Рус ба Анчила (Инчила), ки ба аҳди мо Кола мегӯянд** — Дар мутуни дигар ва ҳамчунин луғатномаву осори илмии ба мо дастрас вожаи «Анчила» пайдо нашуд. Тасҳеҳгари матн низ бо овардани ин ном зимни зикри асомии амокин иктифо карда. Дар «Луғатномаи Деххудо» вожаи «кола» ба назар расид, ки муаллиф дар радифи таъкиди маонии мухталиф онро маъзиди муаххари амкина ба маънии «кол, ҷой, макон» маҳсуб медонад. Шояд ин маънӣ дархӯрди матлаби муаллиф бошад.

11. **Дол, вов, ро, айн** — маълум нашуд, ки мақсуди муаллиф чист.

12. **Булқасм** — асаҳ «Абулқосим» аст ва мурод Абулқосим Ҷаъфар ибни Ҳасан ибни Алии Носир мебошад.

13. **Ҳува Абӯмуҳаммад ал-Ҳасан ибн ал-Қосим ибн ал-Ҳасан ибн Алӣ ибн Абдурраҳмон ал-маъруф би Шаҷарӣ ибн ал-Қосим ибн ал-Ҳасан ибн амир Зайд ибн ал- Ҳасан ас-Сабт ибн амирулмӯъминин Алӣ ибн Абутолиб, алайҳимуссалом, ва лақаби ӯ «ад-Доъӣ ила-л-ҳақ»** — «ва ӯ Абӯмуҳаммад ал- Ҳасан ибни ал-Қосим ибни ал-Ҳасан ибни Алӣ ибни Абдурраҳмон мебошад, ки ба Шаҷарӣ ибни ал-Қосим ибни ал-Ҳасан ибни Амир Зайд ибни ал-Ҳасан ас-Сабт — писари амирулмӯъминин Алӣ ибни Абутолиб (а) маъруф аст ва лақаби ӯ «Даъваткунанда ба ҳақ» буд».

PDF Compressor Free Version

14. **Сиёҳгел** — дар сарчашмаҳои дигари ба мо маълум ин ном дучор наомад.

15 **..ва ҳолӣ мӯътамадеро пеши Доъӣ фиристод** — яъне дарҳол (фавран) шахси эътимодбахшеро пеши Доъӣ фиристод.

16. Аз ин қисмат ба баъдро тасҳеҳгари матн дар қисмати дуюми китоби «Таърихи Табаристон» ҷой додааст, ба он далел, ки он ба қалами муаллифи китоб — Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр тааллуқ надорад. Бунёди иддаои мазкур бар он аст, ки сабки ин ду қисмати китоб дорои тафовути боризест ва ҳам маъхуз аз кутуби муаррихини дигар, амсоли Абулфазли Байҳақӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Утбӣ, Ҷувайнӣ ва дигарон мебошад. Бар зимми ин, носих ё худ муаллифи қисмати илҳоқӣ ҳаводисеро зикр карда, ки баъд аз вафоти муаллифи «Таърихи Табаристон» ба вуқӯъ пайвастаанд. Бо ин ҳама, ба хотири пайвд овардани манзараи комилтари он рӯзгор ва ошноии бештаре пайдо кардан бо воқеоти он даврон Аббос Иқбол қисмати мазкурро дар шакли замима бар матни асл афзуда аст.

17. **Миррих ба дараҷаи ҳубут расид, ки мураббии туркон аст** — Миррих номи ситораи фалаки панҷум ва онро «Баҳром» низ гӯянд. Бино бар таълимоти мунаҷҷимон аз ситораҳои манҳус маҳсуб шуда, бар ҷангу хусумату хунрезиву зулм далолат мекардааст. Дар осори таърихиву илмӣ, бино бар қавли Деҳхудо, билоди туркро бад — он мансуб мекарданд, (Ниг. ба «Луғатномаи Деҳхудо», ҷ. 43, с. 242). Иборан «ба дараҷаи ҳубут расидан» аз истилоҳи нуҷумӣ аст ва бар қавли муаллифи «Шарҳи мушкилоти «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Ҷувайнӣ» Аҳмади Хотамӣ ҳар яке аз ситора дорои се ҳолат — шараф, ҳубут ва вубол — будааст. Ин ҳолат ба бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба манзалаи хонаи сайёрот мебошад, иртибот дорад. Бад-ин маънӣ, ки сайёраҳо дар бархе аз ин бурҷҳо ё дар ҳолати шараф ё ҳолати ҳубут ва ё вубол мебошанд. Ҳубут акси шараф аст ва дар ин ҳолат ситора табоҳ ва фурӯмоя мегардад Аз ин ҷо, касонеро, ки дар ҳолати ҳубути ситора таваллуд ёфтаанд, бадтолеъ ва номуборак меҳисобанд.

PDF Compressor Free Version

## «ТАБАҚОТИ НОСИРӢ»-и МИНҲОҶИ СИРОҶ

Матни мазкур аз рӯи нашри Абдулҳайи Ҳабибӣ (Табақоти Носирӣ ё таърихи Эрон ва ислом. Теҳрон. Интишороти «Дунёи китоб», ҷилди 1, 1363) таҳия гардид.

1. Мақсуди муаллиф Абулҳасан Ҳайсам ибни Муҳаммаднабӣ аст, ки муаллифи рисолаи таърихии «Қиссаи сонӣ» мебошад. Бино бар қавли акад. В. В. Бартольд, рисолаи муаррихи мазкур ба Минҳоҷи Сироҷ ба ҳайси сарчашмаи асосӣ дар китобати таърихи Ғуриён хидмат кардааст. В. В. Бартольд номи ин шахсро Абӯлҳасан Ҳайсам ибни Муҳаммад ал-Бакӣ тахмин карда (нигТ. В. В. Бартольд Соч., Т. 1, с. 77), аммо муаллифи «Табақоти Носирӣ» ӯро «Ибни Ҳайсам» зикр кардааст.

2. Аксари муаррихин ривояти мансуб ба деҳи Сомон будани ҷадди дудмони Оли Сомонро ба қайд овардаанд, вале дар мавриди интисоби он ихтилофи назар мавҷуд аст. Бархе аз таърихнависон Сомонро аз рустоҳои атрофи Самарқанду Балх, Тирмиз ва ҳатто Ҳамадон донистаанд.

3. **Аҷаллаҳу-л-лоҳ** — худой ӯро иззату ҳурмат кунад.

4. **Ва-л-лоҳу аълам би-с-савоб** — худой огоҳтар бар ҳақиқати ҳол аст.

5. Муаллиф дар зикри ворисони Аҳмад ибни Сомон ба иштибоҳ роҳ додааст. Бино ба ахбори муаррихони дигар амири мазкур ҳафт писар дошт: Наср, Абӯюсуфи Яъқуб, Абӯзакариёи Яҳё, Абулашъаси Асад, Абӯиброҳими Исмоил, Абӯғоними Ҳамид ва Исҳоқ ибни Аҳмад.

6. **Биаҷмаиҳо** — бо ҷамъаш.

7. Ин абёт дар бархе аз маобеи таърихӣ дар вариантҳои мухталиф дучор меояд. Дар «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ абёти мазкур чунин омадааст:

Нӯҳ тан буданд Оли Сомон мазкур,
Гашта ба аморати Хуросон машҳур:
Исмоилеву Аҳмадеву Насре
Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

Дар «Маосир-ул-мулук» Хондамир ин абётро ба қарори зер овардааст:

PDF Compressor Free Version


Нӯҳ тан буданд зи Оли Сомон мазкур,
Доим ба амороти Хуросон машҳур:
Исмоилеву Аҳмадеву Насре
Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

Дар «Лубб-ут-таворих»-и Яҳёи Қазвинӣ ин абёт сурати зерро гирифтааст:

Нӯҳ тан буданд з-Оли Сомон машҳур,
Ҳар як ба амороти Хуросон мазкур:
Исмоилеву Аҳмадеву Насре, ҳам
Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

Дар «Таърихи нигористон» рубоии мазкур ба карори зайл омадааст:

Нӯҳ тан буданд з-Оли Сомон машҳур,
Ҳар як ба ҳукумати Хуросон мазкур:
Исмоилеву Аҳмадеву Насре,
Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

8. **Ал-боқӣ ва-д-доим хува Аллоху азза ва ҷалла** — поядаву мудом танҳо худои азза ва ҷалла аст.
9. **Ас-солис Исмоил ибни Аҳмад** — яъне сеюм аз эшон Исмоил ибни Аҳмад аст. Муаллиф дар саҳифаҳои соңӣ низ тартиби салтанати умарои Оли Сомонро ба забони арабӣ меорад: ар-робеъ (чорум), ал-хомис (панҷум), ас-содис (шашум), ас-собеъ (ҳафтум), ас-сомин (ҳаштум), ат-тосеъ (нуҳум), ал-ошир (даҳум), ал-ҳоди ашар (ёздаҳум).
10. Зоҳиран ин ҷо дар таъини муддати салтанати Исмоил ибни Аҳмад иштибоҳе рафтааст. Ба иттифоқи ҳазари муаррихини қадиму ҷадид амир Исмоил дар Хуросон ҳашт сол (899—907) фармонравоӣ кардааст.
11. Дар матн чунин омадааст, вале дар манобеи дигари таърихӣ, аз ҷумла дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ омадааст, ки тибқи одат ҳар шаб ба дари хонаи Аҳмад ибни Исмоил ду шер мебастанд. Аммо боре ин таомулро фаромӯш карданд ва ғуломон фурсатро мутанаим шумурида, амирро ба шаҳодат расониданд.

PDF Compressor Free Version

12. **«Мухтасари Кофӣ»** — зоҳиран мухтасари китоби «ал-Кофӣ илм-ид-дин» (маъруф ба ал-Кофӣ), ки ба қалами олим ва фақеҳи маъруфи шиъӣ Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ (ваф. 329/940-941) тааллуқ дорад, дар назар аст.
13. Дар матн чунин омадааст, вале дар манобеи дигари таърихиву адабӣ, аз ҷумла «Сиёсатнома»-и Низомулмулк таъкид шудааст, ки бар тахт нишастани бародар нисбат ба писар авлотар аст.
14. **Ва-л-лоҳу аълам би-с-савоби ва-л-ҳақиқати** — Худованд огоҳтар аст бар савоб ва ҳақиқат.
15. **Ва-л-лоҳу ал-боқӣ ва кулли шайин ҳолик** — пойдор танҳо худованд аст ва боқӣ ҳама миранда.
16. **Ва муддати мулки Сомониён аз аввали аҳди Исмоил то бад-ин вақт саду ҳаштод сол буд** — зоҳиран, муаллиф дар таъйини муддати салтанати Сомониён ба саҳв роҳ додааст, зеро аз оғози аҳди Исмоили Сомонӣ ин муддат ба ҳеҷ ваҷҳ ба 180 сол имтидод намеёбад. Барои иттилоъи бештар ниг. ба таъликоти «Осор-ул-вузаро» № 2.
17. Шаҷараи мазкур аз поён ба боло бояд хонда шавад.

## «ТАЪРИХИ ГУЗИДА»-И ҲАМДУЛЛОҲИ МУСТАВФӢ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри факсимилеи Эдвард Браун (Таърихи гузида. Теҳрон, Интишороти «Дунёи китоб», 1361, чопи дуввум) сурат гирифт.

1. **...ба дурудгарӣ мултафит нашуд** — зоҳиран, котиб ин ҷо ба иштибоҳ роҳ дода ва ба ҷои «рӯйгарӣ» «дурудгарӣ» навиштааст. Чунон, ки маълум аст, касби бобои Лайс рӯйгарӣ, яъне мисгарӣ буд, на дурудгарӣ (дуредгарӣ, наҷҷорӣ).
2. **...бар бусаронаш...** — яъне «бар писаронаш». Шакли қадимии вожаи «писар» «пусра» аст, ки баъдтар он дар забонҳои миёнаи эронӣ, ба вижа, забони порсии миёна ва парфянӣ дар шаклҳои «пуср» ва «пурҳ» мустаъмал гашт. Шакли аввал хоси забонҳои ҷанубӣ-ғарбии эронӣ буда, шакли дуюм бо таъсири савтиёти забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ (чун парфянӣ) ба таркиби луғавии забони порсӣ дохил гардидааст. Фирдавсӣ дар

PDF Compressor Free Version

«Шоҳнома» мувозаҳои «пус» ва «пур»-ро борҳо зикр кардааст. Баъдтар аз шакли «пус», бино ба ақидаи эроншиносон, қаринаҳои «бусар», «пусар» ва ниҳоят «писар» пайдо шуда, шакли «пур» аз байн рафт.

3. **Туъиззу ман ташоъу ва тузиллу ман ташоъу, биядика-л-хайру, иннака ало кулли шайин қадирун** — яъне, ту (худованд) арҷманд мегардонӣ ҳар касеро, ки мехоҳӣ, ҳамчунон ки хору ҳақир мегардонӣ ҳар касеро, ки мехоҳӣ. Ва хайр дар дасти туст. Барҳақ ту ба ҳамаи умур қодирӣ.

4. **Медонам, ки лашкарат бенавост** — дар ҳошия носих пеш аз ҷумлаи мазкур ибораи «Шунидам, ки...»-ро афзудааст ва дар ин шакл он қатъияти ҳукм, ки барои ҷумлаи аввал хос аст, эҳсос намешавад.

5. ***Ал*-ҳамду ли-л-лоҳи-л-лази кафонӣ минка ва кафо шуғлака** — ҳамд мар худойро, ки аз ту моро халосӣ бахшид ва кифояти шуғли ту кард.

6. **Аз осори Амри Лайс ҷомеъи атиқи Шероз аст** — мурод аз «ҷомеъи атиқи Шероз» масҷиди ҷомеъе аст, ки зоҳиран Амри Лайс дар Шероз бино карда будааст.

7. **Аз ин абёт руҷулияти ӯ дар ҳаракат омад, ба айёрӣ машғул шуд** — абёти мазкур ба қаламии Ҳанзалаи Бодғисӣ мутааллиқ аст ва бо чанде ихтилоф дар мисраи сеюм дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арузӣ зикр шудааст. Аз сиёқи ривояти муаллифи «Таърихи гузида» чунин бармеояд, ки гӯё абёти мазкур боиси тахрики мардонагӣ ва ба ҷӯш омадани ҳамияти Сомон — ҷадди Сомониён шудааст. Илова бар ин, Сомон гӯё «ба шутурбонӣ афтода» ва пас аз шунидани абёти мазкур «ба айёрӣ машғул» шудааст. Ин иддаои Ҳамдуллоҳи Муставфӣ бо далоил ва мадорики таърихӣ мувофиқате надорад. Сохтаву бофта будани ҳикоят аз он низ аён аст, ки зиндагии Сомон дар ибтидо ва авосити қарни VIII ҷараён доштааст, вале Ҳанзалаи Бодғисӣ — муаллифи абёти мазкур аз шоирони аҳди Саффориён маҳсуб шуда, тақрибан ҳафтод-ҳаштод сол баъд аз Сомон зистааст. Муаллифи «Чаҳор мақола» абёти мазкурро ангеза ва асли ривоҷи кори Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ (соли қатлаш — 883) донистааст, ки дар ибтидо марде харбанда буд ва баъдан ба мансабҳои олӣ расид.

PDF Compressor Free Version


8. **Ишфос (Ашфос?)** — дар матн ҷунин омада ва мурод аз он Усрушана аст, ки ба сабаби ноогоҳии носихон ба ин шакл таҳриф шудааст.

9. **«Кун исомиййан ва ло такун изомиййан** — аз суханони маъруфи Исмоили Сомонӣ бад-ин маънӣ, ки «бо худ биноз, на бо аслу насаби хеш». Шабеҳи ин маънӣ байти маъруфи Саъдист:

Гирди номи падар чӣ мегардӣ?
Падари хеш бош, агар мардӣ!

10. **Аммо Мокон сора ка исмиҳи** — тарҷумааш: «аммо Мокон мисли номаш шуд». Ин ҷо шакли арабии номи Мокон, ки мураккаб аз пешванди инкории «мо» («на») ва феъли замони гузаштан «кова» («буд») аст, мавриди суханбозӣ қарор гирифтааст, яъне Мокон мисли номаш нест шуд.

11. **Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балхӣ** — зоҳиран, ин ҷо «Балхӣ» тасҳифи носихон аз «Балъамӣ» аст.

12. **Абулҳасани Утбӣ** — дар ин ҷо ва баъд куньяи Утбӣ, ки аслан Абулҳусайн аст, гоҳ дар шакли саҳеҳ ва гоҳе дар шакли носавоби Абулҳасан омадааст, ки зоҳиран, аз иштибоҳоти носихон аст.

13. **Амидулмулк ибни Нӯҳ — аён** аст, ки ин ҷо носихон ба иштибоҳ роҳ дода ва Абдулмалик ибни Нӯҳро саҳван Амидулмулк ибни Нӯҳ сабт кардаанд.

14. **...дар вилояти Бардаъ бар дасти аъроби Банӣ Баҳиҷ кушта шуд** — дар аксари манобеъи таърихӣ аз ҷониби сардори кабилаи арабии Банӣ Баҳиҷ, ки дар атрофи шаҳри Марв сукунат доштанд, ба шаҳодат расидани охирин амири сомонӣ зикр шудааст. Вале муаллифи «Таърихи гузида» маҳтали ӯро дар вилояти Бардаъ донистааст. Бардаъ шаҳри маъруфи қадима, маркази вилояти Аррон буд, ки дар ҳудуди Озарбойҷони кунунӣ мавқеъ дошт ва харобаҳояш боқист. Мусаллам аст, ки ин Бардаъ маҳтали амири мазкур буда наметавонад. Шояд муаллиф деҳи Барзаъаро, ки дар наздикии шаҳри Тӯс воқеъ буд ва онро Синобод низ мегуфтанд (ниг. Ле Стренҷ. Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ, Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон, Теҳрон, 1367/1989 с, 414.) дар назар дошта бошад. Вале дар ин сурат низ маълум нест, ки чаро деҳкадае вилоят хонда шудааст.

## «НАСОИМ-УЛ-АСҲОР»-и НОСИРУДДИН МУНШИИ КИРМОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Мирчалолуддин Ҳусайнии Армавии Муҳаддис («Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор», Интишороти «Иттилоъот», Теҳрон, 1364) таҳия гардид.

1. **Анораллоҳу бурҳонаҳум ва саккала би-л-ҳасаноти мизонаҳум** — худой ҳуччати онҳоро бар забонашон ниҳад ва мизони аъмоли ҳасанаи эшонро вазнин гардонад.
2. **Исмоил ибни Аҳмад вазорат бар вай тақрир кард.** — Ин чо ва дар «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ, ҳамчунин дар баъзе манобеъи таърихии дигар, ки ба адвори нисбатан мутааххир оид ҳастанд, Абулфазли Балъамӣ вазири Исмоили Сомонӣ маҳсуб шудааст. Зоҳиран, муаллифони манобеъи мазкур гирифтори иштибоҳ гардидаанд, зеро дар сарчашмаҳои наздик ба рӯзгори Оли Сомон, аз қабили «Таърихи Наршахӣ», «Таърихи Систон», «Зайн-ул-ахбор» ва ғайра, ишорае ба он ки амир Исмоил вазир доштааст, ба назар намерасад. Бидуни тардид, амир Исмоил дар давлатдорӣ ва тадбири мулк бо муқаррабону надимони хеш машварат мекард, аммо худи мақоми вазорат баъдтар, дар аҳди фарзанду наберагонаш таъсис ёфта буд. Бино бар маълумоти манобеъи таърихӣ Абулфазли Балъамӣ дар даврони Наср ибни Аҳмад вазорат дошт.
3. **...соҳиби фазилатайни-с-сайф ва-л-қалам** — яъне, соҳиби ду фазилат — силаҳшӯрӣ ва китобат.
4. **Абан ан чадд** — авлод ба авлод.
5. **Абулҳасани Музнӣ** — Нисбаи ин вазир дар баъзе аз таҳқиқоти навин дар шаклҳои «Мизнӣ» ва «Мазинӣ» ба қайд омадааст (инг. масалан: Мухторов А. Амирон ва вазирони сомонӣ. Душ., 1997, с. 60), ки саҳеҳ нест. Нисбаи вазири мазкур маъхуз аз номи деҳаи Музна аст, ки дар се фарсахии Самарқанд воқеъ буд. Бино бар ин, он бояд «Музнӣ» хонда шавад. Ғайр аз ин, кунияи вазири мазкур дар ин чо ва «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ дар шакли «Абулҳасан» сабт шуда, вале, дар «Дастур-ул-вузаро» Хондамир ӯро «Абулҳусайн» номидааст.

Дар «Насоим-ул-асҳор» ва «Осор-ул-вузаро» сабаби азли

PDF Compressor Free Version

Абулхасани Музнӣ аз вазорат ноўхдабарони ў дар ичрои вазоифаш махсуб шудааст, вале аз «Дастур-ул-вузаро»-и Хондамир бармеоянд, ки сабаби азли вазири мазкур норизоии Ҳисомуддавла аз муносибати ў бо Абулхусайни Симчўр будааст.

6. **Абдуллоҳ ибни Азиз** — Номи падари ин вазир дар манобеъи таърихӣ дар ду шакл «Азиз» ва «Узайр» ба қайд омадааст. Аллома В. В. Бартольд шакли «Узайр»-ро саҳеҳ донистааст (нигар. Бартольд В. В. Сочинения, т. I, с. 320).

7. **Абулмузаффар Муҳаммад ибни Иброҳими Барғушӣ** — нисбаи ин вазир дар сарчашмаҳои таърихӣ дар сиғаҳои «Базгашӣ» («Маҷмаъ-ул-ансоб»), «Барғашӣ» («Таърихи Байҳақӣ», «Таърихи Яминӣ») ва «Барғушӣ» («Насоим-ул-асҳор») сабт шудааст. В. В. Бартольд нисбаи ўро «Барғашӣ» хондааст (нигар. Бартольд В. В. Сочинения, т. I, с. 325-326). Аллома Деҳхудо нисбаи мазкурро «Бузғушӣ» сабт кардааст (нигар. «Луғатнома», моддаи «Бузғушӣ»).

8. **Рамодан тазруҳу-р-риёҳу гашт — яъне,** «хокистаре гашт, ки онро бод бурд».

9. **«Авроқи Яминӣ»-и Утбӣ** — мақсуди муаллиф асари Абўнасри 'Утбӣ — «Таърихи Яминӣ» аст, ки солҳои 1020-1021 ба забони арабӣ таълиф шуда ва ба шарафи лақаби султон Маҳмуд — Яминуддавла ба «Таърихи 'Яминӣ» мавсум гардидааст.

10. **Машҳуран мабсутан** — бо шарҳу густурдагӣ.

## МАҶМАЪ-УЛ-АНСОБ

Таҳияи матни мазкур аз рўи нашри Мирҳошими Муҳаддис. (Маҷмаъ-ул-ансоб. Теҳрон, Муассисаи интишороти «Амири Кабир», 1363) сурат гирифт.

1. **Атамлиш** — ин вожаро тасҳеҳгари рисола ҳам хонда натавониста, аломати савол гузоштааст. Вожа ба ҳуруфи арабӣ чунин сабт шудааст: алиф, то, мим, лом, шин.

2. **Ҷалла ва ало** — худованд бузург аст.

3. **Муттафиқ-ал-лафз ва-л-калима** — бо як лафз ва як кавл.

4. **Симчўриён** — бино бар маълумоти В. В. Бартольд аслан аз ғуломони турк буданд, ки шоҳони Сомонӣ дар дарбори хеш тар-

PDF Compressor Free Version

бия намуда, ба мақомҳои баланд сарфароз гардониданд. Маҳз хиёнат ва дасисаҳои афроди ҳамин оила ва алалхусус, Абулҳасани Симҷӯр ва ворисони ӯ — Абӯалии Симҷӯр ва Абулқосими Симҷӯр теша ба решаи Сомониён зад ва ба сукути салтанати эшон овард. Муассиси ин хонадон Симҷӯри Давотӣ — аз ходимони Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ буд, ки ба ҳайси сардор зидди алавиён дар Гургон ҷангид. Дар соли 298/910 ба Систон рафт ва он ҷоро аз дасти Лайс ибни Алӣ ибни Лайс берун овард. Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ӯро соли 912 ҳокими Систон таъйин намуд.

5. **«Яминии Утбӣ»** — мақсуди муаллиф асари Абӯнаср Муҳаммад Абдулҷаббори Утбӣ «Таърихи Яминӣ» аст, ки солҳои 1020-1021 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Ин китоб ба муносибати лақаби Султон Маҳмуд, ки «Яминуддавла» буд, ба «Таърихи Яминӣ» мавсум гардидааст. Асар рӯйдодҳои охири аҳди сомониро низ дар бар гирифтааст. Ин асар соли 1206 аз тарафи Абӯшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфозаконӣ тарҷума шудааст.

6. **Валлоҳу аълам би-с-савоб ва илайҳи-л-марҷаъ ва-л-маъоб** — яъне Худо дурусташро медонад ва ба ӯст бозгашт ва паноҳ, ибораест, ки вақти шакку тардид ба кор мебаранд ва ҳам ҳусни хотима ба бахш ё китоб медиҳад.

## «РАВЗАТ-УС-САФО»-и МИРХОНД

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри литографии «Равзат-ус-сафо» (Лакҳнав, 1905) сурат гирифт.

**Рақамгузории таъликоти «Равзат-ус-сафо» бо сабабҳои техникӣ аз рақами 3 шурӯъ шудааст.**

3. **Бароҳам** — ба ҳамин шакл омада ва шояд он шакли дигар ё вайроншудаи таркиби «бар ҳам», «бо ҳам» бошад.

4. **Масҷиди сиравии Шероз** — дар ин ҷо калимаи дуюм возеҳ ва хоно нест ва бо шакку шубҳаи зиёд «сиравӣ» қабул афтод. Дар китоби «Таърихи гузида» муаллиф зимни зикри шарҳи ҳолу маоли Амри Лайс аз ҳамин масҷид ёдовар шуда менигорад, ки «аз осори Амри Лайс ҷомеи атиқи Шероз аст».

PDF Compressor Free Version


5. Дар матн хамин тарз, яъне алиф, дол, йо, хо-и хаваз навишта шудааст ва аз мантики сухани муаллиф бармеояд, ки максуди ӯ «идоат» аст. Дар «Луғатнома»-и Деххудо «идоат» ба маънии «тӯхмат ниходан» аст.

6. **Ахаде аз оход** — «ахад» шакли дигари калимаи арабии «вохид» аст ва «оход» шакли ҷамъи «ахад» аст ва ин ҷо ба маънии «нафаре аз нафарон» омадааст.

7. Дар ин мавриди ривоятҳ «Равзат-ус-сафо» номукаммал аст. Ҷиҳати иттилоъ ва огоҳӣ руҷӯъ кунед ба мутуни дигари хамин китоб.

8. **Кун исомиййан ва ло такун изомиййан** — яъне исомӣ бошу изомӣ мабош ва ин ҷумла хукми зарбулмасалро ба худ гирифта, ки дар мавриди такя ба номи хеш, на ба номи падари хеш истифода мешавад.

9. Дар матн «Оли Муъод» (ё «Оли Муъов»)омада, вале ин ҷо иштибохе рух дода ва чанд сатр поён ин вожа дар шакли сахех — «Оли Муовия» зикр шуда ва сухан ин ҷо аз дудмони Умавиён меравад, ки пас аз хулафои рошидин ба сари хилофат омаданд ва аз дасти Оли Аббос ва бо ёрдами бевоситаи Абӯмуслими Хуросонӣ вожгун гардиданд.

10. **Ал-аслу ло яхто** — яъне, асл хато намекунад.

11. **Хусайн ибни Алии Муздурӣ** — хамин тавр омада, вале каблан муаллиф ё котиб ин номро дар шакли «Хусайн ибни Алии Марврудӣ» оварда ва пайдост, ки дар навишти ин ном иштибохе рох ёфта. В. В. Бартольд ин номро дар шакли «Хусайн ибни Алии Марвазӣ (Марврудӣ)» ёд мекунад.

12. **Ал-муаййид ли дин-ил-лох, ал-мунтасир ли Оли Расул-ил-лох Лайло ибни Нӯъмон** — устувордорандаи дини худой ва хомии Оли Расули худой — Лайло ибни Нӯъмон.

13. **Ал-муваффак би тоат-ил-лох, ал-мӯътариф би хакки Оли Расул-ил-лох** — муваффак ба тоати худой, эътирофкунанда ба хакки дудмони Расули худой.

14. **Ло туъадду ва ло тухсо** — беадад ва бехисоб.

15. **Маъа шайъин зоид** — бо зиёдате.

16. **Камо яҷиб ва янбағӣ** — чуноне ки воҷиб аст ва мешояд.

17. **Ва Абӯалӣ аз Тоҳир (?) қалъаи Тубрак бархоста** — дар

матн ҳамин тавр омада, зоҳиран аз ҷониби носих хатое рафта, зеро матлаби муаллиф равшан нест.

18. Дар навиштани ин ном ғалате рафта. В. В. Бартольд ӯро «Абӯсаид Бакр ибни Малик ал-Фарғонӣ» ном мегирад, ки дар соли 954 аз тарафи амир Нӯҳ волии Хуросон таъин мешавад. Ҳанӯз дар маснад нанишаста амир Нӯҳ вафот мекунад (28 августи 954) ва Абдулмалик писари Нӯҳ маншури падарро дар бораи волии Хуросон таъин намудани Абӯсаид Бакр ибни Малик ал-Фарғонӣ аз нав тасдиқ мекунад.

19. Дар таърихи вафоти Нӯҳ ибни Аҳмади Сомонӣ муаллиф ё котиби «Равзат-ус-сафо» ба иштибоҳ роҳ додааст. Таърихи вафоти ӯ, бино бар ақидаи ағлаби муаррихин, 28 августи соли 954 аст.

20. Лақаби Абдулмаликҳ ибни Нӯҳро муаллифи «Таърихи Гардезӣ» «Рашид» зикр мекунад.

21. **Мушоруи илайҳ** — «касе, ки ба вай ишорат рафт», яъне Абулхусайни Симҷӯр

22. **Қаҳран касран** — ба зӯриву маҷбурӣ.

23. **То Миррих ба дараҷаи ҳубут расад** — ниг. ба таъликоти «Таърихи Табаристон», рақами 17.

24. **Фабаҳо** — таркиби арабист, ки дар он «фа» пайвандак ва «баҳо» маънои зебо буданро дорад.

25. **Изо интаҳа-л-амру ила-л-камоли ода ила-з-заволи** — масали арабӣ бадин маънӣ: Ҳар камолеро заволест.

26. **Ва ӯро** — ҳамин тавр омада ва зоҳиран пасоянди «ро» ин ҷо зоид аст.

27. **Амир-ул-умаро ал-муайяд мин-ас-само** — амири амирони таъйид шуда аз осмон.

28. **Би ҷамъиҳим** — ҳамагон, ҷамъулҷамъ.

29. **Сафинаи Нӯҳ (а) бар Ҷудии фароғат қарор гирифт** — муаллиф ин ҷо ба қиссаи паёмбар Нӯҳ (а) ва халосӣ ёфтани эшон бо наздикони худ аз тӯфон ишорат мекунад. Ҷӯдӣ номи кӯҳест дар ҷазира, ки киштии Нӯҳ (а) бар он истод ва бинобар маълумоти баъзе сарчашмаҳо он кӯҳ дар Мавсил воқеъ будааст.

30. **Инҳо карда** — дар матн «Онҳо карда» омада, вале асаҳҳ «инҳо карда» аст ва ба маънии «огоҳ кардан, иттилоъ додан» мебошад.

PDF Compressor Free Version

31. **Ва муволоти ӯро «урван вуско» бояд шинохт** — яъне дӯстӣ ва пайвастагии ӯро чун эътимодгоҳ ва такьягоҳ бояд донист.

32. Ин ҷои матн возеҳ нест ва маълум нашуд, ки мақсади мӯаллиф чист.

33. **Лашкарҳое аз оричин ва баддилӣ...** — ҳамин тавр омада. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо вожаи «орҷч» ба маъниҳои «болобароянда» ва «пушидаву ғоиб» тафсир ёфтааст ва эҳтимол меравад, ки муаллифи асар шакли ҷамъи ин вожаро истифода карда бошад. Аммо калимаи «баддилӣ» бино бар шарҳе, ки Деҳхудо медиҳад мураккаб аз «бад» ва «дил» аст ба маънии «буздиливу бимнокӣ».

34. **Иёзан биллоҳ** — худо накарда.

35. **Доъии Ҳақро «лаббайка» иҷобат гуфт** — ба даъвати худоӣ иҷобат кард, яъне вафот кард.

36. **Инда-ш-шадоиди тазҳабу-л-аҳфод** — дар тангиву сахтиҳо наберагон ҳам фирор кунанд.

37. **Мағҳул** — (бо «ҳоъ»-и хуттӣ) омада ва маълум нашуд, ки мақсуди муаллиф чист.

38. **Чун Ҷамшед дар тутуқи Оли Аббос мӯҳтаҷиб гашт...**— Ҷамшед кинояи аз офтоб аст. Тутуқи Оли Аббос кинояи аз парчами эшон аст, ки сиёҳ буд. Мурод ба торикӣ фурӯ рафтани офтоб ва фаро расидани шаб аст.

39. **Иёзан биллоҳ** — ниг. ба таъликоти рақами 34.

40. **Таракат ар-раъю би-р-раъйи** — андеша андеша бизонд.

41. **Ва кона золика фи шавволи санат салоса ва тисъина ва салосумиа** — ин ҳодиса дар моҳи шавволи соли 393 буд, ки мутобиқ ба моҳи августи соли 1003 аст.

42. **Ҳиллаи Ибни Буҳайҷи аъробӣ** — мақсуди муаллиф бошишгоҳи қавме аз тоифаи Ибни Буҳайҷ аст, ки дар он замон дар он ҷо маскан доштанд.

43. **Ва кона-л-лоҳу ало кулли шайин муқтадир** — ва парвардигор бар ҳама чиз муқтадир буд.

## «ОСОР-УЛ-ВУЗАРО»-и УҚАЙЛӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон («Осор-ул-вузаро». Ба тасҳеҳ ва таълиқи Мирҷалолуддини Ҳусайнии Армавӣ маъруф

PDF Compressor Free Version

ба Муҳаддис. Интишороти «Иттилоъот», Теҳрон, 1364) таҳия гардид.

1. Ин қитъа бо баъзе ихтилофоти ҷузъӣ дар байти аввал дар якчанд манобеъи дигар, аз қабили «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ, «Маосир-ул-мулук»-и Хондамир, «Лубб-ут-таворих»-и Яҳёи Қазвинӣ, «Зинат-ул-маҷолис»-и Маҷдӣ ва «Таърихи нигористон»-и Ғаффории Кошонӣ низ омадааст, (барои иттилоъи бештар ниг. ба таълиқоти «Табақоти Носирӣ» № 7).

2. **...муддати салтанати эшон саду бист солу шаш моҳу бист рӯз будааст** — муаллифони манобеъи таърихӣ дар таъйини муддати салтанати Сомониён бо ҳам муттафиқ нестанд, чунончӣ, Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук» муддати салтанати эшонро 130 сол, Минҳоҷи Сироҷ дар «Табақоти Носирӣ» — 180 сол, Уқайлӣ дар «Осор-ул-вузаро» — 120 солу 6 моҳу 20 рӯз, Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» — 110 сол ва Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ дар «Таърихи нигористон» — 102 солу 6 моҳу 20 рӯз таъйин кардаанд. Агар аз саҳву иштибоҳоти муаллифон ва ё носихони мутуни таърихӣ дар ин маврид бигзарем, пас бояд қайд кард, ки ин ихтилоф ношӣ аз ихтилофи муаллифон дар таъйини сароғози салтанати Сомониён аст. Муаллифони қурунн вусто дар ин маврид чаҳор санаро ба эътибор гирифтаанд. Якум, соли 819, ки дар ин сол чаҳор писари Асад ибни Сомон — Нӯҳ, Аҳмад, Яҳъё ва Ильёс ба аморати шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр расидаанд; дувум, соли 874 — соли ба аморати Мовароуннаҳр расидани Наср ибни Аҳмад; сеюм, соли 892 — соли ба аморати Мовароуннаҳр расидани Исмоил ибни Аҳмад; чаҳорум, соли 900 — соли ҷулуси Исмоил ибни Аҳмад ба масиади аморати Хуросон..

3. **Би ақса-л-ғоят ва-л-имкон** — ба ҳадди ниҳоят ва аз рӯи имкон.

4. **Тақаллуди вазорати ар-разӣ Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ намуд** — пас аз ин ҷумла дар матн ихтилоте роҳ ёфта ва мустақиман зикри салотини Ғазнавӣ, мисли Ҷамолуддавла Фаррухзод ибни Абдуррашиди Маҳмуд, Зоҳируддавла Иброҳим ибни Маҳмуд ва дигарон рафтааст, ки аз иктибоси он пора дар ин ҷо сарфи назар карда шуд. Зоҳиран, ин ихтилот дар матн бо

айби носихон рух додааст ва баъид аст, ки муаллифи китоб сабабгори инчунин нуқсоне шуда бошад.

**5. Бойтур** — ин ном дар баъзе аз манобеъи таърихӣ, аз ҷумла дар «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ дар шакли «Бойтуз» ба қайд омада, ки асаҳ бояд бошад. Бойтузи мазкур яке аз умарои Оли Сомон буд ва аз ҷониби онҳо вилояти Буст дошт.

**6. «Маҷмаъ-ул-инсон»** — Маълумот доир ба китобе бо ин унвон дар манобеъи дастрас пайдо нашуд. Зоҳиран, мақсуди муаллиф «Маҷмаъ-ул-ансоб»-и Шабонкорай (нимаи аввали асри XIV) аст, ки ба ҷурми носихон ва ба иллати шабоҳати имлои вожаи «ансоб» бо «инсон» тасҳиф шудааст. Ба ҳар ҳол унвони «Маҷмаъ-ул-инсон» барои китобе таърихӣ номувофиқ ба назар менамояд.

## «ҲАБИБ-УС-СИЯР»-и ХОНДАМИР

Матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон (Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афроди башар. Зери назари Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, 1362, ҷилди 2, чопи саввум) таҳия гардид.

**1. Фаътабару ё ули-л-абсор** — эй соҳибони басират, панду ибрат бигиред (Қуръон, сураи ал-Ҳашр, ояти 2).

**2. «Таърихи гузида»...** — мақсуди муаллиф «Таърихи гузида»-и Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Аҳмад ибни Наср Муставфии Қазвинӣ аст.

**3. Зеро ки шумо дурудгарбачагонед...** — дар матн ба ҳамин шакл омада, вале асаҳ «рӯйгарбачагонед» аст, ки тарҷумаи «саффор» — лақаби дудмони эшон мебошад ва асосгузори ин хонадон касби рӯйгарӣ, мисгарӣ дошт.

**4. «Равзат-ус-сафо»** — асари муаррихи номии қарни XV-и тоҷик Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд мебошад.

**5. Валлоҳу аълам би ҳақоиқ-ил-умур ва ҳува алимун би зот-ис-судур** — худой донотар аст бар ҳақоиқи корҳо ва ба андешаҳо огоҳ аст.

**6. Ба ривояти Ибни Ҷавзӣ...** — Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Абдулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Бағдодӣ — мутакаллим, муҳаддис ва воизи машҳур, ки тахмин солҳои 508-510 таваллуд ёфта,

PDF Compressor Free Version

соли 597 вафот кардааст. Ибни Ҷавзӣ аз аъқоби Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ аст. Ибни Ҷавзӣ дар тафсиру ҳадис таърихӯ тиб ва баъзе улуми дигар рисолаҳои зиёде таълиф кардааст, ки муҳимтарину машҳуртарини онҳо «Китоб-ул-мунтазам» ва «Талбису Иблис» мебошанд.

7. **...аз васоёи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ** — дар ин ҷо муаллиф рисолаи «Сиёсатнома» ё «Сияр-ул-мулук»-и Низомулмулкро дар назар дорад.

8. **Китоби «Мансурӣ»** — Ин рисола аз таълифоти тиббии Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ аст, ки ба номи Мансур ибни Исҳоқи Сомонӣ — ҳокими Рай таълиф шудааст. Ин асар аз даҳ ҷузъ иборат буда, дар қаруни вусто чанд бор ба лотинӣ тарҷума шуда ва баъдҳо мукаррар ба табъ расидааст.

9. **Солиман ғониман** — яъне ба саломату ғаниматҳо.

10. **Худро аз авлоди Яздиҷурд ибни Шахриёр мепиндошт** — ин ҷо сухан аз Яздигурди III — ахлофи Хусрави Парвиз ва писари шоҳзода Шахриёр — охирин подшоҳи дудмони Сосониён меравад, ки соли 651 дар деҳи Зариқ, наздики Марв, ба дасти осиёбоне кушта шуд.

11. **Ва аммо Моқон сора қаисмиҳи** — нигар. ба таъликоти № 6-и «Чаҳор мақола».

12. Мақсуди муаллиф «Баҳористон»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аст.

13. **«Тарҷумаи Ямийнӣ»** — тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Ямийнӣ» аст, ки ба қаламӣ Абӯшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷарфозиқонӣ тааллуқ дорад. Аммо «Таърихи Ямийнӣ» худ китобест ба арабӣ ва аз таълифоти Утбӣ мебошад, ки ба номи Ямийнуддавла Маҳмуд китобат шудааст.

14. **Абдурраҳмони Хозин, ки дар улуми риёзӣ мусаннафот дорад** —Абулфатҳ Абдурраҳмон Мансури Хозинӣ, ки ғуломи румӣ ва мамлуки Абӯҷаъфари Хозин буд. Ӯ донишманду риёзидони машҳури қарни VI ҳиҷрӣ буда тақрибан пас аз соли 525/1130-1131 вафот кардааст. Муҳимтарин китобҳои ӯ «Зиҷҷ-ус-Санҷарӣ» ва «Мизон-ул-ҳикмат» аст.

15. **Абулҳасани Қарниро мутасаддии мансаби вазорат гардонид** — дар мутуни таърихии дигар исми ин вазир дар шаклҳои мухталиф зикр шудааст. Масалан, муаллифи «Насоим-ул-асҳор» ӯро ба

номи Музнӣ ёд мекунад. Зимнан ёдовар мешавем, ки худи муаллиф ҳам дар асари дигараш — «Дастур-ул-вузаро» ӯро Абулҳусайни Музнӣ мехонад. Аз ин нукта бармеояд, ки тасҳеҳгари матни «Ҳабиб-ус-сияр» ба иштибоҳе роҳ дода, ӯро «Абулҳусайни Қарнӣ» зикр кардааст.

16. **Шор — ҳокими Ғарҷистон...** — «Шор» — унвони шоҳони қадими Ғарҷистон (Ғарҷистон, Ғаршистон) будааст ва Ғарҷистон вилояти кӯҳистон буд дар Хуросони кадим (дар ҳудуди Афғонистони кунунӣ). Ин вилоят аз машриқ ба Ғур ва аз мағриб ба роҳи Ҳирот, аз шимол ба Марваруд ва аз ҷануб ба Ғазна маҳдуд буд.

17. **Писари Аламдор...**— Ҳорис мулаққаб ба Ибни Аламдор, бино бар қавли В. В. Бартольд сарвари ғозиёни Самарқанд будааст.

18. **Тақоруби фиатайн ва тасовии саффайн** — наздикшавии ду гурӯҳ ва баробар шудани ду саф.

19. **Дар ҳайлхонаи Ибни Наҳҷи аъробӣ** — мақсуди муаллиф бошишгоҳи қавме аз тоифаи араб аст, ки дар он замон дар атрофи Марв манзил доштанд. Дар мутуни таърихӣ номи ин тоифа дар шакли Ибни Буҳайҷ, Ибни Баҳиҷ, Ибни Гаҳнат ва ғайра дучор мешаванд. (Ниг. ба таълиқоти «Таърихи Гардезӣ» ва «Равзат-ус-сафо»)

20. Дар мутуни дигар Моҳрӯй чун бундори ин тоифа зикр шудааст. Калимаи «бундор» маънои «кисадор, хонадор, соҳиби таҷаммул» ва ҳам «ҷавҳарфурӯш» шарҳ ёфтааст. Муаллифи «Таърихи Яминӣ» ӯро ба номи «Абӯабдуллоҳ маъруф ба Моҳрӯи бундор» зикр кардааст.

21. **Алайҳим-ур-ризвон мин-ал-малики-л-ҷалил** — хушнудии худони бузургвор насиби ҳамаи онон бод!

## «ДАСТУР-УЛ-ВУЗАРО»-и ХОНДАМИР

Матни мазкур аз рӯи нашри Саъид Нафисӣ (Дастур-ул-вузаро Теҳрон, Интишороти «Иқбол», 2535-и шоҳаншоҳӣ, чопи дуввум) таҳия гардид.

1. **Қамо янбағӣ** — чунон ки мебояд.
2. **Амми падараш — Исҳоқи Сомонӣ** — Исҳоқ ибни Аҳмади

PDF Compressor Free Version

Сомонӣ бародари Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ аст, ки соли 914 дар Самарқанд алайҳи ҳукмронии бародарзодаи хеш — Наср ибни Аҳмади Сомонӣ шӯриш бардошт, вале аз тарафи сипоҳсолори Наср ибни Аҳмад — Ҳамуя ибни Алӣ ҳамон сол шикаст дода шуд. Бо вуҷуди ин, Наср ибни Аҳмад ӯро афв кард ва Исҳоқ ба Бухоро баргашт.

**3. Ҳокими Хуросон Абӯалӣ ибни Муҳаммад ибни Мӯҳтоҷ** — Оли Мӯҳтоҷ номи хонадоне, ки пас аз ислом дар Чағониён — воқеъ дар болооби Амударё, ки маркази он низ ба ҳамин ном хонда мешуд — ҳукумат кардаанд. Асосгузори ин сулола Мӯҳтоҷ ибни Аҳмад аст ва аз ин ҷо афроди ин дудмонро «мӯҳтоҷиён» хондаанд. Вале муаллифи асар зоҳиран ин ҷо иштибоҳе карда, зеро байни афроди ин хонадон чунин ном ба назар нарасид. Шояд ин ҷо сухан аз Абӯалӣ ибни Муҳамад ибни Иброҳими Симҷӯрӣ — писари Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯрӣ равад, ки дар замони амирӣ Хуросон будани падари хеш ҳокими Ҳирот таъйин шуда буд. Баъди вафоти Абулҳасан дар соли 989 Абӯалӣ вориси падар мегардад. Аммо муносибати бисёр сарди амир Нӯҳ ӯро маҷбур мекунад, ки ба зидди ӯ бо сипоҳ бархезад. Абӯалӣ лашкари амир Нӯҳро бо сардории Фоиқ — яке аз ғуломони турк, ки ба дараҷаи сипаҳсолорӣ ва ҳокими Балх расида буд, шикасти сахт дод. Ҳукумати Сомониён маҷбур буд, ки ба ӯ ҳокимии ҳамаи ноҳияҳои дар қисмати ҷануби Амударё бударо бахшад. Дар ин ноҳияҳо Абӯалӣ, ки аз амир Нӯҳ лақаби «Амирулумаро»-ро низ гирифта буд, дере нагузашта ҳокими мутлақ гашт.

**4. Алайҳи-с-салоту-л-малик-ил-маннон** — бар ӯ дуруди парвардигори рӯзирасон бод.

**5. Яди байзо менамуд** — кинояи аз дасти мӯъҷизакори ҳазрати Мӯсо (а), ки агар дасти худро дар бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшид ва мақсуди муаллиф ин ҷо мӯъҷиза, маҳорат ва тавонони эшонро қайд кардан аст.

**6. Ҳисомуддавла** — лақаби ифтихории Тош, ки маънии «шамшери давлат»-ро дорад.

**7. Қобуси Вушмгир** — муаррабӣ Қовус ибни Вушмгир ибни Зиёр, ки мулаққаб ба «Шамсулмаъолӣ» буд. Ӯ аз подшоҳони Оли

PDF Compressor Free Version

Зиёр буд, ки пас аз бародари худ — Бесутун ибни Вушмгир бар тахт нишаст. Қобус пас аз чаҳор соли подшоҳӣ дар ҳудуди ҳаждаҳ сол аз аморат маҳрум буд ва дар ин муддат дар Хуросон дар паноҳи Сомониён мезист. Пас аз марги Фахруддавла Қобус бо мадади ёрони дайламии худ Гургонро, пас аз муддате Табаристону Омулу Астарободро аз дасти Оли Бӯя бозгирифт. Қобус машҳуртарин фард аз хонадони Оли Зиёр аст. Вай дар насри арабӣ бағоят мумтоз буд ва шеър ба форсиву арабӣ некӯ менавишт. Беруниӣ китоби «Осор-ул-боқия»-и хешро ба номи ӯ таълиф кардааст.

8. **Изо тамма амрун дано нақсуҳу** — коре агар тамом шуд, нуқсаш ошкор хоҳад шуд.

9. **Муставфии девон** — дар луғатномаҳо вожаи «муставфӣ» «сардори аҳли девон, ки аз муҳосибон ҳисоб мегирифт», ё худ «сармуҳосиб», «сардафтардор» шарҳ дода шудааст. В. В. Бартольд ақида дорад, ки истилоҳи муставфӣ, шояд муродифи истилоҳи «хазин» ва «хазинадор» бошад ва ба хазинадор, эҳтимол меравад, ҳосиб (ҳуссоб) тобеъ будаанд. Роҷеъ ба ихтилофоти мавҷуд дар куния ва нисбаи вазир Абулҳусайни Музӣ нигаред ба таъликоти «Насоим-ул-асҳор».

10. **Биақсо-л-ғоя** — ба ниҳояти ҳад.

## «МАОСИР-УЛ-МУЛУК»-и ХОНДАМИР

Матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон («Маосир-ул-мулук». Ба замимаи хотимаи «Хулосат-ул-ахбор» ва «Қонуни Ҳумоюнӣ». Ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. Муассисаи хадамоти фарҳангии «Расо», Чопи аввал, 1372 (1993) таҳия гардид.

1. **Аввал минҳум** — яъне, нахуст аз онҳо, аввали эшон.

2. **Васоёи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ** — муаллиф «Сиёсатнома»-и Низомулмулкро, ки ба «Сияр-ул-мулук» низ иштиҳор ёфтааст, дар назар дорад.

3. **Ва аммо Мокон сора ка исмиҳи** — тарҷумааш: «аммо Мокон мисли номаш шуд». Ин ҷо шакли арабии номи Мокон, ки мураккаб аз пешванди инкории «мо» («на») ва феъли замони

PDF Compressor Free Version

гузаштан «кона» («буд») аст, мавриди суханбозӣ қарор гирифтааст, яъне Мокон мисли номаш нест шуд.

## «ТАЪРИХИ НИГОРИСТОН»-и ҚОЗӢ АҲМАДИ ҒАФФОРИИ КОШОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон (Таърихи нигористон. Ба тасҳеҳу муқаддима ва тазйили Оқо Муртазо Мударриси Гелонӣ, китобфурӯшии Ҳофиз, Теҳрон, 1404/1983-1984) таҳия гардид.

1. **Рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн** — Дар матни китоб ҳар чое, ки зикри сол омадааст, муаллиф онро ҳам бо рақам ва ҳам бо ҳуруф ба забони арабӣ ба ин сиға: «санаи 287 сабъа ва самонина ва миатайн» қайд кардааст. Дар баргардони мо аз зикри марқуми сол сарфи назар шуд, зеро ҳини таъйини мувофиқати соли ҳиҷрӣ бо соли мелодӣ ин ҳар ду сол бо рақамҳо байнаттқавсайн оварда шудаанд.

2. **Ва мо ан-насру илло мин инди-л-лоҳи** — Иқтибос аз Қуръон аст (сураи Оли Имрон, ояти 126) ва маънияш: «Пирӯзӣ насиб нагардад, магар аз ҷониби худованд».

3. **Явма язурру-л-маръу мин аҳиҳи** — яъне, «он рӯзе, ки бародар аз бародар зарар мебинад». Ба эҳтимоли ғолиб, дар ин ҷо муаллиф ё, аниқтараш, носихи китоб дар иқтибоси ояти Қуръон ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро ин оят дар Қуръон (сураи Абас, ояти 34) дар шакли «явма яфирру-л-л-маръу мин аҳиҳи», яъне, «он рӯзе, ки бародар аз бародар фирор мекунад» омадааст. Ин ҳадси моро се далел тақвият мебахшад: аввалан, шакли навишти «язурру» (бо «зод») ва «яфирру» дар имлои арабӣ шабеҳи якдигаранд; сониян, дар матн сухан дар бораи фирори Наср аз бародараш Исмоил ҳини ҳазимати лашкариёнаш меравад ва ояти мазкур комилан дарҳӯри матлаби муаллиф аст; солисан, муаллифи «Таърихи нигористон» ҳар ҷо, ки ҷумла ё таркиби арабие меоварад, он, маъмулан, иқтибос аз Қуръон ё аҳодиси набавӣ аст. Аз ин рӯ, ҷумлаи боло низ бояд иқтибос аз ояти мазкури Қуръон бошад. Тасҳеҳгари матни «Таърихи нигористон» дар ин гуна мавридҳо аз таъйини асли сура ва

PDF Compressor Free Version

ояти Қуръон сарфи назар кардааст, вагарна рафъи иштибоҳи мазкур амре душвор набуд.

4. **Муҳаммад Ҳоруни Сурхӣ** — Муҳаммад ибни Ҳорун аз амирони бузурги аҳди Исмоили Сомонӣ буд ва аз ҷониби ӯ аморати Гургону Табаристон дошт. Баъдтар ӯ аз итоати амир Исмоил берун шуд. Фиристодагони амир Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорунро дар Марв дастгир карда ва ба Бухоро оварданд ва ӯ пас аз ду моҳи зиндонӣ буданаш даргузашт. Нисбаи Муҳаммад ибни Ҳорун дар матн «Сурхӣ» омадааст, дар сурате ки муаллифи «Таърихи Табаристон» ӯро «Сарахсӣ» донистааст. Ба эҳтимоли ғолиб, «Сурхӣ» тасҳифе аз «Сарахсӣ» аст.

5. **Фа аммо ман сақулат мавозинуҳу, фа ҳува фи ийшатин розиятин** — Иқтибос аз Қуръон (сураи ал-Қориъа, ояти 6—7) аст ва маънияш: «Пас он рӯз амали ҳар касро дар мизони ҳақ вазнин бошад, дар биҳишт бо осоиш ва зиндагонии хуш хоҳад буд».

6. **Адл-ус-соати хайрун мин ибодат-ис-сабъина санатин** — аз аҳодиси набавист ва маънияш: «Адли яксоата беҳ аз ибодати ҳафтодсола».

7. **«Аммо Мокон фа сора ка исмиҳи»** — нигр. ба таъликоти «Чаҳор мақола» № 6.

8. **Биҳоза-т-тафсил** — бо ин тафсил.

9. **Тарҷумаи Яминӣ** — муаллиф тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Яминӣ»-и Абӯнасри Утбиро дар назар дорад, ки ба қалами Абӯшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷарбозақонӣ тааллуқ дорад. Ин тарҷума каме баъдтар аз соли 602/1205-1206 ба вуқӯъ пайвастааст. Ба ҷуз ин тарҷума боз се тарҷумаи дигари «Таърихи Яминӣ» маълуманд, ки ба қалами мутарҷимони асри XIX —Муҳаммад Кароматалӣ ибни Ҳаёталии Деҳлавӣ, Мавлавӣ Фазли Имоми Хайрободӣ ва Абдулкарими Охарӣ мутааллиқанд.

10. **«Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»** — муаллиф «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммади Авфиро дар назар дорад, ки ба номи вазири Алтутмиш — Абӯсаъиди Ҷунайдӣ ба риштаи таҳрир даромадааст.

11. **«Таърихи гузида»** — муаллиф «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Мустафвии Қазвинӣ (1280-1350)-ро дар назар доард, ки соли 730/1329-1330 навишта шуда, вақоеъи таърихии то ин солро дар бар гирифтааст.

PDF Compressor Free Version



# Луғатнома

## А

**Абёт** — ҷамъи байт.
**Абно** — ҷамъи ибн.
**Авд намудан** — дубора баргаштан.
**Авлиё** — наздикон, ақрабо.
**Авлод** — ҷамъи валад.
**Авон** — ҳангом, замон, вақт.
**Авқот** — ҷамъи вақт.
**Автон** — ҷамъи ватан.
**Адавот** — ҷамъи адот — асбоб, олатҳо.
**Адам** — нестӣ.
**Адвия** — ҷамъи даво.
**Адду эҳсо** — теъдоду шумор.
**Адил** — назир, монанд.
**Адн** — биҳишт.
**Азбғӯён** — ширинсуханон.
**Аззa** — бузургон.
**Азимат** — ният, ҷазм.
**Айдӣ** — некӣ, эҳсон, дастгирӣ.
**Аимма** — имомон.
**Айнулкамол** — чашмзахм, чашмрасӣ.
**Акмал** — баркамол.
**Акноф—ҷамъи канаф**, канор, ҷониб, тараф.
**Акобир** — бузургон.
**Алам** — байрақ, ливо.
**Алония** — ошкоро, рӯирост.
**Алаф** — озуқа.
**Алқоб** — ҷамъи лақаб.
**Алҳақ** — ҳақиқатан, дар ҳақиқат.
**Амвол** — ҷамъи мол.
**Амё** — кӯр-кӯрона.
**Аммзода** — амакзода, амакбача.
**Амируҷҷуюш** — амири лашкарҳо.
**Амлок** — ҷамъи мулк /милк.
**Ам(м)** — амак, бародари падар.
**Аморат** — нишона, аломат.
**Аморӣ** — маҳмил, ҳавдаҷ, каҷова.
**Амосил** — баргузидагон.
**Амроз** — ҷамъи мараз—касал.
**Амру наҳй** — фармудани корҳои нек ва боздоштан аз корҳои бад.
**Амсор** — ҷамъи миср: шаҳр, сарҳади ду замин.
**Ангоштан** — пиндоштан.
**Анд** — адади маҷҳул, шумораи номаълум, ки аз се то нӯҳро ифода мекунад.
**Арз** — хок, замин.
**Арз кардан** — аз назар гузаронидан.
**Арздошт** — арзи ҳол, шикоят аз ҳол.
**Арзир/арзиз** — қалъагӣ.
**Арзонӣ** — лоиқ, муносиб.
**Арзонӣ доштан** — бахшидан, ато кардан.
**Аркон** — ҷамъи рукн.
**Арғода** — олати ҷангии монанди манҷаниқ.
**Аршад** — калонтар, бузургтар.
**Арҷ** — эътибор, қадру қимат.
**Асвоқ** — ҷамъи суқ—бозорҳо.

PDF Compressor Free Version

**Асир** — шароб.
**Аслоф** — ҷамъи салаф.
**Асноф** — ҷамъи синф.
**Аср** — асорат.
**Астар** — хачир.
**Асҳоб** — ҷамъи соҳиб.
**Асҳоби** эроиз — эразкунандагон.
**Атаба** — остонаи дар.
**Атиббо** — табибон.
**Атиқ** — кӯҳна, солдида, баргузида, аҷиб, озодшуда.
**Атобакй** — мураббй, мураббии шоҳзодагон.
**Афзал** — фозилтар.
**Афин** — ифлос, пӯсида.
**Афозил** — фозилон.
**Афсар** — тоҷ, кулоҳи подшоҳй.
**Ашриба** — ҷамъи шарбат.
**Ашғол** — ҷамъи шуғл.
**Аъбо** — сангинй, душворй.
**Аъён** — бузургон.
**Аъмол** — ҷамъи амал—ноҳия, вилоят.
**Аъмоқ** — ҷамъи умқ.
**Аъсир** — ҷамъи аъсор—гирдбод, тӯфон.
**Аҷиб** — фарзанд.
**Ақрабо** — хешон, пайвандон.
**Ақрон** — наздикон.
**Ақсалғоят** — то ҳадди имкон.
**Ақсо** — канораҳо, гӯшаҳо.
**Ақтор** — ҷамъи қутр — ноҳия, минтақа, ҷониб, канора.
**Аҳдос** — маблағе, ки шаҳна барои нигоҳдории бозор ва ғайра мегирифт.
**Аҳзон** — ҷамъи ҳузн.
**Аҳком** — ҷамъи ҳукм.
**Аҷаза** — ҷамъи оҷиз—нотавон, заиф.
**Аҷал(л)** — бузургтар.
**Аҷз** — нотавонй, сустй, заъф.
**Аҷлоб** — чизҳое, ки аз як шаҳр ба шаҳри дигар бурда мешавад.
**Аҷр** — мукофот, подош.

# Б

**Бавосир** — ҷамъи босур—бемории мақъад.
**Бадана** — зиреҳи кӯтоҳ.
**Бадмаҳзар** — бадният, бадкинаон.
**Базаҳ** — гуноҳ, хато.
**Базз** — ҷома.
**Баззоз** — газворфурӯш, матоъфурӯш.
**Базл** — бахшиш, инъом, эҳсони бедарег.
**Байлак** — ҷ. байлакот — маншури подшоҳон.
**Байнулҷонибайн** — байни ду тараф.
**Байъат кардан** — муоҳидаи дӯстй бастан, аҳду паймон кардан.
**Бандагони субҳонй** — бандагони илоҳй, раббонй.
**Банй** — авлод.
**Бакон** — сарангушт.
**Барг** — тӯша.
**Баргустувон** — пӯшиши асб дар ҷанг.
**Барда** — ғулом.
**Бардодан** — ҷомбар кардан.
**Барз** — кишт.
**Барзигар** — деҳқон.
**Барнаёмадан** — нагузаштан.
**Барокӯҳ** — болокӯҳ.
**Баронғор** — маймана, фауҷи ҷониби дасти рост.
**Басанд** — кофй, вофй, тамом.
**Басеҷ** — саъй.
**Басок** — тоҷе, ки аз гулҳо сохта ба сар мениҳанд.

PDF Compressor Free Version



**Басорат** — биной, хушёрӣ, дурандешӣ, бинодилӣ.
**Басотин** — ҷамъи бўстон.
**Батлон/бутлон** — ботилшавӣ, зоеъшавӣ, лагв, нодурустӣ.
**Башшош** — хандон, шодмон.
**Бâъс** — барангехтан.
**Берун аз** — ба гайр аз.
**Бетараддуд** — бешакку шубҳа.
**Беқиёс** — бемонанд, аз ҳад зиёд.
**Беҳамол** — беҳамто, бешарик.
**Биақбаҳ ваҷҳе** — бо қабеҳтарин ваҷҳе.
**Бидъат** — фикру ақида ва расму қоидаҳои нави мухолифи таълимоти дини ҳукмрон.
**Билкуллия** — тамоман.
**Билод** — маҳаллаҳои аҳолинишин.
**Билоинтиҳо** — беадад.
**Бисот** — фарш, гилем, палос, асбобу анҷом.
**Бистгонӣ** — маоши лашкариён ва навкарон.
**Боато** — сахӣ.
**Бобон** — номи мавзеъ дар наздӣ Марв.
**Бод** — ғурур.
**Бодбезан** — магасрон, мирваха.
**Бозаргон** — савдогар, тоҷир.
**Бора** — девори қалъа.
**Бораъӣ** — соҳибтадбир.
**Боргоҳ** — қаср, кохи подшоҳ, хаймаи махсуси подшоҳ.
**Ботил** — ноҳақ, нодуруст.
**Булаҷабӣ** — кори аҷобатангез, найранг, шуъбадабозӣ.
**Булук** — ноҳияе, ки чанд деҳ дорад.
**Буна** — асбобу анҷом.
**Бутлон** — фасод, ботилӣ.
**Бўқ** — шайпур.

# В

**Вадойеъ** — ҷамъи вадиа/вадиат—амонат, чизи амонат гузошташуда ё супурдашуда.
**Вакилдар** — вакили дарбор.
**Валад** — зода, писар, фарзанд.
**Вало** — дўстӣ, муҳаббат, меҳр.
**Вартот** — ҷамъи варта.
**Васипат** — восита, дастовез, тўҳфа, сабаб, боис, баҳона.
**Васовис** — ҷамъи васваса.
**Васоё** — ҷамъи васият.
**Вахӣ** — сокини Вахон.
**Ваъид** — таҳдид.
**Ваҳиат** — бадгўӣ, гайбат аз ақиби касе.
**Ваҳоеъ** — ҷамъи воқеа.
**Ваҷанот** — ҷамъи ваҷана—рухсораҳо.
**Ваҷҳ** — тавр, тариқа, тарз.
**Ваҳн** — сустӣ, заъф, осеб, халал.
**Вилоят** — волигӣ, ҳокимӣ, ҳукуматдорӣ.
**Вирасат/варосат** — ворисӣ, меросхўрӣ.
**Висоят** — васият, насиҳат.
**Висоқбошӣ** — сардастаи гурўҳи гуломон, ки дар як висоқ (ҳуҷра) муқаррар буданд.
**Вифқ** — мувофиқати байни ду чиз.
**Вишкарда** — пешкор.
**Вофир** — бисёр, фаровон.
**Воҷиб** — лозим, зарур.
**Воҷибуттабҷил** — воҷиби бузургдошт.
**Воҳӣ** — суст, бебунёд, беасос.
**Вурроа** — ҷомаи суфӣ, ки бар дўш андозанд.

PDF Compressor Free Version

**Вусул** — расидан, ба ҳам расидан, ба ҳам пайвастан.
**Вуфур** — фаровонӣ, бисёрӣ.
**Вуҷӯҳ** — аъён, сардорон.

# Г

**Гавзбун** — дарахти чормагз.
**Газанд** — зарар, зиён.
**Газид** — **газит** — **газият** — андози саропои махсус, ки дар мамолики исломӣ аз тобеони динҳои дигар гирифта мешуд, ҷизя.
**Гандапир** — зани пири солхӯрдаи фартут.
**Ганҷнома** — қоғазе, ки дар он ҷои пинҳон карданy микдори ганҷ сабт шудааст.
**Гаравидан** — имон овардан.
**Гарбуз** — ҳушёр, зирак.
**Гармоба** — ҳаммом.
**Гармсер**—минтақаи гарм, кишвари гарм, гармии сахт.
**Гилемина** — он чи ки аз гилеми пашмин сохта шудааст.
**Говдум** — карнай.
**Гом** — қадам.
**Гуворанда** — гуворо, хуштаъм, ширин.
**Гузидан** — интихоб кардан, бехтар шуморидан.
**Гумошта** — фиристода, маъмур.
**Гурд** — паҳлавон.
**Гуроз** — хуки ваҳшӣ.
**Густурдан** — паҳн кардан.

# Д

**Дабдаба** — нақора.
**Даббус** — гурз, амуд.
**Дабир** — мунши, мирзо.
**Давоҷ** — кӯрпа, бистар.
**Дайлим** — дайламиён.
**Далел** — роҳбалад.
**Дарбандон** — муҳосира.
**Дарёжа** — дарёча.
**ДаРовехтан** — бо даст часпидан ба касе ё чизе, доругир кардан.
**Дастбурд** — ғалаба, фатҳ, нусрат, ғанимат.
**Дастурӣ** — иҷозат, рухсат.
**Дафина** — ганҷи дар зери замин пинҳон шуда.
**Дахл** — даромад.
**Дағдаға** — бим, ташвиши хотир, майл, ҳавас.
**Даҳоқин** — ҷамъи деҳқон.
**Дижам** — андӯҳгин, хашмгин, ошуфта, тира.
**Диз** — қалъа.
**Дилмашғулӣ** — он ки заҳнаш мутаваҷҷеҳи рафъи ишғол ва хатаре аст; музтариб, машғул, нороҳат.
**Дирамсанг** — санге, ки вазни он баробари як дирам мебошад.
**Диroят** — ақлу дониш, зиракӣ.
**Дод** — адолат, бахшиш, ато, ростӣ, ҳақиқат.
**Дорулмулк** — баробари аморат, пойтахт.
**Доруссалом** — 1. ҷаннат. 2. лақаби шаҳри Бағдод.
**Доруғa** — сардори посбонони шаҳр, сардори идораи шаҳрӣ, миршаб, шаҳрдор.
**Доъӣ** — мубаллиғони исмоилӣ.
**Доҳия** — мусибат.
**Дувол** — тасмаи чармин, миёнбанди узангии асп.
**Дӯлоб** — чархи обкашӣ аз чоҳ ва ҷӯй, чиғир.
**Дуҳул** — як навъи табл.

PDF Compressor Free Version


# Ё

**Ёрагӣ** — ёро, ҷасорат.
**Ёғӣ** — осӣ, мухолиф.

# З

**Забони тавбих** — забони накӯҳиш.
**Забт кардан** — идора кардан, ҳифз кардан.
**Забул** — лоғар, пажмурда.
**Завабон** — обшавӣ, моеъшавӣ, гудохташавӣ.
**Зай** — ҳаёт, зиндагӣ, воситаи зиндагӣ.
**Замир** — қалб.
**Замон** — замонат, кафолат, гарав.
**Занданиҷӣ** — мансуб ба Занданиҷ — маҳалле дар атрофи Бухоро.
**Занн** — гумон, чашмдошт, пиндошт.
**Заъомат** — сардорӣ, роҳбарӣ, бузургӣ.
**ЗаоРат** — бадгӯӣ.
**Зариба** — хироҷи замин ва монанди он.
**Зарних** — гӯгирди бо маргимуш омехта.
**Зарродхона** — ҷое, ки аслиҳа месозанд ё нигоҳ медоранд, қӯрхона.
**Захра** — ҷуръат.
**Зачр** — дилтанг, беором, ғамгин.
**Зиёъ** — обу замин, мулк, замини зироатӣ.
**Зийи фуюҷ** — либоси ҷодимони маҳбас.
**Зимма** — ӯҳда, ӯҳдадорӣ, вазифа; зардуштӣ, мусавӣ ва исавиёне, ки бо шароити махсус дар мамолики исломӣ зиндагӣ мекарданд.
**Зинҳорӣ** — касе ки амон металабад.
**Зобит** — ҳушёр, тавоно, хирадманд.
**Зог** — номи умумии намакҳое, ки аз туршии гӯгирд ҳосил мешаванд.
**Зоеъ** — бесамар, бефоида, талаф, нобуд.
**Зоҳир** — берун, хориҷ.
**Зубин** — найза.
**Зубул** — пажмурдан, лоғар шудан, лоғарӣ, пажмурдагӣ.
**Зуноба** — думболаи чизе, поёни ҳар чиз.
**Зуфт** — хасис, бахил.

# И

**Ибоҳат** — ҳалол донистан, ҷоиз шумурдан, раво донистан.
**Иддихор** — захира кардан, пасандоз кардан.
**Иёлат** — 1. Ҳукмронӣ, идоракунӣ. 2. Қисмати васеи як мамлакат, ки чандин вилоятро дарбар мегирад.
**Издиёд** — афзунӣ.
**Изз** — иззат, эҳтиром, шараф.
**Изо** — дар изо: ба ивази, ба ҷои.
**Изом** — ҷамъи азим.
**Изтирор** — дармондан, тангдастӣ, парешонӣ.
**Изъоф** — дучанд гардонидан.
**Икроҳ** — кароҳат, бемайлӣ.
**Илал** — ҷамъи иллат.

PDF Compressor Free Version

**Илтизом** — ба гардан гирифтан, ба зимма гирифтан.
**Илтифот** — таваҷҷӯҳ, лутф.
**Илтиҷо** — паноҳ бурдан, ҳимоят талабидан.
**Илҳоҳ** — илтимос.
**Иморат** — амирӣ, фармонравоӣ.
**Имтидод** — дарозо, тӯл.
**Имтинон** — лутфу марҳамат, бахшиш.
**Имтисол** — итоат кардан, фармон бурдан; итоат, фармонбардорӣ.
**Инзиво** — гӯшагирӣ, гӯшанишинӣ.
**Инон** — лаҷом, ҷилав.
**Интибоҳ** — бедорӣ, ҳушёрӣ.
**Интизом** — ҷой гирифтан, дохил шудан.
**Интизоъ** — кашида баровардан, аз ҷо берун овардан, баркандан.
**Интиҳоз** — мунтазири фурсат будан, фурсат поидан.
**Инъитоф** — гардондан, тофтан, баргаштан.
**Инқиёд** — итоат кардан, гардан фуровардан, итоат.
**Инқизо** — ба охир расидан, тамом шудан, поён ёфтан.
**Ионат** — ёрӣ, кӯмак.
**Иртифоъ** — боло рафтан, баланд шудан.
**Иртифоъ** — ҳосил, ҳосили зироат.
**Исмат** — покдоманӣ.
**Исор** — бар худ баргузидан, муқаддам доштани дигарон.
**Исорат** — базл кардан, ато кардан.
**Истеъдод** — омодагӣ, тайёрӣ.
**Истеъло** — бартарӣ ҷустан.
**Истеҳлок** — ҳалок кардан, несту нобуд кардан.
**Истеҳқоқ** — сазовор ва шоиста будан.
**Истидъо** — фаро хондан, дархостан бо фурӯтанӣ, хоҳиш, дархост.
**Истизҳор** — ёрӣ ва паноҳ хостан аз касе, пуштибонӣ.
**Истикшоф** — таҳқиқ, ҷустуҷӯ, пурсиш.
**Истилоъ** — тафтиш.
**Истимдод** — мадад ҷустан.
**Истимолат** — ба сӯи худ моил кардан, бо суханони нағз касеро ба сӯи худ ҷалб кардан.
**Истимзоҷ** — сиҳату саломатии касеро пурсидан, фикру ақидаи касеро пурсидан.
**Истимоъ** — шунидан.
**Истинбот** — хулоса баровардан.
**Истинкоъ** — накӯӣ кардан.
**Истионат** — ёрӣ пурсидан, мадад хостан.
**Истисвоб** — писандидан, савоб шумурдан.
**Истисол** — аз бех баркандан, шакан кардан.
**Истихфоф** — сабук ё кам шумурдан чизеро ё касеро; таҳқир кардан.
**Истиғфор** — мағфират талабидан, бахшоиши гуноҳро талабидан.
**Истиқсо** — тафаҳҳуси бисёр дар атрофи чизе кардан, ба ниҳояти чизе расидан.
**Истиҳол** — сазовору шоистаи чизе будан, дар коре лаёқат доштан.
**Истиҷорат** — иҷора гирифтан.
**Исфаҳсолор** — сардори сипоҳ.
**Исфор** — даромадани субҳ.

PDF Compressor Free Version 

**Иско́т** — партофтан, андохтан.
**Итлоқ** — озод кардан, раҳо кардан.
**Итоб** — сарзанишу маломат.
**Иттилоъ** — огаҳӣ.
**Иттифоқ** — тасодуф.
**Ихфо кардан** — пинҳон кардан, махфӣ доштан.
**Иштиол** — барафрӯхтан, шӯъладвар намудан.
**Иштиғол** — машғул шудан.
**Иғмоз** — тағофул кардан, чашмпушӣ кардан.
**Иғосат** — фарёдрасӣ.
**Иғро** — барангехтан.
**Иқд** — гарданбанд, сангҳи қиматбаҳои ба ришта кашида.
**Иқтироҳ** — хостан, талаб кардан, тақозо кардан.
**Иҷлол** — бузург доштан, эҳтиром кардан.
**Иҷобат** — қабул кардан, пазируфтан.
**Иҷро** — ротиба, маош.
**Иҷтиҳод** — кӯшиш, саъй, ҷаҳд, ҷидду ҷаҳд.
**Иҷтимоъ** — ҷамъ шудан, гирд омадан.

# К

**Када** — хона, маҳал.
**Кизо** — чунин, ин хел, ин тавр.
**Камоканбағӣ** — чунон ки бояд.
**Кароматкардан** — иззату эҳтиром кардан.
**Карона** — канор, соҳил.
**Кароҳийят** — нописандӣ.
**Касал(касл)** — суст, нотавон.
**Касрат** — бисёрӣ, зиёдӣ.
**Кибор** — ҷамъи кабир.
**Кийсат** — зиракӣ, ҳушёрӣ.
**Килк** — қалам.
**Кисват** — ҷомаи пӯшиданӣ.
**Китмон** — пинҳон доштан.
**Кифоёт** — дониш, истеъдод, лаёқат.
**Коло** — чизу чора, матоъ.
**Ком** — мақсад.
**Кох** — қаср.
**Коҳилӣ** — танбалӣ.
**Кунуз** — ҷамъи канз, муаррасӣ ганҷ.
**Куфрон** — ношукрӣ, носипосӣ, кӯрнамакӣ.
**Кӯс** — нақора.
**Кӯпол** — гурзи оҳанин.
**Кӯшк** — бинои бошукӯҳ, қаср.

# Л

**Лавн** — навъ, ранг.
**Лавозим** — ҷамъи лозима.
**Лавоҳиқ** — ҷамъи лоҳиқа, чизҳои илҳоқ шуда.
**Лайлу наҳор** — шабу рӯз.
**Лобуд** — ночор, ноилоҷ, ногузир.
**Лозимулэҳтиром** — қобили эҳтиром.
**Лош кардан**—талаву тороҷ ва ғорат кардан.
**Лошак(к)** — бешубҳа, бегумон.
**Лоъалам** — ҷоҳил.
**Лоҷарам** — ночор, ногузир.

# М

**Мабзул** — бахшидашуда; мабзул афтодан — маъқул ва писанд шудан.
**Мабдаъ** — маҳалли саршавӣ, оғоз.
**Мабзул доштан** — қаноатманд гардонидан, қабул кардан.
**Мабодӣ** — ҷамъи мабдаъ; ма-

PDF Compressor Free Version

ҳолли саршавӣ, ҷои пайдоиш, маншаъ, асл.
**Маболиғ** — ҷамъи маблағ.
**Мабсут** — густурда, муфассал.
**Маваддат** — дӯстӣ, муҳаббат.
**Мавкиб** — гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи подшоҳ.
**Мавоид** — ҷамъи мавъид: ваъда, аҳд, паймон.
**Маволӣ** — ҷамъи мавло, ғулом, чокар, навкар.
**Мавосиқ** — ҷамъи мисоқ, аҳду паймон.
**Маврус** — ба мерос монда.
**Мавсуф** — соҳиби ягон сифат, васфшуда, шӯҳратёфта.
**Мавфур** — фаровон, зиёд.
**Мавқуфот** — мулкҳои вақфшуда.
**Мавҳабат** — атия, он чи, ки ба касе бахшанд.
**Мадфун** — дафнкардашуда, гӯронидашуда.
**Мазаллат** — хорӣ, зорӣ, ҳақирӣ.
**Мазаррат** — зарар, зиён.
**Мазид** — афзоиш, зиёдшавӣ, афзуншуда.
**Мазлима** — вабол, мазлумӣ.
**Мазоиқ** — тангиҳо.
**Мазолим** — мазлама, додхоҳӣ.
**Мазур** — дидашуда, зиёратшуда.
**Маймана** — тарафи чапи лашкар.
**Маймун** — нек, ҳуҷаста, масъуд.
**Майсара** — тарафи рости лашкар.
**Макорим** — ҷамъи макрама: иззату эҳтиром, лутфу карам.
**Мамлакаи султонӣ** — замини подшоҳ.
**Мамлу** — пур.

**Манобир** — ҷамъи минбар.
**Маносиб** — ҷамъи мансаб.
**Маношир** — ҷамъи маншур.
**Манокиб** — ҷамъи манкабат; ҳунар, фазл, кору рафтори писандида.
**Мансур** — нусратёфта, пирӯз.
**Мансуҷ** — бофташуда.
**Маншур** — фармони подшоҳ.
**Манҳус** — шум, бадфарҷом, бадбахт.
**Маод** — ҷои бозгашт, охират.
**Маол** — ҷои бозгашт, маҳалли руҷӯъ, оқибати кор.
**Маодин** — ҷамъи маъдан.
**Маориф** — ҷамъи маъруф.
**Маосир** — ҷамъи маъсар/маъсарат: кори писандида, кори наҷибона.
**Марамматн лашкар** — таъмини лашкар бо озуқа, улуфа ва асбоби лозима.
**Марокиб** — ҷамъи маркаб, ҳайвони саворӣ.
**Марьӣ** — дида шуда, намоён шуда.
**Марҷаъ** — паноҳгоҳ.
**Маскук** — сикказадашуда.
**Маслаба** — нуқсон, айб.
**Маслук** — маъмул, ҷорӣ карда.
**Маснад** — нишастгоҳ, тахт, авранг, рутба, мақом.
**Масоба** — мартаба, дараҷа, андоза.
**Масоиб** — ҷамъи мусибат.
**Масоьии ҷамила** — саъю кӯшиши писандида.
**Масоьӣ** — ҷамъи масъо: кӯшиш, саъй.
**Масолиб** — ҷамъи маслаба.
**Масомеъ** — ҷамъи мисмаъ, узви шунавоӣ, гӯш.
**Масоф** — муҳориба.
**Масруф** — сарф карда шуда.
**Мастур** — навиштаҷот.

PDF Compressor Free Version



**Масун** — маҳфуз, нигаҳдорӣ кардашуда.
**Матбах** — ошхона.
**Маунат** — нафақа, маош, қувват.
**Мафосил** — ҷамъи мафсил, банди устухон.
**Мафтуҳ** — фатҳшуда.
**Махсусон** — наздикон, хосагон.
**Машмумот** — гулҳои хушбӯй.
**Машоих** — ҷамъи машиха, ҷамъи шайх — пирон, уламои дин, муршидон.
**Машоҳир** — ҷамъи машҳур.
**Машриқ** — шарқ.
**Машрут** — шарт карда шуда, вобаста ба шарт.
**Машрӯъ** — он чи мувофиқи шаръ бошад, чизе, ки тибқи шариат ҷоиз бошад.
**Маъдалат** — адл, инсоф, додгарӣ, адолат.
**Машҳун** — пур карда шуда.
**Маъбар** — гузаргоҳ, ҷои мулоими киштигузари дарё, баҳр ва ғайра.
**Маъзул кардан** — аз мансаб сабукдӯш кардан.
**Маъмур** — обод.
**Маъоиб** — ҷамъи маъиб, айб, камбудӣ, нуқсон.
**Маътур** — арз кардан.
**Маъшаралмуслимин** — гурӯҳи мусалмонон.
**Маъқуд** — одатӣ, муқарраршуда.
**Мағок** — чуқурӣ, пастӣ.
**Мағриб** — ғарб.
**Мағфар** — худ, кулоҳи филизии ҷангӣ.
**Мағшуш** — омехта, ғайри холис.

**Мақарр** — қароргоҳ, нишемангоҳ.
**Мақдур** — қудрат, имкон.
**Мақсура** — ҳуҷраи ибодат, чиллахона.
**Мақҳур** — дучори қаҳру ғазаб шуда, мағлуб, шикастхӯрда.
**Маҳаб(б)** — вазиш.
**Маҳаффа** — тахти равон, ки бар дӯш ҳамл кунанд.
**Маҳбас** — зиндон.
**Маҳлака** — маҳзеи ҳалок, ҷои нобудӣ.
**Маҳом(м)** — ҷамъи муҳим(м).
**Маҳосин** — некӯӣ.
**Маҳсур** — дар инҳисор гирифта, иҳота карда шуда.
**Маҷомеъ** — ҷои ҷамъ шудан.
**Меҳҷуд** — саъю кӯшиш.
**Меҳин** — калон, бузург.
**Меҳтар** — калон, бузургтар, муқобили кеҳтар.
**Мил кашидан** — нобино кардан.
**Мисол** — фармон, ҳукм.
**Мисоқ** — аҳду паймон.
**Митвоъ** — фармонбардор.
**Михлаб** — чангол, чанголи паррандагон, махсусан чанголи мурғони шикорӣ.
**Михадда** — нозболиш.
**Мигнотис** — оҳанрабо.
**Миқнаа** — чодари занон.
**Мобақӣ** — боқимонда.
**Моддат** — бунёд, асос, сабаб.
**Мозӣ** — гузашта.
**Моида** — дастархони пур аз неъмату таом, таом.
**Молиш** — чаво.
**Моя** — асл, матлаб, фикри муҳим.
**Муаддил** — мӯътадилкунанда, санги меъёр.

PDF Compressor Free Version

**Муаззиз** — гиромидоранда, азизкунанда.

**Муайяд** — таъйид ёфта; масъуд, бахтиёр.

**Муаккад** — устувор, мустаҳкам.

**Муаллам** — нақшин, зебо.

**Муаскар** — лашкаргоҳ.

**Мубайян** — баён ва равшан карда шуда; ошкор, возеҳ.

**Мубаррот** — хайрот, садақот.

**Мубодарат** — шитоб, кӯшиш.

**Мубологат** — зиёдаравӣ, кӯтоҳӣ накардан дар кӯшиш, сахт кӯшидан.

**Мубошир** — коргузор; ба сари худ анҷомдиҳандаи кор; машғули ягон кор.

**Мубояат** — байъат кардан; дасту қавл додан барои итоат.

**Мубтаҳиҷ** — шодмон, масрур.

**Муваккал** — гумошта; касе, ки коре ба ӯ супурда шуда бошад.

**Муваллаъ** — ҳарис.

**Мувозаат** — бо якдигар қарор ниҳодан, мувофиқат кардан.

**Мувохот** — дӯстӣ, дӯстии бародарона.

**Музаккир** — воиз.

**Музахрафот** — суханони ботил ва дурӯғе, ки ба шакли рост дароварда шудаанд.

**Музаҳқаб** — зарандуд.

**Музмин** — кӯҳна.

**Музоаф** — дучанд, ду баробар.

**Музоработ** — ҷамъи музораба: зарбрасонӣ ба ҳамдигар, муҳориба, ҷанг, набард.

**Музояқа** — тазйиқ, тангӣ, душворӣ, дарегдорӣ.

**Музтар** — ночор, дармонда.

**Мукаббир** — такбиргӯянда.

**Мукнат** — қудрат, тавоноӣ.

**Мукобара** — зӯру тааддӣ ва ҷангу ситеза кардан.

**Мукотабат** — мактубнависӣ.

**Муктасаб** — касб карда шуда, ба даст оварда шуда.

**Мулаввас** — олуда ба палидӣ, олудашуда.

**Мулаттафаъ** — нома.

**Мулозим** — хидматгор, ходим.

**Мулотафат** — лутфу марҳамат.

**Мултамас** — илтимос.

**Мултафит** — таваҷҷӯҳкунанда, эътинокунанда.

**Мултаҷӣ** — паноҳҷӯянда.

**Мулук** — ҷамъи малик.

**Мулҳақ** — пайвастшуда, ҳамроҳшуда.

**Мулҳид** — мункири худо, бедин, даҳрӣ.

**Мумаййиз** — бофиросат.

**Мумаҳҳад** — мураттаб, муназзам.

**Мумталӣ** — пур, лаболаб, сершуда.

**Мунағғаз** — тира, андӯҳгин.

**Мунаққӣ** — мавизи тоза.

**Мундарис** — несту нобуд.

**Мундӣ** — кӯзаи даҳонишикаста.

**Мунзаиҷ** — парешон, беором, нороҳат.

**Мункар** — зишт, нописанд.

**Мункасир** — шикаста, вайроншуда, парешон.

**Мунодӣ** — ҷорчӣ, нидо кардан.

**Мунозаат** — ба ҳам хусумат ва ситеза кардан.

**Мунозеъ** — низоъкунанда.

**Мунсиф** — боинсоф, боадолат.

**Мунтасиф** — нимаи чизе, васати чизе.

**Мунташир** — паҳн.

**Мунтаҳиз** — фурсатҷӯянда.

**Мунтасиб** — нисбатдоранда ба касе, хешу табор.

**Мунфаил** — мутағаййир.

PDF Compressor Free Version

**Муншареҳ** — шод, хурсанд, хуррам.
**Мунъатиф** — тофта шуда, ба тарафи дигар гардонидашуда.
**Мунқазӣ шудан** — тамом шудан.
**Мунқатеъ** — ҷудо.
**Мунҳазим** — мағлуб, шикастхӯрда.
**Мунҳӣ** — хабардиҳанда, воқеанавис.
**Муодӣ** — адоваткунанда, душманикунанда.
**Муовадат** — бозгашт кардан, баргаштан.
**Муовинат** — ба ҳамдигар ёрӣ кардан, дастгирӣ, мададгорӣ.
**Муонадат** — инодкорӣ, якравӣ, адоват, мухолифат.
**Муоф** — озод кардан.
**Муохаза** — мусодира кардан, гирифтан.
**Муоҳада** — аҳд кардан, паймон бастан.
**Мураббо** — тарбияёфта.
**Мураддаф** — радифдор.
**Мурассаъ** — ороста.
**Мураффаҳ** — осуда, ором.
**Мураффаҳулҳол** — осудаҳол, хушҳол.
**Мураҷҷаҳ** — афзалият, бартарӣ.
**Мурзия** — писандида.
**Муроот** — муомилаи нек, лутфу марҳамат, риоя кардан ба чизе.
**Муроҷаат** — бозгашт, баргашт.
**Муртафеъ** — баланд.
**Мусаввада** — пешнавис, сиёҳнавис.
**Мусаллам** — тобеъ шуда, таслим шуда, таслим кардан.
**Мусалло** — ҷойнамоз; намозгоҳи умумӣ.
**Мусаммам** — тасмимёфта, қароршуда.
**Мусаххар** — тасхир карда шуда, мағлуб ва мутеъ кардан, асир кардан.
**Мусирр** — исроркунанда, боисрор.
**Мусла** — ноқисулаъзо кардан, буридани ягон узви бадан.
**Мусовот** — баробар; баёни мусовот — баробарии лафзу маънӣ.
**Мусодақат** — садоқату самимият дар дӯстӣ.
**Мусодир** — моли ба зӯрӣ гирифташуда.
**Мусодиф афтод** — рӯ ба рӯ шудан, вохӯрдан.
**Мусоҳарат** — хешӣ кардан ба василаи зан додану зан гирифтан.
**Мусреъ** — қосиди бодпо.
**Мустабъад** — маҳол, номумкин.
**Муставлӣ** — салтанат ёфта, ғолиб.
**Мустазид** — ҷонӣ, ранҷида, норозӣ.
**Мустаэҳир** — ёритталабанда аз касе, дилпуршуда, умедвор, бахравар.
**Мустакраҳ** — нохуш.
**Мусталзим** — сабаб, боис.
**Мустафод** — маълуму мафҳум шудан.
**Мустахлас кардан** — халос кардан, озод кардан.
**Мустаъид** — омода, тайёр, ҳозир.
**Мустаъсал** — решакан карда шуда.
**Мустағал** — замине, ки ғалла корида мешавад.

PDF Compressor Free Version

**Мустақар** — қароргоҳ, маркази мамлакат.

**Мустақим шудан** — пойдор шудан, устувор гаштан.

**Мустаҳсан** — шоистаи таҳсин, нек ва писандида, маъқул.

**Мустаҳақ** — лоиқ, сазовор.

**Мутааддиён** — золимон, таҷовузкорон.

**Мутааззир** — номумкин, мушкил.

**Мутааллиқон** — алоқамандон.

**Мутааҳҳид** — ӯҳдадор.

**Мутааҷҷиб** — ҳайрон.

**Мутаваттин** — сокин, бошанда.

**Мутаваффӣ** — вафот ёфта.

**Мутаваҳҳиш** — тарсанда, ҳаросон.

**Мутавиа** — фидоиён, муҷоҳидон.

**Мутавотир** — пай дар пай омадан.

**Мутаворӣ** — пинҳоншуда.

**Мутазаллим** — зулмрасида, додхоҳ.

**Мутакаффил** — ба ӯҳда гиранда.

**Мутамаккин** — ҷойгиршуда.

**Мутамаррид** — саркаш.

**Мутанаккир** — он ки дар либоси ношинос бошад, касе ки барои шинохта нашуданаш қиёфаи зоҳирӣ ва либосашро дигар кунад.

**Мутарассид** — нигарон, мунтазир, чашм ба роҳ.

**Мутанаффир** — нафраткунанда, рамида, безор.

**МутаРашшеҳ** — таровишкунанда.

**Мутафарриқ** — парешон, пароканда.

**Мутағаййир** — тағйир ёфтан, дигаргун гаштан.

**Мутаҳаввир** — нотарс, бебок.

**Мутаҳаййир** — дар ҳайрат мондан.

**Мутаҳаллӣ**—бо зевар ороста.

**Мутаҷаннида** — сипоҳиён.

**Мутобаат** — пайравӣ, тобеъшавӣ.

**Мутоваат** — итоат, фармонбардорӣ.

**Мутолаат** — аз назар гузаронидани чизе ба мақсади огоҳшавӣ ва шиносшавӣ бо он.

**Муттафиқ** — ҳамрайъ, якдил.

**Муфавваз** — супурдашуда, вогузошта.

**Муфаттан** — мафтуншуда, ошиқ.

**Муфаттин** — фитнаангез.

**Муфоваза** — машварат.

**Муфорақат** — ҷудоӣ аз ҳамдигар, фироқ.

**Муфсид** — фосидкунанда, вайронкор.

**Мухаббир** — хабаркунанда, огоҳидиҳанда.

**Мухаддарот** — занони пардаnишин.

**Мухосамат** — хусумат, ситеза.

**Мухтафӣ** — махфӣ, пинҳон, пӯшида.

**Муфоҷот** — ногаҳон.

**Муфсидот** — табоҳӣ, фасод.

**Мухайир** — хайркунанда.

**Мухбар** — хабар додашуда.

**Мушоват** — гусел кардан, ҳамроҳӣ кардан.

**Мушоҳана** — душманӣ варзидан бо якдигар.

**Мушоҳара** — моҳона, маош.

PDF Compressor Free Version


**Муштаъил** — шуълавар, шуълавар шуда.

**Муъодот** — адоват ва душманӣ ба якдигар.

**Муъомилон** — муомилакунандагон, харидуфурӯшкунандагон.

**Муғаллаза** — сахт, устувор.

**Муғаннас** — тира.

**Муқаййад** — ба қайд афтода, гирифтор, побанд, вобаста, тааллуқдор.

**Муқаррар доштан** — собит ва барқарор доштан.

**Муқаррабон** — наздикон, надимон, маҳрамон, ҳамсӯҳбатон.

**Муқбил** — соҳиби иқбол, хушбахт.

**Муқзиюлмаром** — комёб, комраво.

**Муқирр** — иқроркунанда, мӯътарифи гуноҳ.

**Муқобала** — рӯбарӯшавӣ, муқобил, муқобил баромадан; вазъияте, ки сайёра дар осмон дар муқобили офтоб қарор мегирад.

**Муқорин** — ҳамзамон, дар ҳамон вақт.

**Муқотаъа кардан** — бо таъини музд иҷрои кореро ба касе супоридан.

**Муҳаррамон** — занони ҳарами подшоҳ.

**Муҳарриз** — ташвиқкунанда, барангезанда.

**Муҳим(м)** — корҳои сахт, душвору азим.

**Муҳоварат** — сӯҳбат.

**Муҳодана** — сулҳу оштӣ кардан.

**Муҳозӣ** — рӯбарӯ, муқобил.

**Муҷаззо** — ба ҷузъҳо ҷудо шуда.

**Муҷарраб** — таҷрибадор.

**Муҷмал** — иҷмол кардашуда, сухани хулоса кардашуда, хулоса, иҷмолан, мухтасаран.

**Муҷоласат** — ҳамнишинӣ, ҳамсӯҳбатӣ бо касе.

**Муҷоварат** — қарибӣ, наздикӣ, ҳамсоягӣ.

**Муҷро доштан** — ҷорӣ намудан, татбиқ кардан.

**Муҷтаниб** — парҳезгор.

**Муҳйӣ** — эҳёкунанда, зиндакунанда.

**Муҳсир кардан** — иҳота кардан, муҳосира кардан.

**Мӯрд** — як навъи дарахти ҳамешасабзи хушбӯ.

**Мӯҳмал гузоштан** — фурӯ гузоштан, тарк кардан.

**Мӯҳтаҷиб гаштан** — пинҳон ё дар паси ҳиҷоб воқеъ шудан.

**Мӯҳтол** — ҳилагар, маккор.

**Мӯҷиб** — боис.

# Н

**Навардида шудан** — печида шудан, печонидан.

**Накӯҳидан** — таъна кардан, сарзаниш кардан, маломат кардан.

**Набидхора** — шаробнӯш.

**Набиз** — шароб, май.

**Набил** — бузург, доно, хушёр.

**Навоиб** — ҷамъи ноиба, ҳодисаи бад, мусибат, сахтӣ.

**Найл** — ба мақсад расидан, комёб шудан.

**Наим** — хуррамӣ.

**Намадзин** — пораи пашмин ё намадин, ки ба пушти асп партофта, рӯяш зин мегузоранд.

**Насафат** — инсоф, адл.

PDF Compressor Free Version

**Нассох** — нусхабардор.

**Насқ** — муназзам кардан, ба тартиб даровардан.

**Нафақот** — ҷамъи нафақа; харҷи харрӯза; моҳона, маош.

**Нафй** — инкор.

**Нафоз** — таъсир, нуфуз, иҷро.

**Нахват** — худпарастӣ, худбинӣ, такаббур.

**Начахад** — ҷӯш назанад, аз феъли чахидан.

**Наъш** — ҷасад.
**Нақс** — айб, камбудӣ.
**Наҳзат** — ҳаракат.

**Наҳй** — манъ кардан, боздоштан.
**Наҳмат** — қасд ва ирода, мурод.
**Ниёбат** — ҷонишинӣ, ноибӣ.
**Нил** — номи гиёҳ.
**Ниҳодан** — қарор додан.
**Ниҳолин** — бистар, рахт.
**Нов** — дара.
**Ноира** — оташ.
**Номутаноҳӣ** — беохир.
**Носия** — пешонӣ, рӯй, симо.
**Носутуда** — нописандида.
**Нофизфармон** — касе, ки фармонаш равост.
**Ноқиз** — шикастдиҳанда.
**Нуввоб** — ҷамъи ноиб.
**Нудамо** — ҷамъи надим.
**Нузҷ** — расиш.
**Нузул кардан** — фуруд омадан.
**Нузҳат** — покӣ, покизагӣ, хушӣ.
**Нухола** — сабӯси гандум ва монанди он.
**Нуъуд** — ҷамъи наъд; сифатҳо, лақабҳо.
**Нуҳусат** — бадбахтӣ, шумӣ.

# О

**Обдор** — соқӣ.
**Овардгоҳ** — майдони ҷанг.
**Огандан/окандан** — пур кардан.
**Озарм** — шарм, ҳаё, иззат, ҳурмат, меҳр, шафқат, адолату инсоф.
**Ойин бастан** — оро додан.
**Оинаи филон** — табли бузург.
**Омил** — хироҷгир.
**Ориза** — дард.
**Отифат** — меҳрубонӣ, шафқат, илтифот.
**Оғолидан** — бар якдигар шӯронидан, тез кардан.
**Оҳанг** — қасд.

# П

**Пазира** — пешвоз, истқбол.
**Пайғом** — хабари хуш, мужда, башорат.
**Пангон** — зарфи обӣ, ки дар қадим бо он пасу соатҳои шабонарӯзаро муайян мекарданд; соати обӣ.
**Пардохтан** — супоридан, таслим кардан, вогузор намудан.
**Парниён** — ҳарир, матои нафис, дебои мунаққаш.
**Пойзаҳр** — подзаҳр, маводи зидди заҳр.
**Полудан** — тоза кардан, гудохтан.
**Пӯзиш** — узрхоҳӣ, маъзарат.

# Р

**Работ** — корвонсарой, мусофирхона.

PDF Compressor Free Version

**Равият** — андеша дар умур, фикр, тахаммул.
**Равоиқ** — ҷамъи роиқа, бӯйҳо.
**Расоил** — ҷамъи рисола; мактуб, нома.
**Рафеъ** — олӣ, баланд.
**Рафз** — рад кардан.
**Рафоҳият** — осудагӣ, осоиш, хушгузаронӣ.
**Рахбин** — дӯғи турши сахтшуда, қурут.
**Рақаба** — 1. Ғулом, банда. 2. Гардан.
**Рахл** — асбобу анҷом, ҷиҳоз.
**Рибқа** — ҳалқаи ресмон.
**Риддат** — аз дин гаштан.
**Рисолат** — сафирӣ.
**Рифъат** — бузургӣ.
**Рифқ** — некӯӣ.
**Риштаканаб** — арғамчин.
**Риққат** — бандагӣ, ғуломӣ.
**Риҳ** — бод.
**Риҷол** — мард.
**Рой** — андеша, фикр.
**Ронин** — шалвор.
**Роят** — байрақ, алам.
**Руасо** — ҷамъи раис.
**Рубъи маскун** — маҳалли аҳолинишини рӯи замин.
**Рустопеша** — кишоварз, деҳқон.
**Рустоқ** — деҳа.
**Русул** — ҷамъи расул.
**Руқъа** — нома.
**Руҷулият** — мардӣ, мардонагӣ.
**Рӯйгар** — мисгар.
**Рӯи разма** — истилоҳест, ки дар мавриди тафовут ва руҷҳони касе бар дигаре истеъмол шавад.
**Рӯйингар** — мисгар.

# С

**Сабал** — аспи хушрав.
**Сабақ/сабқ** — пеш, дар боло, пеш аз ин.
**Сабил** — тариқ, тарз, равиш.
**Сабт фармудан** — навиштан.
**Сабӯҳ** — шароби бомдодӣ.
**Савб** — тараф, ҷониб, сӯй.
**Савийят** — баробарӣ.
**Савод** — сиёҳнавис.
**Савоҳил** — ҷамъи соҳил.
**Саврат** — тундӣ, тезӣ.
**Саврати шароб** — таъсиру шиддати шароб.
**Садад** — ният, қасд, азм; **дар садади** — дар пайи.
**Садид** — устувор, рост, маҳкамирода.
**Садр** — сина; оғоз.
**Сакароти мавт** — ҷонканиҳо ва талоши аҷал, талвасаи ҳангоми марг.
**Салаф** — пешгузаштагон; муқобили халаф.
**Салбӣ** — батнӣ, падарию модарӣ.
**Салеҳ** — имолаи силоҳ, яроқ.
**Самим** — сарвари бузург.
**Самъ** — гӯш.
**Санавот** — ҷамъи сана; солҳо.
**Санеъ** — тарбиятёфта.
**Санъат** — пеша, ҳунар, касб.
**Санҷ** — ду табли рӯин, ки ба ҳам мезананд.
**Сарф кардан** — аз кор барканор кардан, гардондан, ивоз кардан.
**Саропарда** — хаймаи бузург, чодари подшоҳӣ.
**Сарроф** — заршинос, ивазкунандаи пул.
**Сарҳанг** — сардори як қисми лашкар.
**Сатват** — шавкат, дабдаба, шукӯҳ.

PDF Compressor Free Version

**Сахат** — хашму ғазаб, қаҳр.
**Саъб** — сахт.
**Саълукӣ** — дарвешӣ, фақирӣ, камбағалӣ.
**Сағр** — тангно, гузаргоҳи танг, сарҳад, марз.
**Сақат гуфтан** — бад гуфтан.
**Сақлобӣ** — славян.
**Саҳмгин** — хавфнок.
**Саҳмулғайб** — бахту иқбол.
**Сиголидан** — андешидан.
**Силат/сила** — ато, инъом, бахшиш.
**Силк** — ришта, саф, қатор.
**Силот** — ҷамъи сила, инъом.
**Силоҳварзӣ** — ҷанговар, мубориз.
**Симот** — ҷамъи симат, нишон, аломат, сифат.
**Сиоят** — бадгӯӣ, суханчинӣ, тӯҳмат кардан.
**Сипаҳбуд** — сарлашкар.
**Сипаҳсолор** — сарфармондеҳи лашкар.
**Сипурдан** — паймудан, тай намудан.
**Сират** — хулқ, феъл, хӯй.
**Сита** — овоз, овоза, шӯҳрат.
**Ситом** — афзор.
**Сияр** — ҷамъи сират.
**Сиғар** — хурдӣ, кӯдакӣ.
**Сиғари син** — хурдсолӣ, хурдсол.
**Сиқа** — мӯътамад, шахси боваринок.
**Сиқот** — ҷамъи сиқа.
**Собот** — долон, роҳрави рӯпӯшида.
**Содот** — ҷамъи сайид; бузургон, сарварон.
**Соиқа** — барқ.
**Сойис** — ҷаллод, ҷаббор.
**Солиман/ғониман** — саломат ва бағанимат.
**Сома** — паноҳ, паноҳгоҳ.
**Сомита** — молу мулк, моли нақдина.
**Сонӣ** — дуюм, монанд.
**Сор** — кина, интиқом.
**Софӣ кардан** — бенизоъ кардан.
**Сохт/сохта** — асбобу афзори асб.
**Сохтан** — созиш кардан, мувофиқат кардан.
**Сохтатар будан** — муносибати беҳтару хубтар доштан.
**Сохиббарид** — раиси идораи [illegible].
**Соҳибшурт** — тобеият ва мутей ба подшоҳ аз рӯи аҳду паймон.
**Соҳибулҷайш** — соҳиби лашкар, сипоҳсолор, подшоҳ.
**Сувар** — ҷамъи сурат.
**Судоъ** — дарди сар.
**Сулҳгуна** — сулҳмонанд, оштигуна.
**Сунъ** — меҳрубонӣ, эҳсон.
**Суррият** — каниз барои ҷимоъ ва таматтӯъ.
**Сутур** — чорвои саворӣ ва боркаш.
**Сутурдан** — тарошидан, пок кардан.
**Сутӯҳ будан** — ба танг омадан, дилтанг шудан.
**Суфаро** — ҷамъи сафир.
**Суфуф** — ҷамъи саф(ф).
**Сухрийя** — ришханд, истеҳзо.
**Сулма** — рахна, сӯрох.
**Сухтан** — вазн кардан, баркашидан.

# Т

**Таарруз** — эътироз, мухолафат, муқобалат.

PDF Compressor Free Version

**Таассуб** — ҳимоя, пуштибонӣ; тарафдории кӯркӯрона, хурофотпарастӣ.
**Таъаҳҳуд** — хизматгузорӣ; ӯҳдадорӣ.
**Табайюн** — ошкоршавӣ, баён кардан, равшан кардан.
**Табархун** — униоб, сурхбед.
**Табаъ** — пайрав.
**Табаҳ** — хароб, вайрон, фосид.
**Таббох** — ошпаз.
**Табзир** — парокандa ва парешон кардани чизе, тухмпошӣ, исрофкорӣ.
**Табҷил** — ҳурмат, эҳтиром, иззат.
**Табйин** — пайдо карон, ошкор кардан, равшан гуфтан, равшангӯӣ.
**Таваддуд намудан** — муҳаббату меҳрубонӣ кардан.
**Тавалло** — дӯстиҷӯӣ, дӯстӣ, илтимос, илтиҷо; ҳукуматдорӣ, волигӣ.
**Тавангар** — тавонгар.
**Таваррут** — ба ҳолати душвор афтидан.
**Таваққуф** — ист, маътalшавӣ, таъхир.
**Тавақҷӯъ** — чашмдошт, умед, хоҳиш, илтимос.
**Тавлият** — волигӣ.
**Тавобеъ** — ҷамъи тобеъ; ҳамроҳон.
**Тавоиф** — ҷамъи тоифа.
**Тавоият** — тоату фармонбардорӣ.
**Таввора** — чапорак, деворе аз шохҳо кашида шуда.
**Тавсан** — аспи ҷавон, ромнашуда, саркаш.
**Тадорук** — тадбир, чора, илоҷ.
**Тазаллум** — додхоҳӣ, адлхоҳӣ.
**Тазарруъ** — илтиҷо, илтимос бо хоришу зорӣ.
**Тазоҳур намудан** — ошкор кардан; ба ҳам ёрӣ расондан, пуштибонӣ кардан ҳамдигарро.
**Тазриб** — фитнаангезӣ, иғвогарӣ.
**Тазъиф намудан** — танқид кардан, айбдор кардан.
**Так** — давидан, тохтан.
**Такаллуф** — саъю кӯшиш, заҳмат.
**Такаффул** — ба кафолат гирифтан.
**Такбир** — «аллоҳу акбар» гуфтан.
**Такс** — донаки ангур.
**Талоя** — пешоҳанги лашкар.
**Талоқӣ** — мулоқот, дучоршавӣ.
**Тамаккун** — ҷойгирӣ, ҷой гирифтан, қоим будан, устуворӣ.
**Тамаррудӣ** — гарданкашӣ, саркашӣ.
**Тамассук** — 1. Чанг задан, часпидан. 2. Ҳуҷҷат, санад.
**Тамаъ** — ҳирс, оз, чашмдошт.
**Тамодӣ** — дарозӣ, тӯлкашӣ.
**Тамҳид** — густурдан, ҳамвор кардан, фароҳам овардан.
**Тангалаф** — камозука.
**Таноазъ** — бо ҳам низоъ кардан.
**Таоқуб** — таъқиб кардан.
**Тар(р)а** — барги баъзе аз наботот, ки барои нонхӯриш истифода мешавад.
**Тараддуд** — дудилагӣ, шубҳа, беқарорӣ, бесаботӣ, ҷустуҷӯ, саъй, кӯшиш.
**Таракот** — молу мулк.
**Таранҷубин** — хорошакар, шираест, ки аз шабнами ба рӯи хорушутур (янтоқ) афтодаю сахтшуда ҷамъ карда мешавад.
**Тарафффуъ** — такаббур.
**Тариқ** — роҳ, тарз, услуб, чо-

PDF Compressor Free Version

ра, илоҷ.
**Тарокима** — ҷамъи туркман.
**Тарроҳ** — тарҳкаш.
**Тарф** — камарбанд, банди зарин ё нуқрагин; қурут.
**Тарҷеҳ** — бартарӣ.
**Тасаллут** — зердаст кардан, ҳокимият, ҳукмронӣ, дастёбӣ.
**Тасарруф** — соҳибӣ кардан, ба ихтиёри худ гирифтан, ҳуқуқ доштан ба чизе.
**Тасвия** — баробар кардан, ба як савия овардан.
**Таслим кардан** — додан, супурдан.
**Татайюр** — фоли бад гирифтан аз рӯи парвози мурғон.
**Тафассӣ** — раҳой ёфтан аз чизе.
**Тафаҳҳус** — тафтиш, ҷустуҷӯ.
**Тафвиз** — ба ӯҳдаи касе гузоштан, вогузорӣ, супурдан.
**Тафзил** — афзалият, бартарӣ.
**Тафриқа** — парокандагӣ, пароканда кардан.
**Таккаллуф** — ваъдаро вайрон кардан, хилофи ваъда кардан, аз қавл гаштан.
**Тахлит** — ба калом суханони бофта ва дурӯғ омехта гуфтан.
**Тахсис** — хос кардан, махсус гардонидан; **ба тахсис** — ба хусус.
**Ташвир** — хиҷолат.
**Ташдид** — шиддат, сахтгирӣ.
**Ташйид** — устувор кардан.
**Ташриф фиристодан** — ҳадяю тӯҳфа фиристодан.
**Таъбия** — ба ҷанг тайёр кардан, оростан, нишондан, ҷой додан.
**Таъвил** — баён, шарҳ, тафсир.
**Тағаллуб** — ҳукумате, ки фақат дар асоси зӯр барқарор аст, бо зӯрӣ ба даст даровардан.
**Тағофул** — худро ба нодонӣ задан, бепарвоӣ.
**Тақаллуд** — ба гардан гирифтан, ба ӯҳда гирифтан.
**Тақозо** — талаб.
**ТақоРуб** — бо ҳам наздикшавӣ.
**Тақрир кардан** — сухан гуфтан, баён додан.
**Тақсир кардан** — нуқсон, хато кардан.
**Таҳаввур** — шуҷоати аз ҳад зиёд, ҷасорати бе фикру мулоҳиза.
**Таҳассун намудан** — мустаҳкам шудан, сахт ҷойгир шудан.
**Таҳовун намудан** — хор шумурдан, аҳамият надодан, сахлангорӣ кардан.
**Таҳрик** — иғво кардан, барангехтан.
**Таҷаввуз кардан** — зеф кардан.
**Таҷаммул** — ҳашмат, эътибор.
**ТаҷаРруд кардан** — рӯ гардонидан, сар печидан.
**Таҷассус** — ҷустуҷӯ.
**Таҷашшум** — ранҷ бурдан, машаққат, ранҷ.
**Тезгуна** — тундмизоҷ, бадқаҳр.
**Темор** — ғамхорӣ, парасторӣ, нигоҳубин.
**Тим** — корвонсарой.
**Тоин** — таънакунанда, сарзанишкунанда.
**Томеъ** — тамаъкор, ҳарис.
**Тофта** — тафсон, гарм.
**Туббатӣ** — сокинони Туббат (Тибет).
**Турбат** — мақбара, гӯр.
**Турра** — мӯи печида дар канори пешонӣ.
**Турфатулайн** — мижа задан.
**Тутуқ** — 1. Чодар, пардаи бузург. 2. Пардаи пиёз.
**Туҳаф** — ҷамъи тӯҳфа.

PDF Compressor Free Version


## У

**Убҳат** — бузургӣ, шавкат, шукӯҳ.
**Убур кардан** — гузаштан.
**Уддат** — созу барги ҷанг.
**Узамо** — ҷамъи азим; бузургон.
**Узлат** — гӯшанишинӣ, мардумгурезӣ.
**Узубат** — ширинӣ.
**Улув(в)** — баландӣ, бартарӣ; **улув(в)и ҳиммат** — баландии ҳиммат.
**Улуфа** — хӯрокворӣ, таом.
**Умам** — ҷамъи уммат; мардум, қавм.
**Умано** — ҷамъи амин.
**Умаро** — ҷамъи амир.
**Уммол** — ҷамъи омил; хироҷгир.
**Унфувон** — аввали ҳар чиз.
**Урума арума** — насл, аҳл, ал.
**Уруқ** — ҷамъи ирқ.
**Усрат** — машаққат, рӯзи сахт.
**Устундор** — ҳукмронии силсилаи подшоҳони Табаристон. Нахуст ба унвони испаҳбад ва сипас ба унвони устундор хонда мешуданд ва гӯянд, ки устундор, яъне ҳокими кӯҳҳо аст.
**Усво** — равшантар, софтар.
**Уқбо** — охират.
**Уқорат** — обу замину мулк зиёъ.
**Уқҳувон** — бобуна.
**Уҷрат** — музд, мазд, ҳаққи меҳнат.
**Уҷуба** — аҷоиб.

## Ф

**Фавокеҳ** — ҷамъи фокиҳ, меваҳо.
**Фавҷ** — даста ё гурӯҳи лашкар.
**Фазиҳат кардан** — шарманда ва маломат кардан.
**Фалосифа** — ҷамъи файласуф.
**Фараҷ** — кушоиш, халосӣ.
**Фариқ** — гурӯҳ, қисм.
**Фариқайн** — гурӯҳҳо, лашкарҳо.
**Фаррошхона** — сарое ё утоқе, ки фаррошони дарбор дар он гирд оянд.
**Фарсанг** — фарсах, масофаи муайянест, ки тақрибан ба 6 километр баробар аст.
**Фарт** — аз ҳад гузаштан; аз фарти — аз камоли, аз ниҳояти.
**Фаръ** — ғайриаслӣ.
**Фасоҳат** — холӣ будани калом аз алфози сақил, маҳҷур, истеъмоли таркибҳои номаънус.
**Фатк** — ба ногоҳ гирифтан касеро; ногоҳ куштан касеро.
**Фитан** — ҷамъи фитна.
**Фитна** — бало, шӯриш, ошӯб, шарр, бетартибӣ.
**Фитроқ** — тасмаи чармин, ки барои бастани шикор аз росту чап ё пасу пеши зини асп месохтанд.
**Фотир** — нигоргар.
**Фохир** — фахркунанда, боифтихор, бошукӯҳ, муҳташам.
**Фоқа** — камбағалӣ, муҳтоҷӣ.
**Фоҷир** — табаҳкор, бадахлоқ, фосиқ.
**Фузало** — ҷамъи фозил.
**Футуҳ** — 1. Хастагӣ. 2. Зиёдаталабӣ, орзу ва талабҳои зиёд.
**Фурқон** — Қуръони маҷид.
**Фусул** — ҷамъи фасл.
**Фусаҳо** — ҷамъи фасеҳ, донандагони ҳикматҳои иборат.

PDF Compressor Free Version

**Фуқдон/фиқдон** — 1. Гум кардан, аз даст додан, гум шудан. 2. Набудан, дастнорас будан.
**Фуққоъ** — шароб.
**Фуққоӣ** — шаробфурӯш.

## Х

**Хавос** — ҷамъи хосса; муқаррабон ва наздикон.
**Хаданг** — тир, чӯби сахте, ки аз он тир месозанд.
**Хадиат** — макр, ҳила, фиреб.
**Хазлон** — бебахрагӣ, бадбахтӣ, бечорагӣ.
**Хайл** — лашкар.
**Халанҷ** —ниг. Хаданг.
**Халаф** — пайрав, ояндагон.
**Халифа(т)** — ҷойнишин.
**Халь кардан** — дур кардан.
**Хастагон** — ярадорон.
**Хасӣ** — ахта.
**Хатб** — ҷамъи хутуб — кор, кори бузург.
**Хафтон** — ҷомае, ки аз таги зиреҳ мепӯшанд.
**Хибрат** — дониши расо; доноӣ, таҷрибанокӣ.
**Хиёра** — беҳтарин.
**Хизлон** — бебаҳрагирӣ, бечорагӣ, дармондагӣ, шикаст, мағлубият.
**Хилаъ** — ҷамъи хилъат.
**Хилол** — фосила, байн, миён.
**Хилоф кардан** — муҳолифат нишон додан, зид рафтан, зиддият.
**Хилъат** — ҷома, камарбанд, дасторе, ки подшоҳон мебахшиданд.
**Хинг** — асп, аспи сафеду хокистарранг.
**Хиргоҳ** — манзил, хайма, чодар.
**Хозин** — хазинадор.
**Хол** — тағо.
**Хонсолор** — сардори дастархон, тартибдиҳандаи дастархон; ошпаз, таббох.
**Хоста** — боигарӣ, сарват.
**Хубс** — бадӣ, бадтинатӣ, палидӣ.
**Хулафо** — ҷамъи халифа.
**Хулув(в)** — холиц будан.
**Хулқон** — кӯҳна, фарсуда.
**Хуруҷ** — берун омадан, шӯриш кардан.
**Хусумат** — душманӣ.
**Хушунат** — дағалӣ, дуруштӣ.
**Хӯд** — кулоҳи оҳанин.

## Ч

**Чарбзабон** — ширинсухан.
**Чарма** — аспи сафед.
**Чароғсанг** — санги чахмоқ.
**Чошнӣ кардан** — чашидан.

## Ш

**Шабоб** — ҷавон.
**Шавкат** — қудрат, қувват, обрӯ, эътибор, ҳашамат.
**Шавоҳиқ** — баландиҳо.
**Шаётин** — ҷамъи шайтон.
**Шайб** — пир.
**Шамма** — миқдори кам, андак.
**Шамотат** — шоду хурсанд шудан ба ғам ва ранҷи касе.
**Шамоил** — хислатҳои нек; эфт, башара.
**Шанеъ** — зишт.
**Шаомат** — бадбахтӣ, манҳусӣ, шумӣ.
**Шерр** — бадӣ.
**Шат(т)** — дарё, соҳили дарё.

PDF Compressor Free Version


**Шаъаф** — шодии аз ҳад афзун, шефтагӣ.
**Шаҳим** — закӣ, боҳашамат.
**Шибҳ** — монандӣ.
**Шигарф** — бузург, тааҷҷубовар.
**Шиддат** — азоб.
**Шидод** — қавӣ.
**Ширзима** — гурӯҳи андак аз мардум, миқдори кам аз чизе.
**Шиям** — ҷамъи шима; хулқҳо, одатҳо, табиатҳо.
**Шоиба** — шакку шубҳа, гумон.
**Шафоат** — илтимос кардан, талабидани афв, восита шудан.
**Шикастагӣ** — пора-пора ва реза-реза будан; касалӣ, сустӣ; ҷои ноҳамвор, пасту баланд.
**Шиор** — аломат, нишон, расм, хислат, касб, пеша, либоси зер.
**Шоръ** — кӯчаи калон, шоҳроҳ.
**Шористон/Шаҳристон** — шаҳри калон, ки қалъаи мустаҳкам дорад.
**Шоҳсипарам** — нозбӯ.
**Шумул** — дар бар гирифтан.
**Шуфао** — ҷамъи шофеъ, шафоаткунанда.
**Шӯридагуна** — барошуфтан, тезу тунд кардан.
**Шукрӯа** — ҷасур, бебок.
**Шуюъ** — фош, ошкор, пахн.

## Э

**Эвор** — сафари шабона.
**Элчӣ** — сафир, фиристода.
**Эъзоз** — эҳтиром.
**Эътироз** — узрталабӣ, узрхоҳӣ.
**Эътисом** — аз гуноҳ парҳез кардан; ба паноҳи касе рафтан; чанг задан ба чизе.
**Эҳмод кардан** — некӯ гуфтан ва писандидан.
**Эҳмол** — бепарвоӣ, саҳлангорӣ.
**Эҳтимол** — таҳаммул, сабру тоқат.
**Эҳтимом** — саъю кӯшиш, муҳофизат, нигаҳбонӣ.

## Ю

**Юзбон** — маъмури тарбият ва ҳифозати юзҳо.

## Я

**Яди байзо** — кинояи аз дасти Мӯсо пайғамбар (а); мӯъҷиза; машҳур, маълум, забардаст.
**Яроқ** — асбобу анҷоми даркорӣ, созу сомони ҳар чиз.
**Яглавӣ** — косаи мисини дастадор, ки ба сарбозон барои гирифтани ғизо дода мешуд.

## Ғ

**Ғавомис** — ҷамъи ғомиз, ғомиза, мушкил, мубҳам.
**Ғавғо** — мардуми омехта аз ҳар ҷинс; мардуми сифла, шарангезон, муфсидон.
**Ғадр** — бевафоӣ, аҳдшиканӣ, фиреб, макр.
**Ғазо/ғаза** — ҷанг дар роҳи дин.
**Ғаливоҷ** — мурғи гӯштрабо.
**Ғанӣ** — бой, сарватманд.
**Ғаризӣ** — табиӣ.
**Ғодир** — ғаддоркунанда, хоин, хиёнаткор.
**Ғозипеша** — нг. ба ғазо/ғаза.
**Ғозӣ** — касе, ки дар роҳи ислом бо кофирон меҷангад.
**Ғоят** — ниҳоят, интиҳо, охир, ҳад, андоза.

PDF Compressor Free Version

**Ғурра** — рӯзи аввали моҳ.
**Ғуруфот** — хонаҳо.

## Қ

**Қабз** — гирифтан, ахз кардан; андӯҳ, ғусса, кунд шудани дандон.
**Қабола** — санади ақди муомала; санади фурӯши мулк.
**Қаввод** — далла, қалтабон; касе, ки даллолии кори нохоста мекунад.
**Қадир** — тавоно, боқудрат.
**Қазият** — воқеа.
**Қазоганд** — ҷомае, ки бо пахта ва ё абрешими хом пур карда шудааст ва дар замони қадим дар рӯзҳои ҷанг мепӯшиданд.
**Қайлула** — хоби нимрӯзӣ.
**Қаламӣ кардан** — навиштан, ба қалам овардан.
**Қалб** — дил; маркази лашкар.
**Қаля** — хӯрокест аз гӯшт, ки дар тоба ё дег бирён кунанд.
**Қамъ кардан**—задан, шикастан, нест кардан.
**Қантара** — пул, кӯпрук.
**Қарочурӣ** — шамшери дарози серкач.
**Қасаба** — деҳаи калон, шаҳри хурд.
**Қасоват** — дилсахтӣ, сангдилӣ, бераҳмӣ.
**Қаҳорима** — ҷамъи қаҳрамон.
**Қибал** — ҷониб, тараф, сӯй, ҷиҳат, сабаб.
**Қиём намудан** — 1. Рост истодан; аз ҷой бархостан, бо таъзиму ҳурмат рост истодан. 2. Маҷтул шудан.
**Қиёмсон** — қиёмкунандагон.
**Қиллат** — камӣ, нодорӣ, фақр, камшоқӣ.
**Қитол** — куштор дар ҷанг.
**Қоим** — устувор, пойдор, барқарор, ходим.
**Қоиммақом** — ҷонишин, халифа, фарзанд, ворис.
**Қорура** — анализ.
**Қосӣ** — сиёҳдил, сахт, бераҳм; баланд, дур.
**Қотеъ** — қатъкунанда.
**Қулинҷ** — бемории рӯда.
**Қундуз** — куҳандиз, қалъаи қадим ва мустаҳкам.
**Қурби ҷавор** — ҳамсоягии наздик.
**Қусур** — ҷамъи қаср.
**Қууд** — нишастан.
**Куҳандиз** — куҳандиз, қалъаи кӯҳна, арк.

## Ҳ

**Ҳабот** — бахшиш.
**Ҳавза** — доира.
**Ҳавиҷ** — сабзӣ, газар, зардак.
**Ҳавл** — тавоноӣ, қудрат, зӯр.
**Ҳаво** — оҳанг, қасд.
**Ҳавоиҷ** (ҷамъи ҳавиҷ) — лавозими табх, лавозими ошхона.
**Ҳадоё** — ҷамъи ҳадя, тӯҳфа.
**Ҳадосат** — аввали ҳар чиз, аввали ҷавонӣ, ҷавонӣ.
**Ҳадс** — фиросат.
**Ҳазимат** — шикаст, мағлубият, фирор.
**Ҳазира** — девор.
**Ҳазм** — эҳтиёткорӣ, дурандешӣ.
**Ҳазоқат** — маҳорат, ҳунармандӣ, устодӣ, зиракӣ, доноӣ.
**Ҳазрат** — даргоҳ.
**Ҳайиз** — саҳн, макон, ҷой.
**Ҳамид** — писандида, сутуда, хуб.
**Ҳамол** — рафиқ, баробарҳуқуқ, шарик.
**Ҳамоил** — свезон, гарданбанд.

PDF Compressor Free Version



**Ҳамоқат** — аҳмақӣ.
**Ҳамаҳим** — пудина.
**Ҳанҷор** — роҳ.
**Ҳарас** — нигаҳбони шоҳ.
**Ҳариса** — оше, ки аз гандуми куфта, гӯшт ва равған тайёр мекунанд.
**Ҳасана** — хуб, некӯ.
**Ҳасб, ҳасаб** — мувофиқ, мутобиқ.
**Ҳашам** — хизматгорон, навкарон, чокарон.
**Ҳашар** — гурӯҳ, издиҳом, анбӯҳ, ҷамоат.
**Ҳақорат** — хорӣ, зорӣ.
**Ҳиболаи никоҳ** — қайди никоҳ.
**Ҳиддат** — тезӣ, тундӣ.
**Ҳила/ҳилят, ҳула/ҳулат** — ороиш, зебу зинат.
**Ҳирс** — орзуи аз ҳад зиёд; тамаъкорӣ.
**Ҳисор** — қалъа.
**Ҳисор додан** — муҳосира кардан.
**Ҳита** — ҷои иҳота кардашуда, чизи атрофаш иҳота кардашуда, доира, иҳота.
**Ҳобон** — Ҷӯбзаки Ҳобон, номи яке аз найнавозони машҳури муосири Рӯдакӣ.
**Ҳоит** — девор.
**Ҳорис** — посбон, нигоҳдоранда.
**Ҳошият** — наздикон, мусоҳибон, ҳамдамон.
**Ҳоҷиб** — пардадор, дарбон.
**Ҳоҷибулҳоҷиб** — дарбон.
**Ҳубут** — фуруд омадан аз боло, нозил шудан, аз ҷое ба ҷои дигар мунтақил шудан.
**Ҳудус** — пайдоиш, ба вуҷуд омадан, рӯй додан.
**Ҳукамо** — ҷамъи ҳаким.
**Ҳуккам** — ҷамъи ҳоким.
**Ҳулал** — ҷамъи ҳулла — либос, ҷома, куртаю эзор.
**Ҳулла** — либос, ҷома, либоси нав.
**Ҳулӣ** — зинат, ороиш, зевар.
**Ҳумлон** — бори коло ва матоъ.
**Ҳусул** — ба мақсад расидан, ҳосил кардан.

# Ҷ

**Ҷабин** — пешонӣ, ҷабҳа, рӯй, сатҳ.
**Ҷавдат** — мавзунӣ, некӣ.
**Ҷавониб** — ҷамъи ҷониб.
**Ҷавонгор** — майсара, фавҷи ҷонибӣ дасти чап.
**Ҷавор** — наздикӣ, ҳамсоягӣ.
**Ҷадд** — бобо.
**Ҷазм** — яқин, бовар.
**Ҷазолат** — устувор, хуб, тамомшуда.
**Ҷалд** — зирак.
**Ҷалилулқадр** — баландэътибор.
**Ҷалодатинтимо** — ҷобуку боғайрат.
**Ҷамила** — некӯ, хуб.
**Ҷаммоза** — шутури тезрафтор.
**Ҷа[illegible]бат** — асп, аспи кутал, ядакӣ.
**Ҷаноғ** — домани зин, қоши зини асп.
**Ҷароим** — ҷамъи ҷарима.
**Ҷаррор** — бисёр, анбӯҳ.
**Ҷаъд** — мӯи ҷингила.
**Ҷаҳли ҷибиллӣ** — ҷаҳли аслӣ, азалӣ.
**Ҷиза** — андоза, ки мардумони ғайримусулмон дар мамлакатҳои исломӣ медоданд.
**Ҷил** — синфе аз мардум, гурӯҳ, даста; насле аз замон.
**Ҷимоъ** — муошарати марду зан.

PDF Compressor Free Version

**Ҷинон** — ҷамъи ҷаннат — боғҳои биҳишт.
**Ҷиҳод** — ҷанг дар роҳи дин.
**Ҷомагӣ** — он чӣ ба хидматгорону сарбозон диҳанд, ротиба.
**Ҷомеъ** — масҷиди калон; соҳиби илмҳои гуногун; ҷамъкунанда.
**Ҷоҳ** — манзалат, обрӯй, мансаб, бузургӣ.
**Ҷоҳилият** — даврaи пеш аз ислом.
**Ҷубба** — ҷома.
**Ҷуд** — саховат.
**Ҷуллоб** — гулоб.
**Ҷулоҳа** — бофанда, ҳунарманд.
**Ҷулус** — нишастан ба тахти подшоҳӣ, маросими тахтнишинӣ ва ибтидои подшоҳӣ.
**Ҷумҳур** — гурӯҳи бузурге аз мардум.
**Ҷунуд** (ҷамъи ҷундӣ) — аскарон.
**Ҷуфт** — воҳид барои андоза гирифтани замин.
**Ҷуюш** — ҷамъи ҷайш, лашкар ,сипоҳ, ӯрду.

PDF Compressor Free Version

# Мундарича

Дебоча 3
Сарсухан 4
Таърихи Бухоро 17
Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ ила-л-Мағриб 51
Таърихи Систон 65
Таърихи Гардезӣ 91
Сиёсатнома 139
Таърихи Байҳақӣ 169
Насиҳат-ул-мулук 187
Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас 191
Чаҳор мақола 197
Таърихи Байҳақ 225
Таърихи Табаристон 231
Табақоти Носирӣ 255
Таърихи гузида 273
Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор 293
Маҷмаъ-ул-ансоб 301
Равзат-ус-сафо 311
Осор-ул-вузаро 375
Ҳабиб-ус-сияр 381
Дастур-ул-вузаро 423
Маосир-ул-мулук 433
Таърихи нигористон 439
Таъликот 455
Луғатнома 527

PDF Compressor Free Version

Маркази пажӯҳиши тамаддуни даврап Сомониён ба соҳибкор Амонҷон Абдуллоев, ки дар нашри ин китоб кӯмак карданд, сидқан изҳори сипос менамоянд .

СОМОНИЁН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ, с. 1998.

Муҳаррири техникӣ: И. УСМОНОВ.
Мусаҳҳеҳон: Р. ҒАФФОРОВ, М. МАҚСУДОВ.

(С) КОЛЛЕКТИВ, 1998

Ба матбаа 22.07.98 с. супорида шуд. Ба чопаш 2,09,98 с, имзо карда шуд. Андозаи 70х90 16. Ҷ.ч.ш, 34,3, Супориши № 2456. Теъдод 500. Нархаш шартномавӣ.

Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, ш. Хуҷанд, кӯчаи ба номи Мақсудҷони Танбӯрӣ, 3.
Матбааи аввалини шаҳри Хуҷанд, кӯчаи ба номи Мақсудҷони Танбӯрӣ, 3.